1. Белай О.С. Стратегии коммерциализации инноваций и проблемы выведения инновационных продуктов на рынок / О.С. Белай, Д.Д. Мухаметзянова // Российское предпринимательство. Серия экономики и бизнеса. -М., 2015. -Т. -№19. -С.3209-3216.
2. Бибик С.Н. Региональные инновационные системы: структура и содержание / С.Н. Бибик // Теория и практика общественного развития. Серия: Экономика и бизнеса. -Краснодар, 2013. -№5. -С.290-292.
3. Боровских Н.В. Инновационная инфраструктура региона: состояние и перспективы развития / Н.В. Боровских, Т.А. Чижикова // Вестник Сибирского института бизнеса и информационных технологий. Серия экономики и бизнеса. -Омск, 2022. -Т.11. -№1. -С.24-30.
4. Закон Республики Таджикистан «Об инновационной деятельности», от 16 апреля 2012 года. -Душанбе, 2012. -№822.
5. Кешишева Н.Г. Территории инновационного развития: зарубежный опыт и Российская практика / Н.Г. Кешишева // Вестник Таганрогского института управления и экономики. Серия экономики и бизнеса. -Таганрок, 2012. -№1. -С.51-57.
6. Мокридин Р.Ю. Риски процесса коммерциализации инноваций / Р.Ю. Мокридин // Известия Московского государственного технического университета. Серия: Экономика и бизнеса. -М., 2011. -№2. -С.225-231.
7. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 г. // Утверждено Постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 1 декабря 2016 года, №636. -Душанбе, 2016. -105 с.
8. Нурдинов Б.Х. Формирование и эффективное использование регионального инновационного потенциала (на материалах Центрального Таджикистана): автореф. дис. канд. экон. наук: 08.00.05 / Б.Х. Нурдинов. -Душанбе, 2019. -27 с.
9. Петрученя И.В. Современная концепция понятия риск / И.В. Петрученя // Цифровая наука. Серия экономики и бизнеса. -Саратов, 2021. -№4-2. -С.4-9.
10. Попов Е.В. Региональная система генерации знаний / Е.В. Попов, М.В. Власов // Региональная экономика: теория и практика. Серия экономики и бизнеса. -М., 2013. -№35. -С.8-17.
11. Русско-таджикский словарь / Гл. ред. М.С. Осими. -М.: Русский язык, 1985. -1280 с.
12. Уандакова М.К. Системные модели управления рисками при формировании программы инновационного развития региона / М.К. Уандакова // МИР (Модернизация. Инновации. Развитие). Серия: Экономика и бизнеса. -М., 2019. -№4. -С.487-500.


## ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚА


Дар мақола масъалаҳои идоракунии хавфҳои рушди инноватсионии минтақа дида баромада шудааст. Муаллиф омӯзиши амиқи хавфҳои имконпазир, ки эҳтимолан ба ҷараёни рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва инноватсионии минтақаҳо таъсир мерасонанд, анҷом додааст. Муаллиф ба муайян кардани хатарҳои эҳтимолии рушди инноватсионии минтақа диққати махсус зоҳир менамояд. Дар мақола ҳамчунин асоснокнамоии сабабҳои андешидани чораҳо оид ба идоракунии босамари минтақа дар шароити афзоиш ёфтани таъсири хатарҳои эҳтимолии муҳити инноватсионӣ оварда шудааст. Дар баробари ин, муқаррар

карда шудааст, ки ташаккули низоми идоракунии хавфҳои рушди инноватсионии минтақа, раванди мураккаб ва бисёрҷанба мебошад. Дар робита ба ин, алгоритме таҳия гардидааст, ки мувофиқи он мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонад хавфҳои имконпазире, ки ба ҷараёни рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии минтақа таъсир мерасонанд, идора немояд. Ҳамзамон, қайд карда мешавад, ки таҳкими институтҳои минтақавии рушди инноватсионӣ барои ҳамгироии бозор ва бахши инноватсионии соҳаи иқтисоди минтақа нақши калидӣ дошта, аз як ҷониб, азхуд намудан ва истифодаи технологияи нав ва аз ҷониби дигар бошад, ба кам намудани талафотҳои эҳтимолӣ дар раванди татбиқи идеяҳои нав, ки барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо аҳаммияти амалӣ доранд, мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** идоракунӣ, инноватсия, хавф, минтақа, тиҷоратикунонӣ, неру, самаранокӣ, натиҷанокӣ, механизм, алгоритм, неруи инноватсионӣ, технологияи ҷадид, зерсохтор, низоми хоҷагии минтақавӣ, ҳамгирoӣ, мониторинг, муҳити инноватсионӣ.

## УПРАВЛЕНИЕ РИСКАМИ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА

В статье рассамтриваются проблемы управления рисками инновационного развития региональных хозяйственных систем. Автор проводит глубокое изучение потенциальных рисков, влияющих на общую динамику социально-экономического и инновационного развития регионов. Особое внимание автор уделяет идентификации потенциальных рисков инновационного развития региона. Статья также содержит обоснование причин, побуждающих принять меры по эффективному управлению региона в условиях нарастания влияния потенциальных рисков инновационной среды. При этом установлено, что формирование системы управления рисками инновационного развития региона является процессом сложным и многогранным. В связи с этим в работе предложен алгоритм действия региональных органов государственной власти по управлению рисками инновационного развития, влияющих на общую динамику социально-экономического развития региона, в том числе его инновационные составляющие. Вместе с тем, в работе отмечается, что укрепление региональных институтов инновационного развития играет значимую роль в интеграции между рынком и инновационным сектором экономики региона, что позволяет, с одной стороны, освоить новые технологии и их использование, а с другой – снизить возможные потери реализации инновационных идей, что имеет практическую значимость для решения региональных социально-экономических задач.

**Ключевые слова**: управления, инновация, риск, регион, коммерциализация, потенциал, результативность, эффективность, механизм, алгоритм, инновационный потенциал, новые технологии, инфраструктура, региональная хозяйственная система, интеграция, мониторинг, инновационная среда.

## RISK MANAGEMENT OF INNOVATIVE DEVELOPMENT OF THE REGION

The article examines the problem of risk management for innovative development of regional economic systems. The author conducts an in-depth study of potential risks likely affecting the overall dynamics of socio-economic and innovative development of the regions. The author devotes special attention to identifying potential risks of innovative development of the region. The article also contains a justification of the reasons for taking measures for the effective management of the region in the context of the growing influence of potential risks of the innovation environment. It has been established that the formation of a risk management system for innovative development of the region is a complex and multifaceted process. In this regard, the work proposes an algorithm for the actions of regional government departments to manage the risks of innovative development, which are likely to affect the overall dynamics of the socio-economic development of the region, including its innovative components. At the same time, the work notes that strengthening regional institutions for innovative development plays a significant role in the integration between the market and the innovative sector of the regional economy, which allows, on the one hand, to master new technologies and their use, and on the other hand, to reduce possible losses in the implementation of innovative ideas that have practical significance for solving regional socio-economic problems.

**Keywords:** management, innovation, risk, region, commercialization, potential, effectiveness, efficiency, mechanism, algorithm, innovative potential, new technologies, infrastructure, regional economic system, integration, monitoring, innovative environment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нурдинов Баҳриддин Хизралиевич*** – Муассисаи давлатии Пажуҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шуъбаи рушди мутавозин. **Суроға**: 734042, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 14а. Телефон: **(+ 992) 988-87-33-83.** E-mail: **bahriddin_11@inbox.ru**

**Сведения об авторе:** ***Нурдинов Бахриддин Хизралиевич*** – Государственного учреждения Научно-исследовательский экономический институт Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан, кандидат экономических наук, начальник отдела сбалансированного развития регионов. **Адрес**: 734042, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Айни, 14а. Телефон: **(+992) 988-87-33-83.** E-mail: **bahriddin_11@inbox.ru**

**Information about the author:** ***Nurdinov Bakhriddin Khizralievich*** - State institution Scientific Research Economic Institute of the Ministry of Economic Development and Trade of the Republic of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Head of the Department for Balanced Regional Development. **Address**: 734042, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Aini street, 14a. Phone: **(+ 992) 988-87-33-83.** E-mail: **bahriddin_11@inbox.ru**

ТДУ: 330.341.324

# МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ СОҲАИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАСТГИРИИ ОН ДАР ШАРОИТИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР

*Хайрзода Ш.Қ., Миршарипов Э.Қ.*
**Донишгоҳи давлатии Данғара,**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Инкишоф ва рушди иқтисоди миллии ҳар як кишвар аз тараққиёти соҳаи саноати он вобаста буда, соҳаи мазкур яке аз муҳимтарин бахши иқтисодиёти ҳар як кишвар баҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлолу узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ, сиёсати иқтисодии худро мустақилона таҳия ва татбиқ намуда истодааст, ки яке аз самтҳои муҳимми татбиқи сиёсати иқтисодии кишвар, ин ривоҷ додани соҳаи саноат муайян шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даврони аввали соҳибистиқлолӣ ба рушди соҳаи саноат таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуд ва бо гузашти давраҳои муайян, сиёсати давлатиро дар самти рушди соҳаи саноат тағйир дод.

Таҷрибаи кишварҳои тараққикардаи ҷаҳони имрӯза собит сохт, ки мавҷудияти соҳаи саноат метавонад ашёи хому нимтайёрро ба маҳсулоти тайёр табдил дода, барои истеъмол омода намояд ва дар бозори миллӣ ва берун аз он ба фурӯш барорад. Аз таҷрибаи кишварҳои тараққикарда мушоҳида мегардад, ки соҳаи саноат ҳамчун соҳаи муҳимми иқтисодиёти ҳар як кишвари алоҳида барои ба ҷойи кори доимӣ ва бо маҳсулоти тайёр таъмин намудани аҳолӣ нақши муҳим мебозад.

Қобили қайд аст, ки пас аз соҳибистиқлолии кишвар “аввалин маротиба суръати афзоиш дар соҳаи саноат соли 1997 ба 1% таъмин гардид, ки ин дар ҳамон давра натиҷаи хело ҳам мусбӣ ба ҳисоб мерафт” [8,с.6].

Бояд тазаккур дод, ки аз ҳисоби истифодаи босамари захираҳои табиӣ, коркарди маҳсулоти хому нимтайёри ватанӣ ва содироти он ба кишварҳои хориҷӣ соҳаи саноат ба рушди иқтисоди миллӣ ва даромадҳои иловагӣ ба буҷети давлатӣ замина мегузорад. Барои ба ин мақсадҳо ноил гардидан Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз соли 2003 “Консепсияи рушди саноатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул кард, ки он асоси рушди соҳаи саноати мамлакат ва инкишофи инноватсионии он гардида истодааст. Натиҷаи амали анҷомдодашуда ба соҳаи саноати кишвар замина гузошт, ки аз оғози соли 2010-ум болоравии ҳарсолаи соҳаи саноат дар кишвар мушоҳида гашта истодааст. Ин болоравӣ дар солҳои охир нисбат ба солҳои қаблии соҳибистиқлолии кишвар ба ҳисоби миёна аз андозаи 10,0 то андозаи 70,0% ба мушоҳида расида истодааст.

Ҳамин тариқ, бо ташаббуси бевоситаи Пешвои муаззами мамлакат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати рушди соҳаи саноати ҷумҳурӣ дар сатҳи максималӣ санаи 23-юми апрели соли 2014 дар рафти Паёми солона пешниҳод гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз модели аграрӣ-индустриалӣ ба модели индустриалӣ-аграрӣ табдил дода шавад. Дар ин замина, ҳадафи чоруми миллӣ низ “Саноатикунонии босуръати кишвар” қабул гардида, солҳои 2022-2026 “Солҳои рушди саноат” эълон карда шуд. Дастгирию ташаббусҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз он шаҳодат медиҳанд, ки сиёсати давлатӣ дар самти саноатикунонии кишвар куллан тағйир ёфта, рӯз аз рӯз таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат ба ин соҳаи калидӣ меафзояд ва ин соҳа зери таваҷҷуҳи махсуси давлат қарор дорад.

Қобили қайд аст, ки барои рушди соҳаи саноат ва бахшҳои алоҳидаи он, ки соҳаи калидии иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад, барномаҳои мухталиф, стратегияҳои давлатӣ таҳия ва дар амал татбиқ гашта истодаанд. “Вобаста ба ин ва бо таваҷҷуҳ ба нақши саноат дар пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу арзёбии рушду инкишофи ин бахши муҳимми иқтисодиёт ва омилҳои таъсирбахш бар он аз аҳаммияти назаррас бархӯрдор мебошад” [5,с.152]. Дуруст аст, ки таваҷҷуҳ ба соҳаи мазкур, ки ҳамчун самти афзалиятнок маҳсуб меёбад, метавонад дар оянда калиди рушди дигар соҳаҳо баромад намояд.

Нишондиҳандаҳои расмии омории бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодати онро медиҳанд, ки ин соҳаи муҳимми иқтисодӣ ва яке аз бахшҳои калидии иқтисоди

миллӣ ба таври назаррас сол аз сол тамоили пасту баландшавиро касб кардааст. Тавре аз ҷадвали 1 бар меояд, дар шаш соли охир шумораи корхонаҳои саноатӣ 803 адад (40,1%) афзоиш ёфт. Нишондиҳандаҳои мазкур дар шароити мураккаби иқтисодии ҷаҳони муосир, яке нишондиҳандаҳои хуб ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 1. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосие, ки саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавсиф мекунанд**

**Table 1. Dynamics of the main indicators that describe the industry of the Republic of Tajikistan**

| № | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 | Тағйирот с.2022 нисбат ба с.2017 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| I | 1 999 | 2 161 | 2 164 | 2 283 | 2 397 | 2 802 | 40,1 |
| II | 23 835 | 26 362 | 29 841 | 32 467 | 39 221 | 43 025 | 80,5 |
| III | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | -0,6 |
| IV | 73,8 | 72,1 | 73,2 | 67,7 | 68,3 | 71,2 | -3,5 |
| V | 121,3 | 110,6 | 113,2 | 108,8 | 120,8 | 109,7 | -11,6 (банд) |

**Эзоҳ: I.** шумораи корхонаҳои саноатӣ, воҳид; **II.** ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои соли 2022, млн. сомонӣ; **III.** шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, ҳазор нафар; **IV.** аз он коргарон, ҳазор нафар; **V.** индексҳои истеҳсолоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта.

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОПҶТ, 2023. -С.9.

Маълумоти дар ҷадвали 1 овардашуда шаҳодат аз он медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар интиҳои соли 2022 нисбат ба охири соли 2017 ба андозаи 80,5% афзоиш ёфтааст. Яъне, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 23,8 млрд. сомонии соли 2017 то ба 43,0 млрд. сомонӣ дар соли 2022 расидааст, ки 19,2 млрд. сомонӣ афзоиш ёфт. Вале дар ин давра, шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ ба андозаи -0,6%, аз ҷула: коргарон -3,5% коҳиш ёфт. Индексҳои истеҳсолоти саноатӣ бошад, ба ҳисоби фоиз дар соли 2022 нисбат ба соли 2017 дар сатҳи -11,6 банди фоизӣ кам гардид. Ба ақидаи мо, андешидани чораҳои зарурӣ дар ин самт аз манфиат холӣ нест. Коҳишёбии шумораи кормандонро дар соҳаи саноат ба воридшавии технологияҳои муосири ҷавобгӯй ба стандартҳои байналмилалии истеҳсоли молу маҳсулотҳои саноатӣ рабт додан ҳам мумкин аст. Ҳамзамон, хурд будани ҳаҷми корхонаҳои навтаъсиси саноатӣ ва ҷойи кории маҳдуд доштани онҳо низ яке аз сабаби дигари коҳишёбии нишондиҳандаи мазкур ба шумор меравад.

Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар давраи таҳлилшаванда аз рӯйи соҳаҳои асосии саноат дар ҳоли рушди босуръат қарор дорад (ҷадвали 2). Дар ин давра, рушди бештар дар ҳар гуна соҳаҳои саноат мушоҳида мегардад, ки он 5,2 маротиба ва ё 156,0 млн. сомонӣ афзоиши ёфтааст. Дар ҷойи дуюм, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ 4,1 маротиба ва ё 332,0 млн. сомониро ишғол менамояд ва соҳаи мошинсозӣ ба 4,1 маротиба ё ба маблағи 446 млн. сомонӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2017 зиёд гардид.

**Ҷадвали 2. Динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи соҳаҳои асосии саноат дар солҳои 2017-2022 (млн. сомонӣ)**

**Table 2. Dynamics of the volume of industrial products by the main branches of industry in 2017-2022 (million Somoni)**

| № | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 | Тағйирот с.2022 нисбат ба с.2017 (бо %, маротиба) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| I | 298 | 331 | 377 | 429 | 485 | 582 | 95,3% |
| II | 4 226 | 4 355 | 4 476 | 3 880 | 7 924 | 8 324 | 96,9% |
| III | 4 304 | 4 900 | 5 399 | 7 089 | 7 608 | 10 383 | 2,4 мар. |
| IV | 2 354 | 2 479 | 2 636 | 2 870 | 4 096 | 4 720 | 2,0 мар. |
| V | 57 | 63 | 71 | 91 | 120 | 137 | 2,4 мар. |
| VI | 119 | 138 | 148 | 142 | 125 | 147 | 23,5% |
| VII | 142 | 241 | 260 | 182 | 210 | 272 | 91,5% |
| VIII | 79 | 105 | 127 | 87 | 123 | 77 | -2,5% |
| IX | 107 | 147 | 154 | 182 | 268 | 439 | 4,1 мар. |
| X | 157 | 200 | 265 | 291 | 390 | 524 | 3,3 мар. |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **XI** | 2 091 | 2 298 | 2 593 | 2 713 | 2 856 | 2 924 | 39,8% |
| **XII** | 2 187 | 2 708 | 3 874 | 4 978 | 5 967 | 6 093 | 2,8 мар. |
| **XIII** | 142 | 203 | 308 | 291 | 392 | 588 | 4,1 мар. |
| **XIV** | 37 | 38 | 117 | 138 | 158 | 193 | 5,2 мар. |
| **XV** | 3 729 | 5 688 | 6 808 | 7 527 | 8 107 | 7 622 | 2,0 мар. |

***Эзоҳ:*** **I.** истихроҷи маводҳои энергетикӣ; **II.** истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ; **III.** истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз он нӯшокиҳо ва тамоку; **IV**. истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ; **V.** истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол; **VI**. коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб; **VII**. истеҳсоли селулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр; **VIII.** истеҳсоли маҳсулоти нафт; **IX.** истеҳсоли кимиёвӣ; **X.** истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ; **XI**. истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ; **XII**. истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ; **XIII.** мошинсозӣ; **XIV**. ҳар гуна соҳаҳои саноат; **XV.** истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об.

Сарчашма**:** Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОПҶТ, 2023. -С.14-15.

Маълумоти ҷадвали 2 шаҳодати онро медиҳад, ки дар давраи таҳлилшаванда, яъне дар охири соли 2022 нисбат ба интиҳои соли 2017 истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ 3,3 маротиба ва 367 млн. сомонӣ, истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ 2,8 маротиба ва ё 3,9 млрд. сомонӣ, истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз он нӯшокиҳо ва тамоку 2,4 маротиба ва ё 6,0 млрд. сомонӣ, истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол 2,4 маротиба ва ё 80 млн. сомонӣ, истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ 2,0 маротиба ва ё 2 366 млн. сомонӣ, истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об 2,0 маротиба ва ё 3 893 млн. сомонӣ афзуд.

Дар соҳаҳои дигари саноат афзоиш мушоҳида гардида, ҳамин тариқ, дар охири соли 2022 нисбат ба интиҳои соли 2017 дар кишвар истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ 96,9% ва ё 4 098 млн. сомонӣ, истихроҷи маводҳои энергетикӣ 95,3% ва ё 284 млн. сомонӣ, истеҳсоли селулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр 91,5% ва ё 130 млн. сомонӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ 39,8% ва ё 833 млн. сомонӣ, коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб 23,5% ва ё 28 млн. сомонӣ зиёд гардид. Ҳамзамон, дар ин давра коҳишёбии ҳаҷми истеҳсолот танҳо дар истеҳсоли маҳсулоти нафт, ки он ба -2,5% ва ё -2 млн. сомонӣ мушоҳида мегардад.

Қайд кардан зарур аст, ки яке аз сабабҳои асосии рушди истеҳсоли маҳсулоти ин соҳаҳо, афзоиши талабот ба ин намуди молу маҳсулот дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Коҳишёбии истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ бошад ба талабот вобаста набуда, омили асосии он дар пурра коркард нашудани бозёфтҳои захираҳои мавҷудаи кишвар мебошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳамеша ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам дар бозори ҷаҳонӣ талабот ба маҳсулоти нафтӣ сол аз сол зиёд шуда истодааст. Аз ин лиҳоз, истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ дар шароити муосир ба манфиат буда, коркарди он низ аз манфиат холӣ нест. Ба ақидаи мо дар самти мазкур андешидани чораҳои зарурӣ муҳим мебошад.

**Ҷадвали 3. Динамикаи ҳиссаи арзиши изофаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД)**

**Table 3. Dynamics of the share of added value of the industry in the total domestic product (GDP)**

| № | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2021 | Соли 2022 | Тағйирот с.2022 нисбат ба с.2017 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **I** | 64434,3 | 71059,2 | 79109,8 | 83958,3 | 101076,3 | 115739,4 | 79,6 |
| **II** | 19,9 | 21,2 | 21,2 | 23,1 | 23,8 | 17,0 | -14,5 |

***Эзоҳ:*** **I.** маҳсулоти умумии дохилӣ, млн. сомонӣ (бо нархҳои ҷорӣ), **II.** ҳиссаи саноат дар маҳсулоти умумии дохилӣ, ба ҳисоби фоиз.

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОПҶТ, 2023. -С.23.

Қайд кардан зарур аст, ки дар соли 2022 ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти соҳаи саноат дар ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) 17,0%-ро ташкил дода, нисбат ба соли 2017 ба андозаи -14,5 банди фоизӣ коҳиш ёфт (ҷадвали 3). Вале нишондиҳандаи мазкур дар давоми солҳои таҳлилшаванда тамоили болоравиро касб намуд. Масалан, дар соли 2021

ҳиссаи ин нишондиҳанда дар таркиби ММД-и кишвар ба 23,8% баробар буд ва нисбат ба соли 2020 ба андозаи 0,7 банди фоизӣ зиёд гардид. Дар соли 2020 бошад, ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар таркиби ММД ба 23,1% баробар шуда, нисбат ба соли 2019 ба андозаи 1,9 банди фоизӣ афзоиш ёфт. Ин нишондиҳанда дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 бетағйир монд, вале нисбат ба соли 2017 ба андозаи 1,3% зиёд гардид. Камшавии нишондиҳандаи мазкур шаҳодати онро медиҳад, ки дар кишвар ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти дигар соҳаҳо нисбат ба соҳаи саноат дар таркиби ММД дар соли 2022 бештар мебошад.

Дар таркиби ММД-и кишвар ҳамеша соҳаи саноат ва кишоварзӣ афзалияти бештар дошта, ба ин соҳаҳо пайваста аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешавад ва ин таваҷҷуҳ боиси зиёд гардидани ҳиссаи бахши саноат дар таркиби ММД ва рушди он мегардад. Тавре аз маълумоти дар ҷадвали 3 овардашуда мушоҳида мегардад, ҳаҷми ММД-и кишвар дар соли 2022 ба 115,7 млрд. сомонӣ расида, нисбат ба соли 2017 ба андозаи 79,6% ё ба маблағи 51,3 млрд. сомонӣ зиёд гардид (соли 2017 ММД 64,4 млрд. сомонӣ).

Дар солҳои охир дар бахши саноати кишвар тамоили зиёдшавии корхонаҳои саноатӣ ба назар расида истодааст, вале шумораи кормандони ин соҳа баръакс рӯ ба коҳишёбӣ оварда истодааст (ҷадвали 4). Маълумоти дар давоми солҳои 2017-2022 овардашуда шаҳодати онро медиҳанд, ки дар соли 2022 нисбат ба соли 2017 шумораи миёнаи солонаи коргарони соҳаҳои саноати кишвар дар маҷмуъ -3,5% ва ё -2,6 ҳаз. нафар кам гардид. Агар нишондиҳандаи мазкурро аз рӯйи соҳаҳо таҳлил намоем, мушоҳида мегардад, ки шумораи коргарон дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан дар соли 2022 нисбат ба соли 2017 ба андозаи 33,3% ва ё 2,8 ҳаз. нафар зиёд гардид. Ин нишондиҳанда дар соҳаи саноати коркард бошад баракс -4,6% ва ё -2,4 ҳаз. нафар коҳиш ёфт. Шумораи коргарони соҳаи истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ нисбати дигар соҳаҳои зикргардида бештар дар соли 2022 нисбат ба соли 2017 ба андозаи -21,2% ё -3,0 ҳаз. нафар кам шуданд.

**Ҷадвали 4. Динамикаи шумораи миёнаи солонаи коргарон дар соҳаҳои саноат дар солҳои 2017-2022 (ҳаз. нафар)**

**Table 4. Dynamics of the average annual number of workers in industries in 2017-2022 (thousands of people)**

| Бахшҳои саноат | Соли 2017 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2022 | 2022/2017 (бо %, мар.) |
|---|---|---|---|---|---|
| **Тамоми саноат** | 73,8 | 73,2 | 67,7 | 71,2 | -3,5 |
| **Саноати истихроҷи маъдан** | 8,4 | 9,8 | 11,0 | 11,2 | 33,3 |
| истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 1,3 | 1,4 | 1,5 | 1,8 | 38,4 |
| истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 7,1 | 8,4 | 9,5 | 9,4 | 32,3 |
| **Саноати коркард** | 51,3 | 50,3 | 46,7 | 48,9 | -4,6 |
| истеҳсоли маҳсулоти хӯрока | 11,7 | 10,6 | 9,3 | 9,8 | -16,2 |
| истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ | 13,4 | 13,4 | 12,7 | 14,0 | 4,4 |
| истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм | 0,5 | 0,6 | 0,6 | 0,9 | 80,0 |
| коркарди чӯбу тахта ва маснуот аз чӯб | 1,3 | 0,9 | 1,0 | 1,1 | -15,3 |
| истеҳсоли коғаз, фаъолияти табъу нашр | 0,9 | 1,1 | 1,2 | 1,5 | 66,6 6 |
| истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ | 0,3 | 0,2 | 0,1 | 0,2 | -33,3 |
| истеҳсоли кимиёвӣ | 1,8 | 1,1 | 1,0 | 1,1 | -38,8 |
| истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 0,7 | 1,1 | 1,4 | 1,8 | 2,6 мар. |
| истеҳсоли маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 7,0 | 7,5 | 7,5 | 4,4 | -37,1 |
| истеҳсоли металлургӣ ва маснуоти тайёри филизӣ | 11,9 | 11,4 | 8,9 | 9,1 | -23,5 |
| мошинсозӣ | 1,3 | 1,2 | 1,8 | 0,9 | -30,7 |
| ҳаргуна соҳаҳои саноат | 0,5 | 1,2 | 1,2 | 1,1 | 2,2 мар. |
| **Истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ** | 14,1 | 13,1 | 10,0 | 11,1 | -21,2 |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОПҶТ, 2023. -С.22.

Аз маълумоти ҷадвали 4 бар меояд, ки шумораи коргарони соҳаҳои саноати кишвар танҳо дар бахшҳои алоҳидаи он ба монанди истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ 2,5

маротиба ё 1,1 ҳаз. нафар, ҳаргуна соҳаҳои саноат 2,2 маротиба ё 600 нафар, истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм 80,0% ё 400 нафар, истеҳсоли коғаз, фаъолияти табъу нашр 66,6% ё 600 нафар, истихроҷи маводҳои энергетикӣ 38,4% ё 500 нафар, истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ 32,3% ё 2,3 ҳаз. нафар ва истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ 4,4% ё 600 нафар зиёд гардид. Дар дигар соҳаҳо бошад, шумораи коргарон рӯ ба коҳишёбӣ овардааст, ки аз ҳама бештар коҳишёбӣ дар бахши истеҳсоли кимиёвӣ -38,8%, истеҳсоли маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ -37,1% ва истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ -33,3% мушоҳида мегардад.

Малумоти дар давраи солҳои 2017-2022 овардашуда шаҳодати онро медиҳанд, ки аз ҳама бештар коргарони соҳаи саноати кишвар дар соҳаи саноати коркард фаъолият менамоянд ва дар соли 2022 шумораи онҳо 48,9 ҳаз. нафарро ташкил дода, нисбат ба соҳаи саноати истихроҷи маъдан 4,3 маротиба ва нисбат ба соҳаи истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ 4,4 маротиба зиёд мебошад, ки дар маҷмуъ 68,6% тамоми коргарони соҳаи саноати ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Дигар нишондиҳандаи муҳимми соҳаи саноати кишвар индекси самаранокии меҳнат буда, дар давраи таҳлилшаванда тамоюли рушдро касб намудааст (ҷадвали 5). Тавре аз маълумоти ҷадвал бар меояд, индекси самаранокии меҳнат дар давраи солҳои 2016-2022 дар сатҳи 69,9% рушд намуд. Вале дар давраи солҳои гуногун индекси самаранокии меҳнат тамоили пасту баландшавӣ дорад. Чунончи соли 2017 нисбат ба 2016 ҳамагӣ 1,9%, 2018 нисбат ба 2017 дар сатҳи 7,3%, 2019 нисбат ба 2018 тақрибан 8,0%, 2020 нисбат ба 2019 ҳамагӣ 5,7%, 2021 нисбат ба 2020 дар сатҳи 24,3% ва 2022 нисбат ба 2021 каме бештар аз 9,6% мушоҳида мегардад. Аз маълумоти ҷадвали 5 мушоҳида мегардад, ки сатҳи номуътадили рушд дар ин самт мавҷуд аст, ки корхонаҳои саноатии кишвар то кунун зери таъсири омилҳои беруна қарор доранд. Яъне, тағйироти ками муҳити хориҷӣ метавонад ба раванди фаъолияти корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ халал расонад ва ин моро ба он водор месозад, ки бештар ба омилҳои таъсиррасон дар муҳити дохилӣ такя намоем (нигар ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. Индекси самаранокии меҳнат дар соҳаи саноат дар солҳои 2016-2022**
**Table 5. Labor efficiency index in industry in 2016-2022**

| Солҳо | Ба ҳисоби фоиз нисбат ба солҳои | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| **2016** | 100 | 98,1 | 91,5 | 84,7 | 80,1 | 64,5 | 58,9 |
| **2017** | 101,9 | 100 | 93,2 | 86,3 | 81,6 | 65,7 | 59,9 |
| **2018** | 109,3 | 107,3 | 100 | 92,6 | 87,6 | 70,4 | 64,3 |
| **2019** | 118,0 | 115,9 | 108,0 | 100 | 94,6 | 76,1 | 69,4 |
| **2020** | 124,7 | 122,5 | 114,2 | 105,7 | 100 | 80,5 | 73,4 |
| **2021** | 155,0 | 152,3 | 142,0 | 131,4 | 124,3 | 100 | 91,2 |
| **2022** | 169,9 | 166,9 | 155,6 | 144,0 | 136,2 | 109,6 | 100 |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОПҶТ, 2023. -С.20.

Аз таҷрибаи кишварҳои тараққикарда мушоҳида мегардад, ки рушди иқтисодиёт бештар ба самаранокӣ, ҳосилнокии меҳнат ва такрористеҳсоли мол алоқамандии зич дорад. Ба ин хотир, метавон зикр намуд, ки номуътадилии дараҷаи рушди самаранокии меҳнат аз қабл то ба имрӯз ба таври васеъ истифода набурдани фановариҳо ва навовариҳои техникӣ (дастгоҳҳои муосири истеҳсолӣ) дар корхонаҳои саноатӣ вобастагии калон дорад. Омили дигари номуътадил рушд намудани индекси самаранокии меҳнат, ба манфӣ будани ҳамгироии корхонаҳои саноатӣ бо шарикони хориҷӣ маҳсуб меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи корхонаҳои саноатӣ ва ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда аз рӯйи соҳаҳои саноат (ҷадвали 6) барои рақобат дар бозори истеҳсолӣ кифоягӣ намуда, дар истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда бояд нақши бориз дошта бошанд. Дар соли 2022 дар ҷумҳурӣ 2802 адад корхонаҳои саноатӣ фаъолият намуда, ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо дар якҷоягӣ бо саноати бахши ғайридавлатӣ маблағи 43 024,9 млн. сомониро ташкил дод. Қобили қайд аст, ки шумораи бештари корхонаҳо ва ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ба соҳаи саноати коркард тааллуқ доранд,

ки шумораи корхонаҳо дар ин соҳа дар соли 2022 ба 2 318 адад (ё 82,7%- тамоми корхонаҳои саноатӣ) ва ҳаҷми маҳсулоти он 26 497,2 млн. сомонӣ (ё 61,5%-и ҳаҷми маҳсулоти умумӣ)-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 6. Шумораи корхонаҳои саноатӣ ва ҳаҷми маҳсулот аз рӯйи соҳаҳои саноат дар соли 2022**

**Table 6. The number of industrial enterprises and the volume of products by industry in 2022**

| № | Шумораи корхонаҳо (адад) | Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда (млн. сомонӣ) |
|---|---|---|
| | ҳамагӣ, якҷоя бо саноати бахши ғайридавлатӣ | ҳамагӣ, якҷоя бо саноати бахши ғайридавлатӣ |
| I | 2 802 | 43 024,9 |
| II | 303 | 8 905,5 |
| III | 2 318 | 26 497,2 |
| IV | 181 | 7 622,1 |
| **Эзох:** **I**-тамоми саноат; **II**-саноати истихроҷи маъдан; **III**-саноати коркард; **IV**-истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об. | | |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОПҶТ, 2023. -С.34-35.

Воридот маҳсулоти соҳаи саноат ба кишвар аз рӯйи гурӯҳи молҳо, ки дар ҷадвали 7 дар давраи солҳои 2017-2022 овада шудааст ба андозаи 89,6% (2 442,6 млн. долл. ИМА) афзоиш ёфт. Дар ин давра, воридоти баъзе молу маҳсулотҳо коҳиш ёфт, аз ҷумла: воридоти чорвои зинда ва маҳсулоти чорводорӣ -28% (-17,5 млн. долл. ИМА), пойафзол, калапӯшҳо ва ғайраҳо -10% (-1,3 млн. долл. ИМА) ва дигар молҳои маънидоднашуда -14,1% (2,4 млн. долл. ИМА).

Дар давраи таҳлилшаванда воридоти маҳсулот ба кишвар дар дигар соҳаҳо тамоили болоравиро касб намуд, аз ҷумла: воридоти асарҳои фарҳангӣ дар соли 2022 якбора 41,9 маротиба (41,9 млн. долл. ИМА) афзуд, ҳол он ки ҳаҷми воридоти он дар соли 2017 ба сифр баробар буд. Ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 1,1 млн. долл. ИМА баробар гардид.

Ҳамин тариқ, воридот аз рӯйи гурӯҳи молҳо бештар дар вориди воситаҳои нақлиёти заминӣ ва ҳавоӣ 2,3 маротиба (286,3 млн. долл. ИМА), пластмасса ва маснуоти он 2,1 маротиба (107 млн. долл.ИМА, маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, машруботи спиртӣ ва нӯшокиҳои беспиртӣ, тамоку ва ивазкунандаи он 2,1 маротиба (241,4 млн. долл. ИМА) ва маҳсулоти маъданӣ 2,0 маротиба (511,8 млн. долл. ИМА), мошинҳо, дастгоҳҳо, қисмҳои онҳо ва ғайраҳо 2,0 маротиба (315,6 млн. долл. ИМА) мушоҳида мегардад.

**Ҷадвали 7. Воридот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи гурӯҳҳои молҳо дар соҳои 2017 – 2022 (млн. долл.ИМА )**

**Table 7. Imports to the Republic of Tajikistan by product groups in 2017-2022 (million dollars)**

| Номгӯйи маҳсулот | Соли 2017 | Соли 2019 | Соли 2021 | Соли 2022 | 2022/2017 бо (%, мар.) |
|---|---|---|---|---|---|
| Чорвои зинда ва маҳсулоти чорвопарварӣ | 62,5 | 67,6 | 46,9 | 45,0 | -28 |
| Маҳсулоти растанӣ | 264,9 | 305,4 | 387,5 | 478,9 | 80,7 |
| Чарбу, равғани растанӣ ва равғани чорво | 93,7 | 106,4 | 148,0 | 172,8 | 84,4 |
| Маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, машруботи спиртӣ ва нӯшокиҳои беспирт, тамоку ва ивазкунандаи он | 216,8 | 277,5 | 390,2 | 458,2 | 2,1 мар. |
| Маҳсулоти маъданӣ | 485,6 | 628,1 | 738,9 | 997,4 | 2,0 мар. |
| Маҳсулоти саноати кимиё | 319,0 | 326,9 | 357,5 | 495,0 | 55,1 |
| Пластмасса ва маснуоти он | 93,9 | 127,5 | 131,8 | 200,9 | 2,1 мар. |
| Пӯсти хом, чарм, мӯина, мӯинаи хом ва маснуот аз онҳо | 1,7 | 2,4 | 1,9 | 2,6 | 52,9 |
| Чӯбу тахта ва маснуоти чӯбу тахта | 131,8 | 127,5 | 149,7 | 215,0 | 63,1 |
| Коғазпораҳо, партовҳои картону коғаз | 51,6 | 43,9 | 48,6 | 59,1 | 14,5 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ва коғазкуҳнаҳо | | | | | |
| Нассоҷӣ ва маснуоти нассоҷӣ | 66,4 | 80,6 | 89,2 | 124,3 | 87,1 |
| Пойафзол, калапӯшҳо ва ғайраҳо | 13,0 | 12,0 | 13,0 | 11,7 | -10 |
| Маснуот аз санг, гулгаҷ, семент | 91,8 | 70,8 | 94,9 | 117,1 | 27,5 |
| Филизоти арзонбаҳо | 283,8 | 323,5 | 404,4 | 506,2 | 78,3 |
| Мошинҳо, дастгоҳҳо, қисмҳои онҳо ва ғайраҳо | 299,6 | 423,9 | 657,1 | 615,2 | 2,0 мар. |
| Воситаҳои нақлиёти заминӣ ва ҳавоӣ | 216,3 | 325,7 | 381,6 | 502,6 | 2,3 мар. |
| Асбобҳои оптикӣ, асбобҳои мусиқӣ, соатҳо ва ғайраҳо | 22,0 | 24,0 | 73,4 | 38,7 | 75,9 |
| Молҳои гуногуни саноатӣ | 43,5 | 53,2 | 60,4 | 70,3 | 61,6 |
| Асарҳои фарҳангӣ | 0,0 | 0,0 | 1,1 | 41,9 | 41,9 мар. |
| Дигар молҳои маънидоднашуда | 17,0 | 22,4 | 33,4 | 14,6 | -14,1 |
| **Ҳамагӣ:** | **2724,9** | **3349,3** | **4209,5** | **5167,5** | **89,6** |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОПҶТ, 2023. -С.38.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки дар ҷумҳурӣ баштар ба ташкили корхонаҳои саноатии ба истеҳсоли маҳсулотҳои воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда рӯ оварда шавад. Зеро, захираҳои бойи табиӣ ва шароиту имкониятҳои ташкили чунин корхонаҳои саноатӣ дар кишвар мавҷуд мебошад ва "ҳоло дар кишвар барномаҳои мухталиф ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда татбиқ гашта истодаанд, ки бояд вазъи мавҷударо то андозае ислоҳ намоянд" [2,с.64].

Маълумоти расмии омории овардашуд шаҳодати онро медиҳад, ки солҳои охир ҳаҷми воридот ба таври назаррас дар кишвар тамоюли камшавӣ дорад. Аз ин лиҳоз, зарурати тақвияти сатҳи содирот ва бартараф намудани омилҳои таъсиррасони қурбӣ тавассути ин масъала шарти асосӣ ва зарурӣ мебошад. Маълумотҳои расмии оморӣ шаҳодати онро медиҳанд, ки дар давраи таҳлилшаванда содирот аз рӯйи гурӯҳи маҳсулотҳои соҳаи саноат дар давраи таҳлилшаванда (ҷадвали 8) афзоиш ёфтааст. Масалан, дар соли 2022 ҳаҷми содироти маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 2017 ба андозаи 78,7% (944 млн. долл. ИМА) афзуд. Маълумоти дар ҷадвали 8 овардашуда гувоҳӣ онро медиҳад, ки содироти бештари маҳсулот аз рӯйи гурӯҳи молҳо ба чорвои зинда ва маҳсулоти чорводорӣ, маҳсулоти растанӣ, маҳсулоти саноати кимиё, молҳои гуногуни саноатӣ, дигар молҳои маънидоднашуда ва пластмасса ва маснуоти он рост меояд. Вале аз рӯйи нишондиҳандаи пулӣ дар давраи таҳлилшаванда содироти бештар ба маҳсулоти маъданӣ рост меояд, ки ба 894,4 млн. долл. ИМА дар соли 2022 баробар аст ва он нисбат ба соли 2017 ба андозаи 407,3 млн. долл. ИМА ё 83,6% афзоиш ёфтааст.

Агар дар маҷмуъ тавозуни воридот ва содироти маҳсулотро аз рӯйи гурӯҳи молҳо дар соли 2022 мавриди таҳлил қарор диҳем, муайян мегардад, ки дар соли 2022 ҳаҷми содирот 2 142,0 млн. долл. ИМА ва ҳаҷми воридот 5 167,5 млн. долл. ИМА-ро ташкил дод, ки касри тавозуни савдои ҷумҳурӣ дар соли 2022 ба -3 025,5 млн. долл. ИМА ё -58,5% баробар мебошад, ки нисбат ба соли 2017 ба ҷойи камшавӣ, баръакс дар сатҳи -2,5% боло рафтааст (дар соли 2017 касри тавозуни савдои кишвар -56,0% буд). Новобаста аз тамоили рушдро касб намудани баъзе нишондиҳандаҳо, ҳамоно дар сатҳи ҷумҳурӣ тақвияти чораҳои таъминкунандаи рушди соҳаи мазкур бояд дар ҳама ҳолат афзалият дошта бошад, то ин ки таъмини мувозинати рушд дар ҳама ҳолат ва шароит имконпазир гардад.

Ин нишондиҳанда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки то ҳол бозори дохилии мо ва корхонаҳои саноатии кишвар зери таъсири омилҳои беруна қарор доранд ва бештари молу маҳсулотҳо хусусияти воридотӣ доранд. Такя намудани молҳои содиротии дорои афзалият механизми иловагии рушди бахшҳои хусусияти занҷиравӣ дошта ба соҳаи саноат мебоша. Аз ин хотир, ба ақидаи мо, зарур аст, ки дар ин самт аз ҷониби сохторҳои ваколатдор тадбирҳои сариватӣ андешида шуда, ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 20-30% содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд ва ҳиссаи воридот ба маротиб коҳиш дода шавад.

**Ҷадвали 8. Содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи гурӯҳҳои молҳо дар солиҳои 2017-2022 бо (млн. долл. ИМА)**
**Table 8. Exports of the Republic of Tajikistan by commodity groups in 2017-2022 in (million dollars)**

| Номгӯйи маҳсулот | Соли 2017 | Соли 2019 | Соли 2021 | Соли 2022 | 2022/2017 бо (%, мар.) |
|---|---|---|---|---|---|
| Чорвои зинда ва маҳсулоти чорвопарварӣ | 0,6 | 1,0 | 0,9 | 4,1 | 6,8 мар. |
| Маҳсулоти растанӣ | 25,9 | 26,9 | 39,9 | 62,4 | 2,4 мар. |
| Чарбу, равғани растанӣ ва равғани чорво | 0,0 | 0,1 | 0,0 | 0,0 | - |
| Маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, машруботи спиртӣ ва нӯшокиҳои беспирт, тамоку ва ивазкунандаи он | 5,0 | 5,1 | 7,1 | 8,2 | 64,4 |
| Маҳсулоти маъданӣ | 487,1 | 459,3 | 619,4 | 894,4 | 83,6 |
| Маҳсулоти саноати кимиё | 2,8 | 8,1 | 12,2 | 15,9 | 5,6 мар. |
| Пластмасса ва маснуоти он | 0,8 | 0,9 | 1,8 | 1,6 | 2,0 мар. |
| Пӯсти хом, чарм, мӯина, мӯинаи хом ва маснуот аз онҳо | 2,5 | 2,7 | 4,1 | 3,9 | 56,0 |
| Чӯбу тахта ва маснуоти чӯбу тахта | 0,4 | 0,2 | 0,2 | 0,4 | бетағйир |
| Коғазпораҳо, партовҳои картону коғаз ва коғазкуҳнаҳо | 0,1 | 1,2 | 0,8 | 4,0 | 40 мар. |
| Нассоҷӣ ва маснуоти нассоҷӣ | 181,8 | 200,5 | 279,3 | 277,9 | 52,8 |
| Маснуот аз санг, гулгаҷ, семент | 0,0 | 0,3 | 0,4 | 0,5 | 0,5 мар. |
| Филизоти арзонбаҳо | 229,4 | 217,9 | 266,0 | 319,4 | 39,2 |
| Мошинҳо, дастгоҳҳо, механизмҳо, қисмҳои онҳо ва ғайраҳо | 14,9 | 7,0 | 10,1 | 7,8 | -47,6 |
| Воситаҳои нақлиёти заминӣ ва ҳавоӣ | 25,9 | 16,0 | 8,9 | 9,9 | -61,7 |
| Асбобҳои оптикӣ, асбобҳои мусиқӣ, соатҳо ва ғайраҳо | 6,5 | 0,9 | 0,5 | 0,5 | -92,3 |
| Молҳои гуногуни саноатӣ | 0,3 | 0,6 | 1,3 | 1,3 | 4,3 мар. |
| Асарҳои фарҳангӣ | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | - |
| Дигар молҳои маънидоднашуда | 213,8 | 225,6 | 896,7 | 529,8 | 2,4 мар. |
| **Ҳамагӣ:** | **1198,0** | **1174,3** | **2149,6** | **2142,0** | **78,7** |

Сарчашма: Таҳияи муаллифон дар асоси маълумотҳои Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: АОПҶТ, 2023. -С.39.

Татбиқи ҳадафҳои асосии ҳукумати кишвар дар доираи барномаву стратегияҳои тасдиқгардида, таъсиси корхонҳои истеҳсолкунандаи молҳои саноатӣ ва сохторҳои ёрирасони онҳо буда, ба ин масъала аҳаммият хосса дода мешавад. Аз таҳлилу таҳқиқи арзёбии бахши саноати кишвар хулоса кардан мумкин аст, ки рушди ин соҳа дар сатҳи зарурӣ қарор дошта, тибқи сенарияи индустриалии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, амал карда истодааст.

Дар рафти таҳлилу таҳқиқот муайян гардид, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 дар таркиби ММД ба 17,0% баробар буд. Ҳоло он, ки “тибқи сенарияи индустриалии СМР, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар таркиби ММД барои солҳои 2021-2025 то 16,0% ва солҳои 2026-2030 то 20,0-20,5% муқаррар гардидааст”[7,с.20]. Қобили қайд аст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2022 аллакай дар сатҳи 1% барзиёд иҷро гардидааст.

Маврид ба зикр аст, ки дар шароити муосир мақсади асосии сиёсати саноатӣ, ин рушди додани истеҳсолот, беҳтар гардонидани сифати молу маҳсулот ва дар баробари ин, гирифтани фоида махсуб меёбад. Асоси татбиқнамоии сиёсати саноатӣ, ин маблағгузорӣ ва ё қарздиҳӣ ба корхонаҳои саноатӣ мебошад. Маҳз барои ҳамин, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзиро зарур меояд, ки аввал, қобилияти қарзадокунии корхонаҳои саноатиро ҳаматарафа арзёбӣ намуда, сипас, воситаҳои қарзии худро ба онҳо пешниҳод намоянд. “Арзёбии воқеии устувории молиявии корхонаҳои саноатӣ (қарзгир) ва баҳисобгирии хавфҳои имконпазир оид ба амалиёти қарзӣ ба низоми қарзию молиявӣ

имкон медиҳанд, ки захираҳои қарзиро мутобиқи мақсадҳои сиёсати саноатӣ самаранок истифода намояд ва фоида ба даст оварад” [6,с.307].

Масъалаҳои асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз қисматҳои калидии бахши воқеии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, он ҳамчун заминаи ибтидоии гузариш аз як сохти саноат ба сохти дигари он, ки дар таркиби он рушди дигар бахшҳои ёрирасони соҳаи саноат мавҷуд мебошанд, маҳсуб меёбад. Дар шароити норасоии захираҳои пулӣ ва сарчашмаҳои тақивияти соҳаи саноат тамоми бахши инситутсионалӣ водор ба он месозад, ки дар доираи имкониятҳои мавҷуда, марҳила ба марҳила бахши мазкурро дастгирии ҳаматарафа намоянд.

Қарздиҳӣ яке аз воситаи муҳимми фаъолияти бонкӣ ва сарчашмаи раванди сармоягузорӣ маҳсуб ёфта, ҳамчун ҷараёни доманадор ба суръатбахшии раванди такмилдиҳии иқтидори иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ мусоидат менамояд [1,с.121]. Қайд кардан зарур аст, ки яке аз механизмҳои асосии рушди самараноки корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар шароити имрӯза, дастрасии онҳо ба захираҳои арзони молиявӣ мебошад ва ин масъаларо метавон дар заминаи захираҳои қарзии низоми бонкӣ ҳал намуд [4,с.123].

Қобиди қайд аст, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз масъалаҳои асосии дастгирии бахши саноат аз он ҷумла, саноати сабук ин, пеш аз ҳама, дастгирии бевоситаи давлат дар доираи салоҳиятҳои худ ва тақвияти пайвастаи маблағгузорӣ ва бо усулҳои имтиёзнок ба шумор меравад. Дар сатҳи дастгирии бахши воқеии иқтисодиёт захираҳои барзиёди воситаҳои қарзии бонкҳо ва сафарбар кардани онҳо ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ аз иқтидори захиравии бонкҳо ва воситаҳои арзони ҷалбкардаи онҳо вобаста мебоша. Аз ин ҷост, ки таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд дар рушди бахши воқеии иқтисод бо ду роҳи асосӣ ширкат варзанд: а) қарздиҳӣ, яъне додани қарзҳо ба соҳаҳои бахши воқеии иқтисоди кишвар бо шартҳои муҳлатнок пулакӣ будан ва бозгардонидан; б) сармоягузории мустақим ва портфелӣ [9,с.346].

Аз ин лиҳоз, ҷиҳати бештар гардонидани захираҳои қарзии худ, низоми бонкиро зарур меояд, ки ҷалби пасандозҳои аҳолиро зиёд намуда, ба ин васила ба тамоми соҳаҳо, хусусан соҳаи саноати кишвар қарзҳои хурду миёна ва сармоягузории мустақиму портфелиро дар асоси фоизҳои бозоргир пешниҳод намоянд. Бо дарназардошти таъсиси шароити зарурӣ барои рушди саноат дар шароити гузариш ба модели индутриалӣ-аграрии рушди иқтисодӣ, омӯзиши хусусиятҳои ршди онро зарур мешуморем [12,с.105].

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ, дастгириии бахши воқеии иқтисодиёт ва фароҳам овардани шароити созандаи аҳолӣ ин ҳадафи асосии ҳукумати кишвар тавассути институтҳои молиявӣ ва иқтидори молиявию захиравии худ мебошад. Тавре аз таҳлилу таҳқиқи гузаронидашудаи болозикр муайян мегардад, новобаста аз он, ки дар солҳои охир тамоили рушди бомароми бахши воқеии иқтисодиёт ба назар мерасад, ҳамоно номувофиқ будани як қатор таносубҳо моро ба он водор месозад, ки дар тақвияти бахшҳои воқеии иқтисодиёт пайваста чораҳои зарурӣ ва таъхирнопазир андешем. Аз ин хотир, ба анешаи мо, барои рушди минбаъдаи соҳаи саноати сабук ва дигар башҳои муҳим ва сохторҳои ёрирасони он бояд масъалаҳои зерин ҳадафи асосӣ бошанд:

1. Дар сатҳи зарурӣ ташкил кардани муҳити ҳамгироишудаи соҳавӣ, байнисоҳавӣ, байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи табодули молҳои саноатӣ.

2. Ташкили иқтидорҳои истеҳсолӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар, ки дорои афзалият ва бартарии истеҳсолӣ мебошанд.

3. Сармоягузорӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт ва дар заминаи дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ ва додани имконият ба онҳо дар самти маҳдуд кардани молҳои воридотӣ ва иваз кардани ҷойи онҳо ба истеҳсолоти дохилӣ.

4. Ташкили муҳити қарздиҳӣ ба бахши воқеии иқтисодӣ ва дар заминаи он бамаротиб рушд додани саноати сабук.

5. Тавассути кушодани хатти қарзӣ додани қарзҳои имтиёзнок ба истеҳсолкунандани молҳои кишоварзӣ ва дар замина назорати пайвастаи татбиқи иҷроиш ва истифодаи маблағҳои қарзӣ дар самти соҳаи саноат.

6. Додани имтиёзҳои истеҳсолӣ дар заминаи маҳдуд кардани чараёни андозбандӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои саноатӣ.

7. Дар зери назорати доимии давлат қарор додани истеҳсоли молҳои саноатӣ ва кишоварзӣ дар қаламравӣ кишвар.

8. Таъмини талаботи беохири истеъмолкунандагони молҳои саноатӣ дар дохили кишвар ва берун аз кишвар дар ҳама ҳолат ва шароит ва ғ.

**АДАБИЁТ**


1. Махшулов С.Д. Банковские кредиты как важный источник финансовых ресурсов для производства сельскохозяйственной продукции / С.Д. Махшулов, Б.Б. Ходжаев, К.С. Сафаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2018. -№11. -С.121.
2. Маҳмадуллоев А.С. Арзёбии умумии инкишофи бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба густариши шарикии стратегӣ / А.С. Маҳмадуллоев, З.С. Қосимова // Идоракунии давлатӣ. -Душанбе, 2020. -№4/2(49). -С.63-77.
3. Махмадиев, Ф.Б. Зарубежный опыт государственного регулирования фермерской кооперации / Ф.Б. Махмадиев, И.Х. Мехроби, З.М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. -№2/6. -С.157-161.
4. Миршарипов Э.Қ. Роҳҳои баланд бардоштани иқтидори қарздиҳии низоми бонкӣ ба соҳаи саноати сабук / Э.Қ. Миршарипов // Паёми Молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. -Душанбе, 2023. -№3(37). -С.414-423.
5. Миршарипов Э.Қ. Таҳлили вазъи муосири фаъолияти корхонаҳои муштарак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Э.Қ. Миршарипов, А.С. Маҳмадуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2020. -№1. -С.152-157.
6. Ниёзов М.А. Муомилоти пулӣ ва низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / М.А. Ниёзов. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. -375 с.
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -Душанбе, 2016. -№392. -88 с.
8. Хушвахтзода Қ.Х. Таҳлили саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ / Хушвахтзода Қ.Х., А.К. Қурбонов // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. - 2020. -№1. -С.6-10.
9. Хайрзода Ш.Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Точикистон дар шароити бесуботии молиявӣ: диссертатсияи докторӣ 08.00.10 / Хайрзода Ш.Қ. –Душанбе, 2021. -346 с.
10. Хофизов Х.А. Основные принципы улучшения инвестиционного обеспечения освоения природно-ресурсного потенциала регионов / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2020. - № 10. Част I. - С.189-198.
11. Хофизов Х.А. Формирование института доверия как фактора активизации инвестиционной деятельности в регионе / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - Душанбе, 2021. - № 3. Часть II. - С.108-119.
12. Шариф Раҳимзода. Ҷаҳонишвай ва рушди иқтисоди миллӣ / Шариф Раҳимзода. –Душанбе: Эр-граф, 2019. -С.105.


## МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ СОҲАИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАСТГИРИИ ОН ДАР ШАРОИТИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТИ КИШВАР


Дар шароити бамаротиб зиёд гардидани хатарҳои иқтисодӣ ва таҳдид ба аманияти озуқавории кишварҳои ҷаҳон зарурати рӯз аз рӯз бешар кардани соҳаи саноатро ба миён овардааст. Соҳаи саноат яке аз соҳаҳои афзалиятноке мебошад, ки дар меҳвари он метавонанд дигар соҳаҳо ташаккул ёфта, рушд дода шаванд. Илова бар ин, соҳаи саноат соҳае мебошад, ки барои ба ҷойи кори доимӣ ва бо маҳсулоти тайёр таъмин намудани аҳолӣ накши босазо дорад. Аз ин хотир, бо назардошти тамоми заруратҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръати кишварро ҳамчун ҳадафи асосии худ карор додааст, ки дар беҳтаршавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Аз ин хотир, зарурати таҳлил ва баррасии соҳаи саноат ҳамеша дар меҳвари диққати ҳукумати кишвар ва соҳибкорони истеҳсолӣ қарор дорад. Ба ин хотир, зарур аст, ки соҳаи мазкурро дар сатҳи зарурӣ ба таври ҳаматарафа таҳлил намуда, роҳҳои рушди минбаъдаи онро дарёфт ва ба ҳукумати кишвар пешниҳод намоем. Аз ин хотир, интихоби масъала ва дар доираи он пешрафта шарти асосӣ мебошад.



**Калидвожаҳо:** саноатикунонии босуръат, рушди иқтисод, бахши иқтисодиёт, суръати афзоиш, қарздиҳии соҳаи саноат, сиёсати давлатӣ, иқтисоди миллӣ, бахшҳои калидӣ, бозори миллӣ.


## ВОПРОСЫ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЕГО ПОДДЕРЖКИ В УСЛОВИЯХ УСКОРЕННОЙ ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ СТРАНЫ


В условиях роста экономических рисков и угроз продовольственной безопасности стран мира с каждым днем возникает необходимость расширения отрасли. Промышленность является одним из приоритетных направлений, на оси которых могут формироваться и развиваться другие направления. Помимо этого, промышленность является отраслью, играющей значительную роль в обеспечении населения постоянными рабочими местами и готовой продукцией. Поэтому, учитывая все потребности, Республика Таджикистан определила своей основной целью быструю индустриализацию страны, которая способствует повышению уровня

и качества жизни населения. Поэтому необходимость анализа и обзора отрасли всегда находится в центре внимания правительства страны и предпринимателей-производителей. Поэтому необходимо всесторонне проанализировать эту сферу на необходимом уровне, найти пути ее дальнейшего развития и представить правительству страны. Поэтому выбрать проблему и двигаться в ее рамках – главное условие.

**Ключевые слова:** быстрая индустриализация, экономическое развитие, сектор экономики, темпы роста, промышленное кредитование, государственная политика, национальная экономика, ключевые отрасли, национальный рынок.

**ISSUES OF INDUSTRIAL DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND ITS SUPPORT IN THE CONDITIONS OF ACCELERATED INDUSTRIALIZATION OF THE COUNTRY**

In the context of growing economic risks and threats to food security in countries around the world, the need to expand the industry arises every day. Industry is one of the priority areas, on the axis of which other areas can be formed and developed. In addition, industry is an industry that plays a significant role in providing the population with permanent jobs and finished products. Therefore, taking into account all the needs, the Republic of Tajikistan has identified as its main goal the rapid industrialization of the country, which helps improve the level and quality of life of the population. Therefore, the need for analysis and review of the industry is always in the focus of attention of the country's government and manufacturing entrepreneurs. Therefore, it is necessary to comprehensively analyze this area at the required level, find ways for its further development and present it to the government of the country. Therefore, choosing a problem and moving within its framework is the main condition.

**Keywords:** rapid industrialization, economic development, economic sector, growth rate, industrial lending, government policy, national economy, key industries, national market.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ –*** Донишгоҳи давлатии Данғара, доктори илмҳои иқтисодӣ, ректор. **Суроға:** 735320, ш.Данғара, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, кӯчаи Марказӣ, 25
***Миршарипов Эмомалӣ Қурбоналиевич -*** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, унвонҷӯи кафедраи молия. **Суроға**: 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Email: **emomali-95s@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Хайрзода Шукрулло Курбонали*** – Дангаринский государственный университет, доктор экономических наук, ректор. **Адрес**: 735320, г.Дангара, Республика Таджикистан, Хатлонская область, Центральная улица, 25
***Миршарипов Эмомали Курбоналиевич*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, соискатель кафедры финансов. **Адрес:** 73406, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Email: **emomali-95s@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Khairzoda Shukrullo Kurbonali*** – Dangara State University, Doctor of Economics, rector. **Address**: 735320, Dangara, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Central street, 25
***Mirsharipov Emomali Kurbonalievich*** – Tajik State University of Finance and Economics, applicant for the Department of Finance. **Address**: 73406, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Email: **emomali-95s@mail.ru**

ТДУ: 338.24 (575.3)

# ТАЪСИРИ СЕССИЯИ XVI ШУРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА РУШДИ РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ

***Каримова Н.С., Саидова Ш.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистогн**

9 сентябри соли 1991 ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро метавон яке аз дурахшонтарин саҳифаҳои таърихи сиёсӣ арзёбӣ кард.

Аммо пас аз эълони расмии истиқлолияти Тоҷикистон ҳамагӣ як солу ду моҳ сипарӣ шуд ва бар асари ихтилофу гирдиҳамоиҳои пайваста ду раиси ҷумҳурӣ қонунан интихобшуда, чаҳор раиси Шурои Олӣ ва дигар раҳбарони баландпояи ҳукумат иваз шуданд.

Дар ниҳоят, набудани субот дар идораи кишвар боиси алангаи оташи ҷанг дар кишвар гардид. Задухурдҳои мусаллаҳона байни қувваҳо ва гурӯҳҳои гуногун, гаравгонгирии депутатҳо, ғоратгарӣ ва дуздӣ, террор ва сӯиқасд ба ҷони ходимони давлатию ҷамъиятӣ бухрони сиёсиро ба задухурди хунин табдил доданд. Моҳи майи соли 1992 ба ёдамон меояд, борон меборид, мардум ба маркази шаҳр мерафтанд, ман ҳам пиёда мерафтам, то дар бораи падарам, ки вакили Шурои Олӣ буду аз шаҳри Хуҷанд ба иҷлосия омада буд, чизе бифаҳмам. Ҷустуҷӯҳоям натиҷае надоданд, вале вақте ба хона баргаштам, модарам гуфт, ки падарам занг зад, ӯ тавонист парвоз кунад ва аллакай дар ДДХ кор мекунад.

Дар ин давра дар ҷумҳурӣ вазъияти душвори сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба амал омад, ки ба инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва танзими самарабахши ҳуқуқии онҳо халал расонд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дахолати неруҳои дохилӣ ва махсусан хориҷӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, ки ба ҷомеа хисороти бузурги сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ расонд. Ин чанг тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию сиёсии мамлакатро фаро гирифта, сабаби риоя нашудани меъёрҳои қонунгузорӣ гардид, ки боиси бухрони иқтисодию иҷтимоии ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа гардид.

Дар мамлакат анархия ҳукмрон буд. Ба ин нигоҳ накарда, мардум ба намояндагони интихобкардаи худ дар мақомоти қонунгузории мамлакат - Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон бо умед менигарист. Дар он рӯзҳо Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона сохторе буд, ки то андозае нуфузи худро дар байни мардум нигоҳ дошта, метавонист барои дарёфти роҳҳои барқарории сулҳу оромӣ ва ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар талош кунад.

Дар чунин шароит бо мақсади таҳкими давлатдорӣ, ҳифз ва рушди истиқлолият, инчунин муайян намудани роҳу самтҳои минбаъдаи рушди давлати нави соҳибистиқлол Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати бистум) баргузор гардид. Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи халқи тоҷик як марҳилаи гардишиест, ки барои хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ, ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ, инчунин ташаккули ҷомеаи дунявӣ, ҳуқуқӣ ва демократӣ дар Тоҷикистон таъсири назаррас расонд.

Инак, Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд ба кори худ оғоз кард.

Зарурати гузаронидани иҷлосияи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муқовимати сиёсӣ ва мусаллаҳона дар ҷумҳурӣ ба миён омад. Як рӯз пеш ман бо оилаам ба Хуҷанд, ба минтақаи оромтар кӯчидем.

Саъю талоши вакилони мардумӣ ва Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ин иҷлосия раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид, ба он нигаронида шудааст, ки ақли солим ва адолат пойдор шавад, аҳдномаи миллӣ, якпорчагии кишвар ва ҷаҳон таъмин карда мешаванд.

Қарорҳои Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини ризоияти миллӣ, бозгашти гурезаҳо ва муҳоҷирон ба ватан, ба тавофуқ расидани неруҳои

мухталифи ҷомеа шароиту имкони мусоид фароҳам овард. Ҳамин тариқ, барои таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон заминаҳои мустаҳкам гузошта шуданд.

Дар натиҷаи ба амал баровардани стратегияи дар сессия кор карда баромадашуда системаи иктисодиёти бемайлон тараққикунанда ҷорӣ карда шуд, ки дар заминаи он шаклҳои гуногуни моликият ба вуҷуд омада, тадриҷан васеъ гардиданд. Илова бар ин, тавассути сиёсати иҷтимоие, ки дар сессияи 16-ум кор карда баромада шуд, дар мамлакат барои тадриҷан инкишоф ва мустаҳкам намудани соҳаи иҷтимоӣ заминаҳои воқеӣ ба вуҷуд оварда шуданд. Дар натиҷа давлат тавонист сол то сол имкони бо маблағ таъмин намудани тадбирҳоро оид ба беҳтар намудани вазъи соҳаи илм, маориф, фарҳанг, нигаҳдории тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ зиёд намояд. Дастоварди муҳим ба поён расидани ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдат дар ҷомеа буд, ки 27 июни соли 1997 дар натиҷаи талошҳои пайвастаи роҳбарияти кишвар ба даст омад. Ҳамин тариқ, Тоҷикистон на танҳо аз раванди харобиовар халос шуд, балки роҳи тадриҷии бунёдкориашро низ оғоз кард.

Дар натиҷа миёни Тоҷикистон бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон равобити дипломатӣ барқарор шуд ва кишвар ба созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пазируфта шуд. Воқеан, Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибӣ ва ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ, инчунин узви комилҳуқуқи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ роҳи амалисозии сиёсати хориҷии худро пайваста пеш гирифта, ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо тамоми кишварҳои ҷаҳон идома медиҳад.

Сохтмони давлати нав мебоист ба арзишҳои ҷаҳонӣ – эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон, асосҳои демократии давлат, қонуният ва адолат асос ёбад.

Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ба кор шуруъ карданаш ин суханонро гуфт: “Барои истиқрори сулҳ дар кишвар ва баргардонидани ҳама гурезагон ба Ватан омодаам ҷони худро фидо кунам”.

Роҳбарияти мамлакат ба зудӣ барқарор намудани ҳокимияти маҳаллӣ, ташкили тартиботи қонунӣ, танзими фаъолияти вазорату идораҳо ва кумтаҳои давлатии ҷумҳурӣ муяссар гардид. Мардум ба ҳукумат, ба субот ва тавоноии таъмини амнияти ҷамъиятии он эътимод пайдо карданд.

Ҳамин тариқ, марҳалаи асосии таърихи сулҳу ваҳдати миллӣ аз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раиси он интихоб шудани фарзанди арзандаи халқ, Қаҳрамони Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз мегардад.

Мамлакати мо баъди сессияи XVI Шурои Олии Ҷумдҳурии Тоҷикистон дар роҳи сохтмони ҷомеаи мустақили демократӣ қадамҳои устувор гузошт. Дар ин давра Тоҷикистон соҳиби парчам, нишон ва суруди нави давлатдории худ гардид.

Дар солҳои минбаъда самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян карда шуданд, ки дар доираи чаҳор ҳадафи стратегӣ амалӣ мегарданд.

Аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишварамон дар баробари дигар ҳадафҳои стратегӣ вазифаи умумимиллӣ ва омили муҳимми рушди кишвар мебошад. Дар ин росто дар ҷумҳурӣ ҷиҳати беҳтар намудани инфрасохтори нақлиётӣ мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ корҳои кофӣ анҷом дода шудаанд: сохтмон ва таҷдиди роҳҳои оҳану автомобилгард, пулҳо, нақбҳо идома дорад, ки ин имкон дод, ки кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо шавад ва ба ба як кишвари транзитӣ дар минтақа табдил ёбад. Дар солҳои истиқлолият ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт ва ба ин васила ҷумҳурӣ на танҳо ба бозори дохилӣ, балки ба бозори давлатҳои шарик низ маҳсулоти кишоварзиро пешкаш мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади амалӣ намудани қарорҳои Ҳукумати кишвар оид ба рушди минбаъдаи Тоҷикистон ва бо назардошти аҳамияти саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, инчунин таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми стратегӣ эълон намуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон талошҳои худро ҷиҳати ҷалби сармояи мустақим ба бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани корхонаҳои бекорхобида ва таъсиси ҷойҳои корӣ дар кишвар пурзӯр кардааст.

Ба шарофати истиқлолият, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ Тоҷикистон тамоми заминаҳои зарурирo барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ фароҳам оварда, инчунин тавонист дар арсаи байналмилалӣ эътибори баланд пайдо карда, ба узвияти муҳимтарин созмонҳои байналмилалии ҷаҳонӣ, аз қабили СММ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ, Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо, Созмони Ҳамкории Шанхай, Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё ва ғайра шомил гардад. Дар солҳои истиқлолият кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ мавқеи сазоворро ишғол намуда, бо 180 давлати дунё робита барқарор намуд.

Аксари ташаббусҳои сиёсии роҳбарияти Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта ва дастгирӣ ёфт. Аз ҷумла, рушди ҳамкориҳои минтақавӣ, як қатор ташаббусҳо оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои об, ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муаллифи чаҳор ташаббуси бузурги ҷаҳонӣ: «Соли байналмилалии оби тоза, соли 2003», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт солҳои 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об 2013" ва «Даҳсолаи байналмилалии амал: Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028». Ташаккул ва татбиқи сиёсати хориҷӣ, ки меҳвари он сиёсати «дарҳои боз» мебошад, дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ ба як стратегияи муҳим табдил ёфта, самаранокии худро собит намуд.

Дар баробари ин, вазъи ҷаҳони муосир мардуми Тоҷикистонро водор мекунад, ки бо комёбиҳои бадастоварда таваққуф накунад, ба сӯи таҷдиди минбаъдаи тамоми соҳаҳои ҳаёт, рушди озоди демократӣ ва бунёди ҷомеаи муосиру пешрафта, барои ҳаёт, меҳнат ва эҷод ва аз ҳама муҳим, барои тарбияи ҷамаҷонибаи наслҳои минбаъда равона карда шудааст, ҷолиби диққат бошад ва анъана ва арзишҳои куҳани халки худро ҳифз ва ғанӣ гардонанд. Бо итминони комил гуфта метавонем, ки тамоми дастовардҳои асосии мо дар роҳи пешгирӣ аз пошхӯрии давлат, барқарорсозии низоми давлатдории идоракунӣ ва ниҳоят хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ бо номи Эмомалӣ Раҳмон алоқамандӣ дорад.

Ниҳоят, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо такя ба арзишҳои таърихии худ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, манфиатҳои давлатро амиқ дарк намуда, ба вазъи ҷаҳонӣ возеҳ шинос шуда, ба қатори ҷаҳон пайваст.

Афзалиятҳои сиёсати дурандешонаи Эмомалӣ Раҳмон дар татбиқи сиёсати хориҷӣ аз дигар омилҳо боло гузоштани манфиатҳои миллии Тоҷикистони соҳибистиқлол, муаррифии обрӯи кишвар дар арсаи байналмилалӣ, таъмини шароити мусоиди беруна барои рушди дохилии давлат ва ба ин васила таҳкими асосҳои истиқлолияти Точикистон мебошад. Як рӯйдоди муҳимми сиёсӣ барои Тоҷикистон нахустин суханронии Сарвари Тоҷикистон аз минбари баланди СММ 29 сентябри соли 1993 буд. Минбаъд, Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Сарвари Тоҷикистон боз 11 маротиба аз минбари СММ суханронӣ карда, ҳар дафъа на танҳо аз манфиатҳои миллии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳимоят кард, балки барои ҳалли мушкилоти ҷаҳонии башарият ташаббусҳои судманд ба миён гузошт. Иштироки фаъолонаи Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли мушкилоти доғи рӯз боис гардид, ки Тоҷикистон ба як бахши обрӯманди ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёбад. Ин дастоварди барҷастаи миллӣ ва таърихӣ воқеан бо фаъолият ва мубориэаи қаҳрамононаи Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, халқи тоҷик алоқаманд аст. Миёни Тоҷикистону Русия дар заминаи байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ, байниидоравӣ беш аз 230 шартномаву созишномаҳо баста шудаанд, ки заминаи муносибатҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии байни ду давлатро ташкил медиҳанд.

Пешвои мо - Эмомалӣ Раҳмонро дар тамоми ҷаҳон мешиносанд, китоби ӯ «Тоҷикон дар оинаи таърих» ба забонҳои олмонӣ, англисӣ, фаронсавӣ, чинӣ, арабӣ, дарӣ ва дигар забонҳои кишварҳои ИДМ нашр шудааст. Раванди ҳаракати пурсамари иқтисоди ҷумҳурӣ идома дорад.

Тибқи иттилои Хадамоти гумрук, дар 5 моҳи аввали соли 2022 Тоҷикистон аз кишварҳои мухталиф ҳудуди 58 ҳазор тонна равғани растанӣ ба маблағи қариб 71 миллион доллар харидорӣ кардааст. Тоҷикистон аз Қазоқистон ҳамасола 12,4%-и ҳаҷми содироти равғани қазоқро ба маблағи 12,8 миллион доллар ворид мекунад. Самтҳои асосии содиротии равғани офтобпараст, сафлор ё пахта ва фраксияҳои онҳо дар соли 2021 инҳо буданд: Ӯзбекистон бо ҳиссаи 41% (43 миллион доллар), Чин бо ҳиссаи 35% (36

миллион доллар), Тоҷикистон бо ҳиссаи 12,4% (12,8 миллион доллар), Кирғизистон бо ҳиссаи 5,21% (5,4 миллион доллар), Афғонистон бо ҳиссаи 4,62% (4,78 миллион доллар).

Дар ҳамин ҳол, Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки дар се соли оянда тавлиди равғани растанӣ беш аз 57% афзоиш ва воридоти ин маҳсулотро 2,1% коҳиш диҳад. Дар ин бора дар Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2024 гуфта шудааст. Тибқи ин санад, то соли 2024 ҳаҷми воридоти равғани растанӣ ва равған то 94 ҳазор тонна коҳиш хоҳад ёфт.

Ҳаҷми воқеии воридот дар соли гузашта аз нишондоди пешбинишуда хеле зиёд буд - аз хориҷ ба маблағи беш аз 148 миллион доллар 123 ҳазор тонна равған харидорӣ шудааст. Мувофиқи пешгӯиҳо бояд 100 ҳазор тонна харида мешуд.

Муассисоти дахлдор хабар медиҳанд, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ 52 корхонаи истеҳсоли равғани растанӣ бо иқтидори умумии 80 ҳазор тонна дар як сол фаъолият менамоянд. Истеҳсоли равған, тибқи пешгӯии Вазорати рушди иқтисод, бояд дар тӯли се сол аз 27,3 ҳазор тоннаи соли ҷорӣ то соли 2024 ба 43 ҳазор тонна афзоиш ёбад. Ба гуфтаи иқтисоддонҳо, бо назардошти афзоиши аҳолӣ дар як сол, мизони истеъмоли 16,6 кг барои як нафар, ниёз ба равған низ аз 160,8 ҳазор тоннаи соли ҷорӣ то соли 2024 ба 170,6 ҳазор тонна мерасад, ки беш аз 6% аст. Қобили зикр аст, ки ба ҷуз аз Қазоқистон, маҳдудияти содироти равғани офтобпараст аз ҷониби Русия ва Украина, равғани пахта аз ҷониби Ӯзбекистон ва равғани хурмо аз ҷониби Индонезия ҷорӣ карда шуд.

Бино ба маълумоти Агентии омори назди Президенти ҶТ, дар 5 моҳи соли 2022 дар Тоҷикистон истеҳсоли моҳӣ, гӯшти мурғ ва тухм ба таври қобили мулоҳиза афзоиш ёфтааст. Аз аввали соли 2022 дар ҷумҳурӣ ҳудуди 17,7 ҳазор тонна гӯшти парранда истеҳсол шудааст. Ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 23,3% бештар аст. Афзоиши истеҳсоли гӯшти мурғ дар вилояти Хатлон 27,2%, дар вилояти Суғд 22,2%, ГРНМ 21,2%-ро ташкил дод.

Дар панҷ моҳи соли ҷорӣ истеҳсоли тухми мурғ ба 487,5 миллион дона расид, ки нисбат ба соли гузашта 27,1% зиёд мебошад. Афзоиши истеҳсоли тухм дар вилояти Суғд 35,2% ва дар ВМКБ 16%-ро ташкил дод.

Дар панҷ моҳи соли 2022 дар Тоҷикистон 1 ҳазору 43 тонна моҳӣ тавлид шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 33,1 дарсад бештар аст.

Вилояти Хатлон сайди моҳиро аз ҳама бештар – 708 тонна зиёд кардааст, ки нисбат ба соли гузашта 47% зиёд мебошад. Дар ҳаҷми умумии сайди моҳӣ лаққамоҳӣ (251 тонна), амури сафед (139 тонна) ва зағорамоҳӣ (129 тонна) пешеафанд. Илова бар ин, дар ин давра дар Тоҷикистон беш аз 58 ҳазор гӯшт ва ҳудуди 298 ҳазор тонна шир истеҳсол шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 2-3% зиёд аст [4]. Бешубҳа, бузургтарин дастоварди мо пас аз иҷлосияи таърихӣ барқарории сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон аст. Агар пас аз ба даст овардани истиқлолият ба кишвар назар андозед, маълум мешавад, ки баъди ин иҷлосия дар кишвар марҳалаи нави рушд: бунёди роҳи оҳани Қурғонтеппа – Кӯлоб, роҳи автомобилгарди Кӯлоб – Хоруғ – Кулма – Қарскурум, Истиқлол ва нақбҳои Шар-Шар, шоҳроҳи Душанбе-Айнӣ-Хуҷанд-Чаноқ, Душанбе-Турсунзода-сарҳади Ӯзбекистон, Айнӣ-Панҷакент, Хоҷа-Сартез, кони гази Хоҷа-боқиргон, фурудгоҳи Кӯлоб ва таҷдиди фурудгоҳҳои Душанбе ва Хуҷанд, барқарорсозии роҳи оҳани Ваҳдат-Ёвон, Душанбе-Ваҳдат-Ёвон, сохтмони НБО-и Сангтӯда 1, 2, ба истифода додани неругоҳи барқи обии Роғун ва иншооти бузурги саноатӣ дар деҳоту шаҳрҳо, ободонии роҳу пулҳои аҳолинишин, махсусан дар ноҳияи Рашт ва водиҳои Вахш, дар саросари кишвар бо кишварҳои хориҷӣ таъсис додани даҳҳо корхонаҳои муштарак оғоз ёфт [3].

Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ, ки дар дуввумин шаҳри бузурги кишвар баргузор шуд, шаҳри Хуҷандро ба мисли Теҳрону Қрим, Потсдам ва Ҳелсинки, ки дар он ҷо конфронсу вохӯриҳои тақдирсоз баргузор мешуданд, шуҳратманд гардонд. Сессияи таърихии XVI Шурои Олӣ асоси фарҳанги нави сиёсӣ гардид. Истиқлолият, якпорчагӣ, ваҳдат дар ҷомеа ҳамчун арзишҳое эътироф гардиданд, ки фарҳанги нави сиёсиро ташкил медиҳанд [5].

Ин рӯйдод дар таърихи кишвар фаромушнашаванда мебошад, марҳилаи мусолиҳаи миллӣ ва нақши Сарвари давлат дар ин раванд беназир аст. Бо итминони комил гуфта метавонем, ки дастовардҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар ҷаҳон намояндагӣ мекунад, дар заминаи татбиқи қарорҳои Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба даст омадааст. Ин вохӯрӣ барои ташаккули давлатдории навини тоҷикон, эҳёи давлати миллӣ, таъмини сулҳу ваҳдат, баланд бардоштани нуфузи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ заминаи боэътимод гузошт. Ҳатто дар рӯзҳои аввали роҳбарӣ Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда буд, ки “то сулҳу амният барқарор нашавад, то охирин гурезаро аз давлатҳои дигар барнагардонем, ман ором намешавам”. Мақсади асосӣ муттаҳид сохтани миллат буд, ки Сарвари давлат онро хеле барҷаста ҳал карда буд [7].

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз интихоб шуданаш ба ин мақом бо қатъият изҳор доштанд, ки ҷонибдори бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ буда, ба эътидол овардани вазъи иҷтимоию сиёсӣ ва расидан ба сулҳ аз масъалаҳои асосии иҷлосия буд. Бо ин мақсад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардани 26 ноябри соли 1992» қабул гардид, ки баъди он раванди барқарорсозии сулҳ дар кишвар оғоз гардид. Яъне дар ин иҷлосия қадами аввал барои барқарории сулҳ гузошта шуд ва тавре ҳамватанони мо хуб дар ёд доранд, пас аз музокироти беш аз 40 моҳи душвор 27 июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид [9].

«Агар дар тули ин 30 сол мардуми Тоҷикистон, хоҳ пиру хоҳ ҷавон аз сиёсати мо пуштибонӣ намекарданд, ба гумон аст, ки мо ба сулҳу оромӣ, таъмини рушду пешрафт ноил мешудем. Яъне мо ин рӯзҳҳои равшану деринтизорро ба даст намеовардем. Ман дар назди ин халқи қаҳрамон бо як иродаи шикастнопазир сари таъзим фуруд меорам», - гуфта буд Сарвари давлат Эмомали Раҳмон [13].

Дарси таърих, гузаштаи пуршараф ва бартариҳои давлати навини миллӣ, таҷлили ҷашнҳои пурарзише чун 1100-солагии давлатдории Сомониён, 2500-солагии Истаравшани бостонӣ, 2700-солагии Кӯлоб ибратбахш аст. Соли Тамаддуни Ориёӣ, 3000-солагии Ҳисор ва 5500-солагии Саразми бостонӣ мояи ифтихору таҷлили ҳар як тоҷик аз арзишҳои гузаштаву фардои пурифтихор аст [14].

Бо мурури замон аҳамият ва арзиши сессия бештар мешавад. Дар бораи сессия шояд асрори ногуфта бисёр бошад. Ба фикри мо, барои таҳияи «Энсиклопедияи сессияи XVI Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон» низ вақту фурсат расидааст. Насли навраси мо аз кӯдакистон то мактаби миёна бояд аз ин саҳифаи таърихи навини мо дарс ва таҷрибаи ибратомӯз бигирад [16].

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ - Қурбонов А.К.**

**АДАБИЁТ**


1. 16-я сессия Верховного Совета: что она принципиально дала. [Электронный ресурс]. URL: www.asiaplus.tj.info
2. 30-летие исторической XVI-ой Сессии Верховного Совета / Нематзода Маликшо. [Электронный ресурс]. URL: nafzka.tj about news. Item’’/58
3. Во Дворце Арбоб чествовали 30-ю годовщину 16-й Сессии Верховного Совета Республики Таджикистан // Avesta.tj 17.11.2022.
4. Историческое значение XVI Сессии Верховного Совета для формирования современной таджикской государственности / Альфия Баширова.
5. Камолова М. XVI сессия Верховного Совета – судьбоносная дата таджикской государственности / М. Камолова // Народная газета Республики Таджикистан от 18.11.2021.
6. Мухаметов Г.Б. Судьбоносная XVI Сессии Верховного Совета / Г.Б. Мухаметов // Народная газета Республика Таджикистан. -19.11.2020. – 11-19.
7. Набиев В.М. Древний Худжанд – колыбель миротворчества таджиков / В.М. Набиев // Ученые записки. – 2018. -№2(55). –С.5.
8. Основы новейшей государственности / Под редакцией М. Убайдуллоева. – М., Радуница, 2002. –С.285.
9. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 21 декабря 2021 года, город Душанбе [Электронный ресурс]. URL: www/ vkd.tj index php sobytiya
10. Рахмонзода Зоир. Спаситель нации и государства. [Электронный ресурс]. URL: parlament.tj nevs 11.11.2021.
11. Судьбоносное заседание: что дала Таджикистану XVI сессия Верховного Совета – 92. Sputnik, Гарсия Руден.
12. Тоатов Х.С. Роль XVI Сессии Верховного Совета Республики Таджикистан в установлении мира между таджиками / Х.С. Тоатов // Вестник ТГУПБП. Серия общественных наук. – 2012.
13. Таджикистан - XVI сессия Верховного Совета. [Электронный ресурс]. URL: www.Takikistan. Turkestan.ru
14. Халимова М.М., Шухрати Р. XVI сессия Верховного Совета Республики Таджикистан – возрождение таджикского национального государства. 16.11.2022.

15. Юбилей исторической сессии Верховного Совета отметили в Таджикистане. Сайт Президента Республики Таджикистан // Мир 24. Вера Исмаилова.

**ТАЪСИРИ СЕССИЯИ XVI ШУРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА РУШДИ РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ**

Дар мақола нақш ва аҳамияти Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати 12) баррасӣ шудааст. Муаллифони матлаб зикр кардаанд, ки ин ҳодиса дар таърихи кишвар, марҳалаи мусолиҳаи миллӣ ва фаромушнашаванда буда, нақши Сарвари давлат дар ин раванд беназир аст. Баъдан дар мақола зикр гардид, ки дастовардҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар ҷаҳон муаррифӣ менамояд, дар заминаи татбиқи қарорҳои Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст омадааст. Бешубҳа, бузургтарин дастоварди мо пас аз иҷлосияи таърихӣ барқарории комили сулҳу ваҳдати миллӣ ва рушди иқтисоди кишвар буд. Тибқи ҳуҷҷати пешгӯии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, то соли 2024 ҳаҷми воридоти равғани растанӣ ва чарб то 94 ҳазор тонна коҳиш мeёбад. Истеҳсоли равғани худӣ, тибқи пешгӯии Вазорати рушди иқтисод, бояд дар тули се сол аз 27,3 ҳазор тоннаи соли ҷорӣ то соли 2024 ба 43 ҳазор тонна афзоиш ёбад.

**Калидвожаҳо:** истиқлолият, Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, энсиклопедия, демократия, ваҳдати миллӣ, воридот.

**ВЛИЯНИЕ XVI СЕССИИ ВЕРХОВНОГО СОВЕТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА РАЗВИТИЕ ПРОЦЕССОВ ГЛОБАЛИЗАЦИИ**

В статье рассматривается роль и значение XVI Сессии Верховного Совета Республики Таджикистан (12 созыва). Авторы статьи отметили, что это событие является незабываемым в истории страны, этапом национального примирения и роль Главы государства в этом процессе уникальна. Далее в статье было отмечено, что достижения, которые представляет сегодня в мире Республика Таджикистан, были достигнуты на основе претворения в жизнь решений 16-й Сессии Верховного Совета Республики Таджикистан. Несомненно, нашим величайшим достижением после исторической сессии стало восстановление полного мира и национального единства, развитие экономики страны. Согласно прогнозному документу основных макроэкономических показателей к 2024 году объем импорта растительного масла и жира снизится до 94 тысяч тонн, т.е. собственное производство масла, согласно прогнозам Минэкономразвития, за три года должно увеличиться с 27,3 тысяч тонн до 43 тысяч тонн в 2024 году.

**Ключевые слова:** независимость, XVI сессия Верховного Совета Республики Таджикистан, энциклопедия, демократия, национальное согласие, импорт.

**INFLUENCE OF THE XVI SESSION OF THE SUPREME COUNCIL OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON THE DEVELOPMENT OF GLOBALIZATION PROCESSES**

The article discusses the role and significance of the XVI Session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan (12 convocation). The authors of the article noted that this event is unforgettable in the history of the country, a stage of national reconciliation, and the role of the Head of State in this process is unique. Further in the article it was noted that the achievements that the Republic of Tajikistan represents in the world today were achieved on the basis of the implementation of the decisions of the 16th Session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. Undoubtedly, our greatest achievement after the historic session was the restoration of complete peace and national unity and the development of the country's economy. According to the forecast document of the main macroeconomic indicators, by 2024 the volume of imports of vegetable oil and fat will decrease to 94 thousand tons, i.e. own oil production, according to forecasts of the Ministry of Economic Development, over three years should increase from 27.3 thousand tons to 43 thousand tons in 2024.

**Keywords:** independence, XVI session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, encyclopedia, democracy, national harmony, import.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Каримова Нигина Сайматовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи назарияи иқтисод. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдаки, 17. Телефон: **915-22-12-28.** E-mail: **niginakarimova717@lgmail.com**
***Саидова Шодия Икромовна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдаки, 17. Телефон: **939-28-01-01**. E-mail: **shodiy@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Каримова Нигина Сайматовна*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры экономической теории. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **915-22-12-28.** E-mail: **niginakarimova717@lgmail.com**
***Саидова Шодия Икромовна*** - Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **939-28-01-01**. E-mail: **shodiy@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Karimova Nigina Saimatetovna*** – Tajik National University, senior lecturer at the Department of Economic Theory. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **915-22-12-28.** E-mail: **niginakarimova717@lgmail.com**
***Saidova Shodiya Ikromovna*** - Tajik National University, applicant. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **939-28-01-01.** E-mail: **shodiy@mail.ru**

ТДУ: 338.431 (575.3)

# ТАНЗИМ ВА ЧОРАҲОИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТИИ ҶУМҲУРӢ

***Навруз Носири***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030, қайд шудааст, ки вазифаи минбаъда дар соҳаи истеҳсолоти кишоварзии мамлакат «...васеъ намудани саҳми КАС дар таъмини мавҷудият ва кофӣ будани маводи озуқаворӣ, сифат ва бехатарии онҳо дар асоси гузариш ба сатҳи баланди саноатикунонӣ ва рушди устувори бахши кишоварзӣ дар асоси татбиқ намудани технологияҳои бехатари инноватсионӣ ва экологӣ» иборат мебошад. Комплекси агросаноатӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки вазъи он амнияти озуқаворӣ ва рушди иқтисодии давлатро муайян мекунад. Бояд тазаккур дод, ки дар солҳои охир новобаста аз таъсироти офатҳои табиӣ ва омилҳои буҳронӣ дар сатҳи зарурии устувор қарор дошта, ба ҳисоби миёна 20-24% маҷмуи маҳсулоти дохилиро таъмин менамояд.

Дар соли 2022 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 49272,4 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли 2021-ум 8% зиёд мебошад, аз ҷумла рушди растанипарварӣ 7,7% ва чорводорӣ 8,7%-ро ташкил додааст.

**Диаграммаи 1. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (млн. сомонӣ)**
**Diagram 1. The total volume of production of agricultural products (million Somoni)**




Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе; Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. -С.287.; Пресс – релиз “Оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти вазорат дар соли 2022” - Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://medt.tj/images/13.02.2023-1.pdf

Мутобиқи нишондодҳои оморӣ дар соли 2021 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 45,63 миллиард сомониро ташкил додааст, ки ин нисбат ба соли 2011-ум 3 маротиба зиёд буда, ба ривоҷи истеҳсолоти кишоварзӣ ишорат мекунад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои умумииқтисодии кишоварзӣ**
**Table 1. General economic indicators of agriculture**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **2011** | **2016** | **2019** | **2021** |
| Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (млн. сомонӣ) | **14931,6** | **23008,3** | **27750,4** | **45 633, 1** |
| *Аз он ҷумла*: растанипарварӣ | 10702,1 | 15813,9 | 19279,7 | 31 487,5 |
| чорвопарварӣ | 4229,5 | 7194,3 | 8470,7 | 14 145,6 |

Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013. -С.278.; 2019. -С.284.; 2020. -С.300.; 2022. -С.287.

Дар соли 2022 дар маҷмуъ, ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (хоҷагиҳои ҷамоавӣ, деҳқонӣ ва аҳолӣ) дар майдони 858,4 ҳазор гектар кишти асосӣ ва 114,3 ҳазор гектар кишти такрорӣ гузаронида шуд.

Ба ҳолати 1 сентябри соли 2022 хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамоавӣ дар майдони 114,3 ҳазор гектар кишти такрории зироатҳои кишоварзӣ гузаронианд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 8,9 ҳазор гектар ё 8,5% зиёд мебошад. Инчунин, дар соли 2022 дар майдони 19538,3 гектар кишти барвақтӣ гузаронида шуд, ки нисбат ба соли гузашта 1064,8 гектар ё 5,4% зиёд мебошад.

Солҳои охир, бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои берунӣ, пайи ҳам омадани хушксолӣ ва маҳдудсозии содироти озуқаворӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон, маҳз бо заҳмати шабонарӯзии кишоварзони мамлакат амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шуд.

Соли 2022 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ истеҳсоли ғалладонагиҳо 1756,2 ҳазор тонна, аз ҷумла гандум 934,3 ҳазор тонна, картошка 1094,4 ҳазор тонна, сабзавот 2714,8 ҳазор тонна, аз ҷумла пиёз 672,2 ҳазор тонна, полизӣ 842,6 ҳазор тонна, пахта 404,7 ҳазор тонна, мева 512,1 ҳазор тонна ва ангур 301,1 ҳазор тоннаро ташкил дода, нисбат ба соли 2021 ғалладонагиҳо 10,7%, аз ҷумла гандум 6,6%, сабзавот 4,5%, полизӣ 2,9%, картошка 5,1%, пахта 4,1%, мева 15,2% ва ангур 12,6% зиёд гардида, пиёз 6,6% коҳиш ёфтааст.

**Диаграммаи 2. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯйи категорияҳо**
**Diagram 2. Production of agricultural products by categories**




Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. -С.287.; Пресс – релиз "Оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти вазорат дар соли 2022" - Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://medt.tj/images/13.02.2023-1.pdf

Дар соли 2022 истеҳсоли сабзавот дар гармхонаҳо 24,6% афзоиш ёфта, ба 2968,8 тонна баробар гардид. Дар ин давра, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ истеҳсоли гӯшти чорвои калон ва майда (дар вазни зинда) 300,5 ҳазор тонна (5,9% зиёд нисбат ба соли 2021), гӯшти паранда (дар вазни зинда) 48,7 ҳазор тонна (10,4% зиёд), шир 1064,2 ҳазор тонна (2,1% зиёд), тухм 1212,2 млн дона (15,1% зиёд), пашм 8376,5 тонна (2,8% зиёд), асал 4565,2 тонна (4% зиёд), моҳӣ 4746,4 тонна (8,1% зиёд) ва истеҳсоли пилла 393,1 тоннаро (12,9% кам) ташкил додааст.

Сарфи назар аз динамикаи мусбати ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор мушкилот вуҷуд доранд, ки суръати рушди соҳаро бозмедоранд [11]. Коҳиши вазъи зерсохтори истеҳсолии захираҳои замин ва заминаи моддӣ-техникии кишоварзӣ, вазъи номусоиди маблағгузорӣ ва қобилияти пасти пардохтпазирии қисми зиёди хоҷагиҳои деҳқонӣ, маҳдудияти захираҳои молиявии корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ, ки бевосита ба ҳолати базаи моддиву – техникӣ дар соҳа таъсир мерасонад. Чунин омилҳои макроиқтисодӣ, ба монанди афзоиши нархи барқу сӯзишворӣ, баланд гаштани арзиш ва норасоии тухмӣ, нуриҳои минералӣ, воситаҳои кимиёвии ҳифзи растаниҳо ва дигар воситаҳои моддию техникӣ, ки дар соҳа истифода

мешаванд, ба фаъолияти пурсамари хоҷагидорон ва рушди соҳаи кишоварзӣ низ таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамаи ин имконияти истеҳсолкунандагонро барои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, гузаштан ба технологияҳои нави сарфакунандаи захираҳо душвор месозад. Бо вуҷуди ҳамаи ин то ҳол масъалаҳои муҳимми сиёсати аграрӣ, аз ҷумла номуайянии шаклҳои рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ, ки дар бахши иқтиодӣ асосӣ ҳисобида мешаванд, баррасӣ нашудаанд [1,с.54]. Аз ин сабаб, танзими давлатӣ яке аз воситаҳои зарурии ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ҳисобида шуда ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқотро муайян мекунад.

Аз таҳлили манбаҳои илмӣ дар соҳаи таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни истеҳсолоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки танзими давлатии соҳаи КАС, системаи мураккаби шаклҳо ва тадбирҳои таъсиррасонӣ ба фаъолияти субъектҳое мебошад, ки истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзиро амалӣ мекунанд ва ба таҳкими амнияти озуқаворении кишвар нигаронида шудаанд.

**Расми 1. Шаклҳо ва чораҳои танзими давлатии КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Figure 1. Forms and measures of state regulation of KAS of the Republic of Tajikistan**



Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Дар расми 1, мо, шаклҳо ва чораҳои танзими давлатии кишоварзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунем.

Чуноне аз расми 1 маълум мегардад, шакли ҳуқуқии танзими давлатии КАС тавассути ташаккул ва қабули санадҳои қонунгузорӣ, ки тартиби истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзиро муайян мекунанд, амалӣ карда мешавад [3,с.170]. Дар ин ҳолат шакли ҳуқуқии танзими давлатӣ дар танзими механизмҳои таъсири маъмурӣ ва иқтисодӣ ифода меёбад.

Шакли маъмурии танзими давлатии кишоварзӣ аз ташаккули нишондиҳандаҳои меъёрии рушди соҳа, муайян намудани қоидаҳо ва расмиёти амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ иборат аст. Ҳамин тариқ, танзими маъмурӣ тавассути татбиқи чораҳои иҷозат, маҷбуркунӣ ё манъкунӣ амалӣ карда мешавад.

Шакли иқтисодии танзими давлатии кишоварзӣ истифодаи механизмҳо ва тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки баҳодиҳии арзиши доранд ва вазифаи ҳавасмандкуниро иҷро мекунанд [7,с.140].

Тадбирҳои танзими давлатӣ хусусияти мустақим ва ғайримустақимро доранд, аммо дар як қатор манбаъҳо олимони иқтисоддон чораҳои бевоситаи таъсирро низ ҷудо мекунанд. Ҳамин тариқ, тадбирҳои хусусияти мустақим барои таъмини риояи дақиқи қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, зеро истифодаи онҳо барои мустақилона қабул кардани қарорҳои субъектҳои хоҷагидор ва дар бораи ҷанбаҳои муайяни амалисозии фаъолият имконнопазир аст. Дар айни замон, тадбирҳои ғайримустақими танзими давлатӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ интихоби шароити муайяни фаъолият, яъне тавассути чораҳои ғайримустақим, давлат барои ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолоти кишоварзӣ омилҳои мусоид ба вуҷуд меоранд. Мақсади тадбирҳои бевосита танзими динамикаи рушди кишоварзӣ нест, аммо онҳо то андозае ба равандҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дар кишвар таъсир мерасонанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар сектори аграрӣ, шаклҳои нави хоҷагидорӣ ба вуҷуд омаданд, ки пайдоиши онҳо характер, вазифаҳо ва мундариҷаи системаи идоракунии давлатиро дар КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргун месозанд. Маълум аст, ки КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи иқтисодиёти он нақши калидӣ доранд. Аммо дар КАС ва умуман дар корхонаҳои сектори аграрии ҷумҳурӣ фаъолияти инноватсионӣ начандон дараҷаи баланди рушд дорад. Таҷрибаи мамолики хориҷӣ корхонаҳоеро инноватсионӣ меноманд, ки агар дар соли ҳисобӣ 70% маҳсулоташ дар ифодаи пулӣ аз ҳисоби истеҳсолоти маҳсулоти хусусияти инноватсионӣ дошта ба даст омада бошад [8,с.427]. Аммо дар ҷумҳурии мо, ҳатто дар тамоми КАС бо сабабҳои объективию субъективӣ неруи инноватсионӣ ҳамагӣ 4-5% истифода мешавад. Барои муқоиса ҳамин кофист, ки агар донем, ки ин нишондиҳанда дар корхонаҳои соҳаи аграрии ИМА аз 50% зиёд аст [10,с.3].

Хусусияти хосси идоракунии даврони гузариши иқтисоди комплекси агросаноатӣ ба муносибатҳои бозорӣ, ин танзими бошууронаи ҷараёнҳои истеҳсолӣ дар базаи механизми иқтисодии хоҷагидорӣ мебошад, ки манфиати кулли аъзоёни корхонаву ташкилоти ин низомро бояд дифоъ намояд. Маълум аст, ки дар ин замон соҳиби моликият, яъне воситаҳои истеҳсолот худи истеҳсолкунандагон гардиданд, ки асоси ҳавасмандии иқтисодии онҳоро дар гирифтани фоида ташкил медиҳад. Ҳамзамон, дар ин радиф функсияҳои идоракунии маъмурӣ то андозае аз байн рафтанд ва ҷойи онҳоро усулҳои иқтисодии идоракунӣ гирифтанд. Асоси илмии ташкили идоракунӣ ва хусусан функсияи асосии дастгоҳи идоракунӣ дар истеҳолоти кишоварзӣ, ин ба даст овардан ва нигоҳ доштани мувозинат, яъне тақсимоти оқилонаи ҳамаи унсурҳои истеҳсолот: техника, қувваи корӣ, воситаҳои моддӣ-техникӣ, замин ва об мебошад. Дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани унсурҳои номбурда ва ба инобат гирифтани таносубҳои оқилонаи миёни онҳо дар корхона, муассиса, ташкилот ва ё иттиҳодияи агросаноатӣ ташкили дурусти низоми идоракуниро ба даст овардан мумкин аст. Дар баробари ин, ба таҷрибаи пешқадами давлатҳои рушдкардаи дунё рӯ овардан низ аз аҳаммият холӣ нест. Албатта, дар ин маврид хусусиятҳои хосси истеҳсолоти ватанӣ ва иқтисодиёти мамлакатро ба инобат гирифтан лозим аст. Зеро дар КАС, аз ҷумла дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯза 171354 хоҷагиҳои калон, миёна ва хурд, аз онҳо 239 хоҷагиҳои давлатӣ, 122 ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, 5617 хоҷагиҳои деҳқонии ҷамоавӣ, 175 ҶДММ ва ҷамъиятҳои саҳомӣ, 600 хоҷагиҳои ёрирасони корхонаю ташкилотҳою аҳолӣ ва 164631 хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд [2,с.9]. Ҳамзамон, дар ин комплекс корхонаҳои агросаноатӣ, агрофирмаҳо, корхонаҳои байнихоҷагӣ, ширкатҳои агросаноатӣ, ширкатҳои истеҳсолӣ, комбинатҳо, ширкатҳои илмию истеҳсолӣ ва дигар сохторҳои хоҷагидорӣ ба истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, кашонидан ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд. Мутахассисон бар он ақидаанд, ки 2/3 корхонаҳои истеҳсолии ҷумҳурӣ, корхонаҳои агросаноатӣ ба шумор мераванд ва дар шароити имрӯза зиёда аз 43% МУД ҷумҳуриро КАС он истеҳсол мекунанд, ин дар ҳолате, ки на зиёда аз 25% маҳсулоти кишоварзии кишвар барои коркард ба корхонаҳои агросаноатӣ ворид мегардад [9,с.35]. Лозим ба ёдоварист, ки шаклҳои номбурдаи фаъолияти хоҷагидорӣ, асосҳои гуногуни иқтисодӣ-ташкилӣ доранд. Аз ин рӯ, асосҳои ташкили идоракунии давлатӣ ва дастгирии давлатии субъектҳои истеҳсолии КАС, аз

ҷумла фаъолияти инноватсионии онҳо дар шароити кунунӣ ба консепсияи аз нигоҳи илмӣ-амалӣ асоснокгардида ниёз дорад.

Баъди баррасии масъалаи мазкур, омилҳои асосии рушди инноватсионии ҷумҳуриро чунин арзёбӣ менамоем:

-идоракунии начандон самараноки КАС-и ҷумҳурӣ, аз ҷумла ПИТ ва набудани алоқамандию ҳамкориҳои зичи давлат ва бизнеси хусусӣ;

- яку якбора камшавии хароҷотҳои давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ;

- дараҷаи пасти тайёрии касбии коркунони соҳа;

- хеле заиф будани маркетинги корхонаҳои КАС;

- дараҷаи пасти молиякунонии дастовардҳои инноватсионӣ ва дар истеҳсолот ҷорисозии онҳо;

-коркард нашудани механизми воқеии ҳавасмандии ҷорисозии инноватсияҳо дар корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва ғ. [14,с.61]

Дар ҳақиқат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳиммияти рушди инноватсиониро барои соҳаи кишоварзӣ саривақт дарк намуда, ба воситаи мақомоти давлатии дахлдор (Вазорати кишоварзӣ, Вазорати иқтисод ва савдо ва ғ.) сиёсати аграрии худро дар ин самт амалӣ ва ривоҷу равнақ дода истодааст, ки онро чунин нуктаҳо арзёбӣ менамоянд: 1) Асосҳои институтсионалии ин фаъолият ташаккул ёфта, унсурҳои асосии инфрасохтори инноватсионӣ, махсусан, технопаркҳо, корхонаҳои хурди инноватсионӣ, марказҳои технологияи пешқадам, паркҳои илмию техникӣ, бизнес-инкубаторҳо, технополисҳо дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор доранд; 2) Таҳлили масоили дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар низоми идоракунии корхонаву ташкилотҳои кишоварзӣ нишон доданд, ки давлат рушди инноватсия ва фаъолияти инноватсионии субъектҳои соҳаи мазкурро ҳамаҷониба ва бо тарзу усулҳои гуногун маблағгузорию молиягузорӣ менамояд. Аммо соҳаи кишоварзӣ соҳаи ниҳоят меҳнатталаб ва маблағталаб (махсусан дар мавриди ҷорисозии инноватсияҳо) ба шумор меравад. Аз ин рӯ, он маблағгузориҳое, ки давлат барои дастгирии соҳаи кишоварзӣ ва фаъолияти инноватсионии корхонаву ташкилотҳои он ҷудо мекунад, барои фарогирии тамоми корхонаву ташкилотҳои ин низом кифоягӣ намекунад. Аз ҷониби дигар, аксари ин дастгириҳо (тухмии хушсифат, зотҳои сермаҳсул, ваксинаҳои гуногун ва ғ.) хусусияти яквақтина доранд ва самараи бардавомро таъмин карда наметавонанд; 3) Таҳлили корбастҳои давлат дар бахши дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар низоми идоракунии корхонаву ташкилотҳои кишоварзӣ нишон доданд, ки ҳама намудҳои дар боло зикршуда имрӯз дар таносубҳои гуногун ва сатҳои мухталиф дар истеҳсолоти кишоварзии ҷумҳурӣ амалӣ гардида истодаанд, аммо дар доираҳои хеле маҳдуд. Аз ин ҷост, маҳсулоти инноватсионии соҳаи кишоварзӣ ҳатто 20,0% маҳсулоти умумии онро ташкил намедиҳад; 4) Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ яке аз роҳҳои баромадан аз ин вазъияти ҳалталаб, иштироки бевоситаи давлат дар фаъолияти сармоягузории инноватсияҳои корхонаю ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи давлатҳои дорои сектори аграрии рушдкарда нишон медиҳад, ки давлат ба роҳҳои гуногун метавонад дар фаъолияти инноватсионии корхонаю ташкилотҳои соҳа иштирок намояд. Якчанд нуктаҳои таҷрибаи самараноки мамолики рушдкардаро дар ин бахш мавриди баррасӣ қарор медиҳем: а) давлат аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ ва маблағҳо аз фондҳои гуногун, ки ҳамасола ба тариқи бебозгашт ба соҳаи кишоварзӣ равона месозад, метавонад дар ҳама ноҳияҳои кишоварзии ҷумҳурӣ корхонаҳои махсусгардонидашуда, яъне стансияҳои моддӣ-техникӣ (СМТ) ташкил диҳад. Бо роҳи ташкили СМТ, давлат метавонад дар 5-7 сол БМТ соҳаи кишоварзиро нав кунад, талаботи хоҷагиҳои навташкил (дар мисоли ҷумҳурии мо зиёда аз 200 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ)-ро ба техника ва технологияи навтарин, тухмӣ, хӯроки чорво, воситаҳои химиявии муҳофизати растаниҳо ва чорво ва ғ. таъмин намояд; б) Тавассути ташкили СМТ давлат пеши роҳи ғайримақсаднок истифодашавии маблағҳои аз буҷаи давлат ҷудошударо гирифта, тавассути Вазорати кишоварзӣ бевосита дар соҳаи кишоварзӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешавад, яъне дар базаи чунин корхонаҳо Вазорати кишоварзӣ метавонад хизматрасониҳои агрономӣ, байторӣ, зоотехникӣ, инжинерӣ, иқтисодию муҳосибӣ (барои супоридани андозҳо, ҳуҷҷатгузорӣ, кафолат, тайёр кардани бизнес-нақшаҳо, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, омӯзиши компютер ва равандҳои ҳокимияти

электронӣ)-ро ба тариқи пулакӣ ба роҳ монад. Дар натиҷа, норасоии кадрҳо дар соҳаи кишоварзӣ, махсусан дар хоҷагиҳои деҳқонӣ кам шуда, дастрасии онҳо аз хизматрасониҳои номбурда таъмин мегардад; в) давлат тавассути ташкили чунин стансияҳо барои дар амал татбиқ намудани сиёсати аграрии пешгирифтааш (аз ҷумла барои рушди инноватсионии сектори аграрӣ) дар тамоми ноҳияҳои кишоварзии ҷумҳурӣ заминаҳои иқтисодию иҷтимоиро фароҳам меоварад. Зимни ташкили чунин СМТ дар ҳар як ноҳияи ҷумҳурӣ садҳо ҷойҳои кории доимӣ пайдо мегарданд; г) Коршиносони ин мавзуъ таҷрибаи амалии фаъолияти СМТ-ро таҳлил намуда, ба хулосае омаданд, ки самаранокии истифодаи техникаи кишоварзӣ дар СМТ нисбати дигар шаклҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар кишоварзӣ 25% баланд аст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Давлатзода М.Х.**

**АДАБИЁТ**


1. Барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ барои солҳои 2012-2022.
2. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе, 2020. -С.9.
3. Мельников, А.Б. Методы государственного регулирования АПК / А.Б. Мельников, В.Н. Деркач, А.В. Гарибян // Развитие сельскохозяйственных территорий как фактор совершенствования продовольственного обеспечения России. -Краснодар: ФГБУ «Российское энергетическое агентство» Минэнерго России Краснодарский ЦНТИ – филиал ФГБУ «РЭА» Минэнерго России, 2022. -С.170-175.
4. Махмадиев, Ф.Б. Государственное регулирование зернового рынка / Ф.Б. Махмадиев // Вестник Таджикского технического университета. – 2012. -№1(17). -С.99-103.
5. Махмадиев, Ф.Б. Ценообразование на сельскохозяйственную продукцию региона / Ф. Б. Махмадиев, З. М. Джабборова // Peasant. – 2013. -№3. -С.57.
6. Махмадиев, Ф.Б. Зарубежный опыт государственного регулирования фермерской кооперации / Ф.Б. Махмадиев, Мехроби И.Х., З.М. Джабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. -№2/6. -С.157-161.
7. Павлишин, Б.И. Государственная поддержка развития АПК в России / Б.И. Павлишин, М.Х. Барчо // Вектор экономики. – 2021. -№10(64). -№34.
8. Печатнова А.П. Инновационное развитие сельского хозяйства: проблемы и перспективы / А.П. Печатнова // Молодой ученый. - 2014. -№4. -С.427-429.
9. Программа реформирования сельского хозяйства РТ на 2012-2020 годы / Постановление Правительства РТ от 1.08.2012 года, №383. -С.23; Таджикистан доступ к ресурсам для человеческого развития. / Национальный доклад о человеческом развитии 2014. -Душанбе, 2015. -С.32-35.
10. Романенко Г. Передовые научные разработки -агропромышленному производству / Г. Романенко // АПК: экономика и управление. - 2007. -№3. -С.3-6.
11. Сомонаи расмии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https:// https://moa.tj.
12. Тағоев Ҷ.Ҳ. Дурнамои рушди стратегии комплекси озуқаворӣи ҷумҳурӣ дар низоми комплекси агросаноатӣ / Ҷ.Ҳ. Тағоев, Бахтиёри И.М. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -№5. -С.61-70.
13. Тағоев Ҷ.Ҳ. Сармоягузориҳо ва дурнамои рушди саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии минтақаи Кӯлоб / Ҷ.Ҳ. Тағоев, Намозализода Ш.Н. // Молия ва иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. - 2023. -№20(32). –С.99-111.
14. Файзуллоев М.К. Формирование и развитие инновационной деятельности в аграрной сфере национальной экономики: основные проблемы / М.К. Файзуллоев // Земледелец: науч.-теорет. журн. - 2011. -№4(52). -С.60-61.


## ТАНЗИМ ВА ЧОРАҲОИ ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТИИ ҶУМҲУРӢ


Дар мақола танзими дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС таҳлил ва арзёби гардида, инчунин қайд гардидааст, ки соҳаи кишоварзӣ ё КАС яке аз муҳимтарин соҳаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва умуман дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Маҳз ба воситаи ҳамин соҳа яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакат амнияти озуқаворӣ таъмин мегардад. Дар мақола ҷанбаҳои назариявии дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС таҳлил карда шудааст. Таҷрибаи давлатҳои рушдкарда дар соҳаи рушди фаъолияти инноватсионӣ нишон медиҳад, ки инноватсияҳо дар рушди КАС-и ҳар як давлат нақши калидиро иҷро менамояд. Муаллиф қайд менамояд, ки ҷоннок намудани фаъолияти инноватсионӣ дар КАС на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки аз ҷиҳати амалӣ барои Тоҷикистон муҳим аст, чунки дар ин маврид нақши якуминдараҷа ва асоситарини инноватсияҳо дар раванди рушди соҳаи аграрӣ ва саноатӣ дар роҳи коркард ва қабули стратегияҳои нав ба мақсади рақобатпазир гардонидани давлат пайдо мегардад. Рушд ёфтани дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ барои таъмини амнияти озуқавории мамлакат аҳаммияти муҳим дорад. Муаллиф чунин ақида дорад, ки чи қадар давлат барои дастгирӣ ва истифодаи инноватсияҳо аз лиҳози иқтисодӣ дар КАС самаранок буда, дар замони муосир гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ барои Тоҷикистон ногузир аст.

**Калидвожаҳо:** инноватсия, дастгири давлатӣ, механизми дастгирии давлатӣ, комплекси агросаноатӣ, рушди инноватсионӣ, рақобатпазирӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, ҷараёнҳои инноватсионӣ, идоракунии инноватсияҳо.

## РЕГУЛИРОВАНИЕ И МЕРЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОДДЕРЖКИ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ АГРОПРОМЫШЛЕННЫЙ КОМПЛЕКС РЕСПУБЛИКИ

В статье анализируется и оценивается регулирование государственной поддержки инновационной деятельности в АПК, а также отмечается, что аграрный сектор или АПК является одной из важнейших отраслей в Республике Таджикистан и в мире в целом. Именно благодаря этой отрасли одной из стратегических целей страны является обеспечение продовольственной безопасности. В статье анализируются теоретические аспекты государственной поддержки инновационной деятельности в АПК. Опыт развитых стран в сфере развития инновационной деятельности показывает, что инновации играют ключевую роль в развитии АПК каждой страны. Автор отмечает, что активизация инновационной деятельности в АПК важна не только с теоретической, но и с практической точки зрения для Таджикистана, поскольку в этом случае первая и важнейшая роль инноваций в процессе развития аграрно-промышленного сектора заключается в разработке и принятии новых стратегий с целью сделать государство более конкурентоспособным. Развитие государственной поддержки инновационной деятельности предприятий агропромышленного комплекса имеет важное значение для обеспечения продовольственной безопасности страны. Автор придерживается мнения, что многие государства экономически эффективны в поддержке и использовании инноваций в АПК, а в настоящее время переход к инновационной экономике неизбежен для Таджикистана.

**Ключевые слова**: инновации, государственная поддержка, механизм государственной поддержки, АПК, инновационное развитие, конкурентоспособность, обеспечение продовольственной безопасности, инновационные процессы, инновационный менеджмент.

## REGULATION AND MEASURES OF STATE SUPPORT OF INNOVATION ACTIVITIES AGRICULTURAL COMPLEX OF THE REPUBLIC

The article analyzes and evaluates the regulation of state support for innovation in the agro-industrial complex, and also notes that the agricultural sector or agro-industrial complex is one of the most important industries in the Republic of Tajikistan and in the world as a whole. It is thanks to this industry that one of the country’s strategic goals is to ensure food security. The article analyzes the theoretical aspects of state support for innovation in the agro-industrial complex. The experience of developed countries in the development of innovation activities shows that innovation plays a key role in the development of the agro-industrial complex of each country. The author notes that the activation of innovation activity in the agricultural sector is important not only from a theoretical but also from a practical point of view for Tajikistan, since in this case the first and most important role of innovation in the process of development of the agricultural-industrial sector is to develop and adopt new strategies in order to make the state is more competitive. The development of state support for innovative activities of agricultural enterprises is important for ensuring the country's food security. The author is of the opinion that many states are economically efficient in supporting and using innovations in the agricultural sector, and in modern times the transition to an innovative economy is inevitable for Tajikistan.

**Keywords:** innovation, state support, mechanism of state support, agro-industrial complex, innovative development, competitiveness, ensuring food security, innovative processes, innovative management.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Навруз Носири*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг. **Суроға**: 735360, ш. Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С.Сафаров, 16.Телефон: **(+992) 918-29-39-55.** E-mail: **nosiri.1990@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Навруз Носири*** – Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки, кандидат экономических наук, и.о. доцента кафедры менеджмента и маркетинга. **Адрес:** 735360, г. Куляб, Республика Таджикистан, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **(+992) 918-29-39-55**. E-mail: **nosiri.1990@mail.ru**

**Information about the author:** ***Navruz Nosiri*** – Kulyab State University named after Abuabdulakha Rudaki, Candidate of Economic Sciences, Acting Associate Professor of the Department of Management and Marketing. **Address**: 735360, Kulyab, Republic of Tajikistan, S. Safarova street 16. Phone: **(+992) 918-29-39-55.** E-mail: **nosiri.1990@mail.ru**

ТДУ: 330.46(575.3)

# ТАНЗИМИ ТАВАРРУМ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ТАЪСИРИ МАНФИИ ОН БА ИҚТИСОДИЁТ

*Қурбонов В.Н.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз вазифаҳои асосии ҳукумат мубориза бар зидди болоравии нархҳо – таваррум ба ҳисоб меравад, зеро аз таҳти назорат баромадани он оқибатҳои ногувор дорад [5,с.197]. Илова бар ин, қайд кардан зарур аст, ки вазифаи давлат дар баробари нигоҳдории мувозинати нархҳо, ки он ба сатҳи даромади аҳолӣ мувофиқ карда шудааст, ин ҳавасмандгардонии субъектҳои иқтисодӣ барои таъмини талаботҳои дохилӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегӣ мебошад. Дар шароити имрӯза агар болоравии нархҳо дар давраи ҷорӣ барои истеҳсолкунанда муваққатан таъсири мусбат дода бошад, дар оянда он метавонад боиси барзиёдии мол ва бемайлон коҳишёбии нархҳо гардад, ки аз як тараф, ба истеҳсолкунанда аз дигар тараф, ба буҷети давлат таъсири манфӣ мерасонад. Дар сатҳи иқтисоди миллӣ вобаста ба бавуҷудоии падидаҳои номатлуб, ки дар таркиби маҳсулот вобаста ба арзиши аслии маҳсулотҳо ба таври сунъӣ ё воқеӣ арзиши изофиро ба вуҷуд меоранд, он ба сатҳи некуаҳволии мардум мусоидат менамояд ва таварруми пулиро ба вуҷуд меорад. Қайд кардан зарур аст, ки ба андешаи мо, таварруми пул хосиятҳои умумииқтисодӣ дошта, он на танҳо ба сатҳи истеҳссолот, балки ба захираҳои пулии бонкҳо низ таъсири манфӣ мерасонад. Агар дар таркиби иқтисоди миллӣ мунтазам болоравии нархҳо ба назар расад, пас чунин ҳолат боиси коҳиш ёфтани ҳавасмандии аҳолӣ барои гузоштани маблағҳои озод ба сифати амонату пасандозҳо дар бонкҳо боис мегардад. Аз ин лиҳоз, назорати таваррум ва танзими меъёри мутавозини он сатҳи истеҳсолот ва субъектҳои ба ин баробар иборат мебошад.

Дар ҷомеаи иқтисодӣ, таъмини рушди иқтисодиёт ва нигоҳ доштани мувозинати нархҳо, ки он таварруми пулро ба вуҷуд меорад, муҳим ва зарурӣ мебошад. Дар аксар маврид, таваррумро ҳамчун падидаи номатлуби ҷомеаи иқтисодӣ дониста ба оқибатҳои иҷтимоию иқтисодиии он аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳанд. Таърихи таваррум дар ҳамон давлатҳое хатарафзо мегардад, ки иқтисодиёти он давлатҳо ба муҳити беруна ё иқтисодиёти беруна бисёр вобаста мебошад. Дар Тоҷикистон идораи таваррум дар таркиби сиёсати пулию қарзӣ тавассути фишангҳои мустақили иқтисодию пулӣ танзим гардида, ба он аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад. Бо ин мақсад, ба андешаи мо, дар шароити имрӯза як қатор сиёсатҳои идоракунии таваррум мавриди коркард қарор дошта, сиёсатҳои идоракунӣ дар ҳама ҳолат метавона шиддати таъсири манфии таваррумро коҳиш диҳад (нигар расми 1).

Вобаста ба маълумотҳои расми 1, қайд кардан зарур аст, ки дар ҳама шароит масоили танзими таваррум ва нигоҳ доштани мувозинати ҳадди имкони он дар иқтисодиёт аз роҳу воситаҳои гуногун дар доираи сиёсатҳо ба роҳ монда мешавад. Сиёсати танзими таваррум ё зиддитаваррумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон акчанд меъёру роҳҳоро дар бар гирифта, вобаста ба вазъи иқтисодии кишвар дар ҳар шакл сурат гирифта, танзим карда мешавад. Татбиқи дурусти нигоҳ доштани мувозинати нархҳо аз сиёсатҳои таваррумӣ иборат буда, мутобиқи сиёсати иқтисодии давлат ва иқтидорҳои мавҷудаи он ба роҳ монда мешавад. Ба андешаи мо, сиёсати маҳдудкунии таваррум яке аз механизмҳои асосие мебошад, ки ҳиссаи молҳои хориҷиро барои додани имконият ба истеҳсолкунандагони дохилӣ фароҳам меорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати маҳдудкунии таваррум ба таври мустақим мавҷуд набошад ҳам, ҳукумати кишвар ва роҳбари давлат ҳамавақт талошт менамояд, ки бартарӣ ба истеҳсолкунандагони дохилӣ дода шавад. Илова бар ин, бояд гуфт, ки сиёсати маҳдудкунӣ барои таъмини мувозинати сатҳи таваррум дар давраи дарозмуддат, зина ба зина барои ёри ба дигар сиёсатҳои танзими таваррумӣ бояд дар як давраи муайян чораҳои зерин андешида шаванд:

**Расми 1. Модели сиёсати идоракунии таваррум вобаста ба нигоҳ доштани мувозинати рушди иқтисодӣ**

**Figure 1. Model of inflation management policy related to maintaining the balance of economic development**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф

1. Ташкили инфрасохтори зарурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои ниёзи аввал дар дохили кишвар ва додани имтиёз ба онҳо.
2. Вобаста ба ташкили истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда зина ба зина маҳдуд кардани ҳиссаи молҳои хориҷӣ барои тақвияти минбаъдаи истеҳсолоти дохилӣ.
3. Танзими номгӯи маҳсулотҳои истеҳсолшаванда дар дохили кишвар, ки ҳангоми барзиёдии он бидуни баровардани он ба хориҷи кишвар дар соли оянда ба сатҳи нархҳои пасту баландшавӣ муосидат менамояд.
4. Маблағгузории мақсаднок ва имтиёзнок ба бахши воқеии иқтисодиёт бодарназардошти роҳ надодан ба болоравии таваррум дар сатҳи иқтисодиёти малакат.
5. Гирифтани пеши роҳи ғайриқонунии боло бурдани нархҳои бедарназардошти тағйир ёфтани таркиби истеҳсолот дар бозорҳои дохилӣ ва дигар марказҳои фурӯш.
6. Ташкили муҳити рақобат байни истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои ниёзи аввал дар дохили кишвар ва бо мурури замон дар хориҷ аз кишвар ва ғ.

Қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, сиёсати меъёрӣ ба таври озод истифода гардида, то солҳои 2020-2021 идома дошта, баъд аз солҳои мазкур тамоили ҷиддиятро ба худ касб намуд. Илова бар ин, қайд кардан зарур аст, ки сиёсати имрӯзаи таварруми Тоҷикистонро сиёсати меъёрӣ меноманд, ки дар доираи меъёрҳои «ҳадафгирии таваррум» пеш бурда мешавад. Албатта, сиёсати меъёрӣ барои соли оянда дар доираи дурнамои сиёсати пулию қарзӣ барои қабули қонуни буҷети давлатӣ ба назар гирифта мешавд.

Дар дигар маврид, дар сатҳи иқтисодиёти мамлакат, сиёсати меъёриро дар айни замон суботи нархҳо татбиқ менамояд. Суботи нархҳо маънои сатҳи паст ва муътадили нархҳо (таваррум) дар иқтисодиётро дорад, ки меъёри он бо намояи (индекси) нархҳои истеъмолӣ муайян карда мешавад. Таъмини суботи нархҳо ва нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум, ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои фундаменталии макроиқтисодӣ барои коҳиш додани номуайянӣ ва интизориҳои манфии аҳолӣ, зиёд гаштани эътимод ба пули миллӣ, тақсимоти босамари захираҳо, афзоиши пасандозҳо ва сармоягузориҳои аҳолӣ, ки дар маҷмуъ, дар рушди воқеии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва сатҳи некуаҳволии мардум инъикос мегардад, заминаи мусоид фароҳам меорад. Бинобар ин, сатҳи муътадили таваррум ҳамчун омили муҳимми рушди устувори иқтисодиёт барои таъмини суботи иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ аҳаммияти хосса дорад. Аммо, баръакси ин ҳол, сатҳи баланд ва ноустувори таваррум ба рушди устувори иқтисодиёт ва сатҳи даромаднокии аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, барои паст гардидани эътимод ба пули миллӣ, тақсимоти

ғайрисамараноки захираҳо ва сармоягузориҳо дар иқтисодиёт, зиёд шудани номуайянӣ ва интизориҳои манфии агентҳои иқтисодӣ ва ниҳоят эҳтимоли пайдо шудани шиддати ичтимоӣ замина мегузорад [6]. Бояд иброз дошт, ки дар шароити аз назорати давлат муваққатан ё доимӣ берун шудани сатҳи таваррум, он метавонад ба самтҳои зерин таъсири манфӣ расонад:

1. Бамаротиб бекур шудани захираҳои пулии аҳолӣ, ки ба пастшавии қобилияти харидории онҳо оварда мерасонад.

2. Коҳишёбии ҳавасмандии фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар корхонаву ширкатҳои фаъолияти истеҳсолидошта.

3. Вайрон шудани чараёни азнавтақсимкунии сармоя ҳангоми пайдо гардидани талаботҳои иловагӣ.

4. Бамаротиб коҳишёбии сармоягузориҳои дарозмуддат дар соҳаҳои истеҳсолот ва хизматрасонӣ.

5. Афзоиши бемайлони пинҳонкории истеҳсолкунандагон ва гурехтан аз пардохти андоз ва дигар пардохтҳои базимадоштаи онҳо.

6. Даст кашидан аз истеҳсолот ва гузаштан ба соҳаҳои манфиати яктарафа дошта.

7. Номуносиб ё бефоида гаштани истифодаи комёбиҳои илмию техникӣ барои пешрафти истеҳсолот ва ғ. [5,с.200].

Илова бар гуфтаҳои боло, қайд кардан зарур аст, ки занчираи сиёсати меъёрӣ таркиби амиқи масъалаи таваррумро боназардошти талаботҳои иқтисодӣ ва таркиби иқтисод муайян намуда, он ҳамеша зери назорати Бонки милли Точикистон қарор дода мешавад. Дар айни замон сиёсати меъёрии таваррум ба сиёсати қурбӣ (речаи шинокунанда) ва як қатор меъёрҳои дигари ба ин баробар танзим карда мешавад, ки натичаи онро ба таври тағйирёбанда дар расми 2 мушоҳида кардан мумкин аст. Бояд ёдовар шуд, ки дар соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат (солҳои 2024-2025), ҳадафи таваррум дар доираи 6,0% (+/- 2 банди фоизӣ) пешбинӣ карда мешавад. Сатҳи тағйирёбии меъёри мазкурро дар расми 2 мушоҳида кардан мумкин аст.

**Расми 2. Сатҳи таваррум ва ҳадафи он дар давраи миёнамуҳлат дар Чумҳурии Точикистон**
**Figure 2. Inflation rate and its target in the medium term in the Republic of Tajikistan**




Сарчашма: Аз дурнамои сиёсати пулию қарзии Чумҳурии Точикистон барои соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат сохта шудааст.

Вобаста ба маълумотҳои расми мазкур, қайд кардан зарур аст, ки бо назардошти таъсири хавфҳои эҳтимолии чойдошта ва бетағйир мондани дигар омилҳо дурнамои сатҳи таваррум барои соли 2023 аз рӯи сенарияҳои оптимистӣ ва базавӣ дар доираи ҳадафи муқарраршуда дар чанд соли охир ба таври мутавозин вобаста ба ҳолати воқеӣ, меъёри ҳадаф ва ҳудудҳои поёнию болоӣ дар соли 2023 ба чойи меъёри максималии сатҳи поён ва боло тамоили баръаксро касб намуда, -2 б\ф коҳиш ёфтааст. Дар иқтисодиёти Чумҳурии

Тоҷикистон сиёсати меъёрӣ, ин сиёсати мувофиқ ба имконият ва иқтидори иқтисодии кишвар мебошад, ки айни замон амали он ба манфиати ҷомеа ва субъектҳои иқтисодӣ мебошад. Дар сиёсати меъёрӣ бартарии асосии назорат ва танзими таваррум аз масъалаҳои зерин вобаста мебошад:

1. Нигоҳ доштани мувозинати сатҳи нархҳо бо ёрии фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва дигар меъёрҳои қонунии ба танзими пулу қарз алоқаманд.

2. Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун органи асосӣ, ки масъалаи суботи нархҳо ва сатҳи таваррумро дар як давраи муайян вобаста ба нишондиҳандаҳои пулӣ ва талаботҳои пулӣ танзим менамояд.

3. Ба таври фазоянда коҳиш додани талаботҳои нақдӣ ва дар доираи имконият тақвият додани амалиёҳои гуногуни бонкӣ ба тариқи ғайринақдӣ ва ғайра.

Илова бар ин, қайд кардан зарур аст, ки татбиқи доимии сиёсати меъёриро дар айни замон ҳадафгирии пулӣ ифода менамояд, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон пеш бурда мешавад. Аз ин хотир, ки сиёсати таваррумӣ ба сиёсати пулию қарзӣ алоқамандии зич доранд, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи самаранокии реҷаи ҳадафгирии таваррум механизмҳои трансмиссионии сиёсати пулию қарзӣ ва усули сиёсати фоизиро истифода мебарад. Ҳамзамон, бо ин қайд кардан зарур аст, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати нигоҳ доштани мувозинати дар боло зикргардида, чораҳои зерин ҷиҳати амалӣ шудани ин ҳадафҳои меъёрӣ амалӣ гардадаанд [1,с.10]:

1. Идома додани тақвияти эътимоди аҳолӣ ва дигар субъектҳо ба фаъолияти низоми бонкии кишвар, бахусус Бонки миллии Тоҷикистон.

2. Ҷорӣ намудани механизми миёнакунонии захираҳои ҳатмӣ ҷиҳати идоракунии самаранокии сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзию молиявӣ.

3. Ҷоннок намудани бозори байнибонкӣ тавассути бунёди низоми махсуси амалиётӣ, зиёд намудани фаъолнокии ташкилотҳои қарзӣ ва таъмини шаффофият дар онҳо.

4. Идома додани назарсанҷӣ дар байни аҳолӣ вобаста ба интизории таваррум ва ҷорӣ намудани назарсанҷии корхонаҳои истеҳсолӣ бо мақсадӣ таҳияи ҳисоботи фаъолнокии иқтисодӣ.

5. Пайваста такмил додани механизми дурнамоии пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва раванди ҷорӣ намудани механизми миёнакунии захираҳои ҳатмӣ.

6. Идомаи ҳамкорӣ бо созмонҳои бонуфузи молиявии байналмилалӣ ҷиҳати таҳкими раванди таҳлилу таҳқиқот ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои асосӣ.

7. Дар ҳамбастагӣ бо вазорату идораҳои давлатӣ, шарикони рушд ва бахши хусусӣ идома додани татбиқи босамари «Сиёсати фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026».

8. Идома додани раванди пешниҳои ахборот ба омма.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои пешниҳоднамудаи Бонки миллии Тоҷикистон, ки хусусияти татбиқшавии умумиинститутсионалиро талаб менамояд, шарти зарурӣ буда, ин тамоюл барои кишвари мо айни замон муҳим ва зарурӣ мебошад.

Сиёсати озод, ин сиёсатест, ки он дар ихтиёри бозор ва истеҳсолкунанда қарор дошта, танзими он бояд мувофиқи арзиши аслӣ, хароҷот ва таркиби истеҳсолот ва хизматрасонӣ муайян карда шавад. Аслан чуни сиёсат барои кишварҳое зарур аст, ки онҳо ҳадди ақал зиёда аз 75% талаботи аҳолии худро аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ таъмин менамоянд. Дар баъзе мавридҳо сиёсати озодро сиёсати ҳавасмандгардонӣ низ гуфтан мумкин аст, зеро дар аксар маврид тағйирёби таваррум ба маънои баландшавии он ба манфиати соҳибкорон ё истеҳсолкунандагон мебошад. Илова бар ин, аз рӯи фароҳам будани фазои иқтисодӣ ва иқтидори иқтисодии давлат сиёсати озоди таваррумӣ безарар буда, дар баъзе ҳолатҳо давлат барои тағйир додани муҳити фаъолияти худ, махсус чунин сиёсатро пеш мегирад. Сиёсати озоди таваррумӣ аз тарафи баъзе давлатҳое, ки иқтидори истеҳсолии баланд доранд ва мавқеи онҳо дар содироти молҳои саноатӣ ва ғайри саноатӣ назаррас мебошад, сиёсати озоди таваррумиро пеш мебаранд. Ғайр аз ин, бояд қайд намуд, ки сиёсати озоди таваррумӣ, маънои бемайлон боло рафтани таваррумро надорад, балки онро худи бозор мувофиқи мақсад танзим менамояд ва таъсири манфии иқтисодӣ надорад ва онро ҳамавақт давлат ба зиммаи бозор мегузорад.

Илова бар ин, дуруст аст, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз вазифаҳои асосии ҳукумат мубориза бар зидди таваррум ва болоравии нархҳо мебошад, зеро аз таҳти назорат баромадани он оқибатҳои ногувор дорад [5,с.197]. Дар ҳама давру замон зарурати ҳукумат ҷиҳати гирифтани пеши роҳи таваррум, сиёсатҳои гуногуни танзимнамоии таваррумро дар сохт ва шаклҳои гуногун истифода намуда, бо ин роҳ мувозинати рушди иқтисодиётро нигоҳ медорад. Зеро таваррум метавонад дар доираи равандҳои фарогирии худ таъсирашро ба гурӯҳҳои ҷудогонаи аҳолӣ ва субъектҳои иқтисодӣ, соҳаҳои алоҳидаи истеҳсолот, минтақаҳои кишвар, хоҷагиҳои кишоварзӣ, давлат, ширкатҳои хизматрасонӣ, қарздеҳону қарзгиронро ба таври назаррас расонад. Сиёсати идоракунии таваррум ва стратегияи идора кардани таваррум дар шароити имрӯза аз рӯи сохтори он ба роҳ монда мешавад, ки мувофиқ ба шакл ва намудҳои таваррум пеш бурда мешавад. Сохтори идоракунии таваррум васеъ ва фарогир буда, он дар шакли расм ба таври зерин пешниҳо гардидааст (нигар расми 3).

**Расми 3. Хислатҳои асосӣ ва таркибии таваррум дар сатҳи иқтисодиёт**
**Figure 3. Main and compositional characteristics of inflation at the level of the economy**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Қайд кардан зарур аст, ки занҷираи бавуҷудоии таваррум васеъ ва беохир буда, дар доираи он муносибатҳо ва таркиби иқтисодиёт дигаргун мегардад. Аз ин хотир, идоракунии таваррум ва гирифтани пеши роҳи таъсири манфии он, ҳамчун ҷараёни мураккаб метавонад суботи иқтисодиро халалдор намояд. Вобаста ба расми мазкур, қайд кардан зарур аст, ки сохтори таваррум васеъ ва печида буда, дар тамоми ҷараёнҳои иқтисодӣ шаклҳои мутобиқшавандаи худро доро мебошад. Таваррум вобаста ба суръати болоравӣ, ки аз вайрон шудани мувозинат байни талабот ва таклифот ба вуҷуд меояд, ба таваррумИ хазанда то 10% солона, таваррумИ ҷаҳанда аз 10 то 50%-и солона ва таваррумИ тезпарвоз бошад, зиёда аз 50% солонаро ташкил медиҳад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳамчун таҷриба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ таваррумИ ҷаҳандаро аз сар гузаронида, нишондиҳандаи он ҳатто дар соҳои 1992-95 бо суръати хеле баланд, ба ҳисоби миёна 2483%-и солонаро ташкил медиҳад, ки барои танзими ҷараёни иқтисодӣ ва истеҳсолот таъсири манфӣ дорад [4,с.25]. Илова бар ин, қайд кардан зарур аст, ки тибқи баъзе сарчашмаҳо дар баробари омилҳои пулии пайдоиши таваррум боз омилҳои ғайрипулӣ низ мавҷуданд, ки ба афзоиши сатҳи таваррум таъсир мерасонад. Ба гурӯҳҳои ғайримонетарии таваррум инҳо дохил мешаванд: риоя накардани таносуби пешрафти соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, равнақ додани соҳаи ҳарбӣ, монополияи соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, хатоҳо дар ташаккули буҷет, андозбандӣ ва сиёсати пулию қарзӣ ва ғ. [3,с.70]. Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваррумИ талабот ва таваррумИ интизорӣ, ки онро таваррумИ нав гуфтан мумкин аст, барои манофеи ҷомеа ва амнияти иқтисодии кишвар хатарафзо мебошад ва аз рӯи чунин ҳолатҳо корбарӣ намудани амалкардҳои инситутсионалиро тақозо менамояд, ки ин ба сиёсатҳои дигари идоракунии таваррум дар сатҳи илм вобаста мебошад, ки сиёсатҳои мазкур дар аксар вақт хусусияти баракс доранд. Барои гирифтани пеши роҳи болоравии таваррум, ки он аз таваррумИ талабот ва интизорӣ сарчашма мегирад, дар шароити имрӯза андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

1. Пурзур кардани иқтидори истеҳсоли мамлакат аз ҳисоби иқтидорҳои дохилӣ ва ашёи хоми дохилӣ бидуни истифодаи маҳсулотҳои хориҷӣ.

2. Ба таври нақшавӣ дар заминаи талаботҳои барзиёдии истеҳсолот таъмин намудани аҳолӣ ба маҳсулотҳои ниёзи аввал.

3. Тавассути роҳҳои қонунӣ гирифтани пеши роҳи болобарии нархи маҳсулотҳои ниёзи аввали дар дохил ва хориҷи кишвар истеҳсолшаванда.

4. Таъмини ҳамгироии дуруст байни бахшҳои воқеии иқтисодиёт аз он ҷумла, байни соҳаи кишоварзӣ ва саноат.

5. Пешниҳоди дуруст ва самараноки пул ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт бо баназар гирифтани таъсири манфии он ва ғ.

Ҳадафи асосии Ҳукумати кишвар дар доираи салоҳиятҳои Бонки миллии Тоҷикистон, ки он дар таркиби сиёсати пулию қарзии мамлакат пешбинӣ шудааст, ин танзими дурусти сатҳи таваррум ва меъёри пешбининамудаи он то ҳадди имкон мебошад. Тағйирёби сатҳи таваррум вобаста ба меъёрҳои эҳтимолии таваррум гувоҳӣ он мебошад, ки сатҳи минималӣ ва максималии таваррум муайян ва дар давоми соли ҷорӣ ичриоиши он таъмин карда шавад. Бо шарофати таъмини рушди иқтисодӣ ва ҳамасола фароҳам овардани шароит ба истеҳсолкунандагони дохилӣ ва бартаф кардани як қатор мушкилотҳои ҷойдошта дар самти таъмини талаботи рӯзафуни аҳолӣ, мувозинати сатҳи нархҳои истеъмолӣ нигоҳ дошта шуда, ҳамзамон, бо ин мувозинати сатҳи таваррум аз меёри пешбинишуда дар аксар маврид кам гардидааст, ки нишондиҳандаи мазкурро ҳамчун тамоили мусбат дар ҷадвали 1 мушоҳида кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 1. Динамикаи тағйирёбии меъёрҳои муқаррарӣ ва муайяншудаи таркиби таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015-2023**

**Table 1. Dynamics of changes in normal and adjusted rates of inflation in the Republic of Tajikistan for 2015-2023**

| Солҳо | Номгӯи нишондиҳандаҳои таваррум | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Воқеӣ | Ҳадаф | Ҳудуди поёнӣ | Ҳудуди воқеӣ | Ҳудуди болоӣ | Ҳудуди воқеӣ |
| 2015 | 7,8% | 7,0% | +/- 2 | | +/- 2 | +0,8% |
| 2016 | 6,0% | 7,0% | +/- 2 | -1,0 % | +/- 2 | |
| 2017 | 6,7% | 7,0% | +/- 2 | | +/- 2 | +3% |
| 2018 | 5,4% | 7,0% | +/- 2 | -1,6% | +/- 2 | |
| 2019 | 8,0% | 7,0% | +/- 2 | | +/- 2 | +1,0% |
| 2020 | 9,4% | 7,0% | +/- 2 | | +/- 2 | +2.4% |
| 2021 | 8,0% | 6,0% | +/- 2 | | +/- 2 | +2,0% |
| 2022 | 4,2% | 6,0% | +/- 2 | -1,8% | +/- 2 | |
| 2023 | 3,4% | 6,0% | +/- 2 | - 2,6% | +/- 2 | |

Сарчашма: Дар асоси маълумотҳои дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020, 2021, 2022, 2023 ва давраи миёнамуҳлат

Қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва мустақилона пеш бурдани ҷараёнҳои истеҳсолот, сатҳи таваррум ҳолати мутавозин дошта, дар аксар маврид аз нишондиҳандаи ҳудуди болоии банақшагирифташуда дар ҳаҷми 2 банди фоизӣ кам мебошад. Маълумотҳои ҷадвали мазкур нишон медиҳанд, ки аз соли 2015 ин ҷониб нишондиҳандаи сатҳи таваррум вобаста ба ҳадаф дар 8 соли охир бетағйир буда, ҳолати воқеии он низ қарб ба нишондиҳандаи пешбинишуда баробар мебошад. Яъне, нишондиҳандаи пешбинишуда агар дар соли 2015 7%-ро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 6%-ро ташкил намудааст, ки дар муқоиса ба соли таҳлилшаванда 1 банди фоизӣ кам мебошад. Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки ба андешаи мо, бо шарофати додани имконият ба бахши воқеии иқтисодиёт ва такя ба ин бахш сатҳи воқеии таваррум қарб бетағйир буда, аз сатҳи болоии банақшагирифташудаи он тамоили баръакс дорад.

Тибқи таҳлилҳои ҷадвали мазкур, агар сатҳи воқеии таваррум дар соли 2015 7,8%-ро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2023 3,45 баробар гардидааст, ки дар 10 соли охир аз ҳама пасттарин ва дар давраи таҳлилшаванда ба андозаи 4,4% коҳиш ёфтааст, ки албатта, чунин ҳолат дар муқоиса бо як қатор давлатҳои ҳамсоя

қаноатмандкунанда мебошад. Бо суръати баланд идома пайдо кардани саноатикунонии босуръати кишвар ва додани имконият ба бахши кишоварзӣ дар солҳои минбаъда ба мо имкон медиҳанд, ки нишондиҳандаи таваррумӣ аз ин меъёри воқеии имрӯза камтар гардад. Илова бар ин, бояд қайд кард, ки ҳудуди поёнии таваррум дар сатҳи воқеӣ низ аз рӯи тағйирёбӣ қариб бетағйир буда, дар соли 2023 0,6 банди фоизӣ тағйир ёфтааст, ки ин ҷанбаи мусбати иқтисодӣ дорад.

Ҳамчунин, сатҳи болоии он низ дар тағйирёбии мусбат қарор дошта, танҳо дар соли 2017 1,0 банди фоизӣ ва дар соли 2020 0,4 банди фоизӣ аз меъёри пешбинишуда баланд мебошад, ки хатарафзо гардидани вазъро нишон намедиҳад. Ҳамчунин, бояд қайд намоем, ки сабабҳои асосии болоравии таваррум дар солҳои гузашта асосан дар соли 2017 тағйир ёфтани таркиби иқтисодиёти ҷаҳон ва Тоҷикистон, инчунин дар соли 2023 аз ҳисоби беморӣи ҳамагири КОВИД-19 мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки дар сатҳи мамлакатҳои пешрафта аён аст, ки барои таҳти назорат гирифтани таваррум ва ба сатҳи зарурӣ баргардонидани он барномаи махсус лозим аст, ки чорабиниҳои гуногун аз ҷумала ҷадвал ва сатҳи зиёд кардани музди меҳнати коргаронро низ дар бар мегирад. Ба андешаи мо, сатҳи зарурии идоракунии таваррум дар асоси сиёсатҳои идоракунии таваррум, ки пешниҳод намудаем, дар Тоҷикистон татбиқи амалии ин масъала имконпазир мегардад.

Омӯзиши сарчашмаҳои муомилоти пулӣ нишон медиҳад, ки вобаста ба пайдоиш ва ташаккули муносибатҳои пулӣ таваррум таърихи қадима дошта, онро ҳамчун падидаи номатлуби ҷомеа мешиносанд ва дар аксар маврид ба он аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикстон низ таъсири манфии таваррум ҳамчун ҳодисаи номатлуб баъд аз соҳибистиқлолӣ дар маркази диққати роҳбарияти олии кишвар қарор гирифта, ба он аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешавад. Масъалаҳои асосии идоракунии таваррум дар таркиби сиёсати пулию қарзии мамлакат ҳамчун қисми мураккаби ин сиёсат тавассути Бонки миллии Тоҷикистон назорат ва танзим карда мешавад. Дар хулоса қайд кардан зарур аст, ки барои ташкили дурусти сиёсати пулию қарзӣ, танзим ва назорати таварруми пул ва баромадан аз вазъи ногувори он, бояд ба масъалаҳои зерин аҳаммияти аввалиндараҷа дода шавад:

1. Риояи меъёрҳои сиёсати пулию қарзӣ ва назорати доимии онҳо дар шароити тағйирёбанда будани вазъияти молиявии ҷаҳон бо таъмини сатҳи самаранокии меъёрҳои пешбинигардида.
2. Баланд бардоштани иқтидори молиявии ташкилотҳои қарзӣ ва таъмини баробари талаботҳои пулӣ, бо дарназардошти додани қарзҳои арзон ва имтиёзнок ба башҳои воқеии иқтисодиёт.
3. Назорат аз рӯи амалиётҳои хавфноки низоми бонкӣ, ки дар оянда онҳо метавонанд ба сатҳи рушди иқтисодиёти мамлакат таъсири манфӣ расонанд.
4. Зиёд намудани ҳиссаи содиротии кишвар ва дар заминаи ин додани имконият ба истеҳсолкунандагони ватанӣ дар минтақаҳои дорои афзалияти иқтисодӣ.
5. Тақвияти ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва дар ин замина маҳдуд кардани амалиётҳои нақдӣ ва дигар масъалаҳои ба ин баробар.
6. Таҳияи стартегияҳои дахлдори давлатӣ дар самти татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар ва роҳҳои расидан ба сенарияҳои асосии он.
7. Аз байн бурдани буҳрони эътимод ва дар ин замина баланд бардоштани қобилияти пардохтпазирии низоми бонкӣ бо роҳи қонеъ намудани талаботҳои аҳолӣ.
8. Таснифи занҷираи бавуҷудоии таваррум ва дар ин замина заҷираи таҳияи механизмҳои самаранокии расидан ба ҳадафи стратегии идораи ин масъала.
9. Пурзӯр намудани механизмҳои назоратӣ аз тарафи мақомотҳои дахлдори соҳавӣ, ки имконияти мустақилона назорат ва танзими масъаларо дар доираи меъёрҳои қонунӣ доро мебошанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Икромӣ Ф.**

**АДАБИЁТ**

1. Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023 ва давраи миёнамуҳлат. Қарори Маҷлиси Намояндагон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 1-уми декабри соли 2022 таҳти №992. –С.10.

2. Махмадиев, Ф.Б. Ценообразование на сельскохозяйственную продукцию региона / Ф.Б. Махмадиев, З.М. Джабборова // Peasant. – 2013. -№3. -С.57-58.
3. Нурализода А.Н. Инфляция, появление и её воздействие на курс национальной валюты / Нурализода А.Н., С.Д. Махшулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. -№8. -С.70.
4. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 25 соли истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикстон. –Душанбе, 2016. –С.25.
5. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз. Китоби дарсӣ / Раҳимзода Ш. –Душанбе: Эр-гарф, -С.200
6. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.nbt.tj (санаи муроҷиат 25.01.2023).

## ТАНЗИМИ ТАВАРРУМ ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ТАЪСИРИ МАНФИИ ОН БА ИҚТИСОДИЁТ

Таваррум яке аз падидаҳои мураккаб ва печидаест, ки ба иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад ва дар ҳар сурат нигоҳ доштани мувозинати он шарти зарурӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллиф ин падидаи номатлуб ва мураккаби иқтисодиро ба назар гирифта, заминаҳои бавуҷудоӣ ва роҳҳои пешгирии таваррумро таҳқиқ намудааст. Ҳамчунин, муаллиф барои исботи мавзуи интихоб науда, модели сиёсати идоракунии таваррум ва нишондиҳандаҳои меъёрии онро мавриди таҳлил қарор дода, хулосаҳои мушаххас баровардааст. Иловатан, муаллиф таҳлили сатҳи таваррумро вобаста ба нишондиҳандаҳои воқеӣ, эҳтимолӣ, зинаи поёнӣ ва зинаи болоӣ мавриди таҳлил қарор дода, сатҳи бехатарии онро пешниҳод намудааст. Вобаста ба хислатҳои асосӣ ва таркибии таваррум дар сатҳи иқтисодиёт роҳҳои танзими таваррумро пешниҳод намудааст, ки дар шароити имрӯза мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамзамон, бо ин нишондиҳандаҳои арзёбигардида, пурра моҳияти мавзуро инъикос менамоянд.

**Калидвожаҳо:** таҷрибаи ҷаҳонӣ, сатҳи таваррум, идоракунии таваррум, болоравии нархҳо, субъектҳои иқтисодӣ, арзиши аслӣ, сиёсати идоракунии таваррум, истеҳсолоти дохилӣ.

## РЕГУЛИРОВАНИЕ ИНФЛЯЦИИ И ПУТИ ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ ЕЕ НЕГАТИВНОГО ВОЗДЕЙСТВИЯ НА ЭКОНОМИКУ

Инфляция - это одно из сложных и запутанных явлений, оказывающее негативное влияние на экономику и управление ею, поддержание ее сбалансированности в любом случае является необходимым условием. С этой точки зрения, автор рассмотрел это нежелательное и сложное экономическое явление, причины его существования и способы предотвращения инфляции. Также в обосновании выбранной темы автор проанализировал модель политики управления инфляцией и ее нормативные показатели и сделал конкретные выводы. Кроме того, автор анализирует уровень инфляции на основе реальных и потенциальных показателей. Проанализированы нижний и верхний уровни и предложен уровень их безопасности. В зависимости от основных и композиционных характеристик инфляции на уровне экономики предложены способы регулирования инфляции, которые целесообразны в сегодняшних условиях. В то же время данные оцениваемые показатели полностью отражают суть предмета.

**Ключевые слова:** мировой опыт, уровень инфляции, управление инфляцией, рост цен, субъекты хозяйствования, реальная стоимость, политика управления инфляцией, внутреннее производство.

## REGULATING INFLATION AND WAYS TO PREVENT ITS NEGATIVE IMPACT ON THE ECONOMY

Inflation is one of the complex and confusing phenomena that has a negative impact on the economy and its management; maintaining its balance in any case is a necessary condition. From this point of view, the author examined this undesirable and complex economic phenomenon, the reasons for its existence and ways to prevent inflation. Also, in justifying the chosen topic, the author analyzed the inflation management policy model and its regulatory indicators and made specific conclusions. In addition, the author analyzes the inflation rate based on real and potential indicators. The lower and upper levels are analyzed and their security level is proposed. Depending on the main and compositional characteristics of inflation at the economic level, methods for regulating inflation are proposed that are appropriate in today's conditions. At the same time, these assessed indicators fully reflect the essence of the subject.

**Keywords:** world experience, inflation rate, inflation management, price increases, business entities, real cost, inflation management policy, domestic production.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қурбонов Вафо Намозалиевич*** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **931-06-99-04**. E-mail: **kvafo1995@mail.ru** ННН – **046-655-905**

**Сведения об авторе:** ***Курбанов Вафо Намозалиевич*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, докторант Ph.D кафедры финансов. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **931069904**. E-mail: **kvafo1995@mail.ru**

**Information about the author:** ***Kurbanov Vafo Namozalievich*** – Tajik State University of Finance and Economics, Ph.D doctoral student of the Department of Finance. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone**: 931069904.** E-mail: **kvafo1995@mail.ru**

ТДУ: 336.76 (575.3)

# ЗАМИНАҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАФҲУМИ БАХШИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ ОН

*Имомов М.Қ.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Дар шароити имрӯза, иқтисодиёти тамоми кишварҳоро муносибатҳои бозорӣ фаро гирифтаанд, ки дар таркиби худ низому механизмҳои гуногуни рушди иқтисодиётро ба вуҷуд оварда, боиси пайдо шудани талаботҳои нави танзим ва назорати онҳо гардида истодааст. Яке аз норасоиҳои иқтисоди бозорӣ ва зарурати дахолати давлатии иқтисодиёт, ин ташкили низоми асосноки соҳаи муайян ва асосҳои танзими меъёрӣ-ҳуқуқии онҳо ба ҳисоб меравад. Дар сурати мавҷуд набудани асосноккунии низоми фаъолиятҳо ва қонунигардонии онҳо аз ҷониби давлат, дар муносибатҳои бозорӣ номутаносибии истеҳсоли молу маҳсулот ва кору хизматрасониҳо ба вуҷуд меоянд. Аз ин рӯ, дар баробари инкишофи иқтисоди бозорӣ, ба вуҷуд омадани низомҳои нави иқтисодӣ (иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди сабз) ва рушди моликияти хусусӣ, ки асоси иқтисоди бозориро ташкил медиҳад, нақш ва аҳаммияти давлат ва бахши давлатӣ ҳамчуни танзимкунанда ва таъминкунандаи рушди иқтисодиёт дар ҳамаи кишварҳо торафт афзуда истодааст.

Рушди иқтисодиёти муосирро бе дахолати давлат тасаввур кардан номумкин аст, зеро давлат ҳамчун ниҳоди ягонаи муайянкунандаи низоми қонунии таъмини рушди фаъолиятҳо ва кафолати иҷтимоии шаҳрвандон баромад мекунад.

Аз ин хотир, дар шароити кунунӣ зарурати нигоҳ доштани ҳиссаи давлат дар таркиби ҳамаи соҳаҳо ва фаъолиятҳо ба миён омадааст. Бо ташкили ҳиссаи давлатӣ дар таркиби соҳаҳо ва фаъолиятҳо имконияти таъмини рушд дар ҳолати ба вуҷуд омадани номутаносибӣ ва ё мушкилоти дигар имконпазир мегардад. Ҳамин аст, ки имрӯзҳо таваҷҷуҳи ҳамаи кишварҳо ба рушди ҳиссаи давлат дар иқтисодиёт зиёд гардида истодааст.

Ташкили ҳиссаи давлат дар иқтисодиётро ба маънои мухтасар «бахши давлатии иқтисодиёт» меноманд.

Дар шароити кунунӣ мавҷудияти ҳиссаи давлат дар иқтисодиёти ҷаҳон сол аз сол зиёд гардида истодааст ва аллакай дар баъзе давлатҳо ҳиссаи назаррас дорад. Масалан, «...дар Беларус тақрибан - 70% ММД, Чин ва Украина тақрибан - 40%, Русия, Қазоқистон, Молдова - 35% (аз рӯи баъзе маълумотҳо, бахши давлатӣ дар Русия ба 46% ММД), дар Полша - 25%, Литва - 25%, Венгрия, Словакия ва Эстония - 20%. Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар корхонаҳои давлатӣ тақрибан 11% коргарони дар иқтисодиёт коркунанда ташкил медиҳад, ки онҳо тақрибан 10% ММД ва 13% сармоягузориҳоро таъмин мекунанд. Британияи Кабир яке аз кишварҳое дар Аврупо мебошад, ки камтарин ҳиссаи бахши давлатиро дорад, тақрибан 2,7%» [10,с.8].

Дар солҳои охир ҳиссаи зиёди маҷмуи маҳсулоти дохилии ҳамаи кишварҳоро соҳаи хизматрасонӣ ташкил дода истодааст. Аз ин хотир, зарурати бештари ташкил ва нигоҳдории ҳиссаи давлат дар таркиби соҳаи хизматрасонӣ, ки ҳамчун «бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ» таҳқиқ мегардад, ба миён омадааст.

Ҳамаи ин, зарурати таҳқиқи мақолаи мазкурро дар шароити рушди хизматрасониҳо ба миён овардааст.

Дар адабиёти иқтисодӣ доир ба «бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ» таъриф ва шарҳи ягона вуҷуд надорад. Вобаста ба ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии он, ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Аз ин лиҳоз, зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуи мақола ба миён омадааст.

Дар луғати муосири иқтисодӣ зери таҳрири Райзберг Б. чунин таърифи ин истилоҳ оварда шудааст: «Бахши давлатии иқтисодиёт маҷмуи корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳое мебошад, ки фаъолияти иқтисодиро пеш мебаранд ва дар моликияти давлатӣ қарор дошта, аз тарафи мақомоти давлатӣ ё шахсони таъиншуда ва ё кироякардаи онҳо

идора карда мешаванд» [7,с.8]. Ҳамин ақидаро олимон Савченко А.В., ва Атабиев А. дастгирӣ намудаанд.

**Расми 1. Сохтори таркибии соҳаи хизматрасонӣ**
**Figure 1. Composite structure of the service industry**




Таҳияи муаллиф.

Бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ, ин маҷмуи корхонаву ташкилот, муассиса ва корпоративҳое мебошанд, ки ба фаъолияти хизматрасонӣ машғул буда, аз ҷониби мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва давлатӣ идора карда мешаванд.

Дар фаъолияти бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ корхонаву ташкилотҳои давлатии соҳаи хизматрасонӣ мавқеи муҳим дошта, асоси ташкили истеҳсолот, кор ва хизматрасониҳо аз ҷониби онҳо амалӣ карда мешаванд. Мафҳуми корхонаи давлатӣ дар ҳар давлат, дар шаклҳои гуногун шарҳ дода мешавад: масалан, дар Шветсия «агентии тиҷоратии давлатӣ», дар Дания «корпоратсияҳои давлатӣ», дар Италия «субъектҳои ҳуқуқи ҷамъиятӣ» [10,с.8].

Корхонаи давлатии соҳаи хизматрасонӣ, ин корхонаҳое мебошанд, ки ба пешниҳоди хизматрасониҳо машғул буда, аз ҷониби мақомотҳои маҳаллӣ ва марказии ҳокимияти давлатӣ идора карда мешаванд.

Дар баробари мафҳуми «бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ», аксар вақт ҳамчун «бахши ҷамъиятии соҳаи хизматрасонӣ» низ истифода бурда мешавад. Бахши ҷамъиятии соҳаи хизматрасонӣ ба таври анъанавӣ бо фаъолияти иқтисодии давлат дар соҳаи хизматрасонӣ алоқаманд мебошад. Вобаста ба моҳияти илмӣ, ин категорияҳо ҳамчун синоним ҳисобида намешаванд. Мафҳуми «бахши ҷамъиятии соҳаи хизматрасонӣ», дар муқоиса бо мафҳуми «бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ» васеътар мебошад. Бахши ҷамъиятии соҳаи хизматрасонӣ фаъолияти корхонаю ташкилотҳои давлатию ғайридавлатиро дар бар мегирад, ки намудҳои алоҳидаи хизматрасониҳои ҷамъиятиро пешниҳод менамоянд.

Аксар вақт, дар адабиёти иқтисодӣ мафҳумҳои «бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ» ва «бахши давлатии иқтисодиёт»-ро вомехӯрем, ки онҳоро як маъно меҳисобанд. Дар ҳақиқат, агар ҳар дуи ин мафҳум бахши давлатиро дар бар гиранд ҳам, аммо хусусиятҳои таркибии фарқкунандагии худро доранд. Бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ пешниҳоди хизматрасониҳои давлатиро тавассути корхонаву ташкилотҳои давлатӣ дар бар мегирад. Бахши давлатии иқтисодиёт на танҳо пешниҳод ва расонидани хизматҳои давлатӣ, инчунин ташкили истеҳсолот, фаъолияти соҳибкорӣ, хариду фурӯш, сармоягузорӣ, ташкил ва истифодаи самараноки воситаҳои буҷетӣ ва ғайраҳоро, ки тавассути корхонаву ташкилот ва муассисаҳои давлатӣ амалӣ карда мешаванд, фаро мегирад.

Дар адабиёти иқтисодӣ доир ба «бахши давлатии иқтисодиёт» ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Баъзе олимон ба он ақидаанд, ки бахши давлатии иқтисодиёт, ин маҷмуи корхонаву ташкилотҳое мебошанд, ки аз тарафи мақомотҳои давлатӣ назорат карда мешаванд. Ба ақидаи гурӯҳи дигари олимон, ба бахши давлатии иқтисодиёт ба ғайр аз корхонаву ташкилотҳо, инчунин воситаҳои буҷети давлатӣ ва дигар захираҳои молиявии давлатӣ низ дохил мешаванд. Ҳар ду ақидаҳо ҳам дуруст мебошанд, аммо ақидаи гурӯҳи дуюми олимон нисбатан пурратар ва амиқтар мебошад.

Истилоҳи «бахши давлатии иқтисодиёт»-ро метавон чунин шаҳр дод: Бахши давлатии инқисодиёт, ин маҷмуи корхонаву ташкилот, воситаҳои буҷетӣ ва захираҳои молиявии давлатӣ мебошанд, ки аз ҷониби мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва давлатӣ бо мақсади иҷрои вазифаҳои давлат ва манфиатҳои аҳолӣ истифода карда мешаванд.

Инчунин, зимни таҳқиқи мавзуи рисолаи худ олими рус Сатаев С.Б. бахши давлатии иқтисодиётро дар шакли нисбатан мухтасар ҳамчун як қисми иқтисоди миллӣ, ки дар он давлат ҳамчун иштирокчии фаъолиятҳои иқтисодӣ тавассути корхонаву ташкилотҳои мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва давлатӣ барои ба даст овардани манфиатҳои аҳолӣ ва қонеъ гардонидани талаботҳои ҷамъиятӣ баромад мекунад, шарҳ дода шудааст [9,с.9].

А.А. Самородов бахши давлатии иқтисодиётро маҷмуи субъектҳои хоҷагидоре, ки пурра ё қисман ба мақоматҳои маҳаллӣ ё марказии ҳокимияти давлатӣ тааллуқ дошта, дар иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давлатӣ истифода мегарданд, шарҳ додааст [8,с.8].

Дар шароити муосир, тавассути бахши давлатии иқтисодиёт механизми фаъолияти ҳар як низоми иқтисодӣ таъмин карда шуда, ҳамчун танзимкунандаи муҳимми равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҳаёти ҷамъиятӣ ва таъминкунандаи рушди устувори иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Бахши давлатии иқтисодиёт ҷузъи асосӣ ва зарурии сохтори тамоми низомҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар ба ҳисоб рафта, фаъолияти он аз ҷониби давлат танзим карда мешавад.

Ҳамин тавр, бахши давлатии иқтисодиёт ҳамчун танзимгари асосии низоми иқтисодию иҷтимоӣ баромад карда, худро на танҳо соҳибмулк ва сармоягузори асосӣ, балки истеҳсолкунандаи моли ҷамъиятӣ ва истеъмолкунандаи молҳои ниҳоӣ, кор ё хизматрасонӣ низ муаррифӣ мекунад.

Бояд гуфт, ки бахши давлатии иқтисодиёт ба ғайр аз хусусиятҳои дар боло зикршуда, инчунин имкон медиҳад, ки шароити фаъолияти хуби на танҳо низомҳои иқтисодии мамлакат, балки тамоми ҷамъият таъмин карда шавад.

Дар шароити кунунӣ вобаста ба аҳаммияти аввалиндараҷагӣ ва хусусиятҳои таркибии доштани заруратҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, давлатҳо кӯшиш менамоянд, ки пурра ё қисман фаъолияти хизматрасонии чунин соҳаҳо ба бахши давлатӣ тааллуқ дошта бошад:

1) соҳаи мудофиа;
2) инфрасохтори давлатӣ (мақомотҳои ҳокимият ва идораҳои давлатӣ);
3) соҳаи истеҳсол ва фурӯши барқ;
4) соҳаи маориф (хизматрасониҳои таълимӣ, илмӣ), фарҳанг, биноҳои ҷамъиятӣ, маданият ва ғ.;
5) соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ, алоқаи мобилӣ, хизматрасонии тиббӣ, таъмини об, коммуналӣ ва ғ.;
6) соҳаи мошинсозӣ, металлургия ва саноат;
7) ҳифзи муҳити зист;
8) корхонаҳои стратегӣ (истеҳсоли атом, истихроҷи маъдан (нафт, газ));
9) соҳаи кишоварзӣ, чорводорӣ ва ғайра.

Вобаста ба хусусиятҳои худ дар шароити бозор бахши давлатӣ аз бахши хусусӣ фарқ мекунад. Илова бар ин, баъзан мафҳумҳои «бахши давлатии иқтисодиёт» ва «бахши маҳаллии иқтисодиёт»-ро низ аз ҳамдигар ҷудо мекунанд. Роҷеъ ба ин, олими рус Балатский Е.В. дар таҳқиқоти худ модели секарата, ки бахши давлатӣ, хусусӣ ва маҳаллиро дар бар мегирад, пешниҳод намудааст [1,с.62]. Ӯ қайд намудааст, ки бахши маҳаллии иқтисодиёт, ин маҷмуи шахсони ҳуқуқӣ ва вазифаҳо оид ба идоракунии маъмурӣ-хоҷагидорие мебошанд, ки аз ҷониби мақомотҳои идоракунии маҳаллӣ амалӣ карда мешаванд [1,с.62].

Баъзе коршиносон ба он назаранд, ки бахши давлатӣ нисбат ба бахши хусусӣ камсамар мебошад. Дар воқеъ, барои таъмини самаранокии баланди бахши давлатии хизматрасониҳо мебояд, механизми фаъолияти бахши давлатӣ мувофиқ ба принсипҳои иқтисоди бозорӣ ташкил карда шавад, зеро дар ҳолати нобарорбарии пешниҳод ва дастрасии нархи кору хизматрасониҳо ба аҳолӣ ва муштариён аз ҷониби бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ самаранокии фаъолияти онҳо таъмин карда намешавад.

Бинобар ин, зарур аст, ки механизми фаъолияти бахши давлатии хизматрасониҳо мувофиқ ба бахши хусусии хизматрасониҳо ва шароити бозор таҳия ва татбиқ карда шавад.

Ҳамчунин, дар шароити бозор бо сабаби ба вуҷуд омадани таҳдиду хатарҳои дохиливу берунӣ ба амнияти миллӣ ва иқтисодиёти кишвар, аз қабили ҷангҳои дохиливу беруна, ҳолатҳои форсмажорӣ (обхезӣ, заминҷунбӣ ва ғ.), аз ҳад зиёд шудани сатҳи беқурбшавӣ ва монанди инҳо боис ба он мегардад, ки дар таркиби соҳаҳо ва фаъолиятҳои хизматрасонӣ ҳиссаи бахши давлатӣ нигоҳ дошта шуда, зиёд карда шавад.

Ҳамчунин, бахши давлатии иқтисодиёт вобаста ба моликият низ шарҳ дода мешавад. Олими рус Косякова Н.И. бахши давлатии иқтисодиётро таҳқиқ намуда, онро ҳамчун моликияти аз ҷониби корхонаҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва давлатӣ идорашаванда, инчунин захираҳои табиӣ, хазинаи давлат, ҳуқуқи моликият вобаста ба соҳибият, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ барои ба даст овардани мақсадҳои умумимиллӣ тавсиф намудааст [5,с.8].

Дар таҳқиқотҳои худ олимон Ковалев М.М., Румас С.Н., Шахуб М.К., ва Юшко К.Ю. бахши давлатии иқтисодиётро ҳамчун бахши давлатии соҳибкорӣ ҳисобидаанд, ки дар он давлат дар асоси моликияти давлатӣ фаъолияти иқтисодиро ба истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ равона мекунад [10,с.7].

Ташкил намудани бахши давлатии иқтисодиёт метавонад якчанд шакл дошта бошад, аз ҷумла:

• **Идоракунии мустақим, ки аз ҳисоби андозбандӣ маблағгузорӣ мешавад.** Дар чунин шакл ташкилоти таъминкунанда одатан барои қонеъ кардани меъёрҳои муваффақияти тиҷоратӣ талаботи мушаххас надорад ва қарорҳои истеҳсолиро ҳукумат муайян мекунад.

• **Корхонаҳои давлатӣ.** Дар чунин шакли ташкил аз шакли ташкили идоракунии мустақим бо он фарқ мекунанд, ки мустакилияти бештари идоракуниро доранд ва аз рӯи меъёрҳои тиҷоратӣ амал мекунанд ва қарорҳои истеҳсолӣ умуман аз тарафи ҳукумат қабул карда намешаванд (гарчанде мақсадҳо аз тарафи ҳукумат барои онҳо таҳия ва муқаррар карда мешаванд).

• **Аутсорсингӣ.** Ин шакли ташкил ҳамчун як модели нави бахши давлатии иқтисодиёт ҳисобида мешавад.

Вобаста ба ин, бахши давлатӣ дар се сатҳ низ ташкил карда мешавад: миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ [11].

Дар баробари ин, омӯзиши механизми идоракунии бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ дар шароити муосир, ҳам барои бахши давлатӣ ва ҳам барои корхонаҳои алоҳидаи давлатӣ аҳаммият калон дорад. Дар бисёр кишварҳо, аз ҷумла дар Беларусия, вазифаҳои давлат ҳамчун танзимкунанда ва соҳибмулк то ҳол аз ҳам ҷудо карда нашудаанд [10,с.5]. Аз ин хотир, масъалаи мазкур минёи олимон мавриди таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ қарор гирифтааст. Яке аз чунин масъалаҳо, ин муайян кардани дар кадом модели идоракуни фаъолият доштани давлат мебошад.

Дар таърихи иқтисод чунин моделҳои бахши давлатии иқтисодиёт вуҷуд доранд, ки бо хусусиятҳои ташкил ва фаъолият аз ҳам фарқ мекунанд: модели Аврупои ғарбӣ, модели Амрикои шимолӣ ва модели осиё [3,с.53].

**Модели Аврупои ғарбӣ.** Дар модели Аврупои ғарбии бахши давлатии иқтисодиёт, ки давлатҳои Олмон, Австрия, Шветсия, Фаранса, Италия, Норвегия ва ғайраро дар бар мегирад, миқёс ва ҳиссаи назарраси давлат дар иқтисодиёт арзёбӣ мегардад. Дар ин давлатҳо институтҳо ва ташкилотҳои давлатӣ хуб инкишоф ёфта, имконият фароҳам овардаанд, ки фаъолиятҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ ташкил карда шуда, рушди иқтисодиёти кишварҳо таъмин карда шаванд. Мувофиқи таҳқиқотҳои олимон М.М. Ковалев, А.М. Волков дар миёни ин давлатҳо ҳиссаи бештари давлат дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, шумораи бештари машғулбудагон дар иқтисодиёт, миқёси назарраси давлат дар иқтисодиёт ба давлатҳои Фаронса ва Норвегия рост меояд.

Дар ин давлатҳо таваҷҷуҳи бештар ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, аз қабили роҳи оҳан, электротехника, металлургия, саноати кишоварзӣ, саноати мошинсозӣ, саноати химия, хизматрасониҳои барқӣ, обӣ, кайҳонӣ, мобилӣ ва ғайра дода шудааст. Яке аз қисмҳои таркибӣ ва назарраси бахши давлатии иқтисодиёт, ин бахши молия ва буҷети мамлакат мебошад, ки дар ин кишварҳо ҳиссаи бештари маблағгузориҳои буҷетӣ ба бахшҳои давлатии иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ равона гардидааст.

Давлати Шветсия аз ҳисоби ҳиссаи андоз дар бахши давлатӣ дар ҷойи аввал меистад.

Дар модели Аврупои ғарбӣ самаранокии сатҳи баланди фаъолияти корхонаҳои давлатӣ ва дар маҷмуъ, бахши давлатии иқтисодиёт дида мешавад, ки доир ба ҳиссаи он Кожевина О.В., қайд намудааст, ки 30-40% ҳаҷми истеҳсолоти саноатиро аврупои марказӣ ва шарқӣ ташкил медиҳад [4,с.2027].

**Модели Амрикои шимолӣ.** Ин модели бахши давдатиии иқтисодиёт бештар дар минтақаҳои Амрикои шимолӣ, махсусан Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) ва Канада истифода гардидааст. Ин моделро Макаренко О.С. дар таҳқиқотҳои худ, ҳамчун модели камсамар этироф карда, қайд намудааст, ки «...камсамар, аз ҷиҳати ҳаҷм беаҳаммият кам ва кам маблағгузории бахши давлатӣ» [6,с.70].

Дар ин давлатҳо бахши хусусӣ нисбат ба бахши давлатӣ бартарӣ дошта, фаъолияти башши хусусии соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии кишварҳо бештар рушд ёфтаанд. Дар давлати Канада ҳиссаи давлат дар иқтисодиёт кам бошад ҳам, давлат тавассути барномаҳои давлатии махсус таҳиянамуда аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурро дастгирӣ намуда, соҳаҳои истеҳсол ва хизматрасонии барқ, хоҷагии коммуналӣ, инфросхтори нақлиётӣ, коркарди ашёи хом ва монанди инҳоро назорат намуда, дар маҷмуъ танзими иқтисодиётро амалӣ мегардонад.

Дар давлати Канада ба моликияти давлатӣ қисми бештари заминҳо ва ҷангалҳо дохил мешаванд. Дар натиҷаи тақиқи мақола маълум гардид, ки давлатҳое, ки дар ин модел амал мекунанд, ҳиссаи давлат дар иқтисодиёт хеле кам буда, фаъолияти бахши давлатии онҳо камсамар мебошад.

Дар низоми иқтисоди миллии давлатҳои ИМА ва Канада афзалиятҳои бештар ба иқтисоди бозорӣ, бахши соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ дода шудааст. Бо назардошти ҳамаи ин дар ИМА ҳудудҳои бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ дақиқ муайян карда шуда, аз ҷониби давлат бештар ба соҳаҳои инноватсионӣ дастгириҳо карда мешавад.

**Модели осиёӣ.** Ин модели бахши давлатии иқтисодиёт бештар дар давлатҳои Япония ва Корея истифода гардида, дар он ҳудудҳои бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ дуруст муайян карда нашудааст. Аз ҳамин лиҳоз, дар ин давлатҳо омехташавии бахши давлатӣ бо бахши хусусӣ ба миён омадааст. Яъне, ташкили корхонаву ташкилот, корпоративҳо ва умуман фаъолиятҳо дар омезиши бахши давлатӣ ва хусусӣ бунёд гардидаанд. Ҳамин тавр, дар ин давлатҳо чунин бахши иқтисоди миллиро (бахши давлатӣ ва хусусӣ) дар ҳуҷҷат бахши хусусӣ меноманд, аммо дар воқеъ онҳо бахши давлатӣ мебошанд [10,с.8].

Ҳамин тавр, давлатҳое, ки дар ин модели бахши давлатӣ фаъолият доранд, ҳиссаи бахши давлатӣ дар иқтисодиёт нисбатан кам мебошад.

**Модели чинии бахши давлатӣ.** Ҳоло давлати Чин дар иқтисоди миллӣ дорои миқёси назарраси бахши давлатӣ мебошад. Дар ин давлат аввал, пурра корхонаҳои хурд ва баъд қисман корхонаҳои сатҳи миёна хусусӣ гардонида шудаанд. Корхонаҳои бузург дар моликияти давлат қарор доранд. Ҳукумати Чин низоми идоракунии корхона ва ширкатҳои давлатиро дар асоси принсипҳои муносибатҳои бозорӣ ва механизми танзими давлатии иқтисодиёт ҷорӣ намудааст. Тибқи таҳқиқотҳои Го Лин дар Чин тақрибан 60-65% ММД, 80-85% андозҳо ба буҷет ва 90%-и ба кор машғулбудагонро бахши давлатӣ ташкил медиҳад [2,с.26].

Дар Чин новобаста аз самараи баланди бахши давлатӣ, ки ба нигоҳдории рушди устувори иқтисоди миллӣ нигаронида шудааст, қисми иҷтимоии сиёсати давлатӣ камфаъол мебошад. Аз ин рӯ, бахши давлатии Чин бо хусусиятҳои аз дигар моделҳо фарқкунандагии худ ҳамчун модели алоҳида, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Модели бахши давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо модели Ҷумҳурии Мардумии Чин аз бисёр ҷиҳат наздикӣ дошата, вобаста ба сатҳ ва хусусиятҳои идоракунӣ тафовут доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли Чин корхонаҳои хурд ва сатҳи миёна хусусӣ гардонида шуда, танҳо корхонаҳои азим дар моликияти давлат мондааст, ки аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ идора карда мешаванд.

**Модели русиягӣ.** Бахши давлатии Русия бо баъзе хусусиятҳои худ аз ҳамаи моделҳои овардашуда фарқ мекунад. Дар ин давлат қариб 30% истеҳсолоти саноатиро корхонаҳои давлатӣ таъмин менамоянд ва тақрибан 50% ММД аз ҷониби бахши давлатии иқтисодиёт истеҳсол карда мешавад [4,с.2027]. Дар Русия бахши давлатӣ зернизоми иқтисоди миллӣ мебошад, ки бо маҷмуи корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои соҳаҳои гуногун, ки пурра ё қисман моликияти давлат мебошанд ва инчунин аз ҷониби мақомоти давлатӣ идора карда мешаванд, тавсиф карда мешавад [3,с.57]. Дар Русия бахши давлатӣ ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои бозорӣ баромад карда, равандҳои инноватсиониро таъмин намуда, ниёзҳои ҷамъиятӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро қонеъ мегардонад. Ҳамзамон, бахши давлатӣ вазифаҳои ҳавасмандкунанда ва назораткунандаро иҷро намуда, инчунин барои рушди устувори иқтисодӣ, ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи минтақа замина фароҳам меорад.

Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар ташаккул ва рушди бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ нишон дод, ки таҷрибаи одии ин ё он кишвар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самараи муайяне дода наметавонад. Дар ин ҷо хусусиятҳои фаъолияти бахши давлатӣ ва хислатҳои соҳаи хизматрасонии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба назар гирифтан лозим аст. Дар байни мамлакатҳои рушдкарда татбиқи таҷрибаи Фаронса, махсусан дар соҳаи хизматрасонии роҳи оҳан, тақсимоти гази табиӣ ва қувваи барқ мувофиқтар мебошад. Милликунонии корхонаҳои пештар хусусигардонидашудаи соҳаи хизматрасонӣ, ки моликияти онҳо аз ҷониби бахши хусусӣ мақсаднок истифода намешавад, принсипҳои иқтисоди бозориро вайрон намекунад.

Умуман, дар байни кишварҳои пасошуравӣ таҷрибаи Белорус мувофиқтар мебошад, зеро дар он корхонаҳои давлатӣ тақрибан 70% ММД-ро ташкил медиҳанд. Ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ метавон аз таҷрибаи Аврупои ғарбӣ истифода бурд, ки дар он корхонаҳои давлатӣ ба шароити бозор комилан мутобиқ шуда, дар соҳаи алоқаи почта, коммуналӣ ва дигар хизматрасониҳо бо муваффақият фаъолият мекунанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Табарзода О.С.**

**АДАБИЁТ**

1. Балацкий Е.В. Элементы экономики государственного сектора / Е.В. Балацкий. -М.: Капитал страны, 2013. -486 с.
2. Го Линь. Этапы эволюции государственного сектора экономики Китая / Го Линь // Инфраструктурные отрасли экономики: проблемы и перспективы развития. - 2015. -№11. -С.23-27.
3. Ирина В.Г. Государственный сектор российской экономики в контексте мировых практик / В.Г. Ирина // Вестник Челябинского государственного университета. - 2022. -№6(464). -С.52-61.
4. Кожевина О.В. Зарубежная практика использования организационных моделей управления эффективностью в государственном секторе экономики / О.В. Кожевина // Фундаментальные исследования. - 2014. -№11(9). -С.2027-2031
5. Косякова Н.И. Государственное предприятие в рыночой экономике / Н.И. Косякова. -М.: Юриспруденция, 2001. -304 с.
6. Макаренко О.С. Корпоративная модель государственного сектора российской экономики: тенденции и закономерности развития / О.С. Макаренко // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 3: Экономика. Экология. - 2017. -№1(38). -С.68-75.
7. Райзберг Б.А. Современный экономический словарь / Б.А. Райзберг, Л.Ш. Лозовский, Е.Б. Стародубцева. -6-е изд., перераб. и доп. -М.: ИНФРА-М, 2011.
8. Самородов А.А. Роль и значение государственного сектора в развитии экономик. [Электроный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/viewer.
9. Сатаев С.Б. Развитие региональной системы управления предприятиями государственного сектора экономики (на примере Республики Калмыкия): автореф. дисс. ...кон. эконом. наук.: 08.00.05 / С.Б. Сатаев. –М., 2005. -24 с.
10. Управление государственным сектором экономики: Монография / М.М. Ковалев [и др.]. -Минск: Изд. Центр БГУ, 2018. -250 с.
11. [Электроный ресурс]. URL: https://sovman.ru/articletop.

## ЗАМИНАҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАФҲУМИ БАХШИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ ОН

Дар мақола мафҳуми бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ таҳқиқ гардида, дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ аз ҷониби муаллиф мафҳуми бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ ва бахши давлатии иқтисодиёт пешниҳод карда шудааст. Зарурати омӯзиши бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ нишон дода шуда, тафовути байни ибораҳои «бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ», «бахши ҷамъиятии соҳаи хизматрасонӣ» ва «бахши давлатии иқтисодиёт» кушода шудаанд. Дар мақола моделҳои бахши давлатии иқтисодиёт, ки дар амалияи ҷаҳонӣ мавҷуданд, таҳлил гардида, хусусиятҳои фаъолияти бахши давлатии кишварҳо муайян карда шудаанд. Нақш ва аҳаммияти бахши давлатӣ дар марҳилаи ҳозираи рушд баррасӣ гардида, зарурати фаъолияти он дар иқтисодиёти омехта асоснок карда шудааст. Муҳиммияти танзими давлатии иқтисодиёт шарҳ дода шуда, муносибатҳои асосии байни бахши давлатии иқтисодиёт, аҳолӣ ва соҳибкорӣ баррасӣ карда шудааст. Муаллиф сохтори таркибии бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ ва унсурҳои асосии онро нишон додааст. Самтҳои фаъолияти сектори давлатии иқтисодиёт дар кишварҳои Аврупо, Амрикои Шимолӣ, минтақаи Осиё ва баъзе давлатҳои дигар баррасӣ карда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** корхона, ташкилот, кохонаҳои давлатӣ, маҳаллӣ, хизматрасонӣ, соҳаи хизматрасонӣ, корхонаҳои давлатии соҳаи хизматрасонӣ, бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ, модел, хусусиятҳо, соҳибкорӣ, субъекти хоҷагидорӣ, бахши давлатии иқтисодиёт, бахши хусусӣ, ҳиссаи давлат.

## КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ ПОНЯТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО СЕКТОРА СФЕРЫ УСЛУГ И ОСОБЕННОСТЕЙ ЕГО РАЗВИТИЯ

В статье рассматривается понятие государственного сектора сферы услуг на основе изучения мнений отечественных и зарубежных ученых, автором представлены также понятия государственного сектора сферы услуг и государственного сектора экономики. Показана необходимость изучения государственного сектора сферы услуг, а также выявлены различия между выражениями «государственный сектор сферы услуг», «общественный сектор сферы услуг» и «государственный сектор экономики». В статье анализируются модели государственного сектора экономики, существующие в мировой практике, и выявляются характеристики государственного сектора стран. Обсуждаются роль и значение государственного сектора на современном этапе развития, а также обосновывается необходимость его деятельности в условиях смешанной экономики. Объясняется важность государственного регулирования экономики, обсуждаются основные взаимоотношения государственного сектора экономики, населения и предпринимательства. Автор показал структуру государственного сектора сферы услуг и его основные элементы. Обсуждаются направления деятельности государственного сектора экономики в Европе, Северной Америке, Азии и некоторых других странах.

**Ключевые слова:** предприятие, организация, государственные предприятия, местный, услуга, сфера услуг, государственные предприятия в сфере услуг, государственный сектор сферы услуг, модель, характеристика, предпринимательство, хозяйствующий субъект, государственный сектор экономики, частный сектор, доля государства.

**CONCEPTUAL BASIS FOR DEFINING THE CONCEPT OF THE PUBLIC SERVICE SECTOR AND THE FEATURES OF ITS DEVELOPMENT**

The article examines the concept of the public sector of the service sector, based on a study of the opinions of domestic and foreign scientists, the author presents the concepts of the public sector of the service sector and the public sector of the economy. The need to study the public sector of the service sector is shown, and the differences between the expressions "public sector of the service sector", "public sector of the service sector" and "public sector of the economy" are identified. The article analyzes models of the public sector of the economy that exist in world practice and identifies the characteristics of the public sector of countries. The role and importance of the public sector at the present stage of development is discussed, and the need for its activities in a mixed economy is substantiated. The importance of state regulation of the economy is explained, the main relationships between the public sector of the economy, the population and entrepreneurship are discussed. The author showed the structure of the public sector of the service sector and its main elements. The directions of activity of the public sector of the economy in Europe, North America, Asia and some other countries are discussed.

**Keywords:** enterprise, organization, state-owned enterprises, local, service, service sector, state-owned enterprises in the service sector, public sector of the service sector, model, characteristics, entrepreneurship, economic entity, public sector of the economy, private sector, state share.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Имомов Муродалӣ Қурбонмаҳмадович* -** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва андозбандӣ. **Суроға**: 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбад, 48/5. E-mail: **Imomov_m_88@mail.ru**. Телефон: **(+992) 880801355**

**Сведения об авторе:** ***Имомов Муродали Курбонмахмадович*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент кафедры финансов и налогообложения. **Адрес**: 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбад, 48/5. E-mail: **Imomov_m_88@mail.ru**. Телефон: **(+992) 880801355**

**Information about the author:** ***Imomov Murodali Kurbonmakhmadovich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Finance and Taxation. **Address**: 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbad Avenue, 48/5. E-mail: **Imomov_m_88@mail.ru**. Phone: **(+992) 880801355**

**ТДУ: 336.14(575.3)**

# ТАШАККУЛЁБИИ ДАРОМАДИ БУҶЕТИ МАҲАЛЛИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

*Каримов Б.И., Каримов М.А.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Буҷети маҳаллӣ шакли ташкил ва харҷнамоии воситаҳои пулӣ мебошад, ки он барои таъмини мақсад ва вазифаҳои ба мақомоти маҳаллии ҳокимити иҷроия вогузоршуда масраф мегардад. Расман ба гурӯҳи харҷоти аз ҳама бузург, хароҷотҳои иҷтимоӣ дохил карда мешаванд. Бинобар ин, буҷетҳои маҳаллӣ дар самти татбиқи вазифаҳои умумидавлатии иқтисодӣ нақши муҳим доранд, ки он дар madди аввал дар тақсимнамоии воситаҳои буҷетӣ барои нигоҳдорӣ ва рушди инфрасохтори иҷтимоии ҷомеа инъикос меёбад. Ин воситаҳо тавассути низоми буҷетҳои маҳаллӣ гузар намуда, дар худ буҷетҳои шаҳрӣ, ноҳиявиро ҷой додаанд. Татбиқи сиёсати иҷтимоии давлатӣ захираҳои бузурги моддию молиявиро тақозо менамояд.

Нақши буҷетҳои маҳаллӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳрҳо, ноҳияҳо ба таври зерин тавсиф карда мешавад:

- муттаҳиднамоии захираҳои молиявӣ дар буҷети шаҳраку ноҳияҳо ба мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ имкони таъсиси пойгоҳи молиявиро ба бор оварда, дар татбиқи ваколатҳои худӣ, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад;
- аз тарафи мақомоти маҳаллии шаҳраку деҳот нишон додани мустақилияти молиявӣ-хоҷагидорӣ дар харҷоти воситаҳо барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия, рушди муассисаҳои мактабӣ ва тиббӣ, фарҳанг, фонди манзил, фаъолияти роҳсозӣ;
- рушди баробари иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо, тавассути коркарди барномаҳои минтақавии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳо дар самти ободонии шаҳраку деҳот, сохтани шабакаи роҳҳо, барқарорнамоии муҷассамаҳои фарҳангӣ бо истифода аз буҷети маҳаллӣ ва муносибатҳои байнибуҷетӣ;
- афзоиш ва ё коҳиши меъёрҳои харҷҳои молиявӣ барои расонидани хизматҳои давлатӣ ба муассисаҳои бахши ғайриистеҳсолӣ (мактаб, беморхонаҳо);
- сафарбарнамоии захираҳои молиявии марказонидашуда барои ҳалли масъалаҳои стратегии рушди минтақа ва соҳаҳои афзалиятдошта;
- таъсиррасонӣ ба ташкили мутаносиби маблағгузории асосии хароҷотҳои ҷорӣ, ҳавасмандгардонии истифодабарии захираҳои моддӣ, таъсиси истеҳсолоти маҳаллӣ ва ташкили шуғлҳои нав. Вобаста аз ин, нақши буҷетҳои маҳаллӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо дар шароити муайян метавонад боз ҳам рушд ёбад. Ба чунин шароитҳо пешниҳоди ваколатҳои иловагӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ташаккули буҷетҳои маҳаллӣ ва истифодаи онҳо дохил карда мешаванд.

Қисми даромад аз даромадҳои худӣ ва воридшавии воситаҳо аз даромадҳои танзимшаванда ташкил шуда, инчунин он дар худ кумакҳои молиявиро дар шаклҳои мухталиф (дотатсияҳо, субвенсияҳо, воситаҳои фонди дастгирии шаҳраку деҳот) ҷой додааст. Ҳама буҷетҳои маҳаллӣ баъди пардохти андозҳо ва боҷҳои тибқи қонунгузорӣ доир ба андозҳо муайянгардида, дар миқдори умумӣ намудҳои зерини андозҳо, ки дар расми 1 оварда шудааст, дар бар мегиранд.

Даромади буҷети давлатӣ - воситаҳои пулии дар намуди бебозгашт ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ихтиёри мақомоти худидоракунӣ қарордошта мебошад. Қисми даромади буҷетҳои маҳаллӣ аз воситаҳои худӣ ва инчунин аз андозҳои танзимшаванда ва воситаҳо аз рӯи ҳисоббаробариҳои тарафайн иборат мебошад. Инчунин, ба даромадҳои буҷетҳои маҳаллӣ, кумакҳои молиявӣ дар шакли дотатсия, субвенсияҳо ва воситаҳои фонди дастгирии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шомил мебошанд [5,с.87-96].

Даромади буҷетҳои маҳаллии мақомоти ҳокимияи иҷроияи давлатӣ ба буҷетҳои худӣ ва танзимшаванда (м.13), андозӣ ва ғайриандозӣ ҷудо мешаванд.

Ба даромадҳои худии буҷетҳо дохил мешаванд:

- даромадҳои андозии бо буҷетҳо ва қонунгузории ҷумҳурӣ мутобиқ;
- даромадҳои ғайриандозии дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикосёфта;

**Расми 1. Даромадҳои андозӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ**
**Fig. 1. Tax revenues to local budgets**




**Расми. 2. Даромадҳои ғайриандозии буҷетҳои маҳаллӣ**
**Fig. 2. Non-tax revenues of local budgets**




- интиқолҳои бебозгашт.

Даромадҳои танзимшаванда- пардохтҳои андозӣ ва дигар пардохтҳои минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки вобаста ба онҳо меъёрҳои пардохтӣ (бо фоиз) ба буҷетҳои маҳаллӣ дар соли навбатии молиявӣ ва инчунин дар асоси марҳилаи дарозмуддат аз рӯи навъҳои мухталифи чунин даромадҳо, муайян карда мешаванд.

Ба дигар даромадҳои худии буҷетҳои маҳаллӣ дохил мешаванд:

- даромадҳои аз ҳисоби хусусигардонии моликияти ба мақомоти маҳаллӣ тааллуқдошта;
- даромадҳо аз ҳисоби хусусигардонии моликияти давлатии дар ҳудуди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қарордошта ва тибқи муқаррароти барномаи хусусигардонии моликият амалишаванда;
- даромад аз ҳисоби ба иҷора додани моликияти мақомоти маҳаллӣ, махсусан ба иҷора додани биноҳои ғайриистиқоматӣ ва заминҳо;
- пардохтҳо барои истифодаи захираҳои табиӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҷаримаҳои ба буҷетҳои маҳаллӣ тибқи қонунгузорӣ муқарраршуда ва воридшаванда;
- боҷҳои давлатии тибқи муқаррароти қонунгузорӣ воридшаванда.

Тавассути қонунгузорӣ, инчунин ҳуқуқи мақомоти маҳаллии худидоракунӣ доир ба қабули пардохтҳо барои истифодаи захираҳои табиӣ ва иштироки мақомоти маҳаллии худидоракунӣ дар муносибатҳои қарзӣ, муқаррар гардидааст. Буҷетҳои маҳаллӣ инчунин аз ҳисоби истифодаи даромадҳои моликияти дар ихтиёри мақомотҳои маҳаллӣ қарордошта ва хизматрасониҳои пулакии аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ пешниҳодшаванда, таъмин карда мешавад.

Кумаки молиявӣ аз буҷети сатҳи дигари низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли дотатсия ва субвенсияҳо амалӣ гашта, он бояд дар буҷети маҳаллӣ, ки ҳамчун гирандаи ин маблағҳо шинохта мешавад, ба қайд гирифта мешавад.

Дотатсия – кумаки молиявии беподош, маблағҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пӯшонидани хароҷоти ҷорӣ беподошу бебозгашт ҷудо карда мешаванд.

Субвенсия - мусоидати молиявӣ - маблағҳои буҷетие, ки ба буҷети сатҳи дигари низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахси ҳуқуқӣ барои анҷом додани хароҷоти

муайяни беподошу бебозгашт ҷудо карда мешаванд.

Дотатсия, субвенсия ва инчунин воситаҳои қарзӣ нақши муҳимро дар ҷалби манбаҳои кумаккунандаи даромадҳои буҷетӣ иҷро менамоянд. Дар баробари ин, дар амалия дотатсияҳо ба сифати воситаи пӯшонандаи касри буҷети маҳаллӣ баромад менамоянд, аммо субвенсияҳо бошад ҳам, ба ҳаҷм ва ҳам ба сохтори хароҷоти буҷети маҳаллӣ таъсиррасон мебошанд. Воситаҳои қарзӣ барои пӯшонидани хароҷотҳои аз буҷети минималӣ барзиёд ва ё барои бартарафнамоии мушкилоти молиявӣ дар раванди иҷрои буҷети тасдиқшуда мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Мустақилияти минтақаҳои ҷумҳурӣ дар самти таъмини қисми даромади барои пешниҳоди неъматҳои умумиҷамъиятӣ зарур буда, шарти асосии бозсозии модели самараноки муносибатҳои байнибуҷетӣ маҳсуб меёбад.

**Ҷадвали 1. Даромади буҷети маҳалии вилояти Хатлон (ҳаз. сомонӣ)**
**Table 1. Income of the local budget of Khatlon region (haz. somoni)**

| | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2021 нисбат ба 2010 % |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ даромад, | 463475,5 | 1325422,6 | 1850037315 | 2225969235 | 398,9 |
| Аз ҷумла: | | | | | |
| андоз аз даромади шахсони воқеӣ | 73147,0 | 219988,3 | 400121,4 | | 547,0 |
| андоз аз фоида | 11342,2 | 165557,8 | 86426,8 | | 761,9 |
| андоз аз амволи ғайриманқули шахсони воқеӣ | 14200,3 | 93126,9 | 57008,9 | | 401,4 |
| андоз аз замини шахсони ҳуқуқӣ | 2290,1 | - | - | | - |
| андоз аз замини шахсони воқеӣ | 7106,0 | - | - | | - |
| Андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо | 17491,9 | - | - | | - |
| Андоз аз фурӯши чакана | 17066,5 | - | - | | - |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 47124,3 | 274828,5 | 226696,5 | | 481,0 |
| андоз аз истифодабарандагони роҳҳои нақлиётӣ | 16761,8 | 26781,0 | 45190,1 | | 269,6 |
| андози ягона аз истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ | 27037,9 | - | - | | - |
| Андози содакардашуда | 1359,2 | 110810,5 | 149906,0 | | 542,9 |
| Андоз аз воситаҳои нақлиёт | 10616,4 | 28521,4 | 50990,5 | | 480,2 |
| Дигар пардохтҳои маҳаллӣ | 9323,1 | 16800,6 | 11254,4 | | 120,7 |
| Боҷҳои давлатӣ | 9018,3 | 22279,9 | 18317,5 | | 203,1 |
| Аксиз | 702,7 | 774,4 | 733,3 | | 104,3 |
| Андоз аз истифодаи захираҳои табиӣ | 5576,0 | 38814,2 | 15659,7 | | 280,8 |
| Дигар даромадҳои ғайриандозӣ | 187291,0 | 590566,2 | 523224,3 | | 279,3 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои расми Омори вилояти Хатлон. – 2020. -С.378-380.

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 1 бар меояд, дар давоми солҳои 2010-2021 даромади буҷети вилояти Хатлон зиёда аз 3,9 маротиб афзудааст. Дар соли 2021 даромадҳои андозӣ тақрибан 56% даромади буҷетро ташкил намуданд. Дар сохтори воридоти андозӣ ҳиссаи даромад аз шахсони воқеӣ 21,6% ва андоз аз арзиши иловашуда зиёда аз 12,2%-ро (мутаносибан 21,6 ва 9,4%) ташкил намуд. Вазни қиёсии андози содакардашуда ва андоз аз воситаҳои нақлиёт ба 10,8% баробар аст. Дар марҳилаи таҳлилшаванда инчунин афзоиши пардохтҳои маҳаллӣ низ мушоҳида мегардад, дар соли 2021 нисбат ба 2010, ин пардохтҳо 12 маротиба афзоиш ёфтаанд ки дар диаграммаи 1, шарҳ дода шудааст [2,с.217-225].

Самтҳои асосии сиёсати буҷетӣ ва андози вилояти Хатлон, самтҳои афзалиятноки сиёсати буҷетӣ ва андозро дар давраи миёнамуҳлат ва равишҳое, ки дар таҳияи лоиҳаи буҷети вилоят истифода мешаванд, муайян мекунанд. Мақсади асосии сиёсати андози

**Диаграммаи 1. Даромади буҷети маҳаллии вилояти Хатлон (ҳаз. сомонӣ)**
**Diagram 1. Income of the local budget of Khatlon region (H. Somoni)**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои расми Омори вилояти Хатлон. – 2020. -С.378-380

вилояти Хатлон нигоҳдорӣ ва рушди иқтидори андоз бо мақсади таъмини устувории буҷети маҳаллӣ ва ноил шудан ба самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Сиёсати буҷетии вилоят баҳри иҷрои бевоситаи уҳдадориҳои ба зимма гирифта ва иҷрои самараноки онҳо сафарбар гардидааст ва ин бо назардошти мақсадҳо ва нишондиҳандаҳои мақсаднок, ки дар ҳадафҳои миллӣ ва масъалаҳои стратегии рушди кишвар ва минтақаҳои он барои давраи дарозмуддат муайян гардидаанд, баҳисоб меравад.

Дар коркарди ин сиёсат, нақши муҳимро устувории ташаккули буҷети маҳаллӣ иҷро менамояд. Агар сохтори даромадҳои буҷети маҳалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор диҳем, маълум мегардад, ки он ба таври зер ҷобаҷогузорӣ карда мешавад:

– даромад аз андозҳои минтақавӣ ва пардохтҳо;
– даромад аз пардохтҳо ва андозҳои ҷумҳуриявӣ;
– пардохтҳои маҳаллӣ;
– боҷҳои давлатӣ ва дигар даромадҳои ғайриандозӣ;

**Ҷадвали 2. Сохтори даромади буҷети маҳаллии вилояти Хатлон**
**Table 2. Structure of local budget income of Khatlon region**

| Унсурҳои даромад | 2015 | | | 2021 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Буҷети тасдиқшуда | Иҷроиши аслӣ | бо % нисбат ба тасдиқшуда | Буҷети тасдиқшуда | Иҷроиши аслӣ | бо % нисбат ба тасдиқшуда |
| Даромадҳо, ҳамагӣ | 1346021,6 | 1325422,6 | 98,4 | 1870646,5 | 1848956,5 | 98,8 |
| Аз ҷумла: | | | | | | |
| Андоз аз даромади шахсони воқеӣ | 231865,3 | 219988,3 | 94,8 | 420212,5 | 400121,4 | 95,2 |
| Андоз аз фоида | 169567,8 | 165557,8 | 97,6 | 88035,6 | 86426,8 | 98,1 |
| андоз аз амволи ғайриманқули шахсони воқеӣ | 94106,8 | 93126,9 | 98,9 | 58302,9 | 57008,9 | 97,7 |
| Андоз аз заминҳои шахсони ҳуқуқӣ | | - | | | - | |
| Андоз аз заминҳои шахсони воқеӣ | | - | | | - | |
| Андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо | | - | | | - | |
| Андоз аз фурӯши чакана | | - | | | - | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Андоз аз арзиши иловашуда | 285029,4 | 274828,5 | 96,4 | 236596,4 | 226696,5 | 95,8 |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилӣ | 27545,3 | 26781,0 | 97,2 | 46200,2 | 45190,1 | 97,8 |
| Андози ягонаи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ | | - | | | - | |
| Андози содакардашуда | 117200,4 | 110810,5 | 94,5 | 152100,2 | 149906,0 | 98,5 |
| Патент | | - | | | - | |
| андоз аз воситаҳои нақлиёт | 28805,2 | 28521,4 | 99,0 | 51605,4 | 50990,5 | 98,8 |
| Дигар пардохтҳои маҳаллӣ | 16100,6 | 16800,6 | 99,4 | 11300,5 | 11254,4 | 99,5 |
| Боҷҳои давлатӣ | 22380,9 | 22279,9 | 99,5 | | 18317,5 | |
| Аксиз | 785,5 | 774,4 | 98,5 | 754,8 | 733,3 | 97,1 |
| Андоз аз истифодарбарандагони захираҳои табиӣ | 42201,4 | 38814,2 | 91,9 | 16620,4 | 15659,7 | 94,2 |
| Дигар даромадҳои ғайриандозӣ | 610240,4 | 590566,2 | 96,7 | 540210,4 | 523224,3 | 96,8 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Омори вилояти Хатлон. – 2020. -С.378-380.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали мазкур бар меояд, ки вилояти Хатлон барои таъмини рушди устувори минтақа фаъолиятро дар самти ташаккули буҷети маҳаллӣ нигаронидааст. Яъне, даромад ҳамагӣ дар соли 2021 нисбат ба буҷети тасдиқгардида 98,8% иҷро гардидааст. Даромад аз андоз, даромадҳои дигари маҳаллӣ, даромадҳои ғайриандозӣ дар давоми солҳои 2015-2021 нисбат ба тасдиқшуда ба ҳисоби миёна аз 95% то 98% иҷро шудааст, ки ин аз самаранокии идоракунии ташаккулёбии буҷети маҳаллӣ дарак медиҳад [7,с.379-380].

Ҳамин тавр, барои таъмини фаъолияти самараноки низоми идоракунии молияи маҳаллӣ, таъсиси низоми комил, ки қисми хароҷотиро дар сатҳи паст нигоҳ дошта, қисми даромадҳои онро тақвият мебахшад, зарур арзёбӣ мегардад. Дар ин маврид, низоми мониторинг ва баҳогузории сифати идоракунии молияи маҳаллӣ, барои ташаккули замина, ҷиҳати баландбардории самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад.

Идоракунии молияи маҳаллиро дар аксар ҳолат ҳамчун шакли самараноки ташаккулёбии буҷетҳои маҳаллӣ дида мебароянд. Табиати иқтисодии буҷетҳои маҳаллӣ дар таъиноти онҳо инъикос меёбад. Бар асоси табиати иқтисодӣ, буҷет аз худ маҷмуи ҳаракатҳои объективии пулиро таҷассум менамояд, вобаста ба ифодаи моддӣ, инъикосгарӣ фонди воситаҳои пулӣ мебошад. Аз рӯи шакли ташкилӣ, ҳуҷҷати молиявиест, ки шакли он бо қонун муқаррар гардидааст. Новобаста аз тафовутҳои андешаҳои иқтисодии мавҷуда, доир ба табиати муносибатҳои буҷетӣ, барои онҳо қабул ҳамчун қисми объективии муносибатҳои молиявии мавҷуда ва мутаносибан хусусиятҳои нисбатан муҳим зурур буда, дар худ хусусияти пулӣ ва тақсимотиро ҷой додааст.

Буҷетҳои маҳаллӣ нақши муҳимро дар татбиқи масъалаҳои миллии иқтисодӣ-иҷтимоӣ иҷро менамоянд, махсусан зимни тақсимоти воситаҳои буҷетӣ барои нигоҳдорӣ ва рушди инфрасохтори иҷтимоии ҷомеа. Ҳамзамон, буҷетҳои маҳаллӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии шаҳрҳо низ нақши калидӣ доранд. Зимни коркард ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ба назар гирифтани омилҳои асосии вақт зарур мебошад. Сиёсати давлатӣ ва маҳалии иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар асоси банақшагирии буҷети маҳалҳо татбиқ карда мешавад.

Асосҳои иқтисодӣ-молиявии таъминкунандаи мустақилияти иқтисодии мақомоти маҳаллӣ, қабл аз ҳама, барои қонеъгардонии талаботи аҳолии минтақаҳо ва таъсиси шароит барои зист сафарбар мегарданд. Дар шароити имрӯза, барномаҳои минтақавии рушди иқтисодии шаҳру ноҳияҳо коркард ва татбиқ шуда истодаанд ва ба самти беҳтарнамоии вазъи ноҳияҳо ва деҳот, беҳтаргардонии намуди зоҳирии кӯчаҳо, барқарории биноҳои таърихӣ равона шудааст. Мақомоти ҳокимияти маҳаллии давлатӣ

метавонанд истифодаи маблағҳои дар ихтиёрашон қарор доштаро, яъне ҳаҷми хароҷотҳоро ба хизмати ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (мактабҳо, беморхонаҳо ва ғайра) зиёд ё кам кунанд.

Дар қисми зиёди мамлакатҳои ҷаҳон, даромадҳои худӣ дар буҷетҳои маҳаллӣ бартарият доранд. Дар баробари ин, дар Британиёи Кабир, Фаронса, Олмон, Шведсия, Португалия, Венгрия ва Словения даромадҳои худии мақомоти маҳаллӣ, дар аксар ҳолат аз ҳисоби андозҳои маҳаллӣ ташаккул меёбанд. Дар Литва, Эстония ва Чехия даромадҳои худии буҷетҳои маҳаллӣ, асосан аз ҳисоби пардохтҳо аз буҷетҳои умумиҷумҳуриявӣ ташкил мешаванд. Дар Финляндия 3/2 даромадҳои худӣ- воситаҳоеанд, ки аз ҳисоби ширкатҳои маҳаллӣ, ки ба аҳолӣ хизматрасониҳои коммуналиро пешкаш менамоянд, таъмин карда мешавад.

Таъмини мустақилияти молиявии мақомоти маҳаллӣ дар кишварҳои хориҷӣ, асосан дар асоси пешбурди низоми мувозини тақсимоти ваколатҳои хароҷотию даромадӣ, пешниҳоди трансфертҳо (амалиётҳо) ва истифодаи механизмҳои таъминкунандаи истифоданамоии захираҳои молиявию моликиятии минтақаҳо таъмин карда мешавад.

Барои таъмини мувозинати буҷетҳои маҳаллӣ, дар кишварҳои хориҷӣ, механизмҳои баробарнамоии буҷетҳо, ки унсури асосии пешбурди сатҳи муътадили рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо, ки ба ҳайъати кишвар дохил мешаванд, истифода бурда мешавад. Дар сурати нокифоя будани андозҳои маҳаллӣ, ҷиҳати таъмини қисми хароҷотии буҷет, аз баробарии вертикалӣ ва горизонталӣ истифода менамоянд.

Баробарнамоии вертикалӣ, ҷудонамоии амиқи ваколатҳоро байни ҳама сатҳҳои низоми буҷетӣ тақозо менамояд. Дар баробари ин, баробарнамоии горизонталӣ ҷиҳати расонидани кумаки молиявӣ аз буҷетҳои мақомоти сатҳи болоӣ ба поёниро дарназар дорад.

Манбаҳои даромади мақомоти маҳаллии худидорашаванда дар мамлакатҳои хориҷӣ бо иқтисоди рушдёфта дар аксар маврид аз модели буҷетӣ-андозии аз тарафи ҳукумати марказӣ қабулшаванда вобастагӣ дорад.

Яке аз манбаҳои асосии даромадҳои андозии буҷетҳои маҳаллии миқдори зиёди кишварҳои хориҷӣ, андози даромад ва андоз аз фоида маҳсуб меёбанд. Воридшавии андозҳо (асосан андозҳои аз шахсони воқеӣ ситонидашаванда) дар буҷетҳои маҳаллии кишварҳои зерин ба монанди Швецария, Исландия, Финляндия, Олмон, Дания, Шветсия ва Норвегия нақши калидӣ доранд. Дар кишварҳои Скандинавӣ аҳаммияти андоз аз даромад нисбатан зиёд буда, он 90-97% даромади буҷетҳои маҳаллиро таъмин менамояд ва дар Финляндия ва Шветсия зиёда аз 70% пардохтҳо аз ин намуди андоз ба фоидаи мақомоти маҳаллӣ интиқол дода мешаванд.

Инчунин, манбаи даромад дар ин кишварҳо андоз аз амвол маҳсуб меёбад. Дар кишварҳои алоҳида ҳиссаи ин намуди андоз дар буҷетҳои маҳаллӣ тахминан ба 100% баробар мебошад (Британияи Кабир, Ирландия). Яке аз дигар хусусиятҳои муҳимми ташаккулдиҳии буҷетҳои маҳаллӣ дар кишварҳои дар ҳоли рушд, вазни қиёсии нисбатан баланди даромадҳои ғайриандозӣ дар ҳаҷми умумии даромадҳо ба шумор мераванд, ба ҳисоби миёна 10-25% [4,с.370-381].

Дар ҷомеаи муосир, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ нақши асосиро дар рушди иқтисоди ҷумҳурӣ иҷро менамоянд ва қисми таркибии иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбанд. Ба онҳо ҳуқуқҳои мутобиқ, пойгоҳи моликиятӣ, захираҳои моддӣ барои иҷрои вазифаҳои ба ӯҳдаи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ вогузор гардидаанд.

Ҷамънамоии захираҳои молиявӣ дар буҷетҳои маҳаллӣ, намояндагон ва роҳбарон метавонанд бо хосияти марказони воситаҳои молиявиро барои ҳалли масъалаҳои стратегии рушди минтақа ва самтҳои афзалиятнок сафарбар намоянд.

Буҷети маҳаллӣ ҳамчун категорияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ вазифаҳоеро иҷро менамояд, ки ба ҳама категорияҳои молиявӣ мувофиқат менамоянд, дар умум, тақсимот ва назорат. Буҷети маҳаллӣ маблағҳоро байни бахшҳои мухталифи иқтисод, бахшҳои истеҳсолӣ, фаъолияти иҷтимоӣ ва минатқаҳои иқтисодӣ тақсим менамояд.

Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки фарқияти куллии таҷрибаи ватании ташаккули даромадҳои буҷетҳои маҳаллӣ аз хориҷӣ дар он аст, ки дар мо ба воситаҳои бебозгашт

афзалият дода мешавад ва ин дар ҳолест, ки дар кишварҳои хориҷӣ бартарият ба даромадҳои андозӣ дода мешавад.

Мутаносибан сифати самтҳои асосии баландбардории самаранокии идоракунии молияи маҳаллиро метавон чунин шарҳ дод:

– афзоиши ҳиссаи воридоти андозӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ;

– мусоидати давлатӣ ҷиҳати баландбардории сифати идоракунии молияи минтақавӣ ва маҳаллӣ;

– таъмини рушди методҳои барномавӣ-мақсаднокии идоракунии раванди буҷет дар сатҳи минтақа ва маҳал.

Ҳамин тавр метавон қайд намуд, ки барои баландбардории самаранокии идоракунии молияи минтақавӣ, аҳаммияти аввалиндараҷа бояд ба қисми даромади буҷети маҳаллӣ дод. Ҳалли камбудиҳои дар сатҳи минтақа мавҷуд буда, бояд ба самти фаъолгардонии маъмуриятҳо дар ташаккули чунин сиёсати буҷетӣ фарогир шавад, ки ба баландбардории воридоти андозӣ мусоидат намояд, зеро он метавонад дар хавфи маблағгузории нокифоя ва ташаккули касри буҷет сабабгор шавад. Такмили идоракунии молияи давлатии маҳаллӣ бо роҳи фаъолгардонии унсурҳои буҷетӣ-андозӣ бояд бо назардошти вазъи иқтисодии кишвар ва маҳал татбиқ карда шаванд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДДМИТ – Ҳамидов А.Х.**

## АДАБИЁТ


1. Боканов, А.А. Эволюция бюджетирования, ориентированного на результат / А.А. Боканов // Армия и общество. – 2012. -№1(29). -С.134-137.
2. Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич // Паёми молия ва иқтисоди Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. -№1(31). – С.217-225. ISSN; 2663-0389
3. Командиров, М.А. Процессный подход к определению норм управляемости / М.А. Командиров // Экономика и управление: анализ тенденций и перспектив развития. – 2013. -№9. -С.94-100.
4. Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич // Паёми молия ва иқтисод. -Душанбе, 2023. -№1(35). -С.370-381. ISSN; 2663-0389
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2021-2022. -С.87-96.
6. Мелехин В.Б. Методологические основы самоорганизации в управлении сложными социально-экономическими объектами / В.Б. Мелехин, Л.М. Багандова // Транспортное дело России. – 2010. -№5. -С.131-133.
7. Омори солонаи вилояти Хатлон. - 2021. –С.379-380.
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021-2022.
9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Шарқи озод, 26 декабри соли 2022. -13 с.
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -С 45-46.
11. Сухарев, О.С. Системный подход к анализу эффективности бюджетных расходов и направлений развития экономики / О.С. Сухарев // Экономика и предпринимательство. – 2015. -№1(54). -С.83-94.
12. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2022 таҳти рақами №1716 «Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани музди меҳнати ҳадди ақал, маоши амалкунандаи вазифавии кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, нафақа ва стипендия» // «Ҷумҳурият». - 21 июни соли 2022.
13. Финансы: учебник. -3-е изд., перераб. и доп. / под ред. проф. В.Г. Князева, проф. В.А. Слепова. -М.: Магистр, 2012. -654 с.
14. Ясаков, А.С. Процессный подход к управлению экономическими системами / А.С. Ясаков // Вестник Воронежского государственного аграрного университета. – 2013. -№2. -С.324-328.


## ТАШАККУЛЁБИИ ДАРОМАДИ БУҶЕТИ МАҲАЛЛИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН


Буҷетҳои маҳаллӣ, ки асоси молиявии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мебошад, дар баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии иҷтимоии аҳолӣ ва рушди иқтисодиёт мавқеи асосиро ишғол мекунад. Бинобар ин, мақола ба масъалаҳои назариявии идоракунии молияи давлатӣ бахшида шудааст. Муаллифон дар мақола оид ба идоракунии молияи давлатӣ равишҳои равандӣ, ҳолатӣ, низоми оид ба идоракунӣ, синергетикӣ ва барномавии мақсаднокро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ҳамчунин, муаллифон ба принсипҳои идоракунии молияи давлатӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, қайд кардаанд, ки моҳият ва маҷмуи принсипҳои идоракунии молияи давлатӣ аз як тараф, ба қонуниятҳои умумии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷамъият ва давлат аз тарафи дигар, ба равандҳои объективии худи низоми молиявӣ асос меёбад. Дар хулоса, муаллифон дар раванди идоракунии молияи давлатӣ равиши илмӣ доштанро зарур донистаанд, ки он имконияти коркарди қарорҳои идоракуниро бо назардошти натиҷаи таҳлили иқтисодӣ, ҳамгирои оқилонаи методҳои иқтисодӣ-маъмурӣ медиҳад.

**Калидвожаҳо:** молияи давлатӣ, стратегия, ниҳод, сектори молиявӣ, устувории иқтисодиёт, қонунияти иқтисодӣ, самаранокӣ, идоракунии молия, принсипҳои идоракунӣ.

## ОРГАНИЗАЦИЯ ДОХОДОВ МЕСТНОГО БЮДЖЕТА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

Местные бюджеты, являющиеся финансовой основой органов местного самоуправления, играют ключевую роль в повышении уровня социального самочувствия населения и экономического развития. Поэтому статья посвящена теоретическим вопросам управления государственными финансами. В статье авторами изучены научные подходы: процессный, ситуационный, системный, синергетический и программно-целевой. Также авторами уделено особое внимание принципам управления государственными финансами и отмечается, что сущность и совокупность принципов управления государственными финансами, с одной стороны, связаны с общими закономерностями социально-экономического и политического развития общества и государства, с другой стороны, с объективными процессами самой финансовой системы. В заключении авторы считают необходимым выработку научного подхода к процессу управления государственными финансами, который дает возможность обработки управленческих решений с учетом результатов экономического анализа, рациональной интеграции экономико-управленческих методов.

**Ключевые слова:** государственные финансы, стратегия, институт, финансовый сектор, экономическая стабильность, экономическая законность, эффективность, финансовый менеджмент, принципы управления.

## ORGANIZATION OF LOCAL BUDGET INCOME OF KHATLON REGION

Local budgets, which are the financial basis of local self-government bodies, play a key role in increasing the level of social well-being of the population and economic development. Therefore, the article is devoted to theoretical issues of public finance management. In the article on public finance management, the authors studied scientific approaches such as: process, situational, systemic, synergistic and program-targeted. The authors also pay special attention to the principles of public finance management and notes that the essence and totality of the principles of public finance management, on the one hand, are related to the general laws of the socio-economic and political development of society and the state, and on the other hand, to the objective processes of the financial system itself. In conclusion, the authors consider it necessary to have a scientific approach in the process of managing public finances, which makes it possible to process managerial decisions, taking into account the results of economic analysis, rational integration of economic and managerial methods.

**Keywords:** public finance, strategy, institution, financial sector, economic stability, economic legitimacy, efficiency, financial management, management principles.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Каримов Бахромҷон Исматуллоевич*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи менеҷмент**. Суроға:** 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон**: (+992) 904467733.** E-mail: **k.bahrom94@mail.ru**
***Каримов Муҳаммад Абдуқаюмович*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи менеҷмент. **Суроға:** 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 006-88-70-11.** E-mail: **karimov.m1996@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Каримов Бахромджон Исматуллоевич*** **–** Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры менеджмента. **Адрес:** 734067, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 904-46-77-33.** E-mail: **k.bahrom94@mail.ru**
***Каримов Мухаммад Абдукаюмович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры менеджмента. **Адрес:** 734067, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 006-88-70-11.** E-mail: **karimov.m1996@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Bakhromjon Ismatulloevich Karimov*** – Tajik State University of Finance and Economics, assistant at the Department of Management. **Address:** 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone: **(+992) 904-46-77-33.** E-mail: **k.bahrom94@mail.ru**
***Karimov Muhammad Abdukayumovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, assistant at the Department of Management. **Address:** 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone: **(+992) 006-88-70-11.** E-mail: **karimov.m1996@mail.ru**

ТДУ: 338:004 (575.3)

# ХАВФ ВА ИМКОНИЯТИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶАРАЁНИ РАҚАМИКУНОНИИ НИЗОМИ БОНКӢ

*Расулов А.Р.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Имрӯз инсоният дар асри XXI, асри илму технология ва навовариҳо зиндагӣ дорад ва талабот ба хизматрасониҳои наву содакардашударо ҳарчи зудтар қабул менамояд. Бонк низ як ҷузъи муҳимми соҳаи иқтисодӣ ва системаи молиявӣ ба шумор меравад. Қисми зиёди одамон б ахизматрасониҳои бонкӣ дастрасӣ доранд ва ҳар як шахс дар як рӯз ҳадди ақал як амалиёти интиқоли маблағ ва пардохти хизматраосниҳоро анҷом медиҳад. Аз ин рӯ, бо афзоиши талаботи истеъмолкунандагон ва меъёрҳое, ки барои доираи мизоҷон дар робита ба интихоби таъминкунандаи баъзе хизматрасониҳо муҳиманд зиёд шуда истодааст. Бинобар ин, бонкҳоро зарур аст, ки қарорҳои нави технологиро саривақт татбиқ намуда, ба беҳтар шудани сатҳи хизматрасонӣ мусоидат намоянд. Бинобар ин, раванди рақамисозии системаҳо барои фаъолияти минбаъдаи бонкҳо марҳилаи табиӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки суръати рушди бонкдории мобилӣ дар айни замон аз нишондиҳандаҳои шабеҳи онлайн - банкинг хеле пеш аст. Азбаски талабот ба технологияҳои нави иттилоотӣ аз ҷониби истеъмолкунандагони ин намуди хизматрасонӣ зиёд аст, рақамикунонӣ дар бахши бонкӣ ва муассисаҳои гуногуни молиявӣ фаъолона татбиқ карда мешавад. Раванди мазкур дар давраи душвориҳое, ки бинобар вазъи номусоиди эпидемиологӣ бар асари пандемияи COVID-19 ба вуҷуд омадаанд, аҳаммияти хосса пайдо кардааст, ки эҳтимолан ба суботи молиявӣ таъсир расонидааст. Яъне, фаъолияти бесуботи ин системаҳо, сатҳи баланди хизматрасонӣ ва дараҷаи эътимоднокӣ боиси боварии одамон гардид. Дар ин асос бонкҳои марказӣ таъмини суботи молиявиро ба уҳдаи худ мегиранд. Зеро, системаҳое, ки бонкҳои марказӣ ба вуҷуд меоранд, бевосита ба суботи иқтисодӣ ва ҳам мақсадҳои сиёсӣ таъсир мерасонад, яъне онҳо барои таъмини дурусти фаъолияти иқтисодию сиёсии кишвар равона шудааст. Дар баробари ин, бояд ба назар гирем, ки низмои бонкӣ нисбат ба дигар соҳаҳо бештар ба хавҳо дучор мешавад.

Ташкилотҳои молиявиро зарур аст, ки барои фаъолияти самараноки худ хадамоти амнияти иқтисодиро дар сохтори худ дар асоси принсипҳои зерин ба роҳ монанд:

1. Қонуният. Ҳама равандҳои корӣ (аз ҷумла онҳое, ки амнияти иқтисодиро таъмин мекунанд), бояд танҳо дар асоси қонуниятҳои миллӣ ва байналмилалии муқарраршуда амалӣ ва ба роҳ монда шавад.

2. Ба мақсад мувофиқ будани принсипҳои иқтисодӣ. Амнияти объект танҳо дар сурате муҳим аст, ки хароҷот аз ҳаҷми талафоти эҳтимолӣ дар сурати амалисозии таҳдидҳои муайян зиёд набошад.

3. Маҷмуи тадбирҳои реактивӣ ва пешгирикунанда. Ҳангоми ба вуҷуд омадани таҳдидҳои воқеии амният чораҳои реактивӣ андешида мешаванд. Ҳадафи асосии онҳо зуд ва ба таври муассир кам кардани оқибатҳои зарароваре мебошад, ки метавонад боиси талафоти иқтисодӣ ё обрӯ гардад. Тадбирҳои пешгирикунанда чораҳои пешгирӣ ва бастани таҳдидҳои эҳтимолиро дар бар мегиранд.

4. Давомнокӣ. Хадамоти амнияти иқтисодии ширкат бояд пайваста фаъолият кунад.

5. Тафовут.

6. Хусусият ва дараҷаи таҳдиди мушаххас бевосита ба чораҳои аз ҷониби ширкат ба эътидол овардани вазъият ва мубориза бо оқибатҳои манфии эҳтимолӣ таъсир мерасонад.

7. Ҳамоҳангсозии амалҳо. Барои он ки шуъбаи бехатарии иқтисодӣ вазифаҳои худро дуруст иҷро кунад, дар байни ҳамаи структураҳои дохили корхона алоқаи зич муқаррар кардан зарур аст.

8. Назорати пурра. Хадамоти бехатарии иқтисодӣ бояд ба қарорҳои роҳбарияти ширкат комилан итоат кунад.

**Тафовут байни бонкдории онлайн ва рақамӣ.** Бонкдории онлайн, пеш аз ҳама, ба интиқоли пул, пардохтҳои ҳисоб, пасандозҳои дурдаст ва идоракунии асосии ҳисобҳои

онлайн амалӣ мегардад. Синонимҳои ин мафҳум "банкингии виртуалӣ", "интернет-банкинг" ва "банкинги электронӣ" мебошанд. Бонкдории рақамӣ рақамикунонии ҳар як барнома ва фаъолиятест, ки аз ҷониби муассисаҳои молиявӣ ва пешниҳоди мизоҷони онҳо амалӣ карда мешавад.

**Манфиатҳои рақамикунонии додаҳо аз инҳо иборат аст:**

- ✓ Афзоиши шумораи муомилоти ғайринақдӣ ва шароити иҷрои онҳо (масалан, шумораи зиёди банкоматҳо ва ҳамёнҳои мобилӣ) ба сарфаи назарраси ҳам барои муштариён ва ҳам барои худи ташкилотҳои бонкӣ манфиатовар.
- ✓ Таҳлили рақамӣ, ки дар ихтиёри бонкҳо аст, ба онҳо имкон медиҳад, ки ба қабули қарорҳо самараноктар муносибат кунанд.
- ✓ Афзоиши базаи муштариён аз ҳисоби бо ҳам наздиктар шудани ҳамкорӣ бо бонк.
- ✓ Кам кардани шумораи хатогиҳо аз ҳисоби омилҳои инсонӣ.
- ✓ Кам шудани эҳтиёҷ ба миқдори зиёди пули нақд.
- ✓ Тафовут дар хизмастрасонии муштариён дар байни шаҳрҳо ва деҳот коҳиш дода мешавад.
- ✓ Паст кардани таҳдиди сохтан ва паҳншавии асъори қалбакӣ (аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми муомилоти ғайринақдӣ).

**Афзалиятҳо ва норасоиҳои рақамикунонӣ дар низоми бонкдорӣ.** Рақамикунонӣ метавонад ба бонкҳо дар коҳиш додани хароҷот ва оптимизатсияи хизматрасонии муштариён кумак расонад. Гарчанде қарорҳои IT барои татбиқи онҳо гарон аст ва абзорҳои нави бонкии рақамӣ на ҳамеша аз ҷониби муштариён хуб қабул карда мешаванд, таҳияи назари равшани рақамисозӣ эҳтимол дорад, ки ба бонкҳо дар бартараф кардани мушкилоти пайдошуда кумак кунад. Бояд раванди татбиқ, ҳамгироӣ, қабули абзорҳои нави рақамӣ ва инчунин аҳаммияти гузариш ба хизматрасониҳои рақамию абзорҳои онлайн банкингро дар дохили ширкат ба кормандон бовар кунонидан зарур аст. Зеро, онҳо ба рақамикунонии ширкат наздик буда, аз ҷиҳати стратегӣ кам кардани шумораи низоъҳои дохилиро бештар қабул мекунанд ва истифодаи ин гуна технологияҳои навро ба муштариён беҳтар фаҳмонида метавонанд. Мутобиқсозии фарҳанги дохилии ташкилот бо намуди маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ барои ба ҳадди имкон расонидани кӯшишҳои маркетингии он ва дар ниҳояти кор ба фаъолияти ширкат муҳим ба ҳисоб меравад.

**Камбудиҳои рақамикунонӣ дар бахши бонкӣ инҳоянд:**

- ➢ Хеле кам шудани талабот ба захираҳои меҳнатӣ аз ҳисоби васеъ истифода бурдани системаҳои гуногуни автоматикунонидашуда.
- ➢ Кам кардани шумораи филиалҳои бонкӣ, ки боиси ихтисор шудани ҷойҳои корӣ мегардад ва ҳамкориро бо бонки истеъмолкунандагони хизматрасонӣ аз категорияи «50+», ки онҳо каналҳои рақамиро эҳсос намекунанд, мушкил мегардад.
- ➢ Осебпазирии аксари ташкилотҳои бонкӣ аз ҳамлаҳои киберӣ.

Дар оянда эҳтимол аст, ки мо системаҳои бонкиро дар шакли зеҳни сунъӣ бубинем ва баъзе технологияҳо барои муошират бо муштариён бо истифода аз онҳо (масалан, чатботҳо) аллакай татбиқ шуда истодаанд. Аммо ин танҳо аввали кор аст. Зеҳни сунъӣ имкон дорад, ки сохторҳои таҳлилҳои молиявӣ, баҳодиҳии компютерии кредитӣ ва таҳлилҳои пушгӯйиро дар миқёси васеъ табдил диҳад. Аз нуқтаи назари муштариён, омӯзиши мошини ҳисоббарор ба такмили самаранокии таҷрибаи истифодаи маҳсулоти бонкӣ мусоидат мекунад ва барои самаранок ҳал кардани масъалаҳои пайдошуда кумак мерасонад. Дар баробари ин, зеҳни сунъӣ дарояндаи наздик ба бонкҳо имкон медиҳад, ки доираи мушкилоти истеъмолкунандагони хизматрасонӣ ва бидуни хароҷоти назарраси молиявӣ ҳалли онҳоро пешиҳод намояд. Ин боиси он мегардад, ки низоми бонкӣ дар робита бо таҷрибаи муштариён рушд намояд. Ташкилотҳои бонкӣ бояд мунтазам ба вуҷуд омадани имкониятҳои нави технологиро назорат кунанд ва онҳоро барои рушди пайвастаи тиҷорат зуд амалӣ намоянд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки барои ба таври оммавӣ ҷалб кардани муштариён на танҳо маҳсулотҳои ҷолибу хушсифат таҳия кардан лозим аст, балки раванди бароҳат ва бефосилаи истифодаи онро низ таъмин кардан шарти асосӣ ба

ҳисоб меравад. Нигоҳ доштани муштариён дар шароити рақобати шадид душвор аст, зеро бахши хизматрасониҳои бонкӣ хеле васеъ аст ва хизматрасониҳои муассисаҳои гуногуни соҳа аз ҷиҳати пешниҳоди маҳсулоти онҳо якхела мешавад. Ҳамчунин, имкон пайдо шуд, ки дар як вақт якчанд маҳсулот бидуни ҳузури муштарӣ (аз ҷумла қарздиҳии онлайн) бароварда шавад*. Зарурати эҷоди технологияҳо ва усулҳои инфиродӣ, ки танҳо ба як бонк хос аст, бо истифода аз захираҳои хеле самараноки рақамӣ таҳия карда шудааст, таъхирнопазир мегардад [12].

Ҷорӣ кардани платформаҳои рақамии бонкӣ ҳам ба эҷоди манфиатҳои нав барои муштариён ва ҳам эҷоди экосистемаи шахсии онҳо нигаронида шудааст. Ба вуҷуд омадани хизматрасониҳое, ки ба қисмҳои хурд нигаронида шудаанд (масалан, бахисобгирии онлайн, баҳисобгирии оперативӣ, пешгуйии автоматии фоида), ки ба он дохил карда мешаванд, имкон медиҳад, ки талаботи истеъмолкунандагон хеле беҳтар ва дурусттар ба назар гирифта шаванд.

**Диверсификатсияи хавфҳои бонкӣ.** Бояд қайд кард, ки рақамизатсияи маълумот тақрибан 70% хатарҳои рақамиро барои бонкҳо ба вуҷуд меорад. Тибқи маълумоти таҳлилӣ, 22% бонкҳои саросари ҷаҳон зиёда аз 1/4 буҷаи солонаи худро барои рақамисозии идоракунии хавфҳо ҷудо кардаанд [11]. Диверсификатсияи хавфҳои бонкӣ яке аз усулҳои асосии таъмини рушди устувори институтҳои молиявӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ буда, идоракунии самараноки он стратегияи навро дар доираи рақамисозӣ тақозо мекунад. Зеро, диверсификатсияи хавфҳои сандуқи қарзӣ ба афзоиши фоида ва коҳиши хатарҳои умумӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар кишварҳои рӯ ба рушд (аз қабили Малайзия, Тайланд, Филиппин, Индонезия ва Ветнам) якчанд стратегияҳои диверсификатсияи хавфҳои амалиётиро таҳлил намуда, ба хулосае омаданд, ки онҳо ҳам ба рақобатпазирии ташкилотҳои бонкӣ ва ҳам ба устувории институтҳои молиявӣ таъсири мусбат мерасонанд.

Бонкҳои Осиёӣ фаъолияти қарздиҳиро бо мақсади зиёд кардани фоида дар шароити либерализатсия диверсификатсия намекунанд, балки дороиҳо ва хизматрасониҳои бефоизро, ки ба қарздиҳӣ алоқаманд нестанд, амалӣ менамоянд [13]. Чунин таҷриба барои кишварҳои рӯ ба рушд бениҳоят муфид аст, зеро он метавонад барои ба даст овардани донишҳои иловагӣ оид ба диверсификатсия, ба шарте ки бахшҳои молиявӣ либерализатсия карда шаванд, мусоидат мекунад [8]. Раванди диверсификатсияи портфелҳои сармоягузорӣ метавонад ба афзоиши даромаднокии онҳо, кам кардани хатари пастшавии нархи саҳмияҳо ва баланд бардоштани самаранокии амалиёт таъсири мусбӣ расонад. Дар натиҷа, ташкилотҳои бонкӣ сармоягузориҳои иловагиро ҷалб мекунанд ва ба бозорҳои бо онҳо алоқаманд таъсири камтар доранд [6]. Таҳқиқотҳо дар Чин нишон доданд, ки диверсификатсияи бонкҳо ҳиссаи бозор, даромади ғайрифоизӣ, инчунин хароҷоти амалиётиро зиёд мекунад [9].

**Хизматрасониҳои электронӣ ва пардохтҳои мобилӣ**. Маълумотҳои таҳлилӣ оид ба экосистемаҳои пардохтҳои мобилӣ кам ба назар мерасанд, ки ин воситаи муҳим барои мизоҷон ба ҳисоб меравад. Зеро, ин ба мизоҷон имкон медиҳад, ки иттилоотро мустақилона бе кумаки кормандони бонк назорат кунанд [10]. Барои таъмини дастрасии доимии онлайн ба иттилоот ва гузаронидани таҳқиқот оид ба муайян кардани сиёсати дурусти нархгузорӣ ва қабули қарорҳои мантиқӣ оид ба пешниҳоди хизматрасонӣ аз ҷониби бонкҳо дар формати электронӣ муҳим аст. Дар кишварҳои пешрафта рақамисозӣ дар хизматрасонии доимии муштариён нақши муҳим мебозад [6]. Ба роҳ мондани дастури хизматрасонии пардохтӣ PSD 2 1, ворид шудани Google ва Apple ба бозори хизматрасонии пардохтӣ ва афзоиши идомаи саноати технологияҳои молиявӣ (fintech) бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявиро водор месозад, ки навоварӣ ва барои беҳтар кардани тарзи кор кӯшиш ба харҷ диҳанд. Маҳз ҳамин омилҳо сабаб шуд, ки ба пайдоиши «банкинги электронӣ» замина гузошт. «Банки электронӣ» системаи махсусест, ки ба мизоҷон имкон медиҳад оид ба ҳисобҳо маълумот гиранд ва онҳоро аз масофаи дур идора

* PSD 2 (Payment Service Directive 2) Дастуриислоҳшуда оид ба хизматрасониҳои пардохтӣ мебошад, ки ҳадафи он рушди бозори электронии пардохт ва фароҳам овардани шароити мусоид барои анҷоми пардохтҳои бехатар буда, имкони бештари пардохтҳоро фароҳам месозад.

намоянд. Хизматрасониҳои электроние, ки аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ ва бонкҳо пешниҳод мегарданд, инҳоянд:

1) иқтибосҳо аз суратҳисобҳои муштарӣ;
2) маълумот дар бораи маҳсулоти бонкӣ (депозитҳо, қарзҳо, коғазҳои қиматнок);
3) аризаҳо оид ба кушодани пасандозҳо ва гирифтани карзҳо ва кортҳои бонкӣ;
4) интиқоли дохилӣ ба суратҳисобҳои бонкӣ;
5) интиқолҳо ба суратҳисобҳои дигар бонкҳо;
6) ивази асъор.

**Хусусиятҳои татбиқи онлайн-банкинг**. Дар баробари истифодаи технологияҳои blockchain, бунёди раванди гибридии ҳамкорӣ бо пойгоҳи муштарӣ, инчунин мавҷудияти рақобати шабакавӣ метавонад ҳамчун нуқтаҳои нави афзоиш дар системаҳои иттилоотӣ гардад. Масалан, маъруфияти криптовалюта ва краудфандинг дар солҳои охир бонкҳои анъанавиро водор мекунад, ки моделҳои тиҷоратии худро тағйир диҳанд. Кишвари Скандинавия бо сатҳи баланди рақамисозии худ барои рафъи маҳдудиятҳои вақт ва фазоӣ, ки барои муштариён аҳаммияти калон дорад, фарқ мекунад. Айни замон дар Дания, Норвегия ва Финландия фоизи қабули бонкии онлайн аз 89 то 93%-ро ташкил медиҳад (тибқи маълумоти Statista, 2019 2), дар ҳоле, ки дар Руминия ва Булғористон ҳамин рақам аз 7% зиёд нест ва дар Австрия ва Олмон ба 59% мерасад. Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки муассисаҳои молиявӣ рақамисозиро дар кишварҳои гуногуни олам ба таври гуногун ба роҳ мондаанд. Ба назар мерасад, ки бонкҳо барои мутобиқсозии минбаъда ва дарёфти роҳҳои ба даст овардани даромади нав дар замони тағйироти технологӣ пешакӣ онро наомухтаанд. Ба назар мерасад, ки ҳама сола шумораи зиёди бонкҳо филиалҳои худро баста, ба низоми хизматрасониҳои онлайнӣ гузашта истодаанд.

**Банкинги мобилӣ, интегралӣ ва бисёрфунксионалӣ**. Яке аз имкониятҳои иловагии ҷалб ва наздиктар кардани муносибатҳо бо мизоҷон, ин истифодаи технологияҳои рақамии намудҳои интегралӣ, бисёрфунксионалӣ ва банкинги мобилӣ ба ҳисоб меравад. Пеш аз ҳама, ба мизоҷон имкон медиҳад, ки ҳамаи маълумотҳои лозимаро дастарс намоянд, яъне маълумотҳоеро, ки аз мушовирони бонк дастрас карда метавонистанд. Бартарии асосии бонкдории бисёрфунксионалӣ ин қобилияти истифодаи таҷҳизотҳои гуногун, аз қабили компютерҳо, телефонҳо ва бонкҳои маҳаллӣ барои анҷом додани амалиёти бонкӣ мебошад. Ба ҳамин монанд, бонкдории мобилӣ асосан ба қобилияти истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ тавассути дастгоҳҳои мобилӣ бидуни маҳдудият аз рӯи вақт ва макон нигаронида шудааст. Мизоҷон дар ҳолати зарурӣ, барои гирифтани маълумот ва қонеъ кардани талаботҳои худ бо кормандони бонк ба тамос мебароянд. Аммо ба назар гирифтан лозим аст, омилҳои инсонӣ на ҳамеша натиҷаи мусбат медиҳанд. Аз ин рӯ, технологияҳои рақамӣ воситаи муҳимми баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ мебошанд. Тағйироти муносибатҳои тиҷоратӣ дар биржаҳои фондӣ низ мушоҳида мешавад. Платформаҳои савдои рақамӣ аҳаммияти биржаҳои таъсисёфтаро тағйир медиҳанд ва таъминкунандагон барои боқӣ мондан дар шароити рақобати шадид ҳамеша бояд моделҳои тиҷоратиро ба таври куллӣ иваз намоянд ё моделҳои навро мутобиқ созанд. Аз ҷумла моделҳое, ки ба амалиёти кредитӣ тавассути платформаҳои онлайн василаи алгоритми амалиёти бонкҳо ва ташкилотҳои қарзиро имкон медиҳанд. Ҳоло ташкилотҳои ғайрибонкӣ бо бонкҳои анъанавии бозингарони соҳаи хизматрасониҳои молиявӣ рақобат мекунанд, ки дар натиҷа истилоҳи нави “банкингӣ кушода” пайдо хоҳад шуд. Назарсанҷии Sachse 2012 нишон дод, ки аллакай қисми зиёди пурсидашудагон ба истифодаи ин хизматрасониҳои муассисаҳои ғайрибонкӣ таваҷҷуҳ доранд. Ин нишон медиҳад, ки дар шароити рақамикунонӣ ва ивазшавии тамоюли бозор шумораи зиёди бонкҳо аз миёнаравҳо даст мекашанд. Маълумотҳо торафт рақамӣ мешаванд, муштариён ба бонкҳо барои гирифтани маълумотҳои лозима такя намекунанд, ҳатто мутахассисони бонкҳо бо ҳамдигар барои таҳияи навовариҳои технологии мураккаб рақобат мекунанд.

**Хусусиятҳои онлайн - банкинг.** Бонкҳое, ки аллакай хизматрасониҳои худро рақамӣ кардаанд ва ба онлайн-банкинг гузаштаанд, имкониятҳои иловагиро ба даст меоваранд. Яъне, моделҳои тиҷоратии худро барои табдили динамикии асъор, ки аксар вақт

истифодаи барномаҳои IT-ро талаб мекунад, мутобиқ мегардонанд. Дар баробари ин, ташкилотҳои молиявии хурд имкониятҳои камтар доранд - онҳо бинобар сабаби маҳдуд будани буҷетҳо ба мушкилот дучор шаванд. Асосан сухан дар бораи таҳияи воситаҳои нави онлайн банкиг меравад, ки ташкилотҳои молиявии хурд имконяти пурраи татбиқи онро надоранд. Бо вуҷуди ин, системаҳои рақамии ҳозираи онҳо он қадар мураккаб набуда, имкони таҳияи қарорҳои рақамии инноватсиониро медиҳад. Имрӯз мушоҳида карда метавонем, ки аксари бонкҳо модели бизнесии худро бо истифодаи платформаҳои онлайнӣ ба роҳ монда, аз кушодани офисҳо даст кашида истодаанд. Масалан, дар Россия бонки Tinkoff ҳамаи робитаҳои худро бо мизоҷон тавассути замимаи мобилӣ анҷом медиҳад ва мисли дигар бонкҳо дорои филиалҳои зиёд намебошад. Ин намуди хизматрасонӣ аз он сабаб маъмул аст, ки мизоҷон бидуни муроҷиат ба филиалҳои бонк ва берун шудан аз хонаҳои худ маълумотҳо ва амалиётҳои худро анҷом диҳанд. Дар баробари худ ин модел камбудиҳои худро дорад, ки ҳаҷми кор дар бонк чанд маротиба зиёд гашта, талаботи бонк ба мутахассисони дорои малакаи кор дар иқтисодиёти рақамӣ меафзояд. Бояд қайд кард, ки вазифаи асосии чунин ташкилотҳо аз он иборат аст, ки ба кормандон технологияҳои заруриро омӯзонанд ва фаъолияти худро самаранок ба роҳ монанд.

**Технологияҳои асосии трансформатсияи рақамии бонкҳо.** Пешравӣ ва рушд дар технологияҳои рақамӣ ба бонкҳо имконият медиҳанд, ки самаранокии фаъолият худро ҳар чи бештар ба роҳ монанд. 5 технологияи калидии трансформатсияи рақамии бонкҳое, ки нақшаи таҳияи онҳо ба назар гирифта шудааст:

- ✓ Киберамният. Дар давоми солҳои минбаъда, ки раванди рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ бо тадриҷ идома дорад, масъалаи амнияти иттилоотӣ ва коркарди он ба миён меояд. Бинобар ин, ҳифзи маълумоти шахсии муштариён барои рақобатпазир мондани бонкҳо дар шароити иқтисоди бозоргонӣ сармоягузории назаррасро талаб мекунад [2].
- ✓ Пардохтҳо. Дар баробари гузориш ба иқтисодӣ рақамӣ ва зиёд шудани пардохтҳои ғайринақдӣ бонкҳо ҳар чи бештар кӯшиш мекунанд, ки амалиётҳоро ба воситаи платформаи худ гузаронанд ва барои гирифтани ҳаққи хизматрасонӣ майли зиёд низ доранд.
- ✓ Зеҳни сунъӣ. Технологияҳои бо зеҳни сунъӣ алоқаманд аҳаммияти худро аз даст надода, имкон медиҳанд, ки пойгоҳҳои иттилоотӣ дар самти мақсаднок кардани маҳсулоти бонкӣ дар шароити рақобатпазир нақши бузург бозанд.
- ✓ Беҳтар кардани таҷрибаи муштариён. Афзоиш додани пойгоҳи муштариён аз ҳисоби ҷалби истифодабарандоги нав эҳтимолияти кам дорад. Бинобар ин, бонкҳоро зарур аст, ки таҷрибаи мавҷудаи кор бо мизоҷони фаъолро самаранок карда, аз ин ҳисоб мизоҷони навро ҷалб намояд. Бонкҳои консервативӣ ба мизҷони худ хизматрасониҳои категорияи "50+" пешниҳод мекунанд, зеро онҳо худро ҳангоми кор бо каналҳои рақамӣ бароҳат ҳис намекунанд ва онҳо ба маблағҳои виртуалӣ эътимод надоранд. Аз ин рӯ, онҳо бояд диққати худро ба сода кардани платформаҳо барои ин намуд аудиторияи муайян равона намоянд.
- ✓ Ипотекаи рақамӣ. Айни замон қарздиҳии ипотекӣ дар ҳоли рушд аст он нишондиҳандаи баландро инъикос менамояд. Аз ин рӯ, он барои самаранокии коркарди ҳуҷҷатҳо, бомаврид истифодаи захираи вақт ва дар муҳлати кӯтоҳ каркарди дархостҳо кумак мерасонад.

**Камбудиҳои татбиқ намудани технологияи нав**. Ҳаҷми сармоягузорӣ ба рақамикунонии иқтисодиёт торафт афзоиш ёфта истодааст. Айни замон трансформатсияи рақамӣ омили асосии рақобатпазирии бонкҳо шуда истодааст. Ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар байни истифодабарандагон бартариҳои хизматрасониҳои онлайниро дар соҳаи бонкӣ комилан дигар намудааст. Хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва бозори пардотҳои электронӣ, ки дар системаи P2P кор мекунанд, бо маротиб афзоиш ёфта истодаанд. Копсепсияи бонкҳои муосири рақамӣ бояд татбиқи саривақтии қарорҳои инноватсионии ба мизоҷ нигаронидашударо амалӣ намоянд. Аммо, баъзе мавридҳое ҳастанд, ки сарфи назар аз бартариҳои зиёд истифодаи технологияҳои нави рақамӣ,

инчунин мушкилотҳоеро ба вуҷуд меоранд, ки барои бартараф кардани онҳо корҳои фаврии таҳлилиро гузаронидан лозим.

✓ Набудани кадрҳои баландихтисос. Барои дуруст ва самаранок кор кардани системаҳои иттилоотӣ мутахассисони ботаҷриба салоҳиятдор карда шаванд ва дар баробари ин, мутахассисон низ истифодабарндагони ин системаҳо бошанд. Ба таври доимӣ навсозии технологияҳои рақамӣ равандҳои ҷустуҷӯи мутахассисони мувофиқро ба таври назаррас мушкил мегардонад ва ин зарурат ба миён меорад, ки таълими доимии мутахассисон ба роҳ монда шавад. Барои бартараф кардани чунин мушкилиҳо аз таҷрибаи муассисаҳои молиявии пешрафта таҷриба гирифт, яъне ташкил ва ба роҳ мондани омӯзиши кормандон, омода кардани мутахассисони ҷавон дар ин самт ва тағйир додани ҷадвали кори кормандон ба ҷадвали чандирӣ ва гибридӣ мебошад.

✓ Амнияти иттилоот. Интиқоли қисми зиёди пойгоҳи иттилоотӣ ба муҳити рақамӣ боиси хатари гум шудани маълумот дар натиҷаи ҳамлаҳои хакерӣ ё хатогиҳо дар истифодаи онҳо мегардад, ки боиси аз даст додани боварии муштариён ва афтодани маълумотҳои шахсии онҳо ба дасти шахсони сеюм мегардад. Барои роҳ надодан ба ин хатогиҳо ҳамкориро бо мутахассисони баландихтисоси соҳа ҷоннок намуда, омӯзиши доимии кадрҳоро мутобиқи меъёрҳои замонавӣ ба роҳ монда, дар ин самт навсозии низоми бонкиро амалӣ гардонанд.

✓ Хатоҳое, ки дар кори системаҳои рақамӣ рух медиҳанд. Азбаски рақамисозӣ хеле босуръат рушд мекунад, хатари пайдоиши хатогиҳо дар барнома, ки бо автоматикунонии равандҳои гуногун дар дохили бонкҳо алоқаманд аст, вуҷуд дорад. Системаҳои рақамӣ бояд мунтазам назорат карда шаванд, то мушкилоти эҳтимолиро зуд ҳал кунанд. Дуруст баҳо додан ба таҳдидҳои эҳтимолӣ низ муҳим аст - ташкилотҳо бояд барои ҳамаи ин маблағҳои зиёд ҷудо кунанд.

**Стратегияи идоракунии хавфҳо ва нишондиҳандаҳои иҷрои диверсификатсия**. Ҳангоми таҳлили диверсификатсияи бонкҳои ҷаҳонӣ маълум кардан мумкин аст, ки рушди устувори низоми молиявӣ бо стратегия ва методологияи идоракунии хавфҳо ба роҳ монда шудааст. Барои хубтар фаҳмидани талаботи мизоҷони худ муҳим аст, ки ҳамкориҳои доимиро бо ташкилотҳои молиявии хориҷӣ роҳандозӣ намуд, ки ин шароити зарурии пешниҳоди хизматрасониҳои молиявиро дар заминаи бехатарӣ таъмин намуда, ба рушди устувори тиҷорат замина мегузорад. Барои инкишофи фаъолияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ бонкҳоро зарур аст, ки равандҳои рақамикунониро пурзур намоянд ва барои рушди устувори муносибатҳои иқтисодӣ таъсиррасон бошанд. Инчунин, бояд ба назар гирифт, ки рақамисозӣ ташкилотҳои молиявиро дар муқобили ҳамлаҳои киберӣ осебпазир мегардонад, ки ин ба хатарҳои муайян оварда мерасонад. Дар ин сурат ташкилотҳои молиявӣ бояд ҷиҳати саривақт пешгирӣ намудани чунин хатарҳо ҷалби сармояи иловагиро роҳандозӣ намуда, инчунин бо созмонҳои манфиатдор ҷиҳати табодули таҷриба дар ин масъала ҳамкорӣ намоянд. Дар ҳолати иҷроиши саривақтии гуфтаҳои боло, аз тарафи дигар, ба афзоиши фоидаи муассисаҳои молиявӣ таъсири мусбат мерасонад. Лекин ин ягона нишондиҳандаи объективи самараи диверсификатсия нест. Инчунин назорат кардан лозим аст, ки оё ҳаҷми фурӯш зиёд мешавад ё не, оё базаи муштариён ва шумораи коргарон меафзояд ё не. Асосан ин омилҳо кумак мекунанд, ки оё маблағҳо барои рақамисозӣ ҷудогардида самарбахш шуда метавонанд ё не.

Омилҳои шакл дар бозори пардохтҳои ҷисмонӣ тадриҷан ба формати рақамӣ мегузаранд. Солҳои охир ҳамёнҳои мобилӣ ба як меъёри нав табдил ёфта, ҳамчун интерфейси универсалии корбар дар бозори пардохтҳои чаканаи ғайринақдӣ хизмат мекунанд. Яке аз тамоюлҳои асосие, ки ба ин таъсир мерасонад, истифодаи густурдаи смартфонҳо ва ниёз ба интерфейсҳои нав мебошад. Ҳамзамон, рушди ҳамёнҳои мобилӣ чунон фаъол шудааст, ки то соли 2019 тибқи таҳқиқоти Juniper қариб 2,1 миллиард истеъмолкунандагон дар саросари ҷаҳон аз ҳамёни мобилӣ барои пардохт ва интиқол истифода хоҳанд кард, ки нисбат ба соли 2017 (1,6 миллиард) тақрибан 30% зиёдтар аст. Илова бар ин, тибқи таҳқиқоти аз ҷониби bigtech пешниҳодшуда, ҳамёнҳои бонкӣ ва криптовалюта маъруфият пайдо карда истодаанд [15].

Гуногунии ҳамёнҳои мобилии мавҷуда таснифро барои омӯзиши бомуваффақият, таҳия ва татбиқи тиҷоратии онҳо талаб мекунад. Маркази инноватсияи молиявӣ ва

иқтисодиёти ғайринақдии Мактаби тиҷоратии SKOLKOVO гузоришеро таҳия кардааст, ки таснифоти интерфейсҳои мавҷудаи пардохтро пешниҳод мекунад, ки аз ду қисм иборат аст - аз рӯи меъёрҳои марбут ба технология (технологӣ) ва ҳадафҳои асосии стратегӣ (стратегӣ). Барои санҷидани тасниф, 10 ҳамён аз байни эмитентҳои эҳтимолӣ, ки дар гурӯҳи онҳо бештар намояндагӣ мекарданд, интихоб карда шуданд. Ин гузориш барои созмонҳое муфид хоҳад буд, ки нақшаи эҷоди ҳамёни худ ё ҷорӣ кардани функсияҳои навро ба ҳалли мавҷуда, мақомоти танзимкунанда ва ҳар касе, ки ба омӯзиш ва таҳияи интерфейсҳои пардохт дар ҷаҳон манфиатдор аст, муфид хоҳад буд. Шумораи транзаксияҳои ҳамёнҳои мобилӣ дар соли 2016 41,8 миллиард ё тақрибан 8,6% тамоми транзаксияҳои ҷаҳонии ғайринақдӣ дар соли 2016 ҳисоб карда мешавад (аз онҳо тақрибан 39% ба Чин рост меояд). 71% онҳо бо истифода аз замимаҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои пешниҳодкардаи bigtechs сохта шудаанд.

Бозори ҳамёнҳои рақамӣ аз ҳисоби беҳбуди технологияҳои мобилӣ ва омилҳои гуногуни минтақавӣ, аз қабили воридшавии смартфонҳо ва телефонҳои мобилӣ, арзиш ва дастрасии интернет ва кушодагии аҳолӣ ба навоварӣ бо суръати баланд рушд мекунад. Ҳамаи ин метавонад ба рақамикунонӣ дар кишвар ва бахусус қабули ҳамёнҳои рақамӣ ҳамчун воситаи пардохт таъсир расонад. Бо вуҷуди ин, афзоиши босуръати истифодаи ҳамёнҳо метавонад вокуниши мақомоти танзимкунандаро ба вуҷуд орад ва боиси эҷод / мушкил шудани раванди гирифтани иҷозатнома барои операторони ҳамён ё пурзӯр шудани равандҳои ҷамъоварии маълумот дар бораи муштариёни онҳо гардад. Ин аллакай дар Чин рух додааст, ки дар он ҷо танзими WeChat ва AliPay оғоз шудааст, ки метавонад боиси коҳиши пардохтҳои ғайринақдӣ гардад.

Ворид шудани GAFAA (Google, Apple, Facebook, Amazon, Alibaba) ва дигар ширкатҳои бузург барои афзоиши воридшавии онҳо дар кишварҳои гуногун потенсиали бузургеро фароҳам овард. Тибқи гузориши Capgemini World Payments 2018 [14], ҳамёнҳои рақамӣ аз технологияҳои бузург ба корбарон дар 5 самти асосӣ манфиат медиҳанд:

- Пардохтҳои P2P. Ширкатҳо ба мисли Alipay ва WeChat дар Чин аллакай дар ин самт пешсаф шудаанд ва ба забт кардани кишварҳои дигари Осиёи Ҷанубу Шарқӣ шуруъ мекунанд, дар ҳоле ки Google, Apple, Facebook ва Amazon дар дигар минтақаҳои ҷаҳон муштариён пайдо мекунанд.

- Фардикунонӣ бо истифода аз маълумот. Бо ёрии пойгоҳи додаҳои ҳамаҷониба, ки Bigtechs аз сарчашмаҳои сершумори худ ба даст меоранд, онҳо метавонанд хизматҳои фардӣ, аз қабили пардохтҳои векселҳо, тақсимоти векселҳоро пешниҳод кунанд.

- Таҷрибаи бефосила. Bigtech як усули ҳамвортар ва бехатартари пардохтро эҷод мекунад (масалан, бо истифода аз изи ангушт), пардохтҳоро барои истеъмолкунанда қулай ва бароҳат мегардонад ва эҳсоси иртиботи ҳиссиётро бо муштарӣ эҷод мекунад.

-Садоқат. Дастгирии кортҳои фаврӣ аз фурӯшандагони гуногун ё пешниҳоди барномаҳои шахсии шумо вобаста ба пардохтҳо ва дигар хизматҳои молиявӣ таъмин мегардад.

- Экосистемаи рақамӣ. Bigtechs ба пешниҳоди хизматҳои молиявии марбут ба қарздиҳӣ, суғурта ва пардохтҳо мустақилона оғоз мекунанд.

Дар интиҳо қайд намудан зарур аст, ки бозори алоқаи мобилӣ ва бесим яке аз бозорҳои босуръат рушдкунанда дар тамоми ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Пайдоиш ва рушди технологияҳои нав ва истифодаи дастгоҳҳои мобилӣ аз қабили смартфонҳо боиси пайдоиши як платформаи нав дар соҳаи бонкӣ гардид. Пайваст кардани муштарӣ дар вақти дилхоҳ барои дастрасӣ ба маълумотҳояш дар солҳои охир зарурати бештар ба миён овардааст. Ин боиси пайдоиши насли нави муносибатҳои бонкӣ мегардад, ки бо ҳамоҳангии дастрасӣ ба базаи муштарӣ ва қонеъ гардонидани тамом талаботи муштариён мегардад. Дар назди муассисаҳои молиявӣ вазифаи нигоҳдорӣ ва зиёд намудани пойгоҳи муштариён гузошта шуда, инчунин барои тарҳрезию ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва фароҳам овардани бартариҳои иловагӣ барои рақобатпазирӣ зарурат ба миён меояд. Бароҳатии хизматрасониҳои онлайнӣ дар баробари мавҷудияти филиалҳо ва банкоматҳо ба пешравию инкишофи бонкҳо таъсири мусбат мерасонад. Барои он, ки онҳо пайваста ва самаранок инкишоф ёбанд, бояд ҳарч зудтар технологияҳои нав тарҳрезӣ ва дар истифода мутобиқ карда шаванд. Дар оянда масъалаи таҳқиқоти равандҳои рақамикунонии

хизматрасониҳои бонкӣ ва муайян кардани омилҳое, ки ба дараҷаи бароҳатии муштариён оварда мерасонад, ба миён гузошат шавад. Бояд қайд кард, ки на танҳо маҳсулотҳои бонкиро ба интизориҳои муштариён мувофқат намуд, балки роҳҳои тағйир додани амалиёти бонкиро бо мақсади таҳкими суботи молиявӣ низ омӯхтан лозим аст. Қайд кардан бамаврид аст, ки барои таҳлили мукаммал ва муфассали рақамисозии моделҳои тиҷорат на танҳо як миқёс, балки якчанд миқёс талаб карда мешавад, яъне дараҷаи инъикоси ин раванд аз тарафи шуъбаҳои гуногуни ширкат истифода мешаванд, мисол, шуъбаи хизматрасонӣ ба мизоҷон ва шуъаби бухгалтерия. Барои таҳқиқи минбаъда бояд арзёбӣ намоем, ки кадом намуд воистаҳои рақамӣ барои доираи васеи барномаҳо мувофиқанд. Тавре аз рӯи як қатор маводҳо ва таҳқиқотҳои хориҷӣ дида мешавад, рақамикунонӣ дар бонкҳои хориҷӣ ба оптимизатсияи равандҳои асосӣ мусоидат мекунад ва равандҳои ҳамкорӣ бо мизоҷонро дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ осонтар менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад барои мудирони шуъбаҳо ва ҳам барои маркетологҳои бонкҳои тиҷоратӣ, барои рушди минбаъдаи равандҳои рақамикунонии хизматрасониҳо муфид арзёбӣ шавад. Илова бар ин, муқаррарот ва бахшҳои марбут ба киберамният ва таҳдидҳои эҳтимолӣ ба бонкдории мобилӣ метавонанд дар таҳияи дархостҳо ва мушаххасоти техникӣ барои мутахассисони IT, ки барои таҳия ва татбиқи баъзе маҳсулоти рақамӣ масъуланд, кумак кунанд.ъ

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Худойназаров Д.**


**АДАБИЁТ**

1. Расулов А.Р. Инновации финансовых технологий на рынке мобильных платежей / А.Р. Расулов // Вестник Таджикского национального университета, Серия социально-экономических и общественных наук. - 2023. -№1. –С.156-162.
2. Романченко Д.В. Кибербезопасность в Российской банковской сфере и опыт зарубежных стран / Д.В. Романченко // Экономика и бизнес: теория и практика. - 2019. -№6–2. –С.105-108. -DOI: 10.24411/2411–0450–2019–10872.
3. Табарзода О.С. Системаи пардохтҳои электронӣ ва имкониятҳои инкишофи онҳо / Табарзода О.С., А.Р. Расулов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илимию назариявӣ дар мавзуи ―Иқтисоди рақамӣ ва зарурати ҷорӣ намудани низоми нави ҳисобҳои миллӣ. –Душанбе, 2021. -С.16-22.
4. Табарзода О.С. Будущее мобильного платежа, как электронной платежной системы / Табарзода О.С., А.Р. Маматкулов, А.Р. Расулов // Peasant. - 2021. -№4(93). -С.246-148.
5. Холматов М.М. Информационно-коммуникатционные технологии как инстрмуент управления цифровой экономикой предприятия / М.М. Холматов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-иконических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№9. –С.104-111.
6. Цифровая трансформация - шаг в будущее // Мат. I Междунар. науч.-практ. конф. молодых ученых (Минск, 22 февраля 2021 г.). Мн.: БГУ, 2021. –С.68-73.
7. Bömer M., Maxin H. Why fintechs cooperate with banks - evidence from Germany. Zeitschrift für die gesamte Versicherungswissenschaft. – 2018. -№107(3). –С.359-386. DOI: 10.1007/s12297–018–0421–6.
8. Cortés K.R., Strahan P.E. Tracing out capital flows: How financially integrated banks respond to natural disasters // Journal of Financial Economics. – 2017. -№125(1). –С.182-199. DOI: 10.1016/j.jfineco.2017.04.011.
9. Hryshchuk R., Yevseiev S. The synergetic approach for providing bank information security: The problem formulation // Ukrainian Scientific Journal of Information Security. – 2016. -№22(1). –С.64-74. DOI: 10.18372/2225–5036.22.10456
10. Maixé-Altés J. C. The digitalization of banking: A new perspective from the European savings banks industry before the Internet. Enterprise & Society. - 2019. -№20(1). –С.159–198. DOI: 10.1017/eso.2018.18
11. Moudud-Ul-Huq S., Ashraf B. N., Das Gupta A., Zheng C. Does bank diversification heterogeneously affect performance and risk-taking in ASEAN emerging economies? Research in International Business and Finance. – 2018. -№46. –С.342-362. DOI: 10.1016/j.ribaf.2018.04.007.
12. Statista. A Statista DossierPlus on major events shaping 2019. [Электронный ресурс]. URL: https://www.statista.com/study/69168/2019-in-numbers.
13. Syadullah M. ASEAN banking efficiency review facing financial services liberalization: The Indonesian perspective. Asian Development Policy Review. – 2018. -№6(2). –С.88-99. DOI: 10.18488/journal.107.2018.62.88.99.
14. World Payments Report 2018, Capgemini.
15. [Электронный ресурс]. URL: http://www.paymentscardsandmobile.com/global-mobile-wallet-users-to-total-2-1-billion-in-2019/


## ХАВФ ВА ИМКОНИЯТИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶАРАЁНИ РАҚАМИКУНОНИИ НИЗОМИ БОНКӢ

Низоми бонкии на танҳо Тоҷикистон, балки низоми бонкӣ дар саросари ҷаҳон дар баробари дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ дар шароити гузариш ба ҷаҳонишавӣ ба таври куллӣ дар ҳоли дигаргунӣ аст.

Ин дар ҳолест, ки бонкҳои тиҷоратӣ дар тамоми гушаву канори дунё низоми рақамикунонии худро бо суръат паси сар мекунанд. Зеро, дарояндаи наздик бисёре аз ташкилотҳои молиявӣ бо раванди рақамикунонӣ сару кор мегиранд, ки рӯз аз рӯз талаботи истифодаи технологияҳои нави рақамикунонидашуда зиёд шуда истодааст. Ташкилотҳои молиявие, ки низоми рақамикунонии худро ба роҳ намемонанд ва талаботи муштариёнро ба назар намегиранд, рақобатпазирӣ ва пойгоҳи муштариёни худро аз даст медиҳанд. Муштариён мехоҳанд, ки хизматрасониҳоро аз бонк зуд дастрас намуда, фосилавӣ фикру мулоҳизаҳои худро пешниҳод намоянд. Ташкилотҳои молиявӣ барои нигоҳ доштани рақобатпазирии худ фарҳанги нави корпоративиро ташкил намуда, моделҳои инноватсионии ҳамкорӣ бо мизоҷро ҳар чи зудтар таҳя ва татбиқ намоянд. Ҳадафи таҳқиқот муайян намудани принсипҳои амнияти иқтисодӣ дар шароити рақамикунонии низоми бонкӣ ва таъмини устувории фаъолияти он бо назардошти хатарҳои эҳтимолӣ мебошад. Ин кор метавонад ҳам барои кормандони бонкҳои тиҷоратӣ барои сохтани равандҳои рақамикунонии хизматрасониҳо ва ҳам барои мутахассисони IT, ки барои офаридани маҳсулотҳои рақамӣ масъуланд, манфиатбахш бошад.

**Калидвожаҳо**: трансформатсияи рақамӣ, бонк, низоми бонкӣ, ташкилотҳои молиявӣ, иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ.

## РИСКИ И ВОЗМОЖНОСТИ УПРАВЛЕНИЯ ФИНАНСОВЫМИ РЕСУРСАМИ В ПРОЦЕССЕ ЦИФРОВИЗАЦИИ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ

Банковская система не только Таджикистана, но и банковская система всего мира, наряду с другими сферами экономической деятельности, претерпевает радикальные изменения в условиях перехода к глобализации. Это происходит в то время, когда коммерческие банки по всему миру быстро внедряют свою систему цифровизации. Потому что в ближайшем будущем многие финансовые организации столкнутся с процессом цифровизации, а спрос на использование новых цифровых технологий растет с каждым днем. Финансовые институты, которые не внедряют свою систему цифровизации и не учитывают потребности своих клиентов, потеряют конкурентоспособность и клиентскую базу. Клиенты хотят быстро получить доступ к услугам банка и оставить отзыв удаленно. Чтобы сохранить свою конкурентоспособность, финансовые организации должны как можно скорее организовать новую корпоративную культуру, разработать и внедрить инновационные модели сотрудничества с клиентами. Цель исследования – определить принципы экономической безопасности в условиях цифровизации банковской системы и обеспечить стабильность ее деятельности с учетом потенциальных рисков. Данная работа может быть полезна как сотрудникам коммерческих банков для создания процессов цифровизации услуг, так и ИТ-специалистам, отвечающим за создание цифровых продуктов.

**Ключевые слова:** цифровая трансформация, банк, банковская система, финансовые организации, цифровая экономика, искусственный интелект.

## RISKS AND OPPORTUNITIES OF FINANCIAL RESOURCE MANAGEMENT IN THE PROCESS OF DIGITIZATION OF THE BANKING SYSTEM

The banking system not only of Tajikistan, but also the banking system of the whole world, along with other areas of economic activity, is undergoing radical changes in the context of the transition to globalization. This comes at a time when commercial banks around the world are rapidly adopting their digitalization framework. Because in the near future, many financial organizations will be faced with the process of digitalization, and the demand for the use of new digital technologies is growing every day. Financial institutions that do not implement their digitalization system and do not take into account the needs of their clients will lose their competitiveness and client base. Customers want to quickly access bank services and leave feedback remotely. To maintain their competitiveness, financial organizations must quickly establish a new corporate culture and develop and implement innovative models of cooperation with clients. The purpose of the study is to determine the principles of economic security in the context of digitalization of the banking system and ensure the stability of its activities, taking into account potential risks. This work can be useful both to employees of commercial bankффs for creating processes for digitalization of services, and to IT specialists responsible for creating digital products.

**Keywords**: digital transformation, bank, banking system, financial organizations, digital economy, artificial intelligence.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Расулов Айём Раззоқович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи кибернетика ва иқтисодӣ рақамӣ. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **rasulovayom@gmail.com.** Телефон: **(+992) 933-50-77-69**

**Сведения об авторе:** ***Расулов Айём Раззокович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры кибернетики и цифровой экономики. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **rasulovayom@gmail.com.** Телефон: **(+992) 933-50-77-69**

**Information about the author:** ***Rasulov Ayom Razzokovich*** - Tajik National University, doctor Ph.D pulpit of the cybernetics and digital economy. **Address**: 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue 17. E-mail: **rasulovayom@gmail.com**. Phone: **(+992) 933-50-77-69**

ТДУ: 339(575.3)

# ТАҲЛИЛИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ РУШДИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Сафаров Қ.С.*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Пайдоиш ва арзи фаъолият намудани бонкҳои тиҷоратӣ таърихи куҳан дошта, яке аз сабабҳои асосии фаъолияти онҳо маблағгузории бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ дар сатҳои гуногун ба шумор мераванд. Ҳамзамон, маълум аст, ки ҳадафи олии бонкҳои тиҷоратӣ, ин гирифтани фоида буда, тамоми стратегия, барномаҳо ва сиёсати онҳо дар асоси ҳамин мақсад таҳия, коркард ва қабул карда шудаанд. Бонкҳои тиҷоратӣ сарчашмаи маблағгузорӣ эътироф гардида, хизматрасониҳои молиявии худро дар самтҳои гуногун пешниҳод намуда, дар рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат мекунанд.

Дар шароити муосир, бонкҳои тиҷоратӣ анқариб 300 шакли хизматрасониҳои молиявии худро барои мизоҷон пешниҳод намуда, бо истифода аз платформаҳои рақамии молиявӣ дар ҳама сатҳҳо кӯшиш намуда истодаанд, ки ба аҳолӣ дастрас намоянд. Таҳлилҳои нишон медиҳанд, ки дар шароити бозор, бонкҳои тиҷоратӣ яке аз сарчашмаҳои асосии низоми хоҷагиҳо ба шумор мераванд, ки онҳоро бо воситаҳои пулии иловагӣ таъмин мекунанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки бонкҳои тиҷоратии муосир, на балки амалиётҳо вобаста ба ташаккули муносибатҳои пулӣ, балки онҳо таҳлилгарони бозорҳои молиявӣ низ ба ҳисоб мераванд.

Яъне, дар шароити муосир, онҳо бозорҳои молиявиро таҳлил намуда, дар таҳияи бизнес-нақшаҳо ба мизоҷонҳои худ кумакҳои машваритӣ намуда, сатҳи хавфҳои фаъолияти онҳоро арзёбӣ мекунанд. Дар баробари гирифтани фоида, ки ҳадафаи олии бонкҳои тиҷоратӣ мебошад, онҳо кӯшиш менамоянд, ки сохторҳои ташкилӣ ё марказҳои хизматрасонии худро наздик бо макони тиҷоратии мизоҷон ташкил намуд, ҳамеша бо онҳо дар иртиботи зич қарор гиранд.

Таҳлили корҳои илмӣ дар самти фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳанд, ки саҳми онҳоро дар рушди бозори иқтисодӣ муҳм арзёбӣ намоем. Фаъолияти онҳо аҳаммияти назаррас дошта, бахшҳои иқтисодиётро ба ҳам оварда, зери принсипҳои "рушди ягона" муттаҳид месозад. Вобаст ба ин, бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир, дар таъмини гардиши мувозинати пул дар иқтисодиёт саҳмгузор буда, дар ташаккули воситаҳои пулии корхонаҳои истеҳсолию саноатӣ, корхонаҳои давлатӣ ва инфиродӣ, муҳайё намудаи шарту шароитҳои молиявӣ дар ҳамаи соҳаҳо мусоидат мекунанд. Бонкҳои тиҷоратии муосир яке аз вазифаҳои миёнаравҳои молиявиро иҷро намуда, тақсимоти воситаҳои пулиро дар байни соҳаҳо, минтақаҳо ва самтҳои гуногун ба роҳ монда, имконият медиҳанд, ки сохторҳои гуногуни иқтисодиёт мушкилотҳо молиявии худро ҳаллу фасл намуда, дар масири рушд қарор гиранд.

Арзёбии саҳми бонкҳои тиҷоратӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар, ба онҳо имконият медиҳад, ки вобаста ба талаботҳои пулии иқтисодиёт хизматрасониҳои нави молиявии худро тарҳрезӣ, коркард ва татбиқ намоянд. Саҳми бонкҳои тиҷоратӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳояшон ва Паёмҳои солонаашон муҳим донista шуда, ҷиҳати такмили фаъолияти молиявии онҳо ва шаффоф ба роҳ мондани фаъолияти худ, тавсияҳои зарурӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар Паёми соли 2023, ки санаи 28 декабр баргузор гардид, нисбати бонкҳои тиҷоратӣ чунин қайд карда шуд "Соли 2023 дороии сохторҳои молиявию қарзии кишвар нисбат ба соли гузашта 22% зиёд гардида, 39,6 миллиард сомониро ташкил кард. Соли ҷорӣ пешниҳоди қарзҳо аз ҷониби низоми бонкӣ дар муқоиса бо соли 2022-юм 31,1% афзоиш ёфта, ба 18,5 миллиард сомонӣ баробар гардид. Ҳаҷми қарзҳои хурди додашуда 32,1% зиёд гардида, 13,3 миллиард сомониро ташкил дод. Қарзҳои ба занону бонувони соҳибкор пешниҳодшуда 30% афзоиш ёфта, ба 4,8 миллиард сомонӣ расонида шуд. Дар ин давра бақияи умумии пасандозҳои аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дар ташкилотҳои қарзии ватанӣ 32% зиёд гардида, ба 18,6 миллиард сомонӣ расид" [6].

Чуноне дар боло қайд намудем, аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати бартараф намудан ва такмили низоми бонкии кишвар тавсияҳои судманд иро карда мешаванд, ки дар Паёми соли 2023 тавсияҳои зирин пешниҳод карда шуд, “Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки дар самти дарёфти манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ ва дар ин замина зиёд кардани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат, дастрас ва бо фоизи паст, инчунин, пурра ҷорӣ намудани низоми рақамии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва истифодаи васеи технологияҳои молиявӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд” [6].

Аз замони пайдоиши то даврони мусоир, моҳият ва саҳми бонкҳои тиҷоратӣ дар рушди иқтисодиёти миллии давлатҳои гуногун саҳми арзанда доранд, ки фаъолияти молиявию иқтисодии онҳо ҳамеша объекти таҳлил қарор дод шудааст. Дар баробари олимони хориҷӣ, олимон ва таҳлигарони ватанӣ низ фаъолияти гуногунсамтии бонкҳои тиҷоратиро мавриди таҳлил қарор додаанд. Асосҳои назариявии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аз тарафи Сафаров С.З., таҳлил гардида, ба хулосае меояд, ки устуоврии молиявии бонкҳои тиҷоратиро ҳамчун нишондиҳандаи сифати фаъолияти онҳо арзёби намуда, имкон медиҳад, ки тағйиротҳои муҳити иқтисодии беруна мутобиқ гардида, дар бозори хизматрасониҳои молиявию бонкӣ фаъолияти худро самаранок ба роҳ монанд [8]. Дар заминаи ин таҳлил, бояд қайд кард, ки устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ яке аз нишондиҳандаҳои рушди бонкӣ буда, сатҳи таъминнокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро бо пулҳои нақд нишон дода, имкон медиҳад, ки бонкҳои тиҷоратӣ уҳдадориҳои молиявии худро сари вақт иҷро кунанд.

Фаъолияти қарздиҳии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи олимони ватанӣ васеъ таҳлил гардидаанд. Роҳҳои ташаккулёбии селаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва сохторҳои селаҳои мазкур зимни амалиётӣ қарзӣ аз тарафи Н.М. Бобоев, таҳлил карда шудаанд [2]. Ҳамчунин, масъалаҳои ташаккулёбии сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ аз тарафи таҳлилгарон омӯхта шуда, пешниҳод менамоянд, ки яке аз унсурҳои зарурии идоракунии ҷараёнҳои молиявӣ ва нигоҳдории қобилияти рақобатпазирӣ сандуқи қарзӣ мебошад. Нишондиҳандаҳои рушди бонкҳои тиҷоратӣ ба монанди пардохтпазирӣ, даромаднокӣ ва дараҷаи хатари сандуқи қарзӣ бояд нисбати рақибон дар сатҳи афзоишёбанда қарор дода шаванд [1]. Нақш, мақом ва аҳаммияти бонкҳои тиҷоратӣ зимни муносибатҳои иқтисодии муосир аз тарафи Одинаев С.П. таҳлил карда шуда, қайд мегардад, ки ҳаҷми сармоягузории дохилии худро зиёд намуда, ба ин васила қарзҳои калонҳаҷм ва дарозмуҳлатро ба субъектони хоҷагидорӣ бояд пешниҳод кард. Барои расидан ба чунин хислатҳо, муаллфи зарур медонад, ки ҳар як бонки тиҷоратӣ стратегияҳои махсус ва методҳои навинро таҳия ва қабул бояд кард [5]. Вобаста ба ин, роҳҳои асосии таъмини устувории низоми бонкии кишвар таҳлил карда шуда, ба хулосае омадаанд, ки яке аз шартҳои муҳимми таъмини устувории низоми бонкии кишвар, нигоҳдории вазъи молиявии он дар сатҳи нишондиҳандаҳои мақбулӣ мебошанд [7]. Ҳамчунин, асосҳои ташкилдиҳии идоракунии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар даврони муосир, дар адабиёти илми иқтисоди ватанӣ таҳлил гардида, пешниҳод шудааст, ки роҳҳои идоракунии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси ҳисоботдиҳии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ арзёбӣ кард шаванд. Қайд карда шудааст, ки идоакунии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ барои рушди фаъолияти бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим дониста шудааст [4].

Хайрзода Ш.Қ. зимни омӯзиши фаъолияти бонкҳои тиҷоратии ватанӣ пешниҳод мекунад, ки “Суғуртаи бонкҳо аз оқибатҳои фаъолияти хавфноки қарзӣ рафтори калавандаи онҳоро дар оянда ҳавасманд мекунад. Агар хусусигардонии бонкҳои давлатӣ бо инфрасохтори мустаҳками институтсионалӣ таъмин карда нашавад, пас сармоягузорон метавонанд пулҳои худро аз низоми бонкӣ комилан бозпас гиранд” [9]. Таҳлилҳои мазкур дар пасманзари коҳишёбии аҳолии кишвар нисбати бонкҳои тиҷоратӣ мебошад, ки усулҳо ва роҳҳои пешгирии раванди мазкур аз тарафи Хайрзода Ш.Қ. пешниҳод карда шудаанд. Бояд қайд кард, ки яке аз сарчашмаҳои асосии бонкҳои тичроатӣ, ин пасандозҳои аҳолии кишвар ва шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ки бонкҳои тиҷоратӣ маҳз дар асоси ҳамин маблағҳо амалиётҳои фаъоли худро амалӣ мегардонанд.

Олими шинохтаи соҳаи бонкдории кишвар У.С. Ҳикматов дар монографияи худ зерин унвони “Мукаммалгардонии амалиётҳои асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ” қайд мекунад, ки “Вобастагии калон аз интиқоли маблағҳо самти рушди низоми бонкиро муайян намуда, бонкҳо фаъолона дар ин самт мизоҷонро ҷалб менамоянд. Рақобат дар бозори мазкур то дараҷае рушд ёфтааст, ки бонкҳо барои ҷалби бештари мизоҷон механизмҳои гуногун, аз қабили бозпас намудани қисман ва ё ҳамаи комиссия, бонус, бурд намудани туҳфаҳои гуногун ва ғайраро роҳандозӣ намуда, саҳми худро дар бозори интиқоли маблағҳо зиёд менамоянд” [10].

Таҳлили адабиётҳои имлии иқтисоди ватанӣ имкон медиҳад, ки хулосаҳои зеринро баён намоем. Дар шароити муосир, саҳми бонкҳои тиҷоратӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар ҳамеша муҳим ва мубрам мебошад. Бонкҳои тиҷоратӣ яке аз сормоягузори асосии иқтисодиёти кишвар буда, бо истифода аз абзорҳо ва воситаҳои худ, онҳо дар бозорҳои мухталиф маблағҳоро пешниҳод намуда, сатҳи гирдгардиши фондҳои асосию гардони корхонаҳои истеҳсолию саноатиро қувват мебахшанд.

Тибқи рақамҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 30 сентябри соли 2023 дар маҷмуъ, 63 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 14 адад бонки анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, 1 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 19 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 адад ташкилоти қарзии хурд ва 25 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд [3].

Чуноне дар боло қайд карда шуд, яке аз мақсадҳои асосии мақолаи мазкур, ин таҳлил ва муайян намудани сатҳи рушднокии бонкҳои тиҷоратии кишвар дар шароити муосир ба шумор меравад, ки ин нишондиҳандаҳо инҳо мебошанд:

– қарзгузории бонкҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолӣ бо пули миллӣ;
– бақияи сандуқи қарзии низоми бонкӣ;
– дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ;
– даромадҳои бонкҳои тиҷоратӣ;

Чуноне қайд карда шуд, барои омӯзиши сатҳи рушди бонкҳои тиҷоратӣ ва муайян намудани мушаххасотҳои рушд, нишондиҳандаҳои васеъ истифода мешаванд. Нишондиҳандаҳое, ки мо интихоб намудем дар асоси равиши даромаднокии бонкҳои тиҷоратӣ муайян карда шудаанд, ки яке аз сарчашмаҳои дигари нишондиҳандаҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ мансуб меёбанд.

Қарзгузории бонкҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт ва аҳолӣ бо пули миллӣ яке аз функсия ва вазифаҳои асосии бонкҳои тиҷоратӣ ба ҳисоб рафта, дар ин замина амалиёт бештари даромади фоизи худро мегирад, ки барои таҳлили ин фаъолият нишондиҳандаҳо дар ҷадвали 1, оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Сохтори қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022 ( млн. сомонӣ)**

**Table 1. Credit structure of commercial banks in the Republic of Tajikistan in 2018-2022 (million TJS)**

| Солҳо | Ҳаҷми қарздиҳии бонкҳо, ҳамагӣ | Аз он ҷумла | |
|---|---|---|---|
| | | Қарзҳои кӯтоҳмуддат | Қарзҳои дарозмуддат |
| **2018** | 3913337,8 | 2479908,1 | 1433429,7 |
| **2019** | 5021086,4 | 2720118,1 | 2300968,3 |
| **тағйирот бо сомонӣ** | 1107748,6 | 240210 | 867538,6 |
| **2020** | 6470539,5 | 2543260,7 | 3827278,8 |
| **тағйирот бо сомонӣ** | 1449453,1 | -176857,4 | 1526310,5 |
| **2021** | 8089459,8 | 3043194,8 | 5046264,9 |
| **тағйирот бо сомонӣ** | 1618920,3 | 499934,1 | 1218986,1 |
| **2022** | 9795660,4 | 3672342,4 | 6123318,0 |
| **тағйирот бо сомонӣ** | 1706200,6 | 629147,6 | 1077053,1 |

Сарчашма: Таҳия ва ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои молияи Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2023. -С.116-118

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 1 бар меояд, ҳаҷми қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ ба аҳолии кишвар ва соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон доимо ва мунтазам афзоиш

ёфта истодааст. Масалан дар соли 2019, нисбати соли 2018 ҳаҷми қарздиҳии бонкҳо ба 1,1 млн. сомонӣ зиёд гардидааст. Ҳамзамон, таҳлили сохтори қарздиҳӣ нишон медиҳад, ки дар ҳамин солҳо ҳаҷми қарзҳои кӯтоҳмуддат ба 240,2 ҳаз. сомонӣ ва қарзҳои дарозмуддат ба 867,5 ҳазор сомнӣ зиёд гардидаанд.

Нишондиҳандаи мазкур дар соли 2020, афзоишёбии худро нигоҳ дошта, нисбати соли 2019 ба 1,4 млн сомонӣ зиёд гардид. Аммо дар соли 2020, ҳаҷми қарзҳои кӯтоҳмуддат ба 1,7 млн сомноӣ коҳиш ёфтаанд. Ҳамзамон, қарзҳои дарозмуддат ба 1,5 млн сомонӣ зиёд гардиданд. Чуноне рақамҳо нишон медиҳанд, дар соли 2020 бонкҳои тиҷоратӣ бештари қарзҳои худро дар асоси шартномаҳои дарозмуддат ба аҳолӣ ва иқтисодиёти кишвар пешниҳод намуданд.

Дар соли 2022 бошад, қарзҳои бонкҳои тиҷоратии кишвар нисбати соли 2021 дар ҳаҷми 1,7 млн сомонӣ, қарзҳои кӯтоҳмуддат - 629,1 ва қарзҳои дарозмуддат 1,0 млн сомонӣ зиёд гардидаанд.

Дар давраи солҳои 2018-2022 қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 5,8 млн сомонӣ, қарзҳои кӯтоҳмуддат – 1,1 ва қарзҳои дарозмуддат 4,6 млн сомонӣ зиёд гардидаанд.

Нишондиҳандаи дигаре, ки сифати қарздиҳии бонки тиҷоратиро инъикос менамояд, ин бақияи сандуқи қарзии низоми бонкии кишвар ба ҳисоб меравад, ки баргаштани худи қарз ва фоизҳои он барои бонкҳои тиҷоратӣ ва фаъолияти минбаъдаи онҳо хело ҳам аҳаммияти калони молиявӣ дорад. Яке аз сабабҳои асосии барҳамхӯрии ҶСК “Агроинвестбонк”, ҶСК “Тоҷиксодиротбонк” ва дигар бонкҳои тиҷоратии муфлисшуда, ки то ба ҳол пасандозҳои аҳолии кишварро баргардонида наметавонанд, маҳз барнагаштани қарзҳои ҳаҷман калон буд.

Бояд қайд кард, ки бонкҳои тиҷоратӣ дар раванди фаъолияти молиявию қарздиҳии худ, стратегияи дурурст ва сиёсати самараноки қарздиҳиро тарҳрезӣ намуда, дар асоси дурнамои он фаъолияти худро пеш баранд. Таҷрибаи бонкҳои ҷаҳонӣ ва бонкҳои давлатҳои рушдёфта нишон медиҳанд, ки аслан бонкҳои ҳаҷман хурд танҳо дар доираи иқтидори молиявии худ, стратегияи қарздиҳии кӯтоҳмуддатро терҳрезӣ ва қабул намуда, дар асоси он фаъолияти мекунанд. Қарзҳои калонҳаҷм ва дарозмуддат хосси бонкҳои бузург мебошад. Аз тарафи бонкҳои тиҷоратии кишвар ба андешаи мо, ҳамин таносуб риоя карда намешавад, ки ин хавфу хатари барнагаштани қарз ва фоизҳои онро боло мебарад. Ҳамчунин, шаффоф набудани фаъолияти қарздиҳии бонкҳои кишвар низ хавфи фаъолияти қарздиҳии онҳоро боло бурда, ҳолатҳои бухрониро ба вуҷуд меоранд, ки таҷрибаи бонкҳои муфлисшуда баёнгари ҳолати мазкур мебошад. Сифати фаъолияти қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчунин кафолати молиявии онҳо бояд дониста шавад, ки устуоврии молиявии онҳоро дар ҳаҷми 83%, маҳз ҳамин намудаи амалиёт таъмин мекунад. Дар дигараммаи 1, бақияи сандуқи қарзии низоми бонкии кишвар оварда шудааст.

Таҳлили диаграммаи 1, нишон медиҳад, ки бақияи сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қарзҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат дар як сатҳи мунтазам қарор доранд. Дар соли 2018 бақияи қарзҳои кӯтоҳмуддат нисбати ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 42%-ро ташкил кардааст. Нишондиҳандаи мазкур, дар солҳои минбаъда коҳиш ёфта, дар соли 2019 38%, солҳои 2020-2022 31,2% ташкил кардаанд.

Таҳлили сохтори бақияи қарзии бонкҳои тиҷроатӣ нишон дод, ки бақияи қарзҳои дарозмуддат соли 2018 58% аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи дарозмуддатро ташкил кардааст. Дар соли 2019 бошад, нишондиҳандаи мазкур ба 4 б.ф. зиёд гардидааст, ки 62% ташкил кардааст. Дар давраи солҳои 2020-2022 ҳаҷми бақияи қарзҳои дарозмуддат мунтазам буда, 68,9% такшил кардаанд. Дар ин ҷода, бояд қайд кард, ки қарзҳои дарозмуддат даромади фоизии бонкро дар солҳои тулонӣ таъмин ва барои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ мусоидат мекунад. Чуноне дар боло қайд кардем, барои идоракунии фаъолияти қарздиҳии дарозмуддат бонкҳои тиҷоратӣ бояд стратегияи махсуси дурнамо дошта, дар асоси он, сатҳи хавфҳо мунтазам омӯзиш ва таҳлил карда шаванд.

Нишондиҳандаи дигаре, ки барои таҳил интихоб гардида буд, ин дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ мебошад, ки онҳо дар шакли пулӣ ва ғайрипулӣ ташкил гардида, барои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ зарур дониста мешаванд. Сохтори дороиҳои бонкҳои

**Дигараммаи 1. Бақияи сандуқи қарзии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 1. The balance of the credit portfolio of the banking system of the Republic of Tajikistan**




Сарчашма: Таҳия ва ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои молияи Тоҷикистон // Маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2023. -С.116-118

тиҷоратӣ воситаҳои зеринро дар бар мегирад: воситаҳои пулӣ ва муодилаи онҳо; воситаҳои дар бонкҳо; воситаҳои барои истифода маҳдуд; қарзҳои ба мизоҷон додашуда; қоғазҳои қиматноки сармоягузорӣ; воситаҳои асосӣ; дороиҳои ғайриодӣ; дороиҳои дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ; дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд; дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда ва дигар дороиҳо. Ҳамчунин, дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ барои бадастории фоида равон карда мешаванд. Дороиҳои молиявие, ки ба бонкҳои тиҷоратӣ даромад меоранд, воситаҳое мебошанд, ки бонкҳо онҳоро дар бозорҳои молиявӣ барои амалӣ намудани амалиётҳои фаъол равона кардаанд, ки бонкҳо аз инҳо самараи иқтисодӣ мегиранд. Дар ҷадвали 2, маълумотҳо доир ба дороиҳои бонкҳои низомсоз оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2. Дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022 (млн.сомонӣ)**
**Table 2. Assets of commercial banks in the Republic of Tajikistan in 2018-2022 (million somoni)**

| № | Номгӯйи бонкҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2018 |
| 1. | БДА ҶТ “Амонатбонк” | 4136778 | 4127778 | 4990675 | 4487185 | 6424819 | 2288041(+55%) |
| 2. | ҶСК “Ориёнбонк” | 2663306 | 3149004 | 3950981 | 4171951 | 4719459 | 2056153(+77%) |
| 3. | ҶСК “Эсхата” | 1983141 | 2173921 | 2,408,408 | 3,170,202 | 4335493 | 2352352(+118) |
| 4. | ҶСП ТАҚХ “Имон Интернешнл” | - | 1179618 | 1192684 | 1357194 | 1482228 | 302610(+25,6) |
| **Ҳамагӣ:** | | 8783225 | 10630321 | 12542748 | 13186532 | 16961999 | 8178774(+93,1) |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф тибқи ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ барои солҳои 2018-2022

Тибқи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2023, БДА ҶТ “Амонатбонк”, ҶСК “Ориёнбонк”, ҶСК “Эсхата” ва ҶСП ТАҚХ “Имон Интернешнл” ҳамчунин ташкилотҳои қарзии молиявии низомсоз дар соли 2023, эътироф гардида буданд. Дар соли 2024 ин ташкилотҳо (бо истиснои ҶСП ТАҚХ “Имон Интернешнл”) ҳамчун ташкилотҳои қарзии низомсоз қабул шудаанд. Вобаста ба ин қарори мазкур, мо маҳз ҳамин ташкилотҳои қарзиро барои таҳлилҳои минбаъда интихоб намудем.

Дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми рушди онҳо ба ҳисоб рафта, ҳамчун функсия ҳимоявӣ низ доранд. Тибқи рақамҳои омории ҷадвалӣ 2, таҳил гузаронида, динамикаи онҳоро муайян намудан имконпазир мебошад.

Тавре аз маълумотҳои ҷадвали 2 бар меояд дар садри аввали ҷадвал БДА ҶТ “Амонатбонк” мебошад, ки дар соли 2018 дороиҳои бонки мазкур 4,1 млн. сомониро ташкил додаанд, ки ин тағйирёбӣ дар соли 2019 4,1 млн. сомонӣ нигоҳ дошта шуда, 9 ҳаз. сомонӣ коҳиш ёфтаанд. Дар соли 2020 дороиҳои бонк 4,9 млн. сомониро ташкил дода, нисбати соли 2019 дар ҳаҷми 20% афзоиш ёфтаанд. Аммо, дар соли 2021 ҳаҷми дороиҳои бонки мазкур аз 4,9 млн.сомонии соли 2020, ба 4,4 млн сомонӣ расидаанд, ки дар ҳаҷми 10% солона коҳиш ёфтаанд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар соли 2021 буҳрони дохилинизомии бонкии кишвар ва ҳолатҳои вазъи молиявии ҷаҳонӣ, паст гардидани сатҳи хизматрасониҳо ба коҳишёбии дороиҳои бонки мазкур оварда расонидааст.

Рақамҳои ҷадвали 2, нишон медиҳанд, ки соли 2022 дороиҳои БДА “Амонатбонк” якбора афзоиш ёфтаанд, ки ба 6,4 млн. сомонӣ расидаанд. Таҳлили афзоиши солона нишон медиҳад, ки дар соли 2022 дороиҳои бонк ба 43,1% афзоиш ёфтаанд. Ин нишондиҳандаҳое мебошад, ки дар соли 2022 бонки мазкур фаъолияти молиявию иқтисодии худро барқарор намудааст.

ҶСК “Ориёнбонк” дуюмин ташкилоти қарзие мебошад, ки ҳамчун ташкилоти низомсоз қабул карда шудааст. Дороиҳои бонки мазкур, дар соли 2018 2,6 млн. сомониро ташкил кардаанд. Дар соли 2019 дороиҳои ин бонк 3,1 млн сомониро ташкил кардаанд, ки нисбати соли 2019 дар ҳаҷми 485,6 ҳазор сомонӣ зиёд гардидаанд. Дар соли 2020 дороиҳои бонки мазкур дар ҳаҷми 25,4% афзоиш ёфта, имкон дод, ки бонк фаъолияти молиявию иқтисодии худро самаранок ба роҳ монад. Ҳамчунин, дар соли 2021 ҳаҷми дороиҳо ба 5,5% ва 2022 -13,1% афзоиш ёфтаанд.

ҶСП “Бонки Эсхата” яке аз бонкҳои тиҷоратии универсалӣ дар ҷумҳурӣ ба шумор меравад, ки дар шароити муосир, қариб ҳамаи шаклҳои хизматрасониҳои молиявиро ба мизоҷони худ пешниҳод дорад. Ҳатто, хизматрасониҳои лизингӣ, овердрафт ва қарзҳои ипотекиро ба аҳолии кишвар пешниҳод дорад, ки боқимонда бонкҳои кишвар ингуна хизматрасониҳоро надоранд. ҶСП “Бонки Эсхата” яке аз бонкҳое мебошад, ки дар рушди бозори қоғазҳои қимматноки кишвар саҳмгузор буда, қоғазҳои қиматноки худро ба фурӯш баровардааст. Муносибатҳои молиявию бонкиро бо бонкҳои давлатҳои Аврупо барпо намуда, тибқи барномаҳои молиякунонии онҳо, маблағҳои қарзиро бо фоизҳои паст аз онҳо дастрас мекунад.

Дороиҳо ҶСК “Бонки Эсхата” мисли бонкҳои дигар доимо дар масири афзоиш мебошанд. Агар дар соли 2018 ҳаҷми дороиҳои бонк 1,9 млн. сомониро ташкил карда бошад, пас дар соли 2019 ин нишондиҳанда ба 2,1 млн. сомони расидааст, ки 190,7 ҳаз. сомонӣ зиёд мебошад. Дар соли 2021 ҳаҷми дороиҳои бонк ба 3,1 млн сомонӣ расидаанд, ки нисбати соли 2020 ба 31,6% афзоиши солонаро касб кардааст. Ҳамчунин, дар соли 2022 бошад ҳаҷми дороиҳои бонк ба 4,3 млн сомонӣ расидаанд.

Ҳаҷми дороиҳои ташкилотҳои қарзии низомсоз (ҷадвали 2) ва динамикаи умумии онҳо дар диаграммаи 2 оварда шудааст, ки дар соли 2018 онҳо ба 8,7 млн. сомонӣ расидаанд. Дар соли 2019 ҳаҷми дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ ба 10,7 млн. сомонӣ расидаанд, ки нисбати соли 2018 22,9% афзоиш доштаанд. Ҳамчунин, дар соли 2020 бошад, нишондиҳандаи мазкур ба 12,5 млн. сомониро ташкил кард, ки 16,8% афзоиши солона доранд. Афзоиши суръатноки дороиҳои бонкҳои тиҷоратии низомсоз дар соли 2022 ба 16,9 млн сомонӣ расидаанд, ки 29% афзоишро ташкил намудаанд.

Таҳлили сохтори дороиҳои бонк имконият медиҳад, ки андешаҳои зеринро баён намоем. Идоракунии дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир аҳаммияти васеи иқтисодӣ дошта, роҳҳои самаранок истифода бурдани онҳоро бонкҳои тиҷоратӣ ҳамоҷониба тарҳрезӣ намуда, аз хавфҳои дохилӣ ва беруна эмин нигоҳ медоранд. Ҳодисаҳои даҳ соли охир гувоҳӣ он мебошанд, ки иқтисодиёти ҷаҳон дар ҳолати ноустувор қарор дошта, метавонанд дар дилхоҳ вақт самтҳои рушди худро тағйир диҳанд. Дар чунин ҳолати пешгӯинашаванда танзим ва идоракунии самаранокии дороиҳо бонкҳои тиҷоратӣ яке аз масъалаҳои муҳим дониста шуда, метавонанд ба рушди иқтисодиёти миллӣ таъсири манфию мусбӣ гузоранд. Аз ин рӯ, дар назди бонкҳои тиҷоратӣ вазифаҳои

аввалиндарач, ин самаранок идоракунии дороиҳои худ мебошад. Яке аз сарчашмаҳои афзоишёбии дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ, ин даромади онҳо аз амалиётҳои молиявию хизматрасониҳо мебошад. Барои таъмини даромаднокӣ ва устувории бонкҳои тиҷоратӣ, пеш аз ҳама, сохтори сифатии даромадҳои онҳо ташаккул додашуда, сатҳи хароҷот пурра танзим карда шавад.

**Диаграммаи 2. Ҳаҷми умумии дороиҳои ташкилотҳои қарзии низомсози соли 2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраҳои 2018-2022**
**Diagram 2. Total assets of regulatory credit organizations in 2023 in the Republic of Tajikistan in the period 2018-2022**




Сарчашма: Ҳисоби муаллиф тибқи рақамҳои ҷадвали 2.

Яке аз сарчашмаҳои асосии ташаккули селаҳои пулии дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ин даромади онҳо ба ҳисоб меравад. Худи даромад ҳам яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми рушди соҳа арзёбӣ гардида, тибқи назарияи идоракунии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, ҳамасола бояд сатҳ ва ҳаҷми даромадҳои бонкҳо афзоиш ёбанд. Ҷиҳати таҳлил, афзоиши солонаи даромадҳои бонкҳои тиҷоратӣ, диаграммаи навбатӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар ҳаҷми даромадҳои бонкҳои низомсоз дар соли 2023 оварда шудаанд.

Гузаронидани чунин таҳлил имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои самаранокии умумии бонк бо мақсади арзёбии самаранокии идоракунии бонк дар маҷмуъ, муайян намудани манбаъҳои баланд бардоштани даромаднокии амалиёти алоҳида, кам кардани хароҷоти бонк, инчунин устувории фоидаи бадастовардаи бонк ва муомилоти дорои хавфи баландро, ки боиси хароҷоти иловагӣ гардидаанд ё эҳтимолан ба вуҷуд омадаанд, муайян мекунанд.

Натиҷаҳои таҳлили дигарамма нишон медиҳанд, ки ҳаҷми даромадҳои бонкҳои тиҷоратии низомсоз, мунтазам афзоиш ёфта истодаанд. Масалан, дар соли 2019 даромадҳои софи БДА ҶТ “Амонатбонк” 72,4 ҳаз. сомониро ташкил карда бошанд, пас нишондиҳандаи мазкур дар соли 2022 ба 110, 3 ҳаз. сомонӣ расид, ки нисбати соли 2019 37,9 ҳаз. сомонӣ ё 52,3% афзоиш ёфтаанд.

ҶСК “Ориёнбонк” низ дар давраҳои интихобии таҳлилӣ, самаранокии фаъолияти худро тақвият бахшида, мунтазам сатҳи даромадҳои софи худро афзоиш додааст. Агар дар соли 2018 ҳаҷми даромадҳои софи ҶСК “Ориёнбонк” 40,1 ҳаз. сомониро ташкил карда бошад, дар соли 2022 ин нишондиҳанда ба 89,1 ҳаз. сомонӣ расид, ки нисбати соли 2018 2,2 маротиба зиёд гардидаанд.

**Диаграммаи 3. Нишондодҳои даромадҳои софи бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022**
**Diagram 3. Indicators of net income of commercial banks in the Republic of Tajikistan for 2018-2022**




Сарчашма: Ҳисоби муаллиф тибқи ҳисоботҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ барои солҳои 2018-2022

Агар сатҳи даромадҳои софи ҶСК "Бонки Эсхата" дар соли 2018 44,4 ҳаз. сомониро ташкил карда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 330,3 ҳаз. сомонӣ расидааст. Яке аз натиҷаҳои асосии фаъолияти бонки мазкур ин мебошад, ки дар соли 2022 нисбати соли 2018 даромадҳои соф 285,9 7 ҳаз. сомонӣ зиёд гардида, 7,4 маротиба афзоиш ёфтаанд. Бояд қайд кард, ки бонки мазкур дар бозори хизматрасониҳои бонкию молиявӣ мавқеи хосси худро дорр буда, дар аксар мавриҷ мавқеи роҳбариро дорад.

ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" дар бозори хизматрасониҳои бонкию молиявӣ мавқеи хосси худро дорад, ки байни ташкилотҳои қарзии хурд, яке аз ташкилотҳои пешқадам мебошад. Соли 2018, даромадҳои софи ин ширкат 23,8 ҳаз. сомониро ташкил намуд. Дар соли 2022 бошад, сатҳи даромадҳои софи ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" дар сатҳи 31,0 ҳаз. сомонӣ расидааст, ки нисбати соли 2019 ба 7,2 ҳаз. сомонӣ ё 30,2% афзоиш ёфтааст.

Таҳлили линейние, ки дар диаграммаи 3, оварда шудаанд, сатҳи самаранокии даромадҳои софи бонкҳои тиҷоратиро нишон медиҳанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Гулаков У.М.**


**АДАБИЁТ**

1. Бобоев А.А. Мушкилоти ташаккулёбии сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ / А.А. Бобоев, М.А. Назаров // Кишоварз. - 2019. -№2. -С.173-177.
2. Бобоев Н.М. Вопросы формирования и использования финансовых ресурсов банков / Н.М. Бобоев // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет. – 2019. -№3(67). -С.98-110.
3. Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санаи 30 сентябри соли 2023. [Манбаи электронӣ]. URL: http: // www.nbtj.org (санаи истифодабарӣ: 25.01.2024).
4. Назаров А. Асосҳои ташкилдиҳии идоракунии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир / А. Назаров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2022. -№2(41). -С.288-294.
5. Одинаев С.П. Бонкҳои тиҷоратӣ: нақш, мақом ва аҳаммияти онҳо дар муносибатҳои иқтисодии муосир / С.П. Одинаев // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. - 2019. -№4(258). -С.143-147.
6. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023, ш. Душанбе.
7. Рустамова Р. Роҳҳои асосии таъмини устувории низоми бонкӣ / Р. Рустамова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2022. -№2(41). -С.274-278.

8. Сафаров С.З. Асосҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ / С.З. Сафаров, П.М. Саидмуродов // Кишоварз. - 2020. -№4(89). -С.221-225.
9. Хайрзода Ш.Қ. Арзёбии иқтидори сармоягузории пасандозҳои хонаводаҳо дар пасманзари коҳиши эътимод ба низоми бонкӣ / Хайрзода Ш.Қ. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - 2021. -№52. -С.79-90.
10. Ҳикматов У.С. Мукаммалгардонии амалиётҳои асъорӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ. Монография. / У.С. Ҳикматов, Сайфуллозода С. -Душанбе: Ирфон, 2021. -204 с.

## ТАҲЛИЛИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ РУШДИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Бо истифода аз усулҳои муосири таҳлили иқтисодию молиявӣ дар мақолаи мазкур, саҳми бонкҳои тиҷоратӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар муҳим дониста шуда, адабиёти васеи соҳа омӯхта шудаанд. Дар асоси омӯзиши адабиётҳои васеи илми иқтисод муайян гардид, ки бо истифода аз равиши даромаднокии фаъолияти бонкӣ, фаъолияти онҳо камназир омӯхта шудааст, ки асоси таҳлилро ташкил кард. Дар асоси равиши интихобгардида, ҷиҳати муайян намудани сатҳи рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир нишондиҳандаҳои зерин: дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ, маржаи фоизии соф, даромадҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва сандуқи пасандозии бонкҳои тиҷоратӣ интихоб карда шудааст. Дар асоси таҳлил нишондиҳандаҳои мазкур, ҷиҳати такмил ва рушди минбаъдаи бонкҳои тиҷоратӣ, тавсияҳои илмӣ ва муқарраротҳои муҳим барои соҳаи мазкур, пешниҳод карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ, маржаи фоизии соф, даромадҳои бонкҳои тиҷоратӣ, сандуқи пасандозии бонкҳои тиҷоратӣ, иқтисодиёти миллӣ, селаҳои молиявӣ, устувории молиявии бонкҳо, роҳҳои идоракунии сандуқӣ қарзӣ, такомули сиёсати идоракунии бонкҳо.

## АНАЛИЗ ПОКАЗАТЕЛЕЙ РАЗВИТИЯ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

С использованием современных методов экономического и финансового анализа в данной статье рассматривается вклад коммерческих банков в развитие экономики страны, а также изучается обширная литература по данной области. На основе изучения обширной экономической литературы установлено, что при рентабельность банковской деятельности изучалась редко, что и легло в основу анализа. На основе выбранного подхода для определения уровня развития коммерческих банков в современных условиях выбраны следующие показатели: активы коммерческих банков, чистая процентная маржа, доходы коммерческих банков и депозитные портфели коммерческих банков. На основе анализа этих показателей для совершенствования и дальнейшего развития коммерческих банков предложены научные рекомендации и важные положения в этой сфере.

**Ключевые слова:** активы коммерческих банков, чистая процентная маржа, доходы коммерческих банков, депозитные ячейки коммерческих банков, национальная экономика, финансовый кризис, финансовая устойчивость банков, способы управления кредитным портфелем, совершенствование политики управления банками.

## ANALYSIS OF DEVELOPMENT INDICATORS OF COMMERCIAL BANKS IN MODERN CONDITIONS

Using modern methods of economic and financial analysis, this article examines the contribution of commercial banks to the development of the country's economy, and also examines the extensive literature in this area. Based on the study of extensive economic literature, it was established that the profitability of banking activities was rarely studied, which formed the basis of the analysis. Based on the chosen approach, the following indicators were selected to determine the level of development of commercial banks in modern conditions: assets of commercial banks, net interest margin, income of commercial banks and deposit portfolios of commercial banks. Based on the analysis of these indicators, scientific recommendations and important provisions in this area are proposed for the improvement and further development of commercial banks.

**Keywords:** assets of commercial banks, net interest margin, income of commercial banks, deposit boxes of commercial banks, national economy, financial crisis, financial stability of banks, methods of managing the loan portfolio, improving bank management policies.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафаров Қаландар Саймаҳмудович*** – Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва фаъолияти бонкӣ. **Суроға**: 735320, Данғара, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Марказӣ, 25. E-mail: **safarov.kalandar@mail.ru.** Телефон: **108-70-70-70**

**Сведения об авторе:** ***Сафаров Каландар Саймахмудович*** - Дангаринский государственный университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой финансов и банковского дела. **Адрес:** 735320, Дангара, Республика Таджикистан, улица Маркази, 3. E-mail: **safarov.kalandar@mail.ru.** Телефон: **108-70-70-70**

**Information about the author:** ***Safarov Kalandar Saymakhmudovich*** **-** Dangara State University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Finance and Banking. **Address:** 735320, Dangara, Republic of Tajikistan, Markazi street, 3. E-mail**: safarov.kalandar@mail.ru.** Phone: **108-70-70-70**

ТДУ: 339.3

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ, ПРИНСИПҲО, САМТҲОИ АСОСӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ МУҲИММИ ИҚТИСОДИ САБЗ

*Мариншоев М.М.*
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Рушди иқтисодиёти ҷаҳон бо афзоиши босуръат ва бесобиқаи истеҳсол ва истеъмоли молу хизматрасонӣ тавсиф дода мешавад, ки аз як тараф, ба некуаҳволии аҳолӣ мусоидат менамояд ва аз тарафи дигар, бешубҳа ба муҳити зист таъсири манфӣ низ мерасонад. Воқеан, вазъи муосири хоҷагии ҷаҳонӣ ба омилҳои экологӣ вобастагии бештар пайдо намуда, зарурати ба миён омадани модели нави иқтисодиро, ки омилҳои иҷтимоию экологиро халалдор намесозад, ба вуҷуд овардааст. Вобаста ба ин, рушди «иқтисоди сабз» яке аз шартҳои асосии ҳифзи муҳити зист ва экологӣ барои наслҳои ҳозира ва оянда эътироф мешавад [3,с.70].

Дар айни замон, дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон роҳҳои рушди иқтисоди сабзро пеш гирифта истодаанд, ки кафилии рушди устувори кишварҳоро таъмин мекунад. Дар асри XXI масъалаҳои «иқтисоди сабз» аз ҷониби бисёре аз олимони ҷаҳон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки гузариш ба он дар шароити муосир зарурати ногузир мегардад.

Сабабҳои асосии ин гузаришро мушкилоти экологӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, мушкилоти иҷтимоӣ – афзоиши аҳолӣ, афзоиши бекорӣ, мушкилоти иқтисодие, ки дар соҳаҳои гуногун мунтазам буҳронҳои иқтисодию молиявиро ба вуҷуд меоранд. Дар натиҷа, ҷаҳон ноустувор, мураккаб ва пешгӯинашаванда мегардад.

Барои ноил шудан ба рушди устувор аз ҷониби тамоми мамалакатҳо чораҳои зарурӣ андешида мешавад ва консепсияи гузариш ба «иқтисоди сабз» яке аз воситаҳои муҳимми ноил шудан ба рушди устувор бо дарназардошти манфиатҳои ҷомеа ва муҳити зист мебошад.

Бояд қайд кард, ки зимни баррасии заминаҳои назариявии рушди “иқтисоди сабз” метавон шартҳои ташаккули онро дар таълимоти намояндагони мактаби иқтисодии физиократҳо мавриди омӯзиш қарор дод, ки ба сифати боигарии ягона табиатро меҳисобиданд. Намояндаи асосӣ ва маъруфи ин таълимот Франсуа Кене буд. Ба ақидаи физиократҳо иқтисодиёт қонунҳои табиии худро дорад (мафҳуми тартиботи табиӣ), ки ба онҳо таъсир расонидан мумкин нест ва мувофиқи ақидаҳои онҳо иқтисодиёт дар ҳолате рушд меёбад, ки давлат ба муносибатҳои иқтисодӣ дахолат накунад.

Олимон дар солҳои 60-уми асри XX ба омӯзиши масъалаи аз бемаҳдуд зиёд истифода намудани сарватҳои табиӣ, бинобар афзоиши аҳолӣ шуруъ карданд. Соли 1972 клуби Рим маърузаи «Маҳдудиятҳои рушд»-ро нашр кард, ки дар он ба масъалаҳои тамом шудани захираҳои табиӣ, таъсири манфии фаъолияти инсон ба муҳити зист ва афзоиши партовҳо бахшида шудаанд. Муаллифони маъруза масъалаи зарурати дарк намудани ҳадди афзоиши истеҳсолоти саноатро бо назардошти захираҳои маҳдуди табиӣ ба миён гузоштанд [9].

Инчунин, дар соли 1972 Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист (United Nations Environment Programme - UNEP) бо мақсади ҳалли мушкилоти экологӣ ва нигоҳ доштани он барои наслҳои оянда таъсис дода шуд. Ин созмон Рӯзи ҷаҳонии муҳити зистро таъсис додааст, ки 5 июн ҷашн гирифта мешавад.

Бояд қайд кард, ки истилоҳи «иқтисоди сабз» бори нахуст ба адабиёти илмӣ аз ҷониби иқтисоддонҳои бритониёӣ Давид Пирс, Анил Маркандиа ва Эдвард Барбиер дар гузорише ба Ҳукумати Бритониё дар соли 1989 таҳти унвони «Нақшаи «иқтисоди сабз»» ворид карда шудааст [10,с.192].

Ғояи асосии «иқтисоди сабз» аз тарафи Давид Пирс, иқтисодчӣ-мутахассиси пешбари захираҳо ва муҳити зист бармеояд. Маҳз илми захираҳо ва муҳити зист асоси рушди консепсияи «иқтисоди сабз» буд. Давид Пирс дар корҳои илмии худ аз қабили “Таҳқиқот оид ба иқтисодиёти муҳити зист дар Британияи Кабир” (1973), “Иқтисоди муҳити зист” (1976) дар бораи тамомшавии захираҳои табиӣ ва аз байн рафтани гуногунии биологӣ дар сайёра сухан гуфтааст. Аммо, ин нақша «иқтисоди сабз»-ро муайян накардааст, онро

дертар Давид Пирс дар соли 1992 пешниҳод карда буд. Ба ақидаи ӯ «иқтисоди сабз» иқтисодест, ки метавонад худро дар асоси рушди устувор дубора тавлид кунад. Рушди устувор хусусияти дуюми умумии иқтисоди сабз мебошад. Хусусияти сеюми умумӣ аз он бар меояд, ки дар баробари тағйир ёфтани шакли иқтисодиёт қобилияти такрористеҳсолкунии он дар баробари кам шудани таносуби масолеҳ ва энергияи сарфшуда барои истеҳсоли маҳсулоти иқтисодӣ хеле меафзояд. Хусусияти асосии «иқтисоди сабз», ҷудошавии мунтазами суръати тағйирёбии самараи иқтисодӣ ва захираҳои табиии дар ин раванд истифодашаванда мебошад.

Дар асоси Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист (UNEP) дар соли 2008, ташаббуси «иқтисоди сабз» (GEI) оғоз гардид, ки ба пешниҳоди хизматрасониҳои машваратӣ нигаронида шудааст, ташкилотҳои гуногун низ ҷалб карда шуда, таҳқиқоти дахлдор идома дорад, ки ба гузариши «иқтисоди сабз» дар ҳар як кишвар мусоидат мекунад.

Дар соли 2009 Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист гузориши Global Green New Deal-ро омода намуд, ки ҳамчун як қисми ташаббуси «иқтисоди сабз»-ро дар бар мегирад. Ҳадафҳои асосӣ беҳбуди устувории иқтисоди ҷаҳонӣ, коҳиш додани партовҳои гулхонаӣ ва таназзули низомҳои экосистемӣ, ҳимояи манфиатҳои қишрҳои осебпазири аҳолӣ ва таъмини ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор буданд. Масъалаи «иқтисоди сабз» соли 2010 дар натиҷаи омодагӣ ба Конфронси СММ оид ба рушди устувор, ки пас аз 2 сол баргузор шуд, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб кард. Дар рӯзномаи Қатъномаи №64/236 Ассамблеяи Генералии СММ мавзуъҳои «иқтисоди сабз» дар доираи рушди устувор, рафъи камбизоатӣ ва марзҳои институтсионалии рушди устувор дохил карда шудааст. Моҳи ноябри соли 2011 Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист гузориши «иқтисоди сабз»-ро нашр кард, ки дар он муқаррароти асосии гузариш ба «иқтисоди сабз» оварда шудааст.

Вобаста ба ин ташаббус, ба рӯзномаи Рио + 20 дар соли 2012 масъалаи «иқтисоди сабз»-ро дар доираи рушди устувор ва барканор намудани камбизоатӣ ҳамчун воситаи ноилшавӣ ба рушди устувор ворид карда шуд.

Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист «иқтисоди сабз»-ро дар сомонаи худ чунин шарҳ медиҳад: «иқтисоде, ки некуаҳволии одамонро баланд мебардорад ва адолати иҷтимоиро таъмин менамояд, ҳамзамон, хавфҳои муҳити зистро кам ва харобшавии онро эмин медорад». Ё шарҳи дигари ин ташкилот ба таври кӯтоҳ чунин оварда мешавад: «иқтисоди сабз» - ин иқтисоди камгулхонаӣ, сарфаи захираҳо ва таъминкунандаи баробарии иҷтимоӣ мебошад.

Модели «иқтисоди сабз» ба қонеъ гардонидани талаботҳои инсон, бо дарназардошти таъсири мутақобила бо муҳити зист ва афзалияти некуаҳволии наслҳои оянда диққати махсус медиҳад. Ба ибораи дигар, «иқтисоди сабз» низоми фаъолияти иқтисодие мебошад, ки ба истеҳсол, тақсим, мубодила ва истеъмоли молу хизматрасонӣ алоқаманд аст, ки ба баланд бардоштани некуаҳволии мардум, наслҳои оянда ва ба паст кардани хатарҳои ҷиддии экологӣ оварда мерасонад [2,с.116].

«Иқтисоди сабз» яке аз самтҳои муосири илми иқтисод буда, дар пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ саҳми арзанда мегузорад. Олимон ва мутахассисон «иқтисоди сабз»-ро ба маънои васеаш чунин тарзи фаъолияти хоҷагидорӣ меҳисобанд, ки ба боло рафтани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ мусоидат намуда, ҳамзамон, хатарро ба муҳити зист ва харобшавии табиат коҳиш медиҳад. Ба маънои маҳдудаш «иқтисоди сабз»-ро ҳамчун технологияи коркард, истеҳсол ва истифодабарии таҷҳизот барои назорат ва кам кардани партовҳои моддаҳои ифлоскунанда ва газҳои гулхонаӣ, мониторинг ва пешгӯии тағйирёбии иқлим, ҳамчунин, технологияҳои сарфаи энергия ва энергетикаи барқароршаванда маънидод кардан мумкин аст [6,с.26].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар микёси ҷаҳон ҷиҳати густариши ҳадафҳои иқтисоди сабз нақши муассир дорад. Мубраммияти гузариш ба иқтисоди сабзро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз минбарҳои бонуфузи ҷаҳон чандин маротиба иброз намудаанд. Аз ҷумла, дар Конференсияи СММ “Рио+20” оид ба рушди устувор дар Рио-де –Жанейро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд карданд: «Истифодаи самаранок ва эҳтиёткоронаи захираҳои табиӣ, ки таркиби асосии иқтисодиёти сабз

мебошад, инкишофи соҳаҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи экосистемаҳо, ташкили низомҳои дурусти идоракунӣ ва дастгирии муҳити бозорӣ чун як қисми самти ислоҳот дар Тоҷикистон баромад мекунад, ки ба мақсадҳои рушди устувор мутобиқи Декларатсияи Ҳазорсолаи СММ нигаронида шудааст» [11]. Дар суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саммити гурӯҳи 77 ва Чин дар ҳошияи Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP 28) дар Аморати Муттаҳидаи Араб 2-юми декабри соли 2023 қайд гардидааст, ки имрӯз тағйирёбии иқлим зимни истифодаи захираҳои табиӣ ва фаъолияти бемайлони соҳаҳои мухталифи ҳайёти инсон аз мо муносибати дастаҷамъона ва муккамалро тақозо менамояд.

Вобаста ба ин, 30 сентябри соли 2022 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №482 оид ба қабули «Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037» таҳия гардид, ки ҷиҳати рушди минбаъдаи ин модели муосири иқтисодӣ, яъне иқтисоди сабз мавриди татбиқ қарор дода мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти рушди иқтисоди «сабз» соли 2037 воқеан ба кишвари «сабз» табдил меёбад. Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи фоизи истеҳсоли барқ аз манбаъҳои барқароршаванда дар ҷаҳон дар ҷойи 6-ум қарор дорад. 98 фоизи неруи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад.

Ҳадафи гузаронидани ислоҳоти дастурӣ, таъмини истифодаи самараноки сармояи табиӣ, ҷалби сармоягузорӣ, амалӣ намудани технологияи муосиру инноватсионӣ ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар самти иқтисоди «сабз» мебошад. Амалӣ намудани стратегия ба таъмини рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Назарияи иқтисоди сабз ба се қоидаи асосии қабул шуда, асос ёфтааст:

- имконнопазирӣ, васеъшавии беохири доираи таъсир дар фазои маҳдуд;

- имконнопазирии қонеъ гардонидани талаботи беохир рушдёбанда дар шароити захираҳои маҳдуд;

- дар рӯи замин ҳама бо ҳам алоқаманд аст.

Дар иқтисоди «сабз» низоми самтҳо зерин вуҷуд дорад:

1. Татбиқ намудани манбаъҳои барқароршавандаи энергия. Қобили зикр аст, ки ба андешаи экологҳо, барои пешгирӣ аз тағйирёбии ҷиддии иқлим дар ҷаҳон, бояд беш аз нисфи тамоми захираҳои зери заминӣ кашфношуда боқӣ монанд.

2. Такмил додани низоми идоракунии партовҳо. Дар ҳоли ҳозир, дар кишварҳои пешрафта, дар як рӯз ба ҳар сари аҳолӣ аз 1 то 3 кг партовҳои сахти коммуналӣ тавлид мешаванд ва танҳо дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка ин миқдор дар ҳар 10 сол 10% меафзояд. Дар Русия партовгоҳҳо дар маҷмуъ беш аз 2 ҳазор метри мураббаъро ишғол мекунанд.

3. Такмил додани низоми идоракунии захираҳои об. Ҳоло ҳар шашумин нафар дар ҷаҳон норасоии маводи ғизоиро аз сар мегузаронад, аз он ҷумла оби тозаи нӯшокӣ.

4. Рушди нақлиёти «сабз» (устувор, тоза). UNEP дар бораи роҳҳои коҳиш додани талабот ба нақлиёт, бахусус воситаҳои нақлиёти хусусӣ, бидуни осебпазирии умумии ҳаракат дар роҳ кор мекунад.

5. Хоҷагии органикӣ дар соҳаи кишоварзӣ. Он рад кардани истифодаи гербисидҳо, пеститсидҳо, инчунин нуриҳои пайдоиши сунъиро дар назар дорад. Маҳсулоти кишоварзии органикӣ дорои организмҳои аз ҷиҳати генетикӣ тағйирёфта надоранд, бе истифодаи компонентҳои электронӣ коркард карда мешаванд ва аз тамос бо моддаҳои ғайритабиӣ дур нигоҳ дошта мешаванд.

6. Самаранокии энергия дар хоҷагии манзилию коммуналӣ. Мавҷудияти комплексҳои истиқоматӣ, ки бо конструксияҳои гармидиҳандаи бесамар ва низомҳои таъминоти гармӣ ҷиҳозонида нашудаанд, боиси талафоти зиёди гармӣ мегардад.

7. Ҳифз ва идоракунии самаранокии экосистемаҳо. Тамоми гуногунии фаъолияти инсон дар биосфера боиси тағйироте мегардад, ки самт ва дараҷаи онро одатан буҳрони экологӣ меноманд.

Ин соҳаҳо дар шароити рушди иқтисодиёти сабз мувофиқи принсипҳои зерин инкишоф меёбанд: адолат (баробарӣ); эҳтиром (ободӣ ва некуаҳволии ҳама); чораҳои эҳтиётӣ (бо назардошти сарбории ҳадди аксар дар сайёра); иштирок (дар қабули қарорҳо); идоракунии оқилона (ҳисоботдиҳӣ); устувории иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ; самаранокӣ (истеҳсол ва истеъмоли устувор); алоқаҳои байни наслҳо (сармоягузорӣ ба оянда).

Амалисозии принсипҳои иқтисоди «сабз» ба рушди муносибатҳои зерин таъсир мерасонад: робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо дар самти амалишавии иқтисоди «сабз» тақвият дода мешаванд; низоми содирот, ҷалби маблағҳо, сармоягузорӣ, аз ҷумла сармояи «сабз» таҳким дода мешавад; сохтори истеҳсол, тақсимот ва истеъмол такмилу тақвият дода шуда, ба рушди инсон нигаронида мешавад.

Иқтисоди «сабз» ба технологияҳои «сабз» асос ёфтааст, на бо оқибатҳо, балки бо сабабҳои мушкилоти экологӣ, ба куллӣ тағйир додани муносибат, маҳсулот ва муҳимтар аз ҳама, рафтори истеъмолкунандагон фаъолият мекунанд ва масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: самаранокии энергия аз он ҷумла энергияи алтернативӣ; низомҳои идоракунии энергия; нақлиёти забз; идоракунии партовҳо, партовҳо ба ҳаво ва об.

Ин технологияҳо ба мо имкон медиҳанд, ки ба ҳадафҳои зерин ноил гардем, ки иқтисоди ҷаҳонии муосир дар назди худ гузоштааст:

1. Кам кардани ифлосшавии муҳити зист ва баланд бардоштани самаранокии захираҳо дар соҳаҳои истеҳсолот, кишоварзӣ, сохтмон ва инфрасохтор.

2. Кам кардани тағйироти номусоиди иқлим тавассути гузариш ба энергияи сабз, каммасраф, тозатар (шамолӣ, офтобӣ, обӣ, геотермалӣ, биоэнергия, энергия аз коркарди партовҳо) ва равандҳои истифодаи ниҳоии карбон (муҳаррикҳои барқӣ ё гибридӣ).

3. Паст кардани осебпазирӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим тавассути низомҳои огоҳкунии бармаҳал ва технологияҳои ба ҳарорат аномалияҳо тобовар; такмил додани идоракунии самтҳои биологӣ ва захираҳои ҷангал.

4. Баланд бардоштани некуаҳволӣ тавассути самараноктар ва устувортар истифода бурдани захираҳои гуногуни биологӣ, аз ҷумла косметикаи табиӣ ва соҳаи дорусозӣ.

Бинобар ин, ба хусусиятҳои муҳимми иқтисоди сабз омилҳои зерин дохил мешавад:

- истифодаи самараноки захираҳои табиӣ;
- нигоҳдорӣ ва ташаккули сармояи табиӣ;
- кам кардани ифлосшавӣ, партовҳои кам карбон;
- пешгирии талафотҳои гуногунии биологӣ;
- афзоиши даромаднокӣ ва шуғлнокӣ;
- дар умум - адолати иҷтимоиро таъмин менамояд, хавфҳои муҳити зистро кам ва аз харобшавӣ эмин медорад.

Стратегияи иқтисоди сабз татбиқи сиёсатҳои махсусро дар ҳама сатҳҳо дар бар мегирад, зеро мушкилоти экологӣ натиҷаи нокомии бозор мебошад, ки дар натиҷа, низоми нархҳои бозор, арзиши муҳити зист ва арзиши таъсири манфиро ба таври бояду шояд инъикос намекунад (ва аксар вақт тамоман ба назар намегирад). Дар натиҷа, субъектҳои бозор ноил шудан ба ҳадафҳои ҳифзи табиат нигаронида нашудаанд ва хароҷоти экологиро дуруст ба назар намегиранд. Яъне, танзимгарони бозор аз ҷиҳати экологӣ бесамар мешаванд. Мушкилот ва миқёси бесобиқаи ноил шудан ба ҳадафи нисбатан босуръати кабудизоркунии иқтисоди ҷаҳонӣ истифодаи фаъолонаи танзимгарони ғайрибозорӣ ва фаъолсозии назарраси сиёсатҳоро дар ҳама сатҳҳо – байналмилалӣ ва миллиро тақозо менамояд.

Стратегия бояд сиёсати умумии иқтисодӣ ва экологӣ, аз ҷумла ҳавасмандгардонии навовариҳои экологӣ тавассути сиёсати мувофиқи андоз, рақобат ва тиҷорат, ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба технологияҳои нав ва бозорҳо, аз ҷумла сармоягузорӣ ба инфрасохтор ва барқарорсозии сармояи табиӣ, хариди давлатӣ, фаъолияти иттилоотӣ ва таълимӣ, ҳамчунин, сиёсати иҷтимоӣ аз ҷумла ташкили ҷойҳои кори сабзро бояд дар бар гирад.

Ба сиёсати берунии иқтисодӣ ва ҳамкории байналмилалӣ, аз ҷумла расонидани ёрӣ ба мамлакатҳои рушдёбанда, ки азнавсозии иқтисодиро дар муҳлати муайян мустақилона гузаронда наметавонанд, нақши бузург дода мешавад.

Гузариш ба иқтисодиёти сабз, банақшагирии рушд ва таҳлили ташаккули истифодаи нишондиҳандаҳои мувофиқро талаб мекунад, ки омили экологиро ба таври мувофиқ арзёбӣ мекунад: захираҳои истеъмолшуда, ифлосшавии муҳити зист ва хизматрасониҳои экосистемавӣ.

Маҳз ҳамин арзёбӣ ва шомил кардани он ба нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ метавонад барои баланд бардоштани ҷолибияти иқтисоди сабз дар муқоиса бо модели анъанавии рушд ва пешгирии таназзули минбаъдаи муҳити зист мусоидат намояд.

Ин махсусан ба нишондиҳандаҳое дахл доранд, ки пешрафти истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тозаро тавсиф мекунанд.

Нишондиҳандаҳои мавҷуда асосан ҷанбаҳои соҳавӣ ё захиравӣ, аз ҷумла энергетика, саноат, самаранокии захираҳоро дар бар мегиранд, вале ҷанбаҳои муҳимро ба мисли арзёбии таъсир ба муҳити зист, масъулияти иҷтимоии корпоративӣ, инчунин як қатор бахшҳо ва соҳаҳо – молия, сайёҳӣ ва ғайраро дар бар намегиранд.

Самтҳои асосии рушди иқтисоди сабз, тибқи маълумоти UNEP, бахшҳо ва соҳаҳои зеринро дар бар мегирад: кишоварзӣ, моҳидорӣ, хоҷагии об ва ҷангал, истеҳсолоти саноатӣ, энергетика, сохтмон, нақлиёт, сайёҳӣ, нобудсозӣ ва коркарди партовҳои маишӣ ва саноатӣ, эко-шаҳрҳо. Онҳо, аз як тараф, ифлоскунандагони асосии муҳити зист ва аз тарафи дигар, барои татбиқи модели рушди сабз дорои потенсиали пурқувват мебошанд.

Айни замон ҳаракати умумии рушди тамоми бахшҳои иқтисодиёт, ин тағйирот дар сохтори соҳа ва ташаккули сегменти сабз, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳамзамон, вусъат додани коркарди дуюмбораи партовҳои сахт мебошад.

Татбиқи стратегияи рушди сабз, пеш аз ҳама, ба кам кардани сарбории экологии фаъолияти иқтисодӣ дар шароити муосир нигаронида шудааст.

Гузариш ба иқтисоди сабз як масъалаи ғайримуқаррарӣ, мураккаб ва печидаест, ки бо вазифаҳои гуногуни умумӣ алоқаманд ва мушкилотҳои зиёде дорад. Амиқ ва ҷиддияти онҳо аз мушкилоти бесобиқае, ки инсоният рӯ ба рӯ шудааст, вобаста аст. Дигаргунсозии амиқро на танҳо аз иқтисоди ҷаҳон талаб мекунад, балки дар ҳақиқат сухан дар бораи тағир додани тамоми сохти иқтисодӣ ва тарзи ҳаёти инсоният меравад. То имрӯз, сарфи назар аз суръат бахшидан ба таҳия ва татбиқи модели рушди сабз, ин раванд бо суръати нокифоя пеш рафта, аз суръати афзоиши харобшавии муҳити зисти сайёра ба таври равшан ақиб мондааст.

Дар байни мушкилоти объективии татбиқи стратегияи рушди сабз, пеш аз ҳама, бояд маҷмуи масъалаҳои марбут ба таҷдиди сохтори технологии иқтисоди ҷаҳон ва соҳаи энергетика қайд карда шавад. Дар айни замон, дар ҷаҳон тақрибан 90% тамоми энергия ба технологияҳои анъанавӣ асос ёфтааст ва ҳатто агар технологияҳои энергияи барқароршаванда аз ҷиҳати хароҷот бо онҳо баробар бошанд ҳам, дигаргуниҳои назаррас аз сабаби мураккабии табдилдиҳии тамоми инфрасохтори энергетикӣ вақти тулониро талаб мекунанд. Инчунин муқовимати ширкатҳои соҳаи энергетикаи анъанавӣ ва давлатҳоеро, ки иқтисодашон ба захираҳои табиӣ асос ёфтааст, бартараф кардан лозим аст.

Теъдоди зиёди технологияҳои зарурӣ барои рушди иқтисоди сабз аллакай дастрасанд: энергияи шамолӣ ва офтобӣ, гирифтани гази карбон, моводи биологии вайроншаванда ва ғайра. Дар бораи оқибатҳои ҷорӣ намудани технологияҳои нав, дараҷаи назарраси номуайянӣ вуҷуд дорад. Ҳамин тариқ, инқилоби сабз дар хоҷагии қишлоқ оқибати дутарафа дошта: аз як тараф, имкони шиддати проблемаи озуқаворӣ кумак мекунад, аз тарафи дигар, нигарониҳои қонунӣ дар бораи истифодаи пеститсидҳо ва ГМО-ро ба миён меорад. Масъалаи зарурати эҷод ва паҳн кардани технологияҳои сабз бо назардошти вазъи экологӣ муҳлатҳо хеле шадидтар мегардад. Тавре сенарияҳо нишон медиҳанд, инқилоби технологияи сабз, бояд дар се-чор даҳсолаи оянда сурат гирад. Ин вазифаи бениҳоят душвор аст, зеро вақт барои таҳия, татбиқ ва паҳн кардани технологияҳои нав лозим аст. Инқилобҳои қаблии технологӣ дар тули давраҳои хеле дарозтар, тақрибан ҳафтод сол ё бештар аз он ба амал омаданд.

Проблемаҳои асосии бунёди иқтисоди сабз, ин масъалаҳои молиявӣ ва иқтисодӣ мебошанд. Барқарор кардани иқтисоди ҷаҳонӣ, як раванди гаронарзиш аст. Хароҷоти он,

ки аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ҳисоб карда шудааст, ба таври назаррас аз 2 то 25% ММД-и ҷаҳонӣ ва бештар аз он фарқ мекунанд. Мушкилоти татбиқи стратегияи сабз низ ба дараҷаи назарраси номуайянӣ дар дурнамо вобаста аст. Ин, аз ҷумла, ба номуайянии суръати рушди равандҳои муҳити зист, тағйироти босуръати ҷаҳон, самти рушд ва самаранокии истифодаи технологияҳои нав вобаста аст.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки вазъият хеле зуд тағйир меёбад. Масалан, олимон чунин мешуморанд, ки равандҳои таназзули экосистема метавонад якбора зиёд шавад. Илова ба ҳадафҳои объективӣ, монеаҳои зиёди субъективӣ барои татбиқи стратегияи рушди сабз, ба монанди монеаҳои сиёсӣ мавҷуданд. Яке аз монеаҳои муҳим, ин зиддият байни моҳияти ҳама гуна тиҷорате, ки ба гирифтани фоида равона шудааст, ҳадафҳои бунёди иқтисоди сабз мебошад. Сарфи назар аз пайдо шудани имкониятҳои нави фаъолияти тиҷоратӣ, шумораи зиёди ширкатҳо то ҳол ба сабзгардонии фаъолияти худ муносибати манфӣ доранд, ки чораҳои экологиро ҳамчун хароҷоти иловагӣ медонанд.

Ҳалли аксари ин мушкилот дар ҳамгироии минбаъдаи консепсияи рушди сабз ба стратегияҳои ҳукумат, таҳкими нақши давлат дар пешбурди он ва сармоягузорӣ ба навовариҳои сабз, пурзӯр намудани сиёсати давлатии экологӣ, аз ҷумла тавсеаи назарраси ҳавасмандгардонии иқтисодӣ барои фаъолияти дахлдори иқтисодӣ ва тадриҷан кам кардани субсидияҳо барои истеҳсоли манбаи барқарорнашавандаи энергия, зиёд намудани таваҷҷуҳ ба фарҳанг ва иттилоот вобаста аст. Мавқеи фаъолро дар татбиқи стратегия ЕС, Ҷопон, Чин, Ҷумҳурии Корея, Таиланд, Бразилия, инчунин баъзе дигар кишварҳо ва иттиҳодияҳои ҳамгироӣ доранд. Ҳамзамон, сабзгардонии иқтисод метавонад ба ҳифзи муҳити табиӣ, ки манбаи асосии даромад, пеш аз ҳама, дар кишварҳои қафомонда, ба ҳалли мушкилоти об, озуқаворӣ ва дигар мушкилотҳо ба монанди баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ ва сатҳи зиндагии мардум мусоидат кунад. Ба андешаи як қатор кишварҳои рӯ ба рушд ва кишварҳои иқтисодашон дар ҳоли гузариш қарор дошта (аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон), стратегияи нав метавонад аз ҷониби кишварҳои пешрафта барои ҷорӣ кардани чораҳои якҷонибаи протексионистӣ истифода шавад, ки ин боиси боз ҳам афзудани нобаробарӣ шуда, ба рушди онҳо халал мерасонад. Дар ҳамин ҳол, тиҷорати байналмилалӣ метавонад ба суръатбахшии гузариш ба иқтисоди сабз мусоидат кунад. Афзоиши тиҷорат боиси рушди самаранокии истеҳсолот мегардад ва боиси коҳиши фишори экологӣ тавассути кам кардани истеъмоли захираҳо ва тавлиди дубораи партовҳо мегардад; барои хифзи муҳити зист захираҳои иловагии молиявӣ медиҳад, даромади аҳолиро зиёд мекунад ва шуурнокии экологиро бедор мекунад; ба паҳншавии стандартҳои экологӣ мусоидат мекунад ва талаботро ба молҳо ва хизматҳои экологӣ афзоиш медиҳад, инчунин имкониятҳои кишварҳои рӯ ба рушдро барои ворид шудан ба бозорҳои содиротии экологӣ афзоиш медиҳад.

Ҳамкории байналмилалӣ низ барои коҳиш додани хатарҳои сершумори таҳдиди сохтори иқтисоди ҷаҳонӣ зарур аст. Таъмини иттилоотӣ барои гузаштан ба самтҳои нави рушд аҳаммияти калон дорад. Дар сатҳи миллӣ стратегия бояд барои ҳамаи кишварҳо афзалияти сиёсӣ гардад. Сайёра воқеан ҳудуди худро дорад ва наметавонад сатҳи баланди зиндагии аҳолии рӯзафзунро таъмин кунад.

Дар асоси таҳлили асосҳои консептуалӣ, принсипҳо, самтҳои асосӣ ва масъалаҳои ҳалталаби иқтисоди сабз хулосаҳои зеринро баровардан мумкин аст:

- мафҳуми иқтисоди сабз ҳамчун вокуниш ба тағйироти ҷиддии манфӣ дар муҳити зист пайдо шудааст;
- мафҳуми иқтисоди сабз на танҳо бо масъалаҳои экологӣ, балки бо масъалаҳои некуаҳволии иҷтимоии ҷомеа алоқаманд аст;
- зарурати гузаштан ба иқтисоди сабз мавқеи фаъоли давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳамкории кишварҳоро тақозо мекунад;
- ҷорӣ намудани навовариҳои технологӣ дар якҷоягӣ бо кам кардани истифодаи захираҳои табиии барқарорнашаванда ва истифодаи захираҳои табиии барқароршаванда дар бунёди иқтисодиёти сабз нақши муҳим мебозад;
- шуури ҷамъиятӣ, идоракунии оқилонаи муҳити зист ва муносибати якҷоя калиди самаранокии иқтисоди сабз мебошанд (мисоли кишварҳои Иттиҳоди Аврупо);

- мубоҳисаҳо дар бораи номувофиқии афзоиши иқтисодиёт ва иқтисоди сабз ба кор карда баромадани роҳи оптималӣ, яъне интихоби шакли муътадили капитализм, ки манфиатҳои ҷамъият ва муҳити зистро ба назар мегирад, мусоидат мекунад;

- рушди устувори тамоми кишварҳои ҷаҳон танҳо тавассути гузариш ба иқтисоди сабз бо истифода аз стратегияи рушди сабз имконпазир аст;

- дар ҳоле ки ММД ҳамчун ченаки самаранокии иқтисоди сабз аҳаммият надорад, бинобар ин, истифодаи дигар нишондиҳандаҳои андозагирӣ, ба монанди изофаи экологӣ, индекси глобалии иқтисоди сабз (GGEI) зарур аст.

Таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи иқтисодиёти сабз, рушди сабз ва рушди устувор дар айни замон хеле муҳим буда, нишон медиҳанд, ки мафҳуми иқтисодиёти сабз пайваста таҳаввул ёфта, бо равишҳо ва усулҳои нави амалии бунёдӣ, пурра мегардад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Соҳибов Ғ.О.**

**АДАБИЁТ**


1. Исайнов, Х.Р. Формирование и развитие «зеленой экономики» - как направление устойчивого развития Таджикистана / Х.Р. Исайнов, Казокзода У.Њ. // Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 02 мая 2023 года. -Душанбе, 2023. -С.422-439.
2. Мариншоев, М.М. Таъсири иқтисодиёти «сабз» ба рушди савдои чакана дар шароити муосир / М.М. Мариншоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. -№3(48). -С.115-120.
3. Саидмуродзода, Л.Ҳ. Иқтисоди сабз ва нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҳалли масоили экологӣ / Саидмуродзода Л.Ҳ., М.А. Ҳакимов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. -№1. –С.68-81.
4. Солеҳзода, А.А. Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳ ба сӯи рушди устувор дар заминаи принсипи иқтисоди "сабз" / Солеҳзода А.А. // Тоҷикистон: иқтисод ва идора. – 2020. -№2. –С.60-69.
5. «Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037».
6. Шаропов Ф.Р. Иқтисоди сабз – омили асосии рушди иқтисоди миллӣ / Ф.Р. Шаропов, М.М. Мариншоев // Паём – роҳнамои миллат. Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ ва оммавӣ дар партави Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28 декабри соли 2023. -Душанбе, 2024. -24 с.
7. Шаропов, Ф.Р. Нақш ва моҳияти соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз»: назария ва амалия / Ф.Р. Шаропов, М.Н. Досиев // Идоракунии давлатӣ. – 2023. -№4-1(63). –С.27-33.
8. Шпарова, С.С. «Зеленая» экономика - процесс перехода мировой экономики к развитию социально-экономических зеленых ресурсов / С.С. Шпарова // Мировая экономика: проблемы безопасности. – 2021. -№2. -С.81-84.
9. The Club of Rome. The Limits to Growth. [Электронный ресурс]. URL: https://clubofrome.org/ publication/the-limits-to-growth (дата 9.06.2023).
10. Pearce D. Blueprint for a Green Economy / D. Pearce, A. Markandya, E.B. Barbier. -London: Earthscan, 1989. -192 p. ISBN 1 85383 0666.
11. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.news.tj
12. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.unenvironment.org/explore-topics.


## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ, ПРИНСИПҲО, САМТҲОИ АСОСӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ МУҲИММИ ИҚТИСОДИ САБЗ


Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявӣ, принсипҳо, самтҳои асосӣ ва масъалаҳои ҳалталаби иқтисоди сабз мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳадафи асосии таҳқиқот таҳлили асосҳои назариявӣ, принсипҳо, самтҳои асосӣ ва масъалаҳои ҳалталаби иқтисоди сабз мебошад. Диққати асосӣ ба асосҳои консептуалӣ, назария, сабабҳои гузариш, низому самтҳо, принсипу хусусиятҳо, стратегияи рушд ва проблемаҳои асосии бунёди иқтисоди сабз дода шудааст. Қайд гардидааст, ки иқтисоди сабз яке аз самтҳои муосири илми иқтисод буда, дар пешрафти иқтисодиёти ҷумҳурӣ саҳми арзанда мегузорад. Дар асоси таҳлили хулосаҳои зерин пешниҳод гардидааст: мафҳуми иқтисоди сабз ҳамчун вокуниш ба тағйироти ҷиддии манфӣ дар муҳити зист пайдо шудааст; мафҳуми иқтисоди сабз на танҳо бо масъалаҳои экологӣ, балки бо масъалаҳои некуаҳволии иҷтимоии ҷомеа алоқаманд аст; зарурати гузаштан ба иқтисоди сабз мавқеи фаъоли давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳамкории кишварҳоро тақозо мекунад; ҷорӣ намудани навовариҳои технологӣ дар якҷоягӣ бо кам кардани истифодаи захираҳои табиии барқарорнашаванда ва истифодаи захираҳои табиии барқароршаванда дар бунёди иқтисоди сабз нақши муҳим мебозад; шуури ҷамъиятӣ, идоракунии оқилонаи муҳити зист ва муносибати якҷоя калиди самаранокии иқтисоди сабз мебошад; рушди устувори тамоми кишварҳои ҷаҳон танҳо тавассути гузариш ба иқтисоди сабз бо истифода аз стратегияи рушди сабз имконпазир аст.



**Калидвожаҳо:** асосҳои назариявӣ, иқтисоди сабз, рушди иқтисоди сабз, рушди устувор, ташаббусҳои экологӣ, некуаҳволии аҳолӣ, адолати иҷтимоӣ, технологияи сабз, масъулият барои оянда, муҳити зист.

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ, ПРИНЦИПЫ, ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ И ВАЖНЫЕ ВОПРОСЫ ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ**

В данной статье изучены теоретические основы, принципы, основные направления и вопросы, требующие решения проблем зеленой экономики. Основная цель исследования - проанализировать теоретические основы, принципы, основные направления и проблемы зеленой экономики. Основное внимание уделено концептуальным основам, теории, причинам перехода, системам и направлениям, принципам и характеристикам стратегии развития, а также основным проблемам построения зеленой экономики. Отмечается, что зеленая экономика является одним из современных направлений экономической науки и вносит значительный вклад в прогресс экономики республики. На основе анализа представлены следующие выводы: концепция зеленой экономики появилась как ответ на серьезные негативные изменения в окружающей среде; концепция зеленой экономики связана не только с вопросами экологии, но и с вопросами социального благополучия общества; необходимость перехода к зеленой экономике требует активной позиции государства, общественных организаций и сотрудничества стран; внедрение технологических инноваций вместе с сокращением использования невозобновляемых природных ресурсов и использованием возобновляемых природных ресурсов играет важную роль в построении зеленой экономики; осведомленность общественности, разумное управление окружающей средой и совместный подход являются ключом к эффективности зеленой экономики; устойчивое развитие всех стран мира возможно только путем перехода к зеленой экономике с использованием стратегии зеленого развития.

**Ключевые слова:** теоретические основы, зеленая экономика, развитие зеленой экономики, устойчивое развитие, экологические инициативы, общественное благосостояние, социальная справедливость, зеленая технология, ответственность за будущее, окружающая среда.

**THEORETICAL FUNDAMENTALS, PRINCIPLES, BASIC DIRECTIONS AND IMPORTANT ISSUES OF THE GREEN ECONOMY**

This article examines the theoretical foundations, principles, main directions and issues that need to be addressed in the green economy. The main goal of the study is to analyze the theoretical foundations, principles, main directions and problems of the green economy. The main attention is paid to the conceptual foundations, theory, reasons for the transition, systems and directions, principles and characteristics, development strategies, as well as the main problems of building a green economy. It is noted that the green economy is one of the modern areas of economic science and makes a significant contribution to the progress of the republic's economy. Based on the analysis, the following conclusions are presented: the concept of a green economy emerged as a response to serious negative changes in the environment; the concept of a green economy is associated not only with environmental issues, but also with issues of social well-being of society; the need for a transition to a green economy requires an active position of the state, public organizations and cooperation between countries; the introduction of technological innovations, together with the reduction in the use of non-renewable natural resources and the use of renewable natural resources, play an important role in building a green economy; public awareness, sound environmental management and a collaborative approach are key to the effectiveness of the green economy; sustainable development of all countries of the world is possible only through the transition to a green economy using a green development strategy.

**Keywords:** theoretical fundamentals, green economy, green economy development, sustainable development, environmental initiatives, public welfare, social justice, green technologies, responsibility for the future, environment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маринשоев Муқбил Мунавваршоевич*** - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисод ва фаъолияти соҳибкорӣ. **Суроға**: 734055, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Борбада, 48/5. E-mail: **mukbil-0105@mail.ru.** Телефон: **(+992) 934-44-41-33**

**Сведения об авторе:** ***Мариншоев Мукбил Мунавваршоевич*** - Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана, кандидат экономических наук, доцент кафедры экономической теории и предпринимательской деятельности. **Адрес:** 734055, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Борбада, 48/5. E-mail: **mukbil-0105@mail.ru.** Телефон: **(+992) 934-44-41-33**

**Information about the author:** ***Marinshoev Mukbil Munavvarshoevich*** - International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Economic Theory and Entrepreneurship. **Address**: 734055, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbada Avenue, 48/5. E-mail: **mukbil-0105@mail.ru.** Phone: **(+992) 934-44-41-33**

ТДУ: 336.71

# АРЗЁБИИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ АФЗОИШИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНК

*Мирзоев Ҳ.Ҳ., Шарбатов С.С.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Дар шароити гузариш ба раванҳои тезу тунди ҷаҳонишавӣ ва гузариш ба технологияҳои мусоири хизматрасониҳои электронӣ талаб менамояд, ки ҷиҳати тобоварӣ ба чунин равандҳои печида, ислоҳоти сохторӣ дар самти рақамикунонии иқтисодиёт ва сохторҳои муҳимми молиявию қарзӣ ҳамчун шарти асосӣ маҳсуб ёфта, татбиқи он зарурӣ гардад. Аз ин лиҳоз, самтҳои асосии рушди хизматрасониҳои бонкӣ ва дар ин замина коҳиш додани омилҳои хатарафзо, ки бидуни хизматрасониҳои муосири бонкӣ ичро мегарданд, шарти асосӣ маҳсуб меёбад ва аз ҳамин лиҳоз, чунин масъала актуалӣ будани мавзуи таҳқиқшавандаро ифода менамояд.

Дар таҳқиқотҳои масъалаҳои назариявӣ ва методологии хизматрасониҳои бонкӣ, дар асарҳои олимони хориҷӣ У.Петти, Т.А. Лобачаёва, О.С. Рудакова, Е. Егоров, А.В. Калтиран, В.Е. Морозов, Д. Аристе, Б. Бухвалд, К. Дейвис, Ю. Зайтц, А. Кенион, С. Матюр, М. Портер ва олимони ватанӣ Раҳимзода Ш, Хайрзода Ш.Қ., Шарипов Б.М., Дембегиев М.С. ва монанди инҳо акс ёфтаанд.

Таҳлил ва арзёбии сифати хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун омили самараноки фаъолияти бонкҳо дар сатҳи бозори бонкӣ ё низоми бонкӣ ташкил медиҳад.

Дар шароити мураккабгардии муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҷойгиршавии фурӯшандаю харидор, суръати пасти иҷрои амалиётҳои бонкӣ, дар баъзе ҳолат норасоии захираҳои пули нақд муносибат байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда, инчунин байни бонкро душвор мегардонад. Дар ин масъала фароҳам овардани шароити зуд ичро гардидани амалиёту хизматрасониҳои бонкӣ, пеш аз ҳама, сифати фаъолият ва хизматрасониҳои бонк маҳсуб меёбад. Аз ин хотир, арзёбии сифати хизматрасониҳои бонкӣ бо мизоҷ заминаи мусоидро ҷиҳати ба роҳ мондани муносибати самарабахш ва саривақтӣ, ки он дар меҳвари хизматрасониҳои муосири бонкӣ иҷро мегардад, дар бар мегирад.

Бо ин мақсад имрӯз бозори хизматрасониҳои бонкӣ яке аз самтҳои фаъолияти ташкилотҳои молиявию қарзӣ мебошад, ки тақсимоти сармоя ва дигар воситаҳои молиявии дар низоми иқтисодӣ, инчунин қонеъ гардонидани талаботи ҷамъиятӣ оид ба ташкили муомилоти пулиро дар бар мегирад. Илова бар ин, рушди самаранокии равандҳои номбаршуда аз миқдор ва сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои пешниҳодшудаи бонкӣ вобаста мебошад. Дар ҳама шароит сифати хизматрасониҳо ба сатҳи рақобатпазирии худи ташкилотҳои молиявию қарзӣ дар бозори бонкӣ, аз ҷумла ба устувории афзояндагии сатҳи даромад ва фоидаи онҳою мизҷонашон таъсири назаррас мерасонад.

Ба масъалаи таҳқиқи хусусиятҳои хосси хизматрасониҳои бонкӣ корҳои бисёр олимони иқтисоддон бахшида шудаанд. Аммо бо сабаби зуд тағйирёбанда будани равандҳои печидаи техникию технологӣ ва ба ин ҷараён ворид шудани технологияҳои ҳушманд ва дорои зеҳни сунъӣ ин масъаларо васеътар менамояд.

Аммо, то ҳол масъалаҳои марбут ба хизматрасониҳои бонкӣ, алоқамандӣ ба бонкҳо ва маҳсулотҳои онҳо, пеш аз ҳама, арзёбии сифати пешниҳод дар бозори бонкӣ баҳсбарангез боқӣ мемонанд. Дар амалияи гузашта ва имрӯзаи бонкӣ ҳанӯз тавсияҳое мавҷуд нестанд, ки ба нишондиҳандаҳои сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва методологияи баҳодиҳии онҳо талаботи ягона дошта бошанд ва онҳо дар як давраи тулонии вақт бетағйир боқӣ монанд [15]. Қабл аз ҳама, дар шароити муосир ба хизматрасониҳои бонкӣ амалиёти миёнаравӣ, комиссионӣ, ки бонкҳо бо супориши муштариён бо пардохти муайян анҷом медиҳанд, дохил карда мешаванд ва чунин шакли хизматрасонӣ дар айни замон, ҳамчун шакли маҳдуд ва сустинкишофёфтаи бонкӣ маҳсуб меёбад. Зеро хизматрасониҳои муосири бонкиро дар акасар маврид ҳамон хизматрасониҳое ташкил медиҳанд, ки бидуни таъсири омилҳои субъективӣ ва дар заминаи технологияҳои ҳозиразамон анҷом дода

мешаванд. Чунин хизматрасониҳо оид ба идоракунии ҷараёни пули нақд ва ғайринақдӣ; амалиёти асъорӣ; баҳисобгирии векселҳои тиҷоратӣ ва пешниҳоди қарзҳо; хизматрасониҳои ҳисоббаробаркунӣ ва хазинавӣ; хизматрасониҳои брокерӣ оид ба амалиёт бо коғазҳои қиматнок; хизматрасониҳои бонкии сармоягузорӣ (ҷойгиркунӣ ё хариди қоғазҳои қиматноки нав аз эмитентҳои онҳо ва сипас фурӯхтани онҳо ба дигар харидорон; ҷустуҷӯи бештари объектҳои ҷисмониро барои якҷояшавӣ ҷалб карда; маблағгузории хариди ширкатҳои дигар); хизматрасониҳои суғуртавӣ; хизматрасониҳои машваратӣ; хизматрасониҳои молиявӣ (траст, лизинг, факторинг); нигоҳдории арзишҳо ва монанди инҳо дохил мешуданд, ки ҳамчун шакли маҳдуд ё сустинкишофёфтаи бонкӣ маҳсуб меёфтанд ва дар аксар маврид инҳоро на ҳамчун хизматрасонӣ балки амалиётҳои бонкӣ мегуфтанд. Зеро мувофиқи талабот ва стандарҳои муаяншуда дар сатҳи амалиётҳои бонкӣ таъсири омилҳои субъективӣ зиёд буда, дар иҷрои хизматрасониҳои бонкӣ бошад, баракс ҳиссаи технологияҳои ҳозиразамон зиёдтар мебошад.

Бо мурури замон дар натиҷаи густариш ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ, хизматрасониҳои бонкӣ низ бо суръат рушд ёфта, ба аҳолӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ дар баробари хизматрасониҳои анъанавӣ, инчунин хизматрасониҳои муосир, ки аз технологияҳои муосир таркиб ёфтаанд, пешниҳод мегарданд [14,с.7]. Ҳамин тариқ, хизматрасониҳои бонкиро метавон ҳамчун фаъолияти худӣ ва доимии бонк, ки бо гузаронидани амалиётҳо ва хизматрасониҳои электронии бонкӣ ҳамроҳ аст, муайян кард. Бояд қайд кард, ки хизматрасониҳои бонкӣ вобаста ба хусусияти иҷрошавӣ дар шакли пешниҳод аксаран ғайримоддӣ буда, бо аломатҳо дар як вақти муайян амалӣ мешаванд. Ҳамзамон, бо ин онҳо бо санади яквақтаи шарикӣ байни бонк ва муштарии он маҳдуд намешаванд. Раванди хизматрасонӣ одатан байни муассисаи бонкӣ аз як тараф ва шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ аз тарафи дигар, ки дар робитаҳои тиҷоратии мухлати кӯтоҳ ё дарозро дар бар мегиранд, ташкил карда мешаванд. Дар сатҳи муносибатҳои доимӣ байни ташкилотҳои қарзӣ ва мизоҷони онҳо хусусиятҳои доимии сиёсати молия тақивияти ҳамкориҳо дар доираи ин ба таври доимӣ вуҷуд дорад. Ба ин хотир, як қисми стратегияи ягонаи ташкилоти молиявӣ, сиёсати молӣ аз ҷумла таърифи маҷмуи гурӯҳҳои ассортиментӣ, ки кор бо онҳо аз нуқтаи назари роҳбарияти бонк ва самаранокии иқтисодии фаъолияти ташкилоти молиявиро дар давраҳои ҷорӣ ва ояндадор таъмин менамояд, ташкил мегардад. Дар доираи сиёсати молии худ, бонкҳо бояд механизмеро амалӣ намоянд, ки ба онҳо имкон диҳад то ба гузариш аз як намуди хизматрасонӣ (гурӯҳи хизматрасонӣ) ба дигар ва ё аз як марҳилаи давраи зиндагии худи ташкилоти молиявӣ ба марҳилаи дигар вокуниш нишон диҳанд. Масалан, дар марҳилаи воридшавӣ ба бозори мақсаднок, бонк ба мизоҷон шумораи маҳдуди хизматҳоро пешниҳод мекунад, ки ба хусусиятҳои умумӣ ва талаботи истеъмолкунандагон мувофиқат мекунанд.

Дар марҳилаи рушди худ, бонк барои васеъ кардани номгӯи хизматрасониҳо ва давраи ассортиментҳои онҳо имконият пайдо мекунад. Дар марҳилаҳои саршавӣ (камолот) имкониятҳои фарққунӣ ва васеъ кардани номгӯи хизматрасониҳои бонкӣ тадриҷан тамом мешаванд ва дар марҳилаи коҳиш шумораи хизматрасониҳо дубора паст мешавад.

Дар сиёсати молии бонк мушкилоти ҷустуҷӯи таносуби оқилона ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад ва хизматрасониҳои бонкӣ, ки дар марҳилаҳои гуногуни давраи ҳаёт қарор доранд, дар бозор мавҷуданд. Мақсади чунин ҷустуҷӯ фароҳам овардани шароити устувори умумӣ барои татбиқи хизматрасониҳои бонкӣ ва ҷуброни хароҷот барои рушди инноватсионӣ, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои нав, инчунин нигоҳ доштани хизматрасониҳое мебошад, ки дар марҳилаи таназзул қарор доранд ва интизори афзоиши хизматрасониҳои истеъмолӣ мебошанд. Тибқи маълумотҳо ҳангоми татбиқи хизматрасониҳои бонкӣ, сиёсати молӣ одатан аз нуқтаи назари ягонагии ҷудонопазир, ба истилоҳ “ядро”-и молӣ ва услубӣ, пешниҳоди молӣ мешавад [10].

Ба ядрои хизмат ҷузъи воқеии техникии он дохил мешавад. Масалан, хусусияти техникии хизматрасонии “амонати Бонкӣ”(ядрои ин хизматрасонӣ)-ро ба параметрҳои зерин ҳисоб кардан мумкин аст: меъёри фоизӣ аз рӯи амонат; муҳлати амонат; асъори амонат; маблағи ҳадди ақал барои кушодани амонат; шартҳои кушодан ва имконияти пур кардани амонат; усули ҳисоб кардани фоизҳо аз рӯи амонат; шартҳои тамдиди амонат ва

ғайра. Дар сатҳи бозори бонкӣ, самтҳои асосии сиёсати молии бонкӣ ҳамеша ба нигоҳ доштани таносуби мувозинати рушди нишондиҳандаҳои бонкӣ ва сатҳи даромади онҳо нигаронида шудааст (нигар расми 1).

**Расми 1. Самтҳои сиёсати молии бонк ҳангоми татбиқи хизматрасониҳо**
**Fig. 1. Directions of the bank's financial policy during the implementation of services**



Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Дар ҳама ҳолат механизми асосии муваффақиятҳои ҳар як ташкилотҳои қарзӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ, ин услуб ё тарзи пешниҳоди хизматрасонӣ ба мизоҷ ё сатҳи дастрасӣ ба он мебошад. Услубии сифати хизматрасониҳои бонкӣ, ин дарки фаъолияти босамари бонк аз нигоҳи муштариён мебошад, ки барои хизмати мушаххас муроҷиат кардаанд ва ин бевосита аз омилҳои зерин: салоҳияти кормандон (кормандони бонк бояд ба мизоҷон сифатҳои касбии заруриро барои пешниҳоди хизматҳои пешниҳодшуда нишон диҳанд); дастрасӣ (тамос бо муштарӣ бо кормандони бонк ҳангоми расонидани хизмат бояд сода ва ба қадри имкон дастрас бошад); фаҳмиш (кормандони бонк бояд ба ҳар як муштарӣ муносибати инфиродӣ дошта бошанд); муошират (бонк бояд муштариёнро дар бораи тағйироти мавҷуда дар маҷмуи хизматрасониҳои пешниҳодшудаи бонкӣ саривақт огоҳ созад); эътимод (бонк бояд дар бозор эътибор ва эътимоди қарзию молиявиро дошта бошад); омилҳои замина (ҳарорати ҳаво, сатҳи садо, бӯй дар бинои бонк); унсурҳои дохилӣ (қарорҳои меъморӣ-нақшагирӣ ва дизайнерӣ оид ба ҷойгиркунии бонк); омилҳои функсионалӣ (бароҳатии вазъ дар толори амалиёт, аз ҷумла ҷудо будани меҳмон аз дигар мизоҷон, ба ӯ вақт додан барои шиносоӣ бо маълумоти пешниҳодшуда ва ғайра, мавҷудияти воситаҳои алоқа ва васоити ахбори омма дар чоп ва дар шакли электронӣ) дошта бошад.

Вобаста ба ин метавонем қайд намоем, ки хизматрасонии бонкӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини бозори бонкӣ буда, дар ҷараёни инкишофёбӣ зери таъсири шумораи зиёди омилҳое, ки дар умум ба тамоми бозор таъсир мерасонанд, қарор мегирад. Ҳар як бонк дар алоҳидагӣ наметавонад ин омилҳоро бидуни ба назар гирифтани муҳит ё бе такя бо мутахассисону коршиносон ва таъсири ниҳодҳои дахлдори имкониятдошта бартараф намояд. Дар ин ҷо нақши давлат ва мақомоти дигар, махсусан Бонки миллии Тоҷикистон бениҳоят зарурӣ арзёбӣ мегардад. Қайд кардан зарур аст, ки бинобар беохир будани муҳити хизматрасониҳои бонкӣ ва бозори хизматрасониҳои бонкӣ таъсири як қатор омилҳои дохилию берунӣ ба ин масъала зиёд мебошад. Иловатан вобаста ба таҳлили адабиёти илмю соҳавӣ омилҳои асосии ба хизматрасониҳои бонкӣ таъсиргузорро метавон ба 4 қисми асосӣ ҷудо намуд, ки натиҷаи онро дар расми 2 мушоҳида кардан мумкин аст.

Омилҳои мазкур ҳар кадоме дар алоҳидагӣ ба бозори хизматрасониҳои бонкӣ вобаста ба хусусиятҳои фарогирӣ ва соҳавии дар сатҳи иқтисоди миллӣ таъсири худро мерасонад. Зеро ба ақидаи Бердиев Р.Б. вазъи молиявии муштариёни бонкҳо дар мадди аввал аз ҳолати иқтисодии онҳо вобаста аст [4,с.29]. Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса

баровардан мумкин аст, ки ҳар як омили дар расм овардашуда таъсири иқтисодии худро дошта, ҳолатҳои гуногунро дар сатҳи ин бозор метавонанд ба вуҷуд оваранад. Яъне, ҳолати иқтисодии муштарӣ метавонад ба иқтидори молиявии он таъсири амиқ гузорад.

**Расми 2. Омилҳои ба хизматрасониҳои бонкӣ таъсиркунанда**
**Figure 2. Factors affecting banking services**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Ҳамин тариқ, сифати хизматрасонии бонкӣ бояд дорои хусусияти комплексӣ буда, бояд ин хизматҳо дорои пешниҳодҳои услубӣ ва ядроӣ ё техникӣ бошанд. Ва танҳо маҷмуи хусусиятҳои сифатии хизматрасониҳои бонкии пешниҳодшуда ё сиёсати пешниҳоди маҳсулоти ҳар як бонки мушаххасро муайян менамояд. Айни замон хусусияти арзёбии сифати хизматрасонии бонкӣ дар он аст, ки он асосан хусусияти субъективӣ дошта дарки сифати он аз ҷониби муштарӣ, ки пеш аз гирифтани маҳсулоти бонкӣ ташаккул меёбад муҳим ва зарурӣ мебошад.

**Хусусияти муносибати баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои бонкӣ.** Аз нуқтаи назари мақоми ҳуқуқии худ, ҳамаи муштариёни бонк ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ тақсим карда мешаванд [8]. Ва кор бо мизоҷони ҳар як гурӯҳи номбаршуда аз ҷониби бонкҳо бо алгоритмҳои махсус сохта мешавад. Дар радифи паралелии кори бонкҳо бевосита талаботҳои рӯзафзуни шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ баррасӣ карда мешавад, ки шомили он асосан шаҳрвандони қобили амал ва меҳнат дар Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷа мебошад. Мизоҷ, ки хизматрасонии ба ӯ пешниҳодкардаи бонк арзёбӣ мегардад, сифати воқиро бо он чизе, ки ӯ дар вақти бастани шартнома барои иҷро интизор буд, ба даст меорад. Чунин ҳолат аз он вобаста аст, ки сифати воқии хизматрасонии пешниҳодшуда ба тасвири пешакӣ амалан мувофиқат мекунад, ки сифати кори бонкро шахси алоҳида арзёбӣ намуда, ҳамчун муштарии доимии бонки мушаххас боқӣ мемонад ё минбаъд ба рақибон (дигар бонкҳо) муроҷиат мекунад. Ба гумони мо, раванди дарки сифати хизматрасонии бонкӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ, бояд ҳангоми арзёбии сифати хизматрасонӣ, ҳолати расонидан ва такмили минбаъдаи он ба назар гирифта шавад. Аз ин рӯ, барои татбиқи сиёсати самараноки молӣ, бонк бояд номенклатура ва доираи хизматҳои худро аз нуқтаи назари дарки муштарӣ таҳлил намояд. Яъне, мониторинги доимии омилҳои калидӣ, ки ба арзёбии сифати хизматрасониҳои бонкӣ аз ҷониби мизоҷон таъсир мерасонанд, ҳамчун масъалаи муҳим ба назар гирад.

Масалан, агар муштарӣ (шахси воқеӣ) ба бонк барои хизматрасонии марбут ба амалиёти амонатӣ ё қарздиҳӣ муроҷиат намояд, омилҳои асосии таъсиррасон ба дарки сифати хизматрасонӣ маҳз ҷузъҳои техникӣ мебошанд, на услубӣ. Агар мо дар бораи намудҳои “осонтарӣ” хизматрасониҳои бонкӣ, ба монанди пардохти ҳисобҳо, гирифтани маблағ, об ва дигар амалиётҳои якдафъаина сухан ронем, пас дар ин ҳолат, баръакс, нақши калидӣ дар дарки сифат хизматрасониҳо аз нуқтаи назари шахси воқеӣ аз ҷониби услуб баррасӣ карда мешавад.

Дар алоқаманӣ бо гуфтаҳои боло, ангезаҳои асосии интихоби бонк ҳангоми пайдо шудани талабот ба истифодаи хизматрасониҳои гуногуни бонкӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ дар расми 3, ба таври равшан пешниҳод карда мешаванд.

**Расми 3. Сабабҳои дархости муштариён барои хизматрасониҳои бонкӣ ва меъёрҳое, ки дар асоси онҳо қарор дар бораи интихоби бонк қабул карда мешавад**
**Figure 3. Reasons for customers' requests for banking services and the criteria on the basis of which the decision on choosing a bank is made**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Аҳаммият додан ба мониторинги доимии сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва беҳтар кардани он мустаҳкам карда мешавад, ки шаҳрвандон одатан муштариёне мебошанд, ки нисбатан камтар аз хизматрасониҳои бонкӣ истифода мебаранд. Аз ин рӯ, ҳатто бад шудани сифати хизматҳои расонидашуда (масалан, хизмати бад, хатогиҳои мутахассиси дафтари амалиётӣ, шароити номусоид) ва монанди инҳо метавонад ба оқибатҳои ногуввор оварда расонад. Дар ҷараёни ташкили мониторинги сифати хизматрасониҳои бонкӣ, бояд ҳам хусусиятҳои техникӣ ва ҳам услубии сифатҳои хизматрасонӣ, ки аз ҷониби худи ташкилоти бонкӣ ва дар маҷмуъ, бозори хизматрасониҳои бонкӣ пешниҳод карда мешаванд, пайваста назорат карда шаванд.

Дар байни камбудиҳо метавон гуфт: суръати пасти кори кормандони бонк; нороҳатии давраи интизорӣ дар нуқтаҳои хизматрасонии мизоҷон; бекор кардани низоми махфият ҳангоми кор бо мизоҷон; бетағйир гузаронидани автоматикунонии амалиётҳои пардохтӣ; нодуруст тартиб додани иттилооти паёмҳо (аз ҷумла ҳангоми ташкили терминали навбати электронӣ) ва ғ.

Хулоса, бояд таъкид намуд, ки андешаи муштарӣ дар бораи сифати хизматрасонии бонкӣ танҳо дар лаҳзаҳои ҷудогонаи вақт таҳти таъсири омилҳои муайян паҳн мешаванд. Он барои мизоҷоне, ки дар технология ва компютер дохил карда шудаанд, ба таври назаррас фарқ мекунад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои мониторинги сифати хизматрасониҳои бонкӣ, бояд аз ҷониби кормандони бонк бо назардошти хусусиятҳои зикршуда баррасӣ карда шаванд. Танҳо дар ин ҳолат бонк аз рӯи натиҷаҳои таҳлили дахлдор асосҳои кофӣ ва объективии иттилоотии зарурати тағйир додани хизматҳои мавҷударо дар формати ҷумлаҳои баҳсбарангез натиҷагирӣ менамоя. Пешниҳодҳои таҳияшуда бояд дар шуъба ва сохторҳои дахлдори таҳлили идораи марказии бонк ҷамъ карда шаванд, ки дар он ҷо қабули қарорҳои минбаъда оид ба мутобиқ кардани стратегияи сиёсати маҳсулоти ташкилоти молиявию қарзӣ ба тағйиротҳои рухдода сурат мегирад.

Ҳамчунин, ҷиҳати фаъолияти самаранок ва баландбардории сифати хизматрасониҳо дар низоми бонкӣ, бояд ба самтҳои зерин аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир карда шавад:

- таҳлили ҳамарӯзаи вазъи пешниҳоди хизматрасониҳо;

• мукаммалгардонии сиёсати кадрӣ;

• пайваста баланд бардоштани маҳорати касбии кормандони ташкилотҳои қарзӣ, бо роҳи гузаронидани омӯзиш ва тренингҳо;

• мукаммалгардонии амалҳои огоҳкунанда ва идоракунии онҳо бо мақсади пешгирии ҳолатҳое, ки талаботи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкиро қонеъ намегардонанд;

• ба таври зарурӣ ва сифатнок пайгирӣ намудани арзу шикояти мизоҷон, таҳлили сабабҳои аввалиндараҷаи ба миён омадани арзу шикоят ва коркарди ҷараёнҳои бартарафнамоии онҳо;

• ба ҳайъати кормандони бахши сифати хизматрасониҳои ташкилоти қарзӣ, муайян намудани вазифаҳо ва аз ҷониби роҳбарият ташкил намудани шароит барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда;

• мунтазам ташкил намудани санҷишҳои дохилӣ ҷиҳати таъмини самаранокии сифати хизматрасониҳо.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Ғаюров Ғ.**

**АДАБИЁТ**


1. Абаева Н.П. Классификация банковских услуг / Н.П. Абаева, Л.Т. Хасанова // Финансы и кредит. - 2011. - №24(456).
2. Банковские операции / под общ. ред. О.И. Лаврушина. -М.: Инфра-М., 2016. -358 с.
3. Банковские электронные услуги / под ред. О.С. Рудакова. -М.: Банки и биржи, 2016.
4. Бердиев Р.Б. Институциональные факторы инвестиционного развития в постсоветских странах (на материале Республики Таджикистан): автореф… дис. док. экон. наук / Р.Б. Бердиев. -Бишкек: КРСУ, 2012. -42 с.
5. Богданова О.М. Коммерческие банки России: формирование условий устойчивого развития / О.М. Богданова. - М.: Финстатинформ, 2015. -196 с.
6. Бор М.З. Менеджмент банков: организация, стратегия, планирование / М.З. Бор, В.В. Пятенко. -М.: ИКЦ «ДИС», 2014. -288 с.
7. Васильев А.В. Мониторинг качества банковских услуг: монография / А.В. Васильев, Е.Б. Герасимова, Л.С. Тишина. -Тамбов: Изд-во Тамб. гос. техн. ун-та, 2004. -112 с.
8. Завьялова Л.В. Банковское обслуживание физических лиц: характеристика научных подходов / Л.В. Завьялова, А.Е. Логунов // Вестник ОмГУ. Серия: Экономика. - 2017. -№4.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.05.2009, №524.
10. Михалина Л.М. Оценка качества банковских услуг как инструмент повышения эффективности деятельности банка / Л.М. Михалина, Е.Б. Голованов // Финансовый сектор экономики. – 2020. -С.48.
11. Новаторов Э.В. Методика оценки качества банковских услуг / Э.В. Новаторов // Практический маркетинг. - 2001. -№10.
12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2023. [Манбаи электронӣ]: UҚL: www. pқesident.tj. http://pқesident.tj/node.
13. Палкина Ю.А. Основные критерии выбора банка клиентами / Ю.А. Палкина // Экономика, предпринимательство и право. - 2014. -№3. -С.3-8.
14. Раҳимзода Ш. Вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон дар шароити пандемия (Covid-19) / Раҳимзода Ш., М.С. Дембегиев // Пайёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. -№4/1(29). -С.7-15. ISSN 2663-0389.
15. Сафина О.В. Оценка качества банковских услуг / О.В. Сафина, Н.В. Смирнова // Современные наукоемкие технологии. Региональное приложение. - 2017. -№2(50).
16. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 1 октябри соли 2016 Қарори №392.


## АРЗЁБИИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ АФЗОИШИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНК


Дар мақола намунаи мутобиқсозии муносибати классикии ташаккули сиёсати молиявӣ ба соҳаи ҳозиразамони хизматрасониҳои бонкӣ баррасӣ гардида, дар он афзалиятҳои тарафҳо муайян гардидаанд. Ба ин хотир, тафсири муаллифии хусусиятҳои хизматрасониҳои бонкӣ бо мақсади равишҳои технологӣ ва арзёбии онҳо пешниҳод карда шудааст. Қайд кардан зарур аст, ки дар таҳқиқи масъалаи мазкур асосан таваҷҷуҳ ба ду самти хизматрасониҳои бонкӣ додашуда, ифодаи онҳо дар матни мақола баён гардидааст. Илова бар ин, тақсимоти шартии мизоҷони бонк низ қисмати дигари таҳқиқоти мо буда, дар он се гурӯҳи истеъмолӣ муайян, афзалиятҳо ва нуқсонҳои хизматрасониҳои бонкӣ, ки ба интихоби корбарони алоҳидаи муассисаи бонкӣ таъсири назаррас мерасонанд, баррасӣ карда шудааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқ ва баррасии масъалаи мазкур дар чунин шакл мувофиқи мақсад мебошад.

**Калидвожаҳо:** муассисаи бонкӣ, хизматрасонии бонкӣ, сиёсати молиявӣ, сифати хизматрасонии бонкӣ, хусусияти хизматрасониҳои бонкӣ, арзёбии сифати хизматрасонии бонкӣ.

## ОЦЕНКА КАЧЕСТВА БАНКОВСКИХ УСЛУГ КАК ИНСТРУМЕНТ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ БАНКА

В статье рассматриваются примеры адаптации классического подхода к формированию финансовой политики современной сферы банковских услуг и определены приоритеты сторон. В связи с этим представлена авторская интерпретация особенностей банковских услуг с целью технологических подходов к их оценке. Следует отметить, что при исследовании данного вопроса основное внимание было уделено двум направлениям банковских услуг, которые были отражены в тексте статьи. В дополнение к этому условное распределение клиентов банка также является частью нашего исследования, в котором определены три группы потребителей, рассмотрены и определены преимущества и недостатки банковских услуг, которые оказывают значительное влияние на выбор отдельных пользователей банковских учреждений. В связи с этим целесообразно исследовать и рассмотреть данный вопрос в подобной интерпретации.

**Ключевые слова:** банковское учреждение, банковская услуга, товарная политика, качество банковской услуги, характеристика банковской услуги, оценка качества банковской услуги.

## ASSESSMENT OF THE QUALITY OF BANKING SERVICES AS A TOOL FOR INCREASING THE EFFICIENCY OF BANK OPERATIONS

The article discusses examples of adaptation of the classical approach to the formation of financial policy in the modern sphere of banking services and identifies the priorities of the parties. In this regard, the author's interpretation of the features of banking services is presented with the aim of technological approaches to their assessment. It should be noted that when studying this issue, the main attention was paid to two areas of banking services, which were reflected in the text of the article. In addition to this, the conditional distribution of bank customers is also part of our study, which identifies three groups of consumers, examines and identifies the advantages and disadvantages of banking services, which have a significant impact on the choice of individual users of banking institutions. In this regard, it is advisable to explore and consider this issue in a similar interpretation.

**Keywords:** banking institution, banking service, product policy, quality of banking service, characteristics of banking service, assessment of the quality of banking service.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Мирзоев Ҳокимҷон Ҳалимович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи менеҷменти молиявӣ. **Суроға**: 734067, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **907321321**. E-mail: **907321321m@gmail.com**
***Шарбатов Сорбон Сулаймонович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фаъолияти бонкӣ. **Суроға**: 734067, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: (**+992) 900 95 75 15**. E-mail: **sharbatov95@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Мирзоев Хокимджон Халимович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры финансового менеджмента. **Адрес**: 734067, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **907-32-13-21**. E-mail: **907321321m@gmail.com**
***Шарбатов Сорбон Сулаймонович*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры банковского дела. **Адрес**: 734067, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: (**+992) 900-95-75-15**. E-mail: **sharbatov95@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Mirzoev Khokimjon Halimovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, assistant at the department of financial management. **Address**: 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone: **907-32-13-21.** E-mail: **907321321m@gmail.com**
***Sharbatov Sorbon Sulaimonovich*** - Tajik State University of Finance and Economics, assistant at the Department of Banking. **Address**: 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone: **(+992) 900-95-75-15.** E-mail: **sharbatov95@mail.ru**

ТДУ: 331.104

# ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОНАНДА БА РУШДИ ИҚТИДОРИ КАДРИИ МАҚОМОТИ МАҲАЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

*Шарипов С.М.*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар шароити муосир зери таъсири ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии байналмилалӣ ва рақамикунонии фазои ҷаҳонӣ вазъи иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳо дар ҳолати зудтағйирёбӣ қарор дорад. Чунин ҳолат зарурати ташаккули самтҳо ва афзалиятҳои нави сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлатҳоро ба миён меорад. Инкишофи иқтисодиёти рақамӣ мавҷудияти системаи рушдёфтаи маориф, илм ва технологияро тақозо мекунад, ки омодасозии маҷмуи салоҳиятҳои касбиро таъмин намуда, рақобатпазирии давлатро дар бозори ҷаҳонӣ, рушди иқтисодӣ ва пешрафти босуръати мамлакатро таъмин намояд. Дар натиҷа, мутахассисони баландихтисос омили асосии пешбарандаи рушди иқтисодиёти кишвар мегарданд. Аз ин ҷост, ки дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои миллӣ, афзун намудани хароҷот барои баланд бардоштани сатҳи донишҳои рақамии аҳолӣ яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлатӣ ба шумор меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ санаи 28 декабри соли 2023 қайд намуданд, ки «Мо ҳамчунин, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем» [6]. Бояд гуфт, ки дар шароити муосир бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ба таври васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ тақозои замон буда, яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Зеро рақамикунонии иқтисодиёт имкон медиҳад, ки модели муосири рушди иқтисодӣ таҳия ва татбиқ карда шавад.

Иқтисоди рақамиро метавон ҳамчун як тамоюли ҷаҳонӣ муаррифӣ кард, ки самти нави рушди босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар мекунад. Ба андешаи мо, гузаштан ба раванди рақамикунонӣ дар шароити муосир яке аз авлавиятҳои асосии рушди давлат ва ҷомеаи мо ба ҳисоб меравад. Рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарояндаи наздик ва дур мустақиман аз сатҳи рушди иқтисоди рақамӣ вобаста мебошад.

Раванди рақамикунонӣ тамоми самтҳои фаъолият, аз ҷумула, идоракунии мақомоти маҳаллиро низ фаро мегирад. Шароити муосири идоракунии мақомоти маҳаллӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамиро тақозо мекунад, зеро истифодаи чунин технологияҳо сифати идоракуниро баланд ва натиҷаҳои онро самараноктар мегардонад.

Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 тахти №582 тасдиқ карда шудааст, яке аз афзалиятҳои сиёсати давлатии кадрҳо - ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар, ташаккули системаи муосири идоракунии ҳайъати кормандон дар тамоми сатҳҳо ва таъмини сиёсати ягонаи давлатии кадрҳоро муайян менамояд.

Рақамикунонии раванди идоракунии кадрҳо - ин ҷараёни ташкили муҳити мувофиқи рақамӣ барои кормандон, бо мақсади баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва таваҷҷуҳи онҳо ба кор мебошад. Ҷараёни рақамикунонӣ бояд ба беҳтар шудани сифати кори кормандон, тавассути автоматикунонӣ ва такмил додани раванди иҷрои корҳо мусоидат кунад. Ҳангоме, ки мақомоти маҳаллӣ технологияҳои муосири рақамиро истифода мебаранд, кормандон барои пешбурди фаъолияти кории худ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунанд, зеро кори онҳо хеле осонтар ва ҷалибноктар мегардад. Чунин ҳолат кормандонро водор мекунад, ки фаъолияти худро боз ҳам хубтару самараноктар намуда, корро дар ҳамин мақоми маҳаллӣ давом диҳанд. Муҳити мувофиқи рақамӣ хавфи аз кор рафтани кормандонро кам менамояд.

Иқтидори кадрӣ, дар баробари дигар унсурҳои иқтисодиёти минтақа, дар зери таъсири як қатор омилҳо ташаккул меёбад, ки ба низом даровардани онҳо барои муҳаққиқон душвориҳои муайянеро пеш меорад, ки сабаби асосии он мавҷуд набудани равиши ягона ба таснифи ин омилҳо ба шумор меравад. Дар асарҳои баъзе муҳаққиқон [8,с.102; 1,с.70] дар ташаккули иқтидори кадрӣ нақши омилҳои демографӣ, илмию техникӣ, таълимӣ ва ғайра муайян ва мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Олими рус Е.А. Сергеев омилҳои ба рушди иқтидори кадрӣ таъсиррасонро ба таври васеътар муайян кардааст: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, экологӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ [9,с.321].

Бояд тазаккур дод, ки ҷомеаи иттилоотии муосир идоракунии самараноки захираҳо ва иқтидори кадрҳоро дар мақомоти маҳаллӣ талаб мекунад. Дар шароити зудтағйирёбандаи талаботи технологӣ ва шароити иҷтимоию иқтисодӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти бомуваффақияти сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла мақомоти маҳаллӣ мегардад.

Мақомоти маҳаллӣ дар шароити муосир муҳити мураккаб ва тағйирёбанда буда, аз кормандон мутобиқшавии касбӣ ва омодагии сатҳи баландро талаб менамояд. Идоракунии самараноки иқтидори кадрӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити муосир ҷузъҳои муҳимми фаъолияти муваффақонаи мақомоти маҳаллӣ мебошанд.

Бо назардошти банизомдарории равишҳои мухталифи таҳлили омилҳои ташаккули иқтидори кадрӣ ва сармояи инсонӣ, инчунин таъминоти кадрӣ, мо равиши шахсии худро ба гурӯҳбандии омилҳои ташаккули иқтидори кадрӣ пешниҳод намуда, моделеро таҳия кардем, ки аз панҷ гурӯҳи омилҳо иборат мебошад (расми 1).

Модели омилҳои ташаккули иқтидори кадрӣ дар мақомоти маҳаллӣ чунин гурӯҳҳои омилҳоро дар бар мегирад: иҷтимоӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, демографӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ. Барои осон намудани таҳлил омилҳои мазкур ба панҷ самти асосӣ (STEP-омилҳо) тақсим шудаанд. STEP-таҳлил (*аз англисӣ S - social, T - technological, E - economic, P - political*) - ин воситаи муайян кардани омилҳои иҷтимоӣ, технологӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад, ки ба субъекти хоҷагидорӣ ва фаъолияти он мустақим ё ғайримустақим таъсир мерасонанд. Бояд қайд намуд, ки ягон гуруҳи омилҳои мазкур ба иқтидори кадрӣ таъсири бартаридошта (афзалиятнок) ё аввалиндараҷа надорад ва бинобар ин, ҳангоми таҳлили ин омилҳо бояд равиши ҳамгироӣ ва системавӣ истифода бурда шавад.

Омилҳои иҷтимоии иқтидори кадрӣ бо вазъи саломатии аҳолӣ ва паҳншавии бемориҳо алоқаманд мебошанд. Вазъияти саломатӣ ба қобилияти гирифтани маълумот, соҳиб шудан ба касбу кори муайян, машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ, инчунин гузариши тадриҷӣ ба вазифаҳои баланд дар давоми фаъолияти меҳнатӣ бевосита таъсир мерасонад. Ҳолати солимии корманд ба сатҳи иқтидори кадрӣ таъсири мусбат мерасонад [4,с.57].

Омилҳои иҷтимоӣ-психологӣ дар ташаккули иқтидори кадрӣ бештар бо ҳавасмандгардонии меҳнатӣ ва рушди касбӣ, бо арзишҳо ва меъёрҳои рафтори меҳнатӣ алоқаманд мебошанд.

Омилҳои демографӣ, ки дар сатҳи таваллуд, фавт, ташаккули сохтори синнусолӣ ва ҷинсии аҳолӣ ва равандҳои муҳоҷират зоҳир мешаванд, ба параметрҳои миқдорӣ ва сифатии иқтидори кадрӣ бевосита таъсир мерасонанд. Аломатҳое, ки барои фаъолияти иқтисодӣ муҳим мебошанд, аз қабили сатҳи маълумот ва вазъи саломатӣ, низ дар зери таъсири равандҳои демографӣ ташаккул меёбанд.

Ба омилҳои иқтисодии ташаккули иқтидори кадрии минтақа инҳо дохил мешаванд:

- сатҳи даромадҳои аҳолӣ ва қобилияти қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти асосӣ;
- сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ;
- имконияти гирифтани маълумоти миёнаи умумӣ, инчунин маълумоти касбӣ,
- хизматрасониҳои фарҳангӣ ва маишӣ;
- кумаки тиббӣ ва ғайра.

Омилҳои иқтисодӣ ба ташаккули иқтидори кадрӣ бо роҳи таъмини вазифаҳои зерин таъсири бевосита мерасонанд:

- асосҳои иқтисодии такрористеҳсоли қувваи корӣ;
- гирифтани маълумоти умумӣ ва касбӣ;
- нигоҳ доштани саломатӣ ва қобилияти физиологии корӣ;

**Расми 1. Модели омилҳои ташаккули иқтидори кадрӣ дар мақомоти маҳаллӣ**
**Figure 1. Model of factors of formation of personnel capacity in local bodies**




- ташаккули фарҳанги умумӣ;
- мусоидат намудан ба фаъолияти иқтисодии аҳолӣ [7,с.92].

Омилҳои сиёсию ҳуқуқии ташаккули иқтидори кадрӣ аз системаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки такрористеҳсоли қувваи корӣ ва механизми ташкилии татбиқи онҳоро таъмин мекунанд, иборат мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки ташаккули иқтисодиёти рақамӣ на танҳо фаъолона ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, балки дигаргун кардани қариб ҳар як ҷойи корӣ, тағйир додани системаи таълим ва бозомӯзии кадрҳо, инчунин хизматрасониҳои рақамӣ ва воситаҳои на танҳо дар фаъолияти касбӣ, балки дар ҳаёти ҳаррӯзаи одамон, аз ҷумла кормандони мақомоти маҳаллӣ истифодашавандаро дар назар дорад. Ҳамаи ин вазифаҳо қабули қарорҳои нави техникӣ ва рушди салоҳиятҳоеро дар назар дорад, ки истифодаи ҳамарӯзаи онҳо баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, рушди иқтисодиёт ва ҷомеа инчунин дар маҷмуъ, беҳтар намудани иқтидори кадриро таъмин менамояд.

Ба андешаи мо, дар шароити муосир бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани мақомоти маҳаллӣ тавассути истифодаи самаранок ва такмили технологияҳои кадрӣ имконпазир мебошад. Технологияҳои кадрии истифодашаванда бояд воситаи муассири

идоракунии сифатӣ ва миқдории кадрҳо буда, барои муайян кардани мувофиқатии сатҳи касбии корманди мақомоти маҳаллӣ ба вазифаи ишғолкардааш, арзёбии самаранокии иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаи ӯ гузошташуда, аз ҷумла сифатҳои касбӣ ва шахсӣ имкон медиҳанд, ки ӯ ба талаботи мақомоти маҳаллӣ ҷавобгӯ бошад.

Технологияҳои кадрии муосир - инҳо воситаи идоракунии хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории кормандон мебошанд. Дар айни замон оид ба ҷанбаҳои гуногуни истифодаи технологияҳои кадрӣ дар фаъолияти мақомоти маҳаллӣ миқдори зиёди таҳқиқотҳои илмӣ гузаронида шудаанд [10,с.94]. Вале, пеш аз ҳама, мафҳуми «тахассуси кадрҳо»-ро ба назар гирифтан лозим аст. Дар маълумотнома ва адабиёти илмӣ мафҳуми «тахассус» ҳамчун дараҷаи омодагии касбии корманд ба иҷрои як намуди муайяни кор, аз ҷумла донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ, ки бояд ба стандартҳои Дастури ягонаи тарифӣ ва тахассусӣ мувофиқат кунад, шарҳ дода мешавад.

Олими рус И.П. Газиева мафҳуми «тахассус»-ро камолоти касбии кормандон, омодагии онҳо дар иҷрои босифати намудҳои мушаххаси кор, ки бо мавҷудияти дониш, малака, маҳорати касбӣ, таҷриба муайян карда мешавад, меномад [3,с.112].

Дигар олими рус Д.И. Ковтков мафҳуми «тахассус»-ро чунин тавсиф медиҳад: «тахассус - ин тавассути ҳуқуқи меҳнат муайян намудани дараҷаи тайёрии касбии кадрҳо ба вазифаи ишғолкардашон, инчунин сатҳи донишу маҳорати касбии онҳо, ҷавобгӯ будани онҳо ба талаботи идоракунии инноватсионӣ ба шумор меравад» [5,с.48]

Мақсади асосии сиёсати кадрҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ ташаккул додани чунин иқтидори кадрҳо мебошад, ки дар касбу кор ва ахлоқ дар сатҳи баланд қарор дошта, вазифаҳои ба зиммаашон гузоштаро саривақт ва бо сифати баланд иҷро намоянд. Таъмини иқтидори самараноки кадрҳо дар бахши давлатӣ яке аз масъалаҳои асосии ҳар як мамлакат ба ҳисоб меравад.

Дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои гуногун, мо якчанд омилҳои дар шароити рақамикунонӣ ба рушди иқтидори кадрии мақомоти маҳаллӣ таъсиррасонандаро муайян намудем (расми 2).

**Расми 2. Омилҳои дар шароити рақамикунонӣ ба рушди иқтидори кадрии мақомоти маҳаллӣ таъсиррасонанда**

**Figure 2. Factors affecting the development of human resources of local authorities in the context of digitization**




Манбаъ: Таҳияи муаллиф

Моҳияти омилҳои дар шароити рақамикунонӣ ба рушди иқтидори кадрии мақомоти маҳаллӣ таъсиррасонандаро кушода, шарҳ медиҳем.

1. *Маълумоти ҳаҷман калон.* Таҳлил бо истифода аз шабакаҳои нейрон имкон медиҳад, ки қарорҳои қабулшуда таҳлил ва оқибатҳои онҳо арзёбӣ карда шуда, пешгӯӣ ва қабули қарорҳои нав амалӣ карда шавад.

2. *Зеҳни сунъӣ.* Дар идоракунии давлатӣ зеҳни сунъӣ воситаи кор бо маълумоти ҳаҷман калон ба шумор меравад.

3. *Системаи тақсимотии феҳрест (блокчейн).* Технология идоракунии маълумотро дар бораи шахсони воқеӣ, ташкилотҳо, дороиҳо ва фаъолиятҳо сода мекунад.

4. *Муҳити кории рақамӣ.* Ҷорӣ намудани технологияҳои муосири рақамӣ дар муассисаҳои давлатӣ ба коҳиш додани ҷараёни аз кор рафтани кормандон ва баланд бардоштани қаноатмандии онҳо мусоидат мекунад.

5. *Зеҳни иловагӣ (модели ба инсон нигаронидашуда).* Дар доираи ин модел кормандони мақомоти маҳаллӣ бо системаҳои зеҳни сунъӣ ба таври васеъ кор мекунанд.

6. *Ҳукумати электронӣ.* Тавассути шабакаи интернет хизматрасониҳои давлатӣ пешниҳод карда мешаванд.

Ба андешаи мо, технологияҳои кадрии рақамӣ - ин маҷмуи воситаҳои барномавӣ ва дастгоҳӣ мебошанд, ки барои идоракунии иқтидори кадрии ташкилот, бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ равона шудаанд. Ба технологияҳои кадрии рақамӣ системаҳои баҳисобгирии кадрҳо, таҳлили маълумоти кадрӣ, платформаҳои ҷалби электронӣ ва бисёр воситаҳои дигар дохил мешаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи технологияҳои кадрии рақамӣ дар мақомоти маҳаллӣ як қатор бартариҳои назаррасро фароҳам меоранд:

1. *Автоматикунонии равандҳои муқаррарӣ.* Идоракунии самараноки кадрҳо метавонад сарбории кормандонро ҳангоми иҷрои вазифаҳои муқаррарӣ, аз қабили пайгирии вакт, гузоришдиҳӣ ва расмиёти маъмурӣ кам кунад.

2. *Муносибсозии интихоби кадрҳо.* Таҳлили маълумот ва системаҳои ҷалбкунӣ имкон медиҳанд, ки номзадҳое ба кор қабул карда шаванд, ки ба талаботи корфармо бештар мувофиқат мекунанд.

3. *Беҳтар намудани мониторинги истеҳсолӣ.* Технологияҳои рақамӣ имкон медиҳанд, ки фаъолияти кормандон ба таври мустақим пайгирӣ карда шуда, кори онҳо таҳлил ва баҳогузорӣ карда шавад.

4. *Рушди маҳорат ва омӯзиши кадрҳо.* Маводҳои таълимии электронӣ ва системаҳои идоракунии донишҳо ба рушди пайвастаи кормандон мусоидат менамоянд [2,с.128].

Таҷрибаи байналхалқӣ нишон медиҳад, ки дар як қатор мамлакатҳои тараққикарда татбиқи технологияҳои рақамӣ боиси такмил ёфтани раванди истеҳсолот, роботикунонӣ ва автоматикунонии корҳо ва истифодаи зеҳни сунъӣ гардид. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба сиёсати кадрӣ дар мақомоти маҳаллӣ таъсири мусбат расонида, як қатор корҳо ба таври автоматикунонӣ ба роҳ монда шудаанд. Дар баробари ин, автоматикунонии корҳо боиси кам шудани ҷойҳои корӣ ва пайдо шудани бекорон мегардад. Вале як чизро бояд таъкид намуд, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ замина барои пайдо шудани касбҳои нав гардида, барои рушди иқтидори кадрӣ оид баланд бардоштани малака ва маҳорати касбӣ ё баланд бардоштани сатҳи тахассуснокии кормандон талаботи нав мегузорад.

Мувофиқи гузориши BCG, Rosatom ва WorldSkills ҳангоми ба иқтисодиёти рақамӣ гузаштани мамлакатҳо масъалаи мавҷуд набудани шумораи кофии кадрҳои дорои тахассуси зарурӣ ба вуҷуд меояд. Аксар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мутахассисони технологияҳои иттилоотиро тайёр мекунанд, вале онҳо ҳанӯз талаботи иқтисоди рақамиро пурра қонеъ карда наметавонанд. Дигар мушкилот дар самти гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ то ҳоло истифода шудани барномаҳои компютерии кӯҳнашуда, нарасидани мутахассисони касбӣ ва ғайра ба шумор мераванд. Дар заминаи иқтисоди рақамӣ масъалаҳои ҳаракати афзояндаи меҳнат, рушди автоматикунонӣ ва роботикунонӣ ва аз байн рафтани бархе аз касбҳо пайдо мешаванд. Вобаста ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҷаласаву вохӯриҳо низ ба таври онлайн ё маҷозӣ гузаронида мешаванд.

Дар самти баланд бардоштани сатҳи тахассуси кормандони мақомоти маҳаллӣ дар шароити рақамикунонӣ яке аз омилҳои муҳим ҳамкории пайвастаи мақомоти маҳаллӣ бо соҳаи маориф ба шумор мераванд. Ба андешаи мо, ҳадафҳои асосӣ дар ин самт инҳо мебошанд:

- фароҳам овардани шароити асосӣ барои омода намудани кадрҳои ба талаботи раванди рақамикунонӣ ҷавобгӯ;
- такмили системаи маориф (он бояд мақомоти давлатӣ ва бахши хусусиро бо кадрҳои салоҳиятдор, вобаста ба рақамикунонии иқтисодиёт, таъмин намояд);
- ташкили системаи ҳавасмандгардонӣ барои азхудкунии салоҳиятҳои зарурӣ аз ҷониби кормандони мақомоти маҳаллӣ.

Ноил шудан ба ин ҳадафҳо танҳо дар шароити татбиқи консепсияи таҳсилоти доимӣ имконпазир аст, ки навсозии назарраси шаклҳои анъанавии таҳсилоти барои такмили ихтисос истифодашавандаро тақозо мекунад. Ин раванд, пеш аз ҳама, ба бозомӯзии касбӣ ва такмили ихтисос дар асоси технологияҳои нави таълимӣ, ки аз технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ васеъ истифода мебаранд, дахл дошта, ба воқеияти нави иқтисоди рақамӣ, яъне афзоиши ҳаҷми донишҳои зарурӣ барои ташаккули мутахассиси касбӣ вобаста аст. Дар ин шароит сарборӣ ба системаи маориф мунтазам меафзояд ва захираҳо маҳдуд боқӣ мемонанд, ки зарурати таҳияи равишҳои сифатан нави такмили касбии иқтидорҳои кадриро ба миён меорад.

Дар шароити муосир самаранокии таълим дар заминаи таъмини "дастрасии баробари бемамониат ба захираҳои электронии таълим" таъмин карда мешавад ва аз ин рӯ, рушди таҳсилоти фосилавӣ яке аз омилҳои ҳалкунандаи рушди иқтидори кадрӣ дар мақомоти маҳаллӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мебошад. Вобата ба чунин талабот дар соҳаи маориф бояд барои баланд бардоштани самаранокии таълим, содагардонии гирифтани маълумот аз ҷониби шаҳрвандон дар асоси истифодаи васеи захираҳои иттилоотӣ дар соҳаи барномаҳои таълимӣ шароит фароҳам оварда шавад. Иҷрои ин вазифа, инчунин ба баланд бардоштани сатҳи умумии саводнокии шаҳрвандон дар соҳаи технологияҳои муосири иттилоотӣ, рушди системаи тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мусоидат мекунад.

Дар шароити муосир, дар доираи муқаррароти Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 тасдиқ гардидааст, дар ҷумҳурӣ муассисаҳои таълимӣ доираи истифодаи технологияҳои рақамиро торафт васеъ менамоянд. Ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо интернет пайваст буда, сомонаи расмии худро доранд. Курси информатика ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар барномаҳои таҳсилоти умумӣ ба таври меъёрӣ ва технологӣ пешниҳод гардида, барои ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ кадрҳо омода карда мешаванд.

Айни замон тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ зарурати ба хориҷи кишвар барои таҳсил сафар намудан тадриҷан аз байн рафта истодааст. Зеро аксари донишгоҳҳои пешрафти ҷаҳон имконияти таҳсили фосилавиро ба хоҳишмандон фароҳам оварда, тамоми маводи хонишро дар шабакаи интернет ҷой додаанд. Вобаста ба ин, яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳарчи зудтар ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва инноватсионӣ дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, аз ҷумла роҳандозии ҳукумати электронӣ ва иқтисоди рақамӣ таъмини интернети фарохмавҷ ба шумор меравад.

Бояд қайд намуд, ки рушди иқтидори кадрӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти маҳаллӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ба ҳайъати кормандони мақомоти маҳаллӣ ҳам кормандони фаъолияткунанда ва ҳам кормандони захиравӣ дохил мешаванд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки иқтидори кадрӣ бояд ба таври мунтазам инкишоф дода шавад, яъне барои такмили маҳорати ҳам ба кормандони фаъолияткунанда ва ҳам ба кормандони захиравӣ чораҳо андешида шавад. Кор бурдан бо кормандони захиравӣ шавқу рағбати онҳоро ба хизмат дар мақомоти маҳаллӣ афзоиш дода, шумораи донишҷӯёни дар самти кор дар мақомоти маҳаллӣ таҳсилкунандаро зиёд карда, сатҳи омодагии амалии кормандони ояндаро баланд мебардорад, ки боиси афзоиши шуғли мутахассисони ҷавон ва аз байн рафтани норасоии кадрҳо мегардад.

Ба андешаи мо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарояндаи назик тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар мақомоти маҳаллӣ барои пешбурди иқтисоди рақамӣ ва ташкили низоми таълиму бозомӯзӣ бо дарки дониши баланд дар самти амалисозии соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ хело муҳим ва аҳаммиятнок буда, амалӣ намудани чорабиниҳои зерин зарур мебошад:

- тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии ҷумҳурӣ ва инчунин дар хориҷи мамлакат, фароҳам овардани низоми ягона барои омодасозии кадрҳо;
- бозомӯзии кормандони мақомоти маҳаллӣ дар доираи самтҳои гуногуни рақамикунонии иқтисоди миллӣ;
- ҳамгироии ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар самти иқтисоди рақамӣ;
- таъмин намудани дастгирии иттилоотии маърифатӣ ва мавқеъгирии табдилдиҳии рақамӣ (тавассути воситаҳои ахбори умум ва интернет).

Ҳамин тариқ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамии кадрӣ дар мақомоти маҳаллӣ як қадами муҳим дар баланд бардоштани самаранокии идоракунии кадрҳо ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии мақомоти маҳаллӣ ба шумор рафта, имкон медиҳад, ки кори мақомоти мазкур дар шароити муосири иттилоотӣ мутобиқтар, самараноктар ва рақобатпазир гардад.

Дар охир бояд қайд намуд, ки омӯзиши омилҳои ба рушди иқтидори кадрии мақомоти маҳаллӣ таъсиррасонанда барои ташаккул ва инкишофи иқтидори кадрии мақомоти мазкур дар шароити рақамикунонӣ таъсири муҳим мерасонад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти АИДНПҶТ – Мирзоев М.У.**

**АДАБИЁТ**


1. Асланов М.А. Традиционные и инновационные кадровые технологии в органах государственного управления / М.А. Асланов // Проблемы современной экономики. - 2021. -№2(50). -С.65-73.
2. Войтович В.Ю. Государственная и муниципальная служба: учеб. пособие / В.Ю. Войтович. -Ижевск: Изд-во «Удмуртский университет», 2018. -367 с.
3. Газиева И.П. Кадровая политика в сфере государственной гражданской службы / И Газиева. -М.: Инфра-М, 2021. -196 с.
4. Заруба Н.А. Кадровый потенциал органов муниципального управления: тенденции развития / Н.А. Заруба // Управление персоналом. - 2019. -№4. -С.54-59.
5. Ковтков Д.И. Наставничество на гражданской службе / Д.И. Ковтков // Законодательство и экономика. - 2019. -№1. -С.41-53.
6. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023. [Манбаи электронӣ]. URL: www.president.tj
7. Савко Т.С. Государственная кадровая политика, кадровые технологии: монография / Т.С. Савко. -М: Русайнс, 2020. -147 с.
8. Салихова И.С. Корпоративный менталитет как фактор развития экономических инноваций / И.С. Салихова // Вестник Московского университета им. С.Ю. Витте. Серия 1: Экономика и управление. - 2018. -№1(24). -С.97-107.
9. Сергеев Е.А. Цифровизация государственного управления: региональный аспект / Е.А. Сергеев // Цифровое пространство: экономика, управление, социум: сб. всерос. науч. конф. -Курск, 2020. -С.319-326.
10. Файрузов А.Ю Развитие кадрового потенциала и эффективность его функционирования / А.Ю Файрузов, А.А. Смирнов, Л.Е. Лихачев // Фундаментальные исследования. - 2020. -№4. -С.92-98.


## ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОНАНДА БА РУШДИ ИҚТИДОРИ КАДРИИ МАҚОМОТИ МАҲАЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ


Дар шароити муосир бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ба таври васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ тақозои замон буда, яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Ба андешаи муаллиф рақобатпазирии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарояндаи наздик ва дур мустақиман аз сатҳи рушди иқтисоди рақамӣ вобаста мебошад. Таъкид шудааст, ки раванди рақамикунонӣ тамоми самтҳои фаъолият, аз ҷумула, идоракунии мақомоти маҳаллиро низ фаро мегирад. Шароити муосири идоракунии мақомоти маҳаллӣ ҷорӣ намудани технологияҳои рақамиро тақозо мекунад, зеро истифодаи чунин технологияҳо сифати идоракуниро баланд ва натиҷаҳои онро самараноктар мегардонад. Рақамикунонии раванди идоракунии кадрҳо - ин ҷараёни ташкили муҳити мувофиқи рақамӣ барои кормандон, бо мақсади баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва таваҷҷуҳи онҳо ба кор мебошад. Муаллиф равишҳои гуногуни илмиро оид ба моҳияти мафҳуми “иқтидори кадрӣ” таҳқиқ кардааст. Аз ҷониби муаллиф модели омилҳои

ташаккули иқтидори кадрӣ дар мақомоти маҳаллӣ таҳия карда шуда, моҳияти ҳар яке аз ин панҷ гурӯҳи омилҳо кушода ва шарҳ дода шудааст. Модели омилҳои ташаккули иқтидори кадрӣ дар мақомоти маҳаллӣ чунин гурӯҳҳои омилҳоро дар бар мегирад: иҷтимоӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, демографӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ. Қайд гардидааст, ки технологияҳои кадрии муосир - инҳо воситаи идоракунии хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории кормандон мебошанд. Муаллиф омилҳои дар шароити рақамикунонӣ ба рушди иқтидори кадрии мақомоти маҳаллӣ таъсиррасонандаро муайян карда ва шарҳ додааст. Аз ҷониби муаллиф бартариҳои назаррас, ки аз истифодаи технологияҳои кадрии рақамӣ дар мақомоти маҳаллӣ фароҳам оварда мешаванд, муайян карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** мақомоти маҳаллӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, омилҳо, иқтидори кадрӣ, автоматикунонӣ, технологияҳои рақамӣ, кормандон.

## ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА РАЗВИТИЕ КАДРОВОГО ПОТЕНЦИАЛА МЕСТНЫХ ОРГАНОВ ВЛАСТИ В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДА К ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

В современных условиях для обеспечения стабильного развития национальной экономики широкое внедрение цифровых технологий является насущной необходимостью и считается одним из важнейших вопросов. По мнению автора, конкурентоспособность Республики Таджикистан в ближайшем будущем напрямую зависит от уровня развития цифровой экономики. Подчеркнуто, что процесс цифровизации охватывает все сферы деятельности, в том числе управление органами местной власти. Современные условия управления местным органом требуют внедрения цифровых технологий, поскольку использование таких технологий повышает качество управления и делает его результаты более эффективными. Цифровизация процесса управления персоналом - это процесс создания подходящей цифровой среды для сотрудников с целью повышения их мотивации и интереса к работе. Автор исследовал различные научные подходы к сущности понятия «кадровый потенциал». Автором разработана модель факторов формирования кадрового потенциала органов местной власти, раскрыта и объяснена сущность каждой из этих пяти групп факторов. Модель факторов формирования кадрового потенциала местных органов власти включает следующие группы факторов: социальные, социально-психологические, демографические, экономические, политико-правовые. Отмечается, что современные кадровые технологии являются инструментами управления качественными и количественными характеристиками сотрудников. Автор выявил и раскрыл сущность факторов, влияющих на развитие кадровых потенциалов местных органов власти в условиях цифровизации. Автор выявил существенные преимущества использования цифровых кадровых технологий в органах местной власти.

**Ключевые слова:** местные органы, цифровизация экономики, факторы, кадровый потенциал, автоматизация, цифровые технологии, сотрудники.

## FACTORS AFFECTING DEVELOPMENT HR POTENTIAL OF LOCAL AUTHORITIES IN THE CONDITIONS OF THE TRANSITION TO THE DIGITAL ECONOMY

In modern conditions, to ensure the stable development of the national economy, the widespread introduction of digital technologies is an urgent need and is considered one of the most important issues. According to the author, the competitiveness of the Republic of Tajikistan in the near and future directly depends on the level of development of the digital economy. It is emphasized that the digitalization process covers all areas of activity, including the management of local authorities. Modern conditions for local government management require the introduction of digital technologies, since the use of such technologies improves the quality of management and makes its results more efficient. Digitalization of the digital process is the process of creating a suitable digital environment for employees in order to increase their motivation and interest in work. The author explored various scientific approaches to the essence of the concept of "personnel potential". The author has developed a model of factors in the formation of personnel potential of local authorities, revealed and explained the essence of each of these five groups of factors. The model of factors for the formation of human resources potential of local authorities includes the following groups of factors: social, socio-psychological, demographic, economic, political and legal. It is noted that modern personnel technologies are tools for managing the qualitative and quantitative characteristics of employees. The author identified and revealed the essence of factors influencing the development of human resources of local authorities in the context of digitalization. The author has identified significant advantages of using digital digital technologies in local authorities.

**Keywords**: local authorities, digitalization of the economy, factors, human resources, automation, digital technologies, employees.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарипов Сомон Маҳмудович*** **-** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктoранти Ph.D. **Суроға**: 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: **(+992) 55-555-64-63.** E-mail: **somon.sharipov.m@inbox.ru**

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Сомон Махмудович*** - Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, докторант Ph.D. **Адрес**: 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Саида Носира, 33. Телефон: **(+992) 55-555-64-63.** E-mail: **somon.sharipov.m@inbox.ru**

**Information about the author:** ***Sharipov Somon Makhmudovich*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Ph.D. student. **Address**: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Said Nosir street, 33. Phone: **(+992) 55-555-64-63**. E-mail: **somon.sharipov.m@inbox.ru**

ТДУ: 338.4

# ФАЪОЛГАРДОНИИ ВАРИАНТИ АЛТЕРНАТИВИИ ИНФРАСОХТОРИ ЭНЕРГЕТИКАИ ОБӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Каримов Р.И.*

**Муассисаи давлатии «ТоҷикНИИГиМ» (Пажуҳишгоҳи илмии тадқиқотии гидротехника ва мелиоратсия)-и Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар заминаи таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, таъмини истеҳсолоти иқтисодиёти сабз ва таъмини равандҳои муосири истеҳсолоти бепартов масъалаҳои рушди энергетикаи обӣ нақши калидӣ дорад, ки асоси рушди онро маҳз объектҳои инфрасохторӣ ҳамчун ҷузъи хизматрасон ташкил медиҳад. Аз ин сабаб, вобаста ба мунтазам такмилёбии механизмҳои иқтисодӣ, пайдо намудани равишҳои муассири рушди инфрасохтори бозори хизматҳои энергетикӣ ҷиҳати фаъолияти муътадили объектҳои истеҳсолӣ, таъмини шароит ва фазои мусоиди кории соҳаҳои хоҷагии халқ ва фузунсозии иқтидорҳои истеҳсолии он ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои олии рушди Тоҷикистон, фаъолгардонии вариантҳои алтернативии энергетикаи обӣ мубрам гардида истодааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фаъолгардонии иқтидорҳои истеҳсолии низоми энергияи барқӣ, ҳамчун комплекси сохторбунёдкунандаи иқтисоди миллӣ ва такондиҳандаи суръати рушди иқтисодӣ диққати махсус зоҳир намуда, тавассути чораҳои гуногунпаҳлу ва равишҳои бисёрсамт давра ба давра таъмини объектҳои инфрасохтори хизматрасониҳои энергияи барқиро барои аҳолӣ ва хоҷагии халқи мамлакат беҳтар гардонида истодааст. Бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаи нисбатан кутоҳи рушди инфрасохтори хизматҳои энергетикаи обии Тоҷикистон, мутаваҷҷеҳ шудан мумкин аст, ки дар рушди дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ равишҳои барномавӣ бештар мавриди истифода қарор дода шуда, натиҷаҳои мусбӣ ба даст оварда шуда истодааст. Вобаста ба падидаҳои ғайричашмдошт ва чолишҳои иқтисодӣ-молиявии хоҷагии ҷаҳонӣ, мунтазам тағйирёбии сохтори муносибатҳои иқтисодӣ, иваз гардидани вазъи бозори энергетикӣ, инчунин сол то сол фарсуда шудани объектҳои инфрасохтори соҳа зарурати ҷустуҷӯ ва пайдо намудани вариантҳои муассири рушди инфрасохтори бозори хизматҳои энергетикаи обӣ афзун мегардад. Дар асоси вазъи имрӯзаи ташкилу таҷдид ва таъмиру азнавсозиҳои объектҳои инфрасохтори бозори энергияи барқии мамлакат, таҳқиқи паҳлуҳои илмии равиши барномавии рушди инфрасохтори бозори хизматҳои энергияи барқӣ дар Тоҷикистон мубрамияти хосса пайдо менамояд.

Рушди инфрасохтории бозори хизматҳои энергияи барқӣ дар тамоми моделҳои иқтисодӣ ҳамчун заминагузори асосии фаъолияти бефосилаи раванди истеҳсолии соҳа, таъминкунандаи рақобатпазирии низоми энергетикӣ ва асосгузори рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дониста шудааст. Мусаллам аст, ки таъмини истиқлолияти энергетикии мамлакат, баландшавии сатҳи зиндагонии аҳолӣ, афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳаҳои иқтисодиёт, сатҳи мутавозини содироту воридот, бахусус сатҳи пасти вобастагии бозори дохила аз молу маҳсулоти бозори беруна маҳз аз таҷдиди саривақтии объектҳои инфрасохтори бозори хизматҳои энергияи барқӣ вобастагӣ дорад.

Тақвияти робитаҳои иқтисодӣ байни субъектҳои бозори хизмат дар раванди ҷаҳонишавӣ моделҳои нави рушдро касб мекунад. Дар ин асос нисбат ба шаклҳои нави хизматрасонӣ ва ҳам ба истеъмолкунандагони хизмат бо назардошти шароити номусоиди бозори хизматрасонӣ талаботи нав ба миён меояд [3,с.163].

Бо мақсади татбиқи ҳадафҳои олии рушди мамлакат, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2030, таҳия гардида буд, ҳамасола саркарда аз ташаббусҳои сатҳи байналмилалӣ, барномаҳои соҳавӣ ҷиҳати беҳтаргардонии вазъи фаъолияти объектҳои инфрасохтори энергетикаи обӣ, ҳамзамон, баланд бардоштани сатҳи самаранокии иқтисодии онҳо дар истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасониҳои соҳа чораҳои алоҳида андешида шуда истодааст. Бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ соли 2023 чунин таъкид намуда буданд: «Ҳукумати мамлакат бо дар назардошти фаровонии захираҳои гидроэнергетикӣ, иқтидори бузурги истеҳсоли

«энергияи сабз» ва содироти он, дар ҷодаи ноил гардидан ба ҳадафи стратегии худ - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст» [7].

Қобили қайд аст, ки дар баробари ҳадафҳои стратегии гузошташуда дар ҷумҳурӣ солҳои 2022-2026 соли рушди саноат элон гардида, ҷиҳати вусъатбахшӣ ва баландбардории тавоноии истеҳсолии объектҳои инфрасохтори хизматрасонии соҳаи энергетикаи барқӣ, бо мақсади таҷдиди техникии неругоҳҳои барқии обии мамлакат зиёда аз 11,3 млрд. сомонӣ ҷудо карда шуд буд. Ҳамаи он объектҳои инфрасохтори энергетикии барқии мамлакат имрӯзҳо амал намуда истодаанд, аз нуқтаи назари қобилияти истеҳсолӣ муҳлаташон ба итмом расида, самаранокии иқтидори инфрасохторияшон коҳиш ёфтааст. Барои бартараф намудани мушкилоти мавҷуда ҳамасола сармоягузорӣ ва маблағгузориҳои иловагӣ барои таҷдиди объектҳои инфрасохтории соҳа равона карда шуда истодааст. Аз ҷумла, танҳо дар соли 2023 ҳангоми пурра таҷдид гардидани неругоҳи барқи обии (НБО) фаъолияткунандаи «Сарбанд» иқтидори истеҳсолии он дар ҳаҷми 30 МВт. зиёд карда шуда, ҳамзамон, раванди таҷдиди НБО «Норак» ва «Қайроққум» афзоиши иқтидори истеҳсолии онҳо дар ҳаҷми 423 МВт. зиёд мегардад.

Дар Тоҷикистон ҷиҳати таҷдиду азнавсозии объектҳои инфрасохтори бозори хизматҳои энергетикӣ, аз ҷумла насби дастгоҳу таҷҳизотҳои технологии муосир мансуб ба меъёрҳои рақамикунонии соҳаи энергетика, беҳтаргардонии фаъолияти истеҳсолии неругоҳҳои барқӣ, азхудкунӣ ва истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, содагардонии дастрасии аҳолӣ ба хизматҳои энергияи барқӣ, афзоиши динамика ва таъмини самаранокии иқтисодӣ ва энергетикии кори неругоҳҳои хурди барқӣ, фароҳам овардани шароит барои хизматрасонии бетаъхири неругоҳҳои барқӣ ва таъмини хизматрасониҳои босифати соҳа, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015 таҳти №795 оид ба «Барномаи азхудкунии манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва сохтмони неругоҳҳои барқи обии хурд барои солҳои 2016-2020» қабул гардида буд.

**Ҷадвали 1. Иқтидори истгоҳҳои барқӣ ва истеҳсоли неруи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 1. Capacity of power stations and electricity production in the Republic of Tajikistan**

| Нишондиҳандаҳо | солҳо | | | | | 2022/2018 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Истгоҳҳои барқӣ, ҳамагӣ/иқтидор ҳаз.кВт | 6197 | 6475 | 6356 | 6476 | 6506 | 1,0 |
| иқтидори истгоҳҳои барқии обӣ ҳаз.кВт. | 5479 | 5757 | 5758 | 5758 | 5788 | 1,1 |
| Истеҳсоли неруи барқ, млн. кВт/соат | 19742 | 20676 | 19771 | 20625 | 21400 | 1,1 |
| Воридоти неруи барқ млн. кВт.с. | 559 | 281 | 379 | 883 | 797 | 1,4 |
| Содироти неруи барқ кВт.с. | 2945 | 3175 | 1870 | 3307 | 3343 | 1,1 |

Сарчашма: Таҳлили муаллиф. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. –С. 260.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои асосии рушди энергетикаи обии барқи дар панҷ соли охир тамоюлҳои мусбӣ дорад. Аз ҷумла иқтидори истгоҳҳои барқӣ, ки ҳамчун объектҳои муҳимми инфрасохтори хизматрсонии соҳаи энергетикаи обӣ маҳсуб меёбад, дар соли 2023 нисбат ба соли 2018 ба маротиб зиёд гардидааст. Чунин тамоюлҳои афзоишро дар афзоиши иқтидорҳои истгоҳҳои барқии обӣ, истеҳсоли неруи барқ ва ҳаҷми содироти неруи барқи мамлакат мушоҳида намудан мумкин аст. Дар ин давра танҳо воридоти неруи барқ ба ҷумҳурӣ баробари 1,4 маротиба зиёд гардидааст, ки ин нишондиҳандаро афзоиши табиии аҳолӣ ҳамзамон, зиёд гардидани талабот ба неруи барқ шаҳодат медиҳад. Нишондиҳандаҳои ҳаҷми содироти неруи барқ, ки дар соли 2023 ҳамагӣ ба 3343 млн.кВтс. баробар гардидааст, дар муқоиса бо ҳаҷми воридот нисбатан бештар аст. Масалан, дар соли 2023 ба ҷумҳурӣ дар ҳаҷми 797 кВт.с. неруи барқ ворид карда шудааст, ки нисбат ба ҳаҷми содирот 2546 млн. кВт.с. кам мебошад. Албатта, ин нишондиҳандаҳо собит менамоянд, ки асоси чунин пешрваиҳои соҳаро маҳз афзоиши ҳаҷми хизматрасонии объектҳои инфрасохтории НБО ташкил медиҳад.

Дар соли 2023 истеҳсоли неруи барқ дар ҷумҳурӣ (бо дарназардошти НБО-ҳои хурд) 21 млрд. 461,3 млн. кВт. соатро ташкил дод, ки ин нисбат ба дурнамои соли 2023 дар ҳаҷми 178,8 млн. кВт соат ё 0,8% ва нисбат ба соли гузашта 462,3 млн. кВт. соат ё 2,2% зиёд мебошад. Дар давраи ҳисоботӣ истеҳсоли неруи барқ дар ҷумҳурӣ аз ҷониби барқистеҳсолкунандагони мустақили кишвар чунин ба қайд гирифта шуд:

- дар ҶСК «Барқи Тоҷик» 16 млрд. 474,5 млн. кВт. соат, ки нисбат ба соли гузашта 187 млн. кВт. соат зиёд буда, суръати афзоиш 102,8%-ро ташкил дод;
- дар ҶСК «НБО Сангтӯда-1» 2 млрд. 616,9 млн. кВт. соат, ки нисбат ба соли гузашта 177 млн. кВт. соат зиёд буда, суръати афзоиш 107,2%-ро ташкил дод;
- дар НБО «Сангтӯда-2» 906,1 млн. кВт. соат, ки нисбат ба соли гузашта 100,2 млн. кВт. соат зиёд буда, суръати афзоиш 112,4%-ро ташкил дод;
- дар ҶСК НБО «Роғун» 1 млрд. 644,5 млн. кВт. соат, ки ин нисбат ба соли гузашта 9,8 млн. кВт. соат кам буда, суръати афзоиш 99,4%-ро ташкил дод;
- дар ҶСК «Помир-Энерҷӣ» 205,8 млн. кВт. соат, ки ин нисбат ба соли гузашта 9,8 млн. кВт. соат зиёд буда, суръати афзоиш 105%-ро ташкил дод.

Аммо бо назардошти нишондиҳандаҳои мусбии соҳа, татбиқшавии барнома ва лоиҳаҳои гуногунсатҳ ва гуногунтаъинот, вазъи бозорҳои ҷаҳонии хизматҳои энергияи барқӣ, афзоиши мунтазами талабот ба ҳаҷми энергияи барқии Тоҷикистон дар заминаи тақвиятбахшии «Энергияи сабз» ва барқарорсозии иқтидорҳои нави истеҳсолу хизматрасониҳои энергияи барқӣ, равиши барномавии рушди инфрасохтори бозори хизматҳои энергетикаи барқӣ зарур аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои олии рушди мамлакат, бахусус таъмин гардидани истиқлолияти энергетикӣ, афзоиши ҳаҷми иқтидори истеҳсолии НБО, бахусус дар заминаи рушди иқтисодиёти сабз таъсис додани объектҳои инфрасохтори хизматрасонии энергетикӣ, мубраммияти фаъолгардонии варианти алтернативии инфрасохтори энергетикаи обии мамлакатро асоснок менамояд.

Имрӯзҳо новобаста ба рушди низоми энергетикӣ ҷойгиршавии ҷуғрофиву иқлимии кишвар ҳанӯз минтақаҳои кӯҳии дастнорас ҳастанд, ки ба шабакаҳои барқии марказонидашуда пайваст нестанд. Аз ин рӯ, барои таъмин намудани чунин минтақаҳо бо энергияи барқии алтернативӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои энергияи барқароршаванда бо арзиши аслии камтарин, насб кардани неругоҳҳо дар асоси манбаъҳои хурди барқароршавандаи энергия, аз қабили энергияи офтоб мувофиқи мақсад мебошад.

«…бо мақсади расидан ба ҳадафҳои Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» ҷиҳати бунёди неругоҳҳои барқӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва то соли 2030 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расонидани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли «энергияи сабз», яъне бо истифодаи захираҳои офтобиву бодӣ тадбирҳои амалӣ андешида шавад» [7].

Вобаста ба вазъи ҷуғрофию иқлимӣ, натиҷаҳои аз таҳлили вазъи бозори истеҳсол ва пешниҳоди хизматҳои энергетикаи обии мамлакат дар объектҳои инфрасохторӣ, пешниҳоди равиши лоиҳавии фаъолгардонии варианти алтернативии инфрасохтори энергетикаи обӣ ҷиҳати таъмини рушди инфрасохтори бозори хизматҳои энергетикии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад. Пешниҳоди лоиҳаи мазкур тавассути барномаи компютерии муқоисаи техникӣ-иқтисодии вариантҳои таъмини истеъмолкунандагони дар шабакаи барқии ғайримарказонидашуда бо ёрии манбаъҳои барқароршавандаи энергияи барқӣ таҳқиқ ва озмоиш карда мешавад.

Ба сифати маълумоти ибтидоӣ се варианти фаъолгардонии объекти инфрасохтории истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасонии энергетикиро таҳлил менамоем. Варианти якум, таъмин аз хатти интиқоли барқи (ХИБ) шабакавӣ, ки масофаи он то деҳоти истеъмолкунандагон 13 километрро ташкил медиҳад. Варианти дуюм, неругоҳи барқии дизелӣ (НБД) ва варианти сеюм, неругоҳи барқии офтобӣ (НБО) бо иқтидори истеҳсолии 5 кВт.с. неруи барқ баробар аст, интихоб карда мешавад.

Қобили қайд аст, ки ҳисоби нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва техникии равиши лоиҳавӣ, шиддати интиқоли барқ, арзиши хизматрасониҳои инженерии ҷараёни ҳисобии хатти интиқоли барқ, талафоти техникӣ, сармоягузорӣ, арзиши аслии як кВт. неруи барқ

ва фурӯши неруи барқи истеҳсол мешуда ҳисоб карда шуд, ки чунин натиҷаҳоро нишон медиҳанд:

1) Арзиши аслии энергияи барқ дар варианти ХИБ:

$$C_Б = \frac{\sum И}{B_{фоида} \cdot \frac{1}{C_{э/э}}} = \frac{36411,388}{4631,0616 \cdot \frac{1}{0,27}} = 2,123 \frac{сомони}{кВт \cdot соат} \quad (1)$$

2) Арзиши аслии энергияи барқ дар варианти НБД;

$$C_Б = \frac{\sum И}{B_{ПР} \cdot \frac{1}{C_Э}} = \frac{118997,1}{4631,0616 \cdot \frac{1}{0,27}} = 6,93 \frac{сомони}{кВт \cdot соат} \quad (2)$$

3) Арзиши аслии энергияи барқ дар варианти НБО;

$$C_Б = \frac{\sum И}{B_{ПР} \cdot \frac{1}{C_{э/э}}} = \frac{2735}{46631,0616 \cdot \frac{1}{0,27}} = 0,159 \frac{сомони}{кВт \cdot соат} \quad (3)$$

Натиҷаҳои ҳисобҳои техникӣ-иқтисодӣ нишон доданд, ки варианти беҳтарини таъмини истеъмолкунандагон бо неруи барқи арзон ва мусоиду муфид дар шабакаҳои ғайримарказонидашудаи электрикӣ дар шабакаи таҳқиқшаванда, ин насби неругоҳҳои барқии офтобӣ мебошад. Тавре маълум мегардад, бо назардошти ҳисоби ҳамаи паҳлуҳои истеҳсол ва хизматрасониҳои объекти инфрасохтори энергетикӣ арзиши аслии истеҳсоли як кВт.с. энергия дар неругоҳҳои барқии офтобӣ ҳамагӣ 0,15 дирам, дар неругоҳи барқии дизелӣ 6,93 дирам ва тавассути варианти пайваст намудан ба хатҳои интиқоли барқии шабакавӣ 2,12 дирамро ташкил дод. Албатта, интихоби варианти дуюм - ХИБ маҳз дар он асос меёбад, ки имрӯзҳо зиёда аз 73% аҳолии кишвар дар маҳалҳои деҳот истиқомат менамоянд, ҳамзамон, қисми зиёди ин шумора дар минтақаҳои кӯҳии мамлакат зиндагӣ менамоянд, ки аз нуқтаи назари иқтисодӣ-муҳандисӣ пайваст намудан бо хатҳои интиқоли барқ аз ҳисоби шабакаҳои барқии умумӣ нисбатан сармояталаб мебошад. Инчунин варианти неругоҳи барқии дизелӣ, ки асосан тавассути генераторҳои дизелӣ фаъолият менамоянд, барои интихоби варианти алтернативӣ нисбатан хароҷотталаб мебошад, инчунин истеҳол ва арзиши аслии ҳар як воҳиди неруи барқ нисбат ба дигар вариантҳо ноқулай мебошад.

Мусаллам аст, ки баланд гардидани арзиши аслии ҳар як кВт.с. неруи барқ ҳамчун нишондиҳандаи иқтисодӣ, фоидаи умумии чунин объектҳоро низ тавсиф карда метавонад.

**Расми 1. Фоида аз фурӯши энергияи барқи дар вариантҳои пешниҳодшаванда**
**Figure 1. Profit from the sale of electricity in the proposed options**



Ҳамин тариқ, натиҷаи таҳлил нишон медиҳад, ки фаъолгардонии варианти алтернативии инфрасохтори энергетикаи обӣ тавассути ташкили неругоҳи хурди барқии офтобӣ ҳамчун варианти алтернативии ташкили объектҳои инфрасохтори бозори хизматҳои энергетикӣ маҳсуб меёбад. Насб кардани панелҳои офтобӣ дар хонаи худ ба шумо имкон медиҳад, ки неруи барқи худро тавлид кунед, вобастагии худро аз шабака коҳиш диҳед ва хароҷоти моҳонаи барқро кам кунед [1,с.163].

Чунин равиши лоиҳавии фаъолгардонии варианти алтернативии инфрасохтори энергетикаи обӣ ҷиҳати таъмини аҳолии деҳоти мамлакат бо неруи барқи сабз, арзону муфид ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои мамлакат ё барномаҳои соҳавӣ мавриди истифода қарор дода шавад. Инчунин натиҷаҳои иқтисодӣ-техникии равиши мазкур собит менамояд, ки ҳангоми ба таври лоиҳавӣ ба роҳ мондани чунин вариант на танҳо талаботи аҳолии минтақаҳои кӯҳии мамлакат бо неруи барқи арзон қонеъ гардонида мешавад, балки ба таври васеъ ба роҳ мондани он метавонад иқтидорҳои энергетикии мамлакатро афзоиш диҳад. Гузашта аз ин, чунин варианти пешниҳодшуда дар бозори хизматҳои энергетикаи барқии мамлакат метавонад бо истеҳсоли неруи хурди барқи обӣ рақобат намуда, ҳамзамон, варианти алтернативии истеҳсоли энергия барқии мамлакат гардад, дар ҳоле, ки ҳамасола паёмадҳои тағйирёбии иқлим ба моделҳои рушди иқтисодии мамлакатҳо хатар ва таҳдидҳои навро пеш оварда истодааст.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Аҳмадов Р.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Вайисов А.У. Альтернативные источники энергии Таджикистана и их история / А.У Вайисов. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2023. -№1. -С.163.
2. Джураева Дж.Х. SWOT – анализ как инструмент оценки конкурентоспособности рынка энергетических услуг Республики Таджикистан / Дж.Х. Джураева // Вестник Таджикского национального университета, Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№7. -С.113-119.
3. Комилов С.Д. Цифровизация социальных услуг в условиях неблагоприятной конъюнктуры рынка / С.Д. Комилов, Р.Р. Ахмадов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2022. -№10. -С.163.
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037» аз 30 сентябри соли 2022 №482. [Манбаи электронӣ]. URL: https://medt.tj/tj/strategiya-va-barnomaho/47-normativno-pravovye-akty
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2019, №7, мод., 526; ҚҶТ аз 28.12.13с., №1054.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаи энергия ва самаранокии энергия», ш. Душанбе 29 августи соли 2013 сол, №560.
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». (28.12.2023) Душанбе. 2023. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/32191 (санаи мурочиат 25.03.2024).
8. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. -С.260.
9. Ҳофизов Ҳ.А. Таъмини сармоягузорӣ барои амалисозии лоиҳаҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.А. Ҳофизов, Б.А. Набиев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. -Душанбе, 2023. -№1(81). -С.247-262.
10. Хофизов Х.А. Эффективность использования природно-ресурсного потенциала региона: инвестиционные аспекты. Монография / Х.А. Хофизов, Д.А. Ходиев. -Душанбе, 2020. -200 с.


**ФАЪОЛГАРДОНИИ ВАРИАНТИ АЛТЕРНАТИВИИ ИНФРАСОХТОРИ ЭНЕРГЕТИКАИ ОБӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР**


Вобаста ба рушди бозори хизматҳои энергетикӣ ва таҷдиди техникию технологии объектҳои инфрасохтори энергетикаи обӣ, дар асоси ҳаҷми истеҳсол ва истеъмоли неруи барқ фарзияҳои илмии он баррасӣ гардидааст. Зарурати таҳияи вариантҳои алтернативии объектҳои инфрасохтори энергетикӣ дар вусъатбахшии ҳаҷми истеҳол ва пешниҳоди хизматрасониҳои бетаъхир нишон дода шудааст. Хусусиятҳои хосси инфрасохтори бозори хизматҳои энергетикии мамлакат дар ҳошияи ҳадафҳои олии рушд муайян карда шуда, инчунин мутобиқшавии онҳо бо шароити муосири рушди иқтисодӣ асоснок карда шудааст. Вазъи имрӯзаи фаъолияти объектҳои инфрасохтори энергетикаи барқии мамлакат, иқтидори истеҳсолӣ, ҳаҷми истеҳсол ва воридоту содироти неруи барқ таҳлил карда шуда, тамоюлҳои рушди онҳо ошкор карда шудааст. Вобаста ба имконият ва шароитҳои ҷуғрофиву иқлимӣ ҳисоби иқтисодии як қатор вариантҳои алтернативии рушди инфрасохтори энергетикаи барқии Тоҷикистон таҳлил гардида, натиҷаҳои мусбии

варианти мусоиди алтернативӣ-ташкили объектҳои инрфасохтори энергетикии офтобӣ асоснок карда шудааст. Бо мақсади мусоидат намудан ба татбиқшавии ҳадафҳои олии рушди мамлакат, таъмини аҳолии минтақаҳои деҳот бо неруи барқи арзону сабз равиши лоиҳавии ташкили объектҳои неругоҳи хурди барқии офтобӣ пешниҳод карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** хизмат, инфрасохтор, алтернатив, бозор, энергетика, объект, истеҳсолот, барқ, истеъмолот.

**АКТИВАЦИЯ АЛЬТЕРНАТИВНОГО ВАРИАНТА ГИДРОЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ**

На основе развития рынка энергетических услуг и технико-технологической реконструкции инфраструктуры гидроэнергетики обсуждены ее научные гипотезы в основном объеме производства и потребления электроэнергии. Необходимость разработки альтернативных вариантов объектов энергетической инфраструктуры проявляется в расширении объемов производства и оказании непосредственных услуг. Определены особенности инфраструктуры рынка энергетических услуг страны в рамках высших целей развития страны и обоснована их адаптация к современным условиям экономического развития. Анализированы современное состояние функционирования объектов электроэнергетической инфраструктуры страны, производственные мощности, объёмы производства и импорта-экспорта электроэнергии, выявлены тенденции их развития. В зависимости от возможностей и географических и климатических условий, проведен экономический расчет ряда альтернативных вариантов развития электроэнергетической инфраструктуры Таджикистана, а также выявлены положительные результаты благоприятного альтернативного варианта - организации объектов солнечной энергетики. В целях содействия реализации высших целей развития страны, обеспечения населения сельской местности дешевой зеленой электроэнергией предложен проектный подход к организации малых солнечных электростанций.

**Ключевые слова:** услуга, инфраструктура, альтернатива, рынок, энергетика, объект, производство, электроэнергия, потребление.

**ACTIVATION OF AN ALTERNATIVE OPTION OF HYDROPOWER INFRASTRUCTURE IN MODERN CONDITIONS**

Based on the development of the energy services market and the technical and technological reconstruction of the hydropower infrastructure, its scientific hypotheses in the main volume of electricity production and consumption are discussed. The need to develop alternative options for energy infrastructure facilities is manifested in the expansion of production volumes and the provision of direct services. The features of the infrastructure of the country's energy services market are determined within the framework of the country's highest development goals and their adaptation to modern conditions of economic development is justified. The current state of functioning of the country's electrical power infrastructure facilities, production capacities, volumes of production and import-export of electricity are analyzed, and trends in their development are identified. Depending on the capabilities and geographical and climatic conditions, an economic calculation of a number of alternative options for the development of the electric power infrastructure of Tajikistan was carried out, and the positive results of a favorable alternative option - the organization of solar energy facilities - were identified. - they were justified. In order to facilitate the implementation of the highest development goals of the country, providing the population of rural areas with cheap and green electricity, a project approach to the organization of small solar power plants has been proposed.

**Keywords:** service, infrastructure, alternative, market, energy, facility, production, electricity, consumption.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Каримов Рустам Илҳомович*** **-** Муассисаи давлатии «ТоҷикНИИГиМ» (Пажуҳишгоҳи илмии тадқиқотии гидротехника ва мелиоратсия)-и Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ходими калони илмии шуъбаи иқтисодиёти хоҷагии об. **Суроға**: 734064, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Шамсӣ, 5/1. Телефон: **949888881**. E-mail: **k-rustam2014@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Каримов Рустам Илхомович*** - Государственного учреждения «ТаджикНИИГиМ» (“Таджикский научно-исследовательский институт гидротехники и мелиорации”) Министерства энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан, старший научный сотрудник отдела экономики водного хозяйства. **Адрес**: 734064, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Шамси, 5/1. Телефон: **949888881**. E-mail: **k-rustam2014@mail.ru**

**Information about the author:** ***Karimov Rustam Ilhomovich*** - State institution “TajikNIIGiM” (“Tajik Scientific Research Institute of Hydraulic Engineering and Land Reclamation”) of the Ministry of Energy and Water Resources of the Republic of Tajikistan, senior researcher in the department of economics of water management. **Address**: 734064, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Shamsi Street 5/1, Phone: **949888881**. E-mail: **k-rustam2014@mail.ru**

ТДУ: 330(575.3)

# ВОБАТАГИИ СИЁСАТИ МОЛИЯВӢ ВА МУАММОҲОИ ИМРӮЗАИ ПЕШБУРДИ ОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

*Назаров А.З., Давлатёрова Б.Ч.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Масъалаҳои асосии вобастагии сиёсати молиявӣ бо сиёсати пулию қарзӣ дар шароити имрӯз аз як қатор нишондиҳандаҳои таркибӣ иборат буда, онҳо якдигарро пурра мегардонанд. Албатта, дар стратегияи сиёсати пулию қарзӣ барои солҳои 2020-2025 ин масъала ба таври мушаххас мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст, ки татбиқи ин сиёсат бо фароҳам овардани сатҳи дурусти монетизатсия, нигоҳ доштани суботи нархҳо ва сатҳи муътадили таваррум нигаронида шудааст. Таъмини суботи нархҳо ва нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум ба сифати яке аз нишондиҳандаҳои фундаменталии макроиқтисодӣ барои коҳиш додани номуайянӣ ва интизориҳои манфии аҳолӣ, зиёд гаштани эътимод ба пули миллӣ, тақсимоти босамари захираҳо, афзоиши ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ, ки дар маҷмуъ, дар рушди воқеии иқтисодиёт ва сатҳи некуаҳволии мардум инъикос мегардад, заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар доираи татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, таваррум ва суботи нархҳо ҳамчун қисми таркибӣ ва асосии ин сиёсат маҳсуб меёбанд. Дар доираи ин масъала устувории қурби пули миллӣ яке аз қисматҳои асосӣ ва таркибии сиёсати пулию қарзӣ низ маҳсуб меёбад. Ва дар доираи ин масъала низ дуруст қайд гардидааст, ки "Устувории пули миллӣ яке аз ҳадафҳои асосии стратегияи ҳар як давлат ба ҳисоб рафта, тавассути фишангҳои гуногуни иқтисодӣ ҷараёни мутавозини он таъмин карда мешавад. Устувории пули миллӣ ба хурдтарин элементҳои иқтисодию ғайрииқтисодӣ алоқамандии зич дорад ва дар сурати тағйир ёфтани яке аз ин элементҳо ба пасту баландшавии қурби пули миллӣ таъсир мерасонад [12,с.68]."

Таварруми муътадил яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ дар давраи дарозмуддат ба ҳисоб рафта, боиси зиёд гардидани эътимоди аҳолӣ, соҳибкорон ва сармоягузорони дохиливу хориҷӣ ба пули миллӣ ва қобилияти харидории он, вазъи молиявию иқтисодии кишвар ва бонақшагириҳои дарозмуддат, нисбатан камшавии хавфҳо ва номуайяниҳо, пастшавии меъёри фоизҳо, инчунин рушди иқтисодиёт ва некуаҳволии мардум мегардад.

Маҳз аз ҳамин лиҳоз Бонки миллии Тоҷикистон, ки дорои ҳуқуқи истисноии эмиссияи пули нақд ва масъули таҳия ва амалисозии сиёсати пулию қарзӣ мебошад, мисли дигар бонкҳои марказӣ (миллӣ) нигоҳдории суботи нархҳоро дар давраи дарозмуҳлат мақсади асосии худ қарор додааст.

Дар шароити зуд тағйирёбандаи иқтисодиёти ҷаҳон баҳри эмин нигоҳ доштани иқтисодиёти дохилӣ ва кам намудани осебпазирӣ аз таъсири манфии омилҳои берунӣ, барои андешидани тадбирҳо дар самти пурзӯр ва тақвият додани механизми татбиқи сиёсати пулию қарзӣ бо мақсади нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум зарурат ба миён омадааст.

Аксари давлатҳои рӯ ба рушд бо мақсади ҳалли чунин мушкилиҳо бо истифода аз таҷрибаи муосири кишварҳои пешрафта ривоҷ додани механизми таъсирпазири сиёсати пулию қарзиро ба роҳ монда, татбиқи реҷаи нави сиёсати пулию қарзӣ – ҳадафгирии таваррумро пеш гирифтаанд. Бонки миллии Тоҷикистон низ дар навбати худ баҳри такмил ва пешбурди сиёсати воқеан самараноки пулию қарзӣ марҳила ба марҳила гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррумро дар доираи Стратегияи мазкур ба нақша гирифтааст. Нигоҳдории мувозинати сатҳи таваррум, ки он хусусияти умумииқтисодӣ дорад, вазифаи назоратчиёни сатҳи таваррум мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи таваррум гарчанде яке аз қисматҳои асосии сиёсати пулию қарзии мамлакат маҳсуб ёбад ҳам, назорати он ба зиммаи низоми бонкӣ дар симои Бонки миллии Тоҷикистон ва нигоҳ доштани мувозинати он ба бахши воқеии иқтисодиёт ва сохторҳои алоҳидаи он марбут мебошад.

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои иқтисодиёти бозорӣ ва зарур шуморидани тамоми сохторҳои алоҳидаи иқтисодию ғайрииқтисодӣ дар ташаккул ва татбиқи

муносибатҳои пулӣ муҳим ва зарурӣ мебошанд. Чуноне, ки маълум аст, пешбурди сиёсати пулию қарзӣ ва назорати доимии он хусусияти марказонидашуда дошта, он аз тарафи бонкҳои марказии давлатҳои алоҳида пеш бурда мешавад, дар баробари ин, он инчунин дар бахшҳои бонкӣ ва иқтисодӣ, ки онҳо дар сатҳи институтсионалӣ хосиятҳои гуногун доранд, пеш бурда мешавад, ки шакли мукаммали онро дар расми 1 дидан мумкин аст.

**Расми 1. Бахши институтсионалии татбиқи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Figure 1. Institutional sector of implementation of the monetary and credit policy of the Republic of Tajikistan**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Новобаста аз оне, ки нақши Бонки марказӣ дар ташаккул ва пешбурду назорати сиёсати пулию қарзӣ назаррас мебошад, дар баробари ин, нақши бонкҳои давлатӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, дигар ташкилотҳои молиявию қарзии ғайрибонкӣ ва дигар бахшҳои муҳимми иқтисодию хизматрасонӣ дар рушду татбиқи ин масъала нақши муассир доранд. Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон агар меъёрҳои асосӣ ва танзими сиёсати пулию қарзиро Бонки миллии Тоҷикистон муайян ва назорат намояд, татбиқи амалии ин меъёрҳоро дар сатҳи иқтисодиёти мамлакат дигар бонку ташкилотҳои қарзӣ мебозанд. Тибқи маълумотҳои дар расми мазкур овардашуда, пешбурди ҷараёнҳои пулӣ ва гардиши муомилоти пулӣ ба воситаи бонкҳо, ки ҳамчун рагҳои хунгузари иқтисодиёт мебошанд, пеш бурда мешавад. Илова бар ин, агар дар сатҳи кишвар чопи пул вазифаи Бонки миллии Тоҷикистон бошад, аммо сатҳи самараноки интишор, ҷамъкунӣ ва азнавтақсимкунии он дар сатҳи иқтисодиёт, ин вазифаи бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, барои татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзии мамлакат низоми бонкӣ дорои имкониятҳои зерин мебошад:

- сатҳи баланди пардохтпазирӣ ва сиёсати дурусти идораи самараноки маблағҳои худӣ ва ҷалбкардашуда;
- имкониятҳи васеи иқтидори бопултаъминкунии бахши воқеии иқтисодиёт;
- дар сатҳи зарурӣ ба даст овардани эътимоди аҳолӣ ҷиҳати ба гардиши самаранок ворид намудани маблағҳои бекорхобидаи берун аз бонкҳо;
- ба миён овардани рақобати комил байн бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ;
- ҷалби сармояи арзони хориҷӣ ва ба бахши воқеии иқтисодиёт сафарбар намудани онҳо;
- ташкили заминаи диверсификатсияи амалиётҳои нақдию қайринақдӣ бо роҳи маҳдуд кардани воситаҳои ба пули нақд вобастабуда ва ғ.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ, ки мо дар ҷаҳони рақамикунонии иқтисодиё ва ба маротиб афзоиш ёфтани асъори рақамӣ криптовалюта, битковин, пулҳои электронӣ ва монанди инҳо қарор дорем, татбиқи дурусти сиёсати пулию қарзӣ низ аз омилҳои

электронӣ ва воситаҳои ба ин баробар бисеёр вобастагӣ дорад, ки инро пайваста дар фаъолияти иқтисодию бонкӣ мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар айни замон, бинобар сабаби дар сатҳи баланд қарор гирифтани ҷаҳонишавии амалиётҳои электронӣ фишангҳои қаблан мавҷудбудае, ки амалиётҳои накдии бонкҳоро танзим менамуданд, имрӯз зарурати ташкил ва ҷорӣ намудани меъёрҳои пардохтие, ки ба ҷаҳони электронӣ мансубанд, шарти зарурӣ мебошад. Имрӯз дар сатҳи татбиқи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, ки як қисми таркибӣ ва асосии сиёсати пулию қарзӣ ва омили самараноки ин сиёсат мебошанд, муҳим ва зарурӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, зарурати ташкили ҷараёни ҳисобдорӣ дар байни аҳолӣ ва тамоми субъектҳои иқтисодӣ ва хизматрасонӣ шарти зарурӣ ва асосӣ мебошад. Ба ин хотир, ба андешаи мо, дар сатҳи низоми бонкӣ кушодани суратҳисобҳои бонкӣ ва тақвияти ҳисоббаробаркуниҳо ба воситаи ин суратҳисобҳо шарти зарурӣ дар таркиби сиёсати пулию қарзии мамлакат мебошад. Тибқи маълумотҳои омирӣ дар самти тақвияти суратҳисобҳои бонкӣ, ки онҳо тамоли зиёдашавӣ доранд, то ҳол барои сатҳи самранокии сиёсати пулию қарзӣ қаноатмандкунанда нест (нигар ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Динамикаи афзоиши суратҳисобҳои асъорӣ дар бонкӣ тиҷоратӣ дар солҳои 2013-2021 бо адад**

**Table 1. Growth dynamics of foreign currency accounts in commercial banking in 2013-2021 in numbers**

| Номгӯи суратҳисобҳо | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| **Суратҳисобҳо и асъории шахсони воқеӣ** | 446090 | 525568 | 552964 | 456681 | 391743 | 381908 | 422595 | 524109 | 645966 |
| **Афзоиш бо %** | -2,1 | 17,8 | 5,2 | -17,4 | -14,2 | - 2,5 | 10,6 | 24,0 | 23,2 |
| **Суратҳисобҳо и асъории шахсони ҳуқуқӣ** | 30311 | 34253 | 33706 | 30254 | 31274 | 36458 | 41960 | 49022 | 50664 |
| **Афзоиш бо %** | 0,18 | 13,0 | -1,5 | -10,2 | 3,3 | 16,5 | 15,0 | 16,8 | 3,3 |

Сарчашма. Дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ солҳои 2014, №12 (233), 2016, №12 (257), 2018, № 12 (281), 2020, №12 (305) тартиб дода шудааст.

Суртаҳисобҳои бонкӣ механизми асосии татбиқи сиёсати пулию қарзӣ дар самти тақвият ва татбиқи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ буда ва ба ин масъала аҳаммияти зарурӣ додан мувофиқи мақсад мебошад. Аз таҳлили маълумотҳои мазкур бар меояд, ки ҳамоно сатҳи пасти кушодани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ қаноатмандкунанда нест.

Аз таҳлили маълумотҳои ҷадвали мазкур бар меояд, ки шумораи суратҳисобҳои асъории шахсони ҳуқуқӣ дар соли 2013 0,18 ҳазор ададро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2021 3,3 ҳазор ададро ташкил медиҳад, ки на он қадар нишондиҳандаи хуб аст. Шумораи суратҳисобҳои шахсони воқеӣ бошанд агар дар соли 2014 17,8 ҳазор ададро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2021 23,2 ҳазор ададро ташкил намудааст, ки дар муқоиса ба соли 2014 зиёд ва дар муқоиса ба соли 2020 ба миқдори 0,8 ҳазор адад кам гардидааст. Коҳишёбии шумораи бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ низ дар 5-10 соли охир ташвишовар буда, ба татбиқи солонаи сиёсати дурусти пулию қарзӣ низ бе таъсир намонд. Дар сиёсати Бонки миллии Тоҷикстон таъмини суботи низоми бонкӣ ва рушд яке аз мақсадҳои асосии он маҳсуб меёбад. Таъмини усутвории низоми бонкӣ яке аз механизмҳои асосии дар амал татбиқ намудани сиёсати пулию қарзӣ маҳсуб ёфта, тавассути дастгирии бахши воқеии иқтисодиёт ин масъала то ҳадди имкон имконпазир мегардад. Қайд кардан зарур аст, ки тамоили бамаротиб кам гардидани шумораи бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ба сатҳи амалишавии дурусти сиёсати пулию қарзӣ то як андоза таъсири манфии худро расонид. Илова бар ин, сатҳи тағйирёбии низоми бонкиро аз ҷадвали 2 мушоҳида кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 2. Динамикаи тағйирёбии сохторҳои алоҳидаи низоми бонкӣ дар солҳои 2015-2021 (бо адад)**

**Table 2. Dynamics of changes in separate structures of the banking system in 2015-2021 (in numbers)**

| Низоми бонкӣ | Солҳо | | | | | | | Тағйирот бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | |
| Бонкҳо | 17 | 18 | 17 | 17 | 17 | 18 | 14 | -17,6% |
| Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | 39 | 38 | 27 | 25 | 25 | 20 | 18 | - 45,1% |
| Ташкилотҳои қарзии хурд | 31 | 14 | 7 | 6 | 6 | 6 | 4 | -87% |
| Фондҳои қазии хурд | 36 | 34 | 33 | 31 | 31 | 29 | 27 | -25% |
| **Ҳамагӣ** | **123** | **103** | **84** | **79** | **79** | **73** | **63** | **-48,2%** |

Сарчашма. Дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ солҳои 2014, №12 (233), 2016, №12 (257), 2018, № 12 (281), 2020, №12 (305) тартиб дода шудааст.

Бонкҳои тиҷоратӣ, ки дар батанзимдарории ҳаҷми пули дар муомилот буда, нақши калидӣ доранд, шумора ва сатҳи пардохтпазирии онҳо дар амалинамоии меъёрҳои сиёсати пулию қарзӣ муҳим ва зарурӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, дар сатҳи низоми бонкӣ ҷиҳати бенуқс пеш бурдани сиёсати пулию қарзии давлат, зиёд намудани шумораи бонку ташкилотҳои молиявию қарзии низомсоз шарти зарурӣ ва муҳим мебошад. Новобаста аз он ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъсири як қатор омилҳои дохилию берунӣ осебпазир гардид, ҳамоно бонкҳои мавҷуда вазифаҳои хуро дар самти амалисозии меъёрҳои сиёсати пулию қарзӣ, сарбаландона иҷро намуданд, ҳоло он, ки шумораи бонкҳо дар давраи таҳлилшаванда 17,6%, шумораи ташкилотҳои амонати қарзии хурд 45,1%, шумораи ташкилотҳои қарзии хурд 87% ва шумораи фондҳои қарзии хурд 48,2% кам гардид, ки ин то як андоза ба афзоиши сандуқи қарзии низоми бонкӣ, сатҳи пардохтпазирии бонкҳо ва эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ таъсири худро расонид.

Аз рӯи таҳлилҳои мазкур қайд кардан зарур аст, ки агар занҷираи ташкили дурусти сиёсати пулию қарзӣ ба бахши бонкӣ ва дигар воситаҳои дар ихтиёри онҳо қарордошта бастагӣ дошта бошад ҳам, ҷамъан ин бо бахшҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла бахши воқеии иқтисодиёт ва хизматрасонӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Қайд кардан зарур аст, ки бахши воқеии иқтисодиёт ин объекти асосиест, ки татбиқи сиёсати пулию қарзӣ дар он имконпазир мегардад маҳсуб ёфта, сатҳи монетизатсия низ шарти зарурӣ мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷриба нишон дод, ки сатҳи устувории низоми бонкиро бидуни рушди бахши воқеии иқтисодиёт ва хизматрасонӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Зеро, баъд аз соли 2015, аз ҳама таъсири бештарро ба сатҳи осебпазирии низоми бонкӣ, бахши воқеии иқтисодиёт дар сатҳи мамлакат ва берун аз он ба вуҷуд овард. Қайд кардан бамаврид аст, ки таъсири занҷиравии бахши воқеии иқтисодиёт ба сиёсати пулию қарзӣ ва низоми бонкӣ боиси он мегардад, ки як қатор мушкилотҳои зерин ба миён оянд:

1. Сатҳи пасти даромаднокии низоми бонкӣ ва суръати пасти гардиши пулҳои нақдию ғайринақдӣ.

2. Бамаротиб кам гардидани ҳиссаи амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ боназардошти зиёд гардидани хароҷотҳои бонкӣ.

3. Зиёд гардидани пулҳои озоди берун аз бонкҳо.

4. Кам гардидани маҳсулоти истеъмолӣ ва болоравии бемайлони сатҳи таваррум.

5. Кам гардидани даромади пулии аҳолӣ ва монанди инҳо.

Ба андешаи мо дар сатҳи татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду қонуни асосии хусусияти занҷиравӣ дошта мавҷуд аст, ки онҳо аз:

1. Қонуни пешниҳодкунандаи пул (Низоми бонкӣ).

2. Қонуни истифодабарандаи воситаҳои пулӣ (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ).

Барои ташкили дурусти сиёсати пулию қарзӣ дар ҳама ҳолат бояд равия ва равандҳои пайвасткунанда ва ҳавасмандкунандаи занҷиравӣ байни пешниҳодкунандаи пул ва истифодабарандаи пул ҷой дошта бошад. Татбиқи амалии қонуни пешниҳоди пул дар асоси сиёсати эмиссионии Бонки марказӣ ва низоми бонкии кишвар амалӣ гашта, он ба бахшҳои гуногуни субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ дар минтақаҳо амалӣ мегардад. Дар

сатҳи татбиқи сиёсати монетарӣ ё пешниҳоди пул ба қадри кофӣ дар низоми бонкӣ як қатор мушкилотҳо метавонанд монеа эҷод кунанд, ки ин, пеш аз ҳама, аз меъёри фоизи пасандозҳо ва қарзҳои додашуда, инчунин аз мухлати истифодаи захираҳо ва сандуқи қарзӣ бисёр вобаста мебошад. Аз таҳлилҳо бар меояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол меъёри фоизи қарзҳо баланд ва меъёри фоизи пасандозҳои ҷалбшаванда паст мебошад, ки ин ба дутарафагии таъсири манфии ин сиёсат оварда мерасонад (нигар ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Гаронии меъёри фоизи қарзҳои низоми бонкӣ ва нокифоягии фоизи пасандозҳо дар солҳои 2015-2021**

**Table 3. The increase in interest rates on loans in the banking system and the lack of interest on deposits in 2015-2021**

| Номгӯи | Солҳо | | | | | | | Тағйирёбӣ нисбат ба соли 2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Меъёри фоизи қарзҳо бо пули миллӣ | 26,6 | 24,9 | 28,3 | 26,4 | 22,8 | 24,9 | 25,2 | 3% |
| Меъёри фоизи пасандозҳо бо пули миллӣ | 15,3 | 15,8 | 13,9 | 9,5 | 9,2 | 8,15 | 10,07 | -7,45% |

Сарчашма. Дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ солҳои 2014, №12 (233), 2016, №12 (257), 2018, № 12 (281), 2020, №12 (305) тартиб дода шудааст.

Дар шароити имрӯза Ҷумҳурии Тоҷикистон таносуби ҳамгироии бахшҳои иқтисодӣ ва низоми бонкӣ аз ҳамин масъала бештар манша гирифта, он метавонад ба дараҷаи рушд расад. Ба андешаи мо, имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи пасти монетизатсияи иқтисодиёт ва камчинии пасандозҳои муҳлатнок дар низоми бонкӣ аз меъёри баланди фоизи қарз ва сатҳи пасти фоизи пасандозҳои аҳолӣ бисёр вобаста мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки меъёри миёнаи фоизи қарзҳо ҳамоно 25,2%-ро ташкил медиҳад, ки ин ба паст гардидани ҳавасмандии истифодабарандагони қарз ва сатҳи пасти фоизи пасандозҳо ба кам гардидани шумораи пасандозгузорон оварда мерасонад. Аз ин лиҳоз, тағйир дар меъёрҳои мазкур боиси костагии рушди он мегардад.

Илова бар ин, қайд кардан зарур аст, ки Қонуни истифодабарандаи воситаҳои пулӣ аз заминаи меъёриву содагардонии имконияти пешниҳоди амалиёту хизматрасониҳои бонкӣ вобастагии зиёд дорад. Дар айни замон, агар таносуби истифодаи амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт коҳиш пайдо намояд, ин масъала метавонад дарояндаи наздик ба ҷомеа хавфнок гардад. Зеро номуназзам рушд кардани баши воқеии иқтисодиёт аз як тараф, ба болоравии нархҳо мусоидат намояд, аз тарафи дигар, ба боло гирифтани сатҳи хароҷотҳои бонкӣ ва кам гардидани даромадҳои онҳо оварда мерасонад.

Бахши воқеии иқтисодиёт қисми таркибии иқтисоди миллӣ буда, дар ташаккули заминаҳои рушди иқтисодӣ миллӣ ва заминаи асосии густариши он нақши муҳим доранд. Дар сатҳи татбиқи сиёсати пулию қарзӣ истифодабарандагони асосии амалиёту хизматрасониҳои бонкӣ, пеш аз ҳама, бахши воқеии иқтисодиёт ва дигар субъект сохторҳои алоҳидаи хизматрасонӣ мебошад. Риояи таносуби истифодаи самараноки воситаҳои пулию қарзӣ агар аз тарафи бахши воқеии иқтисодиёт истифода нагардад, он гоҳ ҷараёни гардиш ва ҳаракати воситаҳои пулӣ вайрон гардида, як қатор мушкилот ба миён меояд. Аз ин хотир, дар ҳама шароит зарур аст, ки занҷираи ҳамгироии бахши бонкӣ бо бахшҳои воқеии иқтисодиёт дар сатҳи зарурӣ таъмин гардида, як механизими ҳавасмандии дутарафа ташкил ва амалӣ карда шавад. Дар бахши воқеии иқтисодиёт шумораи субъектҳои амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз фаъолият боз мондани як қисми онҳо дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дошта, ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт дар ҳоли афзоиш қарор дорад (ҷадвали 4).

Рушди субъектҳои иқтисодӣ дар солҳои охир боиси афзоиши маҳсулотҳои саноатӣ ва кишоварзӣ гардидааст, ки ин дар натиҷа ба даромади бонкҳои тиҷоратӣ, рушди иқтисодиёт ва ташкили манбаҳои иловагии пулӣ мусоидат менамояд. Бо туфайли талошҳои пайвастаи Ҳукумати кишвар ҷиҳати рушди бомароми бахши воқеии иқтисодиёт

**Ҷадвали 4. Тамоили рушди нишондиҳандаҳои маҳсулотҳои саноатӣ ва кишоварзӣ ва ММД дар солҳои 2017-2022 (млрд сомонӣ)**

**Table 4. Development trend of indicators of industrial and agricultural products and GDP in 2017-2022 (billion somoni)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | Тағйирёбӣ нисбат ба соли 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| **ММД** | 61,0 | 68,8 | 77,4 | 82,5 | 98,9 | 115,7 | **89,6%** |
| **Саноат** | 20 | 23,9 | 27,6 | 30,8 | 38,8 | 43,0 | 115% |
| **Кишоварзӣ** | 25 | 26,4 | 27,8 | 33,6 | 39,8 | 49,3 | 97,2% |

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ 2018, № 12 (281), 2020, №12 (305) ва шарҳи таварруми Бонки миллии Тоҷикистон 2022. -С.21.

ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо чораҳои зарурӣ андешида шуда, ба ин самт бештар диққати институтҳои молиявӣ ҷалб гардидаанд. Айни замон қисми асосии монетизатсияи иқтисодиёти моро бояд соҳаи саноат ва кишоварзӣ ташкил намуда, ба ин самт пайваста диққати аввалиндараҷа дода шавад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза яке аз қисматҳои асосии иқтисодиёти мамлакатро ММД- ташкил менамояд, ки дар таркиби он ҳиссаи соҳаи саноат ва кишоварзӣ афзалияти бештар дошта, ҳатто ҳиссаи низоми бонкӣ баробар ба соҳаҳои мазкур дар таркиби ММД нест. Аз ин хотир, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ ташкили модели ҳамгироии бахши бонкӣ бо бахши воқеии иқтисодиёт дар чаҳорчӯбаи меъёрҳои муайян роҳандозӣ гардида, дар ин самт сатҳи монетизатсияи иқтисодиёт ба қадри кофӣ таъмин карда шавад. Ба ин хотир, ташкили занҷираи татбиқи сиёсати пулию қарзӣ бо иштироки фаъоли тамоми бонкҳо, ташкилотҳои молиявию қарзии ғайрибонкӣ ва бахшҳои воқеии иқтисодиёт дар доираи масъалаҳои зерин бояд тақвият дода шавад:

1. Дарёфти механизмҳои имконпазири ҳавасмандгардонии сармоягузорон ва қарздеҳон ба бахши воқеии иқтисодиёт.
2. Дар ҳолатҳои зарурӣ ҳангоми дастрасӣ ба захираҳои молиявию қарзӣ додани кафолатҳои давлатӣ ба қарздеҳону шахсони қарздиҳанда ба бахши воқеии иқтисодиёт.
3. Аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон аз пардохти меъёрҳои мақбул озод намудани бонкҳои тиҷоратие, ки вобаста ба он дар бонки миллии Тоҷикистон меъёри захираҳои ҳатмии худро нигоҳ медоранд.
4. Кушодани хатти марказонидашудаи қарзӣ бо иштироки тамоми бонкҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи саноат ва кишоварзӣ, инчунин ба корхонаҳои коркарди маҳсулотҳои саноатӣ ва кишоварзӣ.
5. Аз ҳисоби восита худӣ ва фондҳои таъиноташон махсус дар бонкҳои тиҷоратӣ ташкил намудани фондҳои таъиноти махсуси қарзӣ, муҳлати истифодаи онҳо ҳадди ақал 5-солро дар бар мегирад.

Аз ҳисоби тамоми сарчашмаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дистгирӣ намудани бахши воқеии иқтисодиёт дар оянда ба мо имкон медиҳад, ки дар сатҳи зарурӣ тамоми манбаъ ва имкониятҳои истифоданагардида ба гардиши истифода дароварда шуда, сатҳи монетизатсияи иқтисодиётро вобаста ба самаранокии татбиқи сиёсати пулию қарзӣ баланд бардорем. Аз ин лиҳоз, ба мо имкон даст медиҳа то дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо усулҳои самаранок дурнамои сиёсати пулию қарзиро дуруст таҳия намуда, татбиқи амалии онро дар лаҳзаҳои наздиктарин имконпазир гардонем.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Саидмуродова М.**

**АДАБИЁТ**


1. Ашуров Н. Идора кардани хатари бонкӣ. Васоити таълимӣ / Н. Ашуров. –Душанбе, 2013. –С.70.
2. Бобоев А. Рушди низоми бонкӣ: мушкилот ва дурнамо / А. Бобоев // Маҷаллаи иттилоотии бонкӣ. Бонкдорӣ дар Тоҷикистон. – 2011. -№12(29). –С.39.
3. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2015. -№12(245).
4. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2016. -№12(257).
5. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2017. -№12(269).
6. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2018. -№12 (281).
7. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2019. -№12 (293).
8. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2020. -№12 (305).

9. Донецкова О.Ю. Современные особенности банковского кредитования реального сектора экономики / О.Ю. Донецкова // Синергия. - 2017. -№1. –С.65.
10. Махшулов С.Ҷ. Таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ дар шароити бӯҳрони молиявӣ / С.Ҷ. Махшулов // Паёми молия ва иқтисод. – 2018. -№3(15). –С.82.
11. Махшулов С.Ҷ. Таъсири қарздиҳии бонкӣ ба самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ: дисс. илмҳои иқтисодӣ 08.00.10 / С.Ҷ. Махшулов. -Душанбе , 2020. -189с.
12. Нурализода А.Н. Инфляция, появление и её воздействие на курс национальной валюты / Нурализода А.Н., С.Дж. Махшулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. -№8. –С.68.
13. Петрова Т.И. Институциональное развитие банковского системы России: автореф: дисс ... кан. экон.наук 08.00.10. / Т.И. Петрова. –М.: Фин. ун-т при Правительстве Российской Федерации, 2014.
14. Хайрзода Ш.Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бесуботии молиявӣ. (назария методология, амалия): дисс. докт. илмҳои иқтисодӣ. 08.00.10 / Хайрзода Ш.Қ. -Душанбе, 2021. -430.с.
15. Хайрзода Шукрулло Қурбонали. Место и роль банковской системы в политике достижения финансовой устойчивости национальной экономики / Хайрзода Ш.Қ. // Финансово-экономический Вестник. - 2020. -№2(22). –С.8.
16. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.nbt.tj / tj / statistics / statistical_bulletin.php

## ВОБАТАГИИ СИЁСАТИ МОЛИЯВӢ ВА МУАММОҲОИ ИМРӮЗАИ ПЕШБУРДИ ОН ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Тоҷикистони тозаистиқлол дар марҳалаи ҷадид ва печидаи равандҳои ҷаҳонишавӣ қарор дошта, пайваста ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ такя намуда, тақвияти онҳоро ба таври доимӣ идома медиҳад. Аз ин хотир, муаллифон дар мақолаи мазкур масъалаҳои муҳимтарини сиёсати молиявӣ ва сиёсати пулию қарзиро дар ҳамвобастагӣ бо якдигар мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, хулосаҳои назаррас баровардаанд. Ҳамчунин, муаллифон дар мақолаи мазкур масъалаҳои муҳимтарини татбиқи сиёсати пулию қарзиро мавриди таҳлил қарор додаанд. Ҳамчунин, муаллифон дар мақолаи мазкур механизмҳои татбиқ ва ҳаракати воситаҳои пулӣ, ки ба восита суратҳисобҳои бонкӣ амалӣ карда мешаванд, таҳлил анҷом додаанд. Ҳамчунин, динамикаи рушди низоми молиявӣ ва алоқамандии байни фоизҳои қарзӣ ва пасандозӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст, ки ин амали муаллифон дар шароити имрӯза мувофиқи мақсад мебошад.

**Калидвожаҳо:** вобастагии сиёсати молиявӣ, сиёсати пулию қарзӣ, суботи нархҳо, муътадилии таваррум, меъёри фоиз, пули миллӣ, қобилияти харидорӣ, механизми таъсиррасонӣ.

## АКТУАЛЬНОСТЬ ФИНАНСОВОЙ ПОЛИТИКИ И СОВРЕМЕННЫЕ ПРОБЛЕМЫ ЕЕ ПРОДВИЖЕНИЯ В ГЛОБАЛЬНЫХ УСЛОВИЯХ

Новый независимый Таджикистан находится на новом и сложном этапе процессов глобализации, постоянно опирается на приоритетные экономические направления, продолжая их устойчивое укрепление. Поэтому в данной статье авторы проанализировали и рассмотрели важнейшие вопросы финансовой политики и денежно-кредитной политики и сделали существенные выводы. Также в данной статье авторы проанализировали наиболее важные вопросы реализации денежно-кредитной политики, механизмы реализации и движения денежных средств, которые осуществляются через банковские счета. Также проанализирована и обсуждена динамика развития финансовой системы и взаимосвязь кредита и сбережений, что актуально для авторов в современных условиях.

**Ключевые слова:** зависимость финансовой политики, денежно-кредитная политика, стабильность цен, стабильность инфляции, процентная ставка, национальная валюта, покупательная способность, механизм влияния.

## THE RELEVANCE OF FINANCIAL POLICY AND CURRENT PROBLEMS OF ITS PROMOTION IN A GLOBAL CONDITION

The newly independent Tajikistan is at a new and difficult stage of the globalization process, constantly relying on priority economic areas, continuing their sustainable strengthening. Therefore, in this article, the authors analyzed and considered the most important issues of financial policy and monetary policy and drew significant conclusions. Also in this article, the authors analyzed the most important issues in the implementation of monetary policy, implementation mechanisms and cash flows that are carried out through bank accounts. The dynamics of the development of the financial system and the relationship between credit and savings are also analyzed and discussed, which is relevant for the authors in modern conditions.

**Keywords**: financial policy dependence, monetary policy, price stability, inflation stability, interest rate, national currency, purchasing power, influence mechanism.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Назаров Азизуллоҳ Зайналобидинович*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи молия. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **555-55-66-24**
***Давлатёрова Бибигул Ҷумъаевна*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омор. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **0401141414**. E-mail: **b.davlatorova.mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Назаров Азизулла Зайналобидинович*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, доктор Ph.D кафедры финансов. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **555556624**
***Давлатёрова Бибигуль Джумъаевна*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры экономического анализа и статистики. **Адрес**: 734025, г. Душанбе,Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **0401141414**. E-mail: **b.davlatorova.mail.ru**

**Information about the authors:** ***Nazarov Azizulla Zainalobidinovich*** **-** Tajik State University of Finance and Economics, Doctor Ph.D of the Department of Finance. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone: **555556624**
***Davlaterova Bibigul Dzhumaevna*** **-** Tajik State University of Finance and Economics, assistant at the department of economic analysis and statistics. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone: **0401141414.** E-mail: **b.davlatorova.mail.ru**

ТДУ: 65.261.41-212.1

# ВАЗЪИ НАЗОРАТИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР ТАТБИҚИ СИЁСАТИ БУҶЕТИЮ АНДОЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Маъмуров А.М.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар шароити муосири рушди кишвар ташаккули сарчашмаҳои молиявии муттамарказ тавассути тавсеаи иқтидори андоз ва махсусан маъмурикунонии андоз имконпазир аст. Зеро, назорати нақшаи воридоти андоз яке аз воситаҳои муҳимми таъмини қисми даромади буҷетҳои сатҳҳои мухталиф маҳсуб ёфта, ба он сифати маъмурикунонии андоз чӣ дар сатҳи мамлакат ва чӣ дар минтақаҳои алоҳида ва ташаккулу амалигардонии оқилонаи иқтидори андоз, ки аз сиёсати буҷетию андозии амалишаванда вобаста мебошанд, таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Пойдоршавӣ ва ислоҳоти низоми буҷету андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои пас аз ба даст овардани истиқлолият бештар дар асоси таҷрибаи давлатҳои рӯ ба рушд дар ташаккули сиёсати фискалӣ сурат гирифтааст, ки онро «озмудани иштибоҳ» ном мебаранд [3,с.278]. Дар ин раванд аксаран нусхабардории таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ бидуни ба таври комил мутобиқ намудани он ба муносибатҳои андозии кишвар сурат гирифтааст. Ин вазъ дар ибтидо боиси камасар будани сиёсати буҷету андоз ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар гардида, механизми ташаккулёбию татбиқи иқтидори андоз низ халалдор мешуд.

Ҳамчунин, зарур шуморидан мумкин аст, ки маҳз назорати андоз дар маъмурикунонӣ боиси тавсеаи иқтидори буҷетию андози кишвар гашта, дар як вақт камбудиҳои сиёсати андоз ифшо мегарданд ва тавассути рафъи онҳо аз байн бурда мешаванд [10,с.11]. Дар робита ба ин, гузашта аз ин, маъмурикунонии андоз барои такмили қонунгузории андоз ва ташаккули низоми комилан мутобиқи андоз, ки самтҳои сиёсати андозии кишварро низ такмил медиҳад, замина мегузорад.

Дар баробари гуфтаҳои боло «Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020 – 2025» чун санади меъёри миёнамуҳлат таҳия ва тасдиқ карда шудааст, ки ба афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [9] асос ёфта, бо назардошти дастовардҳои таҷрибаи ҷаҳонӣ, бо мақсади сода ва дастрас намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ва баланд бардоштани интизоми андозсупории андозсупорандагон, таъмини рушди мунтазами маъмурикунонии андоз, ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ ва беҳсозии минбаъдаи муносибатҳои андозӣ дар байни андозсупорандагону мақомоти андоз амалӣ мегардад. Дар барномаи болозикр муайян шудааст, ки рушди натиҷаҳои чораҳои назорати маъмурикунонии андоз ҳамчун як ҷузъи муҳимми ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳсозӣ намудани муҳити корӣ ва фазои сармоягузорӣ, таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва ташаккули иқтисоди рақамӣ нигаронида шудааст.

Инчунин, дар стратегияи мазкур нокифоя будани шароит барои фазои соҳибкорӣ, ки дар танзими барзиёд ва ғайрисамаранок, коррупсия, сарбории аз ҳад зиёди андоз ва душвориҳои низоми маъмурикунонии андоз зоҳир мегарданд, таъкид карда шудааст.

Таҳқиқи адабиёти иқтисодӣ дар самти маъмурикунонии андоз чун омили калидии татбиқи иқтидори андозию буҷетӣ собит месозад, ки омӯзиши ин масъала алҳол дар марҳилаи нави рушд қарор дошта, такмили асосҳои институтсионалию методии он, инчунин такмили низоми маъмурикунонии андоз дар рушди иқтисоди кишвар самтҳои калидии таҳқиқи сиёсати буҷетиву андозӣ дар шароити муосир маҳсуб меёбанд. Бояд зикр намуд, ки дарояндаи наздик такмили фаъолияти мақомоти ваколатдори соҳаи молияи давлатӣ, хосатан мақомоти андоз ҷиҳати ташкили чораҳои назоратии маъмурикунонии андоз дар кишвар чун масъалаи ҳалталаб боқӣ мемонад. Мубрамияти таҳқиқи мақолаи илмӣ маҳз бо мавҷуд будани чунин падидаҳо вобаста аст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар асарҳои илмии олимони ватанӣ ба монанди Орипов А.О., Солеҳзода А.М., Халифазода С., Улуғхоҷаева Х.Р., Шогунбегов М.В., Яқубзода М.С., Давлатов Д.С., Ҳасанзода Я., Шарифзода Т., Воҳидов У.М. ва дигарон

ҷанбаҳои мухталифи назариявию методологии маъмурикунонии андоз дар иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳои он баррасӣ шудаанд. Вале, бо сабаби бисёрҷанба будани маъмурикунонии андоз, таҳқиқи натиҷаҳои чораҳои назоратии раванди маъмурикунонии андоз дар шароити муосири муносибатҳои андозӣ, масъалаи мубрам ва предмети пажуҳиш боқӣ мемонад.

Ҷанбаҳои назариявии маъмурикунонии андоз ва самаранокии назорати андоз дар доираи дигар таҳқиқоти мо низ баррасӣ шудааст [1,с.54; 4,с.82; 5,с.192]. Аз ин лиҳоз, зарур машуморем, ки дар доираи мақолаи илмӣ бештар амалияи чораҳои назоратии маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шавад.

Баланд бардоштани самаранокии низоми назорат дар раванди андоз, дар маъмурикунонӣ тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии муосир зимни татбиқи сиёсати андозии давлат амалӣ мегардад [15,с.34]. Зарур аст, ки ҳангоми таҳқиқу такмили низоми маъмурикунонии андоз, бахусус назорати андоз, ки риояи қонунгузории андозро тақозо менамояд, бояд дар давраи дарозомуҳлат диққати махсус зоҳир шавад.

Мақомоти андоз дар раванди таъмини иҷрои уҳдадориҳои ҳатмии андозӣ аз технологияҳои муосири рақамӣ васеъ истифода менамояд. Аммо, мутаассифона, бинобар сабаби рушд наёфтани низоми ягонаи ҳукумати рақамӣ ба низоми итилоотии мақомоти андоз пайваст набудани дигар мақомоти ваколатдори соҳаи молияи давлатӣ, ки баҳисобгирии амалҳои алоҳидаи алоқаманд ба муносибатҳои андозиро анҷом медиҳанд, дар раванди назорати маъмурикунонии андоз вақти зиёд ва хароҷотҳои иловагиро талаб намуда, боиси пурра татбиқ нашудани иқтидори андози кишвар мегардад.

Аз ин лиҳоз, ҳанӯз се сол қабл дар Паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2019 таъкид намуда буданд, ки минбаъд бояд ба масъалаи истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад [8]. Маҳз ин таъкиди Пешвои миллат боис гардид, ки Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 тасдиқ гардида, мавриди амал қарор дода шавад.

Бо мақсади рақамикунонии маъмурикунонии андоз ҳоло зиёда аз 144,5 ҳазор субъектҳои хоҷагидор эъломияҳои худро тариқи электронӣ пешниҳод намуда, як қатор андозсупорандагони дигар бинобар сабаби дастрасӣ надоштан ба шабакаи интернет, дар сатҳи паст қарор доштани донишу малака ва пойгоҳи моддию техникӣ барои ба тариқи электронӣ пешниҳод намудани эъломияи андоз, аз хизматрасониҳои утоқҳои алоҳида (терминалҳо), ки дар 38 нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо фаъолият мебаранд, истифода накарда истодаанд.

Бояд зикр намуд, ки «Барномаи рушди маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2025», ки бо маблағгузории Бонки Ҷаҳонӣ сурат мегирад ва Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати самаранок намудани назорати маъмурикунонии андоз, фароҳам овардани муҳити рақобати солим ва коҳиш додани сатҳи иқтисоди пинҳонӣ, пурра фарогирии рақамикунонии фаъолияти мақомоти андоз, ба роҳ мондани ҳамкории фосилавӣ бо андозсупорандагону мақомоти давлатӣ ва тавассути ин коҳиш додани истифодаи ҳуҷҷатҳои коғазӣ, баланд бардоштани фарҳанг ва интизоми андозсупории андозсупорандагон ва пешбурди фаъолияти сифатноки мақомоти андоз чораҳои иловагӣ андешидан мутобиқи матлаб аст.

Раванди назорати андоз дар маъмурикунонӣ тавассути чораҳои сершумор, ки гуногунсамт мебошанд, аз ҷумла самтҳои зерин амалӣ карда мешавад, аз инҳо иборат мебошад:

- иҷрои пурраи нақшаи воридоти андозҳо;
- хизматрасониҳо ба андозсупорандагон;
- ворид намудан ва коркарди маълумотҳо дар барномаҳои иттилоотии андоз;
- бақайдгирӣ ва баҳисобгирии андозсупорандагон;
- объектҳои андозбандӣ ва объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд.

Инчунин корҳои назоратию санҷишӣ, танзими бақияпулиҳои андоз ва рӯёнидани қарзҳои андоз низ чораҳои маъмурикунии андоз маҳсуб меёбанд. Самаранокии раванди маъмурикунонии андоз аз истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, корҳои ташкилӣ барои татбиқи қонунгузории андоз, сиёсати кадрии мақомоти андоз, таъминоти молиявӣ - техникии мақомоти ҳудудии андоз, корҳои таҳлилӣ ва аналитикӣ, назоратӣ низ вобастагии қавӣ дорад.

Боиси зикр аст, ки барои арзёбии вазъи натиҷаҳои чораҳои назоратии маъмурикунонии андоз маҳз унсурҳои калидии болозикр имкон медиҳанд. Пеш аз ҳама, зарур аст, ки тамоюли нишондиҳандаҳои буҷетию андозӣ ва маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мавриди таҳлил қарор гиранд. Маълумотҳои оморӣ барои таҳлили нишондодҳои болозикр дар ҷадвали 1 низомбандӣ шудаанд.

**Ҷадвали 1. Динамикаи афзоиши ММД ва дигар нишондиҳандаҳои буҷетию андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2017-2021, бо млн. сом)**
**Table 1. Dynamics of GDP growth and other budgetary and tax indicators of the Republic of Tajikistan (years 2017-2021, in millions of somsi)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | Тағйирёбӣ, бо % 2021-2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ | 61 093,6 | 68 844,9 | 77 354,7 | 82 543,0 | 98 910,7 | 61,9 |
| Иҷроиши даромади буҷети давлатӣ | 19955,5 | 23925,5 | 23469,4 | 25065,0 | 30 053,8 | 50,5 |
| Иҷроиши воридоти андозҳо | 13099,7 | 14564,9 | 15775,4 | 15548,6 | 19 669,6 | 50,1 |
| Ҳиссаи андозҳо дар ММД, бо % | 21,4 | 21,1 | 20,4 | 18,8 | 19,9 | -1,5 б.ф. |
| Ҳиссаи воридоти андоз дар даромади умумии буҷет | 65,6 | 60,9 | 67,1 | 61,8 | 65,5 | -0,1 б.ф. |
| Бақияпулии қарзи андозу пардохтҳо | 771,1 | 725,7 | 580,3 | 884,0 | 781,3 | 1,3 |
| Бақияи қарзи андозҳо дар воридоти андозҳо, % | 5,9 | 5,0 | 3,7 | 5,7 | 4,0 | -1,9 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси Омори солонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022 ва ҳисоботҳои солонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Аз додаҳои ҷадвали 1 мушоҳида мегардад, ки дар давраи солҳои 2017-2021 нишондиҳандаи ММД тамоюли афзоянда дошта, аз 61093,6 млн. сомонӣ дар соли 2017 то ба 98910,7 млн. сомонӣ дар соли 2021 баробар шудааст. Дар маҷмуъ, дар ин давра ММД ба маблағи 37817,7 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст, ки 61,9%-ро ташкил медиҳад.

Қисми даромади буҷети давлатӣ дар давраи таҳлилӣ аз 19955,5 млн. сомонӣ дар соли 2017, ба 30 053,8 млн. сомонӣ дар соли 2021 расидааст, ки назаррас афзоиш ёфта, 50,1% зиёд мебошад. Вале, ин тамоюл қиёсан ба афзоиши ММД дар ин давра 10,8 банди фоизӣ камтар аст. Инчунин, дар соли 2019 нисбат ба соли 2018 даромади буҷети давлатӣ тамоюли поёнравӣ дошта, он наздик 2%-ро ташкил додааст, ки ба назари мо зери таъсири бемории ҳамагир Ковид-19 ба миён омадааст.

Инчунин, воридотҳои андозии буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳлилӣ тамоюли мухталиф доранд. Дар давраи солҳои 2017-2019 воридоти андозии буҷети давлатӣ афзоиш ёфта, соли 2020 нисбат ба соли 2019 зиёда аз 250 млн сомонӣ коҳиш ёфтааст. Дар соли 2021 бошад, воридоти андозҳо 19 669,6 млн. сомониро ташкил кардаанд, ки нисбат ба додаҳои соли 2019 зиёда аз 4 100 млн сомонӣ ё худ 26,5% афзоиш кардаанд.

Дар ин ҳол ҳиссаи андозҳо дар ММД ва даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тамоюли мухталиф дорад. Агар, ҳиссаи андозҳоро нисбат ба ММД арзёбӣ

намоем, мушоҳида мегардад, ки дар соли 2017 ба 21,4% баробар шуда, солҳои минбаъда тадриҷан коҳиш меёбад ва дар соли 2020 ин коҳишёбӣ ба 18,8% расидааст. Вале, дар соли 2021 афзоиши ҳиссаи андозҳо қиёсан ба ММД мушоҳида мегардад, ки 19,9%-ро ташкил кардааст. Дар маҷмуъ, дар давраи таҳлилӣ ҳиссаи андозҳо дар ММД 1,5 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Агар ба ҳиссаи андозҳо дар қисми даромади буҷет назар намоем низ, чунин тағйирёбӣ мушоҳида мегардад. Вале дар маҷмуъ, дар соли 2021 ҳиссаи андозҳо дар қисми даромади буҷети давлатӣ ба 65,5% баробар шудааст, ки бо нишондиҳандаи соли 2017 баробар аст.

Зикр кардан зарур аст, ки миқдори муҷозотҳои маъмурии дар раванди санҷишҳо татбиқшуда дар соли 2021 ба 1913 адад баробар шудаанд, ки назар ба соли 2018 3,5% камтар аст. Натиҷаҳои назорату санҷишҳои андоз шаҳодат медиҳанд, ки дар раванди кулли чораҳои назоратӣ аз ҷониби мақомоти андози кишвар қонунвайронкуниҳо ошкор шудаанд. Барои азрёбии самараи санҷишҳои андозии мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои натиҷаи санҷишҳо дар ҷадвали 2 низомбандӣ шудааст.

**Ҷадвали 2. Натиҷаҳои санҷиши сайёри андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2021**

**Table 3. Results of mobile tax inspection in the Republic of Tajikistan in the period 2018-2021**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | Тағйирёбӣ, бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/2018 |
| Шумораи санҷишҳои сайёр (санҷиши ҳуҷҷатии андоз), бо назардошти санҷишҳои вобаста ба қатъи фаъолияти андозсупорандагон, адад | 6 098 | 5 047 | 3 380 | 3 994 | -34,5 |
| Иловапулиҳои дар натиҷаи санҷишҳои андоз ҳисобшуда (бо назардошти ҷарима ва фоизҳо) млн. сомонӣ | 734,3 | 516,1 | 517,5 | 1 230,6 | 65,6 |
| Шумораи миёнасолонаи кормандони мақомоти андоз, ки ба санҷишҳо сафарбар шудаанд, нафар | 82 | 77 | 62 | 56 | -31,7 |
| Самараи санҷишҳо ба ҳисоби миёна барои як санҷиш, ҳазор сомонӣ | 120,5 | 102,3 | 153,2 | 308,3 | 155,85 |
| Самараи санҷишҳо ба ҳисоби миёна ба як корманди дар санҷишҳо иштирокдошта, млн. сомонӣ | 8,9 | 6,7 | 8,3 | 21,9 | 146,06 |

**Сарчашма:** Дар асоси махзан ва ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2021 таҳия шудааст.

Тавре аз ҷадвали 2 мушоҳида мегардад, дар баробари афзоиш ёфтани иловапулиҳои дар натиҷаи санҷишҳои андоз ҳисобшуда, шумораи миёнасолонаи нафарони ба санҷишҳо сафарбаршуда аз 82 нафар дар соли 2018, ба 56 нафар дар соли 2021 расидааст, ки 31,7% коҳиш ёфтааст. Гузашта аз ин, самараи санҷишҳо ба ҳисоби миёна барои як санҷиши гузаронидашуда аз 120,5 ҳазор сомонӣ дар соли 2018 то ба 308,3 ҳазор сомонӣ дар соли 2021 расидааст, ки бештар аз 155% афзоиш ёфтааст. Маблағи иловапулиҳои дар натиҷаи санҷишҳои андоз ҳисобшуда ба ҳисоби миёна ба як санҷишгар аз 8,9 млн. сомонӣ дар соли 2018 то ба 21,9 млн сомонӣ дар соли 2021 расидааст, ки 146% зиёд мебошад. Дар маҷмуъ, дар давраи солҳои 2018-2021 самараи санҷишҳои андоз дар кишвар бо назардошти коҳиш ёфтани шумораи санҷишгарон мутобиқи солҳо ва афзоиш ёфтани маблағи иловапулиҳои ҳисобшуда барои ҳар як санҷиши андоз тадриҷан боло рафтааст.

Дар шароити муосир тақозо мегардад, ки барои дахолати беасос ба фаъолияти субъектони иқтисодӣ, миқдори соҳибкории ба санҷишҳои андоз фаро гирифташаванда ҳадди ақал бошанд. Ин вазъро аз додаҳои ҷадвали 3, мушоҳида кардан имконпазир мебошад.

**Ҷадвали 3. Вазъи ба назорати андоз ва санҷишҳо фарогирии соҳибкорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2021**

**Table 3. Status of tax control and inspection coverage of entrepreneurs in the Republic of Tajikistan in 2017-2021**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | Тағйирёбӣ бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2021/2017** |
| Шумораи умумии соҳибкорон (ба истиснои соҳибкорӣ тавассути патент), адад | 205 345 | 214 520 | 221 154 | 229 905 | 234 571 | 14,2 |
| Миқдори санҷишҳои андозии соҳибкорон, адад | 9 288 | 6 098 | 5 047 | 3 380 | 3 994 | -56,9 |
| Ҳиссаи соҳибкорони ба санҷиш фарогирифташуда дар шумораи умумии соҳибкорон, % | **4,5** | **2,8** | **2,3** | **1,5** | **1,7** | -2,8 |
| Ҳаҷми маблағҳои пинҳоншудаи андозҳо, ки дар раванди санҷишҳо ошкор шуданд, млн. сом | 712,0 | 734,3 | 516,1 | 517,5 | 1 230,6 | 72,84 |
| Маблағҳои пинҳоншуда, ки рӯёнида шуда пардохта шуданд, млн. сом | 746,2 | 706,5 | 499,8 | 469,9 | 848,7 | 13,74 |
| Таносуби маблағҳои рӯёнидашуда нисбат ба маблағҳои ошкоршуда % | 104,8 | 96,2 | 96,8 | 90,8 | 69,0 | -35,8 |

Сарчашма: Дар асоси ҳисоботҳои давравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи солҳо таҳия шудааст.

Аз додаҳои дар ҷадвали 3 низомбандишуда мушоҳида мегардад, ки дар давраи солҳои 2017-2021 миқдори санҷишҳои андозии соҳибкорон аз 9288 адад то 3994 адад коҳиш ёфтаанд, ки ин нишондиҳанда 57,0%-ро ташкил медиҳад. Инчунин, агар дар соли 2017, 4,5%-и андозсупорандагон мавриди санҷиш қарор гирифта бошанд, пас дар соли 2021 танҳо 1,7%-и соҳибкорон ба санҷишҳои андозӣ фаро гирифта шудаанд. Хосатан дар давраи хуруҷи бемории Ковид-19 коҳишёбӣ чашмрас аст.

Дар маҷмуъ, сиёсати буҷетию андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба натиҷаҳои чораҳои назоратии раванди маъмурикунии андоз мусоидат менамояд ва имкон медиҳад, ки нуқсонҳои ҷойдошта дар ин самт дарёфт ва аз байн бурда шаванд. Дар заминаи таҳқиқ муаллиф ошкор намуд, ки дар шароити муосири татбиқи чораҳои назоратии раванди маъмурикунонии андоз дар кишвар, афзоиши ҳаҷми андозҳо нисбати ҳаҷми ММД назаррас кам мебошад, инчунин вобаста ба рушди сиклии иқтисодиёт ҳаҷми андозҳо дар соли 2020 коҳиш ёфта, миқдори санҷишҳо низ муттаносибан кам шудааст. Ҳамзамон, ҳаҷми иловапулиҳои дар раванди санҷишҳо ошкоршуда афзоиш ёфта, аз як ҷониб, боиси рӯёнидани маблағҳои андоз ва аз ҷониби дигар, афзоиши қарздориҳои андоз дар кишвар шуда истодааст. Ҷанбаи мусбии ин самти маъмурикунонии андоз дар он аст, ки миқдори санҷишҳо ва миқдори соҳибкорони ба санҷишҳо фарогирифташуда коҳиш ёфта истодааст.

Аз мақомоти давлатӣ тақозо мегардад, ки ҳамкории бахши давлатӣ ва хусусиро дар самти андозбандӣ вусъат бахшида, барои баланд бардоштани маърифати андозии андозсупорандагон ва салоҳияти касбии кормандони мақомоти андоз чораҳои муносиб андешида шавад. Дар минтақаҳои кишвар ба матлаб мувофиқ мебуд, агар барои ситонидани қарздориҳои андоз, бояд чораҳои огоҳкунӣ ва маҷбуран ситонидани андозҳо тавсеа дода шаванд.

Инчунин чораҳо зимни такмили раванди натиҷаҳои назорати маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир муҳим мебошанд:

- баланд бардоштани фарҳанги андозии андозсупорандагон ва малакаи кормандони мақомоти андоз бо мақсади натиҷабардории назорати андоз дар маъмурикунонӣ ва ташаккули иқтисодиёти рақамӣ;
- ташкили чораҳо барои рӯёнидани изофапулиҳои дар раванди назорати андоз дар маъмурикунонӣ ошкоршуда, ки ба шароити муосир комилан мувофиқ бошанд;
- татбиқи пурраи иқтидори андоз дар кишвар, ки тавассути муносиб кардани

назорати иҷрои нақшаи воридоти андозҳо, коҳиш додани миқдори қонуншиканиҳои андоз, тақвияти самараи чораҳои назоратӣ имконпазир мебошад.

Ҳамин тавр, чораҳои назоратии андоз яке аз ҷузъҳои калидии маъмурикунонии андоз маҳсуб ёфта, барои такмили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии сиёсати буҷетию андозӣ мусоидат мекунанд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДДҲБСТ – Раҳимов А.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоев М.М. Имтиёзҳои андозию ғайриандозӣ барои субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ ҳамчун омили рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.М. Абдуллоев, Д.Н. Дадоматов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. -№2(40). -С.54-62.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Санаи қабул: 23.12.2021 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.11.2021, №549. -326 с.
3. Маъмуров, А.М. Масъалаҳои баланд бардоштани маърифати андозӣ дар рушди маъмурикунонии андоз / А.М. Маъмуров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. -№1(35). –С.175-184.
4. Маъмуров, А.М. Арзёбии вазъи муосири маъмурикунонии андоз дар сатҳи минтақавӣ / А.М. Маъмуров, С.Б. Саломов // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2022. -№2(91). –С.82-92.
5. Маъмуров, А.М. Такмили маъмурикунонии андоз дар низоми чораҳои танзими рушди иқтисодиёти минтақа: тибқи маводи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис... канд. экон. наук: 08.00.05 / А.М. Маъмуров. -Хуҷанд, 2021. -192 с.
6. Ҳисоботҳои давравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2021.
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2022. -С.414.
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2019. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj (санаи мурочиат: 20.10.2023).
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе, 2016 -99 с. [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/system/files/ArticleAttachments (санаи муроъиат: 10.10.2023).
10. Убайдов Ф.С. Теневая экономика как угроза экономической безопасности и инструменты ее нейтрализации в условиях переходной экономики (на материалах Республики Таджикистан): автореф. дис. … канд. экон. наук: 08.00.05 / Ф.С. Убайдов. -Душанбе, 2012. -24 с.
11. Фармони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи татбиқ ва тартиби истифодаи нархҳои бозорӣ барои мақсадҳои андозбандӣ тавассути барномаҳои компютерии системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо» аз 15.08.2019, - №388.
12. Фармони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз - 22.06.2017. -№270. [Манбаи электронӣ]. URL: www.andoz.tj (санаи мурочиат: 21.01.2024).
13. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11.08.2017, №916. [Манбаи электронӣ]. URL: www. president. (санаи мурочиат: 05.01.2024).
14. Шмойлова Р.А. Общая теория статистики. Учебное пособие. 3-е издание, переработанное / Р.А. Шмойлова. -М.: Финансы и Статистика, 2002. -560 с.
15. Цветков В.А. Совершенствование системы налогового администрирования в России /В.А. Цветков, А.А. Шутьков, М.Н. Дудин, Н.В, Лясников // Финансы: теория и практика. - 2017. -Т.21. -№6. -С.34–49.
16. Шемякина, М.С. О сущности налоговой безопасности / М.С. Шемякина, О.А. Миронова // Инновационное развитие экономики. – 2015. -№6(30). -С.217-225.


## ВАЗЪИ НАЗОРАТИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР ТАТБИҚИ СИЁСАТИ БУҶЕТИЮ АНДОЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Ҷанбаҳои назариявию амалии маъмурикунонии андоз дар раванди татбиқи сиёсати буҷетию андозии давлат таҳқиқ карда шудааст. Дараҷаи омӯзиши илмии масъалаи маъмурикунонии андоз дар доираи таҳқиқоти олимони ватанӣ коркард шудааст. Татбиқи иқтидори андози мамлакат ҳамчун воситаи муҳимми ташаккул ва тавсеаи сарчашмаҳои молияи давлатӣ баррасӣ шудааст. Вазъи муосири чораҳои назоратии маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, тамоюли назорати иҷрои воридоти андозии буҷети давлатӣ таҳлил карда шудааст. Дар асоси таҳқиқ нуқсонҳои ҷойдошта дар раванди татбиқи назорати андоз, дар маъмурикунонӣ дар кишвар ифшо карда шуда, баъзе тавсияҳо ҷиҳати бартараф намудани масъалаҳои соҳа барои давраи оянда пешниҳод гардидаанд. Дар заминаи таҳқиқ нишондиҳандаҳои арзёбии технологияи иттилоотии рақамӣ низомбандӣ гардида, нишондиҳандаҳои сифатии фаъолияти мақомоти андоз ошкор карда шудаанд. Хулоса карда шуд, ки шароити муосири иҷтимоӣ ва иқтисодии рушди кишвар ба такмили технологияи иттилоотии рақамии нав ниёз дорад ва, пеш аз ҳама, низоми маъмурикунонии андозро дар самти баланд бардоштани саводнокии андозии андозсупорандагон оид ба технологияи иттилоотӣ тақозо менамояд.



**Калидвожаҳо:** бақияи қарзи андоз, воридоти андоз, даромади андоз, иқтидори андоз, маъмурикунонии андоз, назорати андоз, сиёсати андоз, сиёсати буҷет.

## КОНТРОЛЬНАЯ СИТУАЦИЯ НАЛОГОВОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ В РЕАЛИЗАЦИИ БЮДЖЕТНО-НАЛОГОВОЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Исследованы теоретико-практические аспекты налогового администрирования в процессе реализации бюджетно-налоговой политики страны. В рамках исследования отечественных ученых разработаны вопросы налогового администрирования. Реализация налогового потенциала государства рассматривается как важнейшийо инструмент формирования и расширения государственных финансов. Произведена оценка современного состояния налогового администрирования в Республике Таджикистан, произведен анализ изменений объема налоговых поступлений в госбюджет страны. На основе проведенного исследования выявлены существующие недостатки в процессе реализации налогового администрирования, предложены некоторые рекомендации для устранения проблем отрасли в будущем. В ходе исследования выявлены показатели для оценки деятельности налоговых органов в области цифрового и качественного налогового контроля. Сделан вывод, что современные социально-экономические условия развития страны, которые требуют совершенствования новых цифровых информационных технологий, в первую очередь, направлены на совершенствование системы контроля налогового администрирования для повышения налоговой грамотности налогоплательщиков в области информационных технологий.

**Ключевые слова:** остаток налоговой задолженности, налоговые поступления, налоговый доход, налоговый потенциал, налоговое администрирование, налоговый контроль, налоговая политика, бюджетная политика.

## CONTROL SITUATION OF TAX ADMINISTRATION IN THE IMPLEMENTATION OF BUDGET AND TAX POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The theoretical and practical aspects of tax administration in the process of implementing the country's fiscal policy have been studied. As part of the research of domestic scientists, issues of tax administration have been developed. The implementation of the tax potential of the state is considered as the most important tool for the formation and expansion of public finances. An assessment was made of the current state of tax administration in the Republic of Tajikistan, and an analysis of changes in the volume of tax revenues to the state budget of the country was carried out. Based on the study, existing shortcomings in the process of implementing tax administration were identified, and some recommendations were proposed to eliminate industry problems in the future. The study identified indicators for assessing the activities of tax authorities in the field of digital and high-quality tax control. It is concluded that the modern socio-economic conditions of the country's development, which require the improvement of new digital information technologies, are primarily aimed at improving the tax administration control system to increase the tax literacy of taxpayers in the field of information technology.

**Keywords:** tax debt balance, tax revenues, tax income, tax potential, tax administration, tax control, tax policy, budget policy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маъмуров Анварҷон Маҳмудҷонович*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мкр-н 17, бинои 1. E-mail: **a.mamurov1974@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Маъмуров Анварджон Махмуджонович*** **-** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кандидат экономических наук, доцент кафедры налогов и налогообложения. **Адрес**: 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, мкр-№ 17, корпус 1. E-mail: **a.mamurov1974@mail.ru**

**Information about author:** ***Mamurov Anvarjon Makhmudjonovich*** **-** Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Taxes and Taxation. **Address**: 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, microdistrict No. 17, building 1. E-mail: **a.mamurov1974@mail.ru**

ТДУ: 332.1

# ТАНЗИМИ ИНФРАСОХТОРИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА РУШДИ ОН ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА

*Осимова М.А.*

**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ усулҳои гуногуни таҳлили рушди минтақаҳои алоҳида ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Ба онҳо усулҳои таҳлили иқтисодию оморӣ, моделиронии иқтисодию риёзӣ, баҳодиҳии экспертию муқоисавӣ ва ғайраҳоро дохил намудан мумкин аст.

Методологияи таҳқиқотии пешниҳоднамудаи мо тавассути таҳлили саволномавии объекти инфрасохтори истеҳсолии минтақа имкон медиҳад, ки доир ба ҳолати ҷории иншооти инфрасохтор маълумоти нисбатан пурратарро дошта бошем. Истифодаи методологияи пешниҳодшуда имконияти ҳалли масъалаҳои зеринро медиҳад:

- истифодаи натиҷаҳои таҳлил дар пешгӯӣ ва коркарди вариантҳои имконпазири рушди объекти таҳқиқот;
- муайянкунии қонуниятҳои асосии равишҳо ва тамоюлҳои назариявию методологии муаммоҳои баррасишаванда;
- ташкилкунии бонки маълумотие, ки дар омори расмӣ мавҷуд нест.

Натиҷаҳои таҳлил, пеш аз ҳама, барои мақомоти давлатии шаҳру ноҳияҳо, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, соҳибкорон ва субъектҳои хоҷагидорӣ заминаи муҳимтарини иттилоотӣ хоҳанд буд. Маълумоти ба дастомада барои сохторҳои бозорӣ ва ғайрибозорӣ муфид буда, метавонад барои ҷалби сармояи хориҷию дохилӣ дар минтақаҳо ё ноҳияҳои алоҳида истифода шавад.

Аз ҷониби мо лоиҳаи пурсишнома барои роҳбарон, мутахассисон, мақомоти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо, истеҳсолкунандагони минтақавӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва оилаҳо таҳия карда шуд.

Ҳадафи асосии ин пурсишномаҳоро мақсадҳои дар поён овардашуда ташкил медиҳанд:

- баҳодиҳии дараҷаи бамиёномадаи таъминоти аҳолии минтақа бо объектҳои инфрасохтори истеҳсолӣ;
- ошкор намудани захира ва имкониятҳои дохилии инкишофи объектҳои инфрасохтори истеҳсолӣ дар сатҳи болоӣ, хоҷагиҳои шахсӣ ва соҳибкорони минтақавӣ;
- муайян намудани роҳҳо ва афзалиятҳои рушди инфрасохтори истеҳсолии минтақа;
- ташаккулдиҳии бонки маълумотҳо ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба механизми татбиқи инфрасохтори истеҳсолӣ дар минтақа.

Ба сифати объекти таҳқиқот хоҷагиҳои хусусӣ, оилавӣ ва ғайра қабул карда шудааст. Пурсуҷӯшудагон бо назардошти намояндагии онҳо дар шароити минтақа, нуқтаҳои аҳолинишини минтақа ва корхонаҳои инфрасохтории ҳамаи шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ интихоб карда шудаанд.

Моҳияти методика, ин аз гузаронидани таҳлили экспертӣ бо роҳи гузаронидани мусоҳиба мутобиқи барномаи коркарднамудаи таҳлили коршинос иборат аст.

Ҳангоми таҳлили экспертӣ рӯйхати таҳлилҳое, ки дар саволномаҳо нишон дода шудаанд, пешниҳод карда мешаванд. Барои таҳлил вариантҳои ҷавоб пешниҳод карда мешаванд, ё худи коршинос ҷавобро таҳия мекунад. Ҳар як таҳлили анкета ба гирифтани маълумот оид ба нишондиҳандаҳои алоҳидаи баҳодиҳии ҳолати муайяни инкишофи инфрасохтори истеҳсолӣ нигаронида шудааст.

Саволномаҳо фарогири шаш гурӯҳи таҳлилҳо доир ба хусусиятҳои рушди инфрасохтори истеҳсолӣ дар минтақа мебошад.

Таҳлили аввалини анкета имконият медиҳад, ки мавҷудияти иншооти инфрасохтори истеҳсолӣ дар минтақа ба таври миқдорӣ баҳодиҳӣ карда шавад.

Дар ин ҷо, дар назар дошта мешавад, ки доир ба ҳолати таъминоти аҳолии минтақа бо манзил, объектҳои хоҷагии коммуналӣ, тандурустӣ ва маориф бо назардошти

хусусиятҳои маҷмуии онхо (дараҷабандӣ, заминаи моддию техникӣ, кадрҳо, дурӣ аз макони истиқоматӣ ва ғайра) маълумот ба даст оварда шавад.

Ҳамчунин, намояндагони гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ: роҳбарону мутахассисони муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, соҳибкорон низ ба натиҷаҳои таҳлилҳо таваҷҷуҳи амалӣ доранд.

Таҳлили дуюм доир ба истифода додани объектҳои нави инфрасохтори истеҳсолӣ имконият медиҳад, ки доир ба сармоягузории воқеии воситаҳои пулӣ ба сохтмони объектҳои алоҳида дар минтақа маълумот ба даст оварда шавад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Сармоягузории ба капитал аз рӯи шаклҳои хоҷагидорӣ барои рушди инфрасохтори иҷтимоию истеҳсолӣ дар вилояти Суғд дар солҳои 2014-2022 дар нархҳои ҷорӣ, ҳазор сомонӣ [7,с.263]**

**Table 1. Investments in capital according to economic forms for the development of social and industrial infrastructure in Sughd region in 2014-2022 at current prices, thousands of somoni**

| | 2014 | 2015 | 2016 | 2018 | 2022 | Афзоиши соли 2022 ба 2014 сол |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | **1380862,7** | **1658924,8** | **1925043,1** | **1514773,8** | **2594088,9** | **1,88** |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| давлатӣ | 251540,2 | 334968,3 | 381071,1 | 436457,2 | 663384,6 | 2,66 |
| корхонаҳои кишоварзӣ | 1870,5 | 145,8 | - | - | - | - |
| аҳолӣ | 100364,4 | 101380,5 | 117384,5 | 154627,5 | 232540,7 | 2,32 |
| корхонаҳои муштарак | 509833,8 | 276310,1 | 179940,8 | 132979,5 | 229652,3 | - 0, 45 |
| сармояи хориҷӣ | 185077,4 | 667953,7 | 978778,5 | 482342,1 | 831160,7 | 4,49 |
| кооператсияи матлуботӣ | 6046,5 | 1744,6 | 4410,6 | 2766,5 | 421,0 | - 0,70 |
| Ҷамъиятҳои саҳомӣ | 41061,8 | 40618,3 | 29862,1 | 77973,1 | 85663,2 | 2,1 |
| ҶДММ ва соҳибкории хусусӣ | 280697,4 | 235803,5 | 232722,9 | 227063,9 | 543915,5 | 1,93 |
| хоҷагиҳои деҳқонӣ | 4370,7 | - | 872,6 | 564,0 | 7350,9 | 1,68 |

Аз нишондиҳандаҳои омории ҷадвали овардашуда дида мешавад, ки дар низоми танзими инкишоф ва ҷойгиркунии инфрасохтори истеҳсолӣ дар минтақа якчанд самтҳои асосӣ ҷудо карда шудаанд. Сараввал, вай имконият медиҳад, ки натиҷаҳои амалишавии барномаи мақсадноки рушди инфрасохтори истеҳсолии минтақа ба назар гирифта шаванд. Сониян, самти мазкур нишон медиҳад, ки мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар шахси ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳр ва минтақа ҷиҳати бо хизматрасонӣ таъмин намудани аҳолии минтақа чи тавр кумак мерасонад. Сеюм, кадом номгӯи ҳуҷҷатҳо барои пешгӯӣ, барои инкишофи объектҳои инфрасохтор мебошанд (пешгӯиҳои солона ва дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, нақшаҳои ноҳиявӣ ва ғайраҳо) асос маҳсуб меёбанд. Чорум, самт-дараҷаи иштироки субъектҳои хоҷагидории алоҳидаи минтақа ва аҳолии он дар бунёди объектҳои нави инфрасохторӣ. Ва ниҳоят, панҷум, самаранокии тамаркузи ҳамаи объектҳои инфрасохтор бояд дар тавозуни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии минтақа қарор дошта, ҳамеша тамоюли назоратиро дошта бошад. Аз рӯи нишондоди оморӣ ҳаҷми умумии сармоягузории ба капитал аз рӯи шаклҳои хоҷагидорӣ, агар дар соли 2014 1380862,7 ҳазор сомониро ташкил карда бошад, он гоҳ дар соли 2022 бо ҳаҷми 2594088,9 ҳазор сомонӣ ташкил дод, ки ин дар ин давра тақриба ба 1,88 маротиба афзоишро инъекос намуд.

Дар умум, дар самтҳои асосии рушди инфрасохтори истеҳсолӣ бо назардошти афзоиши шумораи он дар дурнамо бояд нақши асосиро худи аҳолӣ бозад. Дар баробари васеъ шудани ислоҳоти бозорӣ ва афзоиши даромаднокии аҳолӣ, имкониятҳои онҳо барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ба манзил, хизматрасонии маишӣ ва ғайра зиёд мешавад.

Ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ чунин омилҳо таъсири назаррас мерасонанд:

- маблағгузории пурра ё ҳиссавии рушди инфрасохтор аз ҷониби соҳибкорон ё

корхонаҳои алоҳидаи дар ҳудуди минтақа ҷойгирбуда;

- бо масолеҳи сохтмонӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё минтақавӣ таъмин намудани онҳо;

- сатҳи таъминнокӣ бо хизматрасониҳои инфрасохтори бозорӣ (бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои молиявӣ барои соҳибшавӣ ба қарз, ширкатҳои суғуртавӣ барои суғуртаи амвол, муассисаҳои машваратӣ ва ғ.).

Дар шароити нарасидани захираҳои молиявӣ ва маҳдуд будани маблағҳои буҷетӣ, ҳалли тамоми мушкилоти ба рушди инфрасохтори истеҳсолии минтақа мансуббуда, хеле душвор аст. Бинобар ин, таҳлили панҷум ба интихоби самтҳои афзалиятноки рушди инфрасохтори истеҳсолӣ нигаронида шудааст, ки аҳаммият ва афзалияти онҳо дар ҳар минтақа гуногун аст.

Муайян намудани самтҳои асосии афзалиятноки рушди инфрасохтори истеҳсолии минтақа баъди ба ҳар як объекти инфрасохтор бахшидани дараҷа, вобаста ба аҳаммияти он барои аҳолӣ сурат мегирад.

Дар шароити минтақа, нуқтаҳои аҳолиниши он ва хоҷагиҳои алоҳида объектҳои алоҳидаи инфрасохтор, ки айни ҳол серталаб ва заруранд, муайян карда шуда, сатҳе ба онҳо бахшида мешавад, ки дар марҳилаи ҷории рушди иҷтимоию иқтисодӣ нишондиҳандаи аҳаммиятнокӣ ба ҳисоб меравад. Дараҷабандии объектҳои инфрасохтори истеҳсолӣ дар минтақа ҳамчун заминаи хуби иттилоотӣ барои азнавтақсимкунии маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ барои ҳалли муаммоҳои аввалиндараҷа дар ин минтақа ё он минтақа, маҳалли аҳолинишин хизмат мекунад [1,с.35].

Ба ғайр аз дараҷабандии объектҳои инфрасохтори истеҳсолӣ, муҳимтаринаш, ин пешниҳодҳои ба механизмҳои иқтисодию ташкилии татбиқ оид ба рушди объектҳои алоҳидаи инфрасохтор бахшида шудааст, мебошад.

Дар байни механизмҳои ташкилию ҳуқуқӣ метавон такмили сохтори ташкилии мақомоти давлатии ноҳияҳо бо мақсади танзими оқилонаи рушди инфрасохтор дар минтақа, коркарди стандартҳои ҳадди ақали истеъмоли хизматрасонӣ аз ҷониби аҳолӣ ва ғайраро қайд намудан мумкин аст.

Мавқеи махсусро дар таҳлили таҳқиқот ба механизмҳои иқтисодии тараққӣ додани объектҳои алоҳидаи инфрасохтори истеҳсолӣ дода мешавад. Дар байни онҳо имтиёзҳои андозию қарзӣ барои аҳолии минтақа, ҷудо кардани қитъаҳои замин барои сохтмони объектҳои нишондоди истеҳсолӣ, таъмини имтиёзӣ ба масолеҳи сохтмонӣ, мусоидат дар омодасозии кадрҳо, расонидани хизматрасонии нақлиётӣ, хизматрасонӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва алоқа мегирад. Аммо, бояд қайд кард, ки доир ба имтиёзҳои андоз, шояд эътибори ҷиддӣ хоҳад дод. Масъалан, олими ватанӣ Маъмуров А.М., ки дар таҳқиқоти худ оид ба афзалиятҳои низоми маъмурикунонии андоз ва имтиёзҳои он яке аз вазифаҳои асосии амнияти буҷетию андозӣ мебошад, таъкид менамояд [5,с.138].

Дастгирии фаъолияти инфрасохтори амалкунанда ва сохтмони объектҳои нави инфрасохторӣ бояд дар асоси муносибатҳои шартномавӣ байни мақомоти ҳокимияти давлатии минтақа ва субъектҳои хоҷагидор сурат гирад. Дар шартномаҳо бояд иҷрои аниқ ва саривақтии уҳдадориҳоеро, ки тарафҳо дар асоси механизми иқтисоди бозаргонӣ ба зимма гирифтаанд, пешбинӣ карда шавад.

Бо мақсади танзим ва кам кардани дараҷаи дифференсиалӣ дар таъминоти объектҳои инфрасохтори истеҳсолӣ дар ноҳияҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ қафомондаи минтақа фонди махсуси дастгирии онҳо пешбинӣ карда шудааст.

Маълумотҳои иттилоотӣ ва пешниҳодҳое, ки дар рафти таҳлили анкета гирифта ва коркард шудаанд, барои назорат ва пешгӯии рушди объектҳои инфрасохторӣ ҳамчун замина хизмат менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқотию пешгӯиро барои қабули қарорҳои тактикӣ ва стратегӣ доир ба рушди инфрасохтори истеҳсолии минтақа истифода бурдан мумкин аст. Дар ҷанбаи назариявию методологӣ шакли тавсияшудаи таҳқиқоти инфрасохтори истеҳсолӣ, барои такмили кори таҳлилӣ дар маҳал, коркарди чорабиниҳои амалие, ки ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ дар минтақаи таҳқиқшаванда нигаронида шудааст, ҳамчун асос хизмат менамояд.

Дар шароити муосир ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ омилҳои гуногуне таъсир мерасонанд, ки онҳо ҳам ба рушди он ҳавасманд мебошанд ва ҳам ҳамчун омилҳои монеакунанда амал мекунанд. Омӯзиши ин омилҳо то рафт мубрамияти хос пайдо карда истодааст, чунки онҳо шароити перспективии рушди инфрасохтори истеҳсолиро дар минтақаҳо муайян мекунанд. Ошкор кардани ин омилҳо, муайян намудани муҳити таъсирбахши онҳо, муқаррар намудани алоқаи байни ин омилҳо бо мақсади таҳлили омилӣ ва моделиронии раванди инкишофи инфрасохтори истеҳсолӣ вазифаи фасли мазкури таҳқиқоти мо мебошад.

Омӯзиши адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар амалия методологияҳои гуногуни таҳқиқи омилҳои рушди инфрасохтори истеҳсолии минтақа вуҷуд доранд. Тибқи яке аз ақидаҳои илмӣ, ки онро олими рус А.В. Гукова [3] низ дастгирӣ мекунад, омилҳои инфрасохтори истеҳсолиро ба чунин гурӯҳҳои калон тақсим намуда, омӯхтан ва баррасӣ намудан мумкин аст: табиию ҷуғрофӣ, иқтисодӣ, техникию технологӣ, сиёсию ҳуқуқӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ.

Муҳаққиқ Гукова А.В., ин омилҳоро баррасӣ намуда, ҳамчунин онҳоро ба омилҳои беруна ва дохила тақсим мекунад [3]. Омилҳои беруна дар сатҳи макро ва мезо ба вуҷуд меоянд ва ба рушди инфрасохтори истеҳсолии минтақа бевосита ё бавосита таъсир мерасонанд. Омилҳои дохилӣ дар худи минтақа ба вуҷуд меоянд ва барои фаъолияти субъектҳои инфрасохтори истеҳсолӣ монеа мешаванд.

Мо низ тарафдори методологияи мазкур буда, ин гурӯҳи омилҳоро дар шароити вилояти Суғд мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Дар мақоли мазкур таъсири дараҷаи омилҳои гуногун ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ҳамчун вазифаи асосӣ муқаррар карда шудааст. Аммо барои гузаронидани ҳисобҳои таҳлилие, ки таъсири омилҳоро ба сатҳи инфрасохтор нишон медиҳад, сараввал омилҳоро ба низом даровarда, сипас нишондодҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаро интихоб кардан лозим аст. Маҳз ҳамин, яъне ба низом дарории омилҳо, нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбӣ ҳамчун методологияи гузаронидани таҳқиқоти минбаъда дар доираи кори мо баромад мекунад.

Чи тавре дар боло зикр карда шуд, дар адабиёти илмӣ таснифоти гуногуни омилҳои ба сатҳи инкишофи инфрасохтори истеҳсолӣ таъсиркунандаро дучор омадан мумкин аст. Бархе аз онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Ба андешаи доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Корабейников И.Н., ва дигарон, самаранокии истеҳсолот, тақсим ва фурӯши мол аз маҷмуи элементҳо ё омилҳо иборат аст, ки аз байни онҳо асоситаринаш инҳо мебошанд:

- дастовардҳои илмию техникӣ ва инноватсияҳо;
- омилҳои асъорӣ ва молиявӣ (қурби асъор, самаранокии фаъолияти бозорҳои молиявӣ ва низоми қарзию молиявӣ, сиёсати андозӣ ва ғ.);
- захираҳои меҳнатӣ (тахассусмандии қувваи корӣ);
- омилҳои иқтисодии хориҷӣ (сиёсати гумрукӣ, миқёси истеҳсолот дар корхонаҳо, сатҳи байналмилалии истеҳсолот ва сармоя, ҳамгироии минтақавӣ, сиёсати иқтисодии хориҷӣ ва ғ.);
- муҳити институтсионалӣ (мустақилияти ҳокимияти судӣ, сатҳи фасод, мавҷудияти институтҳои ғайрирасмӣ, механизмҳои танзими фаъолияти иқтисодӣ ва ғ.);
- сиёсати давлатӣ [4].

Омилҳои аз ҷониби олими мазкур ба назар гирифта шуда, омилҳои асосӣ мебошад. Бинобар ин, ҳангоми таҳлили инфрасохтори истеҳсолии минтақа вай бояд ба назар гирифта шавад. Илова бар ин, омилҳои дар боло қайдшуда бо ҳамдигар робитаи муайянеро соҳиб буда, чунин ба назар мерасад, ки онҳо якдигарро пурра мекунанд. Масалан, агар муҳити институтсионалиро гирем, он ба сатҳ ва таркиби дигар омилҳои таркибӣ таъсир мерасонад: сиёсати давлатӣ аз муҳити институтсионалӣ вобаста аст, зеро заминаи ҳуқуқӣ, воситаҳое, ки барои татбиқи сиёсати давлатӣ истифода мешаванд, ҳамкории мақомоти давлатӣ, унсурҳои муҳити институтсионалӣ буда, асоси татбиқи сиёсати иқтисодии давлатиро ташкил медиҳанд. Ба ҳамин минвол метавон муносибати байни омилҳои дигарро, ки профессор И.В. Шевченко дида баромадааст, баррасӣ кард [14,с.12].

Лозим ба ёдоварист, ки дар мисоли мо, сухан дар бораи рушди инфрасохтори истеҳсолӣ меравад, на худи истеҳсолот. Аз ин рӯ, ба тарикиби омилҳои боло инфрасохтори истеҳсолиро низ ворид намудан мумкин аст, чунки самаранокии ташкили истеҳсолот дар минтақа бевосита аз сатҳи он алоқаманд аст.

Дар ин бобат муҳаққиқи рус Т.К. Гилядов, дуруст қайд намудааст, ки объектҳои инфрасохтори истеҳсолӣ байни ҳамдигар алоқаи зич доранд. Барои ташаккули инфрасохтори самараноки истеҳсолӣ, низоми сармоягузорӣ дар минтақа бояд таъсис дода шуда, рушди чунин низомҳои иқтисодиеро таъмин намояд, ки ба шароити мавҷудаи иҷтимоию иқтисодии минтақа мувофиқат намуда, самараи максималии мусбати сармоягузориро ба иқтисоди минтақа таъмин намояд [2]. Мувофиқан ба ин, яке аз омилҳои муҳимтарини рушди инфрасохтори истеҳсолии минтақа, ин сармоягузорӣ ба бахши мазкур мебошад, ки махсусан дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле мубрам аст. Дар шароити муосир сатҳи ташкили истеҳсолот дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти вилояти Суғд нишон медиҳад, ки дар ташаккули инфрасохтори самараноки истеҳсолӣ як қатор монеаҳо мавҷуданд, ки сатҳи истифодаи имконият ва иқтидори минтақаро паст мекунанд.

Дар ин шароит ба ғайр аз сармоягузорӣ омилҳои муҳимми такмилдиҳӣ ва рушди инфрасохтори истеҳсолӣ бо ҳамоҳангсозӣ заруранд:

- сиёсати иқтисодии ҳавасмандгардонии минтақа;
- омилҳои ташкилие, ки ташаккули низоми самараноки иншооти инфрасохториро таъмин мекунанд;
- омилҳои табиию иқлимие, ки ба ҷойгиршавии ҳудудӣ ва махсусгардонии истеҳсолот мусоидат мекунанд;
- сатҳи рушди пешрафти илмию техникӣ, ки боиси ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии истеҳсолот мегардад, характери истифодабарии захираҳои мавҷудаи молиявӣ, меҳнатӣ ва ғайра мебошад.

Қайд намудан зарур аст, ки омилҳои дар боло зикршуда омилҳои асосӣ мебошанд. Ба сохтори онҳо як қатор омилҳои дигарро низ дохил намудан мумкин аст ва ин ба пайдоиши таъсири сохторӣ мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, дараҷаи таъсири онҳо дар сатҳҳои гуногуни рушди иҷтимоию иқтисодӣ гуногун хоҳад буд, бинобар ин, дар рафти таъсир аз нишондиҳандаҳои ҷории рушди иҷтимоию иқтисодӣ баромад кардан лозим аст.

Ҳангоми таҳлили рушди инфрасохтори истеҳсолӣ як қатор нишондиҳандаҳоеро истифода бурдан мумкин аст, ки ҳолати ҳозира ва самтҳои инкишофи инфрасохтори истеҳсолиро инъикос мекунанд. Дар ин ҷо нишондиҳандаҳои интегралиро ташкил намудан лозим аст, ки сохтори инфрасохтори истеҳсолиро нисбатан пурратар инъикос мекунанд.

Ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, пеш аз ҳама, омилҳои иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Барои асоснок кардани таъсири онҳо ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, метавон аз модели таҳлили омилҳо истифода бурд, ки дар он ҳамаи омилҳои инфрасохторро муттаҳид намудан мумкин аст. Дар робита ба ин, яке аз омилҳои муҳим метавонад ҷойгиршавии истеҳсолот бошад, чунки маҳз он таркиб ва сохтори сифатии инфрасохтори истеҳсолии минтақаро муайян мекунад. Профессор Морозова Т.Г., муҳимтарин омилҳоеро, ки ба сатҳи ҷойгиршавии истеҳсолот дар минтақа бевосита таъсир мерасонанд, қайд намудааст. Ба онҳо дохил кардан мумкин аст:

1. Шароити табиӣ ва хусусиятҳои фаъолияти истеҳсолии ширкат (коркарди канданиҳои фоиданок ё парвариши зироатҳои хоҷагии қишлоқ, истеҳсоли маҳсулоти байнӣ ё ниҳоӣ, пешниҳоди хизматрасонӣ ва ғайра).
2. Хароҷоти нисбӣ ба истеҳсолот дар ҳудудҳои гуногун, ки бо назардошти хароҷоти фурӯш, инчунин хароҷотҳои нақлиётӣ ҳангоми ба истеъмолкунандагон расонидани маҳсулот тасҳеҳ карда шудааст, ки барои ба даст овардани бартариҳои нисбӣ нисбат ба дигар рақибон пешбинӣ шудааст [8].

Ин омилҳо дар навбати худ ҳамчун омили рушди босифати инфрасохтори истеҳсолӣ дар минтақа баромад мекунанд. Бояд қайд кард, ки байни ҷойгиршавии истеҳсолот ва инфрасохтори истеҳсолӣ робитаи умумӣ вуҷуд дорад, ки дар сифати худи инфрасохтори

истеҳсолии минтақа инъикос меёбад. Ин маънои онро дорад, ки аз сатҳи рушди инфрасохтори истеҳсолӣ самаранокии ҷойгиркунии истеҳсолот вобаста аст, ки дар натиҷа самаранокии умумии истеҳсолот дар ҳолати кам кардани хароҷотҳои истеҳсолӣ ба даст оварда мешавад.

Аз ин рӯ, дар ҳар шакли сармоягузории молиявӣ, пеш аз ҳама, сатҳи рушди инфрасохтори истеҳсолӣ баҳо дода мешавад. Дар ин бобат муҳаққиқони рус С.Н. Растворсева Е.Е. ва Колчинская В.С., ҳамчунин омили хеле муҳимми марбут ба сатҳи рушди инфрасохтори истеҳсолии минтақаро таъкид мекунанд. Ба андешаи онҳо, аз сифати инфрасохтор имконияти рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ вобаста аст, ки дар навбати худ истеҳсолоти саноатиро ҳавасманд мекунад. Таъсисдиҳии минтақаҳои озоди иқтисодӣ, такмили инфрасохтори нақлиётӣ ва фаъолияти фаъоли корхонаҳо имкон медиҳад, ки омили иқтисодии хориҷӣ ва бартариҳои тақсимоти байналмилалии меҳнат ба таври конструктивӣ истифода бурда шавад, ки ин ба самаранокии минтақа дар маҷмуъ таъсири мусбат мерасонад [6].

Дар доираи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои дигари махсусгардонидашудае ҳастанд, ки ба ин ё он тарз ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ таъсир мерасонанд. Барои таҳлили муфассалтари ин омилҳо онҳоро ба якчанд гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намудан лозим аст. Шартан омилҳои мазкурро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст: омилҳое, ки ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ таъсири мусбат мерасонанд ва омилҳое, ки ба инкишофи инфрасохтори истеҳсолӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДДҲБСТ – Абдуқодиров Х.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдукодиров, Х.А. Некоторые проблемы производственной инфраструктуры в трансформационной экономике Республике Таджикистан / Х.А. Абдукодиров // III - международная научная конференция молодёжи. Переяслав-Хмельницький. -Киев. 2012. -С.30-38.
2. Гилядов, Т.К. Оценка факторов развития региональной производственной инфраструктуры // Вестник Российского экономического университета им. Г.В. Плеханова. – 2012. -№4. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/ (дата обращения 15.10.2018).
3. Гукова, А.В. Производственная инфраструктура в экономике региона. Дисс. на соис. уч. степ. к.э.н. / А.В. Гукова. –Волгоград, 1999. -161 с.
4. Корабейников, И.Н., Счастьева Л.М., Токарева Ю.С., Корецкая И.М. Факторы, влияющие на эффективное функционирование регионального производственного комплекса // Вестник Оренбургского государственного университета. - 2009. -№4. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/ (дата обращения 14.10.2018).
5. Маъмуров, А.М. Сочетание фискальных и стимулирующих функций налоговой системы в обеспечении финансово-экономической безопасности / А.М. Маъмуров, Т.М. Тухтаев // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2012. -№3(51). -С.136-147. – EDN PJHPPX.
6. Растворцева, С.Н., Колчинская Е.Э., Савченко В.С. Анализ инфраструктурных факторов промышленного развития в регионе // Научные ведомости Белгородского государственного университета. Серия: Экономика. Информатика. - 2015. -№19(216). -Выпуск 36/1. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n (дата обращения: 8.09.2018).
7. Омори солонаи вилояти Суғд (нашри расмӣ). -Хуҷанд: Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2023. -420 с.
8. Региональная экономика: проблемы и перспективы / Под ред. проф. Т.Г. Морозовой. -2-е изд., перераб. и доп. -М.: Банки и биржи, ЮНИТИ, 2018. -472 с.
9. Регулирование регионального рынка жилой недвижимости: Монография / С.Б. Глоба, Ю.А. Журавлев -М.: НИЦ ИНФРА-М; Красноярск: Сибирский федеральный ун-т, 2013. - 96с.: 60x88 1/16. - (Научная мысль). (о) ISBN 978-5-16-006367-6, 300 экз. [Электронный ресурс]. URL: http://znanium.com/bookread.php?book=374566
10. Темирова З.У. Некоторые особенности управления развитием производственной инфраструктуры регионального промышленного комплекса / З.У. Темирова, Б.Т. Хайтаев // Вестник Академии знаний. – 2019. -№5(34). -С.222-227.
11. Третьяк С.И. Производственная инфраструктура в составе национальной экономики России / С.И. Третьяк. -Хабаровск: Изд-во ДВГУПС, 2011. -130 с.
12. Тюрбеев О.Г. Роль внешних формальных институциональных факторов в развитии региональных экономических систем / О.Г. Тюрбеев // Естественно-гуманитарные исследования. - 2020. -№27(1). -С.202-206.
13. Уянаев Б.Б. Новая модель развития сельских территорий и обеспечения продовольственной безопасности / Б.Б. Уянаев, В.С. Мисаков // Известия Кабардино-Балкарского научного центра РАН. - №3(65). -С.135-140.
14. Шевченко, И.В. Особенности и тенденции организации инвестиционных процессов в сфере развития транспортно-логистической инфраструктуры промышленности / И.В. Шевченко, А.А. Кизим, Л.Я. Мищенко //

Национальные интересы: приоритеты и безопасность. - 2014. -№31. -С.2-16.
15. Шумаев В. Инфраструктура товарных рынков / В. Шумаев // Экономист. - 2017. -№10. -С.43-47.

## ТАНЗИМИ ИНФРАСОХТОРИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА РУШДИ ОН ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА

Дар мақола муаммоҳои инфрасохтори истеҳсолии вилояти Суғд сухан меравад. Аз ҷумла, муаллиф вазъияти кунунии инфрасохтори истеҳсолии вилоятро дар низоми хоҷагии халқ омӯхтааст; -таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти баланд бардоштани рақобатпазирии инфрасохтори истеҳсолии минтақа муайян ва баррасӣ карда шудааст; - хусусиятҳои мушаххас ва самтҳои амалии такмили равандҳо ва самтҳои рушди он мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки онҳоро дар рушди низоми иқтисодии минтақаҳои Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст; – муносибати муқоисавии рушдро таҳлил карда, инфрасохтори истеҳсолии минтақа; - тамоюли рушди рақобатпазирии минтақаҳои истеҳсолӣ муқаррар карда шудааст, ки ин нишон медиҳад, ки ҳамкорӣ бо корхонаҳои хурду миёна барои минтақаҳои иқтисоди миллӣ, барои кам кардани арзиши маҳсулот муфид аст; - таҳлили роҳҳои такмили инфрасохтори истеҳсолӣ пешниход ва муайян карда шудааст; – самтҳои асосии такмили инфрасохтори истеҳсолии вилоят пешниҳод шудаанд, ки иборатанд: - инкишоф додани шаклҳои махсуси шарикии давлат ва соҳибкор дар самти татбиқи таҳқиқоти самарабахши илмию техникӣ; – самти муҳим ва мустаҳкам намудани сохтори истеҳсолоти минтақа ва ғ. таҳқиқ шудааст.

**Калидвожаҳо:** инфрасохтор, истеҳсолот, рақобат, самаранокӣ, захираҳо, хизматҳо, минтақа.

## РЕГУЛИРОВАНИЕ ПРОИЗВОДСТВЕННОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ И ЕЕ РАЗВИТИЕ В ЭКОНОМИЧЕСКОЙ СИСТЕМЕ РЕГИОНА

В статье рассматриваются проблемы производственной инфраструктуры региона. В частности, автором раскрыто текущее состояние производственной инфраструктуры региона в системе национальной экономики; - отождествлен и рассмотрен опыт развитых стран по поводу повышения конкурентоспособности производственной инфраструктуры региона; - изучены специфические особенности и практические направления по совершенствованию процессов и направлений ее развития, которые могут применяться в развитии экономической системы регионов Таджикистана; - анализирован сравнительный подход по развитию производственной инфраструктуры региона; - выявлены тенденции развития по повышению конкурентоспособности производственных сфер, которые показывают, что для регионов национального хозяйства представляется выгодным сотрудничать с малыми и средними предприятиями для снижения производственных затрат; - предложены и конкретизированы пути их повышения; - предложены основные направления по совершенствованию производственной инфраструктуры региона, которые заключаются: в развитии особых форм партнерства между государством и бизнесом в плане выполнения эффективных научно-технических разработок; - исследованы важные направления в структуре производства, в экономической системе региона.

**Ключевые слова:** инфраструктура, производство, конкуренция, эффективность, ресурс, услуги, регион.

## REGULATION OF PRODUCTION INFRASTRUCTURE AND ITS DEVELOPMENT IN THE ECONOMIC SYSTEM OF THE REGION

The article discusses the problems of the region's production infrastructure. In particular, the author reveals the current state of the region’s production infrastructure in the national economic system; - the experience of developed countries regarding increasing the competitiveness of the region’s production infrastructure is identified and reviewed; - specific features and practical directions for improving the processes and directions of its development, which can be used in the development of the economic system of the regions of Tajikistan, have been studied; - a comparative approach to the development of the region’s industrial infrastructure is analyzed; - development trends have been identified to increase the competitiveness of production areas, which show that it seems beneficial for regions of the national economy to cooperate with small and medium-sized enterprises to reduce production costs; - ways to increase them are proposed and specified; - the main directions for improving the production infrastructure of the region are proposed, which consist of: developing special forms of partnership between the state and business in terms of carrying out effective scientific and technical developments; - important directions in the structure of production and in the economic system of the region were studied.

**Keywords:** infrastructure, production, competition, efficiency, resource, services, region.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Осимова Мавлудахон Мавлоновна*** - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ. **Суроға**: 700735, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, микроноҳия, 17, хонаи раками 1

**Сведения об авторе:** ***Осимова Мавлудахон Мавлоновна*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, ассистент кафедры экономическая теория. **Адрес**: 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, мкр-№ 17, корпус 1

**Information about the author:** ***Osimova Mavludakhon Mavlonovna*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, assistant at the department of economic theory. **Address**: 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, microdistrict No. 17, building 1

ТДУ: 33:614.2(575.3)

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ИМРӮЗАИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ТИББӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Султонов З.С., Ибодов Н.Ҳ.*
**Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Суғуртаи тиббӣ ба намудҳои суғуртаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок тааллуқ дорад, ки ҳифзи солимии аҳолӣ аз хатарҳои марбут бо аз даст додани саломатӣ ё қобилияти кориро таъмин менамояд. Сегменти хизматрасониҳои суғуртаи ихтиёрии тиббӣ, ки дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият ташаккул ёфтааст, самаранокӣ ва қобилияти қонеъ гардонидани ниёзҳои шаҳрвандон дар гирифтани ёрии тиббии босифатро собит кардааст. Аммо бинобар гарон будани арзиши он ва кам будани сатҳи даромаднокии аҳолӣ он ба ҳама қишри ҷомеа дастрас набуда, қисми зиёди аҳолӣ аз суғуртаи ҳатмии тиббӣ ва ё ба дигар роҳҳо саломатии худро барқарор менамоянд. Ҳар сол дар Тоҷикистон бад шудани вазъи демографӣ, паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, мушкилоти экологӣ ба миён омада, саломатии репродуктивии аҳолӣ коҳиш меёбад. Ин омилҳои боиси нигаронӣ буда, диқати махсусро аз тарафи давлат талаб менамояд. Зеро яке аз ҳадафҳои иҷтимоии давлат, бояд рафъи буҳрони демографӣ ва муайян кардани роҳҳои беҳбуди вазъи демографӣ дар кишвар бошад. Омилҳои демографӣ яке аз омилҳои муайянкунандаи таъмини рушди устувор ва бехатарии давлат ба ҳисоб рафта, мушкилоти инкишофи оптималии демографиро ҳамчун манфиатҳои аввалиндараҷаи давлат, омил ва дар айни замон натиҷаи фаъолияти он ҳисоб кардан лозим аст.

Инкишофи суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон раванди объективӣ ба ҳисоб меравад. Арзиши хизматрасонии тиббӣ дар муассисаҳои тиббии хусусӣ ва имконнопазирии гирифтани ёрии босифати тиббӣ дар муассисаҳои тиббии давлатӣ вазъиятеро ба вуҷуд меорад, ки ягона воситаи қобили қабули маблағгузории эҳтиёҷоти тиббӣ, бастани шартномаҳои суғуртаи тиббӣ мебошад.

Дар айни замон, суғуртаи тиббӣ дар қаламрави Ҷумхурии Тоҷикистон танҳо ба таври ихтиёрӣ таъмин карда мешавад. Мутаассифона, ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии тиббӣ ҳамчун алтернатива ба маблағгузории буҷети соҳаи тандурустӣ дар кишвари мо сурат нагирифт.

Ҳамин тавр, яке аз унсурҳои муҳимми низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар самти ҳифзи саломатӣ ва таъмини ёрии зарурии тиббӣ - суғуртаи ҳатмии тиббӣ баромад мекунад.

Суғуртаи иҷтимоӣ (аз ҷумла суғуртаи ҳатмии тиббӣ), бояд ҳамчун низоми махсуси ташкили муносибатҳои молиявӣ барои татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат, ки ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва таъминоти моддии шаҳрвандон дар ҳолати гум кардани қобилияти корӣ, маъюбӣ, пиронсолӣ, инчунин ҳифзи саломатӣ нигаронида шудааст, баррасӣ карда мешавад. Ба сифати объекти суғуртаи иҷтимоӣ дар маҷмуъ, тамоми аҳолӣ ё гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ, ки аз рӯи меъёрҳои мавҷудияти хавфҳои иҷтимоӣ муайян карда шудаанд, баромад мекунанд ва шартҳои фаъолияти низоми суғуртаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дахлдор муқаррар карда шудаанд. Ҳамзамон, бархе аз онҳо дар марҳилаи ниҳоии татбиқ қарор доранд.

Аз нигоҳи мо, суғуртаи иҷтимоӣ барои баҳодиҳии сатҳи иҷроиши яке аз вазифаҳои асосии давлат – такрористеҳсоли сармояи инсониву ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва исбот кардани он, ки бе иштироки давлат дар таъминоти молиявии соҳаи тандурустӣ муносибатҳои озоди бозорӣ наметавонанд барои амалисозии вазифаҳои иҷтимоии давлат шароити мусоид фароҳам оваранд, роҳ ҳамвора мекунад.

Аз ин хотир, ҳамчун яке аз унсурҳои муҳимми низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар самти ҳифзи саломатӣ ва таъмини ёрии зарурии тиббӣ - суғуртаи ҳатмии тиббӣ баромад мекунад. Ва аз сабаби он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати унитарӣ (ягона) муқаррар

гардидааст, суғуртаи ҳатмии тиббӣ (СҲТ) низ бояд аз рӯи як барнома амал кунад ва фонди марказонидашудаи алоҳидаро соҳиб бошад.

Суғуртаи ҳатмии тиббӣ ҳамчун низоми маблағгузории соҳаи тандурустӣ ва идоракунии босифати он дар сатҳи каму зиёд амалан дар бештари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла ИДМ, истифода мешавад, ки имконияти ягонаи он амалигардонии санҷиш ё озмоиши сифати ёрии тиббӣ ва сарчашмаи иловагии маблағгузории ғайрибуҷетии соҳаи тандурустӣ мебошад.

Дар амалияи фаъолияти ташкилотҳои суғуртакунандаи бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳанӯз аз сабаби таҳия ва татбиқ нагардидани сарчашмаҳои ҳуқуқӣ-меъёрӣ ва механизми раванди он - суғуртаи ҳатмии тиббӣ ҷорӣ нагардидааст. Айни замон дар бозори суғуртаи ҷумҳурӣ 16 ширкати суғуртавӣ ба хизматрасонии гуногун машғул мебошанд. Чи тавре аз маълумотҳои ҷавдавли 1 дида мешавад, дар сохтори иштирокчиёни касбии бозори суғуртаи миллӣ ҳамасола тағйиротҳо ба миён меояд. Аз як тараф, ворид шудани иштирокчиёни нав ва аз тарафи дигар, ба муфлисшавӣ рӯбарӯ шудани ширкатҳои ватанӣ ба чашм мерасад. Танҳо дар 5 соли охир 5 ширкати ватанӣ аз бозори суғуртавӣ берун шудааст.

**Ҷадвали 1. Сохтори иштирокчиёни касбии бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 1. Structure of professional participants of the insurance market in the Republic of Tajikistan**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021/ 2017 + |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 0 |
| Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 18 | 16 | 16 | 15 | 14 | -4 |
| Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила | 1 | 1 | 1 | 1 | 0 | -1 |
| Ҳамагӣ | 21 | 19 | 19 | 18 | 16 | -5 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф аз рӯи маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон // Шарҳи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. –Душанбе, 2022. -10 с.

Танҳо дар соли 2021 иҷозатномаи 2 ширкати суғуртавии ватанӣ ҶДММ “ДС суғурта” ва ҶСП ТС “Паймон Иншуренс” гирифта шуда, ба як ширкат ҶДММ “Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила” иҷозат барои фаъолияти минбаъда дода шудааст. Ин тамоюл аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ширкатҳои суғуртавӣ фаъолити густурда надоранд ва дар бозори хизматрасонӣ ба мушкилоти гуногун рӯбарӯ мешаванд.

**Расми 1. Монеаҳои асосие, ки ташкилотҳои суғуртавӣ дар самти иҷозатномагирӣ ва назорат дучор шудаанд [1,с.10]**
**Figure 1. The main obstacles faced by insurance organizations in the direction of licensing and control**




Сарчашма: Бонки миллии Тоҷикистон. Натиҷаи назарсанҷӣ оид ба муайян намудани “Монеа ва мушкилоти рушди фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. –Душанбе, 2022. -10 с. https://nbt.tj/tj/sugurta/bozori-sugurtavi/2018/1-yanvari-soli-2022.php (санаи муроҷиат 10.10.2023)

Тибқи як назарсанҷие, ки аз ҷониби Бонкии миллии Тоҷикистон дар миёни ширкатҳои суғуртавӣ гузаронида шудааст, маълум гардид, ки мушкилоти асосӣ, ки ба раванди фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ монеа эҷод менамоянд, инҳо ба шумор меравand: ҳиссаи 44,4% бо бюрократия ва шумораи зиёди ҳуҷҷатҳо, 22,2% бо номукаммал истифодабарии механизмҳои суғуртавӣ, 11,1% бо монеаҳои маъмурии санҷишҳои беасос назорати чандтарафа ва 22,2% бо дигар монеаҳо (11,1% бо кам будани муҳлати эътиборномаҳо ва 11,1% бо набудани таваҷҷуҳи самимӣ аз ҷониби ҳамаи иштирочиёни бозори суғуртавӣ).

Дар баробари мушкилоти ҷойдошта дар бахши даромади ширкатҳои суғуртавӣ таносуби болоравӣ дида мешавад. Дар соли 2021 даромади умумии ширкатҳои суғуртавӣ 527,3 млн.сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2015 249,2 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

**Расми 2. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2015-2021 [2,с.10]**
**Figure 2. Changes in assets of the insurance system in 2015-2021**




Сарчашма: Бонки миллии Тоҷикистон // Шарҳи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. – Душанбе, 2022. -10 с. https://nbt.tj

Динамикаи даромади ташкилотҳои суғуртавӣ низ якранг набуда, тамоюли пасту баландшавӣ дар онҳо ба назар мерасад. Мушкилоти асосии ширкатҳои суғуртавии ватанӣ дар нарасидани мутахассисон соҳибтахассус ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани маркетинг ё таблиғоти хизматрасониҳои худ дар миёни аҳолӣ ба ҳисоб мераванд. Қисми зиёди аҳолӣ аз шаклҳои хизматрасонии суғуртавӣ хабар надошта, тарзи ситонидани ҷуброни суғуртавӣ низ ба онҳо номаълум мебошад. Бозори суғуртаи тиббӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ ба таври зарурӣ то ба имрӯз рушд накардааст. Ширкатҳои суғуртавиро зарур аст, ки механизмҳои нави ҷалби муштариёнро ба навъҳои хизматрасонии онҳо пайдо намуда, раванди идоракуниро тибқи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ба роҳ монанд.

Ширкатҳои суғуртавӣ масъулияти калонро ба дӯш доранд, бинобар ин, ба онҳо як қатор талабот изҳор карда мешавад:

1. Тамоми ширкатҳои суғуртавӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додани иҷозатнома ба намудҳои алоҳидаи фаъолият» бояд аз тартиботи иҷозатгирӣ дар институтҳои ҳукуматӣ гузаранд.

2. Суғуртакунандагон танҳо шахси ҳуқуқӣ мебошанд: он бояд сармояи низомномавӣ дошта бошад, ки дар шароити пайдошавии проблемаҳо чун кафолат хизмат расонад.

3. Андозаи сармояи низомномавии ширкатҳои суғуртавӣ тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба сатҳи муайяне мувофиқат кунад.

4. Ташкилотҳои суғуртавӣ танҳо ба фаъолияти суғуртавӣ ҳуқуқ доранд. Ин қоида ба ҳифзи манфиатҳои суғуртакунандаҳо равона аст. Аммо ташкилотҳои суғуртавӣ ҳуқуқ доранд, ки коғазҳои қиматноки худро гирифта фурӯшанд. Барои ташкилотҳои суғуртавии Ғарб, ин самти фаъолият қисми муҳимми кори онҳо буда, аммо тағйироти дар бозори фондӣ дар натиҷаи бухрони молиявӣ пайдошуда, ба вазъи молиявии чунин ширкатҳои суғуртавӣ таъсири манфӣ мерасониданд [3].

Дар баробари ин, қисми зиёди ширкатҳои суғуртавии ватанӣ хизматрасонии суғуртаи ихтиёри тиббиро ба роҳ мемонанд. Чи тавре аз расми 3 бар меояд, дар динамикаи суғуртаи тиббӣ дар солҳои 2017-2021 таносуби болоравӣ дида мешавад. Агра дар соли 2017 бо маблағи 2516,8 млн. сомонӣ суғуртаи тиббӣ карда шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 4524,3 млн.сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2017 1,7% зиёд мебошад.

**Расми 3. Тансуби суғуртаи ҳайёт ва суғуртаи тиббӣ (ҳаз.сомонӣ) [2,с.10]**
**Figure 3. Classification of life insurance and medical insurance (Somonian era)**




Сарчашма: Бонки миллии Тоҷикистон // Шарҳи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. – Душанбе, 2022. -10 с. https://nbt.tj

Агар давоми солҳои 2018 ва 2019-ро муқоиса намоем, маълум мегардад, ки танҳо дар давоми як сол ҳаҷми пардохтҳои ҳаққи суғуртавӣ якбора аз 2474 ҳазор сомонӣ дар соли 2018, ба 3452 ҳазор сомонӣ дар соли 2019 зиёд гардидаанд, ки таносуби байни онҳо 978 ҳазор сомониро ташкил медиҳад ва 72% афзоиш ёфтааст. Вале дар суғуртаи ҳайёт таносуби поёнравӣ дида мешавад. Дар соли 2021 аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ бо маблағи 1101,2 ҳазор.сомонӣ суғурта карда шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2017 10198,0 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

Яъне, дар афзоиши пардохти ҳаққи суғуртавии суғуртаи тиббӣ сабабҳо маълум ҳастанд. Ин раванд, пеш аз ҳама, ба пайдоиш ва хуруҷи бемории сироятии COVID-19 вобастагии зиёд дорад, ки марҳилаи эҳё ва авҷи он аз моҳи феврали соли 2019 то ба имрӯз идома дорад.

Аз сарчашмаҳои маълумоти бадастомада, аз идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон маълум гардид, ки қисми зиёди шартномаҳои (полиси) суғуртаи ихтиёрии тиббӣ, мансуб ба кормандони он ташкилоту муассисаҳое мебошанд, ки ба ҳайси ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд ва инчунин ба он шаҳрвандоне тааллуқ дорад, ки ба хориҷи кишвар сафар мекунанд.

Дар асл, агар ба раванди суғуртаи тиббӣ диққат диҳем, таҳқурсии раванди он ҳам аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва ҳам аз ҷиҳати ташкилӣ ба сатҳи бозорҳои байналмилалии суғурта

ҷавобгӯй нест, зеро дар шароити муосир аслан фаъолияти ширкатҳои суғуртавиро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд: фаъолият дар самтҳои маҳсулоти суғуртавии ҳаёт ва маҳсулотҳои суғуртавии ғайри ҳаётӣ.

Агар раванди пардохти ҳаққи суғуртаи тиббиро бо маблағҳои воридшудаи ҳаққи суғуртавӣ дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқоиса намоем, ҳиссаи суғуртаи тиббӣ бараъло маълум мешавад. Аз нишондиҳандаҳои расми 4 маълум аст, ки давоми солҳои 2017-2021 воридоти ҳаққи суғуртавӣ маҷмуан дар бозори суғуртаи ватанӣ бетағйир боқӣ мондааст.

**Расми 4. Воридоти ҳаққи суғуртавӣ, аз ҷумла суғуртаи тиббӣ дар солҳои 2017-2021 (ҳазор сомонӣ) [4,с.10]**

**Figure 4. Import of insurance fees, including medical insurance in 2017-2021 (thousand somoni)**




Сарчашма: Бонки миллии Тоҷикистон // Шарҳи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. – Душанбе, 2022. -10 с. https://nbt.tj

Нишондиҳандаҳои расми 4, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки раванди суғуртаи тиббӣ дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нокифоя ташкил гардида, рушди босуботи он дар муқоиса бо дигар бозорҳои суғуртавии мамолики ҷаҳон қариб, ки дида намешавад. Ин дар ҳолест, ки воридоти ҳаққи суғуртаи тиббӣ нисбат ба ҳаққи суғуртавии воридгардида дар бозори суғуртаи ватанӣ ҳамагӣ 0,18%-ро ташкил медиҳад. Яъне, ташаккули суғуртаи тиббӣ ва раванди фаъолияти он дар шароити имрӯза тамоман нокифоя аст. Масалан, дар соли 2020 аз 568,1 млрд тангаи ҳаққи суғуртавии воридгардида дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Қазоқистон, 228,9 млрд танга ва ё 40%-и ҳаҷми ҳаққи суғуртавии бозори мазкурро танҳо суғуртаи ҳаёт ташкил медиҳад [4]. Ҳамчунин, хароҷоти асосии ташилотҳои суғуртавии Қазоқистонро дар ҷойи аввал агар пардохти ҷуброни суғуртаи дорандагони воситаҳои нақлиёт ташкил намояд, ҷойи дуюмро суғуртаи тиббӣ ишғол менамояд.

Чунин ҳолат дар амалияи бозори суғуртавии Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ дида мешавад. Агар дар соли 2020 ҳаҷми умумии воридоти ҳаққи суғуртавӣ дар ин бозор ба 154 млн. доллари ИМА (1,58 трлн. сом) баробар гардида буд, аз ин маблағ 22 млн. доллари ИМА ё бештар аз 14%-и онро маҳз пардохт барои суғуртаи ҳаёт ташкил намудааст [5,с.10].

Ҳамин тавр, дар дигар бозорҳои суғуртавии мамлакатҳои хориҷи дуру наздик чунин тамоюли рушди суғуртаи ҳаёт дида мешавад.

Дар баробари пардохтҳои ҳаққи суғуртавӣ маблағҳои ҷуброни он низ дар солҳои таҳқиқшаванда бо маротиб кам гардидаанд, ки натиҷаи он дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

Дар давоми солҳои таҳқиқшаванда пардохти ҷуброни суғуртавӣ барои суғуртаи ҳаёт ва аз ҷумла ба суғуртаи ихтиёрии тиббӣ рӯ ба таназзул намудааст. Агар дар соли 2018 ҳаҷми умумии пардохтҳои ҷуброни суғуртаи ҳаёт 3298,9 ҳазор сомониро ташкил намуда

буд, пас ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба андозаи 2301,2 ҳазор сомонӣ поён рафт, ки таназзули он ба 997,7 ҳазор сомонӣ ва ё 69,7% баробар гардидааст.

**Ҷадвали 2. Пардохти ҷуброни суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз.сомонӣ)**
**Table 2. Payment of insurance compensation in the Republic of Tajikistan (Haz. Somoni)**

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 / 2017 - + |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ маблағи суғурта | I | 15522,5 | 13809,8 | 19087,1 | 22664,8 | 95630 | 80107,5 |
| | II | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | |
| Суғуртаи ҳаёт | I | 3298,8 | 2652,4 | 2153,8 | 2210,1 | 2301,2 | -997,6 |
| | II | 21,252 | 19,207 | 11,284 | 9,751 | 2,406 | |
| Суғуртаи тиббӣ | I | 672,1 | 539,2 | 1655,1 | 1417,8 | 1510,1 | 838 |
| | II | 4,330 | 3,904 | 8,671 | 6,256 | 1,579 | |
| Суғуртаи ҳатмии давлатӣ | I | 197,2 | 150,2 | 125,8 | 180 | 261,3 | 64,1 |
| | II | 1,270 | 1,088 | 0,659 | 0,794 | 0,273 | |
| Суғуртаи ҳатмӣ | I | 2832,1 | 1435,9 | 1563,5 | 1634,8 | 2233,9 | -598,2 |
| | II | 18,245 | 10,398 | 8,191 | 7,213 | 2,336 | - |
| Суғуртаи ихтиёрӣ | I | 8522,3 | 9032,1 | 13588,9 | 17222,1 | 89323,5 | 80801,2 |
| | II | 54,903 | 65,404 | 71,194 | 75,986 | 93,405 | |
| **I**-нишондиҳанда, **II**- фоиз нисбат ба маблағи умумӣ | | | | | | | |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф аз рӯи маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон // Шарҳи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. –Душанбе, 2022. -10 с.

Дар давраи таҳқиқшаванда, махсусан баъди соли 2018 пардохти ҷуброни суғуртавӣ барои суғуртаи тиббӣ бо маротиб афзоиш ёфта, аз 539 ҳазор сомонӣ дар соли 2018 то ба 1418 ҳазор сомонӣ дар соли 2020 зиёд гардидааст. Аммо, дар маҷмуъ, ҷуброни суғуртавӣ барои суғуртаи ҳаёт коҳиш ёфта, аз 3299 ҳазор сомонӣ дар соли 2017 то ба 2210 ҳазор сомонӣ кам гардидааст, ки мутаносибан 67%-ро ташкил медиҳад.

Маълум аст, ки баъд аз пайдоиш ва хуруҷи бемории COVID -19, яъне шурӯъ аз соли 2019 ҳаҷми ҷубронпулӣ барои суғуртаи тиббӣ бо маротиб афзун гардида, аз 539 ҳазор сомонӣ дар соли 2018 то ба 1418 ҳазор сомонӣ дар соли 2020 зиёд гардидааст, ки мутаносибан дар давоми ду сол 879 ҳазор сомонӣ ва ё тақрибан 2 маротибаро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, бояд қайд намоем, ки дар соли 2020 пардохти ҳаққи суғуртавӣ ва маблағҳои ҷуброни он дар бозори суғуртавии ватанӣ раванди муътадили афзоишёбӣ дошт ва ҳаҷми ҷубронҳо маҷмуан ба 19,0 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбати соли 2019 ба маблағи 3,8 млн. сомонӣ ва ё 24,6% зиёд гардидааст. Чунин тамоюли рушд аз он гувоҳӣ медиҳад, ки шаҳрвандон ҳангоми бавуҷуд омадани ҳодисаҳои суғуртавӣ ва рӯйпӯши зарари он ба ташкилотҳои суғуртавӣ бештар муроҷиат намудаанд.

Чуноне аз нишондиҳандаҳои расми 5, маълум аст, дар давраи таҳқиқшаванда шумораи шартномаҳои басташудаи суғуртаи ҳаёт низ хело кам гардидааст. Агар дар соли 2017 ҳамагӣ 231230 адад шартномаи суғуртаи ҳаёт баста шуда буд, ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба таври назаррас кам гардида, ҳамагӣ 6147 ададро ташкил намудааст, ки 225083 адад коҳиш ёфта ва хело тааҷҷубовар низ, мебошад (расми 5).

Сабаби асосии он аз нигоҳи мо, зери таъсири бемории COVID-19 басташудани марзҳо байни давлатҳо, аз фаъолият бозмондани шумораи зиёди муҳоҷирон, маън гардидани саёҳат барои сайёҳон ва аз ҳама муҳимаш кам гардидани кормандони он ташкилоту муассисаҳое, ки ба ҳайси ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доштанд, маҳсуб дониста мешавад.

Чуноне аз маълумотҳои расми 6 дида мешавад, дар соли 2020 ташкилотҳои суғуртавӣ оид ба бемории сироятии COVID -19 ҳамагӣ 11419 адад шартнома ба имзо расонидаанд, ки 195500 сомонӣ ҳаққи суғуртавӣ ворид гардидааст. Аз ин маблағ дар ҳаҷми 35700 сомонӣ ё 18,3% ҷуброни суғуртавӣ пардохт гардидааст.

**Расми 5. Шартномаҳои басташудаи суғуртаи ҳаёт ва суғуртаи тиббӣ дар солҳои 2017-2021 (ҳаз. сомонӣ)**
**Figure 5. Contracts concluded for life insurance and medical insurance in 2017-2021 (H. Somoni)**




Сарчашма: Бонки миллии Тоҷикистон // Шарҳи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. – Душанбе, 2022. -10 с. https://nbt.tj

**Расми 6. Натиҷаи хизматрасонии суғуртавӣ оид ба бемории COVID-19 дар соли 2020**
**Figure 6. The result of insurance services for the disease of COVID-19 in 2020**




Дар қатори таҳлили маълумотҳои расмии оморӣ оид ба вазъи муосири раванди суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон, муаллиф барои амалисозии пешниҳоди худ оид ба андозагирии сатҳи огоҳии аҳолӣ дар бораи хизматрасониҳои ташкилотҳои тиббии суғуртавӣ таҳқиқоти иҷтимоӣ анҷом додааст, ки хусусияти ҷустуҷӯӣ дошта, ба муайян кардани мушкилот ва тамоюлҳои асосии рушди ин соҳа нигаронида шудааст. Таҳқиқоти мазкур ба масъалаи ташаккул ва рушди суғуртаи тиббӣ дар минтақаҳо, аз ҷумла - омӯзиши андешаҳои аҳолӣ дар бораи имкониятҳои амалисозии суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии тиббӣ ва нақши суғуртаи тиббӣ дар ҳамкории аҳолӣ бо ташкилотҳои тиббӣ ва ташкилотҳои суғуртакунандаи тиббӣ бахшида шудааст.

Пурсишнома аз 8 савол иборат буда, дар вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе гузаронида шуда, аз 500 нафар кормандони касбу кори гуногун посух гирифта шудааст, ки чунин натиҷа доранд.

**Ҷадвали 3. Натиҷаи пурсишнома оид ба омӯзиши андешаҳои аҳолӣ дар бораи имкониятҳои амалисозии суғуртаи ҳатмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 3. The result of the questionnaire on the study of the opinions of the population about the possibilities of implementing compulsory insurance in the Republic of Tajikistan**

| Р/Т | Саволҳои пурсишнома | Натиҷаи посухи шаҳрвандон ба вариантҳои савол (нафар) | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | А | Б | В | Г | |
| 1 | *Оё Шумо дар бораи суғурта ва ё суғуртаи ҳатмии тиббӣ маълумот доред?* А) Маълумот дорам; Б) каме маълумот дорам; В) тамоман маълумот надорам | 104 | 218 | 178 | | 500 |
| 2 | *Шумо худ ва аҳли оилаи худро суғуртаи тиббӣ намудаед?* А) ҲА; Б) НЕ. | 103 | 397 | | | 500 |
| 3 | *Шумо барои хизматрасониҳои болозикр тақрибан чанд сомонӣ сарф мекунед?* А) то 500 сомонӣ; Б) то 1000 сомонӣ; В) зиёда аз 1000 сомонӣ; Г) дигар маблағ | 186 | 127 | 87 | 100 | 500 |
| 4 | *Кадоме аз ин хизматрасониҳоро Шумо ройгон истифода мебаред?* А) якчанди онро; Б) ҳамаи онро; В) ягонтаи онро; Г) дигар | 86 | 62 | 352 | | 500 |
| 5 | *Шумо ё аҳли оилаи Шумо дар як сол чанд маротиба ба табибон муроҷиат мекунед ва ё бистарӣ мегардед?* А) як ё ду маротиба (аз 500 то 1000 сомонӣ); Б) ду – панҷ маротиба (аз 1000 то 5000 с.); В) зиёда аз панҷ маротиба (бештар аз 5000 с.). | 177 | 186 | 137 | | 500 |
| 6 | *Барои бистарӣ гардидан дар беморхона танҳо барои кати хоб чанд сомонӣ сарф мекунед?* А) 0 сомонӣ; Б) 400 сомонӣ; В) то 800 сомонӣ; Г) зиёда аз 800 сомонӣ | 20 | 120 | 158 | 202 | 500 |
| 7 | *Оё Шумо розӣ ҳастед, ки аз музди меҳнати Шумо чанд % барои суғуртаи ҳатмӣ нигоҳ доранд?* А) ҲА 1%, 2%, 3%; Б) Не розӣ нестам. В) дигар маблағ | 188 | 264 | 48 | | 500 |
| 8 | Шумо барои суғуртаи ҳатмии тиббӣ имконияти чанд сомонӣ супориданро дар як моҳ доред? А) 10 с; Б) аз 10 то 20 с; В) аз 20 то 40 сомонӣ Г) Тамоман имконият надорем | 209 | 151 | 87 | 53 | 500 |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси натиҷаҳои пурсишнома

Дар асоси натиҷаи бадастомада ҳолати ҷавобҳои додашуда дар расми 7 оварда шудааст.

Аз натиҷаи саволномаи якуми пурсишнома маълум мегардад, ки 178 нафар шаҳрвандон (аз 500 нафар пурсидашудагон) ва ё 35,6% дар бораи суғурта ва ё суғуртаи ҳатмии тиббӣ тамоман маълумот надоранд. Ин ҷо омили дигареро низ бояд ба инобат гирифт, ки ҳамаи (500 нафар) пурсидашудагон дорои маълумоти олӣ мебошанд ва ин хело муҳим аст. Илова бар ин, 218 нафар ё 43,6%-и ба саволҳо ҷавоб дода, дар бораи суғурта ва ё суғуртаи ҳатмии тиббӣ камтар маълумот доранд. Ва танҳо 104 нафари онҳо ё 20,8% дар бораи саволи додашуда маълумоти пурра доранд. Доир ба савол хулоса баровардан мумкин аст, ки 79,2%-и пурсидашудагон дар бораи суғуртаи тиббӣ маълумот надоранд. Пас агар дар ду шаҳри калонтарини мамлакат чунин ҳолати дарки маданияти суғуртавӣ дида шавад, дар дигар шаҳру ноҳияҳо ҳолат аз ин ҳам ташвишовар аст. Пешниҳод оид ба саволи якум: Омӯзонидани аҳолӣ оид ба дарки маданияти суғуртаи тиббӣ.

Ҳамин тавр натиҷаи пурсиши гузаронида аз он шаҳодат медиҳад, ки қисми зиёди аҳолии мамлакат вобаста ба суғуртаи тиббӣ ва равандҳои татбиқ ва ба даст овардани он маълумоти кофӣ надоранд. Дар баробари амалкарди СҲТ дар ҷумҳурӣ қисми зиёди аҳолии аз химатрасонии пулакӣ истифода менамоянд, ки қисми зиёд он ба таври ғайриқонунӣ мебошад. Ва дар ин баробар қисми зиёди пурсидашудагон розӣ буданд, ки аз музди меҳнати онҳо барои суғуртаи тиббӣ фоизи муайян гирифта шавад.

**Диаграммаи 7. Маълумоти шаҳрвандон дар бораи суғурта ва суғуртаи тиббӣ**
**Diagram 7. Citizens' information about insurance and health insurance**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Сарфи назар аз аҳаммияти иҷтимоӣ ва ҷамъиятии соҳаи тандурустӣ, системаи суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон хело суст инкишоф ёфта истодааст. Таҳлили вазъ ва мушкилоти рушди бозори суғуртаи тиббӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҷустуҷӯҳои минбаъдаи роҳҳои оптимизатсияи арзиши хизматрасониҳои суғуртаи ихтиёрии тиббӣ, ки тавозуни манфиатҳои суғуртакунандагон ва суғурташавандагонро таъмин мекунанд ва ба рушди суғурта мусоидат мекунанд, зарур мебошад. Зеро, ин сегмент аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ва зарурии бозори суғурта барои кишвари мо ба ҳисоб меравад. Мушкилоти асосие, ки дар соҳаи хизматрасонии тиббӣ ба миён омадааст, номутобиқатии байни ниёзҳои мавҷудаи ҳаҷми маблағҳое мебошад, ки барои маблағгузории ин соҳа аз манбаъҳои расмӣ ҷудо карда мешаванд. Ин падида ба рушди фасод, рушди иқтисоди сояафкан мусоидат мекунад, зеро он беморонро маҷбур мекунад, ки дар маблағгузории муассисаҳои тандурустӣ бар хилофи қонунгузориҳои амалкунандаи давлат амал кунанд.

Инчунин метавон қайд кард, ки бозори суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои рушд дошта: ҳиссаи СИТ дар бозори хадамоти суғурта майли афзоиш дорад; суғуртакунандагоне, ки хизматҳои СИТ пешниҳод мекунанд, рақобатпазир мешаванд; шавқу ҳаваси ширкатҳои суғуртавӣ ба ин намуди суғуртаро зиёд мекунад. Таҷрибаи хориҷии суғуртаи тиббӣ самаранокии модели омехтаи суғуртаи тиббиро тасдиқ мекунад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мо пешниҳод менамоем, ки суғуртакунандагон як катор тадбирҳои ташкилиро бо истифода аз воситаҳои реинженеринги равандҳои бизнес, ки ба онҳо имкон медиҳанд, ки ба тағйироти муҳити беруна зуд ҷавоб диҳанд.

Ба андешаи мо, барои беҳтар намудани давомнокии муносибатҳои корӣ бо мизоҷон, беҳтар намудани дастгирии шартномаҳои суғурта, аз ҷумла:

- хизматрасонии ёрии тиббӣ (назорати зангҳо ба хатти боварӣ ё хизмати онлайн аз рӯи вақти интизории оператори маркази тамос, шумораи зангҳои беҷавоб, камбудиҳои техникӣ ва монанди инҳо роҳандозӣ карда шавад);
- баҳодиҳӣ ва вокуниши фаврӣ ба басомади дархостҳои суғуртакунандагон, на танҳо дар суратҳисобҳои муассисаҳои тиббӣ, балки бо роҳи сохтани модели худии рафтори пешбинишавандаи муштариён;
- васеъ намудани ҳамкорӣ бо муштариёни муосир ва коршиносони мустақил;
- имконияти суғуртакунанда дар доираи хоҳиши шахси суғурташуда, пешниҳод намудани баъзе роҳҳои ҳалли хавфҳои аз ҷониби корфармо пардохтнашуда;
- муоширати дохилиро такмил дода, модели хизматрасонии инфиродии муштариёнро ба вуҷуд оваранд, ки боиси коҳиши муносибатҳои дохилии гурӯҳҳои алоҳидаи кормандони ширкати суғурта ва шароити мурофиавӣ, рушди фарҳанги корпоративии ширкати суғурта, рушди кадрҳо ва ҷорӣ намудани системаҳои - CRM.

Системаи имӯзаи соҳаи тандурустии мамлакат дар бӯҳрони амиқи ташкилӣ, сохторӣ ва молиявӣ қарор дорад, ки бо тақсимоти нобаробари захираҳо дар ин система, сатҳи

пасти рушд дар расонидани кумаки аввалияи тиббию санитарӣ ва ҳиссаи пасти хароҷоти тандурустӣ нисбат ба ММД мебошад. Мо чунин мешуморем, ки яке аз роҳҳои ташкили дурусти нигаҳдории тандурустӣ, ки ҳуқуқи ҳар як шаҳрвандро ба гирифтани ёрии тиббӣ таъмин мекунад, инкишофи системаи суғуртаи тиббӣ мебошад, ки бо ёрии он метавон бисёр масъалаҳои дорои хусусияти молиявидошта ҳалли худро ёбанд, аз қабили: кафолати дастрасии хизматрасонии босифати тиббӣ ба аҳолӣ, ҷалби захираҳои иловагӣ дар соҳаи тандурустӣ, хуб кардани вазъи моддӣ-техникии муассисаҳои тиббӣ, баланд бардоштани масоили кормандони соҳаи тибб, ҷалби духтурони соҳибкасб ва ғайра.

Таҳлили бозори суғуртаи ихтиёрии тиббӣ ба мо имкон медиҳад, ки чунин хулоса ва пешниҳодҳо манзур намоем:

- сарфи назар аз он, ки модели буҷетии маблағгузории соҳаи тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, аҳолӣ тақрибан нисфи ниёзҳои тиббии худро аз ҳисоби маблағҳои худ пардохт менамоянд. Бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ механизми суғуртавии маблағгузории соҳаи тандурустиро таҳия намуда, ба суғуртаи ихтиёрии тиббӣ афзалиятҳо додан лозим аст, ки ин имкон медиҳад сатҳи хизматрасонии тиббӣ хуб гардида, дастрасӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ осон гардад.

Суғуртаи тиббӣ ҳамчун як қисми системаи суғуртаи иҷтимоӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Барои беҳтар кардани вазъ бояд корҳои зерин анҷом дода шаванд:

- дар миёни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба хизматрасониҳои суғуравӣ гузаронида шуда, марказҳои хизматрасониҳои суғуртавӣ ба ҳамагон дастрас бошад;
- бояд хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи суғуртаи тиббӣ фарқкунанда бошад ва сатҳи баланди хизматрасониро доро бошанд;
- беморхонаҳое, ки дар онҳо хизматрасониҳои тиббӣ дар доираи суғуртаи ихтиёрии тиббӣ пешниҳод кара мешавад, ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ ва бо таҷҳизотҳою лабораторияҳои ҳозира таъмин бошанд;
- дараҷаи касбият ва тахасуси кормандони соҳаи тибб балад бардошта шавад.

## АДАБИЁТ


1. Бонки миллии Тоҷикистон. Натиҷаи назарсанҷӣ оид ба муайян намудани "Монеа ва мушкилоти рушди фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". –Душанбе, 2022. -10 с. [Манбаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj/tj/sugurta/bozori-sugurtavi/2018/1-yanvari-soli-2022.php (санаи муроҷиат 10.10.2023).
2. Бонки миллии Тоҷикистон // Шарҳи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. Душанбе – 2022. 10 с. [Манбаи электронӣ]. URL: https://nbt.tj.
3. Шамсуллозода Ш. Фаъолияти суғуртавӣ ҳамчун намуди фаъолияти соҳибкорӣ / Шамсуллозода Ш., Шамсуллозода Х. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носир Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. - 2021. -№1-1(83). -С.186-188. - EDN AEOZYQ.
4. [Манбаи электронӣ]. URL: https://kase.kz/files/emitters/KMSO/kmsop_2020_rus. (санаи муроҷиат: 17.04.2022).
5. [Манбаи электронӣ]. URL: https://aicuz.com/2021/11/23. (санаи муроҷиат: 17.04.2022).


## ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ИМРӮЗАИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ТИББӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур қайд гардидааст, ки суғурта ҳамчун низоми ҳимоя ва дастгирии манфиатҳои шахсони воқеӣ дар самти таъмини бехатарии ҳаёт, хусусан суғуртаи тиббӣ унсури асосии иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Муҳимтарин нишондиҳандаи демографии некуаҳволии давлат, вазъи саломатии аҳолӣ мебошад. Шароити номусоиди зиндагӣ дар деҳоти кишвар ҳамасола боиси афзоиши бемориҳо ва фавт мегардад. Комплекси тиббии мамлакати мо аз сабаби ба шароитҳои нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мувофиқ набудани модели мавҷудаи идоракунии системаи нигоҳдории тандурустӣ, инчунин дараҷаи ғайриқаноатбахши фарҳанги профилактикии тиббии мамлакатамон бесамар гардидааст. Ҳамаи ин ҷанбаҳо сабаби вазъи бӯҳрони системаи миллии тандурустӣ гашта, бо назардошти таҷрибаи андӯхтаи мавҷудияти бозори хадамоти суғуртаи ихтиёрии тиббӣ дар Тоҷикистон гузаронидани он ба заминаи суғуртаро талаб мекунанд. Дар маҷмуъ, ҷиҳати рушди минбаъдаи суғуртаи тиббӣ дар кишвар бояд таъсиси фонди махсуси суғуртаи ҳатмии тиббӣ роҳандозӣ карда шавад.



**Калидвожаҳо:** суғуртаи тиббӣ, портфели суғуртавӣ, тарифи суғуртавӣ, пардохти суғуртавӣ, фонди суғуртавӣ, захираҳои суғуртавӣ, маблағи суғуртавӣ, хизматрасониҳои тиббӣ.


## АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОЙ СИТУАЦИИ СИСТЕМЫ МЕДИЦИНСКОГО СТРАХОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье отмечается, что страхование как система защиты и поддержки интересов личности в направлении безопасности жизни, особенно медицинское страхование, считается основным социально-

экономическим элементом общества. Важнейшим демографическим показателем благополучия государства является здоровье населения. Неблагоприятные условия жизни в сельской местности страны ежегодно становятся причиной роста заболеваемости и смертности. Медицинский комплекс нашей страны стал неэффективным из-за несовместимости существующей модели управления системой здравоохранения, а также неудовлетворительного уровня профилактической медицинской культуры в нашей стране, вследствие ее неадаптированности к новым политическим, экономическим и социальным условиям. Все эти аспекты являются причиной кризиса национальной системы здравоохранения, а с учетом опыта рынка добровольного медицинского страхования в Таджикистане необходим его перевод на страховую базу. В целом, для дальнейшего развития медицинского страхования в республике необходимо приступить к созданию специального фонда обязательного медицинского страхования.

**Ключевые слова:** медицинское страхование, страховой портфель, страховой тариф, страховая выплата, страховой фонд, страховые ресурсы, страховая сумма, медицинские услуги.

**ANALYSIS OF THE CURRENT SITUATION OF THE HEALTH INSURANCE SYSTEM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article notes that insurance as a system of protecting and supporting the interests of the individual in the direction of life safety, especially medical insurance, is considered the main socio-economic element of society. The most important demographic indicator of the well-being of the state is the health of the population. Unfavorable living conditions in rural areas of the country annually cause an increase in morbidity and mortality. The medical complex of our country has become ineffective due to the incompatibility of the existing model of managing the healthcare system, as well as the unsatisfactory level of preventive medical culture in our country, due to its inability to adapt to the new political, economic and social conditions. All these aspects are the cause of the crisis in the national health care system, and taking into account the experience of the voluntary health insurance market in Tajikistan, they require its transfer to an insurance base. In general, for the further development of health insurance in the republic, it is necessary to begin creating a special compulsory health insurance fund.

**Keywords:** health insurance, insurance portfolio, insurance tariff, insurance payment, insurance fund, insurance resources, sum insured, medical services.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Султонов Зубайдулло Султонович*** **-** Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарз. **Суроға**: 734000, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30. Телефон: **935-20-28-70**. E-mail: **sulton@mail.ru**
***Ибодов Нурали Ҳасанович*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, докторанти Ph.D-и кафедраи иқтисодиёт ва идоракунӣ. **Суроға**: 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 556-66-61-22.** E-mail: **nuraliIbodov.92@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Султонов Зубайдулло Султонович*** **-** Российско-Таджикский (славянский) университет, доктор экономических наук, профессор кафедры финансов и кредита. **Адрес:** 734000, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Мирзо Турсунзаде, 30. Телефон: **935-20-28-70**. E-mail: **sulton@mail.ru**
***Ибодов Нурали Хасанович*** **-** Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, докторант Ph.D кафедры экономики и управления. **Адрес:** 734003, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 121. Телефон: **(+992) 556-66-61-22.** E-mail: **nuraliIbodov.92@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Zubaidullo Sultonovich Sultonov*** - Russian-Tajik (Slavic) University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Finance and Credit. **Address**: 734000, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Mirzo Tursunzade street, 30. Phone: **935-20-28-70.** E-mail: **sulton@mail.ru**
***Ibodov Nurali Khasanovich*** - Tajik State Pedagogical University named after. Sadriddina Aini, Ph.D doctoral student of the Department of Economics and Management. **Address**: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 121. Phone: **(+992) 556-66-61-22.** E-mail: **nuraliIbodov.92@mail.ru**

ТДУ: 657.1

# МОҲИЯТИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ТАҲАВВУЛИ ОН

*Сайфиддинзода С.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Густариши рақамикунонии иқтисодиёт ба зинаи нави муносибатҳои байниҳамдигарии корхонаҳои ватанию хориҷӣ оварда расонд, ки натиҷаи он баланд шудани нуфузи иттилооти саривақтӣ ва ҳаматарафа дар бораи равандҳои фаъолияти хоҷагидории корхонаҳо, корбурди иттилооти фаврии саҳеҳ барои қабули қарорҳои идоракунӣ аз ҷониби истифодабарандагони манфиатдор ва зиёд шудани ҳаҷми иттилооти молиявӣ ва ғайримолиявӣ дар пойгоҳи иттилоотии истифодабарии умум гардид. Акнун роҳбарият ва менеҷменти субъектҳои хоҷагидорӣ дар баробари иттилооти молиявӣ доир ба вазъи молиявӣ ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти худ, ҳамчунин ба иттилооти ғайримолиявии дар доираи равандҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) пайдошаванда таваҷҷуҳ менамоянд, зеро ин гуна иттилоот тасаввуроти онҳоро дар бораи натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва самаранокии он, муайян намудани пешомадҳои рушди иқтисодии корхона ва таҳкими мавқеи бозории он бештар ва пурратар мегардонад. Чунин иттилоот дар низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳо ташаккул меёбад ва асос барои қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад.

Баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун воситаи самараноки идоракунии корхонаҳои муосир имкон медиҳад, ки на танҳо сифат ва фаврияти иттилооти дастрасшуда ва қарорҳои идоракуниии қабулшаванда баланд бардошта шавад, балки инчунин натиҷаҳои фаъолияти корхона беҳтар карда шуда, хавфҳои дар раванди хоҷагидорӣ мавҷудбуда назорат ва танзим карда шаванд, пешомадҳои рушди иқтисодии корхона барои давраи ояндаи наздик ва тӯлонӣ муайян карда шаванд.

Вале тинати хоҷагидорӣ чунин аст, ки барои ташкили низоми дуруст ва самараноки идоракунии корхона, аз ҷумла роҳандозӣ намудани унсури асосии таъминоти иттилоотии он – баҳисобгирии идоракунӣ на танҳо дарки шароити воқеӣ, балки инчунин таҳқиқи моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ ва заминаҳои таҳаввули он ҳамчун илм ва соҳаи фаъолияти амалӣ дар низоми идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ зарур аст. Ин гуна таҳқиқот имкон медиҳад, ки бартарӣ ва камбудиҳои баҳисобгирии идоракунии имрӯза муайян карда шуда, пешомадҳои рушд ва аҳаммияти он дар низоми идоракунии корхонаҳои муосир аниқ карда шаванд.

Масъалаи дарки моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи олимон, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ мебошад [1; 5; 6; 8; 9; 10; 11; 15]. Ҳоло аксари корхонаҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мисли корхонаҳои мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта соҳаи корбурди низоми баҳисобгирии идоракуниро дарёфт кардаанд ва усулҳои онро дар низоми баҳисобгирии муҳосибии анъанавӣ татбиқ мекунанд. Вале, бо вуҷуди ин, то ҳол дар байни олимон ва мутахассисони соҳа дар бораи тафсири моҳият ва соҳаи истифодаи он ихтилофи назарҳо вуҷуд дорад.

Барои муқаррар намудани моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ баррасии маҷмуи аломатҳое, ки онро ҳамчун низоми бутуни иттилоотӣ ва идоракунии корхона тавсиф мекунанд, мусоидат мекунад, «аз қабили: муттасилӣ, ҳадафмандӣ, пуррагии таъминоти иттилоотӣ, инъикоси амалии истифодаи қонунҳои объективии иқтисодии ҷомеа, таъсиррасонии шароити дохилӣ ва берунӣ ба объектҳои идоракунӣ» [13,с.1689].

Олимони иқтисоддон дар асарҳои появии худ мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракуниро бо тарзҳои гуногун шарҳ медиҳанд. Сарғози муайян кардани мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ чун дигар илмҳои иқтисодӣ, объекти омӯзиш – муносибатҳои иқтисодӣ, ё ба қавли дигар муносибатҳои истеҳсолӣ мебошанд. Вале ҳар як илми иқтисодӣ мавзуи таҳқиқи худро дорад, яъне он як ҷиҳат ё паҳлуи муайяни объекти умумиро меомӯзад. Илмҳои баҳисобгирӣ, аз ҷумла баҳисобгирии муҳосибӣ ба гурӯҳи илмҳои идоракунӣ мансуб мебошанд, ки мавзуи таҳқиқи онҳо вазифаҳои асосии идоракунӣ мебошанд. Ҷиҳатҳои алоҳидаи вазифаҳои идоракунӣ, чун ҷамъоварии

иттилоот ва коркарди он, таҳлили иттилоот ва омодасозии қарорҳои идоракунӣ, банақшагирӣ ва ояндабинӣ, ташкил ва танзими истеҳсолот, назорат ва арзёбии натиҷаҳои истеҳсолот соҳаи таҳқиқи илмҳои вазифавии иқтисодӣ, аз ҷумла баҳисобгирии муҳосибиро ташкил медиҳанд. Тавре олими рус А.Д. Шеремет қайд мекунад, «вазифаи асосии идоракунӣ – заминаи асосии методологии муайян намудани моҳият ва мавзуи илмҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҷудокунии онҳо аз дигар илмҳои мушаххаси амалии иқтисодии ғайривазифавӣ мебошад. Ҳар як вазифаи асосӣ мавзуи илми алоҳидаи вазифавӣ ё як қатор илмҳои вазифавӣ (ки хусусиятҳои фарққунандаи ҷиддӣ дар инъикоси ин вазифаи асосиро доранд) мебошад» [16,с.6]. Ҳамин тариқ, мавзуи илми баҳисобгирии муҳосибӣ таъминоти иттилоотии қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад.

Мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ дар муносибат бо вазифаҳои асосии идоракунӣ тамоми онҳоро фаро мегирад, яъне ҳамаи илмҳои вазифавии иқтисодиро, ки бо вазифаҳои асосии идоракунӣ марбут мебошанд, дар худ муттаҳид мекунад. Аз ин бармеояд, ки мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ аз доираи мафҳуми баҳисобгирии муҳосибии анъанавӣ берун баромада, бо дарбаргирии вазифаҳои дигари идоракунӣ доираи соҳаи татбиқи худро васеъ мекунад – он ҳамчун унсури асосии таъминоти иттилоотӣ-таҳлилӣ ҳамаи марҳилаҳои омодасозӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ, банақшагирӣ, ояндабинӣ, буҷетикунонӣ, идоракунии фаврӣ, танзими фаъолияти хоҷагидорӣ ва дар ниҳоят, назорат ва арзёбии иҷрои қарорҳои идоракуниро фаро мегирад.

Мавқеи олимони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ оид ба моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ гуногун аст, ки ақидаҳои дахлдори онҳо дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1. Ақидаҳои олимон оид ба мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ**
**Table 1. Scientists' opinions on the concept and essence of management accounting**

| Муаллиф | Тафсири мафҳум ё моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ |
|---|---|
| М.А. Вахрушина [2,с.16] | Самти мустақили баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона, ки дастгирии иттилоотии низоми идоракунии фаъолияти соҳибкориро таъмин мекунад. |
| К. Друри [3,с.13] | Ба шахсони дохили худи корхона пешниҳод кардани иттилооте, ки ин шахсон дар асоси он метавонанд қарорҳои асоснок қабул кунанд ва самаранокию ҳосилнокии амалиёти ҷориро баланд бардоранд. |
| М.В. Калемуллоев [5,с.72] | Инъикоси нишондиҳандаҳои ҳисоботии дохилии маълумотҳоро дар бораи муносибатҳои иқтисодии байни воҳидҳои корхона, ки дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ва ташаккули арзиши аслии онҳо ба вуҷуд меоянд, коркард ва ҷамъбаст менамояд. |
| Н.А. Калутская [7,с.196] | Зернизоме, ки дар асоси баҳисобгирии муҳосибӣ сохта шудааст ва ҳадафи асосии он таъмини иттилооти зарурӣ барои қабули қарорҳои саривақтӣ ва муассир мебошад. |
| Б.Ҳ. Каримов [10,с.19] | Асоси низоми баҳисобгирии идоракунӣ баҳисобгирии хароҷот - ғункунӣ ва гурӯҳбандии хароҷот, тақсимоти хароҷот ба объектҳои баҳисобгирӣ (воҳидҳои маҳсулот, макони хароҷот) баҳисоб меравад. Маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ барои истифода дар дохили корхона (аз ҷониби роҳбарият ва дигар кормандони идоракунанда) таъин гардида, сирри тиҷоратӣ мебошанд. |
| С.Ф. Низомов [11,с.10] | Низоми ҳамгироии бо ҳам алоқаманде, ки унсурҳои (зернизомҳои) муташаккили ба худ хосро доро буда, ҷараёни табдилёбии иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилиро бо мақсади қабули қарорҳои фаврӣ, тактикӣ, стратегӣ ва проблемавии идоракунӣ таъмин менамоянд, ки ба менеҷерон ҷиҳати иҷроиши функсияҳояшон зарур аст. |
| Ч. Хорнгрен [14,с.27] | Низоми ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии иттилооти молиявӣ ва ғайримолиявӣ, ки дар асоси он менеҷерҳо барои ноилгардӣ ба ҳадафҳои корхона қарорҳо қабул мекунанд. Маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ асосан дар дохили корхона истифода мешаванд ва аз ҳудудҳои он берун намебароянд. |
| Қ.Х. Хушвахтзода [15,с.81] | Аслан кори дохилии корхона буда, имкон медиҳад, ки бар хилофи баҳисобгирии муҳосибӣ ва баҳисобгирии молиявӣ, ҷанбаҳои ба худ хоси ин ё он корхона ба назар гирифта шаванд. |

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Таҳлили ақидаҳои олимони гуногун оид ба мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ нишон медиҳад, ки он дар ҳама гуна тафсир на баҳисобгирии муҳосибӣ дар доираи маҳдуд, балки баҳисобгирии муҳосибӣ бо дарбаргирии баҳисобгирии фаврӣ, банақшагирӣ, таҳлил, назорат, ояндабинӣ ва дигар унсурҳои вазифаҳои идоракунӣ мебошад. Азбаски баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун низоми бақайдгирӣ, ҷамъоварӣ, коркард, додугирифти иттилоот ва пешниҳоди он барои таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ фаҳмида мешавад, пас, табиист, ки ҳадафи асосии он ташаккули низоми иттилоотии идоракунӣ дар корхона ва нигоҳ доштани он дар ҳолати мубрами корӣ мебошад. Ҳамзамон ин заминаи муҳимтарини амалкунии босамари низоми идоракунӣ мебошад. Зеро қабули қарорҳои идоракунӣ дар асоси иттилооти саҳеҳ ва саривақтӣ ба туфайли истифодаи воситаҳои менеҷмент, баҳисобгирӣ, банақшагирӣ, таҳлил ва назорат ба ҷо оварда мешавад.

Ҳамин тариқ, баҳисобгирии идоракунӣ – ин якҷояшавии намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, идоракунӣ ва баҳисобгирӣ дар дохили корхона мебошад, ки барои ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот ва дар ин замина тартиб додани ҳисоботи идоракунии дарбаргирандаи маълумот барои ба ҷо овардани таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти корхона ва воҳидҳои сохтории он хизмат мекунад.

Имрӯз баҳисобгирии идоракуниро метавон ҳамчун як самти мустақили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ ҳисобид, ки роҳбарият ва менеҷменти корхонаро бо иттилооти зарурӣ барои банақшагирӣ, идоракунӣ, назорат, таҳлил, арзёбӣ ва ояндабинии нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти умуман корхона ва ҳам воҳидҳои сохтории он таъмин менамояд. Ҳадафи баҳисобгирии идоракунии муосир бо иттилооти зарурӣ таъмин намудани кормандони барои ноилгардӣ ба ҳадафҳои мушаххаси истеҳсолии корхона масъулбуда мебошад. Ба қавли дигар, баҳисобгирии идоракунӣ самти алоҳидаи тафаккури илмӣ буда, ҳамчун объекти таҳқиқот пойгоҳи иттилоотии ҳамаҷониба ба ҳисоб меравад, ки таҳлили босифат ва воқеъбинонаи вазъи кунунии бозорро ифода мекунад ва имкон медиҳад, ки қарорҳои идоракунии босамар қабул карда шаванд. Объекти баҳисобгирии идоракунӣ, пеш аз ҳама, хароҷоти корхона мебошанд, ки натиҷаҳои асосии фаъолияти соҳибкории корхонаро ифода мекунанд. Вобаста ба ин, мавзуи баҳисобгирии идоракунӣ фаъолияти истеҳсолии корхона ё воҳидҳои сохтории он мебошад.

Корбурди низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхона шароит фароҳам меорад, ки тамоми раванди идоракунӣ такмил ёбад, имконияти воқеӣ барои минбаъд беҳгардии он ба даст ояд. Ҳангоми татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ якчанд масъалаҳо бояд ҳалли худро ёбанд, аз ҷумла: муайян кардани ҳадафҳо; муқаррар кардани дараҷаи масъулияти кормандони алоҳида; омодасозӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ; назорати ҷорӣ ва минбаъдаи иҷрои қарорҳо; баҳисобгирии натиҷаҳои бадастомада; мукаммалсозии назорати ҷорӣ ва минбаъда; таҳлили тамоюлот [12,с.210]. Шубҳае нест, ки бо ҳалли ҳамаи ин масъалаҳо низоми нисбатан муносиби қабули қарорҳои идоракунӣ ва иҷрои онҳо дар низоми идоракунии корхона таъмин шуда метавонад ва он ба иҷрои вазифаҳои муҳимтарини идоракунии истеҳсолот, чун ташаккули арзиши аслии пурра ва дар асоси он муайян кардани фоида, ташаккули арзиши аслии ихтисоршуда ва дар асоси он ҳисоб кардани даромади маржиналӣ, мусоидат хоҳад кард. Бо ин, мо бори дигар тасдиқ мекунем, ки вазифаи асосии баҳисобгирии идоракунӣ – ин омодасозии иттилооти зарурӣ барои қабули қарорҳои идоракунии муносиб доир ба беҳгардонии раванди идоракунии истеҳсолот мебошад. Аз ин бармеояд, ки муҳтавои баҳисобгирии идоракунӣ аз ҳадафҳои идоракунӣ муайян мегардад, яъне он метавонад бо қарори маъмурияти корхона вобаста аз манфиат ва ҳадафҳои дар назди роҳбарони воҳидҳои сохтории корхона гузошташуда тағйир ёбад. Зеро дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ иттилооти дохилӣ оид ба фаъолияти корхона ташаккул меёбад ва он барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти мушаххаси идоракунӣ, чун такмили истеҳсолот, кам кардани хароҷот, беҳгардонии таркиби хароҷот ва дигарҳо ба кор бурда мешавад. Бинобар ин, маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ сирри тиҷоратии корхона мебошад.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки баҳисобгирии идоракунӣ на танҳо мушоҳида ва ҷамъбасткунии маълумот аст, балки он низоми идоракунии фаврии дохилӣ мебошад, ки

тамоми воҳидҳои сохтории корхонаро фаро мегирад. Дар ин маврид, моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ дар пешниҳод кардани иттилооти ба менеҷерҳои зинаҳои гуногун дар раванди идоракунии фаъолияти хоҷагидории корхона ва воҳидҳои сохтории он зарурӣ ифода меёбад. Зимнан, иттилооти дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ ташаккулёфта нисбат ба иттилооти баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ хеле васеътар ва муфассал мебошад.

Баҳисобгирии молиявӣ бештар ба назорати дороиҳо ва уҳдадориҳои корхона, бақайдгирӣ ва таснифи амалиёте таваҷҷуҳ менамояд, ки натиҷаҳои молиявии фаъолияти хоҷагидории корхонаро бунёд мекунанд. Баҳисобгирии молиявӣ моҳиятан таърихӣ мебошад ва ба шарҳи натиҷаи падидаҳои замони гузаштаи дар корхона руҳдода нигаронида шудааст. Аммо баҳисобгирии идоракунӣ ҳатман ба оянда нигарон аст, диққатро ба он равона мекунад, то ки ба рафти рӯйдодҳои хоҷагидории оянда таъсир расонида, паёмади онҳоро барои корхона мувофиқи хоҳиши роҳбарият ва менеҷмент тағйир диҳад. Яъне иттилооти баҳисобгирии молиявиро наметавон тағйир дод, вале барои ташаккули иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ ва муайян кардани вазъи ояндаи фаъолияти хоҷагидории корхона менеҷмент масъул аст. Баҳисобгирии идоракунӣ дар тамоми сохтори истеҳсолӣ ва идоракунии корхона инфиродӣ аст, ҳар як менеҷер ё роҳбари воҳиди сохтории алоҳидаи корхона соҳаи ба худ вобасташудаи фаъолиятро роҳбарӣ мекунад. Дар раванди банақшагирии фаъолият, танзим ва роҳбарии он бояд ҳамоҳангии кӯшишҳои ҳамаи менеҷерҳои корхона барои ноилгардӣ ба ҳадафҳои умумӣ таъмин карда шавад. Барои ҳар як зинаи менеҷмент ҳадаф ва вазифаҳои мушаххас муқаррар карда мешаванд. Ҳар як менеҷер дар қитъаи салоҳияти худ дар таҳияи нақшаҳо, буҷетҳо ва харҷномаҳо саҳмгузор буда, барои расидан ба ҳадафҳо ва иҷрои вазифаҳои умумии корхона саъй мекунад.

Акнун мо тасдиқ кардем, ки баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун вожаи иқтисодӣ нисбат ба баҳисобгирии молиявӣ васеътар аст, зеро барои ҷавоб додан ба теъдоди зиёди саволҳо ва ҳалли бештари масъалаҳои амалии баҳисобгирии муҳосибӣ, хусусан масъалаҳои марбут ба баҳисобгирии хароҷот имкон медиҳад. Барои тасдиқи ин гуфта тавсифи қиёсии баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракуниро аз рӯйи аломатҳои гуногун меорем (ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. Тавсифи қиёсии баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ**
**Table 2. Comparative characteristics of management accounting and financial accounting**

| Аломат | Баҳисобгирии идоракунӣ | Баҳисобгирии молиявӣ |
|---|---|---|
| Объекти баҳисобгирӣ | Корхона ва воҳидҳои сохтории он | Умуман тамоми фаъолияти хоҷагидории корхона |
| Танзим бо қонунгузорӣ | Бо қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда намешавад | Бо қонунгузорӣ, аз ҷумла бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» танзим карда мешавад |
| Танзими меъёрӣ | Танзимкунии дохилӣ, бо санадҳои дохилии корхона мувофиқи эҳтиёҷи роҳбарият ва амалияи идоракунӣ | Бо низомномаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ |
| Ҳадафи пешбурд | Тартиб додани ҳисобот барои истифодабарандагони дохилӣ | Тартиб додани ҳисобот барои истифодабарандагони берунӣ |
| Асоси методологӣ | Муқоисакунии даромадҳо ва хароҷот | Муодилаи тавозунӣ: Дороиҳо = Уҳдадориҳо + Сармояи худӣ |
| Истифодабарандагони маълумот | Дохилӣ – бевосита роҳбарият ва менеҷменти корхона | Берунӣ – мақомоти давлатӣ, аудиторҳо, бонкҳо, харидорон ва таъминкунандагон, сармоягузорон |
| Шакли ифодаи маълумоти аввалӣ | Пулӣ, аслӣ, меҳнатӣ | Пулӣ |
| Усулҳои истифодашаванда | Шаклҳои озоди усулҳои истифодашаванда | Ҳуҷҷатноккунӣ, барӯйхатгирӣ, ҳисобҳо ва навишти дутарафа |

| | | |
|---|---|---|
| Саҳеҳии маълумот | Баҳисобгирии фаврӣ бо нишон додани қиматҳои тақрибӣ | Маълумоти бо ҳуҷҷатҳо тасдиқгардида, вале на ҳамеша мутлақо аниқ |
| Дастрасии иттилоот | Сирри тиҷоратӣ мебошад | Иттилооти шаффоф ва ба ҳама дастрас |
| Давраҳои баҳисобгирӣ | Афзалиятиояндабинии фаъолияти хоҷагидорӣ | Танҳо натиҷаи амалиёти аллакай рухдода инъикос карда мешавад |
| Даврияти пешниҳоди ҳисобот | Мувофиқи эҳтиёҷоти роҳбарият | Мувофиқи қонунгузорӣ (асосан солона, семоҳа ва моҳона) |
| Субъекти назорат | Роҳбарият ва менеҷменти корхона, соҳибмулкон | Мақомоти давлатӣ, аудити мустақил, соҳибмулкон |
| Масъулият барои саҳеҳии маълумот | Бо сиёсати дохилӣ ва низомномаҳои корхона муайян мегардад | Бо қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст. Ҷавобгарии молиявӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст |

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Муҳтавои ҷадвали 2-ро таҳлил карда, метавон тасдиқ кард, ки баҳисобгирии идоракунӣ дар тафовут аз баҳисобгирии молиявӣ дар ҳар як корхона мушаххас аст. Ҳар як корхона ҳадафҳо, стратегия, афзалият, манфиат, арзишҳо ва анъанаҳои худро дорад, ки аз таҷрибаи фаъолияти он дар бозор маншаъ мегиранд ва ҳар кадоме ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаи мазкур таъсир мерасонанд. Дар баробари ин, ҳар як корхона ба мақомоти давлатӣ, пеш аз ҳама ба мақомоти андоз ҳисобот месупорад, ки онҳо дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ ташаккул мёбанд ва аз ҷиҳати муҳтаво барои ҳамаи корхонаҳо якхел мебошанд, зеро онҳо дар асоси талаботи якхелаи аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ (Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо санадҳои меъёрӣ ва қонунгузорӣ муайянгардида тартиб дода мешаванд. Сарфи назар аз ҷиҳатҳои умумии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ, ҳар як корхона дар роҳандозӣ намудани фаъолияти тиҷоратии худ мустақил буда, баҳисобгирии идоракуниро мувофиқи хусусиятҳои фаъолияти худ пеш мебарад. Ҳар як корхона равандҳои тиҷоратии ба фаъолияти худ хосро дорад, барои анҷом додани онҳо сохтори ташкилии худро таъсис медиҳад. Ҳамчунин, ҳар як корхона мушкилоти пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ ва идоракунии онро дорад, ки менеҷменти корхона бояд роҳҳои бартараф кардани онҳоро дарёфт кунад. Албатта, мушкилоти имрӯза ва ояндаи фаъолияти хоҷагидорӣ дар асоси таҳлили маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоботи идоракунӣ муайян карда ва роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода мешаванд.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, ҳам дар идоракунии корхона ва ҳам дар баҳисобгирии идоракунӣ принсипҳо, равишҳо ва усулҳои муайян ташаккул ёфтаанд, ки ба самаранокии онҳо қариб касе шубҳа намекунад. Барои идора кардани фаъолияти истеҳсолии корхона, шахсони манфиатдор бояд донанд, ки дар корхона чӣ рух додааст ва чӣ рух дода истодааст ва ин маълумот бояд барои ҳам корхона ва ҳам воҳидҳои сохтории он, бо ҳама тафсилот ва дар бораи тамоми соҳаҳои фаъолият мавҷуд бошад. Акнун шумораи бештари одамон эътироф мекунанд, ки имрӯз дар идоракунӣ иттилоот ва донишҳо муҳимтарин захираҳои иқтисодӣ буда, самаранокии истифодабарии онҳо аз имконияти рақамикунонии иқтисодиёт вобастагӣ дорад.

Ҳамин тариқ, баҳисобгирии идоракунӣ аз баҳисобгирии молиявӣ тафовут дорад, вале заминаҳои таҳаввули онҳо ягона мебошанд. Танҳо дар солҳои охир, аниқтараш, дар нимаи дуюми асри XX ин ду намуди баҳисобгирии муҳосибӣ аз баҳисобгирии муҳосибии умумӣ ҷудо шудаанд. Вобаста ба ин, муҳаққиқ И.А. Бобиев қайд мекунад, ки «дар ибтидои солҳои 50-уми асри 20 дар мамлакатҳои дорои иқтисоди бозаргонӣ дар соҳаи баҳисобгирии хоҷагӣ дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омад. Ин тағйиротҳо аз он сабаб ба амал омад, ки баҳисобгирии анъанавӣ барои пешгӯии фаъолияти иқтисодӣ ва қабули қарорҳои самараноки идоракунӣ аз тарафи роҳбарон маълумоти заруриро таъмин карда наметавонист. Чунин омилҳо сабаб гашт, ки як системаи иттилоотии аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ асоснокшуда –баҳисобгирии идоракунӣ ба миён омад» [1,с.77].

Вале тавре манбаъҳои дигари илмию таърихӣ тасдиқ мекунанд, арзи ҳастӣ намудани баҳисобгирии идоракунӣ таърихи тӯлонитар дорад, заминаҳои пайдошавии он ҳамчун низоми мустақили баҳисобгирӣ ботадриҷ тавлид ёфта, бо мурури мукаммалгардии равандҳои истеҳсолӣ онҳо низ такмил ёфтаанд. Ҳамин тариқ, дар охирҳои асри XVIII ва давоми асри XIX рушди босуръати истеҳсолоти саноатӣ ба амал омад, мануфактураҳо ҳамчун корхонаҳои азими истеҳсолӣ пайдо шуда, сипас ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ташаккул ёфтанд, ки дар натиҷаи ҳамаи ин муомилоти молӣ дар байни субъектҳои хоҷагидории мамлакатҳои гуногун вусъат ёфт. Ҳамин тариқ, рушди саноат ба афзоиши рақобати байни истеҳсолкунандагон ва оғози раванди нархгузории озоди молҳо мусоидат кардааст. Акнун дар идоракунии корхонаҳо ҳамчун низомҳои мураккаби истеҳсолӣ дар мадди аввал на танҳо бақайдгирӣ ва инъикоси маълумот дар бораи хароҷот ва даромади корхона, балки ташаккул ва корбурди маълумоте меистад, ки дар асоси он даромаднокии ҳар як намуди маҳсулот ва сатҳи фоиданокии нархҳои барои маҳсулот муқарраршударо метавон арзёбӣ кард. Ҳамин тариқ, «аз баҳисобгирии муҳосибӣ баҳисобгирии арзишҳисобкунӣ ҳамчун баҳисобгирии нисбатан фаврӣ ва муфассал ҷудо мешавад, ки иттилооти он барои муқаррар намудани ҳадди пасткунии нархҳои маҳсулот ва арзёбӣ намудани он ки, истеҳсоли кадом маҳсулот муфид аст, имкон медиҳад» [4,с.25].

Вазифаи асосии баҳисобгирии арзишҳисобкунӣ (ҳисобкунии арзиши аслӣ) таъмини раванди идоракунии истеҳсолот бо иттилооти фаврӣ-техникӣ оид ба хароҷот дар доираҳои гуногуни истеҳсолӣ (намудҳои маҳсулот, марказҳои хароҷот, намудҳои истеҳсолот ва ғ.) мебошад, ки ба идоракунии нисбатан самараноки истеҳсолот мусоидат мекунад. Вале рушди минбаъдаи равандҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноатӣ, такмили технологияҳои истеҳсолӣ, татбиқи равандҳои коркарди автоматонидашуда ва тарзҳои сермаҳсули истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар охири асри XIX ва оғози асри XX раванди идоракунии истеҳсолотро ба таври назаррас мураккаб гардониданд. Акнун маълумот оид ба арзиши аслии маҳсулот, ки бо ҳаҷмҳои калон ва дар коргоҳҳои зиёд истеҳсол мешуд, наметавонист, ки дар бораи сабабҳо ва айбдорони гароншавии арзиши аслӣ иттилоот диҳад. Дар натиҷа буҳрони баҳисобгирии арзишҳисобкунӣ ба миён меояд. Ба хотири мукаммалгардонии раванди ҳисобкунии арзиши аслӣ усулҳои нави баҳисобгирии хароҷот ва арзишҳисобкунӣ таҳия карда мешаванд, чун: стандарт-костинг, директ-костинг, баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи марказҳои масъулият ва дигарҳо. Ҳамаи ин ба табдили баҳисобгирии арзишҳисобкунӣ ба баҳисобгирии истеҳсолӣ боис гардид, ки вазифаи он идоракунии раванди ташаккули арзиши аслии маҳсулот мебошад. Иттилооти баҳисобгирии истеҳсолӣ акнун мақоми сирри тиҷоратиро мегирад, зеро он барои таҳия ва қабули қарорҳои муҳими идоракунӣ – интихоби маҳсулот барои истеҳсол кардан, муқаррар кардани нархи маҳсулот, идора кардани хароҷот истифода мешавад. Тафовути асосии баҳисобгирии истеҳсолӣ аз баҳисобгирии арзишмуайянкунӣ ин нигарон будан ба оянда мебошад.

Ботадриҷ аз миёнаи дуюми асри XX дар аксари мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта дар илм ва фаъолияти идоракунии корхонаҳо ба ҷойи вожаи «баҳисобгирии истеҳсолӣ» вожаи «баҳисобгирии идоракунӣ» мақом гирифт. Ба миён омадани вожаи «баҳисобгирии идоракунӣ» ва ҳамзамон ҷорӣ гардидани фанни таълимӣ барои омодасозии муҳосибони касбӣ бо ҳамин ном ба фаъолияти Ассотсиатсияи америкоии муҳосибон (American Accounting Association) рабт дорад. Аввалин бор дар соли 1972 ташкилоти мазкур мутахассисони соҳаи баҳисобгирии идоракуниро омода намуда, ба онҳо тахассуси муҳосиб-таҳлилгар дод. Худи ҳамин сол расман ҳамчун соли ҷудошавии баҳисобгирии муҳосибӣ ба ду самт (намуд) – баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ эътироф карда шуд.

Бо вуҷуди дар низоми идоракунии корхонаҳо мақоми худро пайдо кардани баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳамчун фанни таълимӣ ҷорӣ гардидани он, баҳсҳо оид ба он ки байни баҳисобгирии истеҳсолӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ чӣ гуна муносибатҳо ҳастанд, зиёд мешуданд ва дар натиҷа гурӯҳи саволҳои ҷавобталаб ба миён омаданд, ки моҳияташон чунин буд:

- оё баҳисобгирии истеҳсолӣ моҳиятан ҳамон як чиз мебошанд?
- оё баҳисобгирии истеҳсолӣ аз баҳисобгирии идоракунӣ васеътар аст, ё баръакс?

- оё баҳисобгирии истеҳсолӣ бахши баҳисобгирии идоракунӣ мебошад?

Дар адабиёти соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ ба ин саволҳо ҷавоби бодалел пайдо карда мешавад. Аксари муҳаққиқон ҳамчун бахши таркибии баҳисобгирии идоракунӣ будани баҳисобгирии истеҳсолиро тасдиқ кардаанд ва ҳамзамон тафовути баҳисобгирии идоракуниро аз баҳисобгирии истеҳсолӣ нишон додаанд. Аз ҷумла, М.В. Калемуллоев баҳисобгирии истеҳсолиро ҳамчун пешгузаштаи баҳисобгирии идоракунӣ эътироф карда, онро чун «ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва коркарди иттилоот оид ба хароҷоти истеҳсол, аз ҷумла ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) ҳам барои ҳадафҳои тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ, ҳам барои ҳадафҳои идоракунии дохилиширкатӣ (қабули қарорҳо аз ҷониби роҳбарият дар дохили корхона, банақшагирӣ, назорат ва танзим» шарҳ додааст [6,с.13].

Дар арсаи байналмилалӣ то охири нимаи якуми асри XX баҳисобгирии идоракунӣ, ки бо истилоҳи англисии «management accounting» ифода мешуд, ҳамчун бахши баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ (financial accounting) ҳисобида мешуд ва ба баҳисобгирии хароҷот, ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот (кор, хизматрасонӣ), муайян кардани таъсири арзиши аслӣ ба фоидаи корхона мутаваҷҷеҳ буд. Дар охири солҳои 1940 дар ИМА ва як қатор мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ баҳисобгири идоракунӣ ҳамчун бахши сиёсати идоракунӣ эътироф гардид ва муҳосиб бештар баояндабинӣ, банақшагирӣ, қабули қарорҳои идоракунӣ ва назорати раванди таъмини иттилоот ба воҳидҳои сохтории низоми идоракунии корхона диққат медод. Ҳамин тариқ, акнун муҳосиб на танҳо ҷамъоварӣ, коркард ва ҷамъбасткунии иттилоот оид ба натиҷаҳои амалиёти хоҷагидориро анҷом медиҳад, балки ӯ мутахассиси низоми менеҷменти корхона ҳам ҳаст, ки ба раванди таҳия ва қабули қарорҳои идоракунии молиявӣ таъсири муҳим мерасонад.

Муносибати байни баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии истеҳсолӣ (баҳисобгирии хароҷот) ва баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун унсурҳои низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона таҳқиқ намуда, метавон чунин амсилаи робитаи онҳоро пешниҳод кард, ки дар он баҳисобгирии идоракунӣ зернизом (унсур)-и баҳисобгирии муҳосибӣ буда, дастгоҳи идоракунии корхонаро бо иттилооти барои банақшагирӣ (аз ҷумла, банақшагирии ба оянда нигаронбуда – банақшагирии стратегӣ), идоракунӣ ва назорати раванди истеҳсолот истифодашаванда таъмин мекунад (расми 1). Дар ин маврид, баҳисобгирии идоракунӣ равандҳои ошкоркунӣ, ченкунӣ, ҷамъоварӣ, таҳлил, омодасозӣ, тафсир, интиқол ва додугирифти иттилооти барои идоракунии фаъолияти истеҳсолию хоҷагидории корхона заруриро дар бар гирифта, иттилооти барои худ заруриро аз баҳисобгирии молиявӣ (дар шакли ҳисоботи молиявӣ барои истифодабарандагони дохилӣ) ва баҳисобгирии истеҳсолӣ (оид ба хароҷоти истеҳсолӣ ва натиҷаҳои молиявӣ, ҳисобкунии арзиши аслӣ) мегирад.

**Расми 1. Робитаи байниҳамдигарии баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии истеҳсолӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ**

**Figure 1. Relationship between financial accounting, production accounting and management accounting**




Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Аз тарҳи инъикоскунандаи робитаи байниҳамдигарии намудҳои баҳисобгирӣ дида мешавад, ки баҳисобгирии молиявӣ барои тартиб додани ҳисоботи молиявӣ иттилооти баҳисобгирии истеҳсолиро низ истифода мебарад. Ҳамчунин тарҳи мазкур нишон медиҳад, ки ҳам барои баҳисобгирии молиявӣ ва ҳам барои баҳисобгирии идоракунӣ иттилооти дар доираи баҳисобгирии истеҳсолӣ ташаккулёфта оид ба арзиши аслӣ муҳим аст.

Шароити иқтисодии дигаршуда бозбинӣ намудани самти ҳаракат ва рушди минбаъдаи баҳисобгирии идоракуниро талаб мекунанд. Иқтисодиёти нави бо дониш такякунанда ва рақамикунонии он чунин низоми ташкили фаъолияти корхонаи тиҷоратиро талаб менамоянд, ки бештар ба қабули қарорҳо ва амалҳои дарозмуҳлат нигаронида шуда бошад, на ба таҳлили зуҳурот ва амалиёти хоҷагидории қаблӣ (таҳлил ва ҳисоб кардани хароҷот, арзёбии натиҷаҳои молиявии фаъолият ва ғайра). Зимнан таъкид мекунем, ки чунин қарорҳо бояд бо хароҷоти ҳадди ақал, аз ҷумла харҷи камтарини вақт таҳия ва қабул карда шаванд.

Дар баробари ҳамчун низоми идоракунӣ пойдор шудани баҳисобгирии идоракунӣ доираи он низ дар низоми идоракунии фаъолияти истеҳсолӣ васеъ гардид: низоми истифодашаванда ҳамчун низоми ҳамаҷонибаи идоракунӣ татбиқ мегардад, яъне он тамоми вазифаҳои асосии идоракунии соҳибкориро фаро мегирад. Имрӯз баҳисобгирии идоракунӣ низоми ояндабинӣ, банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, назорат ва таҳлили иттилоот оид ба хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолию хоҷагидории корхона аз рӯйи объектҳои баҳисобгирӣ, ки барои ҳадафҳои идоракунӣ ҷудо карда шудаанд, инчунин қабули фаврии қарорҳои идоракунӣ ба хотири беҳгардонии натиҷаҳои молиявии фаъолият мебошад. Ҳамин тариқ, баҳисобгирии идоракунӣ, аз як ҷониб, намуди фаъолиятест, ки ҳадафаш пешниҳоди иттилоот ба роҳбарияти корхона барои қабули қарорҳои идоракунӣ ва банақшагирӣ мебошад ва аз ҷониби дигар, он як бахши низоми иттилоотии дохилии ҳар як корхона аст.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ - Низомов С.Ф.**

**АДАБИЁТ**


1. Бобиев И.А. Ҷанбаҳои таърихии пайдоиш ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ / И.А. Бобиев, Н.С. Каримов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. -№2(61). -С.71-79.
2. Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет: учебник / М.А. Вахрушина. -8-е изд., испр. -М.: Издательство «Омега-Л», 2010. -570 с.
3. Друри К. Управленческий учет для бизнес-решений / К. Друри / Пер. с анг. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2012. -655 с.
4. Иванова И.В. Эволюция управленческого учета как составной части мировой системы учета / И.В. Иванова // Учет и статистика. – 2013. -№1(29). -С.21-29.
5. Калемуллоев М.В. Расширение границ учетно-аналитической информации и контрольных процедур в условиях цифровизации экономики. Монография / М.В. Калемуллоев. Под редакцией И.В. Сафоновой. -Душанбе: График Принт, 2019. -212 с.
6. Калемуллоев М.В. Производственный учет в системе управленческого учета: автореф. дисс. на соиск. учен. степ. к.э.н.: 08.00.12 / Калемуллоев Мунир Вахидович. –М., 1999. -23 с.
7. Калуцкая Н.А. Сущность управленческого учета с позиции развивающихся учетных систем / Н.А. Калуцкая, В.Е. Андреева, Е.В. Савельева // Белгородский экономический вестник. – 2019. -№4(96). -С.192-198
8. Каримов Б.Х. Развитие системы бухгалтерского учета в условиях глобализации / Б.Х. Каримов // Государственное управление. – 2021. -№3(52). -С.38-49.
9. Каримов Б.Х. Влияние процессов глобализации и цифровизации на национальную систему бухгалтерского учета / Б.Х. Каримов // Экономика, бизнес, инновации. Сборник статей XXII Международной научно-практической конференции. -Пенза, 2023. -С.51-54.
10. Каримов Б.Ҳ. Баҳисобгирии муҳосибӣ. Китоби дарсӣ / Б.Ҳ. Каримов, Каримиён М.Б., Каримиён М.Б. -Душанбе: Ирфон, 2021. -440 с.
11. Низомов С.Ф. Баҳисобгирии идоракунӣ: китоби дарсӣ / С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев, С.Х. Раҳимов. -Душанбе: Ирфон, 2017. -324 с.
12. Седова Е.И. Теоретические подходы к формированию системы управленческого учета / Е.И. Седова, К.Ю. Гамазина // Вестник университета. – 2016. -№5. -С.209-212.
13. Сигидов Ю.И. Сущность, основные задачи и функции управленческого учета / Ю.И. Сигидов // Научный журнал КубГАУ. – 2013. -№91(07). -С.1678-1703.
14. Хорнгрен Ч. Управленческий учет / Ч. Хорнгрен, Дж. Фостер, Ш. Датар. -10-е изд. пер. с анг. -СПб.: Питер, 2005. -1008 с.

15. Хушвахтзода Қ.Х. Ташаккули баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат дар ташкилотҳои доруворӣ / Қ.Х. Хушвахтзода, Р.К. Болтуева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. -№5. -С.80-87.
16. Шеремет А.Д. Теория управленческого учета / А.Д. Шеремет // Сибирская финансовая школа. – 2011. -№3(86). -С.6-10.

## МОҲИЯТИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ВА ЗАМИНАҲОИ ТАҲАВВУЛИ ОН

Дар робита ба зуҳуроти буҳронӣ, ки солҳои охир дар ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми ҷанбаҳои иқтисодии ҳаёти инсонро фаро гирифтааст, мушкилоти ташаккули низоми самараноки идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ торафт барои таҳқиқи илмию амалӣ мубрамии бештар пайдо мекунад. Шароити муосири рушди муносибатҳои иқтисодӣ корхонаҳоро барои бозбинӣ кардани низоми мавҷудаи баҳисобгирии идоракунӣ, ки манбаи асосии таъминкунандаи иттилоот барои омодасозӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад, водор менамояд. Инчунин равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ ҳамчун аломатҳои асосии иқтисодиёти муосир ба низоми баҳисобгирии идоракунии корхонаҳо талаботи худро мегузоранд. Бо вуҷуди ин, бисёр роҳбарон аҳамияти баҳисобгирии идоракуниро дар пешрафти фаъолияти корхонаҳои худ ҳанӯз дарк накардаанд, вазифаҳо ва ҳадафҳои роҳандозӣ намудани онро пурра сарфаҳм намеравaнд. Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявӣ ва заминаҳои таърихии таҳаввули баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун самти фаъолият ва соҳаи илми муҳосибӣ ба таҳқиқ фаро гирифта шуда, мафҳум, моҳият ва аҳамияти он дар низоми идоракунии корхонаҳои муосир муайян карда шудааст. Ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ ҷамъбаст карда шуда, фикри муаллиф дар бораи мафҳум ва моҳияти он оварда шудааст. Ба масъалаи муносибати байни баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии истеҳсолӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ дар раванди таҳаввули баҳисобгирии идоракунӣ диққати махсус дода шуда, амсилаи робитаи ин намудҳои баҳисобгирӣ таҳия карда шудааст. Вобаста ба ин тасдиқ карда шудааст, ки баҳисобгирии идоракунӣ намуди фаъолиятест, ки ҳадафи он пешниҳоди иттилоот ба роҳбарияти корхона барои қабули қарорҳои идоракунӣ ва банақшагирии фаъолият буда, бахши муҳимтарини низоми иттилоотии дохилии ҳар як корхонаро ташкил медиҳад.

**Калидвожаҳо:** баҳисобгирии муҳосибии анъанавӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии истеҳсолӣ, қабули қарорҳои идоракунӣ, идоракунии истеҳсолот, ҳисоботи идоракунӣ, идоракунии фаврии дохилӣ.

## СУЩНОСТЬ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА И ПРЕДПОСЫЛКИ ЕГО ЭВОЛЮЦИИ

В связи с кризисными явлениями, которые в последние годы охватили все экономические стороны жизни человека в мире, в том числе и в Республике Таджикистан, проблема формирования эффективной системы управления хозяйствующими субъектами приобретает все большую актуальность для научных и практических исследований. Современные условия развития экономических отношений вынуждают предприятия пересматривать существующую систему управленческого учета, которая является основным источником предоставления информации для подготовки и принятия управленческих решений. Также процессы глобализации и цифровизации, как основные признаки современной экономики, предъявляют свои требования к системе управленческого учета предприятий. Однако многие руководители до сих пор не понимают значения управленческого учета в развитии своих предприятий, не до конца понимают задачи и цели его внедрения. В данной статье исследуются теоретические основы и исторические предпосылки эволюции управленческого учета как направления деятельности и области бухгалтерской науки, определяются его понятие, сущность и значение в системе управления современных предприятий. Обобщены мнения отечественных и зарубежных ученых о сущности управленческого учета, а также представлено мнение автора о его значении и сущности. Особое внимание уделено вопросу взаимосвязи финансового учета, производственного учета и управленческого учета в процессе эволюции управленческого учета, разработана модель взаимосвязи этих видов учета. В связи с этим подтверждено, что управленческий учет представляет собой вид деятельности, целью которого является предоставление информации руководству предприятия для принятия управленческих решений и планирования деятельности, и образует важнейшую часть внутренней информационной системы любого предприятия.

**Ключевые слова:** традиционный бухгалтерский учет, управленческий учет, финансовый учет, производственный учет, принятие управленческих решений, управление производством, управленческая отчетность, оперативное внутреннее управление.

## THE ESSENCE OF MANAGEMENT ACCOUNTING AND THE PREREQUISITES OF ITS EVOLUTION

In connection with the crisis phenomena that in recent years have affected all economic aspects of human life in the world, including in the Republic of Tajikistan, the problem of forming an effective management system for business entities is becoming increasingly relevant for scientific and practical research. Modern conditions for the development of economic relations are forcing enterprises to reconsider the existing management accounting system, which is the main source of information for preparing and making management decisions. Also, the processes of globalization and digitalization, as the main features of the modern economy, place their demands on the management accounting system of enterprises. However, many managers still do not understand the importance of management accounting in the development of their enterprises and do not fully understand the tasks and goals of its implementation. This article examines the theoretical foundations and historical background of the evolution of management accounting as a direction of activity and a field of accounting science, defining its concept, essence and significance in the management system of modern enterprises. The opinions of domestic and foreign scientists about the essence of management accounting are

summarized, and the author's opinion about its meaning and essence is presented. Particular attention is paid to the issue of the relationship between financial accounting, production accounting and management accounting in the process of evolution of management accounting, and a model of the relationship between these types of accounting has been developed. In this regard, it has been confirmed that management accounting is a type of activity whose purpose is to provide information to the management of an enterprise for making management decisions and planning activities, and forms a vital part of the internal information system of any enterprise.

**Keywords:** traditional accounting, management accounting, financial accounting, production accounting, management decision making, production management, management reporting, operational internal management.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **davlatzoda.ss@mail.ru.** Телефон: **(+992) 981-00-00-50**

**Сведения об авторе:** ***Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры бухгалтерского учета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17. E-mail: **davlatzoda.ss@mail.ru.** Телефон: **(+992) 981-00-00-50**

**Information about the author:** ***Saifiddinzoda Samariddin Saifiddin –*** Tajik National University, Ph.D doctoral student of the Department of Accounting. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. E-mail: **davlatzoda.ss@mail.ru.** Phone**: (+992) 981-00-00-50**

ТДУ: 331.526

# ШУҒЛ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИМТАРИНИ ПАСТ КАРДАНИ САТҲИ КАМБИЗОАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

*Исмаилова М.М., Насирова У.Н.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар байни мушкилоти асосии глобалии марҳилаи муосири рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат масоили рафъи камбизоатӣ дар мадди аввал қарор доранд. Камбизоатӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ таъсир расонида, ба рушди шахсият, оила ва тамоми ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад ва боиси афзудани нобаробарии иҷтимоию иқтисодии қишрҳои ҷомеа мегардад. Инчунин, барои рушду пешрафти ҷамъият монеа эҷод мекунад.

Тақвияи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 модели кунунии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро чун модели индустриалӣ-аграрӣ муайян кардааст. Ин санади стратегӣ аз иқтисоди аграрӣ-саноатӣ ба индустриалӣ-аграрӣ табдил додани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ мекунад. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 аз ҳисоби таҷдиди саноат ва бахшҳои асосии он, омодасозии кадрҳо, осон кардани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои асосии иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, таъсиси ҷойҳои нави кориро пешбинӣ менамояд. Яке аз омилҳои асосии паст кардани сатҳи камбизоатӣ баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолии мамлакат мебошад.

Дар натиҷаи фурӯпошии ИҶШС дар аксарияти ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Дар натиҷа, дигаргуниҳо ба миқёс, сохтор ва фаъолияти меҳнатии аҳолии ин ҷумҳуриҳо таъсири худро расонданд ва сатҳи бекорӣ ба таври бесобиқа афзоиш ёфт. Бо кор таъмин намудани аҳолии мамлакат яке аз вазифаҳои асосии давлату Ҳукумат маҳсуб меёбад. Шуғл ҳамчун категорияи иҷтимоию иқтисодӣ маҷмуи муносибатҳоро оиди иштироки аҳолӣ дар фаъолияти меҳнатии мамлакат фаро мегирад ва аз ин ҳамин сабаб он муҳимтарин омили бозори меҳнат ба шумор меравад. Ба даст овардани сатҳи баланди шуғли аҳолӣ яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати макроиқтисодии ҳар як мамлакат, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Тавассути анҷом додани фаъолияти меҳнатӣ аҳолӣ музди меҳнат мегиранд, ки манбаи асосии даромади аҳолӣ ба шумор меравад. Масъалаи бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолии қобили меҳнати Тоҷикистон ҳанӯз дар замони шуравӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаб маҳсуб меёфт. Бо вуҷуди ин, давлат ба ҳамаи шаҳрвандони қобили меҳнат бо кор таъмин намуданро кафолат медод. Аз ин ҷост, ки дар ҷумҳурии мо асосан соҳаҳои нисбатан меҳнатталаб, аз қабили сабзавоткорӣ ва пахтакорӣ, коркарди пахта ва дигар корхонаҳои саноатӣ рушд карда буданд. Вале дар ҳамон замон ҳам тадбирҳои андешидашуда барои таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ нокифоя арзёбӣ мешуданд. Аз ин лиҳоз, муҳоҷират ба таври назаррас афзоиш ёфта, шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба таври оммавӣ барои кор ба кишварҳои хориҷи дуру наздик, асосан ба Россия мерафтанд. Дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ муносибати анъанавии бо кор таъмин намудани аҳолӣ ба шуғли самаранок тағйир дода шуд. Шуғли пурраи аҳолии қобили меҳнат, ки уҳдадории иштироки ҳар як шахс дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба шумор мерафт, бо консепсияи таъмини шуғли дилхоҳ, интихоби озоди шакл ва намуди шуғл иваз карда мешавад. Ба ибораи дигар, давлат бояд ба ҳар кас имконияти меҳнат карданро кафолат диҳад. Шахс бошад, ҳуқуқ дорад ҷой ва намуди фаъолияти меҳнатиро интихоб кунад ва дар бораи иштирок дар он қарор қабул кунад. Мушкилоти шуғли аҳолӣ ва афзоиши сатҳи бекорӣ дар солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон вобаста ба гузариш ба иқтисоди бозорӣ, ки ба таназзули рушди иқтисодӣ оварда расонд, оғоз гардида, имрӯз низ яке аз масоили ҳалталаби иқтисодёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Бар асари ин, аз сабаби аз кор мондан ва ё қисман фаъолият бурдани аксарияти корхонаҳои саноатӣ шумораи зиёди одамон бе воситаи рӯзгузаронӣ монданд. Ғайр аз ин, нобаробар

будани ин раванд на танҳо боиси коҳиши шуғли аҳолӣ, балки боиси пайдо шудани бекории рукудӣ гардид.

Дар марҳилаи кунунӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба коҳиши назарраси сатҳи камбизоатӣ ноил гардидааст. Соли 2022 сатҳи камбизоатӣ нисбат ба соли 2015 – 8,8% паст шуда, 22,5%-ро ташкил дод. Даромад аз шуғл ва интиқоли маблағ то ҳол омилҳои асосии коҳиши камбизоатӣ дар мамлакат ба ҳисоб мераванд. Бояд қайгуфт, ки коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ дар шаҳру деҳот фарқ мекунад. То дар соли 2022 ба 22,5% [10] коҳиш ёфтани камбизоатӣ, солҳои 2015-2022 ин нишондиҳанда дар шаҳрҳо тақрибан 24%-ро ташкил медод. Баръакс, сатҳи камбизоатӣ дар деҳот аз 36,1% дар соли 2015 то 33,1% дар соли 2022 ба таври қобили мулоҳиза коҳиш ёфт. Камбизоатиро тамаркузи (консентратсия) иқтисодӣ муайян мекунад. Сатҳи саноатикунонӣ ва шаҳринишинӣ омили муҳимми муайянкунандаи сатҳи камбизоатӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Сатҳи пасттарини камбизоатӣ дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд - 15,4% буда, ба он асос меёбад, ки бештари фаъолиятҳои иқтисодӣ дар ин мавзеъҳо мутамарказ шудаанд. Баръакс, сатҳи камбизоатӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) - 29,7%, Хатлон - 32,8% ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (НТҶ) - 32,5% [9] буда, ба таври умумӣ аз сатҳи миёнаи ҷумҳурӣ баландтар аст. Сарфи назар аз он ки фоизи сатҳи камбизоатӣ ҳанӯз ҳам дар мамлакат баланд аст, аммо бояд қайд намуд, ки баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон то сатҳи имрӯза яке аз дастовардҳои муҳимтарини даврони истиқлолият ба шумор меравад.

Бояд гуфт, ки хароҷоти озуқаворӣ тақрибан 75 фоизи тамоми истеъмоли оилаҳои камбизоатро ташкил медиҳад.

Афзоиши сатҳи умумии нархҳои истеъмолӣ дар семоҳаи аввали соли 2023 - 1,8%-ро ташкил дод. Сатҳи таваррум бошад, дар Тоҷикистон дар моҳи марти соли ҷорӣ 0,9%-ро ташкил дод. Аз аввали соли ҷорӣ то имрӯз нархи маҳсулоти озуқаворӣ – 3%, молҳои ғайриозуқаворӣ - 1,2% баланд гардидааст [11], ки ин сабаби паст гардидани сатҳи даромади аслии аҳолӣ мебошад.

Тибқи маълумотҳои дар ҳисоботҳои омории «Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» овардашуда, маоши миёнаи моҳонаи номиналӣ дар Тоҷикистон дар моҳи январи соли 2023 - 1878 сомонӣ ($184) мебошад, ки нисбат ба моҳи декабри соли 2022 - 12,3% кам аст. Сатҳи музди меҳнати аслӣ бо назардошти таваррум дар ҳамин давраи соли ҷорӣ 12,7% кам шуд ва ҳадди ақали музди меҳнат дар ҷумҳурӣ ба 600 сомонӣ ($55) баробар аст.

Ин нишондодҳо аз паст шудани сатҳи зиндагонии аҳолӣ шаҳодат медиҳанд. Аҳолии ҷумҳурӣ бошад, то 1 январи соли 2023 10 миллиону 011 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Аз он ҷумла, шумораи аҳолии қобили меҳнат, ки ба захираҳои меҳнатӣ дохил мешаванд, 5 миллиону 962,2 ҳазор нафар мебошад. Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол 2 миллиону 533 ҳазору 200 нафарро ташкил медиҳад [11]. Қувваи корӣ, яъне шахсони бо кор таъмин ва бекорони расман бақайдгирифташуда дар мамлакат дар моҳи январи соли 2023 ҳудуди 2,6 миллион нафарро ташкил дод, дар байни онҳо тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, 55,8 ҳазор нафар расман мақоми бекорро доранд, ки нисбат ба соли 2022 - 8,6% зиёд мебошад. Бояд гуфт, ки беш аз 2 миллион нафар шаҳрвандони Тоҷикистон аз 10,2 миллион нафар тибқи маълумотҳои гуногун, берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ ҷойи кор пайдо мекунанд. Ба фикри олим-иқтисоддон, профессор Х.У.Умаров, яке аз сабабҳои асосии оммавӣ рафтани аҳолии қобили кории Тоҷикистон, дар ҳудуди мамлакат набудани кор бо маоши муносиб ва арзанда барои рӯзгузаронӣ мебошад [9,с.33]. Бояд гуфт, ки музди меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар давлатҳои ИДМ нисбатан паст аст.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ, махсусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи шуғл ва ҷузъҳои сохтории он аҳаммияти муҳимми амалӣ пайдо мекунанд, ки рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар аз он вобаста аст.

Тибқи нишондоди омори расмӣ, дар мамлакат то 1 январи соли 2023 - 55,8 ҳазор нафар бекорон ба қайд гирифта шудаанд, ки ин нисбат ба солҳои қаблӣ камтар буда, 3,0% шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Бояд гуфт, ки дар дигар кишварҳо, аз ҷумла дар кишварҳои пешрафта ва кишварҳои дар

шароити гузариш қарордошта ин нишондиҳанда нисбатан баланд мебошад. Масалан, ин нишондиҳанда дар Русия 3,3%; Қазоқистон 4,7%, Испания 11,6%, Италия 7,3%, ИМА 3,0%, Полша 5,0% аст [14]. Гуногунии нишондиҳандаҳо дар кишварҳои зикргардидаро, ки дорои сатҳи гуногуни истеҳсолот, сатҳи зиндагии мухталиф ва таносуби сатҳи бекории гуногун доранд, бо як қатор омилҳо, ба монанди сохтори иқтисодиёт, сиёсати иқтисодӣ ва методологияи ҳисоби сатҳи бекорӣ, шарҳ додан мумкин аст. Шахсе, ки дар ягон ҷо кору фаъолият намебарад ва мунтазам дар ҷустуҷӯйи ҷойи кор мебошад, бекор ҳисоб карда мешавад. Барои бекор будан фақат ҷойи кор надоштан кифоя нест, балки шахс бояд барои пайдо кардани кор фаъолона кӯшиш кунад. Аксарияти одамон ҷойи кор надоранд, аммо дар рӯйхати бекорон сабт нашудаанд. Ба онҳо инчунин дохил мешаванд: нафақахӯрон; заноне, ки дар хона бо нигоҳубини кӯдакон машғуланд; хатмкунандагони мактабҳо ва дигар муассисаҳои таълимие, ки аз наёфтани ҷойи кор дилгир шудаанду дигар бо ҷустуҷӯйи ҷойи кор машғул нестанд; шахсоне, ки аз ҷойи кори асосӣ ба рухсатии бемузди бемуҳлат баромадаанд; шахсоне, ки барои кори нав таълим мегиранд ё бозомӯзӣ карда истодаанд; кормандони соҳаи кишоварзӣ, ки фаъолияташон мавсимӣ мебошад ва ғайра. Кормандони корхонаҳои саноатие, ки дар давоми сол якчанд моҳ кор мекунанд, аммо ба рухсатии бемузд ба муҳлати номуайян фиристода мешаванд, ба гурӯҳи бекорон дохил карда намешаванд. Ба шахсони шуғл дошта дохил кардани чунин қисми аҳолӣ ғайриимкон аст, масалан кормандони ташкилоту ҷамъиятҳои бинокорӣ, лоиҳавӣ ва ғайра, ки маъмурияташон онҳоро бо кор банд мекунад, вале дар баробари ин, ба додани музди меҳнат кафолат намедиҳад. Шумораи зиёди одамон бо хариду фурӯши молҳои гуногун, коркарди қитъаи замин ва бо фаъолият дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти «пинҳонӣ», ки ҳаҷми истеҳсолоти онҳо мувофиқи маълумотҳои расмӣ ба 25 фоизи ММД мерасад, машғул мебошанд. Бо вуҷуди он ки аксарияти онҳо даромади доимӣ надоранд, ба шумораи бекорон дохил карда намешаванд. Аз ин рӯ, нишондиҳандаи 2-4%-и бекорӣ аз шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли Тоҷикистонро наметавонем боэътимод арзёбӣ намоем. Инчунин, дар дигар кишварҳои ИДМ, ки барои бақайдгирии бекорон усулҳои комилан дақиқро истифода намебаранд, сатҳи расмии бекориро воқеӣ шуморидан ғайриимкон аст. Чуноне ки дида мешавад, гуногунии усулҳои ҳисоб кардани шумораи бекорон дар кишварҳои гуногун боиси ба таври дақиқ муайян намудани вазъи воқеии сатҳти бекорӣ мегардад. Аз ин рӯ, агар омилҳои мушаххас ва сатҳи бекории воқеиро дар кишварҳои пешрафта, ки ба ҳисоби миёна аз 5% зиёдро ташкил диҳад, дар кишварҳои ИДМ, аз ҷумла Тоҷикистон ба назар гирем, ин нишондиҳандаи таносуби аҳолии қобили меҳнат аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат нисбатан зиёд аст (тибқи арзёбии ХБА дар Тоҷикистон на камтар аз 30%). Омӯзиши тамоюли бекорӣ ва афзоиши истеҳсолоти воқеии кишварҳои пешрафта нишон дод, ки коэффитсиенти талафоти истеҳсолоти воқеӣ аз бекорӣ ба 3 баробар аст, яъне ба 1% афзоиши бекорон, дар ҳолати дигар шароитҳо баробар будан, ба 3% кам шудани истеҳсоли воқеӣ сабаб мегардад. Дар баробари ин, 3% афзоиш истеҳсоли маҳсулот дараҷаи мавҷудаи бекориро нигоҳ медорад, аммо ҳар як фоизи афзоиши минбаъда 0,5% зиёд кардани шуғлро талаб мекунад (барои ҳисоб намудан маълумотҳо оиди ҳиссаи музди меҳнат дар ММД истифода шудааст, ки ба 75% баробар аст). Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳиссаи музди меҳнат дар ММД аз 30% зиёд нест, 1% афзоиш ёфтани сатҳи бекорӣ ҳаҷми ММД-ро ба ҳисоби миёна 0,25-0,35% коҳиш медиҳад.

Ба нишондиҳандаи сатҳи бекорӣ дар мамлакат сиёсати пешгирифтаи давлат, аз ҷумла дар самти баланд бардоштани андозаи музди меҳнати аҳолӣ таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, тибқи маълумотҳои оморӣ, ҳаҷми музди меҳнати миёна дар Тоҷикистон аз санаи 1 июни соли 2022 - 1647,3 сомониро ташкил медиҳад, аз ҷумла: дар соҳаи саноат – 1370 сомонӣ, соҳаи кишоварзӣ – 680 сомонӣ, дар соҳаи нақлиёт ва кашонидани бор – 2163 сомонӣ, дар соҳаи сохтмон – 2640 сомонӣ, дар бахши молия – 4448 сомонӣ, дар соҳаи иттилоот ва алоқа – 3284 сомонӣ, соҳаи маориф – 1242 сомонӣ, соҳаи тандурустӣ ва хизматрасониии иҷтимоӣ – 1023 сомонӣ [13]. Тавре ки дида мешавад, сатҳи музди меҳнат дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти кишвар ба таври назаррас фарқк мекунад. Музди меҳнати камтаринро кормандони соҳаи кишоварзӣ (дар осоҳаи мазкур аксарияти аҳолӣ кор мекунад) мегиранд, ки тақрибан 30%-и музди миёнаи ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Барои муқоиса, маълумотҳои мазкур, бо доллари ИМА меорем: музди меҳнати номиналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - 109 доллар, дар Русия - 863 доллар, дар Қазоқистон – 660 доллар ва ҳатто дар Қирғизистон – 213 долларро ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки на танҳо даромади аҳолӣ, балки дигар нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ низ ба таври назаррас коҳиш ёфтаанд. Тибқи Индекси неруи инсонӣ (ИНИ), ки ММД-ро ба ҳар сари аҳолӣ, дарозумрии аҳолӣ, сатҳи маълумотнокии аҳолӣ, фавти кӯдакон, амният ва таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ва дигар нишондиҳандаҳои иҷтимоиро ба инобат мегирад, Тоҷикистон бо ММД ба ҳар сари аҳолӣ, ки дар соли 2022 ба 1356 доллари ИМА баробар аст, дар раддабандии кишварҳо дар ҷойи 166-ум қарор дошт. Аз рӯйи ин нишондиҳандаҳо Тоҷикистон дар раддабандӣ аз кишварҳои Эфиопия (ҷойи 167-ум), Руанда (ҷойи 168-ум) ва Уганда (ҷойи 169-ум) пеш меистад. Ҷойи максималӣ баланд дар раддабандӣ дар соли 1990 буд, ки Тоҷикистон дар зинаи 145-ум қарор дошт [15].

Баррасии якҷояи сиёсати шуғли аҳолӣ ва даромадҳо, ба интихоби зерин оварда мерасонад: шуғли нопурра ё пурра гузаштан ба сафи бекорон.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (2007) истифодаи ҳарду роҳ, яъне қатъ намудани фаъолияти корхонаҳои зараровар ва бекории пурра, инчунин истифодаи бекории пинҳонӣ ва таъмини шуғли нопурра дар корхонаҳои давлатӣ пешбинӣ шудааст. То ҳол ягон корхонаро давлат расман муфлис эълон накардааст ва аксарияти корхонаҳо ба коргарони худ рухсатии бемузди бемуҳлат додаанд, ки ин ҳақиқати аз кор озод шудани онҳоро рӯйпӯш мекунад. Сатҳи пасти даромади аҳолӣ ба сохтори даромади хоҷагиҳо таъсир мерасонад. Маҳз ҳамин нишондод муайян мекунад, ки чаро бо вуҷуди мавҷудияти бекорӣ дар мамлакат, ҷойҳои кории холӣ зиёд боқӣ мемонанд: музди меҳнати паст аҳолии бекорро ҷалб намекунад, чунки онҳо бо чунин музди меҳнати паст ва шуғли дарозмуддат, имконияти дарёфти манбаъҳои иловагии даромадро барои рӯзгузаронӣ надоранд. Нишондоди мазкур бо на он қадар баланд будани самаранокии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ муайян карда мешавад, ки дар асоси моликияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ ва бо музди меҳнати паст ба амал бароварда мешавад. Дар давраи шуравӣ, колхозчиён ҷойи кори худро на барои гирифтани даромад аз ҷойи кори асосӣ, балки барои таъмини оилаи худ аз ҳисоби даромади участкаҳои наздиҳавлигӣ нигоҳ медоштанд, ки самаранокии нисбатан пасти низоми идоракунии давлатиро нишон медиҳад. Оё қарори ҳукумат дар бораи муқаррар кардани андозаи кофии музди меҳнати ҳадди ақал метавонад дар ҳалли ин масъала кумак расонад? Ин гуна қарор, ки дар собиқ Олмони Шарқӣ қабул шуда буд, боиси ба 35% расидани сатҳи бекорӣ шуда буд. Сохтори музди меҳнат, сиёсати таъмини шуғли пурраи аҳолӣ, мавҷудияти имтиёзу кумакпулиҳое, ки амалан ба ҳосилнокии меҳнат алоқаманд набуд, ҳавасмандии коргаронро барои меҳнати пурсамар дар мамлакат аз байн бурда буд. Роҳбарон дар корхонаҳо дар баробари захираю таҷҳизот, қувваи кории иловагиро ҷамъ менамуданд, ки сабаби бекории кушод мегардид. На коргарон ва на роҳбарон ба истеҳсоли маҳсулоти нав ҳавсаманд набуданд, аз ҳамин сабаб сатҳи рушди иқтисодӣ коҳиш ёфт. Баҳри таъмини даромаднокии истеҳсолот корхонаҳо маҷбур шуданд, ки шумораи зиёди одамонро аз кор сабукдӯш намоянд. Дар ҳамин вазъият Чехия бо нигоҳ доштани музди меҳнати ҳадди ақал дар ҳолати ҳосилнокии меҳнати нисбатан баланд тавонист афзоиши бекориро дар кишвар боздорад.

Яке аз роҳҳои коҳиш ёфтани сатҳи бекорӣ дар Тоҷикистон, усули зиёд намудани хариди давлатӣ аз корхонаҳои ватанӣ ба шумор меравад. Тадбири мазкур барои эҳёи фаъолияти корхонаҳои мавҷуда сабаб гардида, давлат дар навбати худ, дар мувофиқа бо дигар кишварҳо метавонад қарзҳои берунаи худро на аз ҳисоби маблағҳои асъорӣ, ки барои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти мамлакат заруранд, балки бо пешниҳоди мол пардохт намояд, аз ҷумла на танҳо бо молҳои анъанавии содиротӣ (пахта ва алюминий). Аммо дар ин самт мушкилоти зиёде мавҷуданд, ки ҳам бо усулҳои савдо ва ҳам бо афзоиши номутаносиби ҳиссаи харидҳои мақомоти давлатӣ тавассути идораҳои махсус алоқаманд аст.

Роҳи дигари ҳалли масоили мазкур ҷорӣ намудани низоми патентии андозбандии соҳибкорони инфиродӣ мебошад. Бо роҳи муқаррар кардани меъёрҳои пасттарин барои патент ва бо патент таъмин намудани шумораи ҳадди аксари одамон, давлат ба

соҳибкорон ҳуқуқ медиҳад, ки бо ҳар гуна фаъолияти пешбининамудаи қонун бо мақсади ба даст овардани даромад фаъолият намоянд. Ҳамин тариқ, давлат метавонад муддате чанд маблағҳоро барои кор ва омӯзиши онҳое, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад ва бо воситаи патент бо фаъолияти тиҷоратии худ машғул мешаванд, сарф накунад. Яке аз роҳҳои асосии бо кор таъмин намудани аҳолии бекори мамлакат аз нав барқарор намудан ва ба роҳ мондани истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва тақсим кардани замин дар байни шаҳрвандони мамлакат ба ҳисоб мерафт. Тақсими 75,0 ҳазор гектар замин тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи ҷудо кардани замин барои хоҷагии ёрирасони шахсӣ» (октябри 1995 ва декабри 1997), "Дар бораи тадбирҳои иловагии аз нав ташкил кардан ва ислоҳоти ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ" (июни соли 2006) ва раванди ташкил додани хоҷагиҳои фермерӣ (деҳқонӣ) ба ҷойи колхозҳо ва совхозҳо ва гирифтани ҳуҷҷати воқеӣ дар бораи ҳуқуқи истифодаи замин аз ҷониби деҳқонон ба беҳтар намудани сатҳи таъмини аҳолии кишвар бо озуқаворӣ худӣ боис гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, мисли дигар кишварҳо, дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ бо мушкилоти зиёде дар самти коҳиш додани сатҳи бекорӣ мувоҷеҳ шудааст. Дар робита бо ин нақши Ҳукумати кишвар ва тадбирҳои андешидаи роҳбарияти давлат оид ба дастгирии иҷтимоии аҳолии бекормондаи ҷумҳурӣ муассир арзёбӣ мегардад. Айни замон барои ҳалли мушкилоти мавҷуда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини рушди иқтисодии кишварро татбиқ карда истодааст. Ҳадафҳои асосии Барномаи мазкур ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар, таҷдиди сиёсати иқтисодии давлат, таъмини ҳуқуқҳои асосии конститутсионии иҷтимоии шаҳрвандон марбут мебошад (дар соҳаи меҳнат, маориф, тандурустӣ ва ғайра). Дар доираи ин Барнома азнавсозии сохтори иҷтимоӣ (вазоратҳои тандурустӣ, маориф ва илм, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ) бо ҷудо намудани вазифаҳои идоракунӣ (таҳияи сиёсати соҳавӣ, мониторинги бозори талабот ва пешниҳод, назорати татбиқи стандартҳои тасдиқшуда ва ғайра) ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ, ки ба фаъолияти тиҷоратии муассисаҳои давлатии ин вазоратҳо иҷозат медиҳанд, бо шарти иҷро намудани номгӯйи минималии хизматҳои бепул (маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷет), пешбинӣ шудааст.

Аз гуфтаҳои боло метавон ба ин натиҷа расид, ки сатҳи бекорӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии муайян кардани вазъи умумии иқтисодиёт ва арзёбии самаранокии он мебошад. Аммо бояд гуфт, ки одатан ду зуҳурот вуҷуд дорад: бекории одамон ва «бекорӣ»-и ҷойҳои корӣ. Яъне, дар баробари одамоне, ки ҷойи кор надоранд, ҷойҳои бекорхобида низ мавҷуданд. Лекин одатан дар шароити иқтисоди бозорӣ шумораи бекорон аз шумораи ҷойҳои корӣ, ки ба талаботи онҳо ҷавобгӯ нестанд, хеле зиёд аст, дар ҳоле ки дар иқтисоди ғайрибозоргонӣ ва ҳатто дар иқтисоди давраи гузариш ҳолати баръакс бештар ба мушоҳида мерасад.

Ҳамин тариқ, дар оянда наздик бидуни ноил шудан ба вазъи мутаносиби рушди иқтисодӣ, яке аз масъалаҳои асосӣ – истифодаи иқтидори меҳнатии ҷомеа, пешбурди сиёсати фаъолонаи инвеститсионӣ, ки ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва азнавсозии ҷойҳои кории мавҷуда нигаронида шудааст, ғайриимкон аст.

Тавре таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, 5-10% сатҳи бекорӣ барои ҳар як давлати пешрафта хос аст. Шуғли якумра, ки дар Тоҷикистон вуҷуд дорад, ҳатто дар кишварҳои пешрафтатарин кафолат дода намешавад. Афзоиши сармоягузорӣ, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва рушди соҳибкорӣ боиси таъсисёбии шумораи зиёди ҷойҳои корӣ гардида, ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Дар ҳалли мушкилоти мубрами шуғли аҳолӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат сиёсати пайгиронаи иҷтимоии Ҳукумат нақши муассир дорад. Дар мамлакат сиёсати мақсаднок оид ба мунтазам баланд бардоштани музди меҳнат, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҳавасмандгардонии соҳибкории хурду миёна ҳамчун омили асосии таъсиси ҷойҳои нави корӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, шуғл муҳимтарин шарти рафъи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишваре мебошад, ки захираҳои меҳнатии зиёдатӣ дорад. Дар

робита ба ин, бояд механизми самараноки таъмини шуғли аҳолӣ ва танзими бозори меҳнат таҳия карда шавад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ – Раҳимов А.А.**

### АДАБИЁТ


1. Абдуллоева А.Т. Проблемы функционирования региональных рынков труда в условиях трансформационной экономики / А.Т. Абдуллоева // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. - 2018. -№3(76). -С.74-81.
2. Ахмедов К.А. Развитие рынка труда Республики Таджикистан в условиях формирования индустриальной экономики: автореферат диссертации на соискание учёной степени кандидата экономических наук / К.А. Ахмедов. – 2021.
3. Ашуров Н. Денежная реформа Республики Таджикистан / Н. Ашуров // Вестник Национального банка Таджикистана. -Душанбе, 2002. -№5-6(35-36). -С.42.
4. Гончарова Л.И. Современная государственная политика Российской Федерации в сфере самозанятости населения / Л.И. Гончарова // Модернизация государственного и муниципального управления: концепции, технологии, практики: Сборник научных трудов. -Саратов, 2019. –С.26-31.
5. Гоибназаров, С.М. Роль экономически активного населения в продовольственном обеспечении страны / С.М. Гоибназаров, Х.И. Муминов, Ф.Б. Махмадиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. -№2/1(157). -С.305-310.
6. Давлатов Ш.А. Денежная реформа Республики Таджикистан в период перехода к рыночной экономике // Вестник Санкт-Петербургского университета. Экономика. - 2008. -№4. –С.155-160. [Электронный ресурс]. URL: https://economicsjournal.spbu.ru/article/view/4174//
7. Джабборов Ш.С. Рынок труда в Таджикистане: проблемы и перспективы / Ш.С. Джабборов // Вестник Педагогического университета. Экономика и бизнес. - 2015. -168 с.
8. Как поменялся уровень бедности в Таджикистане за 20 лет. [Электронный ресурс]. URL: https://tj.sputniknews.ru/20201124/uroven-bednost-tajikistan-1032335010.html (дата обращения: 29.12.2023).
9. Умаров Х.У. Повышение уровня занятости как фактор ускорения динамики и эффективности национальной экономики / Х.У. Умаров // Проблемы трудовых отношений и социального развития Таджикистана. Мат. Респ. науч.-практ. конференции. -Душанбе: «То Рус», 2008. -107 с.
10. Хасанов Р. Консультант по проектам ЭСКАТО. Разрывы в финансировании и пробелы экономической политики при содействии устойчивому развитию в Таджикистане. Рабочий документ Таджикистан. Семинар на тему: «Финансирование устойчивого развития и зеленое восстановление в Таджикистане». Ноябрь 2021 года. 48 страниц.
11. [Манбаи электронӣ]. URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20230418/v-tadzhikistane-v-marte-rost-tsen-na-prodovolstvie-uskorilsya-v-dva-raza. 21 (санаи муроҷиат 28.12.2023).
12. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20230322/srednyaya-zarplata-v-tadzhikistane-snizilas-pochti-na-13.21 (санаи муроҷиат 28.12.2023).
13. [Манбаи электронӣ]. URL: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20220302/srednyaya-zarplata-v-tadzhikistane-gde-i-skolko-poluchayut. (санаи муроҷиат 28.12.2023).
14. [Манбаи электронӣ]. URL: https://take-profit.org/statistics/unemployment-rate/ (санаи муроҷиат 25.12.2023).
15. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.sularu.com/vvp_pcap/TJK. (санаи муроҷиат 25.12.2023).


## ШУҒЛ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИМТАРИНИ ПАСТ КАРДАНИ САТҲИ КАМБИЗОАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН


Ба даст овардани сатҳи баланди шуғли аҳолӣ яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати макроиқтисодии ҳар як мамлакат, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки бе ҳалли он рушди самараноки иқтисодиётро таъмин кардан ғайриимкон аст. Дар оянадаи наздик бидуни ноил шудан ба вазъи мутаносиби рушди иқтисодӣ истифодаи иқтидори меҳнатии ҷомеа, пешбурди сиёсати фаъолонаи сармоягузорӣ, ки ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва азнавсозии ҷойҳои кории мавҷуда нигаронида шудааст, ғайриимкон аст. Муваффақияти рушди иқтисодӣ, афзоиши сармоягузории хориҷӣ, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва рушди соҳибкорӣ боиси таъсиси шумораи зиёди ҷойҳои корӣ ва таъмини ҳадди аксари шуғли аҳолии кишвар мегардад, ки ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон мусоидат менамояд. Тақвияи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Дар ҳалли мушкилоти мубрами шуғл ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ сиёсати пайгиронаи иҷтимоии Ҳукумат нақши муассир дорад. Дар мамлакат сиёсати мақсаднок оид ба мунтазам баланд бардоштани музди меҳнат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ҳавасмандгардонии соҳибкории хурду миёна ҳамчун омили асосии таъсиси ҷойҳои нави корӣ амалӣ карда мешавад.



**Калидвожаҳо:** шуғл, сиёсати давлатии шуғл, бекорӣ, камбизоатӣ, ислоҳот, муҳоҷират, музди меҳнати номиналӣ, музди меҳнати воқеӣ.

**ЗАНЯТОСТЬ КАК ВАЖНЕЙШИЙ ФАКТОР СОКРАЩЕНИЯ БЕДНОСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ**

Достижение высокого уровня занятости – один из основных вопросов макроэкономической политики в любой стране, и в первую очередь в такой, как Таджикистан, не решив его, невозможно наладить эффективную деятельность экономики. В обозримой перспективе без достижения финансового оздоровления экономики невозможно решение одной из главных проблем использования трудового потенциала общества - проведение активной политики капиталовложений, направленной на создание новых и обновление действующих рабочих мест. Успех экономических преобразований, рост иностранных инвестиций, повышение производительности труда, развитие предпринимательства приведут к формированию большого числа рабочих мест и обеспечат максимальную занятость населения страны, ориентированную на сокращение бедности в Таджикистане. Усиление социальной защиты граждан и сокращение бедности определены приоритетными направлениями государственной политики Республики Таджикистан. В решении актуальных проблем занятости и сокращения бедности в республике важную роль сыграла последовательно проводимая социальная политика правительства. В республике проводится целенаправленная политика по систематическому повышению заработной платы, повышению уровня занятости, созданию новых рабочих мест, стимулированию малого и частного бизнеса как основного фактора создания новых рабочих мест.

**Ключевые слова:** занятость, государственная политика занятости, безработица, бедность, реформа, миграция, номинальная заработная плата, реальная заработная плата.

**EMPLOYMENT AS A CRITICAL FACTOR OF POVERTY REDUCTION IN TAJIKISTAN**

Achieving a high level of employment is one of the main issues of macroeconomic policy in any country, and especially in one like Tajikistan, without solving it, it is impossible to establish effective economic activity. In the foreseeable future, without achieving the financial recovery of the economy, it is impossible to solve one of the main problems of using the labor potential of society - pursuing an active investment policy aimed at creating new and updating existing jobs. The success of economic transformations, the growth of foreign investment, increased labor productivity, and the development of entrepreneurship will lead to the creation of a large number of jobs and ensure maximum employment of the country's population, aimed at reducing poverty in Tajikistan. Strengthening social protection of citizens and reducing poverty are identified as priority directions of state policy of the Republic of Tajikistan. The government's consistently pursued social policy played an important role in solving pressing problems of employment and poverty reduction in the republic. The republic is pursuing a targeted policy to systematically increase wages, increase employment levels, create new jobs, stimulate small and private businesses as the main factor in creating new jobs.

**Keywords:** employment, state employment policy, unemployment, poverty, reform, migration, nominal wages, real wages.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Исмаилова Малоҳат Маҳмудовна*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор. **Суроға**: 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳаллаи 7, бинои 1

***Насирова Умеда Наимовна*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент. **Суроға**: 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳаллаи 7, бинои 1. Телефон: **(+992) 927-55-68-02**

**Сведения об авторах:** ***Исмаилова Малоњат Мањмудовна*** – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, доктор экономических наук, профессор. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 мкр. дом 1.

***Насирова Умеда Наимовна***– Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кандидат экономических наук, доцент. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 мкр. дом 1. Телефон: **(+992) 927-55-68-02**

**Information about the authors:** ***Ismailova Malohat Makhmudovna*** – Tajik State University of Law, Business and Politics, Doctor of Economic Sciences, Professor. **Address**: 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, 17 micro district, house 1

***Nasirova Umeda Naimovna*** – Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor. **Address**: 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, 17 microdistrict. house 1. Phone: **(+992) 927-55-68-02**

ТДУ: 338.24(575.3)

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ РУШДИ АМАЛИЁТҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

*Сандалов Ҷ.Р.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи пайвастшавии равандҳои ҷаҳонишавӣ қарор дошта, ба ҷараёни техникаву технологияи муосир рӯз то рӯз алоқаманд мегардад. Зеро шароити имрӯзаи Тоҷикистон яке аз унсурҳои асосии низоми иқтисодиёти муосири рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи ҳамоҳангсозии он ба самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ мебошад. Пайваста зиёд шудани талабот ба амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ ва дар баробари ин, зарурати кам кардани сатҳи хавфҳои амалиётӣ ва коҳиш додани шумораи амалиётҳои хатарнок, ислоҳоти ҷиддиро тақозо менамояд. Вобаста ба талаботи ҷомеа расонидани хизматрасониҳои босифати бонкӣ ба субъектҳои гуногуни иқтисодӣ дар шароти мавҷудияти рақобати комил тавассути институтҳои бонкӣ ҳамчун заминаи инфраструктураи истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасонии бонкӣ барои эҳтиёҷоти корхонаҳои истеҳсолӣ яке аз шартҳои асосии рақобатпазирии ташклотҳои қарзӣ мебошад. Дар бозори хизматрасонии бонкӣ тағйиротҳои сохторӣ ва гурӯҳбандии марҳалаҳои рушди он бо дарназардошти сатҳи талаботи ҷомеа арзёбии ҷиддиро тақозо намуда, роҳҳои имконпазири рушди мутақобиларо бо иқтисодиёт тақозо менамояд.

Масалан, Н. Акобирзода қайд менамояд, ки бозори хизматрасонии бонкӣ, соҳаи ташаккули талаботу пешниҳоди хизматҳои бонкӣ аст, ки ба қонеъгардонии талаботи муштариён дар самтҳои гуногуни фаъолияти бонкӣ мусоидат мекунад. Бо назардошти он, ки ташкилоти қарзӣ хизматрасонии бонкиро анҷом медиҳад, дар ин росто ҷустуҷӯи муштариҳои наву нигаҳдории муштариҳои қаблан ҷалбшуда ва бунёди низоми таъмини расонидани ин хизматҳо ба истеъмолкунанда аз вазифаҳои муҳимтарини бозори хизматрасонии бонкӣ ба ҳисоб меравaнд [1,с.254]. Солҳои охир вобаста ба мушкилоти мавҷудаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар самти амалиёт тавассути кортҳои пардохтӣ, хизматрасониҳои муосири бонкӣ, амалиётҳои қарзӣ ва монанди инҳо зарурати таҳқиқотҳои бештарро ба миён овардааст.

Таҷрибаи ҷаҳонии давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки тариқи сармоягузорӣ беҳтаршавии сифати хизматрасониҳои бонкӣ ба мизоҷон ҳамчун рушди босуръат дида мешавад ва ба устувории афзоиши даромади бонк таъсир мерасонад. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ қисмати муҳимтарини бозори хизматҳои молиявӣ мебошад [11,с.256].

Дар шароити имрӯза зарур аст, ки ҷиҳати такмил ва баланд бардоштани фарогирии молиявии аҳолӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мафҳумҳои наве, ки механизми фаъолияти соҳаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодиро инъикос менамоянд, истифода шаванд. Бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар замони истиқлолият фарогир ва таъсиррасон ба тамоми ҷомеаи имрӯза мебошад. Ҳамзамон, як қатор олимони дигар соҳа ба монанди Раҷабов Р.К. ва Раҳимов З.А. иброз медоранд, ки дар пешкаш кардани хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии пурра ба маҳсулоти бонкӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ якчанд мушкилот ҷой дорад [8,с.110]. Воқеан дар давраи нави гузаштан ба ин тамоюлҳо метавон ба як қатор мушкилот мувоҷеҳ шуд, ки инҳо ислоҳшаванда мебошанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки масъалаҳои такмил ва ба талаботи иқтисоди бозорӣ мутобиқ намудани фаъолияти бонкҳо яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвар ба ҳисоб меравад. Зеро бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва хизматҳои гуногуни дар он пешниҳодшаванда ҷузъи амалиётҳои анъанавии тиҷорати бонкӣ мебошанд, ки ба зиёд кардани даромади бонкҳо ва қонеъ гардонидани ниёзҳои мизоҷон бо мақсади рушди иқтисодиёти миллӣ нигаронида шудаанд. Дар раванди ҳамгироии иқтисодиёти ҷаҳонӣ, дар шароити ҷаҳонишавии фаъолияти иқтисодӣ ва афзоиши фурӯши хизматрасониҳо дар кишварҳои пешрафта, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии хизматрасонии бонкӣ бо мақсади истифодаи он дар кишвари мо аҳаммияти хосса пайдо

кардааст. Бо чунин шароит такмили масъалаи мазкур дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои амалиётҳои элекиронӣ тавассути суратҳисобҳои бонкӣ**
**Table 1. Indicators of electronic transactions through bank accounts**

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | 2015 нисбат ба 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Шумораи умумии суратҳисобҳо (адад) | 2 904 511 | 2 904 511 | 3 229 363 | 3 517 260 | 4 057 782 | 5 006 082,0 | 72,3% |
| Суратҳисобҳои шахсони воқеӣ (адад) | 1 478 624 | 1 478 624 | 3 150101 | 3 431 110 | 3 964 100 | 4 900 882,0 | 2,3 мар |
| Тавассути шабакаи интернет | 37 110 | 59 748 | 67 755 | 94 415 | 124 939 | 231 207,7 | 5,2 мар |
| Тавассути воситаҳои алоқаи телефони (мобилӣ) | 37 215 | 48 742 | 63 280 | 78 390 | 175 603 | 5 16 147,0 | 12,8 мар |
| Суратҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ (адад) | 83 488 | 75 765 | 79 262 | 86 150 | 93 682 | 105 200,0 | 26% |
| Тавассути шабакаи интернет | 4 718 | 5 327 | 5 839 | 6 500 | 7 603 | 11 978,60 | 1,5 мар |
| Тавассути воситаҳои алоқаи телефони (мобилӣ) | 2 | 0 | 0 | 0 | 0 | - | -2% |
| Шумораи умумии амалиёт (ҳаз. адад) | 15695 | 16778 | 17644 | 21096 | 6005 | 7886,44 | 2,мар |
| Ҳаҷми умумии амалиёт (млн. сомонӣ) | 14426 | 15649 | 16925 | 19868 | 2412 | 36418,3 | 1,5 мар |

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ солҳои 2014, №12 (233), 2016, №12 (257), 2018, № 12 (281), 2020, №12 (305) тартиб дода шудааст.

Дар шароити муосир яке аз механизмҳои асосии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва анҷом додани амалиётҳои электронӣ, ин суратҳисобҳои бонкӣ ба ҳисоб меравaнд. Дар сатҳи низоми бонкӣ тамоми амалиётҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ тавассути суратҳисобҳои гуногун амалӣ карда мешаванд. Ҷиҳати дар амамал дуруст ва самаранок истифода бурдани амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ, шумораи суратҳисобҳои бонкӣ дар муқоис ба солҳои пеш тамоили зиёдшавӣ дошта, ҳаҷми амалиётҳо низи ба воситаи суртаҳисобҳои бонкӣ афзоиш ёфтааст. Агар дар соли 2015 шумоари суратҳисобҳои бонкӣ 2 904 511 ададро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2020 5 006 082,0 ададро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба соли таҳлилӣ 72,3% афзоиш ёфтааст. Шумораи суратҳисобҳои шахсони воқеӣ 2,3 маротиба, шумораи амалиётҳо тавассути шабакаҳои интернет 5,2 маротиба, тавассути телефонҳои мобилӣ 12,8 маротиба афзоиш ёфтааст. Вобаста ба таҳлилҳои ҷадвали мазкур қайд кардан бамаврид аст, ки шумораи суратҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ ва амалиётҳои электронӣ дар муқоиса ба шахсони воқеӣ тамоили сусти рушд дорад. Аз таҳлилҳо бар меояд, ки агар шумораи суратҳисобҳои бонкии шахсони ҳуқуқӣ дар соли 2015 83 488 ададро ташкил намуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2020 105 200,0 ададро ташкил намудааст, ки дар муқоиса ба соли таҳлилӣ 26% афзоиш ёфтааст.

Амалиётҳои электронии шахсони ҳуқуқӣ тавассути шабакаи интернетӣ 1,5 маротиба афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми амалиётҳо тавассути телефонҳои мобилӣ бошад 2% коҳиш

ёфтааст. Амалиётҳо тавассути телефонҳои мобилӣ аз тарафи шахсонӣ ҳуқуқӣ дар сатҳи паст қарор дорад. Ҳамзамон, шумораи умумии амалиётҳо 2 маротиба ва ҳаҷми умумии амалиётҳо 1,5 маротиба азоиш ёфтааст, ки маҷмуан 36418,3 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Яке аз қисматҳои дигари рушди бозори кортҳои пардохтӣ, ин афзоиши ҳиссаи амалиётҳо дар заминаи техникаву технологияи муосир мебошад ва ин ҳисса дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас мебошад. Барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар маҷмуъ 1 488 адад банкомат ва 5 408 адад терминалҳои электронӣ насб карда шудаанд. Аз ин миқдор терминалҳои электронӣ 1 925 адад дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд ва 3 483 адад дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ насб карда шудаанд, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мувофиқан 0,3% зиёд ва 6,5% кам шудаанд (диаграммаи 1).

**Диаграммаи 1. Динамика рушди воситаҳои амалиёти хизматрасонӣ дар низоми бонкӣ**
**Diagram 1. Dynamics of development of means of service operations in the banking system**




Сарчашма: https://www.nbt.tj/tj

Аз таҳлили маълумотҳои мазкур бар меояд, ки яке аз механизмҳои асосии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ, ин фароҳам овардани шароити инфрасохтори инноватсионию иртиботӣ дар сатҳи низоми бонкӣ мебошад. Ҳамин аст, ки тамоили зиёдшавии воситаҳои хизматрасонӣ дар сатҳи низоми бонкӣ дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар шароити бошиддат тағйир ёфтани тамоми муносибатҳои иқтисодӣ, фаъолият дар доираи техникаю технологияи муосир, авҷ гирифтани рақобати шадид байни тамоми субъектҳои иқтисодӣ дар сатҳи дохилию хориҷӣ ва васеъ шудани фазои фаъолияти низоми бонкӣ зарурати такмили механизмҳо дар соҳаҳои мухталифро ба миён овард. Дар сатҳи бозори хизматрасониҳои бонкӣ як қатор механизмҳое вуҷуд доранд, ки истифода ва риояи меъёрҳои ин механизмҳо ба манфиати рушди низоми бонкӣ мебошад. Вобаста ба ин, яке аз механизмҳои рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ҷорӣ намудани техникаву технологияи муосири хизматрасонӣ ба соҳаи бонкӣ ва дар ин замина иҷро намудани пардохтпазирии саривақтии низоми бонкӣ дар назди мизоҷон мебошад. Ҳамчунин механизми дигари рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ, ин фароҳам овардани шароити мусоиди хизматрасонӣ бо риояи меъёри фоида мебошад, ки ҳавасмандии мизоҷонро афзоиш медиҳад. Вобаста ба ин, метавон гуфт, ки рушди мутавозини бахшҳои асосии бозори молиявӣ ҳамчун як низоми ҳамгиро раванди барқарорсозиро метезонад ва рушди минбаъдаи низоми бонкиро таъмин менамояд, инчунин гаронии сармоягузориро аз бонкҳои ватанӣ бартараф намуда, дар воридшавии сармояи иловагии молиявӣ, махсусан захираҳои молиявии дарозмуддат мусоидат хоҳад намуд, ки он дар таҳкими иқтидори

иқтисодии кишвар таъсиргузор гардида, дар самти дастгирии молиявии рушди бахшҳои иқтисоди воқеӣ ва махсусан рушди инноватсионии он метавонад тағйироти куллиеро ворид намояд. Дар асоси гуфтаҳои боло аз таҳлили маълумотҳои бар меояд, ки ҳаҷми амалиётҳо тавассути роҳу воситаҳои гуногуни пардохтӣ дар ҳоли афзоиш қарор дорад (диаграммаи 2).

**Диаграммаи 2. Рушди инфрасохтори амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ**
**Diagram 2. Development of banking infrastructure and services**




Сарчашма: https://www.nbt.tj/tj

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар шароити доимотағйирёбандаи муносибатҳои иқтисодӣ ва таҳдиди як қатор омилҳо ба рушди иҷтимоию иқтисодии давлат, ташкили дурусти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ манфиатовар мебошад. Аз ин лиҳоз, дар амал дурурст ҷорӣ намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, инфрастуктураи инноватсиониро дар заминаи техникаву технологияи муосир тақозо менамояд. Дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ин ҷараён ҳоло ҳам қаноатмандкунанда нест. Зеро аз таҳлили диаги\раммаи мазкур ба меояд, ки ҳоло ҳам дар муқоиса ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақӣ ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ зиёд мебошад, гарчанде ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад, афзоиши он дар муқоиса ба соли 2021 ба андозаи 5,3% афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи гирифтани пули нақд бошад дар муқоиса ба соли 2017 ба андозаи 25,5% афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, пардохти мол ва хизматрасонӣ низ дар ҳоли зиёдшавӣ қарор дорад ва натиҷаи афзоиши он назррас мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки айни замон дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади рушди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ ва зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ аз соли 2019 дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ фаъолона QR-рамз насб карда истодаанд, ки аз ҷиҳати хароҷот ва дастгирии техникӣ назар ба терминалҳои электронӣ нисбатан камхарҷ буда, барои истифодабарандагони он имконияти васеътарро барои пардохтҳои ғайринақдӣ фароҳам меоранд.

Ба санаи 31 марти соли 2022 дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонии ҷумҳурӣ 13 281 адад QR-рамз мавриди истифода қарор дода шудаанд, ки нишондиҳандаи мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7 205 адад (2,2 маротиба) зиёд мебошад. Ин воситаи нави хизматрасонӣ дар давлатҳои пешрафта натиҷаи дилхоҳ дода, бехатарии амалиётҳои пардохтиро ҳангоми хариду фурӯш дар сатҳи зарурӣ таъмин менамояд. Ҳамин аст, ки шумораи QR-рамзҳо дар сатҳи низоми бонкии кишвар дар ҳоли афзоиш қарор дорад.

Таҷрибаи рушди як қатор низомҳои миллии бонкӣ (ҳам давлатҳои пешрафта ва ҳам кишварҳои дар ҳоли рушд қарордошта, дар сатҳи хизматрасониҳои бонкӣ), бо дарназардошти комёбиҳо ва пастравиҳои онҳо нишондиҳандаи он аст, ки

либерализатсияи фаъолияти бонкӣ бояд бо чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани рақобатпазирии низоми бонкӣ, ки асоси онро хизматрасониҳои босифат ташкил медиҳад, пайваст бошад, ки ин барои ба назар гирифтани муҳлат ва миқёси таҳаввулоти низоми бонкӣ сабаб мегардад.

**Диаграммаи 3. Афзоиши шумораи QR-рамзҳо, адад**
**Diagram 3. Increase in the number of QR-codes, number**




Сарчашма: https://www.nbt.tj/tj

Дар хулоса қайд кардан бамаврид аст, ки дар заминаи техникаву технологияи муосир ҷорӣ намудани намудҳои нави хизматрасонии фосилавии бонкӣ бо истифодаи усулҳои инноватсионӣ ва вертуалӣ дарёфт гардида, хусусиятҳои хос ва истифодаи самараноки онҳо дар шароити тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ асоснок шудааст. Ҳамчунин, истифодаи имкониятҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси воситаҳои ҳозиразамони бонкӣ баррасӣ гардида, роҳҳои имконпазири он дар сатҳи зарурӣ барои иҷро пешниҳод гарданд. Зеро солҳои охир вобаста ба мушкилоти мавҷудаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар самти амалиёт тавассути кортҳои пардохтӣ, хизматрасониҳои муосири бонкӣ, амалиётҳои қарзӣ ва монанди инҳо зарурати таҳқиқотҳои бештарро ба миён овардааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар мақола бозори хизматрасониҳои бонкӣ, ташаккул ва рушди он дар шароити имрӯза мавриди баррасӣ қарор гирифта, хусусият ва ҳолати рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосир, вазъи он бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда, таҷрибаи ҷаҳонии ташаккулу рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва имкони истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст.

Дар доираи ин гуфтаҳо ҷиҳати баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои бозори бонкӣ ва таъминни пурраи аҳолӣ ба воситаҳои ҳозиразамони хизматрасонӣ дар сатҳи зарурӣ андешидани чораҳои зерин ба манфиати рушди бомароми соҳа мебошад;

- фароҳам овардани шароити технологӣ ва дар заминаи ин пешниҳод намудани намудҳои навтарини амалиётҳои бонкӣ новобаста аз вақту соати корӣ;
- ташкили дурусти инфрасохтори низоми самараноки хизматрасониҳои бонкӣ дар заминаи техникаву технологияи ҳозиразамонӣ бонкӣ бо фароҳам овардани шароит ҷиҳати маҳдудкунии амалиётҳои нақдӣ:
- дар минтақаҳои дастнорас ташкил намудани нуқтаҳои хизматрасонии қабул ва додани пули нақд новобаста аз вақту соати корӣ ба мизоҷон бо фароҳам овардани шароити хизматрасонии саривақтӣ;

- кам кардани сатҳи хароҷот боназардошти паст кардани меъёри фоизи хизматрасониҳои бонкӣ;

- дар тамоми минтақаҳои дурдасти кишвар фароҳам овардани шароити хизматрасонӣ ба тамоми аҳолӣ;

- имкони афзоиш додани самаранокии бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз сатҳи ҳамгироии он бо бозорҳои минтақавии молиявӣ вобаста мебошад, бинобар ин, ташаккули қонунгузории муосир, баландбардории иқтидори танзимгарон, ташаккулдиҳии низоми корпоративии идоракунии тиҷорат зарур шуморида мешавад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Алимардонов Т.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Акобирзода Н. Заминаи ҳуқуқии фаъолияти зиддиинҳисорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Акобирзода Н. // Ҳаёти ҳуқуқӣ. - 2020. -№1(29). -С.254-260.
2. Бурыкин А.Д. Содержание и сущность опытного метода расчёта затрат / А.Д. Бурыкин // Финансово-экономический Вестник. – 2020. -№2(22). –С.9.
3. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2015, №12 (245); 2016, №12 (257); 2017, №12 (269); 2018, №12 (281); 2019, №12 (293); 2020, №12 (305).
4. Дьяченко О.А. Дистанционно-банковское обслуживание должно быть оперативным, эффективным и безопасным / О.А. Дьяченко // Национальный Банковский Журнал. - 2011. -№9(88). -С.34-38.
5. Қурбонова С.А. Рушди хизматрасониҳои электронии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.А. Қурбонова, А.А. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2020. -№1(30). -С.96-101.
6. Махшулов С.Дж. Конкурентоспособность кредитных организаций и актуальность их финансовых показателей с учетом ликвидности / С.Дж. Махшулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. -№5. –часть 2. -С.54.
7. Нурмаҳмадзода Ҷ. Рушди низоми бонки дар 25-соли Истиқлоияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Нурмуҳамадзода Ҷ. -Душанбе: Вектор принт, 2016. -294 с.
8. Раджабов Р.К. Проблемы развития банковского обслуживания национальной экономики / Р.К. Раджабов, Х.М. Ятимов. -Душанбе: Ирфон, 2003. -С.29.
9. Рахимов З.А. Инвестиционная деятельность банковской системы в условиях рынка / З.А. Рахимов. -Душанбе: Ирфон, 2002. -110 с.
10. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз. Китоби дарсӣ / Раҳимзода Ш. –Душанбе: Эр-граф, 2018. -С.393-397.
11. Содиқова М. Асосҳои назариявӣ-методологӣ ва ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар минтақа / М. Содиқова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2020. -№9. -С.256.
12. Хайрзода Шукрулло Курбонали. Место и роль банковской системы в политике достижения финансовой устойчивости национальной экономики / Хайрзода Шукрулло Курбонали // Финансово-экономический Вестник. – 2020. -№2(22). -С.8.
13. Ҷӯраев Б.М. Фаъолияти бонкӣ. Китоби дарсӣ / Б.М. Ҷураев. –Душанбе, 2014. -С.38-39.
14. Шарипов, Б.М. Основные проблемы и тенденции расширения ресурсной базы кредитных организаций РТ в условиях роста нестабильности на внешних финансовых рынках / Б.М. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета. – 2012. -№2/9. -С.297-309. - 0,75 п.л.
15. [Манбаи электронӣ]. URL: www. Yandex tj. (12.12.2018с.).


## МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ РУШДИ АМАЛИЁТҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА


Дар шароити зиёд шудани ҳаҷми хавфҳои бонкӣ, ҷорӣ намудани техникаву технологияи ҳозиразамони бонкӣ барои анҷоми амалиётҳои ғайринақдӣ мувофиқи мақсад мебошад. Аз ин лиҳоз, муаллиф дар мақолаи худ ба масъалаҳои асосии рушди инфрасохтори бозори хизматрасониҳои бонкӣ таҳқиқоти амиқ анҷом додааст. Аз ҳамин лиҳоз, муаллиф дуруст қайд намудааст, ки зиёд шудани талабот ба амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ ва дар баробари он зарурати кам кардани сатҳи хавфҳои амалиётӣ ва коҳиш додани шумораи амалиётҳои хатарнокислоҳоти ҷиддиро тақозо менамояд. Дар бозори хизматрасонии бонкӣ тағйиротҳои сохторӣ ва гурӯҳбандии марҳалаҳои рушди он бо дарназардошти сатҳи талаботи ҷомеа арзёбии ҷиддиро тақозо намуда, роҳҳои имконпазири рушди матақобиларо бо иқтисодиёт тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз, чопи мақолаи мазкур мувофиқи мақсад мебошад.



**Калимаҳои калидӣ:** хизматрасонии муосир, инфрасохтор, корти пластикӣ, бонк, амалиёт, техника, қарз, ислоҳот, ҷаҳонишавӣ, иқтисодиёт, хавф, фарогирии молиявӣ.


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ РАЗВИТИЯ ЭЛЕКТРОННЫХ СДЕЛОК В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ


В условиях увеличения суммы банковских рисков целесообразно внедрение современных банковских методик и технологий проведения безналичных операций. В связи с этим автор в своей статье провел глубокое исследование основных вопросов развития инфраструктуры рынка банковских услуг. В связи с этим автор

справедливо отметил, что увеличение спроса на банковские операции и услуги, наряду с необходимостью снижения уровня операционных рисков и уменьшения количества рискованных операций, требует серьезных реформ. На рынке банковских услуг структурные изменения и классификация стадий их развития с учетом уровня потребностей общества требуют серьезной оценки возможных путей взаимного развития с экономикой. В связи с этим публикация данной статьи является целесообразной.

**Ключевые слова:** современные услуги, инфраструктура, пластиковая карта, банк, операции, технологии, кредит, реформы, глобализация, экономика, риск, моральное покрытие.

**THEORETICAL AND PRACTICAL ISSUES OF DEVELOPMENT OF ELECTRONIC TRANSACTIONS IN MODERN CONDITIONS**

In the context of an increase in the amount of banking risks, it is advisable to introduce modern banking methods and technologies for non-cash transactions. In this regard, the author in his article conducted an in-depth study of the main issues of developing the infrastructure of the banking services market. In this regard, the author rightly noted that the increase in demand for banking operations and services, along with the need to reduce the level of operational risks and reduce the number of risky transactions, requires serious reforms. In the banking services market, structural changes and the classification of the stages of its development, taking into account the level of society's needs, require a serious assessment and require possible ways of mutual development with the economy. In this regard, the publication of this article is appropriate.

**Keywords:** modern services, infrastructure, plastic card, bank, operations, technology, credit, reforms, globalization, economics, risk, moral coverage.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сандалов Ҷурабек Раҳимович* –** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктаранти Ph.D. **Суроға**: 734067, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 939-00-27-26.** E-mail: **Jurabeksandalov07@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Сандалов Джурабек Рахимович*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, докторант Ph.D. **Адрес**: 734067, ш. Душанбе, Республика Таджикистан, Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 939-00-27-26.** E-mail: **Jurabeksandalov07@gmail.com**

**Information about the author:** ***Sandalov Jurabek Rakhimovich*** – Tajik State University of Finance and Economics, Ph.D. student. **Address**: 734067, sh. Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova, 64/14. Phone: **(+992) 939-00-27-26.** E-mail: **Jurabeksandalov07@gmail.com**

ТДУ: 338.431(575.3)

# МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР СОҲАИ АГРАРИИ ИҚТИСОДИЁТ

*Саидзода Курбоналӣ Саид*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ**

Дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкорӣ эҳё карда шуд, ки минбаъд ба рушди иқтисодиёт ва истеҳсоли маҳсулоти худӣ мусоидат намуд. Бо дарназардошти ин, масъалаи ба роҳ мондани истеҳсолоти кишоварзӣ дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи кишоварзӣ шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ мавҷуданд. Яке аз шаклҳои он соҳибкорӣ мебошад, ки низоми муносибатҳои дохилии байни шарикони корхона ва инчунин муносибатҳои корхонаро бо дигар корхонаҳо ва мақомоти давлатӣ муайян мекунад.

Фаъолияти соҳибкориро метавон аз рӯйи нишонаҳои гуногун тасниф намуд, аз ҷумла аз рӯйи шакл (таъинот), шакли моликият, шумораи соҳибмулкон, сохти ташкилию ҳуқуқӣ ва ташкилию иқтисодӣ, сатҳи истифодаи меҳнати кироя ва ғайра (расми 1).

**Расми 1. Таснифоти фаъолияти соҳибкорӣ**
**Figure 1. Classification of business activity**




Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи аграрӣ бе иштироки субъектҳо ва объектҳои муайяни фаъолияти соҳибкорӣ ғайриимкон аст. Иштирокчиёни фаъолияти соҳибкорӣ, дар сурати мавҷуд будани шаклҳои гуногуни моликият, метавонанд соҳибкорон деҳқонон, менеҷерон, иҷорагирон ва дигар шахсони воқеӣ бошанд.

Ҳар як соҳибкоре, ки фаъолияти худро дар соҳаи аграрӣ ба роҳ мемонад, бояд эҳтиёҷот ба захираҳои моддӣ, молиявӣ, манбаъҳои ба даст овардани онҳоро ба таври мушаххас нишон диҳад ва фаъолияти минбаъдаро дақиқ муайян кунад.

Дар маҷмуъ, таснифоти соҳибкорӣ ба он нигаронида шудааст, ки шакл ва намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар асоси он мавқеи ҳар як шакл ва намуди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ арзёбӣ карда шавад. Бояд гуфт, ки бе мавҷуд будани заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ намудани фаъолияти мазкур ғайриимкон аст. Амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ нисбат ба дигар соҳаҳо муқаррарӣ ва одӣ ба назар мерасад. Аммо бояд гуфт, ки характери мавсимӣ доштани соҳа барои ба роҳ мондани ҷараёни истеҳсолот як қатор талабот ва мушкилотро пеш мегузорад, ки аз дигар соҳаҳо ба куллӣ фарқ менамояд. Бинобар ин, ташкили соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити зудтағйирёбандаи иқтисодиёт яке аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад.

Дар системаи соҳибкорӣ шаклҳои он маҷмуан ба таври назариявӣ шарҳ дода мешавад. Соҳибкорӣ намуди махсуси фаъолият буда, дар ҳама соҳаҳо ба роҳ монда мешавад. Мақсади фаъолияти соҳибкориро характери муносибатҳои дар ҷамъият доштаи он муайян менамояд.

Муаллифони китоби «Курси назарияи иқтисод»-и ДДМ ба номи М.В. Ломоносов намуд ва шаклҳои раванди соҳибкориро дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор дода, чунин самтҳои амалишавандаи соҳибкорӣ - инфиродӣ; коллективӣ ва давлатиро дар шароити муосир пешниҳод намудаанд [7,с.493].

Соҳибкории инфиродӣ як шакли соҳибкорӣ мебошад, ки дар асоси моликияти хусусӣ шахси алоҳида бо мақсади ба даст овардани даромад кору хизматрасониро ба роҳ мемонад. Метавон гуфт, ки ҳамин хусусияти ин шакли соҳибкорӣ метавонад ба унвони заминаи асосӣ барои ба вуҷуд омадани дигар шаклҳои соҳибкорӣ мусоидат намояд.

Дар ҳама давру замон фаъолияти инсон ба қонеъ гардонидани талаботи моддӣ нигаронида шудааст. Дар заминаи талаботи моддӣ ҷараёни истеҳсолоти молу маҳсулот ба вуҷуд омадааст.

Шакли соҳибкории инфиродӣ дар асоси меҳнати шахс ё меҳнати кироя ба роҳ монда мешавад. Аз рӯйи хусусият фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба амалигардонии ташаббусҳо нигаронида шудааст. Яке аз хусусиятҳои соҳибкории инфиродӣ даст ёфтан ба рақобатпазирӣ дар бозор маҳсуб меёбад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ соҳибкории инфиродиро метавон дар шакли гурӯҳӣ ва дар шакли иттиҳодия ташкил намуд. Фаъолияти онҳо бидуни танзими давлатӣ сурат мегирад. Ташаббуси шахсӣ, ҳавасмандӣ, дараҷаи баланди ангезаи меҳнат ва фоидагирӣ, навоварӣ, ихтироъкорӣ ва ба зудӣ ҷорӣ кардани онҳо дар раванди тавлидот нисбат ба дигар сохторҳои тиҷорат фаъолона сурат мегирад.

Шакли соҳибкории коллективӣ шакли соҳибкорие мебошад, ки дар он нақши асосиро ҳуқуқи иштироки коргарон мебозад. Соҳибкории коллективӣ дар заминаи моликияти коллективӣ ва амволи якҷояи соҳибкорон, яъне дар асоси марказонидани сармояи саҳмгузорон ё худ дар асоси саҳмияи онҳо ба роҳ монда мешавад. Он ҳамчун воҳиди ҳуқуқӣ дар шаклҳои ҷамъияти (ширкатҳои) рафиқона; ҷамъияти саҳомӣ; ассотсиатсия (иттиҳод) ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун маҷмӯи амалиёти соҳибкорон, аз маблағгузории ибтидоӣ сар карда, то ба даст овардани фоида ҳамчун ҳадафи ниҳоии ширкат сурат мегирад. Ин давраи фаъолият дар адабиёти иқтисодӣ ҳамчун «бизнес-оператсия» (амалиёти тиҷоратӣ) маънидод карда мешавад. Дар амалияи хоҷагидорӣ он ҳамчун муомилаи байни як ё якчанд субъектҳои иқтисодӣ (соҳибкорон) сурат мегирад.

Муайян кардани амалиёти ҷудогонаи тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки ҳар як соҳибкор тавонад оғозу охири корро муайян намояд, ҳисобу китобро оид ба захираҳои иқтисодӣ (сармоя, меҳнат) ва натиҷаи ниҳоии истеҳсолот аниқ кунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳама соҳаи сердаромад соҳаи аграрӣ ба ҳисоб меравад, ки талаботу эҳтиёҷоти истеъмолкунандагонро қонеъ мегардонад ва ба рушду инкишофи иқтисодиёти кишвар таъсир мерасонад.

Барои рушди соҳибкорӣ дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои фаъолияти соҳибкорӣ ва заминаҳои устувори меъёрию ҳуқуқӣ муҳим арзёбӣ мегарданд. Омилҳои муҳимтарин ташвиқ ва дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ, инчунин, механизми беҳтарин тақсимоти замин, мавҷудияти манбаъҳои дастраси қарз, дастгирии моддӣ ва хизматрасонии баъди фурӯш маҳсуб меёбанд.

Фурӯши маҳсулоти соҳаи аграрӣ, ташкили бозори фурӯши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ва инфрасохтори дахлдори бозориро талаб менамояд. Дар марҳилаи кунунӣ, масъалаи ташкили бозори аграрии умумӣ барои кишварҳои узви ИДМ аҳаммияти хосса касб намудааст.

Ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон боиси пайдоиши шаклҳои гуногуни корхонаҳои истеҳсолӣ дар шакли хоҷагиҳои деҳқонӣ, ширкатҳои саҳомӣ ва ғайра гардидаанд.

Ба андешаи мо, мувофиқи намудҳои моликият ва хусусияти истифодаи он, шаклҳои соҳибкорӣ метавонанд чунин бошанд: шакли хусусӣ, коллективӣ, корпоративӣ, давлатӣ ва шартномавӣ (расми 2).

**Расми 2. Шаклҳои соҳибкорӣ**
**Figure 2. Business forms**




Сарчашма: таҳияи муаллиф

Дар низоми муносибатҳои аграрӣ намудҳо ва шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ вуҷуд доранд, ки вобаста ба самти фаъолияташон молу маҳсулот истеҳсол намуда, талаботу эҳтиёҷоти мардумро қонеъ менамоянд ва дар натиҷа фоида ба даст меоранд.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунанда субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ чунин тасниф карда мешаванд [8]:

- шахсони воқеӣ (шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд), ки ба соҳибкорӣ машғуланд;

- шахсони ҳуқуқӣ (ташкилоти тиҷоратии резидент ва ғайрирезидент, филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ), ки ба соҳибкорӣ машғуланд.

Аз ин лиҳоз, рушди соҳибкории истеҳсолӣ ба пешрафти босуръати иқтисодӣ мусоидат намуда, фарогирии бозорҳоро фароҳам меорад. Соҳибкорони бахши аграрӣ дорои имконот ва захираҳо бузург барои расидан ба рушди мутавозини иқтисодиёт мебошанд, инчунин, дар ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷомеа метавонанд саҳмгузор бошанд.

Хусусияти дигари ин шакли соҳибкорӣ истифодабарии ҳамаи намуди захираҳо ва фаъолияти доимӣ баҳри афзоиши ҳаҷми онҳо мебошад.

Ба ақидаи олимони рус, афзалиятҳои асосии соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ инҳо мебошанд: дар бозори маҳаллӣ фаъолият кардан; посухдиҳии фаврӣ ба шароити тағйирёбии бозор; муносибати бевосита бо истеъмолкунандаи маҳсулоти соҳаи аграрӣ; истеҳсоли маҳсулоти соҳаи аграрӣ ва хизматрасониҳо дар ин самт; имконият барои оғози соҳибкорӣ бо сармояи худӣ; ба роҳ мондани инноватсия бо мақсади рушди соҳаи аграрӣ; ҷалби васеи аҳолӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ, риояи стандартҳо ва талаботи муносибатҳои бозаргонӣ [5,с.6].

Ҷойгоҳ ва нақши соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисодиёт асосан аз параметрҳои сифатӣ ва миқдории сохторҳои соҳибкории ташкилкунандаи он муайян карда мешавад. Дар айни замон, таҷрибаи ҷаҳонӣ зиёда аз панҷоҳ меъёри омории ба гурӯҳи хурд ва миёна дохил кардани соҳибкориро дар бар мегирад. Дар маҷмуъ, онҳоро ба сифатӣ, миқдорӣ ва омехта (иқтисодӣ) тақсим кардан мумкин аст (расми 3).

**Расми 3. Таснифи меъёрҳои ба соҳибкории хурд ва миёна ҷудо кардан**
**Figure 3. Classification of criteria for small and medium business**




Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ташкил ва рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолии соҳаи аграрӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба болоравии рушди иқтисодиёт ва беҳтар гардонидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Бинобар ин, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисод бо назардошти хусусиятҳои хосси он инкишоф меёбад.

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (бо тағйиру иловаҳо соли 2021), давлат ҳар гуна намуди фаъолияти соҳибкориеро, ки дар қонунҳои мавҷудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, эътироф ва иҷозат медиҳад [8].

Мутобиқи Қонуни мазкур, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ ба чунин намудҳо тақсим мешаванд:

- ширкати инфиродӣ фаъолияти мустақилонаи шахси воқеӣ буда, бе он ки шахси воқеӣ аз номи худаш бо хавфи худ ва масъулияти истифодаи амволи худ, ки барои гирифтани фоида (даромад) равона шудааст, амал мекунад;
- соҳибкорӣ – фаъолияти мустақилонаи аз рӯйи таваккал амалишавандаи шахсони бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташудае, ки барои ба даст овардани фоида аз истифодаи молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона шудааст.

Бо дарназардошти муқаррароти Қонуни зикршуда, таснифи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. Таснифи соҳибкории хурд, миёна ва калон ҳамчун категорияи иқтисодӣ**
**Table 1. Classification of small, medium and large business as an economic category**

| | |
|---|---|
| Шарҳи мафҳуми соҳибкорӣ | Ташаббуси хоҷагидорие, ки ба таввакал вобаста буда, барои ба даст овардани фаъолияти рақобатнок бо гирифтани даромад равона карда шудааст, соҳибкорӣ номида мешавад |
| Аломати соҳибкорӣ | Ташаббуси хоҷагидорӣ, таввакали тиҷоратӣ, ҷавобгарии хоҷагидорӣ, омилҳои муттаҳидии истеҳсолот |
| Мақсади ҳавасмандгардонӣ | Гирифтани даромад ва зиёд намудани моликият |
| Мазмуни соҳибкорӣ | Ба даст овардан ва нигаҳ доштани бартарии рақобатнок |
| Моҳият | Манфиатоварӣ ба воситаи мубодилаи бозор ва амалишавӣ бо принсипи мусобиқавӣ |
| Шакл | Соҳибкории инфиродӣ, соҳибкории истеҳсолоти одии молӣ, соҳибкории коллективӣ, соҳибкории истеҳсолоти қарзӣ, ба мисли соҳибкории давлатӣ. |
| Вазифаҳо | Мутобиқсозӣ ба муҳити хоҷагидорӣ, истеҳсоли маҳсулоти зиёд бо харҷи кам. Таъмини устувории молиявӣ. Ба муносибатҳои бозорӣ мутобиқ намудани хоҷагиҳо, аз ҷиҳати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба пуррагӣ ҷавобгӯйи талаботи муносибатҳои бозорӣ бошанд. |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маводҳои мадабиёти иқтисодӣ тартиб дода шудааст.

Дар маҷмуъ, соҳибкориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин гурӯҳбандӣ мекунанд:

**Расми 4. Таснифоти фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Figure 4. Classification of business activity in the Republic of Tajikistan**




Сарчашма: таҳияи муаллиф

Хоҷагиҳои деҳқонӣ ва субъектҳои онҳо шакли асосии ташкилию ҳуқуқии соҳибкории хурд ва миёна дар бахши аграрӣ мебошанд. Ин хоҷагиҳо вазифадор карда мешаванд, ки

заминро барои мақсадҳои таъиншуда истифода баранд, ба ҳолати экологӣ ва муҳофизати он кафолат диҳанд, саривақт андозҳоро пардохт намуда тавонанд.

Категорияҳои «корхонаҳои кишоварзӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. Гурӯҳбандии фаъолияти субъектҳои соҳибкорони бахши аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 2. Classification of the activity of agricultural sector entrepreneurs in the Republic of Tajikistan**

| Соҳибкорони бахши аграрӣ | Намудҳо ва шаклҳо | Сохтор (мундариҷа) |
|---|---|---|
| Корхонаҳои кишоварзӣ | Калон, миёна, давлатӣ ва хусусӣ | Ассотсиатсияҳо ва хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, хоҷагиҳои байниҳукуматӣ, корхонаҳои лизингӣ, кооперативҳои кишоварзӣ, агрофирмаҳо, хоҷагиҳои ёрирасони саноатӣ, нақлиётӣ ва дигар корхонаҳо ва ташкилотҳо |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | Миёна, хурд, хусусӣ, муштарак | Шахси мустақили иқтисодӣ, ки аз ҷониби шаҳрвандон ё шахси алоҳида таъсис дода шудаанд, ё якҷоя дар асоси истифодаи амволи давлатӣ, замин ва дигар захираҳои табиӣ, ки дар моликияти шахсӣ мебошанд, фаъолият менамоянд |
| Хонаводаҳои аҳолӣ | Хурд, хусусӣ | Хоҷагиҳои ҷудогонаи шаҳрвандон, боғҳо, қитъаҳои замин. |

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маводҳои адабиёти иқтисодӣ тартиб дода шудааст

Тавре аз ҷадвали 2 бармеояд, ҳар қадар шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ зиёд шавад, ҳамон қадар рушди соҳа тақвият меёбад. Дар шароити муосир дар бахши кишоварзии мамлакат шакли соҳибкории оилавӣ бештар рушд карда истодааст. Умуман, оила ҳамчун субъекти хоҷагидорӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ хеле муносиб буда, дар ин шакли фаъолият ҳама аъзоёни оила дар истеҳсоли маҳсулот саҳм мегузоранд.

Баъзе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки арзёбии шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкории як субъекти хоҷагидор самаранокии муҳити рақобатро муайян месозад [9].

Ба назари мо, соҳибкории истеҳсолии бахши аграрӣ дар шароити бозор метавонад фоидаовар бошад, агар он ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва беҳтарсозии сифати маҳсулот нигаронида шавад. Истеҳсоли маҳсулоте, ки дар бозор рақобатпазир бошад, бо мақсади ба даст овардани фоидаи назаррас нигаронба роҳ монда мешавад.

Ҳамин тавр, баррасии шакл ва намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ нишон дод, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ дар таҷрибаи хоҷагидорӣ фаъолияти соҳибкорӣ дар шаклу намудҳои гуногун ташкил карда шуда, ҳар яке дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад. Инчунин, намуд ва шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ мухолифи якдигар набуда, танҳо хусусият ва тарзу усули ташкили онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Сиёсати аграрӣ дар шароити кунунӣ бояд ба шаклҳои гуногуни моликият ва намудҳои мухталифи фаъолияти хоҷагидорӣ асос ёбад. Чунки маҳз шаклҳои мухталифи моликият ва намудҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидорӣ рақобати озодро байни молистеҳсолкунандагони маҳсулоти бахши аграрӣ ба вуҷуд оварда метавонанд. Мавриди зикр аст, ки бо мақсади ба вуҷуд овардани шаклҳои гуногуни моликият дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ислоҳот гузаронида шуд. Дар давраи аввали ислоҳот дар бахши аграрӣ, заминаи илман асоснок вуҷуд надошт, чунки шарту шароити ислоҳот аз тарафи ташкилотҳои байналхалқӣ гузошта шуда буданд ва ақидаҳои пешниҳод намудаи онҳо ба тариқи низомномаи алоҳида интишор нагашта, аз тарафи намояндагонамон бо пешниҳод амалӣ карда мешуд. Баъдан, соли 1995, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи рушди иқтисодиро то соли 2000-ум қабул кард, ки он ба пуррагӣ раванди рушди соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистонро дар бар мегирифт.

Рушди бахши аграрӣ аз омилҳои ба тариқи мусбӣ ва манфӣ ба он таъсиркунанда вобаста аст. Дар бахши кишоварзӣ омилҳои мусбӣ омилҳое мебошанд, ки ба раванди рушди соҳибкорӣ мусоидат менамоянд. Аммо омилҳои таъсири манфӣ расонанда дар соҳа

хеле зиёданд, чунки худи соҳаи аграрӣ аз боду ҳаво ва ҳолати тиббиии муҳит ва мавқеи ҷойгиршшавӣ вобастагии зиёд дорад.

М. Хуччек чунин иброз намудааст: «Рушд аксар вақт бо пешравӣ (бо навъи пешрафт) муайян карда мешавад. Ҷамъияти дорои имконоти зиёди моддӣ, ки зери таъсири шароитҳои гуногун таъсис дода шуда, тавассути истифодаи инноватсияҳо фаъолият мебарад, боиси пешрафт (техникӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва ғайра) гардида, ба суръати рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва шароити ҷомеа таъсир мерасонад» [10] (нигаред ба расми 5).

Бо мақсади рушди шаклҳои соҳибкорӣ инноватсияҳоро мавриди истифода қарор додан ба мақсад мувофиқ аст. Ба ин васила ба пайдоиши шаклҳои нави соҳибкорӣ метавон даст ёфт. Ба пайдоиш ва рушди соҳаи мазкур омилҳои гуногун таъсир мерасонанд. Нақши омилҳо дар рушди шаклҳо ва намудҳои соҳибкорӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

**Расми 5. Омилҳое, ки ба рушди бахши аграрӣ таъсир мерасонанд**
**Figure 5. Factors affecting the development of the agrarian sector**

Омилҳое, ки ба рушди бахши аграрӣ таъсир мерасонанд

1. Раванди ташкили соҳибкорӣ ва омилҳои он
2. Маҳсулнокии замин ва захираҳои табиӣ
3. Маҳсулнокии меҳнат ва сармоя
4. Рушди илмӣ ва техникӣ
5. Ҷараёни ташкили кор
6. Ҷалби сармоя ва маблағгузориҳо
7. Истифодаи сармояи инсонӣ
8. Омилҳои соҳавӣ, сохторӣ, ё ин ки институтсионалӣ

Тавре аз нишондоди расми 5 бармеояд, ба рушди иқтисодиёт омилҳои гуногун таъсир мерасонанд.

Дар баробари ин, соҳибкорӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ нақши муассир дорад. Зикр кардан бамаврид аст, ки сарчашмаи рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ фаъолияти инноватсионӣ ба шумор меравад, ки барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда мусоидат мекунад.

Рушди инноватсионӣ идоракунии пай дар пайро талаб мекунад, ки аз пайдоиши ғоя то коркард ва ҷорӣ кардани инноватсия дар истеҳсолоту муомилотро дар бар гирад. Умуман, барои расидан ба истеҳсолоти самаранок ва натиҷаҳои баланди молиявӣ корхонаҳоро лозим аст, ки фаъолияти худро бештар ба дарёфт ва коркарду идоракунии сармояҳои имконпазир, ки рақобатпазирии соҳибкоронро таъмин карда метавонанд, равона гардонанд. Зеро гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ истеҳсоли маҳсулоти дорои сифати баландро, ки ба талаботи бозори ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошад, тақозо менамояд. Мақсади мазкур танҳо тавассути истифодаи навгониҳо амалӣ гардонида мешавад. Маҳз аз ҳамин сабаб, дар доираи фаъолияти субъектҳои соҳибкории бахши аграрӣ фаъолияти инноватсиониро ҳамчун объекти таҳқиқот қарор додан, ба мақсад мувофиқ аст.

Соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ фаъолиятест, ки ба нигаҳдорӣ, коркард ва истеҳсоли маҳсулот нигаронида шудааст. Дар шароити имрӯза аз ҷониби сохторҳои давлатӣ шаклҳои гуногуни соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ ҳамаҷониба дастгирӣ ёфта, дар ин замина як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки барои рушди ин соҳаи муҳимми иқтисоди миллӣ мусоидат менамоянд.

Фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ, фаъолияти муштараки мақомоти марказӣ, сохторҳои минтақавӣ, марказҳои гуногуни дастгирию машваратӣ

мебошад, ки ҳамкории самарабахши онҳо рушди мутавозини иқтисодиётро имконпазир мегардонад.

Дар шароити муосир, новобаста аз муваффақиятҳои бадастоварда, шаклу намудҳои идоракунии соҳаи аграрӣ ба ислоҳот ниёз доранд, зеро як қатор бахшҳои соҳаи мазкур то ба ҳол муттасилии истеҳсолот, сифати баланди маҳсулоти истеҳсолшавандаро таъмин карда наметавонанд. Барои ин ки рушди соҳаи кишоварзӣ таъмин карда шавад, қабл аз ҳама, иртиботи мутақобилаи ҳамаи бахшҳои соҳаи кишоварзӣ бояд барқарор карда шавад. Аз ҷумла, зерсохторҳои соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ бояд дар сатҳи минтақа аз як марказ идора карда шаванд. Яъне, идоракунии ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ дар асоси сиёсати муосири аграрӣ аз тарафи раёсати соҳаи кишоварзии ноҳия, минтақа ва Вазорати кишоварзӣ ба роҳ монда шавад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ раванди маблағгузории корхонаҳои аграрӣ аз ҷониби Вазорати кишоварзӣ ба роҳ монда мешавад. Дар шароити имрӯза раванди маблағгузорӣ аз тарафи ҳукуматҳои вилояту ноҳияҳо таъмин мегардад.

Хулоса, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва рушди намудҳои гуногуни ташкилию иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт омили асосии таъмини шуғли пурмаҳсул ба ҳисоб меравад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ - Давлатзода М.Х.**

### АДАБИЁТ


1. Абдуллоев А.А. Региональные особенности становления и развития аграрного предпринимательства: автореферат дисс. на соискание ученой степени к.э.н. / А.А. Абдуллоев. –Душанбе, 2016. -26 с.
2. Бозоров Ш.Ш. Асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ / Ш.Ш. Бозоров. –Душанбе: ЭР-граф, 2018. -427 с.
3. Валиев Н.Ш. Ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории хурд (дар мисоли савдои чаканаи Ҷумҳурии Тоҷикистон): автореферат дисс.номзади илмҳои иқтисодӣ 080005 / Н.Ш. Валиев. -Душанбе, 2021. -27 с.
4. Ганиев Т.Б. Проблемы развития сельского хозяйства / Т.Б. Ганиев. -М.: Кондор. -215 с.
5. Зоидов К.Х. Особенности эволюции малого и среднего инновационного предпринимательства кризисной экономики в постсоветском пространстве / К.Х. Зоидов, Е.В. Моргунов, К.В. Биджамова. -М.: ЦЭМИ РАН, 2009. -С.6.
6. Комилов С.Д. Предпринимательство: вопросы, развития и государственного регулирования / С.Д. Комилов, Н.Х. Забиров. -Душанбе, 2004. -165 с.
7. Курс экономической теории / Под. ред. д.э.н. проф. А.В. Судрович. –М., 2001. -С.493.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». -Душанбе, 26 июли соли 2014, №1107.
9. Предпринимательство в АПК / С.И. Грядов, И.Т. Крячков, В.А. Удалов [и др.]. -М.: Колос, 1997. -С.288.
10. Хучек М. Социально-экономическое содержание инновации на предприятии / М. Хучек // Вестн. Моск. ун-та. Сер. 6. Экономика. - 1995. -№1. -С.62-71.
11. Экономика и управление в сельском хозяйстве: Учебник / Г.А. Петранева, А.В. Мефед, М.П. Тушканов [и др.]; Под ред. Г.А. Петраневой. -М.: Академия, 2003. -352 с.


### МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР СОҲАИ АГРАРИИ ИҚТИСОДИЁТ


Дар мақолаи мазкур механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии иқтисодиёт мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, механизмҳои асосии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрӣ ва ба даст овардани яке аз ҳадафҳои стратегии давлат - таъмини амнияти озуқаворechoии кишвар, самаранок истифода бурдани заминҳои кишт ва ҷорӣ намудани механизми дурусти фаъолияти корӣ дар системаи иқтисодӣ зарур аст. Ҳамаи инро ба инобат гирифта дар шароити муосир намуд ва шаклҳои идоракунии соҳаи иқтисодиёти аграрӣ ҳоло ҳам такмилталаб мебошад, чунки як қатор риштаҳои соҳавии сохтори кишоварзӣ то ҳол вобастагии пайдарҳамиро дар соҳа таъмин карда наметавонад. Барои ин ки рушди соҳаҳои кишоварзӣ инкишоф ёбад, пеш аз ҳама, бояд алоқамандии ҳамаи соҳаҳои кишоварзӣ ба якдигар таъмин карда шавад. Илова бар ин, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ва рушди намудҳои ташкилию иқтисодии соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт омили асосии таъмини шуғли пурмаҳсул ба ҳисоб меравад.



Боби дуюми кодекси мазкур «Масъалаҳои умумии тафтишоти пешакӣ» ном дошта, 18 моддаро (моддаҳои 4-21) фаро мегирифт. Дар ин боб масъалаҳои роҳбарии фаъолияти мақомоти тафтишоти пешакӣ, тобеияти тафтишотии парвандаҳои ҷиноятӣ, тақсими салоҳияти муфаттиш ва дигар мақомоти тафтишотӣ, даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ва шикоят аз амали мақомоти тафтишоти пешакиро танзим мекард.

Мувофиқи моддаи 5 кодекси мазкур, масъалаи роҳбарии умумии фаъолияти тамоми мақомоти тафтишотӣ ва назорат аз болои тафтишоти пешакӣ, ки аз ҷониби муфаттиш ба роҳ монда мешуд, аз ҷониби прокурор ба амал бароварда мешуд. Вале назорат оид ба тафтишоти пешакӣ, ки аз ҷониби дигар мақомот анҷом дода мешуд, (аз ҷумла мақомоти таҳқиқ), ғайр аз мақомоти давлатии идоракунии сиёсӣ (ОГПУ), аз ҷониби муфаттиш ба амал бароварда мешуд, ки дастуру нишондодҳои онҳо барои иҷро ҳатмӣ буд.

Мувофиқи муқаррароти ҳамин боб ва дигар бобҳои кодекси мазкур муфаттиш дорои ваколатҳои васеъ буд. Муфаттиш дорои се фукнксия буд: ба амал баровардани тафтишоти пешакӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки мувофиқи моддаи 10 КМҶ ба ӯ тобеият доштанд; назораит рафти тафтишоти пешакӣ, ки аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ба амал бароварда мешуд ва тасдиқи фикр айбдоркунӣ; ва ниҳоят дастгирии айби давлатӣ дар суд. Ҳамин тариқ муфаттиш баъзе аз функсияҳои прокурорро анҷом медод.

Ба андешаи олими тоҷик Султон Раҷабов КМҶ РСС Ӯзбекистон соли 1929 бо дарназардошти тағйиру иловаҳо ба он, ки ба таъмини дуруст ба амал баровардани адолати судӣ ва ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони иштирокчии парванда равона шуда буд, дар самти танзими фаъолияти мақомоти судӣ, прокуратура ва тафтишоти пешакӣ дар самти мубориза бо ҷинояткорӣ ва таҳкими қонунияти сотсилаистӣ саҳми бориз дошт [25,с.58].

Амали КМҶ ҶШС Ӯзбекистон соли 1929 дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон бо қарори КИМ ва ШКХ ҶШС Тоҷикистон аз 19 декабри соли 1929, №42 ба роҳ монда шуд. Дар ҳамин қарор ҳатто масъалаи аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон баровардани ҶШС Тоҷикистон дар мавриди коркард ва таҳияи лоиҳаи қонунгузории ҶШС Тоҷикистон низ ҳал шуда буд. Ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки матни аслии қарори мазкурро манзури хонандагон гардонем, зеро он ҳамчун ҳуҷҷати таърихии тавлиди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистони соҳибихтиёр ҳисобида мешавад.

«1. Бо дарназардошти табдил ёфтани Ҷумҳурии Шуравии Мухтори Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Шурави Сотсиалистии Тоҷикистон ва баромадан аз ҳайати ҶСШ Ӯзбекистон – тамоми қонунгузории ҶСШ Ӯзбекистон, ки қаблан дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон то замони аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ҷудо шудани ҶМС Тоҷикистон амал мекарданд, амал карда, муваққатан қувваи ҳатми ҳуқуқиро то замони аз ҷониби мақомоти қонунгузори ҶШС Тоҷикистон қабул намудани санадҳои қонунгузории дахлдор ва ё бекор кардани қонунҳои амалкунанда, нигоҳ медоранд.

2. Амали қонунҳое, ки аз ҷониби мақомоти қонунгузории ҶШС Ӯзбекистон баъди аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон баровардани ҶШМ Тоҷикистон қабул шудаанд, дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон паҳн намегарданд.

3. Лаҳзаи аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон баровардани ҶМШ Тоҷикистон замони аз ҷониби иҷлосияи КИМ Иттифоқи Шуравӣ қабул шудани қарор аз 5 декабри соли 1929 дар

хусуси аз ҳайати ҳайати ҶШС Ӯзбекистон баровардани ҶМШ Тоҷикистон ҳисобида шавад.

4. Ба ШКХ Тоҷикистон супориш дода шавад, ки лоиҳаи қонунгузории ҶШС Тоҷикистонро таҳия намуда ба КИМ Шурои ҶШС Тоҷикистон барои баррасӣ ва ба иҷлосияи наздиктарини КИМ ҶШС Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод намояд» [25,с.59-60].

Қобили қайд аст, ки банди чоруми қарори мазкур бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ иҷро нашуда монд.

Дар қарори КИМ ва ШКХ ҶШС Тоҷикистон аз 21 марти соли 1933 «Дар хусуси тасдиқ ва ба амал баровардани маҷмуи қонунҳои амалкунандаи ҶШС Тоҷикистон» пешбинӣ шуда буд, ки амали кодексҳо, қонунҳо ва дигар санадҳои қонунгузории ҶШС Ӯзбекистон, аз ҷумла КМҶ РСС Ӯзбекистон, ки мувофиқи қарори КИМ ва ШКХ ҶШС Тоҷикистон аз 19 декабри соли 1929, №42 дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон амал мекарданд, бо дарназардошти тағйиру иловаҳои баъдӣ ки аз ҷониби ШКХ ҷумҳурӣ қабул карда мешаванд, то лаҳзаи қабули кодексҳои шабеҳи ҶШС Тоҷикистоон бе тағйир монда шаванд» [15,с.121].

Бо қарори Раёсати Кумитаи марказии иҷроияи Тоҷикистони Шуравӣ аз 25 августи соли 1935 дар ҳудуди ҷумҳурӣ кодекси нави мурофиавии ҷиноятӣ – КМҶ ҶШС Тоҷикистон ба ҳукми амал даромад. Дар асоси қарори мазкур амали Кодекси мурофиавии ҷиноятии РСС Ӯзбекистон дар ҳудуди Тоҷикистон Шуравӣ қатъ карда шуд. Кодекси мурофиавии ҷинояти соли 1935 аз 14 боб ва 154 модда иборат буд [25,с.62].

Кодекси мазкур аз аз нигоҳи ҳаҷм дар қиёс бо кодексҳои қаблан қабулшудаи дигар кишварҳои Шуравӣ хурдтар буд. Назар ба андешаи мутахассисони соҳа дар КМҶ РСС Тоҷикистон муқаррароти асосии мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла нишондодҳои зарурии алоҳида дар хусуси пешбурди тафтишоти пешакӣ ва дигар масъалаҳои мурофиавӣ танзим нашуда буданд [25,с.64].

Аввалин КМҶ РСС Тоҷикистон, дар асл амалияи фаъолияти чандинсолаи дастгоҳи давлатӣ, мақомоти судӣ, қонунгузор ва иҷроияву амрдиҳандаро оид ба қабул ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ фаро мегирифт.

Маврид ба зикр аст, ки дар сохтори КМҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 падидаҳо ва меъёрҳо аз лиҳози мантиқӣ чандон пайдарҳам ба тартиб дароварда нашуда буданд, аз ин рӯ на ҳамеша имкони дарёфти ҷавоб ба ин ва ё он савол имконпазир мегашт, агарчанде ки онҳо дар кодекс инъикоси худро ёфта буданд. Пайдарҳамии ҷойгиршавии меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ бо дарназардошти давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ риоя нашуда буданд. Чандон фаҳмо набуд, ки дар бобҳои дахлдор меъёрҳои мурофиавӣ вобаста ба давраҳои мурофиавӣ ҷойгир шуда буданд ва ё аз нигоҳи амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ. Дар кодекс бобҳое ҷой доштанд, ки масъалаҳои алоҳидаи давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ (масалан, оғози парвандаи ҷиноятӣ, ба суддиҳӣ, иҷрои ҳукм) ва тартиби гузаронидани амалҳои алоҳидаи мурофиавиро танзим мекарданд (масалан, эълони айб ва пурсиши айбдоршаванда, боздоштан ва аз нав ба ҳаракат даровардани тафтишот, баровардани ҳукм). Дар баробари ин, дар КМҶ ҶШС Тоҷикистон бобҳои алоҳида дар мавриди танзими чунин давраҳои муҳимми мурофиаи ҷиноятӣ ба мисоли тафтишоти пешакӣ ва муҳокимаи судӣ ҷой надоштанд. Меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ вобаста ба давраи тафтишоти пешакӣ дар бобҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ, дар бораи элони айб ва пурсиши айбдоршаванда ва ғ., меъёрҳои вобаста ба муҳокмиами судӣ бошанд дар бобҳои ҳайати суд, тарафҳо, раддия ва баровардани ҳукм ҷойгир шуда буданд [26,с.126-127].

Дар кодекси мазкур масъалаҳои таҳқиқ дар умум дар боби 2, ки «масъалаҳои умумии тафтишоти пешакӣ» ном дошт, дар моддаҳои 4-21 танзим карда мешуд. Мувофиқи моддаи 4 кодекси мазкур тафтишоти пешакӣ дар умум аз ҷониби шахсони зерин ба амал бароварда мешуд: муфаттиш, милитсия, нозири кофтукови ҷиноятӣ, мақомоти муштараки давлатии идоракунии сиёсӣ, инспексияҳои махсус, ва дигар мақомоти ҳокимият, ки дар асоси қонунҳои алоҳида салоҳияти тафтиши ҷиноятҳоро доштанд.

Дар заминаи Асосҳои мурофиаи судии ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ аз 25 декабри соли 1958 [6] соли 1961 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон дар

таҳрири нав қабул гардид*. Қабули кодекси мазкур як марҳилаи сифатан наверо дар самти танзими ҳуқуқи падидаи таҳқиқ ба миён овард.

Кодекси мазкур аз 10 фасл, 35 боб ва 431 модда иборат буда, то 1-уми апрели соли 2010 амал намуда, таърихи қариб нимасраи фаъолиятро дорад [7].

Дар КМҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ба масъалаи таҳқиқ боби даҳум (моддаҳои 113-120) бахшида шуда буд. Дар доираи боби мазкур моддаҳои зерин танзими ҳуқуқии худро пайдо карда буданд: мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ (моддаи 113), вазифаҳои мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ (моддаи 114), амалиётҳои мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо гузарондани тафтиши пешакӣ ҳатмист (моддаи 115); амалиётҳои мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ оид ба парвандаҳое, ки дар хусуси онҳо гузарондани тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест (моддаи 116); мухлати гузаронидани таҳқиқи ибтидоӣ (117); моддаи 118 мувофиқи Указии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон аз 19 апрели соли 1977 аз эътибор соқит дониста шуд; даъват ва пурсиш кардани шахси гумонбаршуда (моддаи 119); тамом кардан ё муваққатан боздошта шудани таҳқиқи ибтидоӣ (моддаи 120).

Мувофиқи моддаи 114 кодекси мазкур вазифаҳои мақомоти таҳқиқ бо чунин мазмун муқаррар шуда буданд: бо мақсади ошкор кардани ҷиноятҳо ва шахсони содиркардаи онҳо дидани чораҳои зарурии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва дигар чораҳое, ки дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, инчунин дидани тамоми чораҳое, ки барои пешгирӣ ва минбаъд боздоштани ҷиноят заруранд. Ҳамзамон, мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ амалиёти худро дар бобати корҳое, ки оид ба онҳо тафтиши пешакӣ ҳатмист, бо як хел ҳаракатҳо ва дар бобати корҳое, ки оид ба онҳо тафтиши пешакӣ ҳаттмӣ нест, бо дигар хел ҳаракатҳо анҷом медоданд.

Мувофиқи моддаи 113 КМҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ба сифати мақомоти таҳқиқ инҳо баромад мекарданд: 1) милитсия; 2) командирони қисмҳои ҳарбӣ, соединенияҳо ва сардорони идораю муассисаҳои ҳарбӣ дар корҳои оид ба ҳамаи ҷиноятҳое, ки хизматчиёни ҳарбии тобеи онҳо, инчунин уҳдадорони ҳарбӣ дар вақти гузаштани ҷамъомадҳо содир кардаанд; 3) мақомоти бехатарии давлатӣ оид ба корҳое, ки тафтиши онҳоро қонун ба ихтиёри ин мақомот додааст; 4) сардорони идораю муассисаҳои ислоҳкунии меҳнатӣ ҳабсхонаи тафтиши пешакӣ, профилакторияҳои табобатӣ-меҳнатӣ ва профилакторияҳои тарбиявӣ-меҳнатӣ- дар корҳои оид ба ҷиноятҳои зидди тартиботи ба ҷо овардани хизмат, ки коркунони ин муассисаҳо содир кардаанд, инчунин дар хусуси ҷиноятҳое, ки дар ҷойҳои воқеъбудаи муассисаҳои номбурда содир карда шудаанд; 5) мақомоти назорати давлатии зидди сӯхтор-дар корҳои оид ба сӯхтор ва вайрон кардани қоидаҳои зиддӣ сӯхтор; 6) мақомот муҳофизати сарҳад-дар корҳои оид ба вайрон кардани сарҳадҳои давлатӣ; 7) мақомоти гумрук-дар корҳои оид ба ҷиноятҳои дар моддаҳои 76,76.1, 173.1 Қодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикстон (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №421 аз 15 майи соли 1997); 8) сардорони зимистонгузаронӣ дар давраи набудани алоқаи нақлиёти бо ҷойҳои зимистонгузаронӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №421 аз 15 майи соли 1997); 9) воҳидҳои полиси андоз (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон № 237 аз 1-феврали соли 1996); 9) Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон-дар корҳое, ки қонун ба ихтиёри онҳо гузоштааст (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №865 аз 10 декабри соли 1999).

Ҳамзамон дар боби сию чоруми Кодекси мазкур, ки “Омодасозии маводҳои пешазсудӣ дар шакли протоколӣ” ном дошт, салоҳияти мақомоти таҳқиқ бо мақсади муайян кардани ҳолатҳои содир кардани ҷиоятҳои дар моддаи 406 пешбинишуда, ба расмият даврорварда шуда буданд. Аз ҷумла, мувофиқи моддаи 406 кодекси мазкур тартиби баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои дар моддаҳои 112 (Қасдан расонидани зарари сабук ба соламатӣ), 116 (Лату кӯб), 120 (Таҳдиди куштан ё расонидани зарари вазнин ба солматӣ), 135 (Бо қонуни ҶТ аз 3 июли соли 2012, № 844 хориҷ карда шуд), 136 (Бо қонуни ҶТ аз 3 июли соли 2012, № 844 хориҷ карда шуд), 230 (Сайди ғайриқонунии ҳайвоноти обӣ), 232 (Шикори ғайриқонунӣ), 234 (Ғайриқонунӣ буридани дарахт ва

* Кодекси мазкур аз ҷониби Шурои Олии РСС Тоҷикистон 17 августи соли 1961 қабул шуда санаи 1 декабри соли 1961 ба ҳукми амал даромад.

буттаҳо), 235 (Несту нобуд кардан ё осеб расонидан ба ҷангал), қисми якуми моддаи 237 (Авбошӣ), қисми якуми моддаи 243 (Таҳқири ҷасади фавтидагон ва гӯри онҳо), қисми якуми моддаи 252 (ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобиль ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф), 256 (аз беэҳтиётӣ несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк), қисми якуми моддаи 294 (Фиреби истеъмолкунандагон), 342 (Таҳқир кардани рамзҳои давлатӣ) пешбининамудаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №576 аз 21 майи соли 1998) дар шакли омодасозии маводҳои пешазсудӣ дар шакли протоколӣ ба роҳ монда мешуданд.

Мувофиқи моддаи 407 кодекси мазкур оид ба корҳое, ки дар моддаи 406 ҳамиин Кодекс пешбинӣ карда шудааст, мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ аз муҳлати даҳрӯза дер намонда, ҳолатҳои ҷинояти содир кардашуда ва шахсияти вайронкунандаи ҳуқуқро муқаррар мекарданд, аз вайронкунанадаи ҳуқуқ, шахси ҷавобгар ва шоҳидон баёнот мегирифтанд, маълумотро дар бораи доғи судӣ доштан ё надоштани вайронкунандаи ҳуқуқ, хислатнома аз ҷойи кори ӯ ва ё таҳсил ва дигар маводҳое, ки барои баррасӣ намудани парванда дар суд аҳаммият доранд, талаб карда мегирифтанд. Аз вайронкунандаи ҳуқуқ уҳдадорӣ оиди ҳозир шудан, ҳангоми даъват кардани мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ ва суд ва хабардор кардан оиди иваз намудани ҷойи истиқомат, гирифта мешуд.

Марҳилаи навбатии рушди қонунгузори мурофиавии ҷиноятӣ ва таҳқиқ ба замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд.

Ба даст овардани истиқлолияти комили сиёсӣ ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 аз арзишмандтарин ва бузургтарин дастовардҳои халқи Тоҷикистон дар интиҳои садсолаи гузашта ба ҳисоб рафта, ҷиҳати гузариш ба марҳилаи сифатан нави давлатдории миллӣ заминаҳои мусоиди конститутсионӣ-ҳуқуқиро фароҳам оварданд. Қабули Қонуни асосии кишвар боис гардид, ки дурнамои инкишофу пешрафти Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муайян карда шавад.

Қобили қайд аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ба назари эътибор гирифтани беҳтарин арзишҳои ҳуқуқи байналмиллалӣ, таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои мутаммаддини дунё, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии низоми ҳуқуқии кишварҳои пешрафта, таҷрибаи давлатдорӣ ва суннату одатҳои таърихии миллии тоҷикон таҳия ва қабул карда шудааст. Қабули Конститутсия заминаҳои боэътимоди ҳуқуқиву ташкилиро дар самти қабули қонунҳои нави ҷавобгуй ба талаботи замон рӯйи кор овард [16,с.57-68].

Аз ҷумла, нақши Конститутсияи мамлакат дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти мурофиаи судии ҷиноятӣ ва рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ назаррас аст.

Дар баробари дигаргун гаштани низоми ҳуқуқии кишвар чунин навгониҳо низ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ба вуқуъ пайвастанд. Дар натиҷаи амалишавии ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ дар кишвар, тарзи маъруфи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф шудани мурофиаи ҷиноятӣ ва ба ҳайси принсипҳои калидии мурофиаи ҷиноятӣ пазируфта шудани принсипҳои дар асоси мубоҳиса ва баробарии тарафҳо сурат гирифтани мурофиа ва эҳтимолияти бегуноҳӣ, асосҳои бунёдии мурофиаи ҷиноятиро куллан тағйир доданд. Ин омилҳо беихтиёр заминаҳои боэътимоди ҳуқукиву ташкилиро – аз воситаи муҳими мубориза ба ҷинояткорӣ будани мурофиаи ҷиноятиро ба - шакли ҳимояи ҳуқуку манфиатҳои шахсият фароҳам оварданд [17,с.12-13].

Бо шарофати касби Истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ оғоз гардид, ки ин ҳолат зарурияти дар тахрири нав таҳия ва қабули қонуну санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи замон мувофиқ ва ҷавобгӯйиро рӯйи кор овард. Дар ин замина қабули Кодекси нави мурофиавии ҷиноятӣ ва ба талаботи рушди замон мутобиқ сохтани он ногузир буд.

Назар ба андешаи донишманди ватанӣ аз рӯзи эълон гардидани Истиқлолияти давлатӣ, яъне аз 9-уми сентябри соли 1991 то 01.04.2010 дар Тоҷикистон қонунгузории мурофиавии ҷиноятии соли 1961 амал мекард, ки дар давоми қариб чор даҳсолаи маҷудияти он ба Кодекс бо 17 Фармонҳои Шурои Олӣ ва Қонунҳои Ҷумҳурии тоҷикистон

зиёда аз 500 тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд, ки ҳатто баъзе меъёрҳо чанд маротибагӣ иваз гардидаанд...[21,с.46-48].

Табиист, ки бо вуҷуди ворид намудани дигаргунӣ ва тағйироту иловаҳои зиёд КМҶ ҶТ дар таҳрири соли 1961 дигар наметавонист, ки муносибатҳои нави мурофиавии ҷиноятиро ба таври дахлдор танзим намояд. Аз ҷониби дигар, иҷрои уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди созмонҳои байналмилалӣ оид ба ҳифз ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд низ зарурияти такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва қабули кодекси навро тақозо менамуд.

Гузашта аз ин қабули Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010 [5], заминаҳои муносиби ташкилӣ-ҳуқуқиро дар самти таҳия ва қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ фароҳам овард.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав 3-юми декабри соли 2009 қабул гардида аз 1-уми апрели соли 2010 мавриди амал қарор дода шудааст [2]. Кодекси мазкур аз 4 қисм 12 фасл 52 боб ва 525 модда иборат аст.

Оид ба зарурат ва аҳамияти қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ дар таҳрири нав назару андешаҳои созгори олимону донишмандони саршиноси ватанӣ иброз шудаанд.

Назар ба андешаи олимони соҳа ҳадафҳои асосии қабули Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд:

-амалигардонии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-демократикунонии минбаъдаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ва мутобиқгардонии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ кишвар бо стандартҳои байналмилалӣ;

- таҳкими ҳифзи ҳуқуқу озодии инсону шаҳрванд;

- таҳкими мақом ва нақши ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон;

- соддагардонии ҷараёни мурофиаи судӣ;

-таъмини баробарҳуқуқии иштирокчиёни мурофиа дар ҳамаи марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва ғайра [10,с.122-42].

Ба андешаи профессор Искандаров З.Ҳ. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи асосҳои конститутсионию ҳуқуқӣ (моддаҳои 1, 5, 9, 10, 14, 17, 18, 19, 20, 21, 22, 23, 24, 25, 32, 84, 87, 88) таҳия шуда, табиати мурофиаи ҷиноятиро муайян намуда, мазмуну мундариҷа, принсип ва шакли мурофиавӣ ба он асосан мувофиқ гардонида шудаанд. Мурофиаи ҷиноятӣ аз мурофиаи таъқиботӣ (айбдоркунӣ) ба мурофиаи типи муҳофизавӣ табдил ёфт. Маънояш аз он иборат аст, ки дар баробари функсияи айбдоркунӣ функсияи ҳимоя дар мурофиаи ҷиноятӣ нақши кам надошта, мурофиа тарзест, тарҳи ҳуқуқиест, ки аз он ҳама иширокчиён метавонанд барои ҳифзу ҳимоя намудани манфиатҳои худ истифода баранд [11,с.21-22].

Назар ба андешаи Академики Академияи илмҳои ҶТ Маҳмудзода М.А. бо ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурииии Тоҷикистон қабул гардидани Кодекси нави мурофиавии ҷиноятӣ дар низоми қонунгузории ҷиноятии мамлакат як такони ҷиддӣ мебошад. Дар кодекси мазкур як қатор институтҳои нав – мурофиаи суръатнок ва мурофиаи соддакардашуда ворид карда шудаанд, ки онҳо мурофиаи ҷиноятиро тақвият медиҳанд, кафолати амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои иштирокчиён ва дастрас будани адолати судиро таъмин менамоянд [18,с.11].

Дар воқеъ, шароити кунунии рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ҷиҳати ноил гаштан ба ҳалли масъалаи ошкор, огоҳонидан ва пешгири ҷинояткорӣ тақозо менамояд, ки бо мақсади риояи принсипи инсондӯстӣ ва дар меҳвари фаъолияти ҳамаи сохторҳои давлатӣ қарор доштани инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯ низом ва шаклу тарҳҳои осону соддастари тафтиши пешакӣ ва судӣ ҷорӣ карда шаванд. То ин ки барои таъмини манфиатҳои қонунии шаҳрвандон шароити арзанда фароҳам оварда шаванд ва амалҳои мурофиавӣ дар муҳлатҳои оқилона амалӣ карда шаванд ва барои ба даст овардани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ зуд ва тезтар мусоидат намоянд [8,с.284].

Ба андешаи мутахассисони соҳа имруз мурофиаи ҷиноятӣ аз лиҳози мазмун ғанӣ гардидааст, мафҳум, мақсад, вазифа, шакли мурофиавӣ, ғояҳои роҳбарикунанда хеле дигар шудааст, ки танҳо фаҳмиши дурусти он имконият медиҳад, ки аз он ҷумла таҳқиқ ҳадафрас, босамар, қонунӣ ва безарар амалӣ карда шавад. Фаҳмиши нави мурофиаи

ҷиноятӣ, дар ин замина таҳқиқу тафтиш ва муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз назари ҳуқуқи инсон чун масъулияти давлат оид ба ҳимояи ҳаққи ҷабрдидагон аз аъмоли ҷинояткорона ва ҳуқуқ ва манфиати таъқибшавандагон аз амалу қарори ғайриқонунии шахсони мансабдори давлатӣ чун тарзи маъруфи ҳимояи ҳақ матраҳ карда мешавад. Мурофиаи ҷиноятӣ масъулияти давлат дар назди шаҳрванд ва инсон аст, ки чун тарзи маъруфи ҳимояи ҳақ риоя ва иҷро карда мешавад [12,с.58].

Дар кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар таҳрири нав 3-юми декабри соли 2009 қабул гардида аз 1-уми апрели соли 2010 мавриди амал қарор дода шудааст (кодекси мазкур аз 3 қисм 12 фасл 50 боб ва 486 модда иборат аст), модда ва бобҳои дахлдор оид ба таҳқиқ пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, дар моддаи 40 мақомоти таҳқиқ ва вазифаҳои он, дар боби 19 фаъолияти мақомоти таҳқиқ ва дар боби 46 бошад фаъолияти мақомоти таҳқиқ оид ба пешбурди суръатнок мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудаанд.

Мувофиқи қисми 2 моддаи 40 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи мақомоти таҳқиқ ҳалли вазифаҳои зерин вогузошта шудаанд:

- қабул, ба қайд гирифтан ва баррасӣ намудани аризаҳо ва маълумот дар бораи ҷинояти содиршуда ё ҷинояти нотамом;
- пешбурди таҳқиқ оид ба парвандаҳои ҷиноятие, ки нисбати онҳо тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест;
- иҷрои амалҳои таъхирнопазир оид ба парвандаҳое, ки барои онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ мебошад;
- пешбурди тафтиши пешакӣ дар ҳолатҳое, ки Кодекси мазкур пешбинӣ намудааст.

Боби 19 КМҶ ҶТ ду намуди таҳқиқи парвандаҳоро пешбинӣ намудааст:

- таҳқиқ дар мавриди парвандаҳое, ки доир ба онҳо тафтиши пешакӣ ҳатмист (м. 153 КМҶ);
- таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятие, ки пешбурди тафтиши пешакии онҳо ҳатмӣ нест (154 КМҶ).

Ҳамзамон, дар адабиётҳои илмиву таълимӣ дар хусуси ҳамчун як шакли таҳқиқ баромад намудани пешбурди суръатнок низ андешаҳо ҷой доранд, ки қобили дастгириянд [19,с.301].

Фаъолияти мақомоти таҳқиқ вобаста ба амалиёташон бо парвандаҳое, ки доир ба онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист ё ин ки бо парвандаҳое, ки доир ба онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, фарқ мекунад.

Дар сурати мавҷуд будани аломатҳои ҷиноят, ки доир ба он пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист, мақомоти таҳқиқ ҳуқуқ дорад парвандаи ҷиноятиро оғоз намояд. Таҳқиқбаранда қоидаҳои Кодекси мазкурро ба роҳбарӣ гирифта, ҳаракатҳои таъхирнопазири тафтишӣ ва дигар амалҳои мурофиавиро барои муқаррар ва мустаҳкам намудани изҳои ҷиноят мегузаронад, чунончи: азназаргузаронӣ, ёфта гирифтан, кофтуков, ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, гӯш кардан ва сабти гуфтугӯ, нишон додан барои шинохтан, шаҳодаткунонӣ, дастгиркунӣ ва пурсиши гумонбаршуда, ҷабрдида ва шоҳидон.

Оид ба парвандаи ҷиноятие, ки пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, мақомоти таҳқиқ парвандаро оғоз мекунад ва барои муқаррар намудани ҳолатҳое, ки бояд оид ба парвандаи ҷиноятӣ исбот карда шаванд, ҳамаи чораҳои пешбиникардаи Кодекси мазкурро меандешад. Оид ба парвандаи ҷиноятие, ки пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, маводи таҳқиқ барои дар суд баррасӣ намудани парванда асос мегардад. Дар сурати мавҷуд будани асосҳои дар боби 46 КМҶ ҶТ пешбинишуда мақомоти таҳқиқ пешбурди суръатнокро анҷом медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқи мавзуи баррасишаванда вобаста ба махсусият ва марҳилаҳои рушди падидаи таҳқиқ дар Тоҷикистон чунин хулосаҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Таҳқиқ аз замони пайдоиши худ ҳамчун василаи таъмини вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ба як шакли тафтишоти пешакӣ ташаккул ёфта, дар асоси қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти таҳқиқ нисбат ба парвандаҳои ҷиноятие, ки оид

ба онҳо гузаронидани гузаронидани тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, иҷрои амалҳои таъхирнопазир оид ба парвандаҳое, ки барои онҳо пешбурди тафтишӣ пешакӣ ҳатмӣ аст, бо мақсади дарки ҳодисаи ҷиноят, муайян намудани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва исботи онҳо, муайян кардан шахсе, ки бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, инчунин муайян кардани дигар ҳолатҳое, ки барои ҳалли дурусти парванда заруранд, амалӣ карда мешавад. Таҳқиқ ҳамчун шакли тафтишоти пешакии ҳодисаи ҷиноят дар муҳлати кутоҳтар, осонтару соддатар бо мақсади муайян намудани ҳолатҳои алоқаманд ба ҷиноят, аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ба амал баровarda мешавад [9,с.234].

1. Рушди падидаи таҳқиқ дар Тоҷикистон ба замони барқарорсозии Ҳокимияти Шуравӣ рост меояд. Баъди ғалабаи Инқилоби Бузурги Сотсиалистии Октябр соли 1917 дар рушду пешрафти низоми давлатдорӣ ва қонунгузорӣ дар Тоҷикистон таҳаввулоти азим ба вуқӯъ пайваст.

2. Пайдоиш ва рушди падидаи таҳқиқ дар Тоҷикистони Шуравӣ бевосита ба қабул ва мавриди амал қарор додани Кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар Россияи Советӣ солҳои 1922 ва 1923 ва КМҶ Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон солҳои 1926 ва 1929 иртибот доранд.

3. Рушди баъдии таҳқиқ дар Тоҷикистони Шуравӣ ба қабули аввалин КМҶ ҶШС Тоҷикистон аз 25 августи соли 1935 бо қарори Раёсати Кумитаи марказии иҷроияи Тоҷикистони Шуравӣ то соли 1961 вобастагӣ дорад.

4. Марҳилаи навбати рушди таҳқиқ ба замони қабули Асосҳои мурофиаи судии ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ аз 25 декабри соли 1958 ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 дар таҳрири нав то соли 2010 рост меояд. Қабули кодекси мазкур як марҳилаи сифатан наверо дар самти танзими ҳуқуқи падидаи таҳқиқ ба миён овард.

5. Марҳилаи навбатии рушди таҳқиқ ба замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд. Марҳилаи мазкур бо қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз 3-юми декабри соли 2009 ва ба ҳукми амал даромадани он аз 1-уми апрели соли 2010 асос ёфта, то ҳолати кунуниро фаро мегирад.

6. Зарур аст, ки бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами кишварҳои пешрафтаи дунё, хосатан таҷрибаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил фаъолияти мақомоти таҳқиқ такмил дода шуда, дар як маврид ҷиҳати боло бурдани масъулият ва фарҳанги ҳуқуқии таҳқиқотчиён чораҳои дахлдор андешида шаванд.

**Муқарриз: н.и.ҳ. дотсенти ДМТ – Маҳмудов И.Т.**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллоев П.С. Далелҳо ва исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ: воситаи таълимӣ. -Душанбе: Эр-граф, 2019. -С.15.
2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159, №7-8, мод. 609; с. 2012, №4, мод. 259, №7, мод. 714, №8, мод. 815, №12, s.1, мод. 1020, мод. 1025; с. 2013, №7, мод. 510, мод. 511; с. 2014, №3, мод. 142, №11, мод. 643; с. 2015, №11, мод. 950; с. 2016, №3, мод. 128, №5, мод. 357, №7, мод. 610, мод. 611; с. 2017, №1-2, мод. 4; с. 2018, №5, мод. 267; с. 2019, №1, мод. 3; с. 2020, №7-9, мод. 602, мод. 608; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2024, №2017.
3. Буризода И.Б., Одиназода Р.С. Судебные и квазисудебные институты в истории таджикской государственности. Отв. редактор: проф. В.Е. Чиркин. – Душанбе: Ирфон, 2018. -336 с.
4. Буриев И.Б. Источники права исламского периода таджикской государственности: Теория и практика / Отв. ред. академик АН РТ Тахиров Ф.Т. 2-е изд. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 224 с.
5. Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2007, таҳти № 271 тасдиқ гардидааст.
6. Ведомости Верховного Совета СССР, 1959.-№1, ст. 15.
7. Ведомостҳои Совети Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1961, №24, мод.126; с. 1962, №1, мод.7; с. 1964, №1, мод. 9; с.1967, №1, мод.8,9; с.1968, №24, мод.204; с. 1970,№12, мод.67 (сархатҳои 1 ва 3); с.1973, №1, мод.9 (сархати 3), №12, мод.114; с.1975, №13, мод.14; с.1977, №11, мод.90; с. 1978, №14, мод, 142; с.1981, №24, мод. 225; с.1984, №2, мод. 15 (сархатҳои 3 ва 5), №4, мод.36 (сархати 3), №23, мод.222; с.1985, №7, мод.9 (сархати 1), №23, мод.233; с.1987, №5, мод.74, №24, мод.333; с.1988, №5, мод.55, №21, мод.167, №24, мод.225; с.1990, №7, мод.56, №16, мод.268, №24, мод.410; с.1991, №14, мод.237; Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1992, №23, мод.333; с.1993, №9-10, мод.137, №19-20, мод.438, №21-22, мод.455; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1995, №23-24, мод.358; с.1996,№4, мод.62; с.1997, №9,

мод.117; с.1998, №10, мод.72; с.1999, №12, мод.305; с.2000, №11, мод.523; с.2002, №4, қ.1, мод.281; с.2004, №7, мод.461; с.2005, №7, мод.644; с.2007, №5, мод.359; с.2008, №3, мод.287, №6, мод.445; с.2009, №3, мод.79.

8. Ғайратзода Р.Д. Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии таҳқиқ дар мурофиаи ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. -№12. -С. 284.
9. Ғайратзода Р.Д. Таҳқиқ ҳамчун шакли тафтишоти пешакӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ: мафҳум, моҳият ва аҳаммияти он //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2023. №10. Қисми 2. С. 234.
10. Искандаров З.Ҳ., Маҳмудов И.Т., Абдуллоев П.С. Рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар давраи истиқлолият давлатӣ // 30 соли Истиқлоли давлатӣ ва рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон –Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – 472 с. (монографияи дастҷамъона). С. 122-142.
11. Искандаров З.Ҳ. Оид ба чанд қоидае, ки мурофиаи ҷиноятиро дигар намуд // Масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқи судӣ, фаъолияти прокурорӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ). Зери таҳрири Маҳмудов И.Т. -Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. -С. 21-22.
12. Искандаров З.Ҳ. Ташкили таҳқиқ дар мақомоти гумрук: танзими ҳуқуқӣ ва дурнамои инкишоф // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 1 (53). 2022. С. 58.
13. Мухитдинов А.А. Процессуальное положение следователя в уголовном процессе (на материалах Республики Таджикистан)// под общ. ред. д.ю.н, проф. Гаврилова Б.Я. – Душанбе, 2015. – С. 18.
14. Маслёнков С.Л. Дознание в современном уголовном процессе России: проблемы совершенствования: Дисс…. канд.юрид.наук. Нижний Новгород, 2004.
15. Муллоев М.М. История уголовного права Таджикской ССР. – Сталинабад: Изд-во Таджикского гос. Ун-та, 1960. Ч.1.- С. 121
16. Маҳмудов И.Т., Абдуллоев Н.А. Аҳаммияти Иҷлосияи тақдирсози Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди ҳокимияти судӣ //Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Аҳаммияти Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ. 2017. – 254 с.
17. Маҳмудов И.Т., Абдуллоев Н.А. Прокурор дар мурофиаи ҷиноятӣ: проблемаҳои назариявӣ ва танзими ҳуқуқӣ //Масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқи судӣ, фаъолияти прокурорӣ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конференсияҳои илмӣ-назариявӣ). Зери таҳрири Маҳмудов И.Т. -Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. -С.12-13.
18. Маҳмудов М.А. Саҳми Президент Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули қонунгузорӣ // Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 3, 2012. С 11.
19. Мурофиаи ҷиноятӣ: китоби дарсӣ/ муҳаррири масъул Р.Р. Юлдошев. -Душанбе: Эр-граф, 2018. -556 с.
20. Негматов Б.С. Тартиби содакардашудаи пешбурди тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ: автореф. … ном.илм.хуқуқ. –Душанбе, 2023. -С. рррп18.
21. Назиров Н.А. Қонунгузории мурофивии ҷиноятӣ дар солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон // Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии тоҷикистон. №3, 2012. –С.46-48.
22. Победкин А.В. Наука уголовного процесса // Юридическая наука: история и современность. – 2019. -№6. – С.19.
23. Разыков Ш. К вопросу о шариате и применении его норм в дореволюционном Таджикистане // Вопросы уголовного права, прокурорского надзора, криминалистики и криминологии: Сб. 2. Душанбе, 1968. С. 26-44.
24. Рахмаджонзода Р.Р. Учение об уголовном преследовании в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан: дисс. … докт.юрид.наук. Том 1. Душанбе, 2022.
25. Раджабов С. Развитие совестского уголовно-процессуального законодательства в Таджикистане. Душанбе: Ирфон. 1974. 191 с. С. 31.
26. Разыков Ш., Ушакова М.П. О кодификации уголовно-процессуального законодательства Таджикской ССР. В кн.: «Вопросы кодификации законодательства Таджикской ССР». Труды юридического факультета Таджикского государственного университета, 1958, вып. 7, т. 4, стр. 127-128.
27. Собирание кодексов РСФСР. М., 1925. С. 727-799.
28. Собирание кодексов Уз. ССР с изменением и дополнением по 1 июля 1929, г.Самарканд, 1929, ст. 467; АДМ ҶШС Тоҷикистон, ф.386, р.1. д. 195, в. 123.
29. СУ Узбекской ССР. № 1-12, стр. 53.
30. Собирание кодексов Узб. ССР с изменением и дополнением на 1-е июля 1929г., с.481-509.
31. Тоҳиров Ф.Т. Инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистон. Душанбе: Ирфон, 1994. 256 с.
32. Тахиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана. Т.2. Часть 1. Душанбе, 2001. С. 473.

## ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ЭҲЁ ВА ТАШАККУЛИ ТАҲҚИҚ ҲАМЧУН ШАКЛИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷонибаи марҳилаҳои таърихӣ, омӯзиши амиқи сарчашмаҳои илмӣ, маводи таҳқиқотҳои арзишманди илмӣ ва қиёси қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ заминаҳои таърихии пайдоиш ва рушди таҳқиқро ҳамчун шакли тафтишоти пешакӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла, номбурда таъкид менамояд, ки рушди падидаи таҳқиқ дар Тоҷикистон ба замони барқарорсозии Ҳокимияти Шуравӣ рост меояд. Зеро баъди ғалабаи Инқилоби Бузурги

Сотсиалистии Октябр соли 1917 ва таъсиси Давлати Шуроҳо дар рушду пешрафти низоми давлатдорӣ ва қонунгузорӣ дар Тоҷикистон таҳаввулоти азим ба вуқуъ пайваст. Ба андешаи ӯ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин дар самти эҳё, танзими ҳуқуқӣ ва рушди таҳқиқ ҳамчун шакли тафтишоти пешакӣ саҳми назаррас доранд: Кодексҳои мурофиавии ҷиноятии ҶШФСР солҳои 1922 ва 1923; КМҶ ҶШС Ӯзбекистон солҳои 1926 ва 1929; КМҶ ҶШС Тоҷикистон аз 25 августи соли 1935; КМҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ва КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, ки 1 апрели соли 2010 ба ҳукми амал даромадааст. Таъкид карда мешавад, ки таҳқиқ аз замони пайдоиши худ ҳамчун василаи таъмини вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва гузаронидани амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ ба як шакли мустақили тафтишоти пешакӣ ташаккул ёфта, дар асоси қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти таҳқиқ нисбат ба парвандаҳои ҷиноятие, ки КМҶ ҶТ муайян кардааст, амалӣ карда мешавад. Нақши таҳқиқ ҳамчун шакли тафтишоти пешакӣ дар ҳалли вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ назаррас арзёбӣ мешавад. Бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами кишварҳои пешрафтаи дунё, хосатан таҷрибаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил зарурати такмили фаъолияти мақомоти таҳқиқ низ ишора мешавад.

**Калидвожаҳо:** мурофиаи ҷиноятӣ, таҳқиқ, шаклҳои таҳқиқ, пайдоиш ва рушди таҳқиқ, таҳқиқ дар мурофиаи ҷиноятӣ, қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, истиқлолияти давлатӣ ва рушди қонунгузорӣ.

## ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ДОЗНАНИЯ КАК ВИДА ПРЕДВАРИТЕЛЬНОГО РАССЛЕДОВАНИЯ

В данной статье автор на основе всестороннего анализа исторических этапов, углубленного изучения научных источников, ценных научных материалов и сравнительного анализа уголовно-процессуальных законодательств рассмотрел исторические пердпосылки возникновения и развития дознания как формы предварительног расследования. Автор утверждает, что развитие института дознания в Таджикистане связано со становлением Советской власти. Именно, после победы Великой Октябрской Революции в 1917 году и образования Советского государства произошли коренные изменения и прогресс в сфере развития государственности и законодательства в Таджикистане. По его мнению, следующие нормативно-правовые акты сыграли важную роль в сфере возникновения, правового регулирования и развития дознания как формы предварительного расследования: УПК РСФСР 1922 и 1923 годов; УПК РСС Узбекской ССР 1926 и 1929 годов; УПК Таджикской ССР 1935 и 1961 годов и УПК Республики Таджикистан от 3 декабря 2009 года, который вступил в законную силу 1 апреля 2010 года. Отмечается, что со временем свое возникновение как механизм обеспечения задач уголовного процесса и проведения следственных действий дознание формировался как самостоятелная форма предварительного расследования, которая осуществляется органами дознания по уголовным делам уставноленным УПК Республики Таджикистан. Роль органов дознания в сфере решения задач уголовного процесса оценивется значимой. С учетом передового опыта развитых стран мира, особенно опыта уголовно-процессуального законодательства государств-участников Содружества Независимых Государств обращается внимание на необходимость совершенствования дознания как формы расследования.

**Ключевые слова:** уголовный процесс, дознание, виды дознания, становление и развитие дознания, дознание в уголовном процессе, уголовно-процессуальное законодательство, государственная независимость и развитие уголовно-процессуального законодательства.

## HISTORICAL BACKGROUND OF THE ARISE AND DEVELOPMENT OF INQUIRY AS A TYPE OF PRELIMINARY INVESTIGATION

In this article, the author, based on a comprehensive analysis of historical stages, in-depth study of scientific sources, valuable scientific materials and a comparative analysis of criminal procedural legislation, examined the historical background for the emergence and development of inquiry as a form of preliminary investigation. The author argues that the development of the institution of inquiry in Tajikistan is associated with the formation of Soviet power. Namely, after the victory of the Great October Revolution in 1917 and the formation of the Soviet state, fundamental changes and progress took place in the development of statehood and legislation in Tajikistan. In his opinion, the following legal acts played an important role in the emergence, legal regulation and development of inquiry as a form of preliminary investigation: the Code of Criminal Procedure of the RSFSR of 1922 and 1923; Code of Criminal Procedure of the RSS of the Uzbek SSR of 1926 and 1929; The Code of Criminal Procedure of the Tajik SSR of 1935 and 1961 and the Code of Criminal Procedure of the Republic of Tajikistan dated December 3, 2009, which came into force on April 1, 2010. It is noted that over time, its emergence as a mechanism for ensuring the tasks of the criminal process and conducting investigative actions, inquiry was formed as an independent form of preliminary investigation, which is carried out by the bodies of inquiry in criminal cases established by the Code of Criminal Procedure of the Republic of Tajikistan. The role of the investigative bodies in solving the problems of the criminal process is assessed as significant. Taking into account the advanced experience of developed countries of the world, especially the experience of criminal procedural legislation of the member states of the Commonwealth of Independent States, attention is drawn to the need to improve inquiry as a form of investigation.

**Keywords**: criminal process, inquiry, types of inquiry, formation and development of inquiry, inquiry in criminal proceedings, criminal procedural legislation, state independence and development of criminal procedural legislation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ғайратзода Раҳматулло Давлатбек*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷуйи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ. **Суроға**: 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 934-01-26-26**

**Сведения об авторе:** ***Гайратзода Рахматулло Давлатбек*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры судебного права и прокурорского надзора**. Адрес**: 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 934-01-26-26**

**Information about the author**: ***Gayratzoda Rahmatullo Davlatbek*** – Tajik National University, applicant for the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 934-01-26-26**

ТДУ: 342(575.3)

# РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА САБАБИ ЗУҲУРИ ОН ДАР ҲУҚУҚИ МУОСИР

*Мирзозода Фархунда*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мусаллам аст, ҷаҳонишавӣ ҳамчун падидаи воқеияти муосир маҷмуи, тағйирот инкишофу рушд, пешравӣ, тамоюли сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ, фарҳангист. Ин раванд дар охири асри XX пайдо шуда, тамоми соҳаҳои фаъолияти инсониятро фаро гирифта, миллатҳои ҷаҳонро бо робитаи ба ҳам нафъовар мепайвандад. Чуноне ки олими ҳуқуқшинос Богатирёв Валерий Викторович менависад: “давраи объективии инкишофи тамаддуни инсонист, ки бо пайдоиш ва дарки мушкилоти умумиҷаҳонӣ, ҷустуҷӯйи роҳҳо ва усулҳои ҳалли онҳо тавассути эҷоди модели устувори иҷтимоии рушд вобастагӣ дорад” [5].

Пайдоиши истилоҳи "ҷаҳонишавӣ" бо номи сотсиологи амрикоӣ Р.Робертсон алоқаманд аст, ки соли 1985 аввалин шуда мафҳуми "ҷаҳонишавӣ"-ро шарҳ дод.

Ин мафҳуми дар сарчашмаҳо ҳамчун фароянде, ки дар радифи инқилоби иттилоотӣ дар ҷаҳон падид омадааст ва ҷомеаҳои гуногуни инсониро дар муносибатҳои рӯзафзун бо якдигар мепайвандад, шарҳ дода шудааст.

Дар адабиёти илмӣ таърифҳои зиёди ҷаҳонишавӣ вуҷуд дорад. Аз ҷумла, олимони хориҷӣ, чун Бек У., Ю.И. Семёнов, И.А. Гобозов, Рандалова О.Ю., Глебов Г.И., Милаева О.В., З. Бжезинский, Б. Геншел, Лукашук И.И., Б. Дикон, Г. Киссинджер, Г. Мартин, А. Мейнинг, Д. Ритцер, Ф. Фукуяма, К. Хаусхофер, Марченко М.Н. Мавзуи мазкурро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Яке аз самтҳои омӯхташуда ҷаҳонишавии иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Ба омӯзиши самт асарҳои Л.И. Абалкин, Г.С. Батигин, И.Ю. Беляева, С.С. Веселовский, С.Ю. Глазев, А.Г. Грязнова, М.Г. Делягин, С.И. Долгов, В.Н. Захаров, А.Н. Илларионов, В.Л. Иноземсев, Э.Г. Кочетов, Д.С. Лвова, Д. М. Михайлов, А.Г. Мовсесян, Л.Ф. Обухова, В.К. Сенчагова, С.Н. Силвестрова, А.И. Уткин, И.П. Фаминский, Г.В. Широкова ва дигарон бахшида шудаанд.

Ҷаҳонишавиро ҳамчун яке аз аломатҳои равшани замони муосир ва натиҷаи имплантатсияи капитализми либералӣ, майл ба демократия, чандфарҳангсозӣ, гуногунрангӣ тавсиф менамоянд.

Тавре ки ҷомеашиноси маъруфи олмонӣ Улрих Бек менависад: "Бешубҳа, ҷаҳонишавӣ аз ҳама бештар истифодашаванда, возеҳтарин, эҳтимолан нофаҳмотарин, вале аз ҷиҳати сиёсӣ таъсирбахштарин (шиор, силоҳ дар баҳс) ба ҳисоб рафта, дар солҳои охир ва дарояндаи наздик чунин боқӣ хоҳад монд" [4,с.40].

Ю.И. Семёнов ҷаҳонишавиро ҳамчун "тағйири системаи ҷаҳонии организмҳои иҷтимоӣ-таърихӣ ба як организми иҷтимоӣ-таърихии ҷаҳонӣ" муайян мекунад [20,с.510]. Муаллифи сатрҳо дар ин ҳолат, фаъолияти организми иҷтимоӣ-таърихии тобеияти одамонро ба ҳокимияти ҷамъиятӣ дар назар дорад. Ба ибораи дигар, ҷаҳонишавӣ консентратсияи идоракунии инсоният аст.

Олими дигар И.А. Гобозов чунин менависад: "Ҷаҳонишавӣ ин афзоиши шадиди равандҳои интегратсионӣ мебошад, ки дар миқёси ҷаҳонӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад: иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг, иттилоот ва ғайра" [9].

Аммо, ҳарду таъриф расмӣ буда, моҳияти иҷтимоии равандҳои ҷаҳонишавиро инъикос намекунанд. Дар ҷойи дигар И.А. Гобозов менависад, ки ҷаҳонишавӣ шакли нави сиёсати мустамликавӣ мебошад, ки аз ҷониби давлатҳои империалистии муосир амалӣ мегардад [10,с.5]. Бо вуҷуди нуктаҳои зикршуда, таъриф номукаммал аст. Шояд муаллиф замони пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравиро дар назар дорад, ки ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванд ба тамоми инсоният аз ҷониби Ғарб маҷбуран таҳмил шуд. Антитезаи ҷаҳонишавӣ "интернатсионализатсия, яъне байналмилалишуда" ҳамчун раванди объективии рушди ҷомеаи инсонӣ мебошад, ки истилоҳи "интернатсионализатсия", "ҳама чиз(!) равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиесӣ, давлатӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегиранд". Чунин таъриф ба такмил ниёз дорад.

Падидаи ҷаҳонишавӣ натиҷаи ҷараёни объективии таърих аст, раванде, ки аз он канорагирӣ кардан ғайриимкон аст. Ба андешаи Рандалова О.Ю., "таърихан, ин зуҳуроти тамоюлҳои умумии худтанзимкунӣ, афзоиши гуногунрангӣ ва мураккабии ташкили ҷомеа мебошад, ки нисбат ба сохтори ташаккулёбанда нисбатан бетафовут аст" [19,с.41-43].

Дар асарҳои олимон Глебов Г.И., Милаева О.В. ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванди ҳамгироӣ ва муттаҳидсозии иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва динии ҷаҳон фаҳмида мешавад [7,с.98].

Марченко М.Н. Ҷаҳонишавиро ҳамчун ҳамгироии системавӣ, бисёрҷанбаи институтҳои гуногуни давлатӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ-молиявӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии ҷаҳон, ғояҳо, принсипҳо, робитаҳо, арзишҳои ахлоқӣ-сиёсӣ, моддӣ ва арзишҳову муносибатҳои гуногун дар назар дорад [17,с.12-13].

Олими дигар Лукашук И.И. изҳор медорад, ки "ҷаҳонишавӣ раванди ҷаҳонӣ аст ва ташкилоти миллии иҷтимоию иқтисодиро ба системаи ягонаи иқтисодии ҷаҳонӣ ва ҷамъиятӣ мепайвандад" [13]. Таърифи зикршуда, ба андешаи мо, ба қадри кофӣ умумӣ аст. Профессор М.Г. Делягин – муовини раиси Кумитаи Думаи давлатии Русия оид ба сиёсати иқтисодӣ, зери мафҳуми ҷаҳонишавӣ "раванди ташаккули зудрушдкунандаи минбаъдаи фазои ягонаи умумиҷаҳонии молиявӣ ва иттилоотӣ дар асоси технологияҳои нав, асосан компютерӣ"-ро мефаҳмад. Моҳияти ҷаҳонишавӣ дар ҳамгироӣ аст, ки ба эҳтимоли зиёд марҳилаи муосир ва олии онро ифода мекунад.Ба андешаи мо дар ҳар як таърифе, ки аз ҷониби олимон пешниҳод гардидааст, умумият ва ифодаи мукаммалу номукаммали мафҳум вуҷуд дорад.

Бояд тазаккур дод, ки байни олимон дар мавриди зуҳури ҷаҳонишавӣ низ ихтилофи назар вуҷуд дорад. Баъзе олимон раванди ҷаҳонишавиро табиӣ ва ногузир меҳисобанд, дигарон мақсаднок, дигарон дар бораи омезиши тамоюлҳои гуногун сухан мегӯянд. Баъзеҳо дар ин равандҳо фаъолияти мақсаднок ва "харобиовар"-и гурӯҳи хурди кишварҳои манфиатдорро мебинанд, дигарон онҳоро объективӣ, кушода ва мутақобилан судманд мешуморанд. Дигарон нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз табиати муайян, ғайридавлатӣ ва табиии равандҳои ҷаҳонишавӣ, онҳо то имрӯз самти муайян доранд ва ба манфиати баъзе давлатҳо қисман ҳамоҳанг карда мешаванд [6].

Гурӯҳи дигар сабаби асосии зуҳури ҷаҳонишавиро иқтисодиёт медонанд. Якҷояшавии иқтисодиёти миллӣ ба системаи ягонаи иқтисодии ҷаҳонӣ (шабака), ки дар асоси принсипи вобастагии глобалӣ сохта шудааст, мушоҳида мешавад. Ҷаҳонишавӣ гузариши ҳокимиятро аз субъектҳои давлатӣ ба субъектҳои иқтисодӣ нишон медиҳад [21]. Ба ибораи дигар, давраи ҷаҳонишавии иқтисодиёт ҳамзамон давраи маҳалликунонии (локализастия) сиёсат аст. Ва бояд таъкид кард, ки ҷаҳонишавии иқтисодиёт ба ҷаҳонишавии ҳуқуқ оварда мерасонад. Сохтори нави иқтисодии ҷаҳон дигар аз механизмҳои қаблан муқарраршудаи танзими ҳуқуқӣ қаноатманд нест. Вақте ки "чеҳраи ҷаҳон" тағйир ёфт, зарур аст, ки ҳуқуқ низ тағйир ёбад [15].

Бояд қайд кард, ки дар робита ба пайдоиши ин раванд дар байни олимон ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд.

Ҳарчанд ки дар боло иброз доштем, ки ҷаҳонишавӣ **охири асри XX пайдо шудааст, вале олимони соҳаҳо** мавҷудияти баъзе хусусиятҳои ҷаҳонишавиро аллакай дар замонҳои қадим мушоҳида кардаанд. Сарчашмаҳои ҷаҳонишавии муосир дар асрҳои XII-XIII пайдо мешаванд. Бо рушди муносибатҳои бозорӣ (капиталистӣ) дар Аврупои Ғарбӣ рушди босуръати тиҷорати аврупоӣ ва ташаккули "иқтисоди ҷаҳонии аврупоӣ" (мувофиқи таърифи Валлерштейн) оғоз ёфт. Пас аз як каме коҳиш дар асрҳои XIV-XV ин раванд дар асрҳои XVI-XVII идома меёбад. Ҳамзамон, дар ин асрҳо рушди устувори иқтисодӣ дар Аврупо бо муваффақиятҳои баҳрӣ ва кашфиётҳои ҷуғрофӣ омезиш ёфт. Дар натиҷа, тоҷирони португалӣ ва испанӣ ба саросари ҷаҳон роҳ ёфта, ба мустамликасозии Америко шуруъ карданд. Дар асри XVII ширкати Ҳиндустони Шарқии Голландия, ки бо бисёр кишварҳои Осиё муносибатҳои тиҷоратӣ ба роҳ монда буд, аввалин ширкати аслии байнимиллӣ гардид. Дар асри XIX саноатикунонии босуръат ба афзоиши тиҷорат ва сармоягузорӣ байни қудратҳои аврупоӣ, мустамликаҳои онҳо ва ИМА оварда расонд.

Мафҳуми "ҷаҳонишавӣ" (дар маънои "тиҷорати интенсивии байналмилалӣ") ҳанӯз аз ҷониби Карл Маркс истифода шудааст, ки дар яке аз номаҳояш ба Энгелс дар охири

солҳои 1850 қайд менамояд, ки ҳоло бозори ҷаҳонӣ дар асл вуҷуд дорад. Бо ворид шудани Калифорния ва Ҷопон ба бозори ҷаҳонӣ ҷаҳонишавӣ ба амал омад. Ин нақши пешбари тиҷорати байналмилалӣ дар равандҳои ҷаҳонишавӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷаҳонишавии қаблӣ, ки дар давраи Маркс оғоз ёфта буд, солҳои 1930-ум, пас аз он ки ҳамаи кишварҳои пешрафта ба сиёсати пуштибонии шадид гузаштанд, ба поён расид ва боиси коҳиши шадиди тиҷорати байналмилалӣ гардид.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо, дар даҳсолаҳои аввали асри XX раванди ҷаҳонишавӣ идома ёфт, ки ҳатто Ҷанги якуми ҷаҳон ба он монеъ шуда натавонист. Дар маҷмуъ, дар давраи аз соли 1815 то 1914 ҳаҷми содироти умумии кишварҳои Аврупо тақрибан 40 маротиба афзоиш ёфт. Аммо афзоиши тиҷорати байналмилалӣ дар солҳои 1920 назаррас буд, ки ҳатто тиҷорати хориҷии кишварҳои Аврупои Ғарбӣ озод карда шуда буданд. Коҳиши ҷаҳонишавӣ дар солҳои 1930-ум, бо ҷорӣ кардани боҷҳои баланди воридотӣ аз ҷониби қудратҳои пешрафтаи ғарбӣ дар солҳои 1930-1931 ба амал омад.

Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон ҷаҳонишавӣ барқарор шуд. Ба он такмилдиҳии технология мусоидат кард, ки ба интиқоли босуръати баҳрӣ, роҳи оҳан ва ҳавоӣ, инчунин дастрасии алоқаи байналмилалии телефонӣ оварда расонд. Масалан, соҳибкори амрикоӣ Малколм Маклин ва муҳандис Keith Tantlinger системаи контейнерҳои муосири интермодалиро таҳия карданд ва аввалин интиқолро моҳи апрели соли 1956 анҷом доданд.

Ногуфта намонад, ки олими рус Богатирёв Валерий Викторович раванди ҷаҳонишавиро дар таърихи ин падида ба чор марҳилаи асосӣ ҷудо мекунад:

Марҳилаи I ба асрҳои XVI-XIX рост меояд. Ин давраи кашфиёти бузурги ҷуғрофӣ, инқилоби саноатӣ, ташаккули бозори ҷаҳонӣ ва пайдоиши ҳамкории байналмилалии тиҷоратию иқтисодиро дар бар мегирад.

Марҳилаи II нимаи аввали асри XX, ки бо ташаккули империализм, тақсимоти ҷаҳон, ду ҷанги ҷаҳонӣ, ташкили Лигаи Миллатҳо, пайдоиши ҳаракатҳои озодихоҳии миллӣ дар кишварҳои мустамликавӣ ва ҳукмронии умумии капитализми давлатӣ-монополистӣ оварда расонд, тавсиф карда мешавад.

Марҳилаи III аз нимаи дуюми асри XX оғоз меёбад, яъне аз лаҳзаи суқути системаи мустамликавии империализм ва пайдоиши гурӯҳи калони давлатҳои ҷавони мустақил, ташкили СММ ва тавсеаи вазифаҳои он, пайдоиш ва паҳншавии босуръати корпоратсияҳои фаромиллӣ (ТНК), ташкили мақомоти пулию молиявии болоимиллӣ (ХБА, Бонки Ҷаҳонӣ ва ғайра), таъсиси НАТО, СҶТ, Клуби Рим ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад.

Марҳилаи IV асрҳои XX ва XXI-ро дар бар гирифта, ба он афзоиши низоъҳо на аз рӯйи принсипи синфӣ ё этникӣ, балки низои глобалии байни Шарқ ва Ғарб, инчунин Ҷануб ва Шимол хос аст.

Мувофиқи тадқиқоти В.В. Богатирёв, таъсири ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ дар се самти асосӣ ба амал меояд: дар марҳилаи ҳуқуқсозӣ, қонунгузорӣ ва дар манбаъҳои ҳуқуқ [5,с.23].

Айни замон, бояд иқрор шуд, ки дарки раванди ҷаҳонишавӣ хеле дер дар солҳои 60–уми асри XX ба амал омад. Ин ба хусусиятҳои тафаккури инсонӣ вобаста аст, ки А.Н. Чумаков онро “таъсири дердаркшуда” номидааст. Албатта, ҳар як зуҳурот дар ҳаёт сабабҳои худро дорад. Дар илми муосир сабабҳои пайдоиши ҷаҳонишавиро аллакай муайян кардаанд. Ба монанди геополитикаи нави ҷаҳонии асри XX, афзоиши мубодилаи ҷаҳонии иқтисодӣ, инқилоби компютерӣ, озодсозии биржаҳои фондӣ, рушди демократия ва либерализм, пайдоиши шаклҳои нави шуғл ва ғайра.

Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ҳуқуқ яке аз тамоюлҳои илмии солҳои охир мебошад, ки дар ин масъала шумораи зиёди монографияҳо ва мақолаҳои консептуалӣ нашр шудаанд.

Даҳсолаҳои охир дар адабиёти ҳуқуқӣ асарҳое пайдо шуданд, ки муаллифони онҳо ба ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷаҳонишавӣ дахл намудаанд. Махсусан, ба таҳқиқи ҷанбаҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва консептуалии рушди низоми ҳуқуқии ФР дар шароити ҷаҳонишавӣ корҳои А.М. Величко, А.В. Никитин, Т.В. Никифоров, П.Ф. Пашкевич, А. ва дигаронро бахшида шудаанд.

Мушкилоти муҳимми назариявӣ-ҳуқуқӣ, аксиологӣ ва методологии тағйирёбии ҳуқуқии шароити ҷаҳонишавӣ дар асарҳои А.С. Автономов, С.Ф. Афанасев, М.И. Байтин, В.П. Беляев, Е.В. Вавилин, А.М. Величко, А.Г. Дугин, И.А. Иванников баррасӣ шудаанд. Дар заминаи сиёсати ҳуқуқӣ ин мушкилотро олимон А.В. Малко, Н.И. Матузов, А.Ю. Мордовсев, А.И. Овчинников, А.А. Павлушина, М.П. Петров, Н.В. Путило, А.В. Поляков, В.А. Рудковский, О.Ю. Рибаков, Г.Г. Арутюнян ва дигарон ба қадри кофӣ пайгирӣ намуданд.

Бояд зикр намуд, ки ҳангоми ҷустуҷӯи ҳалли мушкилоти ҷаҳонишавӣ, олимон ба мероси бойи маънавии умумиҷаҳонӣ, ки аз наслҳои гузаштаи инсоният ба даст омадаанд, такя мекунанд ва донишу таҷрибаи ҳуқуқии миллии худро истифода мебаранд. Мероси маънавии умумиҷаҳонӣ дониши қонунҳои рушди табиат ва ҷомеа (илм), эҳсоси дарки ҷаҳони атроф (фарҳанг), маҷмуи қоидаҳои муоширати (ахлоқ), идеалҳо ва ангезаҳои фаъолият (идеология ва дин), системаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ (ҳуқуқ ва ахлоқ), усулҳо ва шаклҳои интиқоли мероси маънавӣ аз насл ба наслро дар бар мегирад.

Дар робита ба мероси ҳуқуқии миллӣ, дар лаҳзаи таҳаввулоти муосир зарурати аз нав арзёбӣ кардани баъзе муқаррароти он ба миён меояд, ки бо воқеияти объективӣ мухолифат мекунад ва дар тағйири парадигмаҳои илмӣ-ҳуқуқӣ, навсозии арзишҳои дар ҳуқуқ мавҷудбуда, сукути арзишҳои пешина ва ташаккули идеалҳои нав, ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, тағйироти инқилобӣ дар таълими ҳуқуқӣ ифода меёбанд. Азнавбаҳодиҳии мероси ҳуқуқии миллӣ як раванди тулонӣ аст. Ба он фурӯпошии стереотипҳои маъмулии тафаккур ва рафтор, пайдоиши мавқеъҳои алтернативӣ, эҳёи ақидаҳои деринаи фаромӯшшуда ва азбайнрафта алоқаманд аст.

Ҳимояи ҳуқуқии соҳибихтиёрии давлатӣ аз таҳдидҳо ва чолишҳои ҷаҳонишавӣ ҳамчун мавзуи баҳси фаннӣ дар асарҳои С.А. Авакян, Б.Н. Бессонов, О.В. Братимов, В.В. Бузгалин, А.Н. Биков, Ю.М. Горский, М.Г. Делягин, С.И. Долгов, А.А. Коваленко инъикос ёфтаанд. Муносибати байни ҷаҳонишавӣ ва навсозии институтсионалии ҳуқуқ дар асарҳои Е.А. Лукашева, В.Я. Любашитс, Л.И. Никовская мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Механизмҳои ҳуқуқии ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ аз ҷониби як қатор олимони Русия тадқиқ шуданд. Махсусан корҳои В.В. Богатирёв, Н.С. Бондар, В.П. Войтенко, В.Д. Зоркин, Р.А. Каламкарян, М.В. Карасев, И.Б. Кардашов, А.В. Кряжков, И.И. Лукашук, В.В. Мамонов, С.В. Михайлов, Н. Скабелкин, С.В. Степашин, Ю.А. Тихомиров, П.О. Халфин, И.А. Кучерков, Т.В. Воронина ва Т.Э. Шубертро номбар кардан бамаврид аст. Инчунин, дар омӯзиши падидаи мавриди назар монографияҳои М.Н. Марченко, С.В. Поленина, рисолаи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор В.В. Сорокин "Глобалистикаи ҳуқуқӣ" (дар ду ҷилд), саҳми босазо доранд. Аммо, бояд иқрор шуд, ки бо вуҷуди таълифи асарҳо мавзуи ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ хеле доманадор буда, масъалаҳои баҳсбарангез ва таҳлилношуда дар ин самт хеле зиёданд.

Таҳлилгарони равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ду гурӯҳ тақсим шуданд. Гурӯҳи якум ҷаҳонишавиро падидаи мусбат меҳисобанд, гурӯҳи дуюм, баръакс, равандҳои ҷаҳонишавии ҷаҳонро танқид мекунанд. Бидуни ин, муносибат ба ҷаҳонишавӣ субъективӣ аст ва на танҳо аз ин ё он нуктаи назари умумисиёсӣ ё конъюнктурии муҳаққиқ, балки аз он вобаста аст, ки чӣ гуна "манфиати" пешбинишудаи ҷаҳонишавӣ ба давлате, ки онро намояндагӣ мекунад, пайравӣ хоҳад кард.

Раванди ҷаҳонишавӣ наметавонист ба соҳаи ҳуқуқӣ таъсир нарасонад. Ҷаҳонишавӣ ба ташаккули на танҳо институтҳои нави ҳуқуқ, балки тамоми соҳаҳои ҳуқуқ, ба монанди ҳуқуқи байналмилалии баҳрӣ ё кайҳонӣ оварда мерасонад. Хусусияти аввалини ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ дар он аст, ки он ба таъсиси институтҳои нави ҳуқуқӣ ва соҳаҳои нави ҳуқуқ мусоидат мекунад. Г.Г. Арутюнян қайд мекунад, ки равандҳои ҷаҳонишавии ҷаҳонӣ бо ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ зич алоқаманданд ва бояд ҳамчун раванди ташаккули низоми нави умумиҷаҳонии меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян карда шаванд, ки ҳамкориҳои глобалии байнидавлатиро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаи муосир ташкил ва таъмин мекунанд. Ҳамзамон, дар ҷараёни он ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ, инчунин ҳуқуқи иттиҳодияҳои байналмилалии хоҷагидорӣ дар ҳолати вобастагии мутақобила қарор доранд [2].

Олимон И.А. Кучерков ва Т.В. Воронина ҷаҳонишавии ҳуқуқиро ҳамчун раванди эҷоди принсипҳои ягонаи ҳуқуқӣ ва усулҳои танзими ҳуқуқӣ ва системаи татбиқи ҳуқуқ бо мақсади ташаккули низоми ягонаи ҳуқуқӣ ва механизмҳои болоимиллии танзими ҳуқуқӣ муайян мекунанд [14,с.91-93].

Дар ҳақиқат, натиҷаи ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ бояд ташкили системаи ягонаи ҳуқуқ ва механизмҳои ягонаи танзими ҳуқуқӣ барои ҳамаи давлатҳо бошад. Ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ раванди ташкили фазои ҳуқуқии ҷаҳонӣ мебошад, ки дар он системаҳои ҳуқуқии миллӣ бояд аҳаммияти худро гум накунанд. Аммо, амалия нишон медиҳад, ки ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ байни давлатҳои ба як оилаи тамаддун тааллуқдошта сурат мегирад. Масалан, ташкили механизмҳои болоимиллии танзими ҳуқуқӣ дар Иттиҳоди Аврупо ғайриимкон мебуд, агар давлатҳои аъзои ин иттиҳод аз ҷиҳати фарҳангӣ, иқтисодӣ ва динӣ наздик намебуданд. Бо вуҷуди ин, ҳатто дар доираи Иттиҳоди Аврупо байни давлатҳо дар масъалаҳои механизмҳои миллии танзими ҳуқуқӣ ихтилофҳо ба вуҷуд меоянд.

Бо муайян кардани ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ ҳамчун раванди ҳамгироӣ ва муттаҳидсозии системаҳои ҳуқуқӣ, бо мақсади ташаккули системаи ягонаи ҳуқуқӣ ва механизмҳои болоимиллии танзими ҳуқуқӣ, мо метавонем дар бораи хусусиятҳои зерини ин раванд сухан гӯем:

1. Ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ ба таъсиси институтҳои нави ҳуқуқӣ ва соҳаҳои нави ҳуқуқ мусоидат мекунад.

2. Ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ дар давлатҳои ба як минтақаи ҷаҳон тааллуқдошта фаъолтар аст, он асосан хусусияти минтақавӣ дорад.

3. Ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ ба аксари унсурҳои низоми ҳуқуқии давлат ва соҳаҳои ҳуқуқ бидуни истисно таъсир мерасонад.

4. Ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ ба қонунигардонии муайяни тағйироти ҳуқуқии аз берун воридшуда ниёз дорад.

5. Дар ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ на танҳо давлатҳо, инчунин корпоратсияҳои фаромиллӣ ва дигар иттиҳодияҳои байнидавлатӣ қувваи бештар пайдо мекунанд.

6. Хусусияти дигари ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ дар он аст, ки имрӯз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ барои давлатҳо танҳо дар сурати розигии худи давлатҳо қувваи ҳатмии ҳуқуқӣ мегиранд.

Хусусиятҳои асосии ҷаҳонишавиро олимон дар байналмилалӣ намудан ё интернатсионализатсияи бозорҳо, татбиқи фарҳанги ҷаҳонӣ, интернет ва телекоммуникатсия барои модели ҷаҳонӣ медонанд.

Раванди ҷаҳонишавӣ ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон таъсир мерасонанд, системаҳои ҳуқуқии давлатҳои миллӣ низ бо он мувоҷеҳ мегарданд.

Ҷаҳонишавии ҳуқуқ асосан тавассути ҷаҳонишавии шуури ҳуқуқӣ амалӣ мегардад.

Хулоса, мавзуи ҷаҳонишавии ҳуқуқ инъикоси тамоми самтҳои ҳуқуқӣ буда метавонад. Аз ҷумла, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи инсон дар таърихи афкори сиёсӣ, механизмҳои миллӣ ва байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон, таҳдидҳои муосир ва ҳуқуқи инсон дар асри XXI, ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғ.

**Муқарриз: д.и.ҳ. профессори ДМТ – Шарофзода Р.Ш.**

**АДАБИЁТ**


1. Акилова М. Интеграция Республики Таджикистан в процессе глобализации / М. Акилова // Учёные записки. - С.189-201.
2. Арутюнян Г.Г. Правовая глобализация и некоторые тенденции развития конституционализма / Г.Г. Арутюнян // Московский юридический форум «Глобализация, государство, право, XXI век»: по материалам выступлений. – М., 2004.
3. Бжезинский З. Выбор: глобальное господство или глобальное лидерство / З.Бжезинский. – М., 2004.
4. Бек У. Что такое глобализация?: Ошибки глобализма – ответы на глобализацию / У. Бек. Пер. с нем. А. Григорьева и В. Седельника. -М., 2001. -С. 40.
5. Богатырёв Валерий Викторович. Глобализация права. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора юридических наук ВЮИ ФСИН. Россия, 2012 год.
6. Веселовский С.Я. Глобализация и новые контуры социальной политики // Глобализация и социальная политика развитых стран: сб. обзоров и рефератов / С.Я. Веселовский. – М., 2008.

7. Глебов Г.И. Современные международные отношения: учеб. пособие / Г.И. Глебов, О.В. Милаева. -Пенза: Изд. Пенз. гос. ун-та, 2010. – 98 с.
8. Грант М. Цивилизация Древнего Рима / М. Грант. Пер. с англ. И.Ю. Мартьянова. -М., 2003. -С. 209.
9. Гобозов И.А. Социальная философия. Учебный словарь / И.А. Гобозов. - М., 2008.
10. Гобозов И.А. Государство и национальная идентичность: Глобализация или интернационализация?/ И.А. Гобозов. - М., 20. -С. 5.
11. Жамсаев М.Б. Глобализация как закономерный результат исторического процесса и ее современные интерпретации / М.Б. Жамсаев, Э.Д. Чагдурова // Вестник Бурятского государственного университета. Философия, стр 3.
12. История древнего Востока. От ранних государственных образований до древних империй. Под ред. А.В. Седова. -М., 2004. -С. 42-44.
13. Лукашук И.И. Конституция России и международное право / И.И.Лукашук // Московский журнал международного права. 1995;(2):29-41. https://doi.org/10.24833/0869-0049-1995-2-29-41Марченко М.Н. Государство и право в условиях глобализации. – М.: Проспект, 2009. – С. 12–13.
14. Кучерков И.А. Правовая глобализация: понятие и сущность / И.А. Кучерков, Т.В. Воронина // Евразийский юридический журнал. – 2017. – № 4. – С. 91–93.
15. Mak V. Globalization, Private Law and New Legal Pluralism // New York University School of Law. -N.Y., 2015. P.
16. Малько А.В. Актуальные вопросы юридического образования и организации науки юридическое образование / А.В. Малько, А.Ю. Саломатин //Правоведение. -2017. -№5(334). –С. 16.
17. Марченко М.Н. Государство и право в условиях глобализации / М.Н. Марченко. -М.: Проспект, 2009. -С.12–13.
18. Морозов Игорь Константинович. Особенности правовой глобализации в современном мире. Институт права ФГАОУ ВО «Волгоградский государственный университет», г. Волгоград.
19. Рандалова О.Ю. К проблеме изучения современного глобального развития / О.Ю. Рандалова //Вестник Бурятского государственного университета. Серия Философия.- 2012. -Вып. 6. -С. 41–43; 42.
20. Семенов Ю.И. Философия истории. (Общая теория, основные проблемы, идеи и концепции от древности до наших дней) / Ю.И. Семенов. - М., 2003. -С. 510.
21. Teubner G. Global private regimes: Neo-spontaneous law and dual constitution of autonomous sectors in world society? // https://www.jura.uni-frankfurt.de/42852650/global_private_regimes.pdf (дата обращения:: 10.10. 2017).

## РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ ВА САБАБИ ЗУҲУРИ ОН ДАР ҲУҚУҚИ МУОСИР

Мақолаи мазкур ба баррасии раванди ҷаҳонишавӣ ва сабабҳои зуҳури он дар ҳуқуқи муосир бахшида шудааст. Асри XXI давраи нав дар таърихи тамаддуни инсонӣ ва ҷаҳонишавии бошиддати ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ ба шумор рафта, таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ба ҳуқуқ яке аз тамоюлҳои илмии солҳои охир мебошад. Ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ ба таъсиси институтҳои нави ҳуқуқӣ ва соҳаҳои нави ҳуқуқ мусоидат менамояд. Муаллиф қайд менамояд, ки раванди ҷаҳонишавӣ ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон таъсир мерасонанд ва системаҳои ҳуқуқии давлатҳои миллӣ низ бо он мувоҷеҳ мегарданд. Ҷаҳонишавии ҳуқуқ асосан тавассути ҷаҳонишавии шуури ҳуқуқӣ амалӣ мегардад. Хулоса, мавзуи ҷаҳонишавии ҳуқуқ инъикоси тамоми самтҳои ҳуқуқӣ буда метавонад. Аз ҷумла, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи инсон дар таърихи афкори сиёсӣ, механизмҳои миллӣ ва байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон, таҳдидҳои муосир ва ҳуқуқи инсон дар асри XXI, ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғ.

**Калидвожаҳо:** ҷаҳонишавӣ, хусусиятҳои ҷаҳонишавӣ, ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ, падидаи ҳуқуқӣ, раванди ҷаҳонишавӣ, пешравии ҷомеа, инъикоси воқеият, муттаҳидшавии тамаддунҳо, ҳуқуқи байналмилалӣ, моҳияти ҷаҳонишавӣ.

## ПРОЦЕСС ГЛОБАЛИЗАЦИИ И ПРИЧИНЫ ЕЕ ПРОЯВЛЕНИЯ В СОВРЕМЕННОМ ПРАВЕ

Данная статья посвящена рассмотрению процесса глобализации и причин его проявления в современном праве. XXI век – это новый период в истории человеческой цивилизации и интенсивная глобализация всех сфер, включая правовую глобализацию, а влияние процесса глобализации на право является одной из научных тенденций последних лет. Правовая глобализация способствует становлению. новых правовых институтов и новых областей права. Автор отмечает, что процесс глобализации затрагивает все сферы человеческой деятельности, а также правовые системы национальных государств. Глобализация права реализуется главным образом через глобализацию правового сознания. В заключение отметим, что тема глобализации права может быть отражением всех правовых сфер. В частности, международно-правовые документы в области защиты прав человека, права человека в истории политической мысли, национальные и международные механизмы защиты прав человека, современные угрозы и права человека в XXI веке, личные, политические, экономические, социальные, культурные права и свободы и т.д.

**Ключевые слова**: глобализация, характеристики глобализации, правовая глобализация, правовое явление, процесс глобализации, прогресс общества, отражение действительности, интеграция цивилизаций, международное право, сущность глобализации.

## THE PROCESS OF GLOBALIZATION AND THE REASONS FOR ITS MANIFESTATION IN MODERN LAW

This article is devoted to the consideration of the process of globalization and the reasons for its manifestation in modern law. The 21st century is a new period in the history of human civilization and intensive globalization of all spheres,

including legal globalization, and the influence of the globalization process on law is one of the scientific trends of recent years. Legal globalization contributes to the formation. new legal institutions and new areas of law. The author notes that the process of globalization affects all spheres of human activity, as well as the legal systems of national states. The globalization of law is realized mainly through the globalization of legal consciousness. In conclusion, we note that the topic of globalization of law can be a reflection of all legal spheres. In particular, international legal documents in the field of protection of human rights, human rights in the history of political thought, national and international mechanisms for the protection of human rights, modern threats and human rights in the 21st century, personal, political, economic, social, cultural rights and freedoms and etc.

**Keywords:** globalization, characteristics of globalization, legal globalization, legal phenomenon, process of globalization, progress of society, reflection of reality, integration of civilizations, international law, essence of globalization.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Фархунда Мирзозода*** **-**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17

**Сведения об авторе:** ***Фархунда Мирзозода*** – Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры теории и истории государства и права. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17

**Information about the author:** ***Farkhunda Mirzozoda*** – Tajik National University, Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and History of State and Law. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17

**ТДУ: 347.7(575.3)**

# ФАҲМИШИ ИЛМӢ-ҲУҚУҚИИ «АНДОЗ» ҲАМЧУН МАФҲУМИ ҲУҚУҚӢ

***Раҷабзода Хайём Раҷаб***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мафҳуми андоз аз ҷумлаи мафҳумҳои васеъ паҳшуда дар сатҳи илми ҳуқуқии муосир мебошад, ки дар таъмини устувории пояҳои давлатдорӣ, рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва иҷрои вазифа ва ҳадафҳои дар назди давлат гузошташуда қарор дорад.

Андешаҳо перомуни мафҳум ва моҳияти андоз дар сарчашмаҳои илмӣ гуногунанд. Дар фаҳмиш ва мафҳуми андоз хусусияти ҳатмӣ будани он мавқеи марказӣ дорад ва муаллифон низ категорияи мазкурро дар иртибот бо он тавзеҳ додаанд. Чуноне Л.В. Ходский иброз менамояд, «андоз – ин пардохтҳои ҳатмии хусусияти доимӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти марказӣ ва ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ аз аҳолӣ ба фоидаи давлат сарфи назар аз ин ё он намуди хизматрасониҳои махсуси хусусӣ, новобаста аз муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ аз пардохткунандагони дахлдор ситонида мешавад» [13,с.121]. Ба андешаи М.Н. Соболев, «андоз – пардохтҳои ҳатмӣ мебошад, ки аз ҷониби давлат ва ё мақомоти ваколатдори оммавӣ-ҳуқуқӣ бо мақсади пиёда намудани талаботи умумидавлатӣ ситонида мешавад» [12,с.121].

Ҳамзамон, бо назардошти хусусияти ҳатмӣ доштани андоз муҳаққиқ И.И. Кучеров иброз менамоя, ки «андоз – шакли ҳуқуқии ба шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо вогузор намудани уҳдадорӣ ҷиҳати иштирок дар ташаккулёбии фонди маблағҳои умумӣ (буҷет) барои рӯйпӯш намудани хароҷотҳои аҳаммияти ҷамъиятӣ дошта бо шартҳои фардии бебозгашт ва беподош, мебошад [9,с.28]. Калашникова Е.Б. ва Емелшина К.А бошанд, онро пардохти ҳатмӣ ва инфиродӣ меҳисобанд, ки ба таври қонунӣ муайян гардида, аз ҷониби доираи муайяни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шакли маблағҳои пулӣ барои дастгирии молиявии хароҷоти умумии давлат пардохта мешавад [10,с.169].

Мафҳум ва мазмуни андоз дар сарчашмаҳои илмии ватанӣ низ инъикоси худро ёфтааст, ки муҳаққиқон бо назардошти вижагиҳои хосси қонунгузории миллӣ ва андешаҳои муаллифӣ онро баҳои ҳуқуқӣ додаанд. Масалан, профессор А.Д. Ғафурзода дар монографияи илмии худ моҳияти андозро ҳамчун пардохт бо чунин аломатҳо тавсиф додааст: якум, он бо гузариши ҳуқуқи моликиятӣ аз андозсупоранда ба давлат алоқаманд аст; дуюм, супорандаи андоз ҳама вақт молики моликияте мебошад, ки он дар шакли пардохти андозӣ баромад мекунад; сеюм, пардохткунанда бе ягон ҷубронномаӣ аз ҳуқуқи моликияти худ маҳрум мегардад; чорум, ҳангоми мавҷудияти объекти андозситонӣ, ки шароит барои супоридани андоз барои андозсупоранда фароҳам меоварад, уҳдадории супоридани андози дахлдор ба манфиати давлат ба миён меояд [7,с.171].

Дар сарчашмаи дигари ватанӣ оварда шудааст, ки «андоз пардохтест, ки ба буҷети давлатӣ гузаронида шуда, даромади давлатро ташкил дода, бо анҷом додани он, моликияти андозсупоранда ба моликияти давлатӣ мубаддал мегардад, яъне ҳуқуқи моликияти хусусии супорандаи андоз нисбати маблағҳои ба сифати андоз пардохта қатъ гардида, ба ин маблағҳо ҳуқуқи моликияти давлатӣ пайдо мешавад» [14,с.27].

Дар сатҳи илми муосир категорияи «андоз» ба мазмуни иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, фалсафӣ ва ғ. [15,с.34] муайян гардидааст, ки дар доираи таҳқиқот категорияи мазкур асосан ба мазмуни ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад. Табиати ҳуқуқии андоз дар он ифода мегардад, ки он инъикосгари муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ аст, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқӣ танзим мегарданд. Бо назардошти табиати ҳуқуқии андоз О.В. Качур дуруст иброз намудааст, ки «андоз – ин низоми муносибатҳои ҳуқуқии андозсупоранда бо давлат дар асоси қонуният, ҳатмият ва беподош мебошад» [8,с.113]. Муносибатҳое, ки вобаста ба андоз ба миён меоянд, дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, табиати императивиро дар худ таҷассум менамоянд. Маҳз яке аз тафовутҳои муҳимтарини муносибатҳои андозӣ ҳамчун намуди муносибатҳои ҳуқуқӣ дар табиати болозикри он ифода мегардад. Ин табиат ва ё хусусияти муносибатҳои андозӣ моҳияти андозро нишон медиҳанд, ки хусусиятҳои дигари андоз маҳз дар заминаи он муайян мегарданд.

Табиати ҳатмӣ будани андоз дар қонунгузории кишварҳои муосир низ таҷассуми худро ёфтааст. Махсусан кишварҳои пасошуравӣ, ки низоми ҳуқуқии ҳамшабеҳ доранд, мафҳуми андозро бевосита бо табиати зикршудаи он пешбинӣ намудаанд. Чунончи, тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Молдова, «андоз (боҷ) пардохти ҳатмӣ эътироф мегардад, ки дорои хусусияти беподош ва бо амали муайян ва мушаххаси мақоми ваколатдор ва шахсони мансабдори он алоқаманд намебошад, ки аз ҷониби андозсупоранда пардохта мешавад» [3]. Кодекси андози Гурҷистон муқаррар мекунад, ки «андоз – ҳиссаи пулии ҳатмӣ ва бешарт ба буҷет мебошад, ки аз ҷониби андозсупоранда вобаста ба уҳдадории пардохти хусусияти беподош пардохта мешавад» [5]. Мувофиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Арманистон, «андоз – маблағи ҳатмӣ ва беподош мебошад, ки аз ҷониби андозсупорандагон ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Арманистон ва (ё) ҷомеа тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекс дар ҳаҷм ва муҳлат бо мақсади қонеъсозии талаботи давлатӣ ва (ё) ҷамъиятӣ пардохта мешавад» [6].

Қонунгузории андози баъзе давлатҳо бо вуҷуди дар мафҳуми андоз пешбинӣ накардани хусусияти ҳатмӣ будани он моҳиятан ин хусусиятро муқаррар намудаанд. Масалан, мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон, «андоз ҳамчун пардохти муқарранамудаи Кодекси андоз фаҳмида мешавад, ки ба буҷети давлатӣ ва ё фонди мақсадноки давлатӣ пардохта мешавад» [4]. Дар ин мафҳум пардохт шудани он ифодагари ҳатмӣ будани андоз мебошад.

Қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва рушди кишвар ташаккул ёфта, андозро чун пардохти ҳатмӣ тавсиф намудааст. Тавре маълум аст, санади асосии танзимкунандаи муносибатҳои андозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси андоз ба ҳисоб рафта, якчанд маротиба таҳия ва қабул гардидааст, ки муқаррар намудани хусусияти ҳатмӣ будани он ҷузъи таркибии мафҳуми андоз дар онҳо ба шумор меравад. Кодекси ҳоло амалкунандаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, №1844 низ андозро чун пардохти ҳатмӣ муқаррар намудааст. Тибқи он, «андоз пардохти ҳатмии муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба буҷет мебошад, ки ба андозаи муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад (ба истисноси андози иҷтимоӣ)» [1].

Дар сатҳи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти ҳатмӣ будани андоз ҷойгоҳи хос дорад. Чуноне, таҷрибаи ислоҳоти конститутсионии кишвар шаҳодат медиҳад, хусусияти ҳатмигии андоз дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври хос ташаккул ёфтааст. Дар иртибот бо мустаҳкамсозии конститутсионии чунин хусусият ба Қонуни асосӣ ислоҳот ворид гардидааст. Яъне, дар тағйиру иловаҳои ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2016 воридгардида яке аз ислоҳоти асосии бамиёномада маҳз нисбат ба масъалаи мазкур буд. Яъне, то ислоҳоти конститутсионии мазкур додани андозҳо ҳамчун вазифаи ҳар як кас пешбинӣ гардида буд. Бо ворид намудани тағйиру иловаҳо аз санаи мазкур «вазифаи ҳар як кас» ба калимаи «ҳатмист» иваз гардид [2], ки ин ҳолат мазмун ва табиати андозро мукаммал ва мустаҳкам намуд.

Дарвоқеъ, чуноне аз гуфтаҳои боло бармеояд, дар тавсифи андоз ҳамчун категория ва мафҳуми ҳуқуқӣ хусусияти ҳатмӣ будани он дар меҳвари асосӣ қарор дорад. Таърихан низ андоз хусусияти ҳатмӣ будани худро нигоҳ дошта, дар ҳама давру замон таҳти таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи давлат қарор дошт. Андоз ҳамчун пардохти ҳатмӣ дар асоси меъёрҳои қонунгузорӣ муқаррар гардида, дар ин замина фазо ва ё муносибати муайян миёни субъектони дахлдор ва давлат падид меояд. Дар алоқамандӣ бо ин, андоз ба сифати унсури пайвасткунандаи шахсон (андозсупорандагон) ва давлат баромад менамояд. Тавре аз гуфтаҳои боло бармеояд, хусусияти ҳатмӣ будани андоз табиати императивии муносибатҳои андозиро инъикос намуда, мазмунан хусусияти ҳуқуқии маъмуриро дар худ таҷассум менамояд. Албатта, пардохти андоз ва муносибатҳои марбут ба он муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ буда, нисбат ба онҳо тадбирҳои гуногуни ҳуқуқии маъмурӣ роҳандозӣ мегарданд.

Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти ҳатмӣ будани андозро пешбинӣ намудааст, аммо ин хусусият дар мафҳуми он ду маротиба инъикос ёфтааст. Тибқи муқаррароти Кодекси мазкур, андоз ҳам

пардохти ҳатмӣ ва ҳам дорои хусусияти ҳатмидошта муайян шудааст. Ба назари мо, ин ду ҳолат мазмунан як маъниро ифода менамоянд. Ба ғайр аз ин, мафҳуми пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд такмил дода шавад, ки мазмун ва табиати андозро дар шакли том инъикос намояд. Чунки, дар мафҳуми муқаррарнамудаи Кодекси номбурда на ҳама хусусиятҳои он ифода ёфтаанд. Чунончи, аз ҷониби кӣ ва аз кадом объект супорида мешавад, ин хусусиятҳо дар мафҳуми мазкур инъикос нагардидааст.

Инчунин, дар мафҳуми андоз хусусияти бебозгашти андоз «ба истисnои андози иҷтимоӣ» пешбинӣ гардидааст, ки ба назари мо, ин ҳолат баҳснок аст. Яъне, мазмуни андози иҷтимоӣ дар он ифода мегардад, ки дар вақти таъини нафақа ба андозсупорандагон маблағи дар заминаи андози иҷтимоӣ ситонидашуда ба онҳо баргардонида мешавад. Аммо, дар таҷрибаи андозситонии андози иҷтимоӣ шахсоне дар ҷомеа ҳастанд, ки бе супоридани андози иҷтимоӣ нисбаташон нафақа таъин мегардад. Ба монанди, шахсони маъюб, ки бе супоридани андози иҷтимоӣ аз ҷониби давлат ба онҳо нафақа таъин мегардад. Бинобар ин, ба назари мо, дар мафҳуми андоз, ки дар Кодекси андози ҶТ пешнибинӣ гардидааст, ҳолати «ба истисnои андози иҷтимоӣ» бо назардошти гуфтаи боло зарурат надорад.

Бо назардошти ин, чунин мафҳуми муаллифии андоз пешниҳод мегардад: «андоз - пардохти муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ба буҷети давлатӣ мебошад, ки дорои хусусияти ҳатмӣ, бебозгашт ва беподош мебошад, ки аз ҷониби андозсупорандагон вобаста ба фаъолияти муайян ва объектҳои дахлдор ситонида мешавад».

Дар шароити рушди идоракунии давлатӣ ва муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ андоз ва муносибатҳои андозӣ хусусияти маъмурӣ-ҳуқуқӣ дошта, ҳамчун объекти танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Тавре зикр гардид, муносибатҳои мазкур табиати императивӣ дошта, муносибати миёни андозсупорандагон ва давлатро ифода мекунанд. Бо назардошти табиати маъмурӣ-ҳуқуқӣ доштани андоз ва муносибатҳои андозӣ муайян намудани хусусиятҳои андоз ба мақсад мувофиқ аст ва мо онҳоро муайян менамоем:

1. Андоз пардохти ҳамтӣ мебошад. Хусусияти мазкур дар боло мавриди баррасӣ қарор гирифтааст ва бояд зикр кард, ки хусусияти мазкур аввалиндарача буда, моҳиятан ифодагари он аст, ки шахсоне, ки ба сифати андозсупоранда муайян гардидаанд, уҳдадоранд, ки андозҳоро бо риояи шарту талаботи пешбининамудаи қонунгузорӣ пардохт намоянд ва дар супоридани андоз имкони интихоби рафтори муайян ҷой надорад.

2. Андоз хусусияти бебозгашт дорад. Тавре аз мазмуни қонунгузории ҶТ ва кишварҳои хориҷӣ бармеояд, хусусияти мазкури андоз ифодагари он аст, ки андози иҷтимоӣ ба андозсупорандагон бозгашт намешавад.

3. Андоз хусусияти беподош дорад. Яъне, дар заминаи хусусияти мазкур андозсупоранда бо пардохти андоз бар ивази он ягон неъмати моддии дигарро ба даст намеорад. Яъне, давлат барои худ уҳдадории иҷрои амали муайянро дар ҳолати супоридани андоз аз ҷониби андозсупоранда ба зимма надорад. Дар сарчашмаҳои илмӣ дар алоқамандӣ бо хусусияти мазкури андоз истилоҳи «бегонакунӣ» [11,с.150] муайян гардидааст, ки моҳиятан бебозгашт будани андозро ифода мекунад.

4. Андоз ба буҷети давлатӣ равона мегардад. Ин хусусият ифодагари он аст, ки андозҳо ҳамчун пардохтҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ на ба дигар ҷой (ба манфиати шахсони воқеӣ, ҳуқуқии дигар), балки ба буҷети давлатӣ равона мегарданд.

5. Андоз муносибатҳои миёни андозсупорандагон ва давлатро инъикос менамояд. Яъне, давлат андозҳоро ҳамчун пардохт муайян намуда, маблағҳои муайян аз ҷониби андозсупорандагон ба давлат супорида мешаванд.

6. Андоз ва супоридани он табиати маъмурӣ-ҳуқуқӣ дошта, ҳамчун объекти идоракунии давлатӣ эътироф мегарданд. Яъне, мақомоти ваколатдори давлатӣ, ҳамчун мақомоти идоракунии давлатӣ, андозҳоро аз андозсупорандагон меситонанд ва нисбат ба супоридани андозҳо функсияҳои идоракунии давлатӣ амалӣ мегарданд.

7. Нисбат ба супоридани андозҳо тадбирҳои гуногуни маъмурӣ-ҳуқуқӣ, аз қабили тадбирҳои хусусияти расмиётӣ ва юрисдиксионии маъмурӣ татбиқ мегарданд, ки субот ва танзимро дар ин самт таъмин менамоянд.

8. Дар ҳолатҳои муайян нисбат ба муносибатҳои андозӣ, махсусан ситонидани андозҳо тадбирҳои маҷбуркунии маъмурӣ-ҳуқуқӣ татбиқ мегарданд. Ин ҳолат бо хусусияти ҳатмӣ будани андоз алоқаманд аст, ки ҳангоми саркашӣ намудани андозсупорандагон аз супоридани андозҳо бо чораҳои маҷбуркунии маъмурӣ-ҳуқуқӣ, аз он ҷумла чораҳои маҷбуркунии маъмурӣ тайин карда мешаванд.

9. Андозҳо дар натиҷа баҳри қонеъ сохтани талабот ва дигар ниёзҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ва рӯйпӯш намудани хароҷотҳои аҳаммияти ҷамъиятидошта равона мегарданд [9,с.28].

Ҳамин тариқ, фаҳмиши андоз дар сарчашмаҳои илмӣ гуногун буда, ба таври расмӣ мафҳум ва моҳияти он аз қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои андозии давлат бармеояд, ки бо назардошти табиат ва хусусиятҳои асосии категорияи мазкур муайян гардидаанд.

**Муқарриз: д.и.ҳ. профессори ДМТ – Ғафуров А.Д.**

**АДАБИЁТ**


1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, №1844. [Манбаи электронӣ]. Маҳзани мутамарказии иттилооти ҳуқуқии «Адлия» (санаи муроҷиат: 5.07.2023).
2. Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. www.tajembassy.ru (санаи муроҷиат: 5.07.2012).
3. Кодекси андози Ҷумҳурии Молдова аз 24 апрели соли 1997, №1163. [Манбаи электронӣ]. www.https://continent-online.com/ (санаи муроҷиат: 5.07.2023).
4. Кодекси андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 25 декабри соли 2007, №ЗРУ-136. [Манбаи электронӣ]. www.onlain.zakon.kz (санаи муроҷиат: 5.07.2023).
5. Кодекси андози Гурҷистон аз 17 сентябри соли 2010, №3591 [Манбаи электронӣ]. www. https://matsne.gov.ge/ru (санаи муроҷиат: 5.07.2023).
6. Кодекси андози Ҷумҳурии Арманистон аз 1 ноябри соли 2016, НО-165-N. [Манбаи электронӣ]. www.https://www.arlis.am/ (санаи муроҷиат: 5.07.2023).
7. Гафуров А.Д. Формирование и развитие финансового права развивающихся стран (на примере Исламской Республики Афганистан, Исламской Республики Иран, Кыргызской Республики и Республики Таджикистан) / А.Д. Гафуров. – Душанбе, 2017. – С. 171 (381стр.).
8. Качур О.В. Дискуссионные вопросы сущности, функции и принципов налогов / О.В. Качур // Вестник ВГУ. Серия: Экономика и управление. – 2014. – №3. – С. 113.
9. Кучеров И.И. Новый концептуальный подход к определению налога / И.И. Кучеров // Финансовое право. – 2008. – № 1.
10. Калашникова Е.Б., Емельшина К.А. Понятие «налог» в Российском праве. Самарский государственный экономический университет. [Электронный ресурс]. E-mail: kalashnikova-helen@yandex.ru, emelshina.k@yandex.ru. file:///C:/Users/User/Downloads/elibrary_43940449_29163949.pdf;
11. Осетрова Н.И. К вопросу о сущности и определении налогов / Н.И. Осетрова // Налоговый вестник. - № 6. - 2000.
12. Соболев М.Н. Очерки финансовой науки / М.Н. Соболев.– Пг, 1913.
13. Ходский Л.В. Основы государственного хозяйства / Л.В. Ходский. – Спб, 1913.
14. Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. -Душанбе, 2017.
15. Юткина Т.Ф. Налоги и налогообложение: учебник / Т.Ф. Юткина. – М. : ИНФРА-М, 2002.


**ФАҲМИШИ ИЛМӢ-ҲУҚУҚИИ «АНДОЗ» ҲАМЧУН МАФҲУМИ ҲУҚУҚӢ**


Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вобаста ба фаҳмиши илмӣ ва ҳуқуқии мафҳуми андоз таҳлил гардидаанд. Андоз пардохти ҳатмии аз ҷониби давлат муқарраргардидаест, ки аз тарафи андозсупорандагон ба фоидаи буҷети давлатӣ супорида мешавад. Мафҳуми категорияи мазкур табиати ба худ хос дошта, аз дигар пардохтҳои ҳатмӣ фарқ мекунад. Вобаста ба муайян намудани мазмун ва моҳияти андоз сарчашмаҳои илмии гуногун ва қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ истифода гардидааст. Дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаи мазмун ва табиати андоз андешаҳои муаллиф вобаста ба мафҳум ва хусусиятҳои он баён гардидаанд.



**Калидвожаҳо:** андоз, пардохти ҳатмӣ, андозсупоранда, давлат, тадбирҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ, иқтисод, уҳдадорӣ, объект, Конститутсия, Кодекси андоз, буҷет.


**НАУЧНО-ПРАВОВОЕ ПОНИМАНИЕ "НАЛОГА" КАК ЮРИДИЧЕСКОГО ПОНЯТИЯ**


В данной статье анализируются и рассматриваются вопросы, связанные с научным и правовым пониманием понятия налога. Налог –это установленный государством обязательный платеж, уплачиваемый субъектами налогоплательщиков в пользу государственного бюджета. Понятие данной категории имеет свой характер и отличается от других обязательных платежей. В связи с определением содержания и сущности налога используются различные научные источники и национальное и зарубежное законодательство. В результате

всестороннего изучения содержания и характера налога высказаны мнения автора, связанные с его понятием и особенностями.

**Ключевые слова:** налог, обязательные платежи, налогоплательщик, государство, административно-правовые толкования экономики, обязательства, объект, Конституция, налоговый кодекс, бюджет.

**SCIENTIFIC AND LEGAL UNDERSTANDING OF "TAX" AS A LEGAL CONCEPT**

This article analyzes and discusses issues related to the scientific and legal understanding of the concept of tax. A tax is a mandatory payment established by the state, paid by subjects of taxpayers in favor of the state budget. The concept of this category has its own character and differs from other mandatory payments. In connection with the definition of the content and essence of the tax, various scientific sources and national and foreign legislation are used. As a result of a comprehensive study of the content and nature of the tax, the author's opinions related to its concept and features are expressed.

**Keywords:** tax, mandatory payments, taxpayer, state, administrative and legal interpretations of economics, obligations, object, Constitution, tax code, budget.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабзода Хайём Раҷаб* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ**. Суроға:** 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 900-47-20-22**. E-mail: **hayomrajabzoda@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Раджабзода Хайём Раджаб*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры конституционного и административного права. **Адрес**: 734003, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **hayomrajabzoda@gmail.com**. Телефон: **900-47-20-22**

**Information about the author:** ***Rajabzoda Hayyom Rajab*** - Tajik National University, applicant for the Department of Constitutional and Administrative Law. **Address**: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **hayomrajabzoda@gmail.com**. Phone: **900-47-20-22**

ТДУ: 343.1(575.3)

# РОБИТАИ ИҶТИМОӢ - ҲУҚУҚИИ МАНЪИ ҲУҚУҚӢ - ҶИНОЯТӢ БАРОИ ҒАЙРИҚОНУНӢ МАШҒУЛ ШУДАН БА ФАЪОЛИЯТИ ХУСУСИИ ТИББӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ХУСУСИИ ФАРМАТСЕВТӢ

*Гулова Х.Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Афзалияти ҳар як давлати пешрафтаи демократӣ дар ҳаёти имрӯза ин шахсият мебошад, ки бо ҳаҷми ҷудонашавандаи ҳуқуқ ва озодиҳо баромад менамояд. Ба ин ҳуқуқ ва озодиҳо, пеш аз ҳама, ҳуқуқи инсон ба ҳаёт ва саломатӣ, дохил мешавад. Ҳифзи ин ҳуқуқҳо (ҳамчунин, ҳуқуқ ба озодӣ ва амнияти шахсӣ, ҳифзи шаъну шараф ва эътибор, дахлнопазирии шахсият) дар сатҳи байналмилалӣ ба амал бароварда мешавад. Масалан, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон соли 1948; Конвенсияи Аврупо “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ” соли 1952 [3]; Паймони байналмилалӣ “Дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ” соли 1966 [2]; Конвенсия “Дар бораи ҳуқуқи кӯдак” соли 1990” [23] ва дар сатҳи миллӣ қонунгузории кишвари мо.

Ҳамин тариқ, моддаи 38 Конститутсияи ҶТ, ҳуқуқи ҳар “шахсро ба саломатӣ ҳифз” менамояд. Ва тибқи моддаи 5 Конститутсияи ҶТ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Нақши асосиро дар нигоҳ доштани саломатӣ ва дароз кардани ҳаёт шояд фаъолияти тиббӣ иҷро менамояд. Дар марҳилаи муосир илми тиб ба рушди бузурги илмӣ ноил гардид ва дар ин раванд пешрафти илмӣ-техникӣ нақши муҳимро бозид.

Бо дарназардошти рушди таърихии ҳуқуқии давлати мо, ақидаи мутахассисон дар бораи зарурати мавҷудияти системаҳои хусусии тандурустӣ низ тағйир ёфт.

В.Н. Смитиенко қайд кардааст, ки диспозитсияи моддае, ки ҷавобгариро барои табобати ғайриқонунӣ пешбинӣ менамояд, “бояд тавре тартиб дода шавад, ки он ба кормандони тиб табобатро дар шароити берун аз беморхона манъ мекард” [24,с.145].

Тавре ки М.В. Радченко қайд мекунад, ҳолатҳои табобати нодуруст “бояд на танҳо, асос барои маҳкумкунии маънавӣ, балки инчунин, барои ҷалби корманди тиб ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ” низ бошад [21,с.1].

Дар натиҷа, зарурати назорати давлатии таъмини хизматрасониҳои тиббӣ ба аҳолӣ, таҳияи омилҳои возеҳи арзёбикунандаи сифати ёрии тиббӣ ва инчунин танзими ҳуқуқии тамоми спектри фаъолияти тиббӣ, ки ба фаъолияти муосири воқеӣ ҷавобгӯ мебошанд, ба миён меояд.

Проблемаи муайян кардани ҳудуди танзими давлатии соҳаи тандурустӣ аз ҷумла фаъолияти тиббӣ, ҳамеша дар назди қонунгузор мубрам боқӣ хоҳад буд.

Кодекси ҷиноятии ҶТ дар м. 210 ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ пешбинӣ менамояд.

Дар айни замон, масъалаи робитаи иҷтимоию ҳуқуқии меъёри баррасишаванда хеле муҳим аст. Оё дар ҳаёти имрӯза, асосҳо барои криминализатсияи ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ мавҷуданд? Оё танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи расонидани хизматрасонии тиббӣ тавассути методи манъкунии ҳуқуқии ҷиноятӣ зарур аст?

В.Н. Кудрявсев таҳти мафҳуми криминализатсия “ҳам худи ҷараён ва ҳам натиҷаи эътирофи баъзе намудҳои кирдори ҷиноятиро мефаҳмад, ки сазовори ҷазо мебошанд” [15,с.17]. А.И. Коробеев чунин мешуморад, ки “криминализатсия - ин ҷараёни муайян кардани шаклҳои ба ҷамъият хавфноки рафтори инфиродӣ, эътирофи қобили қабул, имконият ва мақсаднокии муборизаи ҳуқуқии ҷиноятӣ бо онҳо ва муқаррар кардани онҳо дар қонун ҳамчун кирдори ҷиноятии сазовори ҷазо маҳсуб меёбад” [5,с.59].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ проблемаи принсипҳои криминализатсия хеле муфассал таҳқиқ шудаанд. Ҳамин тавр, консепсияҳои муаллифии системаҳои принсипҳои криминализатсияи кирдор аз ҷониби Г.А. Злобин [16,с.210-242], Л.М. А.В. Шеслер [20,с.249-256], А.Д. Антонов [1,с.17], Н.А. Лопашенко [7,с.288-298] ва дигарон пешниҳод шудаанд.

Аммо системаи принсипҳои криминализатсия предмети тадқиқоти мо маҳсуб намеёбад. Барои худ, мо системаи принсипҳои криминализатсияро ҳамчун асос мегирем, ки аз ҷониби В.Н. Кудрявсев пешниҳод шудааст ва аксари мутахассисон онро дастгирӣ мекунанд.

Ҳамин тавр, ба принсипҳои криминализатсия инҳо дохил мешаванд:

а) кирдоре бояд криминализатсия карда шавад, ки ба ҷамъият хавфнок бошад;

б) кирдор бояд дараҷаи кофии паҳншавӣ дошта бошад;

в) оқибатҳои мусбати пешбинишудаи криминализатсия бояд аз оқибатҳои манфии он зиёдтар бошад;

г) криминализатсияи кирдор набояд ба Конститутсияи ҶТ, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ ва қонунгузории амалкунанда мухолифат кунад;

ғ) он набояд ба меъёрҳои ахлоқӣ мухолиф бошад;

д) криминализатсияи кирдор бояд дар мурофиаи судӣ ва ҷанбаҳои криминалистӣ амалӣ карда шавад;

е) худи криминализатсия набояд анҷом дода шавад, агар мубориза бо кирдори барои ҷамъият хавфнок бо ёрии дигар тадбирҳои сабуктар ва самаранок имконпазир бошад [6,с.22].

Пас, барои муайян кардани робитаи иҷтимоию ҳуқуқии ягон ҳуқуқвайронкунии ҳуқуқии ҷиноятӣ зарур аст, тамоми маҷмуи аломатҳои дар боло зикршуда муқаррар карда шаванд. Мутобиқатии принсипҳои криминализатсияи манъи ҳуқуқии ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтиро дида мебароем.

Тавре ки маълум аст, қонунгузор танҳо он кирдорҳоеро зиддиҳуқуқӣ муайян мекунад ва таҳти таҳдиди ҷазо манъ мекунад, ки барои муносибатҳои ҷамъиятии ҳифзшаванда хавфнок ва зараровар мебошанд. Тавре ки Д.А. Лупарев дуруст қайд мекунад, маҳз хавфи ҷамъиятии кирдор асоси иҷтимоӣ ва моддӣ барои ҳалли масъалаи зарурати ба он додани мақоми зиддиҳуқуқие, ки аз он оқибатҳои ҳуқуқӣ бармеояд, ба ҳисоб меравад [10,с.47]. Дар ин ҳолат, ба сифати объекти даркнамоӣ ва баҳодиҳӣ хусусияти моддӣ, равияи зиддиҷамъиятӣ ва моҳияти зараровари рафтори инсон баромад менамояд, ки дар ибтидо дар худ хатари зарар расониданро ба неъматҳои ҳифзи ҳуқуқ дар бар мегирифт [12,с.4].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин мешуморанд, ки “моҳият аз қобилияти кирдорҳои намуди муайян барои тағйироти манфӣ дар воқеияти иҷтимоӣ, вайрон кардани тартиботи низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ё шароитҳои зарурии фаъолияти онҳо, деформатсия ва ворид кардани унсурҳои номуташаккил ба тартиботи ҳуқуқии мавҷуда иборат аст. Ба ибораи дигар, моҳияти иҷтимоии кирдори ҷиноятӣ он аст, ки он метавонад, ба муносибатҳои ҷамъиятие таъсироти манфӣ дошта бошад, ки объекти ҷиноят мебошанд [11,с.48].

Бо назардошти тасаввуроти баррасишуда дар бораи хавфи ҷамъиятӣ хулоса кардан мумкин аст, ки ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ ба таври объективӣ барои ҷамъият хавфнок мебошад.

Тавре маълум аст, амалияи тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ ҳамчун қисми таркибии системаи тандурустии ҶТ бо бозори хизматрасониҳои тиббии ба аҳолӣ расонидашуда алоқаманд аст ва дар натиҷа, ин бо таъмини саломатии аҳолӣ, нигоҳ доштани сатҳи зиндагии инсон дар зинаи баланд, афзоиши таваллуди кӯдакони солим ва коҳиши фавт ҷудонопазир аст. Ба ибораи дигар, бе саломатии миллат, бе насли комили он ояндаи ягон давлатро тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Аз меъёрҳое, ки ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтиро манъ мекунанд, бармеояд, ки ин ҳаракатҳо хусусияти системавиро доро мебошанд. Дар натиҷа, ҷабрдидагон аз ёрии тиббии бесифат метавонад, на як нафар, балки доираи номуайяни шахсон бошанд, ки аз ин хизматрасониҳо истифода мебаранд. Дар ин ҳолат, дараҷаи хавфи ҷамъиятии ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ меафзояд, зеро теъдоди ҷабрдидагон аз ин ҷиноят метавонанд, зиёд бошанд. Маҳз аз ин рӯ, қонунгузор меъёри баррасишавандаро на дар боби ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ; балки дар боби ҷиноятҳо ба муқобили саломатии аҳолӣ ҷойгир кардааст.

Аҳаммияти иҷтимоии саломатии аҳолиро аз ҳад зиёд ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ арзёбӣ кардан душвор аст. Дар зери мафҳуми саломатии аҳолӣ дар ин маврид, маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие фаҳмида мешавад, ки таъминкунандаи некуаҳволии муқаррарии ҷисмонӣ ва руҳии саломатии бештари шаҳрвандон дар миқёси минтақаи муайян мебошанд [22,с.365].

Давлат кафили саломатии аҳолии мамлакати мо мебошад. Аммо он наметавонад, шаҳрвандонро аз машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ манъ намояд, ки имрӯз танҳо як намуди фаъолияти соҳибкориро ташкил медиҳанд.

Дар баробари ин, қонунгузор на ҳама гуна машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ, балки танҳо чунин ҳаракатҳоеро, ки бе иҷозатнома амалӣ карда мешаванд, манъ мекунад. Дар асоси гирифтани иҷозатнома ба шахс ҳуқуқ дода мешавад, ки ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ машғул шавад. Иҷозатномадиҳии ин намудҳои фаъолият аз ҷониби давлат, як навъ, кафолати хизматрасонии босифати тиббӣ ба аҳолӣ мебошад, назорат ва санҷиши шахсони дар ин соҳа фаъолияткунандаро таъмин менамояд, баҳри таъмини бехатарии шаҳрвандон барои ба соҳаи хизматрасонии тиббӣ ва хусусии фаъолияти фарматсевтӣ ворид шудани шахсоне, ки дониши кофии тиббиро надоранд, роҳ намедиҳад.

Тавре ки Н.А. Лопашенко дуруст қайд мекунад, принсипҳои криминализатсия бояд, умуман хавфи ҷамъиятиро муайян накунанд, балки кофӣ будани хавфи ҷамъиятиро барои ҷорӣ намудани манъи ҷиноят муқаррар намоянд [9,с.288]. Г.А. Злобин низ чунин ақида дорад ва таъкид мекунад, ки “танҳо он кирдоре метавонад, ба таври ҳуқуқӣ криминализатсия карда шавад, ки хавфи ҷамъиятии он ба таври кофӣ (аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ) баланд аст” [18,с.216].

Аммо, бояд гуфт, ки Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ инчунин меъёреро дар бар мегирад, ки ҷазоро дар тартиби маъмурӣ пешбинӣ мекунад: ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти дорусозӣ ва тибби халқӣ. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тибқи моддаи 122 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ эътироф карда мешаванд: машғул шудан ба фаъолияти хусусии дорусозӣ аз тарафи шахсе, ки барои чунин намуди фаъолият иҷозатнома надорад, машғул шудан ба тибби халқӣ ва риоя накардани тартиби муқаррарнамудаи қонун дар ин фаъолият. Дар ҳолатҳое, ки аз фаъолияти мазкур ба саломатии касе зарар мерасад, вазъи ҳуқуқии ҳуқуқвайронкунӣ тағйир меёбад, ки аломатҳои ҷинояти пешбининамудаи моддаи 210 КҶ ҶТ-ро ба даст меорад. Мавҷудияти оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок дар шакли расонидани зарар ба саломатии инсон ҳамчун аломати ҷиноят баромад менамояд, ки дар сурати набудани он худи ҷавобгарии ҷиноятӣ аз рӯйи ин меъёр низ истисно карда мешавад.

Дар робита ба ин, сохтори моддии қонунгузории таркиби ҷинояти дар м. 210 КҶ ҶТ мавҷудбуда, ки фаро расидани оқибатро дар шакли расонидани зарар ба саломатии инсон пешбинӣ мекунанд, махсусан кофӣ будани ба ҷамъият хавфнокии ба таври объективӣ мавҷудаи ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фармасевтиро таъкид мекунад.

Дараҷаи кофӣ ва объективии ба ҷамъият хавфнокии ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ, ки дар натиҷа аз беэҳтиётӣ ба саломатии инсон зарар расонида мешавад, қонунгузорро уҳдадор мекунад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи хизматрасонии дахлдори тиббӣ ва таъмини бехатарии саломатии аҳолӣ бо усули манъи ҳуқуқии ҷиноятӣ танзим намояд.

Инчунин, бояд қайд кард, ки омори пасти бақайдгирии далелҳои ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ метавонад, аз номукаммалии муқаррароти қонунгузории меъёрии дахлдор шаҳодат диҳад, ки дар натиҷаи он ба ҳуқуқтатбиқкунанда ҳангоми бандубасти кирдори барои ҷамъият хавфнок тибқи м. 210 КҶ ҶТ мушкилот пеш меояд. Раванди муқаррар кардани робитаи сабабӣ байни ҳаракатҳои шахсони ба расонидани хизматрасонии тиббӣ ё дорусозӣ машғулбуда ва оқибатҳои бавуҷудомада дар шакли расонидани зарар ба бемор мушкилоти бештареро ба миён меорад.

М.П. Клейменов ҷорӣ кардани назарияи нави криминологияи махсусро пешниҳод мекунад - Криминологияи тиббӣ. Дар айни замон, ӯ ба сифати предмети тадқиқоти назарияи криминологии нав ҷинояткорӣ дар соҳаи фаъолияти тиббӣ, ки дар он дар баробари ҷиноятҳо ба муқобили шахсият, ки аз ҷониби кормандони тиб содир карда мешаванд баррасӣ мекунад, вай инчунин меъёрро оид ба ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ низ ворид менамояд [4,с.13-19].

Метавон бо ақидаи Г.А. Злобин розӣ шуд, ки чунин мешуморад ки криминализатсияи рафтори манфии муайян ҳеҷ гоҳ наметавонад, ҳамчун неъмати мутлақ баррасӣ карда шавад. Он дар худ қурбонии баъзе манфиатҳои ҷомеаро ба хотири манфиатҳои дигари назаррас дар бар мегирад [17,с.220]. Дар ин масъала, Ю.Е. Пермяков қайд мекунад, ки "манфиатҳои асосиро нигоҳ дошта, қонунгузор дар раванди криминализатсия манфиатҳои дуюмдараҷаро қурбон мекунад" [19,с.24].

Дар адабиёти муосири ҳуқуқӣ инчунин қайд карда мешавад, ки криминализатсия бояд танҳо дар шароите гузаронида шавад, ки натиҷаи оқибатҳои мусбӣ дар он бартарӣ дошта бошад [8,с.293]. Таъсири бузурги мусбии иҷтимоии криминализатсияи ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ маълум аст.

Пеш аз ҳама, манъи ҳуқуқии ҷиноятии мавриди баррасӣ қарордошта вазифаи муҳофизатиро барои чунин муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба монанди саломатии аҳолӣ пешниҳод мекунад, яъне бозори расонидани хизматрасонии тиббиро аз ворид шудани шахсони ғайрикасбӣ нигоҳ медорад.

Диспозитсияи меъёри муқаррарнамудаи м. 210 КҶ ҶТ чунин тартиб дода шудааст, ки тибби хусусӣ ё фаъолияти хусусии фарматсевтӣ дар ҳолате қонунӣ ҳисоб карда мешавад, ки вақте он дар асоси иҷозатномаи бо тартиби муқаррарнамудаи қонун додашуда амалӣ карда шавад.

Шарти ҳатмӣ барои гирифтани литсензия ин ба мақомоти салоҳиятдори давлатӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда аз ҷониби довталаби иҷозатномаи дорои дониши тиббӣ дар соҳаи табобат ё фармакология ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, қонунгузор саломатии доираи номуайяни шахсонро аз истифодаи ёрии тиббии пастсифат ё доруҳои бесифат ҳифз мекунад.

Табиист, ки криминализатсияи кирдори пешбининамудаи ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ, инчунин оқибатҳои манфӣ низ дорад, масалан, барои шахсоне, ки дар минтақаҳое зиндагӣ мекунанд, ки ягон муассисаи тиббӣ вуҷуд надорад. Дар натиҷа, онҳо маҷбур мешаванд, бо таваккали худ, барои табобат ба шахсоне муроҷиат намоянд, ки дониши халқии тиббиро аз ниёгони худ омӯхтаанд. Аз ин рӯ, криминализатсияи ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ категорияи шаҳрвандони дар боло зикршударо аз имконияти охирини гирифтани табобати тиббӣ маҳрум менамояд.

Аммо, бояд қайд кард, ки инфрасохтори муассисаҳои таълимии ҳам олӣ ва ҳам миёнаи тиббӣ дар марҳилаи муосир дар тамоми қаламрави ҶТ барои ҳар касе, ки мехоҳад маълумоти тиббӣ гирад ва баъдан ба фаъолияти амалии тиббӣ ё фаъолияти фарматсевтӣ машғул гардад, хеле васеъ ва дастрас аст.

Инчунин, дар хотир нигоҳ доштан зарур аст, ки асоси ҳатмӣ барои бандубасти кирдори барои ҷамъият хавфнок тибқи м. 210 КҶ ҶТ фарорасии оқибатҳое ба ҳисоб меравад, ки ба саломатии инсон зарар мерасонанд, ё марги ӯ ба амал меоянд. Дар акси ҳол, танҳо дар бораи ҷавобгарии маъмурӣ сухан меравад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки принсипи бартарияти оқибатҳои мусбӣ дар криминализатсия ба пуррагӣ инъикоси худро дар сурати мустаҳкам шудани манъи ҳуқуқии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ пайдо кард.

Аз ин рӯ, бояд қайд кард, ки дар қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам намудани манъкунӣ барои ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ на танҳо ба Конститутсияи ҶТ, санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ ва санадҳои

байналмилалии аз тарафи ҶТ эътирофшуда мухолифат намекунад, балки баръакс, натиҷаи сиёсати қонунгузорӣ оид ба ҳифзи саломатӣ ва ҳаёти инсон ҳамчун неъматҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон, қ. 1 м. 32 Конститутсияи ҶТ ҳуқуқи ҳар касро барои моликият ва мерос кафолат медиҳад.

Аммо, қ. 3 м. 14 Конститутсияи ҶТ муқаррар мекунад, ки маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

Албатта, аз ҷониби қонунгузор иҷозат додан ба фаъолияте, ки метавонад, ба саломатӣ ё ҳаёт зарар расонад, аҷиб мебуд. Фаъолияти тиббӣ ва фарматсевтӣ ба он навъи фаъолияте дохил карда мешаванд, ки назорати пурзӯр аз болои онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ зарур аст. Қонунгузор танҳо вазифадор аст, ки барои фаъолиятҳои дар боло зикршуда чорчӯба ё ҳудуди муайян эҷод кунад, то ки ба бозори хизматрасонии тиббӣ унсури ғайрикасбӣ ва маҳсулоти дорусозии пастсифат роҳ дода нашавад. Дар натиҷа, маҳз иҷозатномадиҳӣ дар ин ҳолат, ба сифати кафили бехатарӣ барои шаҳрвандон баромад менамояд.

Манъи конститутсионӣ барои роҳ надодан ба фаъолияте, ки ба саломатӣ ва ҳаёти доираи номуайяни шахсон хатар дорад, албатта, талаб менамояд, ки дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шаванд.

Моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ" аз 15 майи соли 1997, №419 муайян мекунад, ки барои ба фаъолияти тиббӣ ва фарматсевтӣ машғул шудан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсоне ҳуқуқ доранд, ки маълумоти олии тиббӣ ё миёнаи тиббӣ ва фарматсевтӣ гирифта, диплом ва унвони махсус доранд ва барои машғул шудан бо намуди муайяни фаъолияте, ки феҳристи онҳоро **Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон** муқаррар менамояд, инчунин сертификати мутахассис ва иҷозатнома доранд.

Ин соҳаи фаъолият бевосита бо саломатии доираи номуайяни шахсон вобастагӣ дорад ва чи тавре ки маълум аст, ба ёрии тиббӣ ва барои истеъмоли маводҳои доруворӣ шахсоне муроҷиат менамоянд, ки вазъи саломатиашон хуб нест. Оё ҷомеа метавонад, фаъолиятеро, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун амалӣ карда мешавад, ташвиқ кунад. Худи қонун низ барои он вуҷуд дорад, ки ҳифзи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсонро ба амал барорад. Ва агар худи ҷомеа аз иҷрои меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори қабулшуда даст кашад, дар чунин қонун ҳеҷ маъное дида намешавад ва чунин ҷомеаро ба ҳуқуқӣ мансуб донистан ғайриимкон аст. Фаъолияти ғайриқонунӣ бояд манъ карда шавад ва шахсони гунаҳгори қонуншикан бояд ҳатман ҷазо гиранд.

**Муқарриз: д.и.ҳ., профессори ДМТ – Сафарзода А.И.**

## АДАБИЁТ


1. Антонов, А.Д. Теоретические основы криминализации и декриминализации: автореф. дисс. ... канд. юрид. наук / А.Д. Антонов. -М., 2001. -С. 17.
2. Бюллетень Верховного Суда РФ. - № 12. - 1994. - СПС «Консультант-плюс».
3. Бюллетень международных договоров. - № 3. - 2001. -СПС «Консультант-плюс».
4. Клейменов, М.П. Понятие и предмет медицинской криминологии / М.П. Клейменов // Сибирский криминологический журнал. - 2006. - № Г. - С. 13-19.
5. Коробеев, А.И. Советская уголовно-правовая политика: проблемы криминализации и пенализации / А.И. Коробеев. - Владивосток, 1987. -С. 59.
6. Курс российского уголовного права. Общая часть. Под ред. В.Н. Кудрявцева, А.В. Наумова. -М., 2001. -С. 22.
7. Лопашенко, Н.А. Основы уголовно-правового воздействия: уголовное право, уголовный закон, уголовно-правовая политика / Н.А. Лопашенко. - СПб.: Издательство Р." Асланова «Юридический центр Пресс», 2004. - С. 288-298.
8. Лопашенко, Н.А. Основы уголовно-правового воздействия: уголовное право, уголовный закон, уголовно-правовая политика / Н.А. Лопашенко. - СПб.: Издательство Р. Асланова «Юридический'центр Пресс», 2004. - С. 293.

9. Лопашенко, Н.А. Основыуголовно-правового воздействия: уголовное право, уголовный закон, уголовно-правовая политика / Н.А. Лопашенко. -СПб.: Издательство Р. Асланова «Юридический центр Пресс», 2004. - С. 288.
10. Лупарев, Д.А. Общественная опасность как объективное свойство преступных последствий / Д.А. Лупарев // Российский следователь. - 2007. - № 5. - С. 47.
11. Лупарев, Д.А. Общественная опасность как объективное свойство преступных последствий / Д.А. Лупарев // Российский следователь. - 2007. - № 5. - С. 48.
12. Ляпунов, Ю.И. Общественная опасность деяния как универсальная категория советского уголовного права. Учебное пособие / Ляпунов Ю.И. - М.: ВЮЗШ МВД СССР, 1989. - С. 4.
13. Ляпунов, Ю.И. Общественная опасность деяния как универсальная категория.советского уголовного права. Учебное пособие / Ю.И. Ляпунов. - М.: ВЮЗШ МВД СССР; 1989. - С. 26.
14. О преступлениях против жизни по русскому уголовному праву. Изсл-е Н.С. Таганцева. -СПб., 1870.-С. 94.
15. Основания уголовно-правового запрета. Криминализация и декриминализация. - М., 1982. - С. 17.
16. Основания уголовно-правового запрета. Криминализация и декриминализация.— М., 1982. - С. 210 - 242.
17. Основания уголовно-правового запрета. Криминализация и декриминализация. - М., 1982.-С. 220.
18. Основания-уголовно-правового запрета. Криминализация и декриминализация. - М., 1982.-С. 216.
19. Пермяков, Ю.Е. Введение в основы уголовной политики / Ю.Е. Пермяков - Самара, 1993. - С.24.
20. Прозументов, Л.М. Криминология (Общая, часть) / Л.М. Прозументов, А.В. Шеслер. - Красноярск, 1997. - С. 249-256.
21. Радченко, М.В. Ненадлежащее врачевание в репродуктивной сфере: Уголовно-правовой аспект: Дисс. ... канд. юрид. наук. - Екатеринбург, 2002. - С. 1.
22. Российское уголовное право: учеб.: в 2т. Т. 2. Особенная часть. Под. ред. Л.В. Иногамовой-Хегай, В.С. Комиссарова, А.И. Рарога. - 2-е изд., перераб. и доп. - М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2007. - С. 365.
23. Сборник международных договоров СССР. - Выпуск XLVI, 1993. - СПС «Консультантплюс».
24. Смитиенко В. Н. Уголовно - правовая охрана здоровья населения в СССР / В.Н. Смитиенко. - Киев: Выща школа., 1989. — С. 145.
25. Современное уголовное право. Общая и Особенная части: учебник. Под ред. Проф. А.В. Наумова. -М.: Илекса, 2007. -С. 784.; Российское уголовное право: учеб.: в 2 т. Т. 2. Особенная часть / Г.Н. Борзенков, Л.В. Иногамова-Хегай, В.С. Комисаров (и др.); под ред. Л.В. Иногамовой-Хегай, В.С. Комисарова, А.И. Рарога.-2-е изд., перераб. и доп. -М.: ТК Велби; Изд-во Проспект, 2007. - С. 365.

## РОБИТАИ ИҶТИМОӢ - ҲУҚУҚИИ МАНЪИ ҲУҚУҚӢ - ҶИНОЯТӢ БАРОИ ҒАЙРИҚОНУНӢ МАШҒУЛ ШУДАН БА ФАЪОЛИЯТИ ХУСУСИИ ТИББӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ХУСУСИИ ФАРМАТСЕВТӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи робитаи ичтимоӣ - ҳуқуқии манъи ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Нақши асосиро дар нигоҳ доштани саломатӣ ва дароз кардани ҳаёт фаъолияти тиббӣ иҷро менамояд. Дар марҳилаи муосир илми тиб ба рушди бузурги илмӣ ноил гардид. Ва дар ин ҷанба пешрафти илмӣ-техникӣ нақши муҳимро бозид. Давлат кафили саломатии аҳолии мамлакати мо мебошад. Аммо он наметавонад, шаҳрвандонро аз машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ манъ намояд, ки имрӯз танҳо як намуди фаъолияти соҳибкориро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, қонунгузор на ҳама гуна машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ, балки танҳо чунин ҳаракатҳоеро, ки бе иҷозатнома амалӣ карда мешаванд, манъ мекунад. Дар асоси гирифтани иҷозатнома ба шахс ҳуқуқ дода мешавад, ки ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ машғул шавад. Иҷозатномадиҳии ин намудҳои фаъолият аз ҷониби давлат, як навъ, кафолати хизматрасонии босифати тиббӣ ба аҳолӣ мебошад, назорат ва санҷиши шахсони дар ин соҳа фаъолияткунандаро таъмин менамояд, баҳри таъмини бехатарии шаҳрвандон барои ба соҳаи хусусии хизматрасонии тиббӣ ва хусусии фаъолияти фарматсевтӣ ворид шудани шахсоне, ки дониши кофии тиббӣ надоранд, роҳ намедиҳад.

**Калидвожаҳо:** робитаи иҷтимоӣ – ҳуқуқӣ, ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ.

## СОЦИАЛЬНО-ПРАВОВАЯ ОБУСЛОВЛЕННОСТЬ УГОЛОВНО-ПРАВОВОГО ЗАПРЕТА НА НЕЗАКОННОЕ ЗАНЯТИЕ ЧАСТНОЙ МЕДИЦИНСКОЙ ПРАКТИКОЙ ИЛИ ЧАСТНОЙ ФАРМАЦЕВТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬЮ

В данной статье рассматривается вопрос о социально - правовой обусловленности уголовного запрета на незаконное занятие частной медицинской деятельностью и частной фармацевтической деятельностью. Медицинская деятельность играет главную роль в сохранении здоровья и продлении жизни. На современном этапе медицинская наука достигла большого научного развития. И в этом аспекте важную роль сыграл научно-технический прогресс. Государство является гарантом здоровья населения нашей страны. Однако это не может препятствовать гражданам заниматься частной медицинской и фармацевтической деятельностью, которая сегодня является лишь видом предпринимательской деятельности. При этом закон не запрещает любое занятие частной медицинской деятельностью и частной фармацевтической деятельностью, а только такую деятельность, которая осуществляется без лицензии. На основании получения лицензии человеку предоставляется право заниматься

частной медицинской и фармацевтической деятельностью. Лицензирование государством этих видов деятельности является своеобразной гарантией оказания качественных медицинских услуг населению, обеспечивает контроль и проверку лиц, осуществляющих деятельность в этой сфере, в целях обеспечения безопасности граждан, въезда лиц с достаточных знаний в частной сфере медицинских услуг и частной фармацевтической деятельности у них нет медицинской помощи, они ее не допускают.

**Ключевые слова:** социально – правовая обусловленность, незаконное занятие частной медицинской деятельностью и частной фармацевтической деятельностью.

**THE SOCIO - LEGAL CONDITIONALITY OF THE CRIMINAL LAW PROHIBITION ON ILLEGAL PRIVATE MEDICAL PRACTICE OR PRIVATE PHARMACEUTICAL ACTIVITY**

This article examines the issue of the socio-legal conditionality of the criminal prohibition on illegal private medical activity and private pharmaceutical activity. Medical activity plays a major role in maintaining health and prolonging life. At the present stage, medical science has achieved great scientific development. And scientific and technological progress has played an important role in this aspect. The state is the guarantor of the health of the population of our country. However, this cannot prevent citizens from engaging in private medical and pharmaceutical activities, which today is only a type of entrepreneurial activity. At the same time, the law does not prohibit any private medical activity and private pharmaceutical activity, but only such activities that are carried out without a license. On the basis of obtaining a license, a person is granted the right to engage in private medical and pharmaceutical activities. Licensing by the state of these types of activities is a kind of guarantee for the provision of high-quality medical services to the population, provides control and verification of persons engaged in activities in this area in order to ensure the safety of citizens, entry of persons with sufficient knowledge in the private sphere of medical services and private pharmaceutical activities, they do not have medical care, they do not allow it. Of course, it would be strange if the legislature allowed activities that could be harmful to health or life. Medical and pharmaceutical activities are included in the type of activity that requires strict control over it by government agencies. The legislator is only obliged to create a framework or restrictions for the above activities so that an element of unprofessionalism and low-quality pharmaceutical products are not introduced into the medical services market.

**Keywords:** social and legal conditionality, illegal occupation of private medical activities and private pharmaceutical activities.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Гулова Хуршеда Дилшодовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **lawyer290798@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Гулова Хуршеда Дилшодовна*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры уголовного права и противодействии коррупции. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **lawyer290798@mail.ru**

**Information about the author:** ***Gulova Khursheda Dilshodovna*** – Tajik national University, Ph.D doctoral student of the Department of Criminal law and Combating corruption. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17, E-mail: **lawyer290798@mail.ru**

ТДУ: 347.61/.64(575.3)

# САРЧАШМАҲОИ МУСУЛМОНӢ ВА ИМПЕРИЯВӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ

*Шарифӣ Дилбар Давлаталӣ*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Яке аз масъалаҳои муҳим дар раванди омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ масъалаи сарчашмаҳои ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ ба ҳисоб меравад. Дар ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ дар ҳудуди Тоҷикистон сарчашмаҳои мухталифи ҳуқуқӣ, ки дар ин самт нақши муҳим доранд, ҷудо карда мешаванд. Дар ин самт метавон сарчашмаҳои мусулмонӣ ва империвиро махсусан қайд намуд.

Ҳамин тариқ, яке аз сарчашмаҳои ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидани меъёрҳои исломӣ ба ҳаёт ва фаъолияти халқҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз аввалин меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳудуди Тоҷикистон шартнома байни ҳокимони араб ва ҳокимони маҳаллӣ ба ҳисоб мерафт [12,с.93]. Мувофиқи ин шартномаҳо, меъёрҳои исломӣ дар ҳудуди Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама, ба меъёрҳои андозбандӣ ва ҷиноятии ҳуқуқи исломӣ алоқаманд буданд. Дар шакли нисбатан бунёдкорона сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ дар доираи кодификатсияи сарчашмаҳои ибтидоӣ тасниф карда шудаанд, ки дар натиҷа ҳодисаҳо пайдо шуданд, ки пас аз Қуръон дорои неруи олии ҳуқуқӣ мебошанд.

Бо дарназардошти гуногунии меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ, дар ошкорнамоии мақоми ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои оилавӣ дар ислом ҷанбаҳои маънавию тарбиявӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва таърихиро ҷудо намудан зарур аст. Дар аксари асарҳо оид ба ҳуқуқи динӣ, ки дар Мовароуннаҳр навишта шуданд, на танҳо меъёрҳои шариат, балки расму оинҳои маҳаллӣ низ таҳқиқ гардида, роҳҳои ҳалли масъалаҳои оилавӣ дар асоси шароити зиндагӣ ва урфу одатҳои минтақа омӯхта шудаанд. Меъёрҳое, шариат оид ба муносибатҳои оилавӣ ва арзишҳои маҳаллӣ аз ҷиҳати маънии худ комил буданд, аз ин рӯ онҳо имрӯз низ истифода мешаванд Мафҳумҳое, ба монанди ризоият, таъминоти моддӣ, ниҳоди дахлнопазирии молу мулки зан (махр) ва огоҳӣ аз моҳияти масъулияти зану шавҳар, ки дар қонуни оилавии исломӣ зикр шудаанд, дар дарки муқаддасоти оила аҳаммияти бузург доранд [10,с.87].

Низоми ҳуқуқии исломӣ дар асоси меъёрҳои динӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар матнҳои муқаддас пешбинӣ шудааст, ташаккул ёфтааст. Таҳқиқотчиён оид ба ҳуқуқи исломӣ сухан ронда, ҳуқуқи анъанавии исломиро дар назар доранд, ки дар асоси дини ислом ташаккул ёфтааст. Гарчанде, дар шароити имрӯза дар аксарияти кишварҳои мусулмонӣ қонунҳои шариат сарчашмаи расмии ҳуқуқ ба ҳисоб намераванд, қонунҳои шариат дар шуури халқиятҳои мусулмон маҳфуз буда, иҷроиши қоидаҳои рафтор ва ташкили ҳаёт мувофиқи он ҳатмӣ ҳисобида мешавад [5,с.227].

Дар ислом, никоҳ кори хайр аст, ки ба ҳар як мусулмони болиғ иҷозат дода шудааст. Ба пайравони ислом тавсия дода мешавад, ки зан ва мард аз рӯйи синну сол ва мақоми иҷтимоӣ ба якдигар мувофиқ бошанд. Барои бастани никоҳ ризоияти падари зан зарур аст. Барои занони мусулмон бастани никоҳ бо намояндагони дигар динҳо манъ аст, лекин мардон метавонанд, ки бо намояндагони динҳои дигар ақди никоҳ кунанд.

Ҳуқуқи мусулмонӣ аз меъёрҳо ва принсипҳои муқарраргардидаи Ғарб тафовут дорад. Баробарии ҳамсаронро шарҳ додан барои нафаре, ки аз анъана ва муқаррароти Қуръон дур аст, душвор аст. Дар шариат мафҳуми "баробарии қадру қимат, ҳуқуқ ва масъулиятҳои гуногун" тасниф карда шудааст, ки мувофиқи он ҳам мард ва ҳам зан дар қадру қимати худ дар назди Худо баробар буда, шахсиятҳои комил ва якдигарро пурракунанда эътироф гардидаанд.

Манънамоии шариат дар муносибатҳои оилавӣ-никоҳӣ бо ҷиддияти худ нисбат ба занон тафовут дорад. Ин қоидаҳо бо мақсади ҳимояи пояҳои ислом ва таъмини ҳукмронии мард дар оила муқаррар гардидаанд. Ҳуқуқ ва масъулияти ҳамсарон ба таври дақиқ бо Қуръон танзим карда мешавад. Ба зан масъулияти нигоҳдории хонавода ва қонеънамоии талаботи фарзандон ва ҳамсар; ба мард масъулияти таъмини оила вогузор карда шудааст.

Тибқи фармудаҳои Қуръон, зан муваззаф аст, ки ба марди худ итоат кунад, ӯро эҳтиром кунад ва хоҳиши ӯро иҷро кунад ва шавҳар вазифадор аст, ки вазъи молиявии хонаводаро ба уҳда гирад. Ҳангоми издивоҷ мард бояд барои зан моликият (маҳр) ҷудо намояд [2,с.84]. "Маҳр яке аз ниҳодҳои асосии танзими ҳуқуқии байни ҳамсарон дар ҳуқуқи мусулмонӣ ба ҳисоб меравад.

Қайд намудан зарур аст, ки тартиботи ҳуқуқии молумулки шавҳар ва занро ҳуқуқи мусулмонӣ ба таври императивӣ муқаррар намудааст, яъне принсипи ҷудоият амал менамуд. Қайд намудан зарур аст, ки мувофиқи ҳуқуқи мусулмонӣ ҳуқуқи молу мулкии ҳамсарон ба таври ҷудогона муқаррар карда шудааст, аз ин хотир то инқилоби соли 1917 дар қаламрави кишварҳои Осиёи Марказӣ муносибатҳои ҳуқуқии ҳамсарон оид ба молу мулк дар асоси принсипи ҷудогонагии молумулк бунёд мегардид. Ба тартиботи ҷудогонагии молумулкӣ нигоҳ накарда, ҳуқуқи мусулмонӣ ба дӯши мард уҳдадории нигоҳубин намудани ҳамсарро вогузор намудааст.

Ҳамин тариқ, дар ҳуқуқи мусулмонӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ дар принсипи ҷудоияти молумулк, инчунин дар принсипи мустақилияти молумулкии зан дар никоҳ асос ёфтааст. Моҳияти тартиботи ҷудоияти молумулк дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад: новобаста аз вақт ва методи бадастории арзишҳо ё предмет, онҳо дар молу мулки ҳамсарон муттаҳид мешаванд, лекин ба таври ҳуқуқӣ ба ҳар як нафари ҳамсарон тааллуқ дорад. Ҳар яке аз ҳамсарон метавонанд ба молу мулки то давраи никоҳ ва ба он молу мулке, ки аз тарафи онҳо дар давраи никоҳ ба даст оварда шудааст, даъво намоянд. Дар чунин ҳолат шавҳар соҳибмулки предметҳои ҳамсар ба ҳисоб намеравад ва дар никоҳ ҳуқуқи идора намудани онҳоро надорад, ҳатто дар ҳолатҳое, ки агар ашё дар никоҳ бо воситаҳои молиявии шавҳар, лекин аз тарафи зан харидорӣ шуда бошад.

Дар ҳуқуқи зардуштия тартиботи молумулкӣ асосан тариқи шартнома муақаррар мегардид, ки дар он уҳдадорӣ ва масъулиятҳои ҳамсарон ҳам дар давраи никоҳ ва ҳам дар ҳолати талоқ баён мегардид. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки дар ҳуқуқи мусулмонӣ ва дар ҳуқуқи зардуштия ба шавҳар масъулияти нигоҳдории пурраи ҳамсар вогузор гардида буд [13,с.99].

Мард метавонад дар як вақт якчанд зан - то чор зан дошта бошад. Мард агар ногаҳон яке аз занҳояшро талоқ диҳад, дар иддаи зани собиқаш ҳақ надорад, ки духтари нав бигирад, агар онҳо ҳаққи барқарор кардани ақди никоҳ дошта бошанд. Аммо агар се талоқ шуда бошад, мард иҷозат дорад бо зани нав издивоҷ кунад [14,с.103].

Шавҳар ё судя, ки бо хоҳиши зан қарор қабул мекунад, ҳақ доранд талоқро эълон кунанд. Пас аз талоқ зан бояд то гузаштани идда дар хонаи шавҳар зиндагӣ кунад. Зану шавҳар пас аз ҷудошавӣ танҳо се маротиба ба никоҳ кардан ҳуқуқ доранд. Пас аз талоқи сеюм, онҳо метавонанд танҳо дар сурате дубора муттаҳид шаванд, ки духтар ба марди дигар издивоҷ карда, аз ӯ ҷудо шавад ва бо марди баргузидаи пештарааш дубора издивоҷ кунад. Ақди никоҳҳои сохта манъ аст.

Агар шавҳар тамоми вазифаҳояшро ба ҷо оварад, вале зан дигар нахоҳад, ки зани ӯ шавад, бояд ба ӯ товон бидиҳад ва бо ризоияти ӯ талоқ кунад. Агар мард ба вафодории ҳамсараш шубҳа дошта бошад, аммо барои тасдиқи ин хабар чаҳор шоҳид надошта бошад, ӯ ҳақ дорад дар додгоҳ бар матни Қуръон савганд бихӯрад. Зан низ метавонад иттиҳомоти ӯро рад кунад, то аз ҷазо худро канор бигирад.

Дар ислом никоҳ муқаддас эътироф гардида, оила дахлнопазир аст, муқаддасоти пайванди зану мард ҳифз карда мешавад ва зиндагии якҷояи зану мард бидуни никоҳ иҷозат дода намешавад. Чунин муқарририот мусулмононро аз муносибати бепарвоёна нисбат ба издивоҷ ва оила нигоҳ медорад. Дар шариати ислом талоқ танҳо дар ҳолатҳое иҷозат дода мешавад, ки минбаъд идомаи ҳаёти оилавӣ ва расидан ба ҳадафҳои он имконнопазир мегардад [4,с.114].

Дар маҷмуъ, дар таълимоти исломӣ оид ба муносибатҳои оилавӣ муносибати маънавию тарбиявӣ, иҷтимоию ҳуқуқӣ ва таърихиро талаб мекунад, ки бо омӯзиши асосҳои ташаккул, рушд ва таҳкими муносибатҳои оилавӣ ба даст меояд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки шарти асосӣ ва муқаддастарини бунёди оила дар ислом издивоҷ аст. Дар ислом ин масъала ҳамаҷониба омӯхта шудааст. Дар он шартхои ақди никоҳ, асосҳои эътирофи ҳақиқии ақди никоҳ, ҳуқуқу уҳдадориҳои зану

шавҳар, масъалаҳои ҷудошави муайян карда шудаанд. Ҳадафи асосии шартҳои зикршуда ташаккули муносибатҳои солиму покизаи издивоҷ мебошад. Муносибатҳои байни зану шавҳар на дар асоси вобастагии иқтисодию ҳуқуқии зан аз шавҳар ё шавҳар аз зан, балки дар асоси ёрии ҳамдигар, дастгирии ҳамдигар аз тарафи зану шавҳаре, ки ҳуқуқу ухдадориҳои баробар доранд, барпо карда мешаванд [4,с.117].

Дар ислом издивоҷ иттиҳоди ихтиёрии зану мард аст. Қонуни исломӣ қобилияти ҳуқуқии ҳар як шахсро дар назар дорад; Ҳар як шахсе, ки дарақди никоҳ қарор дорад, аз ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкӣ дар издивоҷ ва берун аз он истифода мебарад. Издивоҷ иттиҳоди муқаддас ва абадӣ буда, ҳадафи олии он таваллуд ва тарбияи фарзандон аст. Тамоми ҳуқуқ ва ухдадориҳои занон, ки аз муносибатҳои оилавӣ дар ислом бармеоянд, гарчанде ки онҳо ба қонунгузории муосир мувофиқат мекунанд, ҳамзамон як қатор хусусиятҳоро доранд, ки дар муносибатҳои молумулкӣ, аз қабили таъминоти моддӣ, маҳр, мерос зоҳир мешаванд.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи исломӣ аз оғози асри XVIII то асри XX дар ҳудуди имрӯҳаи Тоҷикистон мавқеи асосиро ишғол намуд. Рушди дини ислом ҳаёти иҷтимоӣ-маънавии оммаи мардумро фаро гирифта, ба анъанаҳои фарҳангӣ, миллӣ ва ҳуқуқӣ таъсир мерасонид. Гарчанде ҳуқуқи ислом ба минтақа аз тарафи арабҳо оварда шуда буд, олимони Мовароуннаҳр онро бо шароит ва анъанаҳои маҳаллӣ инкишоф доданд.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи исломӣ дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ баромад менамояд. Ҷанбаҳои алоҳидаи он, гарчанде дар қонунҳои ҷорӣ муқаррар нагардида бошанд ҳам, лекин аз тарафи оммаи мардум мавриди истифода қарор гирифтаанд ва дар таҳқиқи мносибатҳои оилавӣ дар шароити имрӯза мавқеи хосса доранд.

Дар нимаи дуюми асри XIX Россияи подшоҳӣ ҳудуди имрӯзи Осиёи Марказиро забт намуд ва дар ин ҳудуд генерал-губернатории Туркистон ташкил гардид, аморати Бухоро ва хонигарии Хева протекторати Россияи подшоҳиро эътироф намуданд. Ҳамроҳ гардидани ҳудуди Тоҷикистон ба Россияи подшоҳӣ ба рушди низоми ҳуқуқӣ ва қабули як қатор меъёрҳои ҳуқуқӣ таъсир расонидааст.

Кодекси ҷиноятии соли 1903 яке аз меъёрҳои асосии ҳуқуқӣ мебошад, ки дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ низ ба таври васеъ истифода карда мешуд. Маҷмуи қонунҳои Россияи подшоҳӣ, ки зери роҳбарии М.М. Сперанский аз соли 1832 омода гардида буд, дар ҳудуди Тоҷикистони муосир низ амал менамуд. Ҳамин тариқ, маҷмуи қонунҳои Россияи подшоҳӣ меъёрҳои ҳуқуқии умумӣ, инчунин меъёрҳои ҳуқуқии ба таври махсус барои генерал-губернатории Туркистон коркардшударо дар бар мегирифт. Ҳамин тариқ, дар ҳудуди Бухоро ва Туркистон, ки қисме аз онҳо ҳудуди Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт, дар оғози асри XX миқдори зиёди меъёрҳои ҳуқуқӣ истифода мегардиданд, ки дар байни онҳо ҷудо намудани меъёрҳои қонунгузорӣ ғайриимкон буд.

Таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки то таъсиси ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар ҳудуди онҳо Ҷумҳурии Автономии Туркистон мавҷуд буд, ки дар он меъёрҳои қонунгузории РСФСР, аз он ҷумла, Кодекс оид ба ҳолати шаҳрвандӣ ва ҳуқуқи оилавии соли 1918 бо як қатор тағйироту иловаҳо, ки хусусиятҳои миллӣ ва маҳаллиро ба инобат гирифта буд, амал менамуд. Кодекси мазкур аз 4 бахш, 17 боб, 246 модда иборат буд. Қайд намудан зарур аст, ки муқаррароти Кодекси мазкур барои ҳама кодификатсияҳои минбаъдаи ҳуқуқи оилавӣ ҳамчун замина истифода бурда шудааст. Ин Кодекс дар ҳудуди ҷумҳуриҳои иттифоқи Осиёи Марказӣ то қабул гардидани кодексҳои миллӣ мавриди истифода қарор гирифтааст [1,с.19].

Кодекси РСФСР аз соли 1918 баробарии ҳамсаронро дар муносибатҳои оилавӣ муқаррар намуда буд. Илова бар ин, Кодекси мазкур ҷудоии молумулкии ҳамсаронро дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкӣ муайян менамуд, ки ба таъмини баробарҳуқуқии ҳамсарон дар оила равона гардида буд. Яъне, мустақилии занон, новобастагии онҳо аз шавҳар дар муносибатҳои ҳуқуқии молумулкӣ муқаррар гардида буд. Г.М. Свердлов нисбат ба ин масъала чунин қайд намудааст: “Ин меъёр бар зидди нобаробарии занон, бар зидди тасаввуроти буржуазӣ, ки ҳукмронии шавҳарро дар тартиботи муносибатҳои молумулкии ҳамсарон тасдиқ менамуд, равона гардида буд” [8,с.75].

Лекин, дар чунин як шароит, ки занон дар аксарияти ҳолатҳо сарчашмаи мустақили даромад надоштанд, танҳо ба пешбурди корҳои хонаводагӣ ва тарбияи фарзандон машғул буданд, тартиботи ҷудоии молу мулки ҳамсарон, ки бо ҳуқуқи оилавӣ муқаррар гардида буд, занонро аз ҳуқуқ ба молу мулки оила бартараф менамуд. Илова бар ин, пас аз инқилоб музди меҳнат сарчашмаи ягонаи даромади ҳар як оила гардид, зеро ба даст овардани даромад аз дигар сарчашмаҳо ғайриимкон шуда буд [9,с.80]. Дар чунин ҳолат, зан ба ташвиши кӯдакон ва хонавода нигоҳ накарда, метавонист алментро дар шакли воситаҳои молиявӣ ба даст орад, ки на ҳамеша бомуваффақият ба анҷом мерасид [1,с.17].

Соли 1920, дар натиҷаи фаъолияти фаврии Армияи Сурх Аморати Бухоро ва Хонигарии Хева сарнагун гардида, дар ҳудуди онҳо Ҷумҳурии халқии советии Бухоро ва Ҷумҳурии Халқии Советии Хоразм таъсис дода шуданд. То ин лаҳза дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ҳуқуқи исломӣ, ҳамчун низоми ягонаи ҳуқуқӣ амал менамуд. Ҳамин тариқ, пас аз солҳои 1917-1920 Давлати Шуравӣ низоми нави ҳуқуқиро дар асоси принсипҳои қонунгузории рус мувофиқи стандартҳои умумӣ ба роҳ монд. Аз он ҷумла, Кодекси қонунҳо оид ба санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ, санадҳои меъёрӣ оид ба ҳуқуқи никоҳӣ, оилавӣ ва парасторӣ (1918) бунёд гардида буд. Бояд зикр намуд, ки ин марҳилаи аввали таҷрибаи болшевикон дар соҳаи муносибатҳои никоҳӣ ва оилавӣ ба ҳисоб мерафт.

Тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ ва таъсиси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Автономии Тоҷикистон дар соли 1924 оғози ташаккули низоми нави мақомоти давлатӣ, гузаронидани фаъолияти оммавии қонунэҷоднамоӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда гардид. Якумин меъёри ҳуқуқии мураттаб дар таърихи қонунгузории ин давра дар Тоҷикистон Маҷмуи қонунҳо ва фармонҳои Ҳукумати коргарону деҳқонони ҶШСА Тоҷикистон гардид. Маҷмуаи мазкур аҳолии ҷумҳурии автономиро бо қонунгузории амалкунанда шинос менамуд. Зеро аз рӯзҳои аввали мавҷудияти Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии автономӣ масъалаи шинос намудани оммаи меҳнаткашон бо қонунгузории ҷумҳурӣ пайдо гардида буд [11,с.3].

Қайд намудан бамаврид аст, ки меъёри мазкури қонунгузорӣ ҳамчун танзимгари ҳуқуқӣ дар ҳаёти халқи тоҷик падидаи нав ба ҳисоб мерафт. То барқарор намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар ҳудуди Осиёи Марказӣ танзимгари асосии муносибатҳои ҷамъиятӣ меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ ва ҳуқуқҳои муқаррарӣ, дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ, ки ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон дохил буд, қисман қонунгузории Россияи подшоҳӣ баромад менамуданд.

Ҳамин тариқ, сарчашмаҳои мусулмонӣ ва империявӣ ҳамчун сарчашмаи ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуда, ба ҳаёт ва фаъолияти халқҳои Осиёи Марказӣ таъсири амиқ расонидаанд.

**Муқарриз: н.и.ҳ., и.в. дотсенти ДДД - Қодирзода С.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Бошко В.И. Очерки советского семейного права / В.И. Бошко // Переработанные и дополненные В.А. Рясенцевым. -Киев, 1952. 372 с.
2. Брак и супружество в исламе / Пер. с араб. З. Арухова, Р. Гаджиева// Наш Дагестан. 1992. -№162. –С.84-97.
3. Буриев И.Б. История государства и права Таджикистана (от древнейших времен до начала XX века) / И.Б. Буриев. –Душанбе, 2007 -244 с.
4. Ислам. Религия, общество, государство / Сборник статей. Отв. редакторы П.А. Грязневич и С.М. Прозоров. -М., 1984. -230 с.
5. Керимов Г.М. Шариат. Закон жизни мусульман. – М.: «Леном», 1999. – С. 227.
6. Марченко М.Н. Источники права / М.Н. Марченко. -М., 2005. -230 с.
7. Нематов А. Правотворчество в Республике Таджикистан: Актуальные вопросы теории и практики. дисс. на соискание ученой степени доктора юрид. наук / А. Нематов. -М., 2013. 331 с.
8. Свердлов Г.М. Советское семейное право / Г.М. Свердлов. -М.: Государственное издательство юридической литературы, 1958. -385 с.
9. Слепакова А.В. Правоотношения собственности супругов / А.В. Слепакова. -М.: Статут, 2005. -288 с.
10. Сюкияйнен Л. Р. Мусульманское право. Вопросы теории и практики / Л.Р. Сюкияйнен. -М, 1986. -235 с.
11. Тахиров Ф.Т. «Собрание узаконений и распоряжений рабоче - дехканского Правительства Таджикской АССР» как юридический источник / Ф.Т. Тахиров // Государственная власть и защита прав личности в Республике Таджикистан: история и современность.- Душанбе: Сино, 1992. -С. 3-8.
12. Холиќов А.Г. Таърихи давлат ва њуќуќи Тољикистон / А.Г. Холиќов. -Душанбе, 2002. Љ 1. -304 с.
13. Халиков А.Г. Семейное право зороастризма (древнее право) / А.Г. Халиков. -Душанбе: Сарбоз, 2003. -118 с.

14. Цмай В.В. Регулирование семейно-брачных отношений мусульман правом личного статуса / В.В. Цмай. -СПб., 2000. –259с.

## САРЧАШМАҲОИ МУСУЛМОНӢ ВА ИМПЕРИЯВӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ

Дар мақолаи мазкур масоили сарчашмаҳои мусулмонӣ ва империявии танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар раванди омӯзиши меъёрҳои ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ масъалаи сарчашмаҳои ташаккул ва рушди ҳуқуқи оилавӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Яке аз сарчашмаҳои ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидани меъёрҳои исломӣ ба ҳаёт ва фаъолияти халқҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти гуногунии меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ, дар ошкорнамоии мақоми ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои оилавӣ дар ислом ҷанбаҳои маънавию тарбиявӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва таърихиро ҷудо намудан зарур аст. Низоми ҳуқуқии исломӣ дар асоси меъёрҳои динӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар матнҳои муқаддас пешбинӣ шудааст, ташаккул ёфтааст. Таҳқиқотчиён оид ба ҳуқуқи исломӣ сухан ронда, ҳуқуқи анъанавии исломиро дар назар доранд, ки дар асоси дини ислом ташаккул ёфтааст. Дар ҳуқуқи мусулмонӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ дар принсипи ҷудоияти молу мулк, инчунин дар принсипи мустақилияти молумулкии зан дар никоҳ асос ёфтааст. Дар маҷмуъ, дар таълимоти исломӣ оид ба муносибатҳои оилавӣ, муносибати маънавию тарбиявӣ, иҷтимоию ҳуқуқӣ ва таърихиро талаб мекунад, ки бо омӯзиши асосҳои ташаккул, рушд ва таҳкими муносибатҳои оилавӣ ба даст меояд. Тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ ва таъсиси Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Автономии Тоҷикистон дар соли 1924, оғози ташаккули низоми нави мақомоти давлатӣ, гузаронидани фаъолияти оммавии қонунэҷоднамоӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда гардид. Ҳамин тариқ, сарчашмаҳои мусулмонӣ ва империявӣ ҳамчун сарчашмаи ташаккули меъёрҳои ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуда, ба ҳаёт ва фаъолияти халқҳои Осиёи Марказӣ таъсири амиқ расонидаанд.

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи оилавӣ, муносибатҳои оилавӣ, меъёрҳои исломӣ, меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ, таълимоти исломӣ, сарчашмаи ҳуқуқ, сарчашмаи императивӣ, қонунгузорӣ, Кодекси оила, мустақилияти молумулкӣ.

## МУСУЛЬМАНСКИЕ И ИМПЕРСКИЕ ИСТОЧНИКИ В РЕГУЛИРОВАНИИ СЕМЕЙНО-ПРАВОВЫХ ОТНОШЕНИЙ

В данной статье рассматривается вопрос о мусульманских и имперских источниках регулирования семейно-правовых отношений. Автор отмечает, что в процессе изучения правовых норм семейных отношений вопрос об источниках становления и развития семейного права считается одним из важнейших.Одним из источников формирования правовых норм в правовой системе Республики Таджикистан является внедрение исламских норм в жизнь и деятельность народов Центральной Азии. Учитывая разнообразие норм исламского права, необходимо разделить духовно-воспитательный, социально-правовой и исторический аспекты раскрытия правового статуса участников семейных отношений в исламе. Исламская правовая система формируется на основе религиозно-правовых норм, закрепленных в священных текстах. Когда исследователи говорят об исламском праве, они имеют в виду традиционное исламское право, которое формируется на основе религии ислам. В мусульманском праве правоотношения строятся на принципе раздела имущества, а также на принципе имущественной самостоятельности женщины в браке. В целом, исламское учение о семейных отношениях требует духовного, образовательного, социального, правового и исторического подхода, который достигается путем изучения основ формирования, развития и укрепления семейных отношений. Национально-территориальное деление и образование Автономной Советской Социалистической Республики Таджикистан в 1924 году положили начало формированию новой системы государственных органов, осуществлению массовой законодательной деятельности и совершенствованию действующего законодательства. Таким образом, мусульманские и имперские источники выступили источником формирования правовых норм в правовой системе Республики Таджикистан и оказали глубокое влияние на жизнь и деятельность народов Центральной Азии.

**Ключевые слова:** семейное право, семейные отношения, исламские нормы, нормы исламского права, исламское учение, источник права, императивный источник, законодательство, семейный кодекс, имущественная независимость.

## MUSLIM AND IMPERIAL SOURCES IN THE REGULATION OF FAMILY LEGAL RELATIONS

This article examines the issue of Muslim and imperial sources of regulation of family legal relations. The author notes that in the process of studying the legal norms of family relations, the question of the sources of the formation and development of family law is considered one of the most important.One of the sources of the formation of legal norms in the legal system of the Republic of Tajikistan is the introduction of Islamic norms into the life and activities of the peoples of Central Asia. Taking into account the diversity of the norms of Islamic law, it is necessary to separate the spiritual, educational, socio-legal and historical aspects of disclosing the legal status of participants in family relations in Islam. The Islamic legal system is formed on the basis of religious legal norms enshrined in sacred texts. When researchers talk about Islamic law, they mean traditional Islamic law, which is formed on the basis of the religion of Islam. In Islamic law, legal relations are based on the principle of division of property, as well as on the principle of property independence of a woman in marriage. In general, Islamic teaching on family relationships requires a spiritual, educational, social, legal and historical approach, which is achieved by studying the foundations of the formation, development and strengthening of family

relationships.The national-territorial division and formation of the Autonomous Soviet Socialist Republic of Tajikistan in 1924 marked the beginning of the formation of a new system of government bodies, the implementation of massive legislative activity and the improvement of existing legislation.Thus, Muslim and imperial sources acted as a source of formation of legal norms in the legal system of the Republic of Tajikistan and had a profound influence on the life and activities of the peoples of Central Asia.

**Keywords:** family law, family relations, Islamic norms, norms of Islamic law, Islamic teachings, source of law, imperative source, legislation, family code, property independence.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарифӣ Дилбар Давлаталӣ* -** Донишгоҳи давлатии Данғара, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, муқовимат бо коррупсия ва терроризм. **Суроға:** 735320, ноҳияи Данғара, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Марказӣ, 25. Телефон: **(+992) 985055665**

**Сведения об авторе:** ***Шарифи Дилбар Давлатали* -** Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры уголовного права, противодействия коррупции и терроризму. **Адрес:** 735320, Дангара, Республика Таджикистан, улица Маркази, 25. Телефон: **(+992) 985055665**

**Information about the author:** ***Sharifi Dilbar Davlatali*** - Dangara State University, assistant of the Department of Criminal Law, Combating Corruption and Terrorism. **Address:** 735320, Dangara, Republic of Tajikistan, Markazi street, 25. Phone: **(+992) 985055665**

ТДУ: 341.9(575.3)

# АМАЛИ МЕЪЁРҲОИ КОЛЛИЗИОНӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ШАРТНОМАВӢ БО УНСУРИ ХОРИҶӢ

*Раҷабзода М.Н., Исматзода И.Б.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Танзими коллизионии муносибатҳои шартномавӣ яке аз масъалаҳои маркази ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба шумор меравад. Дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муносибатҳои шартномавӣ бо унсури хориҷӣ дар асоси аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ ба расмият дароварда мешаванд. Ҳангоми дар доктрина ё қонунгузорӣ истифода бурдани истилоҳи «аҳди иқтисодии хориҷӣ» ё «аҳди савдои хориҷӣ» шартномаҳои дар муомилоти байналмилалии тиҷоратиӣ басташаванда дар назар дошта мешаванд [6,с.8].

Аммо дар баробари истилоҳи «аҳди иқтисодии хориҷӣ» дар адабиётҳои ҳуқуқӣ масъалаи ба муомилот ворид намудани истилоҳоти дигар низ гузошта шудааст. Масалан, Г.К. Дмитриева ба муомилот мафҳуми «аҳди байналмилалии тиҷоратӣ»-ро ворид менамояд [7,с.364].

Н.Ю. Ерпилева дар асоси конвенсияҳои Гаагагӣ оид ба қонуни ягона дар бораи бастани шартномаҳои хариду фурӯши байналмилалии молҳо (ULFIS) ва оид ба қонуни ягона дар бораи хариду фурӯши байналмилалии молҳо (ULIS) аз соли 1964 истилоҳи «контракти байналмилалии тиҷоратӣ»-ро дастгирӣ менамояд [4,с.187]. Муаллифони «Курси ҳуқуқи байналмилалии савдоӣ» истилоҳи дигар: «аҳди байналмилалии савдоӣ»-ро пешниҳод менамоянд [12,с.138].

Ҳамчунин, кӯшиши кушодани мафҳуми истилоҳоти додашуда аз ҷониби муаллифони мазкур низ анҷом дода шудааст. Аз ҷумла, яке онро ҳамчун аҳде мефаҳмад, ки дар ҷараёни амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ байни тарафҳое, ки муассисаҳои тиҷоратиашон дар кишварҳои гуногун қарор дорад, баста шудааст [7] ва дигаре тахти мафҳуми он дилхоҳ аҳдеро ифода менамояд, ки ҳадди ақал робитаи ду кишварро ба воситаи ин ё он ҳолат нишон медиҳад ва аҳдеро, ки бо як давлат иртибот дорад, аҳди миллӣ ҳисоб менамояд [12]. Аммо аз мафҳумҳои додашуда чунин бармеояд, ки онҳо хусусияти умумӣ дошта, ҷиҳатҳои хосси аҳдҳои иқтисодии хориҷиро баён карда наметавонанд. Л.П. Ануфриева истилоҳи «аҳдҳои хусусияти байналмилалӣ дошта»-ро пешниҳод менамояд ва ба он «аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ», «аҳдҳои савдоии хориҷӣ», «аҳдҳои байналмилалии тиҷоратӣ» ва «аҳдҳои байналмилалии ғайритиҷоратӣ»-ро муттаҳид мегардонад [1,с.97]. Ба андешаи мо, пешниҳоди чунин истилоҳ ҳангоми бандубасти аҳд ҳамчун аҳди иқтисодии хориҷӣ ба мақсад мувофиқ набуда, бар замми ин ҷудо намудани аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ ба аҳдҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ба табиати ҳуқуқии онҳо созгор нест.

Бо такя ба қонунгузории кишвар дар адабиёти ватанӣ истилоҳи «аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ» истифода мегардад ва тахти ин мафҳум шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ (хариду фурӯш, пудрат, хизматрасонӣ, комиссия, супориш ва ғ.), ки бо унсури хориҷӣ мураккаб гардидаанд, дар назар дошта мешавад [10,с.99].

Дар муносибатҳои мазкур унсури хориҷӣ дар хориҷӣ будани тарафи аҳди иқтисодии хориҷӣ нисбат ба якдигар, дар хориҷи кишвар қарор доштани объекте, ки нисбати он муносибати ҳуқуқӣ байни иштирокчиёни аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ ба вуҷуд омадааст ва берун аз кишвар ба вуқуъ пайвастани факти ҳуқуқие (бастани аҳди иқтисодии хориҷӣ), ки боиси бавуҷудоии муносибатҳои байналмилалӣ-хусусӣ гардидааст, таҷассум мегардад.

Аммо қоидаи мазкур на ҳамеша нисбати аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ татбиқ карда мешавад, зеро чунин аҳдҳо дар муомилоти тиҷоратӣ баста шуда, дорои хусусиятҳои хосси худ мебошанд. Табиист, ки муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ байни шахсоне сурат мегирад, ки фаъолияти соҳибкориро ба роҳ монда, ҳадафи асосиашон ба даст овардани фоида аз иҷрои кор, расонидани хизмат ва фурӯши мол мебошад. Аз ин ҷо, хусусияти якуми аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби тарафҳои чунин аҳдҳо мебошад. Яъне, тарафҳои аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ ҳамеша соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие шуда метавонанд, ки ҳуқуқи машғул шудан ба

фаъолияти иқтисодии хориҷиро дошта бошанд.

Хусусияти дуюми аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ дар он мебошад, ки дар фарқият аз тарафҳои шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ тарафҳои аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ дар кишварҳои нисбати якдигар хориҷӣ қарор доранд.

Аломати мазкур дар санадҳои зиёди ҳуқуқии байналмилалӣ, аз қабили Конвенсияи Венагӣ оид ба шартномаҳои хариду фурӯши байналмилалии молҳо аз соли 1980, Конвенсияи СММ оид ба мӯҳлати даъво дар хариду фурӯши байналмилалии молҳо аз соли 1974, Конвенсияи Гаагагӣ оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ба шартномаҳои хариду фурӯши байналмилалии молҳо аз соли 1985 ва ғ. ҳамчун аломати мавқеъ гирифтани «ҷойи амалӣ гардонидани фаъолият (place of business)-и тарафҳои аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ) истифода гардидааст. Гарчанде мафҳуми «place of business» дар санадҳои номбаршуда кушода нашуда бошад ҳам, вале таҳти ин мафҳум асосан маҳалли доимии амалигардонии амалиёти корӣ, ё ба таври дигар маҳалли доимии ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ дар назар дошта шудааст.

Мафҳуми мазкур аз маҳалли бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқӣ, аниқтараш аз «миллияти» тарафҳои аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ вобастагӣ надорад. Зеро шартномае (аҳде), ки оид ба таъмини мол аз ҷониби шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давлати хориҷӣ ба ҳайси соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудааст, бо шахси ҳуқуқие, ки ба феҳристи ягонаи шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидааст, баста мешавад, ҳамчун аҳди иқтисодии хориҷӣ тавсиф дода мешавад, новобаста аз он ки «миллияти» ҳар ду тарафи аҳди иқтисодии хориҷӣ як хел аст. Чунин хусусият дар м. 166-и Асосҳои қонунгузории маданӣ аз соли 1991 низ вуҷуд дошт, ки он ба ҳайси яке аз вобастакуниҳои коллизионӣ нисбат ба намудҳои алоҳидаи аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ истифода бурда мешуд. Дар асоси он қонуни кишваре, ки тарафи дахлдор «ҷойи асосии фаъолият» дорад, нишон дода мешуд. Аз ин бармеояд ки барои ҳамчун аҳди иқтисодии хориҷӣ эътироф намудан зарур аст, ки тарафҳои аҳд дар кишварҳои гуногун маҳалли доимии фаъолияти соҳибкории худро дошта бошанд.

Масалан, яке аз тарафҳо соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқие мебошад, ки дар кишвари А қарор дорад ва тарафи дигар бошад, дар кишвари Б қарор дорад. Дар чунин ҳолат, албатта, онҳо ба тартиботи гуногуни ҳуқуқӣ тобеъ мебошанд.

Аз ин хотир, ҳар яке аз тарафҳои чунин навъи муносибатҳо бинобар хавфи нофаҳмо будан ва надонистани меъёрҳои ҳуқуқии низоми ҳуқуқии кишвари дигар, кӯшиш менамояд, то ба муносибатҳои шартномавӣ ҳуқуқи кишвари худ татбиқшаванда бошад. Аз ин ҷо, хусусияти сеюми аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ ба миён омадани зарурати муайян ё муқаррар намудани ҳуқуқи татбиқшаванда ба аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ мебошад.

Хусусиятҳои дар боло зикршуда аломатҳои асосии фарққунандаи аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ мебошанд. Ба ғайр аз ин, онҳо инчунин дорои аломатҳои иловагӣ ё факултативӣ низ мебошанд. Ба ҳайси чунин аломатҳо, одатан хусусиятҳои зерин баромад мекунанд: дар натиҷаи анҷом додани аҳди иқтисодии хориҷӣ объекти муомилоти тиҷоратӣ ҳамеша аз сарҳади гумрукӣ мегузарад ва мувофиқан нисбати он расмиёти гумрукӣ анҷом дода мешавад; ҳисоббаробаркунӣ дар байни иштирокчиёни аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ бо асъоре анҷом дода мешавад, ки ҳадди ақал барои яке аз тарафҳои он асъори хориҷӣ аст; аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ бо шартномаҳои байналмилалӣ (байнидавлатӣ) робита доранд; баҳсе, ки байни иштирокчиёни аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ ба вуҷуд меояд, аз ҷониби мақомоти доимоамалкунанда ва ё мақомоти якдафъаинаи арбитражҳои тиҷоратӣ ва ғ. баррасӣ карда мешавад. Аломатҳои асосӣ дар аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ ҳамеша вуҷуд доранд, аломатҳои факултативӣ бошанд, метавонанд мавҷуд бошанд ва метавонанд вуҷуд надошта бошанд.

Танзими ҳуқуқии аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ низ хусусиятҳои хосси худро дорад. Якум ин ки, дар муносибатҳои шартномавии маданӣ-ҳуқуқӣ дар фарқият аз аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ масъалаи интихоб намудани ҳуқуқи татбиқшаванда ба вуҷуд намеояд, зеро ба ҳайси он ҳамеша тартиботи ҳуқуқии ватанӣ баромад менамояд. Дувум ин ки, баҳсҳо аз рӯйи чунин аҳдҳо аз ҷониби судҳои дорои юрисдиксияи умумӣ (арбитражҳо (судҳои давлатие, ки ба истеҳсолоти судии баҳсҳои иқтисодӣ ё хоҷагидорӣ машғуланд), ё судҳои ҳакамӣ, ки тибқи қоидаи умумӣ ба категорияи мақомоти арбитражи байналмилалии

тиҷоратӣ дохил намешаванд, ҳангоми мавҷуд будани созишномаи дахлдор байни тарафҳо ва дар як вақт бо шарти дар қонун мавҷуд набудани талабот оид ба тобеияти истисноӣ ба судҳои давлатӣ нисбат ба категорияи мазкури парвандаҳо, баррасӣ карда мешаванд. Савум ин ки, аксар вақт реҷаи андозбандӣ нисбати аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ аз ҷиҳати имтиёз аз аҳдҳои дохилӣ фарқ менамояд. Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили гузаронидашуда аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ пурра бо хусусиятҳои худ тавсиф гардиданд, ки он ба дарк намудани ин институти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мусоидат менамояд.

Муқаррар намудани ҳуқуқи татбиқшаванда ба аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ яке аз масъалаҳои марказии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба шумор меравад, зеро қаблан огаҳӣ доштан аз он, ки кадом меъёрҳои ҳуқуқӣ ҳангоми бастан, иҷро ва аз ҳама асосӣ, ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳс дар доираи аҳди иқтисодии хориҷӣ татбиқ карда мешаванд, барои тарафҳои он манфиатовар мебошанд.

Азбаски ҳуқуқи моддии давлатҳои гуногун аз якдигар фарқ менамоянд, дар муносибатҳои байналмилалии тиҷоратӣ натиҷаи танзими дахлдори ҳуқуқӣ аксаран аз он вобастагӣ дорад, ки аҳди иқтисодии хориҷӣ ба кадом тартиботи ҳуқуқӣ тобеъ мебошад. Ҳаҷм ва ҳудуди ҷавобгарӣ тибқи аҳди иқтисодии хориҷӣ, боэътибории он ва умуман басташуда эътироф кардан ё накардан ва монанди инҳо аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки дар ҳар кишвар бо тартиби гуногун ҳал карда мешаванд.

Нишон додани ҳуқуқи татбиқшаванда дар аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ ё ба он ишора намудани меъёрҳои коллизионӣ бояд ҳамчун ҳавола ба ҳуқуқи моддии низоми ҳуқуқии кишвари дахлдор, ки он аз қонунгузории маданӣ, дигар қонунҳо ва санадҳои қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои дахлдори маданӣ-ҳуқуқӣ иборат мебошад, баррасӣ карда шавад (мазмуни қ. 1-и м. 1309-и КМ ҶТ), зеро дар сурати ҳавола ба ҳуқуқи коллизионӣ, ки аз маҷмуи меъёрҳои коллизионӣ иборат буда, танҳо муқарраркунандаи ҳуқуқи ба муносибатҳои дахлдор татбиқшаванда аст, танзими муносибатҳои шартномавии тарафҳо мумкин аст ба ҳуқуқи кишваре, ки меъёрҳои коллизиониаш ҳавола намудаанд, ё ҳуқуқи кишвари сеюм ҳавола карда шавад, ки ин ба манфиати иштирокчиёни аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ намебошад.

Масъалаи муқаррарнамоии ҳуқуқи татбиқшаванда ба аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки ба унификатсияи меъёрҳои коллизионӣ дар соҳаи ҳуқуқи татбиқшаванда бахшида шудаанд, аз ҷумла, дар Конвенсия оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ба шартномаҳои хариду фурӯши байналмилалии молҳо аз 22 декабри соли 1986, Конвенсияи байниамрикоӣ оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ба шартномаҳои байналмилалӣ аз соли 1994 ва ҳамчунин Конвенсияи Рим оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ба уҳдадориҳои шартномавӣ аз соли 1980 инъикоси худро ёфтааст.

Дар баробари санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ масъалаи мазкур бо қонунгузории миллии кишварҳои алоҳида, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба танзим даровarda шудааст. Аз ҷумла, моддаҳои 1333-1339-и КМ ҶТ, ки ба уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бахшида шудаанд, тартиби муайян намудани ҳуқуқи татбиқшавандаро ба чунин муносибатҳо муқаррар менамоянд.

Қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 1333-и КМ ҶТ) ва аксари кишварҳои ҷаҳон дар асоси созишномаи тарафҳо оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ба тарафҳо иҷозат медиҳанд, ки масъалаи мазкурро мустақилона ҳал намоянд, ки заминаи асосии он принсипи мухторияти ирода дар муносибатҳои шартномавӣ бо унсури хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Худи истилоҳи «созишнома дар бораи ҳуқуқи татбиқшаванда» шартӣ мебошад.* Дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки принсипи мухторияти ирода (lex voluntatis)-ро дар худ мустаҳкам намудаанд, оид ба санади интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда чун «интихоб» ва гоҳо «нишондод» зикр карда мешавад. Қонунгузории аксари кишварҳои ҷаҳон низ истилоҳи дар шартномаҳои байналмилалӣ овардашударо дастгирӣ намуда, ба худи созиши тарафҳо ном намегузоранд ва амали шахсони онро зикр менамоянд: «ҳуқуқе, ки ба он тарафҳо тобеъ гардониданд» (Куба, Эрон, Юнон), «ҳуқуқ

* Дар фасли VII-и КГ ҶТ барои баррасӣ кардани категорияи мазкур мафҳумҳои «интихоб», «созишномаи тарафҳо оид ба интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда», «созиши тарафҳои шартнома дар хусуси татбиқи ҳуқуқ» истифода бурда шудааст.

тибқи ирода ва нияти тарафҳо» (Кореяи Ҷанубӣ, Тайланд), ва ғ. Ба истилоҳи «созишнома» қонунгузории ИМА, Италия, кишварҳои ИДМ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ. такя менамоянд. Дар ҳар сурат, новобаста аз он ки категорияи мазкур чи гуна ном бурда мешавад, онро ҳамчун созиши тарафҳо дар мавриди ҳуқуқи татбиқшаванда донистан мумкин аст [8,с.49].

Чунин созиш мумкин аст бо мувофиқаи тарафҳо ҳамчун яке аз шартҳо дар шартнома ҷой дода шавад, вале оё ҷой додани муқаррарот дар бораи ҳуқуқи татбиқшаванда дар шартнома ҳатмӣ мебошад? Албатта не, зеро дар мавриди набудани созиши тарафҳо ҷиҳати муқаррар намудани ҳуқуқи татбиқшаванда шартнома басташуда буда, боэътибор ҳисобида мешавад ва ба чунин созиш ҳатто пас аз бастани шартнома низ омадан мумкин аст (қ. 4-и м. 1333-и КМ ҶТ).

Агар тарафҳои аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ мустақилона ҳуқуқи татбиқшавандаро интихоб накарда бошанд, он дар асоси меъёрҳои коллизионии дар қонунгузорӣ мустаҳкамгардида муқаррар карда мешавад. Аз ҷумла, қ. 32-и м. 1334-и КМ ҶТ ҳуқуқи татбиқшавандаро барои 19 номгӯйи аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ дар мавриди мавҷуд набудани интихоби ҳуқуқ аз ҷониби тарафҳо пешбинӣ намудааст, аз ҷумла дар шартномаи хариду фурӯш – ҳуқуқи кишвари фурӯшанда; дар шартномаи ҳадя – ҳуқуқи кишвари ҳадякунанда; дар шартномаи иҷора – ҳуқуқи кишвари иҷорадеҳ ва ғ. Аммо дар меъёри моддаи мазкур на ҳама аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ номбар гардидаанд ва мувофиқан нисбати дигар аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ татбиқ намудани он ғайриимкон аст. Пас чӣ бояд кард? Агар ҳуқуқи татбиқшаванда муқаррар карда нашавад, танзими минбаъдаи муносибатҳои шартномавӣ низ номумкин мегардад. Барои ҳалли мушкилоти мазкур дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ принсипи робитаи нисбатан зич ташаккул ёфтааст ва қонунгузории миллӣ низ онро дар худ мустаҳкам намудааст. Аз ҷумла, мувофиқи мазмуни қ. 2-и м. 1306-и КМ ҶТ ҳангоми ғайриимкон будани муайяннамоии ҳуқуқи татбиқшаванда ба муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқии бо унсури хориҷӣ мураккабгардида ҳуқуқи нисбатан робитаи зичдошта татбиқ карда мешавад.

Принсипи мазкур дар муносибатҳои шартномавие, ки аз аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ бармеоянд, ҳуқуқи нисбатан робитаи зичдоштаро муайян кардааст, ки он ҳуқуқи кишвари тарафе эътироф карда мешавад, ки таъсис ёфтааст, истиқоматгоҳ дорад ва ҷойи асосии фаъолияти он мебошад ва иҷрои дорои аҳаммияти ҳалкунандаро барои ҳамин гуна шартнома анҷом медиҳад.

Масалан, агар тарафҳо шартномаи лизинги байналмилалӣ, ки яке аз аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ мебошад, банданд ва ҳуқуқи татбиқшавандаро интихоб накунанд, илова бар ин шартномаи мазкур дар қатори номгӯе, ки қ. 1-и м. 1334-и КМ ҶТ муқаррар намудааст, вуҷуд надорад, дар чунин ҳолат суд ё мақоми дигари ҳуқуқтатбиққкунандаро мебояд дар асоси принсипи робитаи нисбатан зич ҳуқуқи татбиқшавандаро муқаррар намоянд. Чуноне ки маълум аст, дар шартномаи мазкур амали лизингдеҳ – ба даст овардани ашё аз харидор ва ба иҷораи молиявӣ пешниҳод намудани он ба лизинггир барои иҷрои шартнома аҳаммияти ҳалкунандаро доро мебошад. Аз ин бармеояд, ки ҳуқуқи кишвари лизингдеҳ ба муносибатҳои мазкур робитаи нисбатан зичтар дорад. Ҳамин тавр, ҳангоми набудани созиши тарафҳо оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ҳуқуқи кишвари лизингдеҳ ҳамчун ҳуқуқи ба муносибатҳои мазкур татбиқшаванда муқаррар карда мешавад.

**Муқарриз: н.и.ҳ, дотсенти ДМТ- Мирзоев А.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Ануфриева Л.П. Международное частное право: В 3-х т. Том 2. Особенная часть. -М.: Изд-во БЕК, 2000. -С. 97.
2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005, №3Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 3. аз 1-уми марти соли 2005. –Душанбе, 2005, боби 60, мод. 1165. Қ.2.
3. Ғаюров Ш.К. Оид ба баъзе муаммоҳои дар таҳрири нав таҳия намудани Кодекси граждании ҶТ (Тақриз ба мақолаи Сулаймонов Ф. «Кодекси гражданӣ ё Кодекси маданӣ?») / Ш.К. Ғаюров // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2013. – №3 (03). -С. 147.
4. Ерпылева Н.Ю. Международное частное право: Учебник / Н. Ю. Ерпылева М., 2004. -С. 187.
5. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1) аз 24 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Манбаи электронӣ]: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 25 апрели соли 2024).

6. Мирзоев А.М. Аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ: масоили назариявӣ. Монография / А.М. Мирзоев. -Душанбе: Эр-граф, 2017. -С. 8.
7. Международное частное право: Учебник / Отв. ред. Г.К. Дмитриева. М., 2004. С. 364.
8. Мирзоев А.М. Применимое право в договорных отношениях с иностранным элементом. Монография / А.М.Мирзоев. -Душанбе: Типография Таджикского национального университета, 2015. -С. 49.
9. Международное частное право: Учебник / Отв. ред. Г.К. Дмитриева. М., 2004.
10. Сулаймонов Ф.С. Международное частное право: комментарий к разделу VII Гражданского кодекса Республики Таджикистан / Ф.С. Сулаймонов; под ред.д.ю.н., проф. Ш.М. Менглиева. -Душанбе: Истеъдод, 2011. -С. 99.
11. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ: Воситаи таълимӣ // Муҳаррирони масъул: н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Раҷабов М.Н. ва н.и.ҳ., дотсент Мирзоев А.М. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2018. – С. 129.
12. Тынель А. Курс международного торгового права / А.Тынель, Я. Функ, В. Хвалей. -2-е изд. -М., 2000. -С. 138.


## АМАЛИ МЕЪЁРҲОИ КОЛЛИЗИОНӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ШАРТНОМАВӢ БО УНСУРИ ХОРИҶӢ


Дар мақолаи мазкур амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои шартномавӣ бо унсури хориҷӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав заминаи мусоиди ҳуқуқиро барои рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, махсусан рушди бахши ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ фароҳам овард. Муаллиф бо истифода аз адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ масъалаи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода, мубрамияти мавзуи мазкурро муайян намудааст.



**Калидвожаҳо:** меъёрҳои коллизионӣ, қонунгузории мадании, адабиёти ҳуқуқӣ, ҳуқуқи маданӣ, шахси воқеӣ, шахси ҳуқуқӣ, қобилияти ҳуқуқдорӣ, қобилияти амалкунӣ, ҳуқуқи татбиқшаванда.


## ДЕЙСТВИЕ КОЛЛИЗИОННЫХ НОРМ ПРИ РЕГУЛИРОВАНИИ ДОГОВОРНЫХ ОТНОШЕНИЙ С ИНОСТРАННЫМ ЭЛЕМЕНТОМ


В данной статье авторами проанализировано действие коллизионных норм при регулировании договорных отношений с иностранным элементом. Принятие новой редакции Гражданского кодекса Республики Таджикистан стало благоприятной правовой основой для развития общественных отношений, особенно развития сектора международного частного права. Используя юридическую литературу и законодательство, автор проанализировал данный вопрос и определил важность данной темы.



**Ключевые слова:** коллизионное нормы, гражданское законодательство, юридическая литература, гражданские права, физическое лицо, юридическое лицо, правоспособность, способность действовать, применимое право.


## THE EFFECT OF CONFLICT OF LAWS RULES WHEN REGULATING CONTRACTUAL RELATIONS WITH A FOREIGH ELEMENT


In this article the effect of conflict of laws rules when regulating contractual relations with a foreigh element**.** The adoption of the new version of the Civil Code of the Republic of Tajikistan became a favorable legal basis for the development of public relations, especially the development of the private international law sector. Using the legal literature and legislation, the author analyzed this issue and determined the importance of this topic.



**Keywords:** conflict of laws rules; civil law; legal literature; civil rights; individual; entity; legal capacity; ability to act; applicable right



**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Раҷабзода Маҳмадёр Носир*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17

***Исматзода Исматулло Бобохуҷа*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 988-18-18-12**

**Сведения об авторах:** ***Раджабзода Махмадёр Носир*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры международного права. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17

***Исматзода Исматулло Бобохуджа*** **-** Таджикский национальный университет, юридический факультет, ассистент кафедры международного права. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 988-18-18-12**

**Information about authors:** ***Rajabzoda Mahmadyor Nosir*** **-** Rector of the Pedagogical Institute of Tajikistan in the Rasht district, candidate of law, associate professor of the department of international law of the law faculty. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17

***Ismatzoda Ismatullo Bobokhuja*** **-** Tajik national university, faculty of law, assistant of international law **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 988-18-18-12**

**ТДУ: 343.2/.7(575.3)**

# ХУСУСИЯТҲОИ ОБЪЕКТИ ТАЙЁР КАРДАН Ё БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ ПУЛ Ё КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ (СОХТА)

*Исматов Р.А.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар адабиётҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ зери мафҳуми объекти ҷиноят одатан муносибатҳои ҷамъиятии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшавандае фаҳмида мешаванд, ки ба онҳо кирдори барои ҷамъият хавфнок зарар мерасонад ё зери таҳдиди расонидани зарар қарор медиҳад [22,с.218].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ барои мушаххас намудани объекти ҷиноят бештари олимон аз таснифоти чорунсура (объекти умумӣ, объекти хелӣ, объекти намудӣ ва объекти бевосита) истифода мебаранд [20,с.448]. Қисми махсуси КҶ ҶТ низ вобаста ба чунин таснифоти объекти ҷиноят ба фасл, боб ва моддаҳои алоҳида ҷудо карда шудааст.

Вобаста ба ин таҳлили хусусиятҳои объекти ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз рӯйи таснифоти мазкур ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар фасли XI "Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт" ҷойгир шудааст. Бинобар ин, ба андешаи олимон, ба сифати объекти хелии ин гурӯҳи ҷиноятҳо "муносибатҳо дар соҳаи иқтисодиёт" [12,с.201] баромад менамоянд. М.Ҷ. Раҳмонзода баён медорад, ки объекти хелии ҷиноятҳои мазкурро "бо дарназардошти фасли XI КҶ ҶТ муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт муқаррар кардан мумкин аст, ки онхо ба истехсолот, мубодилот, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддию ғайримоддӣ равона карда шудаанд", эътироф намудан мумкин аст [14,с.182].

Вобаста ба объекти намудии ҷиноятҳои мазкур андешаҳои гуногун ҷой доранд.

Масалан, В.Е.Мелникова объекти намудии ҷиноятҳои баррасишавандаро гурӯҳи муносибатҳои якхелаи бо ҳам алоқаманд мешуморад, ки дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд [18,с.178].

Б.В. Ятселенко чунин мешуморад, ки объекти намудии ҷиноятҳои иқтисодӣ - ин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар вақти муайян кардани фаъолияти муътадили иқтисодӣ, ҳангоми истифода, мубодила, тақсимот ва истеъмоли маҳсулот ба миён меоянд [17,с.143]. Б.В. Воженкин "низоми муносибатҳои ҷамъиятии аз тарафи давлат ҳифзшавандаеро, ки дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ дар ҷамъият ба вуҷуд омада, ба инкишофи иқтисоди бозоргонӣ равона шудаанд" ба сифати объекти намудии ин ҷиноятҳо муайян кардааст [3,с.76-77].

Н.А. Лопашенко чунин меҳисобад, ки объекти намудӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ муносибатҳои ҷамъиятие ҳисоб мешаванд, ки бо амалӣ намудани принсипҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ алоқаманд мебошанд. Ба сифати чунин принсипҳо фаъолияти озоди иқтисодӣ, амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ дар асоси қонун, рақобати бовиҷдонона, бовиҷдонии субъектони фаъолияти иқтисодӣ, манъи шаклҳои криминалии рафтор дар фаъолияти иқтисодӣ баромад мекунанд [10,с.214-217].

Л.Д. Гаухман объекти ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодиро "муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи фаъолияти иқтисодӣ мешуморад, ки маҷмуи ҳама зинаҳои ҷамъиятии истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмоли неъматҳои моддӣ ва дигар неъматҳоро дар назар дорад" [4,с.16-17].

И.А. Клепиский ба сифати объекти намудии ҷиноятҳои хоҷагидорӣ хоҷагии халқро ҳамчун маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи истеҳсол, тақсимот ва истеъмоли арзишҳои молумулкӣ баррасӣ менамояд, ки манфиатҳои молумулкии инсон, ҷомеа ва давлатро таъмин месозанд, инчунин тавозуни оқилона дар амалӣ намудани ин манфиатҳо [9,с.48].

Таҳлили андешаҳои зикршуда оид ба мазмуни объекти намудӣ ба мо имкон медиҳад, ки объекти намудии ҷиноятҳои боби 27 муайяншударо ҳамчун тартиби бо қонунгузории

амалкунанда муқарраршудаи амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ, фаъолияти иқтисоди беруна ва дигар фаъолияти иқтисодӣ муайян намоем.

Объекти бевосита муносибатҳои ҷамъиятие ба ҳисоб мераванд, ки бо меъёрҳои мушаххаси Қисми махсуси КҶ ҶТ ҳифз карда мешаванд. Объекти бевосита бо номгузории моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ мувофиқат менамояд [8,с.165-166].

Таҳлили адабиётҳои ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки нисбати мавқеи таркиби ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар низоми ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, инчунин объекти бевоситаи он якчанд нуқтаҳои назари аз ҳам фарққунанда баён шудааст.

Чунончи, Н.А. Лопашенко сохтакории маблағои пулиро ба таҷовуз ба муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба амалӣ намудани манъи шаклҳои криминалии рафтор дар фаъолияти иқтисодӣ мансуб медонад. А.А. Аслаханов тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро ба сифати яке аз кирдорҳои дар соҳаи мубодила содиршаванда баррасӣ менамояд [1,с.27-28]. Ба андешаи И.В. Шишков ҷинояти мазкур ба муносибатҳо дар соҳаи эмиссия ва муомилоти пулӣ, қоғазҳои қиматнок ва ҳуҷҷатҳои пардохт таҷовуз меоваранд [6,с.6-7].

Як қатор муаллифон ба сифати объекти сохтакории маблағҳои пулӣ тартиби муқарраршудаи муомилоти пулӣ ё қоғазҳои қиматнокро нишон медиҳанд [2,с.91].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ то андозае ақидае низ паҳн шудааст, ки мутобиқи он объекти бевоситаи сохтакории маблағҳои пулӣ муносибатҳои ҷамъиятие эътироф мешаванд, ки функсияи муътадили низоми пуливу қарзиии давлат [21, с.309] ё манфиатҳои молиявии онро таъмин менамоянд [19, с.474]. Масалан, ба андешаи Ясинов, объекти ҷиноятҳои бо сохтакории маблағҳои пулӣ алоқаманд маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие ҳисоб мешаванд, ки ҳангоми ташкили муомилоти пуливу қарзии давлат ба вуҷуд омада, дар натиҷаи содиршавии он нақши ҷамъиятӣ, сифати пул тағйир ёфта, даромади миллӣ коста мегардад ва қатъшавии робитаҳо дар муомилоти пулии байналмилалӣ сурат мегирад [24,с.73].

Ба андешаи мо, ба сифати объекти бевоситаи м.281 КҶ ҶТ низоми молиявии давлат дар қисмати эмиссия ва муомилоти пулӣ ва қоғазҳои қиматнок баромад менамояд. Низоми молиявӣ дар мазмуни васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад. Дар мазмуни васеъ ин маҷмуи соҳаҳои нисбатан алоҳида ва дар як вақт бо ҳам алоқаманд ва унсурҳои муносибатҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад. Дар мазмуни маҳдуд ин маҷмуи институтҳои молиявие мебошад, ки фаъолияти молиявиро амалӣ намуда, ҳар яки он барои ташкил ва истифодаи фондҳои пулии дахлдор мусоидат менамоянд[16,с.21].

Мувофиқи андешаи дигар низоми молиявӣ низоми муассисаҳои молиявии давлат ба ҳисоб меравад.

Муносибатҳои ҷамъиятии бо муомилоти пулӣ ва қоғазҳои қиматнок алоқаманд ҷараёни эмиссияи маблағҳои нақд ва қоғазҳои қиматнок, инчунин ташкили муомилоти онҳо ва аз муомилот берун намуданро дар ҳудуди ҶТ дар бар мегиранд. Ин ҷараён тавассути як қатор санадҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла КМ ҶТ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бозори қоғазҳои қиматнок” аз 26 июни 2011, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бонки миллии Тоҷикистон” аз 26 июни 2011, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” аз 13 июни 2013 ва ғайра ба танзим дароварда шудааст.

Мутобиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бонки миллии Тоҷикистон” пули миллӣ сомонӣ аст (м.2).

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” принсипҳои дар ҳудуди ҶТ амалӣ намудани амалиётҳо бо арзишҳои асъорӣ, инчунин назорати давлатиро аз болои оқилона истифода намудани арзишҳои асъорӣ ва иҷрои уҳдадориҳо дар назди давлат муқаррар месозад. Мутобиқи м.10 Қонуни мазкур, “Ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани асъори хориҷии нақд ва коғазҳои қиматноки бо асъори хориҷӣ дар шакли ҳуҷҷатӣ ифодаёфта аз ҷониби резидентҳо ва ғайрирезидентҳо бе маҳдудият бо риояи талаботи қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад”.

Ҳамин тавр, муомилоти пулии давлатро ки тавассути қонунгузорӣ ташкил ва батанзим дароварда мешавад мумкин аст ҳамчун низоми пулии давлат баршумурд [7,с.58].

Мутахассисон бар он андешаанд, ки низоми пулии дилхоҳ давлати дорои унсурҳои зерин мебошад:

1. Номи воҳиди пулӣ. Ин унсури низоми пулӣ одатан таърихан ташаккул меёбад, аммо дар баъзе ҳолатҳо (масалан, дар давраи инқилоб) давлат метавонад номи нави воҳиди пулиро муқаррар кунад.

2. Намудҳои нишонаҳои пулӣ, тартиби эмиссияи нишонаҳои пулӣ. Он тартиби ба муомилот баровардани пул ва аз муомилот баровардани онро ифода мекунад. Барориши пули нақд тавассути марказҳои ҳисоббаробаркунӣ ва кассавии бонки марказӣ сурат мегирад. Гирифтани пули нақд ҳангоми супоридани пули нақд ба марказҳои ҳисоббаробаркунӣ ва кассавӣ аз ҷониби бонкҳо сурат мегирад.

3. Тартиби таъмини нишонаҳои пулӣ. Қонунгузорӣ муқаррар мекунад, ки ҳамчун таъминкунанда метавонанд арзишҳои молӣ, тилло ва металлҳои қиматбаҳо, асъори озодона конвертатсияшаванда, коғазҳои қиматнок, кафолатҳои Ҳукумат, бонкҳо ва дигар ташкилотҳо ва ғайра баромад намоянд.

4. Танзим ва ташкили муомилоти пулӣ.

5. Қурби асъори миллӣ, тартиби мубодилаи он ба асъори хориҷӣ [13,с.67].

Ҳамин тавар, объекти бевостаи ҷинояти дар м.281 КҶ ҶТ муқарраршуда муносибатҳои молиявӣ ҳисоб мешаванд, яъне тартиби эмиссия ва муомилоти пулӣ ва қоғазҳои қиматнок.

Кирдори ғайриқонунии баррасишаванда ба тартиби муқарраршудаи:

- эмиссия ва муомилоти пули миллӣ;
- барориш ва муомилоти коғазҳои қиматноки давлатӣ;
- барориш ва муомилоти дигар коғазҳои қиматноки Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- эмиссияи асъори миллии худ аз ҷониби дигар давлатҳо ё гурӯҳи давлатҳо оид ба асъори байналмилалӣ (масалан, евро) ва гардиши онҳо дар қаламрави ҶТ;
- барориши коғазҳои қиматнок бо асъори хориҷӣ ва муомилоти онҳо дар қаламрави ҶТ.

Баъзе муаллифон чунин меҳисобанд, ки объекти бевоситаи иловагии сохтакории маблағҳои пулӣ муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи ҳуқуқҳои молумулкии шахсони маблағҳои пулӣ ё қоғазҳои қиматноки қалбакиро бадастоваранда ба ҳисоб мераванд [11]. Ба ин Б.В. Волженкин розӣ нашуда, баён медорад, ки таркиби ҷинояти м.186 КҶ ФР (м.281 КҶ ҶТ) расонидани зарарро ба муносибатҳои моликиятӣ пешбинӣ намекунад [3,с.519].

Ба андешаи Одонсева, сохтакории маблағҳои пулӣ ҷинояти мураккаб буда, дар як вақт ба якчанд объекти бевосита зарар мерасонад ё зери таҳдиди расонидани зарар қарор медиҳад. Дар натиҷаи сохтакории маблағҳои пулӣ ҳам ба низоми пулӣ-қарзӣ ва ҳам ба муносибатҳои моликиятӣ зарар расонида мешавад [12,с.55].

С.Скляров низ чунин баён менамояд: маблағҳои пулии қалбакиро ба соҳибияти каси дигар дода истода, шахс муносибатҳои моликиятиро низ халалдор месозад, ки чунин зоҳир мешаванд:

- дар ғайриқонунӣ ройгон ситонидан ё ба фоидаи худ табдил додани молу мулки ғайр бо истифода аз фиреб ё суиистифода аз боварӣ;
- дар расонидани зарари молумулкӣ ба молик ё соҳиби дигари молу мулк;
- дар содир намудани ҳаракатҳои қасдона бо мақсади ғаразнок.

Аз ин ҷо ҳангоми ба соҳибияти каси дигар додан бо як ҳаракат ду ҷиноят содир мешавад: ғайриқонунӣ ба соҳибияти каси дигар додани пулҳои қалбакӣ ва тасарруф дар шакли қаллобӣ [15].

Вобаста ба ин, агар объекти бевоситаи сохтакории маблағҳои пулӣ низоми молиявии давлат дар қисмати эмиссия ва муомилоти пулӣ ва қоғазҳои қиматнок ҳисоб шавад, пас ба сифати объекти иловагӣ муносибатҳои моликиятӣ баромад менамоянд.

Дар ҳолате ки ба объекти иловагӣ дар ҷараёни таҷовуз зарари воқеӣ расонида нашуда, танҳо таҳдиди фаро расидани он ба вуҷуд меояд, ҳаракатҳои гунаҳгор ба ин

нигоҳ накарда таркиби хотимаёфтаи ҷинояти м.281 КҶ ҶТ-ро ташкил медиҳад, чунки ба объекти бевосита аллакай зарар расонида шудааст.

Ҳамин тавр, хусусиятҳои объекти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро баррасӣ намуда, ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

-объекти хелии ҷинояти мазкур муносибатхои ҷамъиятӣ дар сохаи иқтисодиёт ба ҳисоб мераванд, ки онхо ба истеҳсолот, мубодилот, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои моддию ғайримоддӣ равона карда шудаанд; объекти намудии он тартиби бо қонунгузории амалкунанда муқарраршудаи амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ, фаъолияти иқтисоди беруна ва дигар фаъолияти иқтисодӣ ба шумор меравад; объекти бевоситаи м.281 КҶ ҶТ низоми молиявии давлат дар қисмати эмиссия ва муомилоти пулӣ ва қоғазҳои қиматнок ба ҳисоб меравад.

Ба сифати объекти иловагии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) муносибатҳои моликиятӣ баромад менамоянд.

**Муқарриз: н.и.ҳ., дотсенти ДМТ – Раҳмонзода М.Ҷ.**

**АДАБИЁТ**


1. Аслаханов А.А. Проблемы борьбы с преступностью в сфере экономики (криминологический и уголовно-правовой аспекты): автореф. дис… д-ра юрид. наук / А.А. Аслаханов. -М., 1997. – 49 с.
2. Волженкин Б.В. Преступления в сфере экономической деятельности (экономические преступления) / Б.В. Волженкин. -СПб., 2002. – 641 с.
3. Волженкин Б.В. Преступления в сфере экономической деятельности по уголовному праву России / Б.В. Волженкин. -СПб., 2007. – 765 с.
4. Гаухман Л.Д. Преступления в сфере экономической деятельности / Л.Д.Гаухман, С. В. Максимов. -М., 1998. - 293 с.
5. Голубева О.Н. Финансовое право / О.Н. Голубева. -2001. -№7. - С. 14 -18.
6. Горелик А.С. Преступления в сфере экономической деятельности и против интересов службы в коммерческих и иных организациях / А.С. Горелик, И.В. Шишко, Г.Н. Хлупина. -Красноярск, 1998. -200 с.
7. Деньги, кредит, банки: Учебник / Под ред. О.И. Лаврушина. -М.: Финансы и статистика, 2003. – 459 с.
8. Иванов Н.Г. Уголовное право. Общая часть. Учебник для академического бакалавриата / Н.Г. Иванов. – М., 2016. – 559 с.
9. Клепицкий И.А. Система хозяйственных преступлений / И.А. Клепицкий. -М., 2005. – 570 с.
10. Лопашенко Н.А. Преступления в сфере экономики: Авторский комментарий к уголовному закону (раздел VIII УК РФ) / Н.А. Лопашенко. -М., 2006. - С. 214 - 217.
11. Максимова И.Е. Изготовление или сбыт поддельных денег или ценных бумаг (фальшивомонетничество): криминологический и уголовно-правовой аспекты: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / И.Е. Максимова. -Владивосток, 2005. - 28 с.
12. Образцова Н.В. Уголовная ответственность за изготовление или сбыт поддельных денег или ценных бумаг: дисс…канд. юрид. наук / Н.В. Образцова. -М., 2005. – 201 с.
13. Постатейный комментарий к Федеральному закону от 10 июля 2002 г. № 86-ФЗ «О Центральном банке Российской Федерации (Банке России)» / Под ред. Г.А. Тосунян, А.Ю. Пикулина. М.: Дело, 2003. – 495 с.
14. Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ...ном. илм. Ҳуқуқ / М.Ҷ.Раҳмонзода. -Душанбе, 2020. – 182 с.
15. Скляров С. Как квалифицировать последствия сбыта поддельных денег и ценных бу- маг / С. Скляров. -М.: Российская юстиция. № 10, октябрь 2002г.
16. Тосунян Г. А. Государственное управление в области финансов и кредита в РФ. Уч. Пособие / Г.А. Тосунян. -М., 1997. - 302 с.
17. Уголовное право России. Особенная часть. Учебник / Под ред. А.И. Рарога. - М., 1996. – 559 с.
18. Уголовное право РФ. Особенная часть. / Под. Ред. Здравомыслова Б.В. М. 1996. – 550 с.
19. Уголовное право. Общая и Особенная части: учебник / под ред. М.П. Журавлева, СИ. Никулина. М.: Норма, 2004. - 784 с.
20. Уголовное право. Общая часть. Учебник для бакалавров / Отв. ред. А.Н. Тарбагаев. – М., 2016. – 448 с.
21. Уголовное право. Особенная часть: учебник / под ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамовой, Г.П. Новоселова. -М.: Норма-Инфра-М, 1998. – 768 с.
22. Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Раҳимзода Р.Ҳ., Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе, 2019. – 218 с.
23. Шарипов Т.Ш. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ) / Т.Ш. Шарипов ва дигарон. – Душанбе, 2020. – 223 с.
24. Ясинов С.Ю. Уголовная ответственность за изготовление или сбыт поддельных денег или ценных бумаг (фальшивомонотчество): дисс...канд.юрид.наук / С.Ю. Ясинов. -М., 2006. – 170 с.

**ХУСУСИЯТҲОИ ОБЪЕКТИ ТАЙЁР КАРДАН Ё БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ ПУЛ Ё КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ (СОХТА)**

Дар мақола муаллиф масъалаҳои вобаста ба муайян намудани объекти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф андешаҳои гуруҳи зиёди олимонро вобаста ба масъалаи мазкур таҳлил намуда хулосаҳои худро дар муайян намудани объекти хелӣ, намудӣ ва бевоситаи ҷинояти мазкур баён намудааст. Ба андешаи муаллиф, ба сифати объекти бевоситаи ҷинояти мазкур низоми молиявии давлат дар қисмати эмиссия ва муомилоти пулӣ ва қоғазҳои қиматнок баромад менамояд. Ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар фасли XI "Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт" ҷойгир шудааст. Бинобар ин, ба андешаи олимон, ба сифати объекти хелии ин гурӯҳи ҷиноятҳо "муносибатҳо дар соҳаи иқтисодиёт" баромад менамоянд. Ба андешаи мо, ба сифати объекти бевоситаи м.281 КҶ ҶТ низоми молиявии давлат дар қисмати эмиссия ва муомилоти пулӣ ва қоғазҳои қимматнок баромад менамояд. Низоми молиявӣ дар мазмуни васеъ ва маҳдуд фаҳмида мешавад. Дар мазмуни васеъ маҷмуи соҳаҳои нисбатан алоҳида ва дар як вақт бо ҳам алоқаманд ва унсурҳои муносибатҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад. Дар мазмуни маҳдуд маҷмуи институтҳои молиявие мебошад, ки фаъолияти молиявиро амалӣ намуда, ҳар яки он барои ташкил ва истифодаи фондҳои пулии дахлдор мусоидат менамоянд. Вобаста ба ин, агар объекти бевоситаи сохтакории маблағҳои пулӣ низоми молиявии давлат дар қисмати эмиссия ва муомилоти пулӣ ва қоғазҳои қиматнок ҳисоб шавад, пас ба сифати объекти иловагӣ муносибатҳои моликиятӣ баромад менамоянд. Дар ҳолате, ки ба объекти иловагӣ дар ҷараёни таҷовуз зарари воқеӣ расонида нашуда, танҳо таҳдиди фаро расидани он ба вуҷуд меояд, ҳаракатҳои гунаҳгор ба ин нигоҳ накарда таркиби хотимаёфтаи ҷиноятӣ м.281 КҶ ҶТ-ро ташкил медиҳад, чунки ба объекти бевосита аллакай зарар расонида шудааст.

**Калидвожаҳо:** Кодекси ҷиноятӣ, объекти ҷиноят, муносибатҳои ҷамъиятӣ, пул, қоғазҳои қиматнок, муомилоти пулӣ, низоми молиявӣ, асъори миллӣ, тайёр кардан, мақсади ҷиноят.

**ОСОБЕННОСТИ ОБЪЕКТА ИЗГОТОВЛЕНИЕ ИЛИ СБЫТ ПОДДЕЛЬНЫХ ДЕНЕГ ИЛИ ЦЕННЫХ БУМАГ**

В статье автором анализируются вопросы, связанные с определением объекта изготовления или сбыта поддельных денег или ценных бумаг. Автор, рассматривая мнения различных групп ученых по данному вопросу предлагает свои выводы при определении родового, видового и непосредственного объекта данного вида преступления. По мнению автора, непосредственным объектом данного преступления является финансовая система государства в части эмиссии и обращения денег и ценных бумаг. Преступление, связанное с изготовлением или введением в обращение поддельных (фиктивных) денег или ценных бумаг, помещено в раздел XI "преступления в сфере экономики". Поэтому, по мнению ученых, в качестве родового объекта таких преступлений выступают "отношения в сфере экономики". На наш взгляд, непосредственный объект м.281 УК РТ данная финансовая система государства функционирует в части эмиссии и обращения денег и ценных бумаг. Финансовая система понимается в широком и узком смысле. В широком смысле это совокупность относительно отдельных и одновременно взаимосвязанных отраслей и элементов финансовых отношений. В узком смысле это совокупность финансовых институтов, осуществляющих финансовую деятельность, каждый из которых способствует созданию и использованию соответствующих денежных фондов. В связи с этим, если непосредственным объектом фальсификации денежных средств считается финансовая система государства в части эмиссии и обращения денежных средств и ценных бумаг, то в качестве дополнительного объекта выступают имущественные отношения. В случае, когда дополнительному объекту в процессе агрессии не причинен реальный вред, а лишь существует угроза его наступления, преступные действия, несмотря на это, имеют оконченный преступный состав ст.281 УК РТ, так как непосредственный объект уже был поврежден.

**Ключевые слова:** уголовный кодекс, объект преступления, общественные отношения, деньги, ценные бумаги, денежное обращение, финансовая система, национальная валюта, изготовление, цель преступления.

**FEATURES OF THE OBJECT OF PRODUCTION OR SALE OF COUNTERFEIT MONEY OR SECURITIES**

In the article, the author analyzes issues related to determining the object of production or sale of counterfeit money or securities. The author, considering the opinions of various groups of scientists on this issue, offers his conclusions in determining the generic, specific and direct object of this type of crime. According to the author, the direct object of this crime is the financial system of the state in terms of the issue and circulation of money and securities. The crime associated with the production or introduction into circulation of counterfeit (fictitious) money or securities is placed in section XI "crimes in the economic sphere". Therefore, according to scientists, the generic object of such crimes is "relations in the economic sphere." In our opinion, the direct object of Article 281 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan is that this financial system of the state functions in terms of the issue and circulation of money and securities. The financial system is understood in a broad and narrow sense. In a broad sense, this is a set of relatively separate and at the same time interconnected industries and elements of financial relations. In a narrow sense, this is a set of financial institutions engaged in financial activities, each of which contributes to the creation and use of appropriate funds. In this regard, if the direct object of falsification of funds is the financial system of the state in terms of the issue and circulation of funds and securities, then property relations act as an additional object. In the case when the additional object in the process of aggression is not caused real harm, but only there is a threat of its occurrence, criminal actions, despite this, have a completed criminal element under Article 281 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, since the direct object has already been damaged.

**Keywords:** criminal code, object of crime, social relations, money, securities, monetary circulation, financial system, national currency, production, purpose of the crime.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Исматов Рустам Абдусаломович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **anushervon1208@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Исматов Рустам Абдусаломович*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры уголовного права и противодействия коррупции. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **anushervon1208@mail.ru**

**Information about the author:** ***Ismatov Rustam Abdusalomovich*** – Tajik national University, Ph.D doctoral student of the Department of Criminal law and Combating corruption. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **anushervon1208@mail.ru**

ТДУ: 34+323.28(575.3)

# ОМИЛҲОИ НОАЁНИ ҶАЛБИ АФРОД БА ҲИЗБУ ҲАРАКАТҲОИ ТЕРРОРИСТИВУ ЭКСТРЕМИСТӢ

*Солиҷонов Р.*
**Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ**

Дар шароити авҷ гирифтани муқовимати давлатҳо дар шакли низоъҳо ва ҷангҳои воқеӣ баҳри манифиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ, мавзуи мубориза алайҳи ғояҳои экстремистӣ ва террористӣ ҳамчун муаммои мубрами рӯз боқӣ мемонад. Мушоҳидаҳо собит менамояд, ки задухӯрди байни давлатҳо ва ба ҳолати идоранашаванда гирифтор гаштани ҷомеаҳо заминаи воқеӣ барои фаъол гаштани ҳар гуна ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ гаштааст, ки мисоли равшани онро мо дар раванди ҳаёти ҷамъиятии Россияю Украина, Исроилу Фаластин, Лубнону Яман ва як қатор давлатҳои дигари Африқо дида метавонем.

Бояд тазаккур дод, ки мавзуи мазкур ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад. Дар раванди ковишҳои илмӣ муаллифон оид ба мазмун ва моҳият, навъҳои зуҳури ғояҳои террористиву экстремистӣ ибрози ақида намудаанд [4; 5; 7; 9].

Дар бисёр тадқиқот ба сифати омили асосии майли одамон ба экстремизму терроризм вазъи вазнини рӯзгор, камбизоатӣ, бекорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва дигар омилҳо нишон дода мешаванд. Бешубҳа, дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ, вақте ки иқтисодиёти кишвар дар ҳолати буҳронӣ қарор дошт, падидаҳои номбурда омилҳое буданд, ки баъзан одамонро маҷбур менамуданд, ки ба ҳар гуна ҳизбҳову ҳаракатҳои иртиҷоӣ пайваст шаванд. Аммо имрӯз вазъият ба куллӣ дигаргун гаштааст. Иқтисодиёти кишвар аз вазъи буҳронӣ берун омад, сатҳи некуаҳволии одамон беҳтар гашт, камбизоатӣ коҳиш ёфт. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон аз 28 декабри соли 2023 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намудаанд: “Дар ҳафт соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5%-ро ташкил дода, ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардид. Дар ин давра даромади пулии аҳолӣ 3,3 баробар афзоиш ёфта, аз 37,2 миллиард сомонии соли 2017 ба 112,7 миллиард сомонӣ дар соли 2023 расид. Музди миёнаи меҳнат беш аз 2 баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,9 баробар зиёд гардид. Бо вуҷуди болоравии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, солҳои охир дар кишвар сатҳи таваррум муътадил нигоҳ дошта шуда, соли 2023-юм 3,8%-ро ташкил намуд.

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зикргардида сатҳи камбизоатӣ аз 29,5%-и соли 2017 то 21,2% дар соли 2023 коҳиш дода шуд. Дар ду даҳсолаи охир сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 83%-и соли 1999-ум то 62 банди фоизӣ дар соли 2023 паст карда шуд” [11].

Вале ба ин нишондиҳандаҳо нигоҳ накарда, шиддати пайвастшавии қишрҳои алоҳидаи ҷомеа, хусусан ҷавонон, ба ҳар гуна ҳизбҳову ҳаракатҳои хислати деструктивӣ дошта кам намешавад. Ба андешаи мо, сабаби ин раванд дар он аст, ки мубаллиғони ғояҳои деструктивӣ ҳамеша фаъолияти вайронкоронаи худро такмил дода, усулҳо ва роҳҳои нави ҷалб намудани одамонро истифода бурда истодаанд. Дар ин робита, таъкид намудан зарур аст, ки дар шароити муосир падидаи терроризм ва экстремизмро набояд фақат ба омилҳои иҷтимоиву иқтисодӣ вобаста намоем. Тавре муҳаққиқ А. Муминов зикр намудааст, раванди ҷалби афрод ба ҳаракатҳои экстермистиву террористӣ дар шароити нав зери маҷмуи омилҳои зерин: а) сатҳи пасти донишҳои дунявӣ ва динӣ; б) омода набудани аҳолӣ, хосса қишри осебпазири ҷомеа – ҷавонон; в) сатҳи пасти ҷаҳонбинии илмӣ; г) аз лиҳози равонӣ омода набудани баъзе қишрҳои ҷомеа дар шароити гуногунии мафкуравӣ; г) сатҳи нокифояи худшиносии миллӣ”, баррасӣ намудан мувофиқи мақсад мебошад [5,с.12].

Вобаста ба ин, дар назди илмҳои ҷомеашиносӣ ва инсоншиносӣ вазифаи таҳқиқи ҷанбаҳои психологии муаммои терроризму экстремизм арзи вуҷуд намудааст. Бояд гуфт, ки омили психологии ин падидаҳо бисёр вақт ба назар нонамоён ё ба таври ниҳонӣ зуҳур

меёбад. «Аз нуктаи назари психологӣ, - қайд мекунад Ю.М. Антонян, - омилҳои объективӣ инъикоси иҷтимоию психологии худро дар шуури индивидуалӣ ва гурӯҳӣ дар шакли муносибат, стереотипҳо ва ҳолатҳои равонии ҳукмрон пайдо мекунанд. Ноуструвории иҷтимоӣ боиси аз байн рафтани дурнамои зиндагӣ ва эътиқод ба оянда, пайдоиши ноумедӣ ва дар ин замина омодагӣ ба хушунат арзи вуҷуд менамояд [1,с.12].

Ин андешаро пайгирӣ намуда, зикр кардан бамаврид аст, ки ҳаққонияти ин нуктаро мисоли ҳодисаҳои солҳои 90-уми асри XX, ки дар Тоҷикистон рух доданд, дидем яъне ҳолати аномиягӣ, хало, аз даст рафтани қолабҳои мафкуравӣ ва ташаккул наёфтани арзишҳои нав. Ҳақ бар ҷониби Д.В Олшанский мебошад, ки зикр намудааст: "Ҳисси афзояндаи нооромиҳои иҷтимоӣ ва изтироби қисми зиёди аҳолӣ ва аз даст додани эътимод ба қобилияти давлат дар таъмини амнияти шаҳрвандон ҳамеша боиси «шикастани» қоидаҳо ва асосҳои қаблӣ, бидуни навсозиҳо ва алтернативаҳои муассир ё буҳронҳо мегардад, ки табиати онҳо метавонад гуногун бошад. Дар ин замина, чун қоида, аз байн рафтани арзишҳои маънавӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ, инсондӯстӣ ба вуҷуд меояд, ки он низ ба вазъи умумии ҷомеа ва давлат таъсири харобиовар мерасонад" [10,с.154].

Психологияи терроризм ва экстремизмро таҳлил намуда, ба маводҳои мушаххаси эмпирикӣ такя намуда, В.Л. Василев чунин қайд мекунад: «Пайдо шудани террор аломати он буд, ки даврае сар шуд, ки аз зери пиллаи тамаддун ва пешрафти ҳаёти ҷамъиятӣ қадимтарин қабатҳои дар қаъри руҳи инсон пинҳоншуда пайдо шуданд. Идеологияи асосии терроризмро зӯроварӣ, ҷабру зулм баҳри аз байн бурдани низоми мавҷуда ташкил медиҳад" [3,с.11].

Дар адабиёти илмие, ки таърихи пайдоиши муаммои терроризму экстремизм омӯхта шудааст, масъалаи кай, дар куҷо ва зери таъсири кадом омилҳои пайдо шудани он мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар бисёр мавридҳо андешаҳои ифротӣ дар шуури одамон аз беилоҷии инсонҳо дар назди ҳодисаҳои табиат ва ноумедиҳои онҳо аз муносибатҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меомаданд.

Бояд зикр кард, ки доир ба ин муаммо ду нуктаи назар мавҷуд мебошад. Муҳтавои назари аввал чунин аст, ки падидаи терроризму экстремизм ҳамчун дастгоҳи мубориза баҳри ғояву манфиатҳо, дастрасӣ ба ҳокимият, ҳифзи манфиатҳои идеологию сиёсӣ, нигоҳдории ҳувияти миллию фарҳангии гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ дар давраҳои аввали ташаккули тамаддуни инсонӣ ба вуҷуд омадааст. Ҷонибдорони ин дидгоҳ таъкид менамоянд, ки ҷабру зулм, зӯроварӣ, манфиатҷӯӣ, ҳисси бадбинӣ, ҳасуд, дурӯягӣ, ҳамахоҳӣ, ки имрӯз ба терроризм мансуб медонанд, ҳанӯз дар зинаҳои поёнии рушди ҷомеаҳо дар шаклу мазмуни дигар вуҷуд доштаанд. Аз ҷумла, дар давраи ҳукмронии муносибатҳои иҷтимоии қабилавӣ одамон ба якдигар ҳамла намуда, молу амволи бадастовардаи якдигар ё ҳайвони ромкардаи дигаронро ғасб менамуданд. Дар ин ҷараён ҷабру зулм, зӯроварӣ ва куштори одамони алоҳида, ҳатто қабилаҳо ба назар мерасад. Албатта, ин падидаҳои зӯровариро баҳри ба даст овардани неъматҳои моддӣ шояд ба маънои томи имрӯзаи терроризм истифода бурдан ҷоиз набошад, вале вазъи иҷтимоию психологие, ки дар натиҷаи чунин амалҳо ба миён меомад, аз имрӯза дида кам фарқ менамуд.

Ҷонибдорони нуктаи назари дуюм иброз менамоянд, ки ғояҳои деструктивӣ дар шакли терроризму экстремизм ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ дар асрҳои XIX-XX ба вуҷуд омадаанд. Шиносоӣ бо адабиёти соҳавӣ нишон медиҳад, ки ин ду нуктаи назар доир ба таърихи пайдоиши терроризму экстремиз аз тарафи муҳаққиқ О.В. Буднитский мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ба ақидаи ин муаллиф, ҳар як ҳаракати иҷтимоӣ ё куштореро, ки дар таърихи инсоният, (чунин мисолҳо кам нестанд), натиҷаи тероррризму экстремизм номидан нодуруст мебошад. Ӯ чунин меҳисобад, ки падидаи терроризм ва экстремизм ҳамчун идеологияе, ки бо истифодаи ҷабру зулм мехоҳад ҳокимиятро ба даст гирад, фақат дар ниммаи сеюми асри XIX ба вуҷуд омадааст [2,с.146].

Дар қатори омилҳои идеологӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ дар ташаккули ғояҳои террористӣ омилҳои фардӣ-психологӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамоянд. Хусусиятҳои хосси психологии терроризм ва экстремизм дар он зуҳур меёбад, ки афроди алоҳида гумон менамоянд, ки тавассути норозигӣ баён намудан, фишорровариҳо, ҷабру зулм мушкилотро ҳал менамоянд.

Дар баъзе ҳолатҳо майли афрод ба ғояҳои номатлуб ба хотири худнишондиҳӣ, кайфияти ҳамахоҳӣ, худтасдиққунӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт вобаста мебошад.

Дар илми психологияи муосир якчанд ангезандаҳои ғояҳои терроризм ва экстремизм муайян карда шудаанд:

1. ангезандаи меркантилӣ – тарзу усулҳои ба даст овардани боигарӣ (пул);
2. ангезандаи ғоявӣ – ин омил ҳангоми аъзои ин ё он ҳизбу ҳаракатҳои хислати террористиву экстремистӣ дошта ба назар мерасад;
3. ангезандаи дигар ба тасаввури субъективии афроди алоҳида оид ба адолати иҷтимоӣ вобаста мебошад Ин гуна одамон муносибатҳои иҷтимоии воқеиро беадолат ҳисобида, мехоҳанд тибқи фаҳмиши субъективии худ оламро дигаргун сохта, адолат барқарор намоянд;
4. ҳокимият аз болои одамон ангезандаи дигари ғояҳои деструктивӣ мебошад. Намояндагони ҳарактҳои террористӣ ва экстремистӣ ба воситаи ҷабру зулм, куштор ва ғорат худ ва шахсияти худро татбиқ ва нишон додан мехоҳанд:
5. манфиати шахсӣ ва гурӯҳӣ низ яке аз ангезандаҳои ғояҳои террористиву экстремистӣ маҳсуб меёбад;
6. ангезанадаи дигар, ин тақлид ба рафиқон, хешу табор ва ҳамсоягон мебошад;
7. ангезаи худтатбиққунӣ. Афроди гирифтори ғояҳои деструктивӣ гашта, террор ва амалҳои экстремистиро василаи барқарор намудани адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа меҳисобанд.

Ҷой доштани ин ангезандаҳо боиси пайвастани шахс ва гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ мегарданд.

Равоншиносон муайян намудаанд, ки амали ин ангезандаҳо дар бисёр мавридҳо ба ҳолати психологии ҷомеа вобаста мебошад. Аз нуктаи назари психологӣ омилҳои объективие, ки дар ҷомеа мавҷуданд, дар шуури фардӣ ва ҷамъиятӣ инъикос мегарданд. Хусусан чунин ҳолат дар мавриди ба ҳолати ноором ӣ ва нобасомонии ҷомеа ба назар мерасанд. Масалан, дар солҳои 90-уми асри ХХ дар фазои ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистон халогии ғоявие ба вуҷуд омад, ки боиси арзи вуҷуд намудани ҳар гуна ҳаракату азҳоби сиёсӣ гашт, ки бархе аз онҳо дар раванди муборизаҳои хеш характери террористиву экстремистиро касб намуданд.

Дар шароити рушди бесобиқаи технологияҳои иттилоотӣ имконият таъсиррасонӣ ба шуур ва психологияи ҷамъиятӣ васеъ гаштааст. Технологияҳои муосири иттилоотӣ, аз ҷумла интернет, хазинаи бузурги иттилоот мебошад. Аз рӯйи нишондиҳандаҳои оморӣ, имрӯз дар интернет анқариб 6 миллион террабайт иттилооъ нигоҳ дошта мешавад; аз як почтаи электронӣ ба почтаи дигари электронӣ ҳамарӯза зиёда аз 300 млрд паёмак мефиристанд. Ҳамзамон, дар Фейсбук қариб 3 млрд одам номнавис шудааст ва агар онро аз лиҳози нуфузи аҳолӣ баҳо диҳем, он метавонанд сеюмин кишвари бузургтарини дунёро ташкил диҳад. Вале хусусияти ин “сеюмин кишвари бузург” аз он иборат аст, ки вай дар фазои виртуалӣ вуҷуд дошта, сохтори муайяни иҷтимоиро доро нест ва метавонад иттилоотро ба таври дилхоҳаш дар саҳифаҳои худ ҷой дода, фаъолияти ниҳодҳои расмиро ба таври ҷиддӣ такон бахшад [8].

Дар саҳифаҳои интернет ҷангҳои шадиди иттилоотӣ сурат мегиранд. Мубаллиғони ғояҳои деструктивӣ, ки машғул ба ҷангҳои иттилоотӣ ҳастанд, тавассути ахбори санҷида нашуда ҳадафи асосии худ объектҳоеро, чун роҳбарияти сиёсӣ ва ҳарбӣ, низомҳои таъмини соҳаҳои ҳаётан муҳим, инфрасохтор, аҳолӣ ва ғайра қарор медиҳанд. Зимни ҷангҳои иттилоотӣ таъсиррасонӣ ба вазъи ахлоқию равонии ин объектҳо ба роҳ монда мешавад. Дар ҷангҳои иттилоотӣ аз тамоми воситаҳо истифода шуда, ба ягон меъёри ҳуқуқию ахлоқӣ таваҷҷуҳ зоҳир намегардад.

Таҷрибаю мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар саҳифаҳои интернет бештар ғояҳои сохтзудойӣ ҷой дода мешаванд. Воқеияти имрӯза нишон медиҳад, ки дар шароити бархӯрдории сартосарии мардум аз интернет ва воситаҳои телекоммуникатсионӣ, қувваҳои муайяни ифротгаро кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки фазои интернетро ҳамчун технологияи паҳн намудани андешаҳои ифротгароӣ истифода баранд. Дар ин ҷо, агар ҳадафи асосии ташкилотҳои террористӣ паҳн кардани ҳисси тарсу ҳарос бо мақсади

идоракунии шуури ҷомеа бошад, воситаҳои ахбори омма бошад, тавассути паҳн кардани чунин иттилоот миқдори бинандаву шунаванда ва хонандаи худро меафзояд.

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки хатари содир намудани амалҳои террористӣ бо истифодаи имкониятҳои интернет рӯз аз рӯз меафзояд. Афсӯс, ки давлат ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ хатарзо будани ин равандро сари вақт эҳсос накарданд. Барномаҳо, стратегияҳо ва қарорҳо доир ба муқовимат бар зидди кибертерроризм ва экстремизм хеле дер қабул шуданд ва зиёда аз ин, як қатор давлатҳо бо назардошти манфиатҳои худ, терроризмро ба таври худ талқин намуда, ҳатто онҳоро бо роҳҳои гуногун дастгирӣ менамуданд, яъне онҳо ба терроризм муносибати дугона зоҳир менамуданд. Душвории ин мушкилот дар он аст, ки дар баҳо додани иттилоот байни ҷомеаи ҷаҳонӣ фаҳмишу баҳогузорӣ ва талқини ягона вуҷуд надорад [12,с.34].

Ахборе, ки дар саҳифаҳои интернет пахш мегардад, агар аз ҷониби як давлат ҳамчун амалкарди принсипи ҷомеаи демократӣ, маҳсули гуногунандешӣ шинохта шавад, аз ҷониби дигар давлатҳо ҳамчун хатару таҳдид барои амнияти маънавиёти ҷомеа баҳогузорӣ мешавад. Мисоли равшани онро мо дар дастгирии чунин ташкилотҳои террористӣ, ба мисли "Толибон" "ДИИШ", ҳизби дар Тоҷикистон мамнуи наҳзати ислом ва дигарҳо аз ҷониби як қатор давлатҳои абарқудрати манфиатҷӯ дида метавонем.

Бешубҳа, имрӯз терроризм ҳамчун вабои асри XXI аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гашта, маҳкум мегардад.

Мавриди зикр аст, ки зӯровариву ситамгарӣ рисолати асосии террористон буда, дар ду шакл зуҳур меёбад. Ҷабру зулми кушода, ки тариқи гузаронидани амали террористӣ ба амал бароварда мешавад ва ба таври ниҳонӣ (пӯшида), ки дар шакли мубориза̄и мафкуравӣ барои ғасби ақлу ҳуши инсон дар фазои маҷозӣ ба роҳ монда мешавад. Технологияҳои ҷадиди иттилоотӣ ва воситаҳои дигари телекоммуникатсионӣ, ба монанди пахши барномаҳои моҳворавии телевизион, телефони мобилӣ бошад, ба онҳо имкониятҳои васеъро фароҳам меоваранд. Дар раванди таблиғи ғояҳои харобиовари хеш онҳо имкониятҳои васеи манипулятсияи шуури одамонро ба роҳ монда, онҳоро ба содир намудани ҷиноятҳои хислати террористӣ дошта сафарбар менамояд. Тавре муҳаққиқи тоҷик Н. Муҳаммадизода таъкид менамояд "ашхосе, ки шуури вай радикалӣ гашта, ба таассуб гирифтор мешавад, олами атрофи худро эҳсос карда наметавонад, вай оҷиз аст, ношунавост, вай қобил нест, ки дигаргуниҳои ҷаҳонро бубинаду шунавад. Таассуб мубталои ҷунунӣ, таҳрифи ҷаҳонбинист, ки ба худбинию худписандии оштинопазирӣ асос ёфтааст. Мутаассиб наметавонад механизми таҳлилу хулосабарориҳоро ба кор дарорад. Ҳамчунин, вай аз виҷдони дарки умумиинсонӣ маҳрум аст, аниқтараш, виҷдони ӯ ба таҳрифи меъёрҳои баҳодиҳӣ асос меёбад. Шахсияте, ки дар чунин фазои иҷтимоию психологӣ ташаккул меёбад, даст ба қонуншиканӣ ва амалҳои террористӣ мезанад" [9,с.125].

Аз ин ҷо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки барои мубаллиғони терроризму экстремизм дар шуур, ҷаҳонбинӣ ва психологияи мардум ҷойгузин намудани ғояи сохтзудойӣ вазифаи аввалин дараҷа мебошад. Ҳамин, ки шахс гирифтори ин ғоя мегардад, ӯ тайёр аст, ки ба шӯру ошӯб, харобкориву хиёнат даст зада, ҷомеаро ба низои шадид гирифтор намуда, сулҳу суботи онро халалдор намояд.

Барои расидан ба ҳадафҳои худ террористон қолабҳои гуногун: маводҳои видеоӣ, ки ба таври сода ва ба осонӣ дарккунанда, сабтҳои овозӣ ва матнӣ, далелҳои санҷида нашуда, вале диққатҷалбкунандаро истифода менамоянд. Аз ин лиҳоз, хатари шакли пӯшидаи амалҳои террористӣ барои сулҳу оромӣ, фаъолияти созандагии одамон бештар аст, зеро ҷомеае, ки дар авзои иҷтимоиву равонии вай тарсу ваҳм, руҳафтодагӣ, ноилоҷӣ, нобоварӣ ҷой доранд, бештар ба низоъҳои иҷтимоӣ гирифтор мешаванд.

Ба ғайр аз ин, дар интернет ҷабру зулми ниҳонӣ низ ҷой дорад, он низ метавонад сабаби тезутунд гаштани вазъияти иҷтимоиву психологии ҷомеа гардад, зеро ҷомеае, ки дар фазои он ғояи ҷабру зулм ҳукмрон аст, ба ҳолати номутавозинӣ гирифтор гашта, дар рафтору кирдори аъзоёни он дар бисёр мавридҳо рафтори нописандида, таназзули ахлоқ, буҳрони маънавиёт ба чашм мерасад.

Ҳамин тариқ, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ масъалаи мубориза алайҳи терроризм ва экстремизм мубрамияти хосса касб намудааст.

Дар ин ҷо ду хулосаи муҳим баровардан мумкин аст. Якум, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва иттилоотонии ҷомеа шаклҳои нави терроризм ва экстремизм зуҳур кардаанд. Дар ин шароит мубаллиғони ғояҳои деструктивӣ аз масофаи дур истода, тавассути технологияҳои муосири иттилоотӣ метавонанд ба шуур ва психологияи омма таъсир расонанд. Дуюм, таҳқиқи ин муаммои рӯзмарра тақозо менамояд, ки омӯзиши он бо назардошти омилҳои иҷтимоию психологӣ ба роҳ монда шавад, зеро дар раванди ҷалби ашхоси алоҳида ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба ғояҳои бунёдгароӣ омили психологӣ, аз ҷумла ангезандаи он нақши асосӣ мебозанд.

**АДАБИЁТ**


1. Антонян Ю.М. Социально-психологические проблемы терроризма / Ю.М.Антонян // Вестник Воронеж.ин-та МВД России. -2012. -№ 4. –С. 35-41.
2. Будницкий О.В. Терроризм в российском освободительном движении: идеология, этика, психология (вторая половина XIX - начало XX В.) / О.В. Будницкий. - 2-е изд., доп. -М.: РОССПЭН, 2016. - 383 с.
3. Васильев В.Л. Юридическая психология / В.Л. Васильев. - СПб.: Питер, 2004. -С. 380.
4. Давлатзода Ш.А. Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ: автореф. диссер. н.и.ф. уч.ст. канд. филос. наук. -Душанбе, 2023.
5. Когут Ю. Кибертерроризм и информационная безопасность государства. М.: Изд-во “Sidcon”, 2016, с. 34.
6. Муминов А.И. Религиозный экстремизм в контексте социальных изменений: автореф. диссер. на соиск. уч.ст. докт. филос. наук / Ю.Когут. - Душанбе, 2017.
7. Муҳаммадизода Н.Д. Омилҳои иҷтимоии экстремизми динӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2020.
8. Медиатерроризм: имконият ва воқеият // Паёми ДМТ. -№ 2. 2022. -С. 156- 166.
9. Муҳаммадизода Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он: таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ: Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии докт. илмҳои фалсафа.- Душанбе, 2019.
10. Ольшанский Д.В. Психология терроризма / Д.В.Ольшанский. - СПб.: Питер, 2002. -350 с.
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи “Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ” аз 28. 12. 2023. -Душанбе, 2023.
12. Пластун В.Н. Деятельность экстремистских сил и организаций в странах Востока / В.Н. Пластун. -М., 2005. -С.11.


## ОМИЛҲОИ НОАЁНИ ҶАЛБИ АФРОД БА ҲИЗБУ ҲАРАКАТҲОИ ТЕРРОРИСТИВУ ЭКСТРЕМИСТӢ


Дар мақолаи мазкур омили ноаёни ҷалби афрод ба ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ ба риштаи қазовати илмӣ кашида шудааст. Муаллифи мақола зикр менамояд, ки дар ибтидои соҳибистиқлолии кишварамон вазъи вазнини рӯзгор, камбизоатӣ, бекорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва дигар омилҳо ба сифати омилҳои майли одамон ба сӯйи ғояҳои иртиҷоӣ баромад намуданд. Аммо имрӯз вазъият ба куллӣ дигаргун гаштааст. Иқтисодиёти кишвар аз вазъи буҳронӣ берун омад, сатҳи некуаҳволии одамон беҳтар гашт, камбизоатӣ коҳиш ёфт, вале шиддати рӯйовариҳо ба ақидаҳои ифротӣ заиф намешавад. Ин ҳолат табиист, чунки муборизаи афроди алоҳида баҳри манфиатҳои хеш, дастрасӣ ба ҳокимият, боигарӣ ва дигар арзишҳо дар ҳамаи зинаҳои тараққиёти ҷомеа ҷой доштааст. Дар замони муосир фаъол гаштани ин ҷараёнро муаллиф дар он муайян менамояд, ки мубаллиғони ғояҳои деструктивӣ акнун бештар барои ғасби ақлу ҳуши инсон, маънавият ва равони шахс кӯшиш мекунанд. Ба фикри муаллиф, гарчанде падидаи номатлуби терроризм дар таърих решаҳои чуқур дошта бошад ҳам, мазмуни асосии он ғояи ҷабру зулм, зӯроварӣ ва куштор боқӣ мондааст. Дар мақола психологияи терроризм ва экстремизм таҳлил гашта, чунин ангезандаҳо, ба монанди меркантализм - тарзи ба даст овардани боигарӣ (пул); ангезандаи ғоявӣ – гирифтори ғояҳои бардурӯғи мубаллиғони ақидаҳои ифротӣ; дар равони шахс ҷой доштани тасаввуроти бардурӯғ оид ба адолати иҷтимоӣ, майлу рағбат ба дастрасӣ аз ҳокимият; ба хурофот дода шудан; сатҳи паст, ҳисси нобоварӣ ва беътиноӣ нисбат ба донишҳои илмӣ ва дигарҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.



**Калидвожаҳо:** терроризм, экстремизм, психология, ҷанбаҳои психологӣ, шуури фардӣ, шуури ҷамъиятӣ, психологияи ҷамъиятӣ, идеология, хушунат, ҷаҳонишавӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, медиатерроризм.


## НЕВИДИМЫЕ ФАКТОРЫ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНДИВИДОВ К ТЕРРОРИСТИЧЕСКИМ И ЭКСТЕРИСТСКИМ ДВИЖЕНИЯМ


В данной статье исследуется один из актуальных вопросов современной общественной жизни: социально-психологические аспекты феномена терроризма и экстремизма, как невидимого фактора привлечения индивидов к идеологии деструктивных организаций. Автор отмечает, что в условиях глобализации и информационного общества феномен терроризма и экстремизма стал многогранной проблемой. Он может существовать на основе политических, экономических, социокультурных факторов в зависимости от уровня знаний, мироощущения и мировоззрения индивидов и социальных групп. Однако, отмечает автор, среди факторов, порождающих террористические и экстремистские идеи, большую роль играют социальные и психологические стимулы. По мнению автора, хотя нежелательное явление терроризма имеет глубокие исторические корни, его основное содержание - идея угнетения, насилия и убийства - сохранилось. Поэтому наряду с рассмотренными выше

субкультурными, микросоциальными, групповыми психологическими предпосылками экстремизма и терроризма, серьезное внимание должно быть уделено научному анализу их индивидуальных предикторов. При рассмотрении психологических факторов феномена терроризма и экстремизма одним из ключевых моментов анализа является различение реальных субъективных мотивов, которые двигали людьми в их экстремистской или террористической деятельности, и мотивов декларируемых, т.е. мотивировок. В статье выделяются следующие реальные мотивы террористов: меркантильные мотивы, идеологические мотивы, мотивы преобразования мира, мотивы власти над людьми, мотивы привлекательности террора как сферы деятельности, «товарищеские мотивы» и мотивы мести за вред, нанесенный соратникам, мотивы самореализации.

**Ключевые слова:** терроризм, экстремизм, психология, психологические аспекты, индивидуальное сознание, общественное сознание, общественная психология, идеология, насилие, глобализация, информационное общество, информационные войны, медиатерроризм.

**NVISIBLE FACTORS ATTRACTING INDIVIDUALS TO TERRORIST AND EXTREMIST MOVEMENTS**

This article examines one of the pressing issues of modern social life: the socio-psychological aspects of the phenomenon of terrorism and extremism, as an invisible factor in attracting individuals to the ideology of destructive organizations. The author notes that in the context of globalization and the information society, the phenomenon of terrorism and extremism have become a multifaceted problem. It can exist on the basis of political, economic, sociocultural factors, depending on the level of knowledge, attitude and worldview of individuals and social groups. It can exist on the basis of political, economic, sociocultural factors, depending on the level of knowledge and worldview. However, the author notes, among the factors that give rise to terrorist and extremist ideas, social and psychological incentives play an important role. According to the author, although the undesirable phenomenon of terrorism has deep historical roots, its main content - the idea of oppression, violence and murder - has been preserved. Therefore, along with the subcultural, microsocial, group psychological prerequisites of extremism and terrorism discussed above, serious attention should be paid to the scientific analysis of their individual predictors. When considering the psychological factors of the phenomenon of terrorism and extremism, one of the key points of the analysis is the distinction between the real subjective motives that motivated people in their extremist or terrorist activities, and the declared motives, i.e. motivations. The article highlights the following real motives of terrorists: mercantile motives, ideological motives, motives of transforming the world, motives of power over people, motives of the attractiveness of terror as a sphere of activity, “comradely motives” and motives of revenge for harm caused to comrades, motives of self-realization.

**Keywords:** terrorism, extremism, psychology, psychological aspects, individual consciousness, public consciousness, public psychology, ideology, violence, globalization, information society, information wars, media terrorism.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Солиҷонов Расулҷон*** – Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи ҷомеашиносӣ. **Суроға:** 735700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 169. E-mail: **filosof_doktor@mail.ru.** Телефон: **927-01-78-95**

**Сведения об авторе:** ***Солихджонов Расулджон*** – Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, доктор философских наук, профессор кафедры общественных наук. **Адрес:** 735700, г. Худжанд, Республика Таджикистан, улица И. Сомони, 169. E-mail: **filosof_doktor@mail.ru.** Телефон: **927-01-78-95**

**Information about the author*: Solikhdzhonov Rasuljon*** – Institute of Economics and Trade of Tajik State University, Doctor of Philosophy, Professor of the Department of Social Sciences. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Ave.1 69. E-mail: **filosof_doktor@mail.ru**. Phone: **92 701 78 95**

ТДУ: 34+323(575.3)

# СИЁСАТИ ФАРҲАНГӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

*Сулаймонзода М.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Фарҳанг - як мафҳуми баҳсбарангез буда, таърифи аслии ба таври умум қабулшуда надорад ва мураккабии таърифи сиёсати фарҳангӣ низ як ҷузъи муҳимми баҳс дар ин мақоларо ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, фарҳанг аз ҷониби доираҳои мухталифи сиёсӣ ҳамчун як абзоре дида мешавад, ки метавонад барои таҷрибаҳои гуногуни рушд истифода шавад. Мушкилоти дар ин ҷо муайяншуда бештар ба масъалаҳои амиқтари таҳлили сиёсати фарҳангӣ дар замони соҳибистиқлолӣ таъкид дорад. Дар раванди ҷаҳонишавӣ табодули арзишҳо густариш ёфта, бархӯрди фарҳангҳо низ шиддат мегирад, ки дар шароити муосир фарҳанг яке аз воситаҳои муҳимтарини таъсиррасонӣ ба ҳаёт чи дар дохили мамлакат ва чи берун аз он ба назар мерасад ҷозеф Най мафҳуми «неруи дурушт» ва «неруи нарм»-ро пешниҳод кардааст, фарҳанг ва идеологияро ҳамчун "неруи нарм" медонад, бар хилофи "неруи дурушд сахт" ва бар ин назар аст, ки сохтори суннатии неруҳои мухталиф бояд дар партави ҷаҳонишавии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бознигарӣ шавад. Фарҳанг ҳамчун яке аз зуҳуроти "неруи нарм" наметавонад бо "неруи дурушт" иваз карда шавад. Аммо таъсири фарҳанг дар солҳои «ҷанги сард» аз сабаби паҳн шудани усулҳои «неруи дурушт»: фишори сиёсӣ ва ҳарбӣ дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ суст шуда, аз замони ба охир расидани ҷанги сард, афзоиши равандҳои ҷаҳонишавӣ ва афзоиши вобастагии байни миллатҳо мушоҳида мешавад. Дар ин шароит давлатдории миллӣ эҳёи фарҳангӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва дар маҷмуъ, пешбурди сиёсати фарҳангӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятӣ ва кафили рушди минбаъдаи давлату миллат ба шумор меравад. Асолати таърихии ҳар як қавму миллат ва дар маҷмуъ башарият, аз рӯйи фарҳанги вай шинохта ва эътироф карда мешавад. Фарҳанг шиносномаи ҳама дастовардҳои моддиву маънавии башарият ва муаррификунандаи ҳастии он дар раванди таърих аст. Ин аст, ки фарҳангро "хотираи иҷтимоии ҷомеа" меноманд. Махсусан, дар шароити вусъатёбии равандҳои ҷаҳонишавӣ, таъсири фарҳангҳои бегона ва зери хавфу хатар қарор гирифтани фарҳанги миллӣ ҳифзи арзишҳои миллиро зарур мегардонад. Дар чунин шароит самаранокии сиёсати фарҳангӣ ва ҳифзи фарҳанги миллӣ аз дарки вазъият ва коркарди консепсияҳои рушди фарҳанг вобаста мебошад. Дар чунин шароит қабули стратегияҳои рушди фарҳанг ва ҳифзи арзишҳои миллӣ зарурати давру замон аст. Ҳарчанд Ҷумҳурии Тоҷикистон 32 сол қабл истиқлолияти сиёсӣ ба даст оварда бошад ҳам, то ҳанӯз дар илмҳои сиёсии ватанӣ масъалаи сиёсати фарҳангии давлат ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст. Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ сарҳади фарҳангии давлатҳои миллиро аз байн бурда истодааст. Дар ин раванд аксари фарҳангҳои миллӣ зери таъсири фарҳанги бегона қарор гирифта, аз лиҳози сиёсию иҷтимоӣ барои таҳкими суботи сиёсӣ ва пояҳои давлатдории миллӣ мушкилиҳои нав ба нав эҷод намуда истодаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши фарҳанг дар раванди ҷаҳонишавии замони муосир аз зумраи муҳимтарин масъалаҳои рушди давлатдории миллӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ тарбия намудани насли наврас мебошад. Дар чунин шароит ҷиҳати ҳифзи симои фарҳангии ҷомеа коркарди механизмҳои нави сиёсати фарҳангӣ ва ба таври самаранок дар амал татбиқ намудани он хеле муҳим ва бамаврид аст.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии сиёсати фарҳангии давлат коркарди ҷанбаҳои назариявии он ва муайян намудани дурнамои рушди фарҳанги ҷомеа мебошад. Ба андешаи як зумра олимони соҳа, сиёсати фарҳангӣ объекти таҳқиқоти назариявӣ мебошад, ки ҳадафи асосии он муайян ва тафсир кардани мафҳумҳои асосӣ, типологияи он, моделҳои гуногуни он, муайян кардани муносибатҳои сохторӣ ва функсионалӣ ва вобастагии байниҳамдигарии онҳо дар низоми идоракунии соҳаи фарҳанг аст. Ин аст, ки сиёсати фарҳангиро ҳамчун фаъолияти ҳадафмандонаи давлат медонанд, ки он суботи ҷомеаро дар давраҳои гуногуни таърихӣ бояд таъмин

кунад. Инчунин, сиёсати фарҳангиро ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунтаркиб, аз ҷумла афзалиятҳои миллӣ, сиёсати забонӣ, дастгирӣ ва ташкили муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ва фарҳангию фароғатӣ шуморидан мумкин аст. Олими рус С.С. Загребин бар ин назар аст, ки сиёсати фарҳангӣ бояд аз се ҷиҳат баррасӣ карда шавад: якум, аз ҷиҳати назариявӣ, ҳамчун модели идеалии муносибати қудрат ва фарҳанг; дуюм, аз ҷиҳати татбиқ, ҳамчун низоми афзалиятҳои мақомоти давлатӣ, ки дар барномаҳои дахлдори рушди фарҳанг дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ эълом шудаанд; сеюм, ҷанбаи мушаххаси таърихӣ, ҳамчун низоми воқеии муносибатҳои байни субъектҳои фарҳангӣ ва ғ. [6,с.33].

Раванди рушди фарҳангӣ моҳиятан ба манфиати шахс, ҷамъият, давлат ва табиат нигаронида шуда, яке аз мақсадҳои асосии он тарбияи инсонест, ки дар руҳияи суннату анъанаҳои халқи худ, хештаншиносию ватанпарастӣ, фарҳанги миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ ба камол расида, дар заминаи донишу малака ва маҳорати андӯхта ворисият ба ҳувияти миллӣ, арзишҳои волои ахлоқию фарҳангиро ба даст меорад [7,с.8].

Танзими ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва таҳияи меъёрҳои нави сиёсати фарҳангӣ омӯзиши сиёсати фарҳангӣ ва фаъолияти субъектҳои онро тақозоменамояд. Сиёсати фарҳангии давлат воситаи махсуси идоракунии стратегии кишвар ба ҳисоб рафта, таъмини тамомияти он ва муайян сохтани дурнамои рушди иҷтимоию фарҳангии ҷомеа ба ҳисоб меравад [1,с.13-21].

Сиёсати фарҳангӣ ҳамчун соҳаи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ айни замон чун низоми арзишҳои мушаххас баромад намуда, аз тарафи дигар, ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ таъсиргузор аст. Беҳуда нест, ки имрӯз ягон давлат, бидуни сиёсати фарҳангии мақсаднок муносибатҳои ҷамъиятиро дар сатҳи зарурӣ танзим карда наметавонад ва аз ин рӯ, ташаккул ва татбиқи он вазифаи муҳим ва таъхирнопазир гардида истодааст [12].

Ҳокимияти давлатӣ танзими мустақим ё ғайримустақими тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро амалӣ менамояд, бо ёрии он меъёрҳои рафтор муқаррар карда мешаванд, манфиатҳои маъмулии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ амалӣ мегарданд ва ихтилофи байни онҳо бартараф карда мешавад. Ҳамин тариқ, дар соҳаи сиёсат маҷмуи чорабиниҳое амалӣ карда мешаванд, ки барои расидан ба манфиати умум равона карда шудаанд. Маълум аст, ки тартиботи иҷтимоӣ ва интихоби стратегияи рушди ҷомеа ба гурӯҳҳои гуногуни оммаи мардум фоидаи баробар намедиҳанд [9,с.61], аммо ин маънои онро надорад, ки арзишҳои фарҳангии умумӣ ва меъёрҳои барои ҳамагон ягона вуҷуд надошта бошанд.

Андешаи мутахассиси маъруфи ин соҳа, коршиноси Шурои Аврупо М.Ш. Драгичевич дар бораи сиёсати фарҳангӣ бисёр бамаврид аст. Ӯ сиёсати фарҳангиро ҳамчун фаъолияти бошуурона ва мақсадноки одамон барои расидан ба ҳадафҳо дар соҳаи фарҳанг медонад, ки тавассути механизмҳои мушаххас амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин, ӯ ба зарурати "танзими бошуурона дар соҳаи фарҳанг ҳангоми қабули қарорҳои зарурӣ оид ба ҳамаи масъалаҳои марбут ба рушди фарҳанги ҷомеа" таъкид намудааст [4,с.26].

Фарҳангшиноси рус А.Я. Флейер сиёсати фарҳангиро ҳамчун маҷмуи дидгоҳҳо ва тадбирҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи навсозии иҷтимоию фарҳангии ҷомеа ва муассисаҳои истеҳсолкунандаи фарҳанг, низоми меъёрҳои нави ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, маҷмуи тадбирҳои дастгирии илмӣ ва таълимии онҳо ва таълими мақсаднок тафсир мекунад. Ба андешаи ӯ, ин ҳама дар ҳолати зарурӣ имкон медиҳад, ки тасҳеҳи пурмазмуни мундариҷаи умумии фарҳанги миллӣ ба амал ояд [10].

В.С. Жидков ва К.Б. Соколов сиёсати фарҳангиро ҳамчун як намуди хосси фаъолияти танзими ҳаёти фарҳангӣ муайян мекунад, ки то ба таъсир расонидан ба шахс бо мақсади ташаккули "тасвири ҷаҳон", ки тавассути он шахс воқеияти атрофро дарк мекунад ва баҳо медиҳад, муайян мекунад. Ҳамин тариқ, ҳадафи сиёсати фарҳангӣ хоҳиши нигоҳ доштан ё тағйир додани манзараи ҷаҳони одамон ба таврест, ки он ба манфиатҳои субъекти сиёсати фарҳангӣ ҷавобгӯ бошад [12,с.228-229].

Л.Э. Востряков сиёсати фарҳангиро ҳамчун як ҷузъи идоракунии давлатӣ, ҳамчун як раванди сиёсии таъсири маъмурии давлат ба соҳаи фарҳанг, ки бевосита бо амалисозии ҳокимияти ҷамъиятӣ ва ифодаи манфиатҳои умумии аҳолӣ алоқаманд аст, баррасӣ мекунад. Дар айни замон, шарти ибтидоии рушди сиёсати фарҳангӣ бояд мувофиқа байни

фаъолони расмӣ, эҷодӣ ва ҷамъиятӣ дар бораи афзалияти ҳадафҳои рушди фарҳанг бошад. Муҳаққиқ пешниҳод мекунад, ки се сатҳи чунин сиёсат ҷудо карда шавад: идеологӣ, сиёсӣ ва амалӣ [3].

Субъекти асосии сиёсати фарҳангӣ, ба ақидаи бисёре аз муҳаққиқон, бояд давлат эътироф карда шавад, ки на танҳо миқдори зиёди манбаъҳо, балки мақомоти гуногуни маъмуриро дорост, ки онҳо ба бахшҳои гуногуни соҳаи фарҳанг таъсири мустақим доранд. Аз ин рӯ, ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҳама субъектҳои ҳаёти фарҳангӣ вазифаи давлат аст, зеро сиёсати фарҳангии давлат аз ҳисоби захираҳое, ки ба тамоми ҷомеа тааллуқ доранд, амалӣ карда мешавад. Ин ба даст овардани ризоияти ҷамъиятиро дар бораи ҷойгоҳ ва нақши фарҳанг дар ҳаёти ҷомеа, дар бораи вазъи дурусти ҳаёти фарҳангӣ пешбинӣ мекунад, ки чунин ҳолат имкон медиҳад таҳия ва амалисозии барномаҳои гуногуни фарҳангӣ тавассути тақсимоти манбаъҳо бошад.

Яке аз таърифҳои аввалини сиёсати фарҳангӣ дар мизи мудаввари ЮНЕСКО, ки соли 1967 дар Монако баргузор шуда буд, пешниҳод шудааст. Дар он ҷо оид ба мафҳум ва моҳияти "сиёсати фарҳангӣ" мулоҳизаронихои зиёд анҷом дода, сиёсати фарҳангиро ҳамчун "маҷмуи меъёрҳои амалиётӣ, фаъолияти маъмурӣ, молиявӣ ва расмиёт, ки заминаи амали ҳукумат дар соҳаи фарҳангро фароҳам меорад", шарҳ додаанд. Сиёсати фарҳангӣ, инчунин, фаъолияти марбут ба ташаккул ва ҳамоҳангсозии механизмҳо ва шароити иҷтимоии фаъолияти фарҳангии оммаи мардум ва тамоми гурӯҳҳои он мебошад, ки ба рушди ниёзҳои эҷодӣ, фарҳангӣ ва фароғатӣ равона карда шудааст [10]. Бояд гуфт, ки таъмин намудани ҳифзи гуногунии тамоми низоми арзишҳое, ки наслҳои гузашта дар як фарҳанги ягона ҷамъ овардаанд, вазифаи асосии давлат мебошад.

Ба андешаи А.Мол, сиёсати фарҳангӣ, пеш аз ҳама, ин як модели иҷтимоие мебошад, ки ҳадафҳои устувори сиёсати фарҳангӣ ва институтҳои онро тавсиф мекунад. Ӯ дар заминаи ин гуна баррасӣ се зергурӯҳро ҷудо кардааст: популистӣ (демагогӣ), ки ҳадди аксар қонеъ кардани ниёзҳои фарҳангии шумораи бештари одамонро таъмин мекунад; патерналистӣ (догматикӣ), ки мувофиқи он роҳҳои асосии паҳн намудани арзишҳои фарҳангиро ҳизби ҳокими сиёсӣ, ҷунбиши динӣ ё худи давлат муайян мекунад; эклектикӣ, ҷустуҷӯи қонеъ кардани ниёзҳои фарҳангии инфиродии ҳар як шахс ва ғайра мебошад.

Дар баробари шарҳу тавзеҳи моҳияти сиёсати фарҳангӣ, инчунин баррасии моделҳои рушди фарҳангӣ ва рушди сиёсати фарҳангӣ дар таҳқиқоти олимон мавқеи меҳвариро ишғол намудааст. Чунончи, директори Институти Аврупо А.Я. Визанд дар заминаи таҳқиқи муқоисавии сиёсати фарҳангӣ ду модели асосии рушди сиёсати фарҳангиро муайян кардааст.

Якум, сиёсати фарҳангӣ дастгирии ҷамъиятие мебошад, ки асосан дар сатҳи миллӣ амалӣ карда мешавад; робитаҳои фарҳангии байналмилалӣ танҳо дар доираи муносибатҳои дипломатӣ ба амал меоянд. Барои назорат ҳукумат ҳама гуна шуроҳои бадеиро таъсис медиҳад. Ҳадафи асосӣ таъмини тавозуни институтсионалӣ дар фарҳанг ва санъат мебошад, ки онро ҷараёнҳои эътирофшуда дастгирӣ мекунанд. Таваҷҷуҳи мақомот ба муассисаҳои анъанавии фарҳангӣ, ба мисли осорхонаҳо, театрҳо, китобхонаҳо ва марказҳои фарҳангӣ, ки аз ҷониби давлат маблағгузорӣ мегарданд, нигаронида шудааст.

Дуюм, модели ба бозор нигаронидашуда, сиёсатест, ки пеш аз ҳама, ба рушди иқтисодӣ равона карда шудааст. Дар ташаккули сиёсат элитаи фарҳангӣ, алалхусус намояндагони соҳаи санъат нақши муҳим доранд. Фаъолияти онро мутахассисон, фурӯшандагон ва намояндагони тиҷорат таъмин мекунанд [2].

Сиёсати фарҳангӣ муборизаест, ки дар байни субъектҳои гуногуни ҳаёти фарҳангӣ вобаста ба тақсимоти захираҳои гуногуни молиявӣ, моддӣ, кадрӣ ва иттилоотӣ сурат мегирад. Мутобиқи ин консепсия пурқудраттарин субъекти сиёсати фарҳангӣ давлат мебошад, ки дорои захираҳо ва имкониятҳои бештар барои таъсир расонидан ба ҳаёти фарҳангӣ аст. Ин таъсир тавассути идоракунии илм, санъат, дин, инчунин тавассути таҳияи идеологияи давлатӣ бо истифода аз системаи маориф ва иртиботи оммавӣ сурат мегирад [8,с.8].

Агар объекти идоракунии фарҳанг, ки арзишҳои фарҳангиро истеҳсол ва нигоҳ медоранд, чунин ниҳодҳо, ба монанди давлат, ташкилотҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ

бошанд, пас объекти сиёсати фарҳангӣ бояд тамоми ҷомеа бошад ва миқёси таъсир ва натиҷаҳои онро сиёсати сатҳи миллӣ дар амал татбиқ менамояд.

Дар мавриди субъекти сиёсати фарҳангӣ низ суханронӣ намудан хеле муҳим аст. Тибқи баъзе сарчашмаҳо, субъекте, ки сиёсати фарҳангиро татбиқ мекунад, пеш аз ҳама, худи ҷомеа аст ва танҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ танзим карда мешавад [5,с.167]. Аммо субъекти асосии сиёсати фарҳангӣ, ба ақидаи бисёре аз муҳаққиқон, бояд давлате ҳисобида шавад, ки на танҳо миқдори бештари захираҳоро дар ихтиёр дорад, балки инчунин мақомоти гуногуни идоракунандаро, ки ба бахшҳои гуногуни соҳаи фарҳанг таъсири мустақим доранд, дар идоракунии соҳаи фарҳанг сафарбар менамояд. Барои ҳамин ҳамоҳанг кардани манфиатҳои ҳама субъектҳои ҳаёти фарҳангӣ вазифаи давлат аст, зеро сиёсати фарҳангии давлат аз ҳисоби захираҳое, ки ба тамоми ҷомеа тааллуқ доранд, амалӣ карда мешавад. Ин барои ба даст овардани ризоияти ҷамъият дар бораи ҷойгоҳ ва нақши фарҳанг дар ҳаёти ҷомеа, ки вазъи дурусти ҳаёти фарҳангиро пешбинӣ мекунад, имкон медиҳад [13].

Сиёсати фарҳангӣ дар ҳама гуна ҷомеае, ки ҳаёти фарҳангии кишварро ба танзим медарорад, намояндагӣ мекунад. Ҳадафҳои сиёсати фарҳангӣ одатан вобаста ба мавзуи фаъолияти фарҳангӣ, ҳифз, эҷод, рушди арзишҳои фарҳангии ҷомеа, давлат, миллат, мардум ва ғ. мебошад, ки ин маҷмуи ҳадафҳо, афзалиятҳо, вазифаҳо, меъёрҳо, дастурҳо, идеалҳо ва ғояҳоро муаррифӣ мекунанд. Фаъолияти одамон дар соҳаи фарҳанг муассисаҳои иҷтимоиро ташкил ва ҳамоҳанг мекунад, ки бидуни онҳо он хусусияти пароканда, номувофиқ ва ноустуворро соҳиб мешавад. Аз ин рӯ, сатҳи таъсири давлат ба татбиқи сиёсати фарҳангӣ аз дараҷаи рушди он вобаста мебошад [9].

Вазифаи афзалиятноки сиёсати фарҳангии давлат фароҳам овардани шароит барои ташаккули фазои ваҳдати фарҳангӣ, имкониятҳои баробар барои сокинони минтақаҳои гуногуни кишвар ва намояндагони гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ барои дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ, барои муколамаи фарҳангӣ, инчунин ташаккули самтгирии шахсият ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ мебошад. Ислоҳот дар соҳаи фарҳанг натиҷаи мустақими дигаргуниҳои иқтисодӣ ва сиёсист. Бояд роҳҳои ҳаллеро ҷустуҷӯ кард, ки аз як тараф, ҳифзи арзишҳои фарҳангиро таъмин карда, аз тарафи дигар, механизмҳои иқтисодиро ба вуҷуд оваранд, то ки фарҳанг дар шароити нави бозорӣ ба таври муассир рушд кунад. Ҳадафҳои сиёсати фарҳангии давлатро дар марҳилаи кунунии рушд ба се қисми асосӣ тақсим кардан мумкин аст: ҳифзи мероси фарҳангӣ, сарвати миллӣ (муносибати классикӣ ба сиёсати фарҳангӣ); таъмини дастрасии баробар ба арзишҳои фарҳангӣ ва ҳамгироӣ ба равандҳои фарҳангии ҷаҳонӣ; фаъолияти фарҳанг дар шароити бозор, даромаднокии иқтисодии соҳаи фарҳанг ва ғ. [8,с.12-13].

Беш аз пеш равандҳои дар фарҳанг бaамаломада тавассути муносибатҳои молӣ-пулӣ танзим карда мешаванд. Дар сатҳи гуфтугӯи давлатӣ тамоюли равшан ба назар гирифтани фарҳанг ҳамчун манбаи иқтисодӣ ба назар мерасад ва ин самти тамоман дигари сиёсати фарҳангиро муқаррар мекунад, ки ҷорӣ намудани технологияҳои идоракуниро ба идоракунии ташкилотҳои фарҳангӣ тақозо менамояд. Шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ки маблағгузориро фароҳам меорад, яке аз механизмҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад.

Дар робита бо мушкилоти "идоракунии фарҳанг" душвориҳои муайяне пеш меоянд, зеро сухан дар бораи зарурати таҳияи "низоми идоракунии он" меравад, ки имкон медиҳад бо назардошти хусусиятҳои фарҳанг эҷодкорӣ ва навовариро таҳким бахшад. Пас, аз як тараф, фарҳанг ҳамчун низоми худтанзимкунӣ муҳити эҷодиро дубора таҷдид мекунад, ки дар он тағйироти навсозӣ ва ташаккули анъанаҳо ба амал меоянд ва аз тарафи дигар, идоракунӣ ҳамчун фаъолияти субъектҳои гуногуни он, ки вазифа ва масъулиятро ба зимма мегиранд, барои натиҷаи ҳамкорӣ дар муҳити иҷтимоӣ, дар заминаи тағйироти фарҳангӣ ва тамаддунӣ амалӣ карда мешаванд [1,с.9-10].

Тавре аз гуфтаҳои боло бармеояд, сиёсати фарҳангӣ ба соҳаи фарҳанг паҳн мешавад, дар ҳоле ки доираи ин соҳа дар ибтидо маҳдуд аст. Зеро он ҳамчун қисми комилан муайяни соҳаи иҷтимоӣ ҳисобида мешавад. Боз як ҷанбаи дигаре ҳаст, ки ифшои он имкон медиҳад, ки хусусиятҳои асосии сиёсати фарҳангӣ муайян карда шаванд. Сухан дар бораи фарқ кардани мафҳумҳои "сиёсати фарҳангӣ" ва "идоракунӣ дар соҳаи фарҳанг" (ҳамчун

як соҳаи институтсионалии фаъолияти фарҳангӣ) меравад. Ин аз он сабаб ба амал омадааст, ки сиёсати фарҳангии давлат гуногунвазифа мебошад. Аз ҷумла, вазифаҳои таҳия ва татбиқи стратегияи пешгӯишаванда ва пешгӯии рушди фарҳанг дар ҷомеаро, ки ба арзишҳои маънавӣ мувофиқат мекунанд ва ғояҳои асосии арзиши рамзӣ, ки ба ин ҷомеа хосанд, онҳоро ташкил медиҳанд ва асоси ҳувияти миллӣ ва фарҳангӣ мебошанд. Сиёсати фарҳангӣ ҳамчун усули идоракунии соҳаи фарҳанг фаҳмида мешавад, вақте ки муассисаҳо ва равандҳои рушди санъат, илм, маориф ва ғайра ҳамчун объекти таъсири ин фаъолият баромад мекунанд [1,с.21-24].

Ояндаи фарҳанги миллии ҳар як кишвар аз бисёр ҷиҳат аз муносибат ба шахсе вобаста аст, ки дар ҷомеа мавқеи худро пайдо кардааст ва имкониятҳои ӯ барои иштироки эҷодӣ дар тағйир додани муҳити иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст. Дарки васеи фарҳанг, аҳаммияти нақши анъанаҳои фарҳангӣ ва таҷдиди пояҳои арзишӣ-маънавии онҳо заминаҳое мебошанд, ки дар асоси онҳо консепсияи стратегии сиёсати фарҳангии кишвар сохта шудааст ва ба ҳалли вазифаҳои миқёси бузурги иҷтимоӣ-фарҳангӣ, аз қабили баланд бардоштани сатҳи зиндагии одамон, ҳамгироии иҷтимоӣ, таҳкими ҳамоҳангии иҷтимоӣ ва ноил шудан ба муколамаи фарҳангӣ, ноил шудан ба ҳамбастагии миллӣ ва ғайра нигаронида шудааст. Стратегияи мазкур ба ғояи муттаҳид сохтани тамоми ҷомеа, ташаккули фазои ягонаи фарҳангӣ ва манфиатҳои дастаҷамъӣ асос меёбад. Чунин муносибат тавсеаи назарраси соҳаи сиёсати фарҳангиро пешбинӣ мекунад. Ин равиш ба стратегияи ҳамгироӣ равона шудааст, ки ба ҳамоҳангии он бо "сиёсатмадорон" дар соҳаҳои дигар, рафъи монеаҳои идоравӣ, таҳким ва танзими ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҳамкории ҳамаи субъектҳои сиёсати фарҳангӣ, сохторҳои маъмурии гуногуни ҳукумат заминаи муосид фароҳам меорад [1,с.37-38].

Дар робита бо сиёсати давлатӣ, дар гуфторҳои илмӣ ва сиёсӣ тафсирҳои зиёд мавҷуданд. Аз як тараф, идеяи паҳнгаштаи он ҳамчун стратегияи тағйирёбии мусбии тамоми системаи ҳамкориҳои иҷтимоию фарҳангӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ вуҷуд дорад. Аз тарафи дигар, тафсири сиёсати фарҳангӣ ҳамчун воситаи танзими равандҳои иҷтимоию фарҳангии сатҳҳои гуногун (аз ҷаҳонӣ то маҳаллӣ) барои тафовути мавҷудаи байни эъломияҳои назариявӣ ва вазъи воқеии фарҳанг дар ҷомеа, имконоти захиравӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои фарҳангии аҳолии кишвар интиқод карда мешавад. Чунин баҳои зиддиятноки вазъ натиҷаи номувофиқии сатҳҳои гуногуни сиёсати фарҳангист [1,с.43].

Ҳаёти ҳаррӯзаи театрҳо ва осорхонаҳои мушаххас сарнавишти душвори фарҳанги муосирро инъикос мекунад, ки на такрор ва оммавӣ, балки фарҳанги зеҳнӣ, эстетикӣ, ки ба шарофати анъанаҳо, захираҳо ва афзалиятҳои ҳокимияти маъмурӣ зинда мондан мехоҳад. Ҳамин тариқ, ноустувории муҳити иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, рақобати баланди роҳбарони коллективҳо ва ташкилотҳои фарҳангиро зарурати мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи фаъолияти идоракунӣ мегузорад. Бинобар ин, таҳлили тамоюлҳои навсозии низоми расонидани хидматҳо дар соҳаи фарҳанг талаб карда мешавад, ки дар системаи сиёсати фарҳангӣ тағйиротҳоро ба амал меоранд, ки дар рушди равишҳо ва механизмҳо бештар муттаҳидшуда, барои арзёбии фаъолият дар сатҳи коргарони алоҳида ва дар маҷмуъ, ташкилотҳои фарҳангӣ нигаронида шудаанд [8,с.16].

Ҳамин тариқ, давлат, ки муҳимтарин субъекти сиёсати фарҳангӣ мебошад, фаъолияти ҳамаи субъектҳои дигарро ҳамоҳанг месозад, ташаккул ва нигоҳ доштани ҳаёти фарҳангии ҷомеаро таъмин менамояд, ки калиди ҳифзи тамомияти давлатӣ ва рушди ҷомеа мебошад. Фарҳанг ба андозаи бештар инсонро нисбат ба шароити иқтисодӣ, ки дар он зиндагӣ мекунад, ташаккул медиҳад. Ин аҳаммияти рушди сиёсати фарҳангиро дар сатҳи давлатӣ ифода менамояд.

**Муқарриз: н.и.с., дотсенти ДМТ - Сафарализода Х.**

### АДАБИЁТ


1. Астафьева О.Н. Культурная политика: теоретическое понятие и управленческая деятельность / О.Н. Астафьева. -М.: Изд-во РАГС, 2010. -70 с.
2. Востряков Л.Е. Государственная культурная политика: когнитивные модели и страновые различия / Л.Е. Востряков // Научные труды Северо-Западной академии государственной службы. – 2011. -Т.2. -№2. -С.166-178.

3. Востряков Л.Е. Государственная культурная политика: от патерналистской к партнерской модели? / Л.Е. Востряков // Управленческое консультирование. – 2011. – № 4. – С.140-155.
4. Драгичевич М. Культурная политика в переходном обществе: фрагменты политологического и культурологического анализа / М. Драгичевич // Панорама культурной жизни стран СНГ и Балтии. – М.: Издательство РГБ, 1999. – С.26-31.
5. Дуков Е.В. Введение в социологию искусства / Е.В. Дуков, Ю.В. Осокин, К.Б. Соколов, А.Н. Хренов. – СПб.: Алетейя, 2001. – 256 с.
6. Загребин С.С. Культурная политика в современной России / С.С. Загребин // Вопросы культурологии. – 2008. – № 3. –С.33-35.
7. Истиқлолият ва фарҳанг. – Душанбе: «Матбаа» 2017. – 276 с.
8. Карпова Г.Г. Государственное управление и общественные приоритеты в сфере культурной политики России / Г.Г. Карпова // Журнал исследований социальной политики. [Электронный ресурс]. URL: http://ecsocman.hse.ru/data/925/146/1211/Karpova_Gos.upravlenie.pdf
9. Ледяев В.Г. Политика и власть / В.Г. Ледяев // Вестник Координационного Совета по кадровым вопросам, государственным наградам и государственной службе при полномочном представителе Президента Российской Федерации в Северо-Западном федеральном округе. – 2010. – №1. – С.57-70.
10. Михеева Н.А. Концептуальные основы и противоречия современной государственной культурной политики России. [Электронный ресурс]. URL: http://old.interstudio.ru/projects/thesis/mikheeva07.htm
11. Флиер А.Я. Культурология для культурологов / А.Я. Флиер. -М.: Академический проект, 2000. -280 с.
12. Художественная жизнь современного общества. Т.1: Субкультуры и этносы в художественной жизни / Отв. ред. К.Б. Соколов. – СПб.: Дмитрий Буланин, 1996. – С.228-229.
13. Юдина А.В. Государственная культурная политика: понятия и модели / А.В. Юдина // Современная наука: актуальные проблемы теории и практики. Серия: Гуманитарные науки. -2012. -№07-08. -С.58-61.

## СИЁСАТИ ФАРҲАНГӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ сарҳади фарҳангии давлатҳои миллиро аз байн бурда истодааст. Дар ин раванд аксари фарҳангҳои миллӣ зери таъсири фарҳанги бегона қарор гирифта, аз лиҳози сиёсию иҷтимоӣ барои таҳкими суботи сиёсӣ ва пояҳои давлатдории миллӣ мушкилиҳои нав ба нав эҷод намуда истодаанд. Дар чунин шароит ҷиҳати ҳифзи симои фарҳангии ҷомеа коркарди механизмҳои сиёсати фарҳангӣ ва ба таври самаранок дар амал татбиқ намудани он хеле муҳим мебошад. Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ ва бо дарназардошти таҷрибаи давлатҳои муосир хусусиятҳои муҳимми механизмҳои сиёсати фарҳангиро таҳлилу баррасӣ намояд. Дар раванди таҳқиқот шарту шароити замони муосир, манфиатҳои миллии мамлакат ва дурнамои рушди кишвар дар маркази диққат қарор дода шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки сиёсати фарҳангии давлат ҳамчун фаъолияти муназзами мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ хеле мураккаб ва гуногунпаҳлу буда, самаранокии он ба воситаи интихоб ва ташаккули механизмҳои мувофиқ ва мутобиқ бо шарту шароитҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъмин карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** сиёсати фарҳангӣ, рушди фарҳангӣ, ҳувияти фарҳангӣ, муҳити фарҳангӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, мероси фарҳангӣ, истиқлолияти фарҳангӣ, фарҳанги миллӣ, амнияти фарҳангӣ.

## КУЛЬТУРНАЯ ПОЛИТИКА И ЕЕ ОСОБЕННОСТИ В СОВРЕМЕННЫЙ ПЕРИОД

В условиях глобализационных процессов развитие информационно-коммуникационных технологий стирает культурные границы национальных государств. В этом процессе большинство национальных культур находятся под влиянием чужой культуры и создают новые проблемы с политической и социальной точки зрения для укрепления политической стабильности и основ национальной государственности. В таких условиях для защиты культурного имиджа общества очень важно развивать механизмы культурной политики и эффективно ее реализовывать. В данной статье автор попытался проанализировать и рассмотреть важные особенности механизмов культурной политики на основе анализа научной литературы и с учетом опыта современных государств. В процессе исследования в центре внимания находятся условия современности, национальные интересы страны и перспективы развития страны. В процессе исследования определено, что культурная политика государства очень сложна и многогранна как системная деятельность соответствующих органов государственной власти, а ее эффективность обеспечивается выбором и формированием соответствующих механизмов в соответствии с условиями публичной жизни.

**Ключевые слова:** культурная политика, культурное развитие, культурная идентичность, культурная среда, учреждения культуры, культурное наследие, культурная независимость, национальная культура, культурная безопасность.

## CULTURAL POLICY AND ITS FEATURES IN MODERN TIMES

In the context of globalization processes, the development of information and communication technologies erases the cultural boundaries of nation states. In this process, most national cultures are influenced by foreign culture and create new problems from a political and social point of view to strengthen political stability and the foundations of national statehood. In such conditions, to protect the cultural image of society, it is very important to develop mechanisms of cultural policy and effectively implement it. In this article, the author tried to analyze and consider the important features of cultural policy mechanisms based on an analysis of scientific literature and taking into account the experience of modern

states. During the research process, the focus is on the conditions of our time, the national interests of the country and the prospects for the country's development. In the process of research, it was determined that the cultural policy of the state is very complex and multifaceted as a systemic activity of the relevant government bodies, and its effectiveness is ensured by the selection and formation of appropriate mechanisms in accordance with the conditions of public life.

**Keywords:** cultural policy, cultural development, cultural identity, cultural environment, cultural institutions, cultural heritage, cultural independence, national culture, cultural security.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сулаймонзода Масъуд Мумин*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон. **Суроға**: 737025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Sulaymonov-94@inbox.ru**. Телефон: **988-16-98-98**

**Сведения об авторе:** ***Сулаймонзода Масъуд Мумин*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры политических процессов в Таджикистане. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Sulaymonov-94@inbox.ru**. Телефон: **988-16-98-98**

**Information about the author:** ***Sulaimonzoda Masud Mumin*** - Tajik National University, assistant of the Department of Political Processes in Tajikistan. **Address**:734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **Sulaymonov-94@inbox.ru**. Phone: **988-16-98-98**

ТДУ: 32.001

# АНДЕШАҲОИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ДАР АДАБИЁТИ ИРФОНИИ ФОРСУ ТОҶИК (ЗИМНИ ТАҲЛИЛИ РИСОЛАИ «АЛ-ИНСОН-АЛ-КОМИЛ»-И АЗИЗУДДИН НАСАФӢ)

*Қодиров К.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Донишмандони зиёди форсу тоҷик дар партав ва муҳтавои ирфон инсон ва иҷтимоиёти инсон ва сиёсатро пайваста дар чорчӯбаи таълимоти замон мавриди таҳлили комил қарор доданд, ки ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсат оҳанги ирфонӣ дорад.

Дар аҳди ислом, ирфон табақаи илме буд, ки донишмандони бузург (аҳли урафо) робита ва вазифаи инсонро бо худаш ва бо ҷаҳон ва бо Худо баён кардаанд, ки ирфон дар ин қисмат ахлоқи ҷомеа (илми амал) дониста мешавад. Дар ирфон сайри инсон (сулук) барои расидан ба маънии инсоният охирин мақсад аст ва робитаи инсон бо ҷомеа аз бузургтарин шавқи сулук аст, ки ориф ба камол мерасад.

Донишмандони форсу тоҷик аз назари баҳсҳои ирфонӣ масъулияти инсонро дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ баррасӣ кардаанд. Онҳо дар афкори ирфонии худ такомули маънавии инсонро дар ҷомеа, дар маҷмуи қоидаю қавонини динӣ, ахлоқӣ ва табақоти сиёсӣ медонанд. Дар иҷтимоъ, яъне дар иттифоқгароӣ бо ислом, баҳсҳои ирфонӣ дар бораи сиёсат, мақсади ислоҳталабона ва роҳнамоии рӯзгори мардум доштанд.

Қисми муҳимми ирфон – ирфони амалӣ, ахлоқ аст, ки мақсади асосии он инсони комил будан аст. Орифони барҷаста мавзуъҳои зиндагии иҷтимоии инсон ва сиёсатро бо илми ирфон нақш доданд, ки андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар аҳди ислом мавзуъ гирифт. Дар андешаҳои ирфонӣ тадриҷан инсон барои вуруд ва садафёбӣ бояд аз баҳри беканори маориф меандешид ва дар ҳар паҳлуи зиндагии иҷтимоӣ аз ин маориф баҳра мегирифт.

Маънии инсон дар андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсии адабиёти ирфонӣ Худопарастӣ аст, ки сарчашмаи зиндагӣ аст. Орифон дар ҳаёти иҷтимоӣ сабру таҳаммулро аз сифатҳои муҳимми ахлоқӣ медонанд ва сабру имон беҳтарин неъмати инсонӣ дониста мешуд. Онҳо роҳи инсонро дар ҷомеа ба мақоми «инсони комил» расидан медонистанд. Инсон олами кабир аст ва ҷаҳон олами сағир. Онҳо назарияи инсони комилро иброз карда, тавзеҳ медиҳанд, ки камоли воқеии инсон он аст, ки инсон нусхае аз ҷаҳон аст.

Дар адабиёти ирфонӣ мавзуи адл дар ҷомеа маънои онро дорад, ки Худованд файзу раҳмат ва ҳамчунин неъмати худро ба асоси истеҳқоқҳои зотӣ ва қаблӣ медиҳад ва дар низоми офариниш аз назари файз ва раҳмат боло аз неъмати подшоҳӣ аст. Донишмандони аҳли ирфон адлро дар ҷомеа чунин медонанд, ки лозим аст, зеро аз зоти Ҳақ аст.

Ихтиёр ва озодӣ чун як паҳлуи васеи андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар адабиёти ирфонӣ аст, ки бандагон мухтор ва озод офарида шуданд, аммо бандагон монанди ҳар махлуқи дигар бо тамоми ҳастӣ ва бо тамом шудани ҳастӣ ғофиланд.

Дар адабиёти ирфонӣ назарияи ахлоқ дар заминаи назарияи иҷтимоияш баён мегардад. Бо ибораи дигар, дар адабиёти ирфонӣ шохаи «сиёсати мудун» ба шохаи «ахлоқ» мерасад. Бузургони ирфон баҳсҳои худро аз адолати иҷтимоӣ оғоз ва ба адолати ахлоқӣ ва фардӣ анҷом медиҳанд. Онҳо бовар доштанд, ки фақат се чиз арзиш дорад: адолат, зебоӣ ва ҳақиқат ва манбаи ин се чиз, танҳо «хайр» аст, яъне адолат он аст, ки касе он чи ҳаққи ӯст бояд ба даст оварад ва кореро пеш гирад, ки истеъдод ва шоистаи он аст. Аз тарафи дигар, адолат, номуси аслии ҷаҳон аст ва дар ҳама низоми ҳастӣ, асли адолат, интизом ва таносуб муҳим аст. Ҷаҳон бо адл барно аст. Аз назари адабиёти ирфонӣ хайр (хайри ахлоқӣ) ҳақиқати айнӣ аст, мустақил аз зеҳн аст, яъне монанди воқеиятҳои табиӣ вуҷуд дорад. Хайр, ки ҳақиқат аст, мустақил аз зеҳн, аз назари «шинохт» амре нест, балки назарест, ки бояд онро шинохт.

Барои амал ба хайр шинохти он кофӣ аст, яъне имкон надорад, ки инсон кори некро бишносад ва амал кунад. Иллати амал накардан, ҷаҳолат аст ва аз ин рӯ, сабаби ҳамон фазилат «давлат» аст, яъне адолат аз донистани усули робита бо раият аст.

Яке аз мушкилоте, ки таълимоти иҷтимоӣ-сиёсӣ дар давраи ислом ба он рӯ ба рӯ шуда буд, андешаҳои ирфонӣ аст. Ба таври куллӣ, ирфон яке аз арҷмандтарин таҷаллиёти

фарҳангӣ ва маънавиёти давраи ислом аст ва инсон дар сиришти худ инсони ирфонист. Ба назар мерасад, ки имрӯз ҳам ҳар гуна кӯшиш дар ин ҷиҳат, дар пеш аст, баррасии илмӣ ва арзёбӣ ҷуз ба нуқтаи «Нуқтаи хирад» мумкин аст ва дар давраи муосир ба далели он ки андешаҳои ирфонӣ андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсиро доранд, дар давраи муосир нақди муҳимми андешаҳои ирфонӣ дар ҳолате метавонад имконпазир гардад, ки таъсиси андешаҳои давраи муосир дар ҷозибаи майдони фалсафии ирфонӣ таҳлил карда шаванд.

Ин мушкилот боиси таҳлили илмӣ аст ва баррасии ин мушкилот, чи гунагии таҳаввулоти таълимоти иҷтимоӣ-сиёсии давраи ислом, ки аслан андешаҳои ирфонӣ нақши худро дорад. Яке аз таъсири муҳимми андешаҳои ирфонӣ дар таълимоти иҷтимоӣ-сиёсии давраи ислом заволи таърихи таълимоти сиёсӣ аст, ки бо таваҷҷуҳ ба ин завол мехоҳем дар ин боб мушкилоти таъсиси андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсии давраи исломро дар партави андешаҳои ирфонӣ таҳлил намоем.

Қарор гирифтани ҷойгоҳи муҳимми илми ирфон дар таълимоти иҷтимоӣ-сиёсии давраи ислом он аст, ки нахустин андешаҳои ирфонӣ тавоноии мазмуни худро дар бунёдгузории таълимоти сиёсӣ ва созгории аҳкоми худро бо усули лозими худ сиёсат нишон дод. Орифони бузург, «манзил дар доираи ҳайрат» доранд. Дар андешаҳои Эроншаҳрӣ ва фалсафаи юнонӣ «сарои табиат», ки ҷомеаи инсонӣ дар он қарор гирифтааст, дар асолат ва истиқлоли худ дар назар гирифта шуда ва аз ду дидгоҳи мухталиф, ҳамоҳангӣ миёни инсон, ҷаҳон ва Худо эҷод шудааст. Бо ҳамин сабаб аст, ки ҳам дар андешаҳои Эроншаҳрӣ ва ҳам дар андешаҳои юнонӣ, бунёдгузории андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ роиҷ буд. Ин андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ҳам бо андешаҳои Эроншаҳрӣ ва ҳам фалсафаи юнонӣ дар ниҳоят ҳамоҳанг аст ва аз ин ҷиҳат, ба хилофи ҳикмати амалӣ дар давраи ислом дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ҷой дорад. Иқтибос ба «Номаи Тансар»-и давраи Сосониён мисоли равшани он аст: «Агарчи мо аҳли фано ва нестием, лекин дар ҳикмат он аст, ки корҳо барои бақо созем ва хаёл барои оянда кунем. Бояд, ки ту аҳли ин бошӣ ва мадад макун фаноро то зудтар ба сари ту ва қавли ту ояд… ва ба ҳақиқат бидон, ки ҳар кӣ талаб фурӯ гузорад ва такя бар қазову қадар кунад, хештанро ховар дошта бошад ва ҳар кӣ ҳамагӣ дар такопӯ ва талаб бошад ва таксзиби қазову қадар кунад ҷоҳил ва мағрур бувад. Оқилро миёни талаб ва қадр ба пеш бояд гирифт ва на ба як қонеъ, чӣ қадр ва талаб ҳамчу ду роҳи рахти сафар аст дар пушти чаҳорпоҳе, агар аз он, яке гаронтар ва дигаре сабуктар шавад рахт ба замин ояд ва пушти чаҳорпое баста шавад ва мусофир ба ранҷ афтад ва аз мақсуд бозмонад ва агар ҳарду роҳ мутавосӣ бувад, ҳам мусофир ба ҷон нагардад ва ҳар чаҳорпое осуда бошад ва ба мақсуд расанд…» [12,с.94].

Ин иқтибос аз «Номаи Тансар» аз назари таълимоти иҷтимоӣ-сиёсии давраи ислом аҳаммияти муҳим дорад, зеро ин матни паҳлавӣ ба унвони омехтаи сиёсат ҳамоҳангӣ бо андешаҳои сиёсии Эроншаҳрӣ олудагӣ дорад ва ҳамоҳангии миёни талаб ва қадр, ки андешаи барҷастаи бостонӣ аст, тазкия дода шудааст. Боз қайди ин нуқта низ зарур аст, ки ба эҳтимоли зиёд «Номаи Тансар» бар охири давраи Сосониён тааллуқ дорад ва нависандаи он худи аҳли зоҳид ва зовиа аст, аммо гароиши навафлотунӣ ва зоҳидонаи нависандаи номаи Тансар ба хилофи андешаҳои ирфонӣ, ба маънои канорагирӣ аз дунё ва сиёсат нест, балки сабаби он аст, ки «то холиқи адли ман бидонад ва бад-он чӣ барои паҳрез аз фасод аз ман талабанд ва ман эшонро ҳидоят кунам, гумон набарад», ки дунёталабӣ ба хаёлот тавъам нест. Дар «Номаи Тансар» омадааст: «Эй дарвеш! Инсони комил ҳеҷ тоати беҳтар аз он надид, ки оламро рост кунад ва ростӣ дар миёни халқ пайдо кунад ва одат ва русуми бад аз миёни халқ бардорад ва фоида ва қонуни нек дар миёни мардум биниҳад ва мардумро ба Худое хоҳанд ва аз азамат ва бузургворӣ ва ягонагии Худои мардумро хабар диҳад ва мадҳи охират бисёр гӯяд ва аз бақо ва суботи охират хабар диҳад ва мазамати дунё бисёр кунад ва аз тағйир ва бесуботии дунё ҳикоят кунад ва манфиати дарвеш мардум бигӯяд, то дарвеш ба дили мардум ширинтар шавад ва бо шеваи тавонгарӣ ва шаҳват бигӯяд, то мардумро аз тавонгарӣ ва шаҳват нафрат пайдо ояд ва неконро дар охират ба биҳишт ваъда диҳад ва бадонро дар охират аз дӯзах ваъда кунад ва аз хеш биҳишт ва нохушии дурӯғ ва душворӣ ҳисоби ҳикоят кунад ва ба муболиға ҳикоят кунад ва мардумро муҳаббат ва мушфиқи якдигар кунанд, то озор ба якдигар нарасонанд ва роҳат аз якдигар дареғ надоранд ва муовини якдигар шаванд ва бифармоянд, то мардум имони якдигар бидиҳанд, ҳам ба забон, ҳам ба даст ва чун имон додани якдигар

аҳд бастанд. Бояд, ки ин аҳдро ҳаргиз нашикананд ва ҳар кӣ бишканад имон надорад…» [12,с.170].

Китоби «Ал-инсон-ал-комил»-и Азизуддин Насафсӣ асари бисёр муҳим дар ирфони назарӣ ва амалӣ аст. Аз китоб бармеояд, ки Азизуддин Насафсӣ аз мавзуъҳои андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дур набудааст ва дар масоили марбут ба зиндагии иҷтимоӣ-сиёсӣ баҳс кардааст.

Андешаҳои ирфонии ӯ бақоро асл намедонад ва Азизуддин Насафсӣ дар ҳар боби китоби «Ал-инсон-ал-комил» ин нуқтаро гуфтааст: «Эй дарвеш! Бояд, ки бар дунё ва неъмати дунё дил наниҳӣ ва бар ҳаёт ва сиҳат ва мол ва ҷо эътимод накунӣ, ки ҳар чизе ки зери фалаки қамар аст ва афлок бар эшон мегардад, бар як ҳол намемонад ва албатта, аз ҳоли худ мегиранд, яъне ҳол ин олами сифлӣ бар як сурат намемонад, ҳамеша дар гардиш аст. Ҳар замон сурате мегирад ва ҳар соат нақш пайдо меояд, сурати аввалро маҳз гардонид? Ба оинаи кори олам, ба мавҷи дарё мемонад ё худ мавҷи дарёест ва оқил ҳаргиз ба мавҷи дарё иморат насозад ва нияти иқомат накунад» [18,с.34].

Андешаи ирфонии Азизуддин Насафсӣ, чуноне ки аз ин иқтибос бармеояд аз бунёд, бо андешаҳои сиёсӣ аст; олами зери қамар ҳамчунин мавҷи даргузар аст ва оқил – яъне, ориф дар мавҷ иморат намесозад ва дар он нияти истиқомат намекунад, зеро давлат ва меҳнат ҳарду ба яксон нопойдор ва даргузаранд.

Аз дидгоҳи андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Азизуддин Насафсӣ, қамар маҳалли фитнаҳо ва балоҳост ва ҳосили ҳаёт ҷуз азоб ва меҳнат нест «ва бо вуҷуди ин ҳама бало ва фитна пур аз хирс ва хук аст ва пур аз гург ва паланг аст ва пур аз мору каждум аст ва бо онон суҳбат мебояд дошт ва ҳамсуҳбати эшон мебояд буд, балки шабу рӯз хидмати эшон мебояд кард ва маҳкуми эшон мебояд буд. На ҳақ ба дасти ман аст, ки мегӯем, чӣ будӣ агар набудӣ! Чӣ суд аз ин фарёд ва аз ин нола ва чӣ фоида аз ин дорад кашидан ва бисёр гуфтан. Чун будем, тан дар мебояд дод ва розӣ ва тасмим мебояд шуд» [18,с.272]. Олами зери қамар олами ғам ва фитна аст. Бисёре аз одамонро фирефта месозад, зеро аксари одамон дар андешаҳои подшоҳе ё саводи пешвоанд. Дарвоқеъ, охирин саводе, ки аз димоғи дунё берун меравад ва дил ба беинтиҳои дунё месупорад [18,с.171], се бут «шаҳвати ботин, шаҳвати фуруғ ва дӯстии фарзанд» нахустин бутҳое ҳастанд, ки дар сари роҳи одамон қарор доранд ва саъю кӯшиш ва ҷангу сулҳи онон дар дунё аз барои ин бутҳост, аммо «баъзе касон аз ин се бут хулоса ёфтаанд ва ба се бути дигар, азимтар аз ин гуфтор шуданд ва аз ин се ҳиҷоби дигар, қавитар аз ин фурӯ монанд ва ин дӯстии ороиши зоҳирӣ ва дӯстии мол ва дӯстии ҷо аст ва ин се бутон азимтаранд ва ин се ҳиҷоб қавитар аст» [18,с.229].

Бут, аз назари Азизуддин Насафсӣ восита ва сабаби ғафлати одамон аст, маънои густурда дорад. Бутҳои шикаста дарвоқеъ разили ахлоқианд, аммо одамон метавонанд бутҳое битарошанд, ки дар умр на разилат аст ва на бут. Аз назари Азизуддин Насафсӣ «… касе, ки мегӯяд: ҷомаи ту мехоҳем ва куҳна намехоҳем, дар банд аст. Ва он кас, ки мегӯяд: ҷомаи куҳна мехоҳем ва нав намехоҳем, ҳам дарбанд аст. Ва бандӣ аз он рӯе, ки банд аст, тафовуте накунад. Агар заррин буд ё оҳанин, ҳарду банд бошад. Озод он аст, ки ӯро ба ҳеҷ гуна ва ҳеҷ навъ банд набуд, ки банд, бут бошад. Ҷумлаи бутонро шикаста буд ва аз ҳама гашта бошад ва дилро, ки хонаи Худо аст аз бутон пок карда буд» [18,с.137].

Азизуддин Насафсӣ ҳар гоҳ кореро, ки фарз нест ва сабаби роҳати дигарон нест, бут медонад ва барои бутҳо силсиламаротиберо қарор медиҳад. Дар миёни бутҳо пайваста як бути бузург вуҷуд дорад ва боқии бутҳо нисбати он кӯчактаранд ва ҳар кас бути бузурги худро дорад: ҷоҳталабӣ, молдӯстӣ ва … Бисёр одамон ба бутҳо фирефта мешаванд ва ба ҳамин сабаб аст, ки агарчи сурати одамӣ доранд, аммо ба маъно дар шумори баҳомманд ва сифат ва амали он доранд: «Эй дарвеш! Ба яқин бидон, ки бештар одамон сурати одамӣ доранд ва маънии одамӣ надоранд ва ба ҳақиқат хару гову гург ва палангу мору каждуманд. Ва бояд, ки ҳеҷ шак набошад, ки чунин аст. Дар ҳар шаҳре чанд касе бошанд, ки сурат ва маънии одамӣ доранд ва боқӣ ҳама сурат доранд ва маънӣ надоранд» [18,с.304].

Мазамматиолами зери қамар ва бадбинии бунёдии Азизуддин Насафсӣ нисбат ба «бисёр касон» нахустин марҳилаи андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ аст. Дувумин марҳилаи таваҷҷуҳи ӯ омӯзиш ва парвариш аст, ки то чанд касеро, ки дар ҳар шаҳре сурату сирати

одамӣ доранд [18,с.91] ва ё метавонанд дошта бошанд, аз иҷтимоъ раҳонад ва роҳи сулҳ ва осоиштагиро ҳидоят намояд. Чунонки мулоҳиза мешавад, андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Азизуддин Насафсӣ аз ҳамон оғоз ва аз бунёди ноиҷтимоӣ ва носиёсӣ (asocial et apolitique) аст маънои ин гузориш он аст, ки андешаи ирфонӣ ба зарурият ва ҳамеша зидди иҷтимоӣ ва ҷиддӣ нест, ё ҳадди ақал Азизуддин Насафсӣ чунин нест, зеро агарчи вай ба арзишҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ мепардозад, аммо бо онҳо ба солик битавонад дар миёни одамон бо сулҳ зиндагӣ кунад, бояд ба дониш рӯ оваранд, ки шеваи шикастани бутҳоро ба ӯ нишон медиҳад, ки «дин ва дунёи соликро месӯзонад» [18,с.81]. Солик маротиб ва мақомотро бо тадриҷ сайр карда ва ба нафси худ қудрат пайдо мекунад ва ба мақоми «дарвеш» мерасад, «ки ҳеҷ мақом бузургтар аз дарвешӣ нест ва ҳеҷ тоифа фозилтар ва гиромитар ба назди Худо аз дарвешон нестанд. Дарвешоне, ки доно ва ботаҷриба бошанд ва ба ихтиёри худ дониш тарк карда бошанд, дарвеши ихтиёркарда буданд» [18,с.322]. Солик, дар андешаи Азизуддин Насафсӣ ба хилофи «соҳибдил», Саъдиро иқтибос меорад:

Соҳибдиле ба мадраса омад зи хонақоҳ,
Бишкаст аҳди муҳаббат аҳли тариқро.
Гуфтам миёни оламу обид чӣ фарқ буд,
То ихтиёр кардӣ аз он, ин фариқро.
Гуфт ин гилеми хеш ба дар мебарад зи мавҷ,
Ва ин ҷаҳд мекунад, ки бигирад ғариқро [7,с.14].

Саъдӣ, ки хонақоҳро ба қудси мадраса тарк мекунад, то ғариқро наҷот диҳад, нахуст ба мадраса меравад ва он гоҳ ба хонақоҳ меояд. Танҳо «тариқ ба камол аст ва ҳар, ки инчунин кунад, шояд, ки ба мақсуд расад ва ҳар кӣ ин чунин кунад, шояд, ки ба мақсуд расад ва ҳар кӣ на чунин кунад, ҳаргиз ба мақсад ва мақсуд нарасад» [18,с.55]. Маънои ин, танҳо «тариқи ҳосили низом камол он аст, ки асл дар андешаҳои ирфонӣ ботини низом ва болотар аз ботини инсон аст ва зоҳир дар ҳукми поён аст, ки ногузир бояд аз он гузашт. Таваҷҷуҳ ва таъкид ба аҳаммияти ботин ва ин ки микёси ҳама низом ботин аст ва ботин қолибест, ки тамоми низоми зоҳир дар он рехта мешавад ва низоми зоҳир шакл надорад, зеро андешаҳои ирфонӣ дар қаламрави андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, бо ин сабаб гуфта мешаванд. Андешаҳои ирфонӣ омехтаи «муомила бо Худо» мебошанд ва ин муомила, дарвоқеъ канорӣ (андарун) аст, ки васфу баён намегарданд: «Эй дарвеш! Агар туро бо Худо муомилае аст, он аҳволи дил аст ва касеро бар он иттилоъ нест. Тарриқ ва уруҷ ба андарун таълуқа ва имтиёзи ту аз дигарон ба андарун аст» [18,с.290].

Бинобар ин, агар «бутон»-и Азизуддин Насафсӣ аз дидгоҳи андешаҳои ирфонӣ ба тадвини сиёсат пардозанд, ин олам боиси вайронӣ аст, ки имтиёзи онҳо аз ҳамдигар «ба берун аст». Дар андешаҳои сиёсӣ ба хилофи андешаҳои ирфонӣ, асл, берун аст, зеро андозаи имтиёз аст. Андешаҳои ирфонӣ ҷуз ба ботин ва имтиёзи ботинӣ арҷ намегузорад. Имтиёзи ботинӣ, ҳосили «муомила бо Худо» ё бо ибораи дигар, моҷарои миёни инсон ва Худост, ки моҷарои ошиқона аст ва агарчи оғозе дорад, аммо анҷом надорад. Ин моҷарои миёни инсон ва Худо, ки баёни дигаре аз «сулук» дар андешаҳои Азизуддин Насафсӣ аст, аз ду сайр ё ду марҳила ташкил шудааст. Сайри нахуст, яъне сайри «оли Аллоҳ» аст, ки оғоз ва анҷоми дорад ва расидан ба Худо ва лиқои Аллоҳ аст, дар ҳоле, ки сайри дуюм, яъне сайри «фи Аллоҳ»-ро, ки солик дар тайи он чандон сайр мекунад аз худ нест шуда ва дар Худо ҳаст мешавад, ниҳоят нест [18,с.34]. Миёни ниҳояти сулук ва оғози сайри «фи Аллоҳ» марҳилаест, ки дар он руҳи солик, қолабро тарк мекунад ва ин ниҳоят, ғояи тарбиявӣ дар андешаҳои ирфонӣ аст: «Шайхи мо мефармуд, ки руҳи ман сездаҳ рӯз дар осмонҳо бимонд, он гоҳ ба қолаб омад ва қолаб дар ин сездаҳ рӯз ҳамчунон мурда афтода буд ва ҳеҷ хабар надошт ва дигарон, ки ҳозир буданд, гуфтанд, ки сездаҳ рӯз аст, қолаби ту инчунин афтода аст ва азизи дигаре мефармуд, ки руҳи ман бист рӯз бимонд, он гоҳ ба қолаб омад. Ва азизи дигаре мефармуд, ки руҳи ман чиҳил рӯз бимонд, он гоҳ ба қолаб омад ва ҳарчи дар ин чиҳил рӯз дида буд, ҷумла дар ёди ӯ буд» [18,с.109].

Ҳамин тариқ, андешаҳои ирфонӣ дар омӯзиш ва парвариши нухбагароӣ пайванд аст ва бо донистани ин фирқаи парвариш, ки хитоби андешаҳои ирфонист, ки ҳамгиро, андешаҳои сиёсӣ мебошад. Ҳар кӣ дар ҷиҳати созмондиҳии назаре, ки андешаҳои ирфонӣ дар боби ҷомеаи сиёсӣ дошта бошад ва ба рағми ин назар андешаҳои ирфонӣ, инсонҳои биногузир ва аз рӯйи сиришт дар иҷтимоиёти маданӣ гирд меоянд ва дар ҳамин

гирдиҳамоӣ, муносибате миёни онҳо барқарор мегардад, ки он муносибати тавлид ва тавзеҳи қудрати сиёсӣ дониста мешавад. Андешаҳои сиёсии муосир низ ба маънои дақиқ, таҳлили муносибати тавлид ва тавзеҳи қудрати сиёсӣ аст ва ин таҳлил, ҷомеаи сиёсӣ ва қудрати тавлидшуда дар он роҳи ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ қарор дода шуда, тамоми низом ва робитаи миёни инсонҳо ва ҳатто иртиботи миёни инсон ва Худоро ҳамчунин заминаи муҳим, таҳлили сиёсӣ ворид мекунад. Табиист, ки андешаҳои ирфонӣ бо чунин дарки ҷомеаи сиёсӣ созгор нестанд, аммо нуқтаи муҳим низ бояд афзуда шавад, ки агар андешаҳои ирфонӣ дар давраи намояндагони бузурги он андешаҳои иҷтимоӣ аст ва иҷтимоиёти инсонӣ ба таври куллӣ воқеиятпазир пазируфта шудааст, ҳарчанд ки нухбагон аз мушорикат дар «низоми сиёсӣ» монеъ мешуданд [2,с.214].

Марҳилаи севуми таҳлили андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар адабиёти ирфонӣ, ки ду марҳилаи он таҳлил гардид, адами суботи низоми олами зери қамар ва омӯзиш ва парвариш нухбагароии сайр ва сулук аст. Андешаҳои ирфонӣ аз он сабаб, ки нухбагарост дар бораи иҷтимоиёти инсонӣ назари воҳид, аммо дарвоқеъ дар ду паҳлу баррасӣ мегардад ва бо таваҷҷуҳи чунин назар аст, ки давраи шукуфоии андешаҳои ирфонӣ баррасӣ мегардад ва андешаҳои ирфонӣ-иҷтимоӣ ва сиёсӣ мегарданд. Нуқтаи назари бунёдии Азизуддин Насафсӣ ин аст, ки тамоми мутаносибе, ки нақши иҷтимоӣ доранд, ҳатто агар ба низоми динӣ марбут бошанд, дар қаламрави низоми динӣ сӯйи дурӯғ аст: «Эй дарвеш! Дӯсти подшоҳӣ ва вазирӣ ва хоҷагӣ ва раис ё пешвоӣ шайху воиз ва қозӣ ва мударрис ва монанди ин ҷумла дарҳои дурӯғанд. Ва нодон ҳама рӯз дар саъйи он бошад, ки дарҳои дурӯғ бар худ бузургтар ва фарохтар кунад ва доно он касест, ки дарҳои дурӯғ бар худ тангтар мекунад ва бар худ мебандад ва бастани дарҳои дурӯғ бар худ тарки ҷо аст» [18,с.454].

Андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Азизаддин Нафасиро метавон ба ҳамаи олам ва одам татбиқ кард. Подшоҳӣ ва пешвоӣ, аз назари ӯ, дарҳои дурӯғанд ва солик ночор бояд «тарки пешвоӣ кунад», то «истеъдоди он ҳосил [кунад], ки вай дар боби дин кор оянд» [18,с.143]. Дин ва дунё мухолифанд, зеро «подшоҳӣ ва пешвоӣ» ҷуз бо озори дигарон кардан, мумкин намегардад ва дар андешаҳои ирфонӣ қабул нест, озор расонидан [18,с.182]. Азизуддин Насафсӣ инсони комилро халифаи Худо медонад, инсони комил, ки доираи сайри «оли Аллоҳ»-ро тамом карда ва ниҳоят ба мақомоти инсонӣ расидааст: «Ва ҳар ки олами сағирро тамом кард, дар олами кабир ноёб ва халифаи Худо гашт. Акнун кори вай он бошад, ки дигаронро тамом кунад» [18,с.341].

Қабл аз чорумин марҳилаи таҳлили андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар адабиёти ирфонӣ бояд тавзеҳро дар бораи «хилофати инсони комил» баррасӣ намоем. Маълум карда шуд, ки Азизуддин Насафсӣ чӣ тасвири бадбинона аз олами зери қамар ва иҷтимоиёти инсониро баррасӣ мекунад; иҷтимоиёти инсонӣ дар олами зери қамар аз шарр ва манзилгоҳи ҳамбутӣ одамӣ аст ва таваҷҷуҳи соликро ба ҷойгоҳи пеш аз ҳамбутӣ ҳидоят намуда ва ба ӯ роҳеро нишон медиҳад, ки ба қавли Азизуддин Насафсӣ «Худро тамом ва рост кунад» [18,с.341]. Бо ин тартиб, солик «дар олами кабир ноиб ва халифаи Худо» мегардад ва хилофати вай ба одамон хилофати зоҳирӣ нест, зеро андешаҳои ирфонӣ ҳар гуна хилофат ва салотиниро дар ниҳоят зоҳирӣ медонанд ва ба ҳамин далел аст, ки рӯй аз дунё бармегардонад, то ниёзманд ба хилофат ва салтанат набошанд: «Эй дарвеш! Доноён дар дунё ҳаргиз чизе нахостаанд, ба ҳарчи пеш омадааст розӣ ва таслим буданд, аз ҷиҳати он ки донистаанд, ки одамӣ надонад, ки ба омади вай дар чист, ки акси он такрорҳои иштибоҳ ва яқин донистани он, ки Худои маслиҳаткор ӯро банда донад. Пас, тадбир ва тасарруф худ ва иродат ва ихтиёри худ аз миён бардоштанд ва кор ба Худои пок гузоштанд…» [18,с.339].

Азизуддин Насафсӣ дар олам ва одам тавассути андешаҳои ирфонӣ ба маънои нафси олами зери қамар ва иҷтимоиёти инсонӣ ба таври куллӣ намешуморад. Натиҷаи андешаи Азизуддин Насафсӣ ин аст, ки аз иҷтимоиёти инсонӣ ва дар натиҷаи хилофат ва салтанати зоҳирӣ фоидае нест. Ӯ ислоҳи низоми иҷтимоии инсониро номумкин ва ё ба баёни дигар ҷуз аз роҳи тасарруф мумкин намедонад. Ин ду арзёбии бадбинона нисбат ба зарурияти иҷтимоиёти инсонӣ ва ислоҳнопазирии низом, Азизаддин Нафасиро ба мавзуи «тарк» ҳидоят мекунад, майл ба подшоҳӣ ва пешвоӣ барои зиндагии инсонӣ дар олам лозим нест: «Олам беинтиҳо набошад ва бояд, ки дар олам инҳо бошанд, аммо лозим нест, ки ту бошӣ,

пас солик чун аз ин биёбони хуни ховар бигзашт ва тарки пешвоӣ кард, халос ёфт. Солик то аз ин биёбонҳои хуни ховар бигзашта буд, дар хуф буд ва эътимод бар ӯ набуд. Акнун аз хуф берун омад ва истеъдоди он ҳосил кард, ки аз вай дар боби дин ба кор ояд» [18,с.454].

Ин андешаҳои ирфонӣ тобеъ ба андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсии қадим нест, дар пайи тасарруф дар олам ва таъсир ба одам аст. Азизуддин Насафсӣ ормонхоҳиро пайгирӣ мекунад, «озодӣ» ба маънои «аз ранги таъаллуқ озод будан» аст. Ормонхоҳӣ басе баланд ва дастнаёфтанӣ, зеро ниҳояти он расидан ба эътидол аст, ки солик ҳеҷ сифатеро, ки дар ҷойи худ бошад, бад намеёбад. «Худои таоло ҳеҷ чизе бад наёфарид, ҳама нек офаридааст» [18,с.48]. Бинобар ин, аз сӯйи солик бояд бо тамоми мазҳари олами зери қамар дар оштӣ ва созгорӣ ба сар барад, ки дар он тавонгарӣ ва дарвеширо мояи азоб бидонад; пас на дарвеш бояд дар пайи тавонгарӣ бошад ва на тавонгарӣ дар савдои дарвешӣ: «Эй дарвеш! Чун донистӣ, ки кори одамӣ пеш аз омадани вай сохтанд, ба доди Худо қаноат кун ва розӣ ва таслим шав! Дарвешро бо дарвеш мебояд сохтан ва тавонгарро бо тавонгар ҳам мебояд сохт. Аз ҷиҳати он ки дарвеш ва тавонгар ҳарду сабаби азоби одамӣ аст; онро ки сахӣ офариданд, металабад то харҷ кунад ва онро ки бахил офариданд, металабад то нигоҳ дорад ва ҳарду азобанд. Дарвеш мепиндорад, ки тавонгар дар роҳат ва осоиш аст ва тавонгар мепиндорад, ки дарвеш дар роҳат ва осоиш аст» [18,с.75].

Андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар адабиёти ирфонӣ дар бораи олам ва иҷтимоиёти инсонӣ дар ҳамоҳангӣ бо олам ва иҷтимои инсонӣ ва ҳамчунин арзишҳои волои солик созгор аст. Солик «накӯахлоқ ва роҳатрасон» аст ва бо иҷтимои инсонӣ ба ситазаҷӯӣ барнамехезад. Амният бузургтарин неъмати рӯйи замин аст ва ҳатто болотар аз он, «ҳар куҷо амн аст, биҳишт аст». Солик, ки инсони биҳиштӣ аст, бо нексириштӣ ва роҳатрасонии худ мекӯшад, то бо ёрии амният аз иҷтимоъ инсони биҳиштӣ созад, аммо аз он ҷо ки андешаи ирфонии дунё ва ҳар гуна таъаллуқеро «тафриқа ва парокандагӣ» ва «сабаби ҷумлаи балоҳо ва фитнаҳо ва азобҳои гуногун медонад [18,с.329], наметавонад дар олам ва иҷтимоиёти инсонӣ сабаби асирӣ бошад. Андешаи ирфонӣ бо таъкиде, ки ба «ҳақиқат» дорад, ин оламро ҷумла, хаёл ва намоиш медонад» [18,с.424]. Хаёл ва намоише, ки аз он бозгашт ва бояд фаротар рафт, бештари одамон фирефтаи дунё мешаванд, вале андаке аз онҳо «агарчи дунёро чунон ки дониста мешиносанд, ба дунё фирефта намешаванд, аммо чун ба қадри зарурият, эҳтиёҷ ба вай доранд ва ба воситаи эҳтиёҷ бо ноҷинсон ҳам суҳбат мебояд кард. Дар андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсии адабиёти ирфонӣ олам маҳалли ҳаводис, бало ва фитна аст, ки пур аз хирсу хук ва мору каждум аст ва ниёзи ғаризнопазири соликро ба таҳмили бало ва фитна ва хирсу хук маҷбур мекунад. Бо ин тартиб, маънои «ба сулҳ будан то халқ» равшан мегардад, солик дар гирдоби ҳаводис андар афтодааст ва нолаву фарёд дар ҷиҳати наҷоти вай суде надорад. Чора ба даргирӣ то олам ва халқи Худо, ки таҳмили он ду аст ва ризову таслим, то шояд туфон фурӯнишонад ва солик ба саломат ҷон ба соҳили наҷот афтад: «Эй дарвеш! Чун дарафтодем ба зере, ки ба дар мебояд барад ва розӣ ва таслим мебояд буд, то бошад, ки аз ин доди хунхор ба саломат бигзарем, ки аз фарёд задан ҳеҷ фоида надиҳад» [18,с.424].

Чорумин марҳила дар таҳлили андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар адабиёти ирфонӣ ин мавзуъгирии интиқолӣ нисбат ба олам ва иҷтимоиёти инсонӣ аст. Ормони андешаҳои ирфонӣ тарбияи инсони комил аст, ки ба андешаи Азизуддин Насафсӣ, ба чор сифат аз бақияи одамон аст: «ақвоми нек, ахлоқи нек, афъоли нек ва маориф» [18,с.4]. Инсони комил аз тамоми ҳаводиси олам бохабар аст ва чизе ба ӯ пӯшида нест; инсони комил ашё, ҳикмати ашёро чунонки бояд медонад ва он чиро ки медонад ба як бор дар назар қарор медиҳад. Ӯ зинда ва хулоса аз одамонест, ки бо номҳои чун «шайх ва пешво ва ҳодӣ ва маҳдӣ» номида мешавад: «ва ин инсони комил ҳамеша дар олам бошад ва зиёда аз як набошад, аз ҷиҳати он ки тамоми мавҷудот ҳамчунин як шахс аст ва инсони комил, дили он шахсест ва мавҷудоти бедил натавонанд буд. Пас инсони комил дар олам зиёда аз як набошад» [18,с.5].

Болотар ишора кардем, ки «хилофати инсони комил» ва пешвоӣ, ба андешаи Азизуддин Насафсӣ, дар маънии хилофат ва пешвои зоҳирӣ фаҳмида мешавад; худи вай дар баҳс дар бораи инсони комил ин нуқтаро баён кардааст ва аз ҳамон оғози китоби «Ал-инсон ва ал-комил» ин мулоҳизаҳои худро равшан мекунад: «Эй дарвеш! Роҳат Худои ом

аст, ҷумла мавҷудотро ӯ раҳмати анбиёи ом аст, ҷумла одамонро ӯ раҳмати авлиёӣ ом аст, ҷумла толибонро даъвати анбиёи ин буд, ҷумла як сухан буданд ва ҷумла тасдиқи якдигаранд … фарзи мо байни инсони комил аст, чун камол ва бузургии инсони комил бо ин камол ва бузургӣ, ки дорад, қудрат надорад ва ба номардӣ зиндагонӣ мекунад ва ба созгорӣ рӯзгор мегузаронад. Аз рӯйи илм ва ахлоқ комил аст, аммо аз рӯйи қудрат ва мурод ноқис аст» [18,с.7].

Камол ба илм ва ахлоқ дар назди инсони комил, сабаби қудрати маънавӣ ва ботинии ӯст, дар ҳоле, ки агар ба ҳақиқат дар тавонмандӣ чун «ҳоким ва подшоҳ» дониста шавад. Инсони комил бар хилофи ҷумлаи одамон медонад, ки зиндагӣ дар дунё бо номардӣ ҳамроҳ аст ва маҳсули мурод аз қудрат он хориҷ аст, зеро ба саъй ва кӯшиш коре ба пеш намеравад. Ин нотавонӣ ва номардии инсони комил дар низоми дунё, ба андешаи Азизуддин Насафсӣ мобайни он аст, ки инсони комил бо такя ба чор сифате, ки зикр шуд, агарчи комил аст, аммо озод нест. Барои ноил шудан ба озодӣ, ки олитарин мақом дар сулук аст, инсони комил, боиси илова ба сифате, ки ҷанбаи эҷодӣ дошт, ба чор сифат «тарк, узлат, қаноат, ва хумул» низ ороста аст. Азизуддин Насафсӣ ду тоифаро миёни камолоти озод нақш медиҳад; ӯ ин ҳарду гурӯҳро ба таҷрибаи шахсӣ мешиносад, аммо ба назар мерасад, ки охирин каломи вай дар ин бора чунин аст: «Бидон камолоти озод, ду тоифаанд, чун тарк карданд ва озод ва фориғ гаштанд, ду шох пайдо омад. Баъзе аз тарк, узлат, қаноат ва хумул ихтиёр карданд ва баъзе баъд аз тарк, ризо ва тамсил ва назораи гардан ихтиёр карданд, мақсуди ҳама озодӣ ва фароғат будан. Баъзе гуфтанд озодӣ ва фароғат дар тарк ва узлат ва қаноат ва хумул аст ва баъзе гуфтанд озодӣ ва фароғат дар тарк ва ризо ва таслим ва назора кардан аст. Ин ҳарду тоифа дар олам ҳастанд ва ҳар яке ба кори худ машғуланд. Он тоифа, ки узлат ва қаноат ва хумул ихтиёр карданд, донистанд, ки … бо дунё ва муҳаббати аҳли дунё тафриқа ва парокандагӣ ҳамвора аст, пас тарк карданд ва дӯстии дунё аз дил қатъ карданд. Агар ногоҳ иттифоқ чунон меафтанд, чизеро аз дунёи рӯйи бади эшон мениҳад, бо чизе аз таънаҳо ва лаззати дунёи воло эшонро масир мешавад ё суҳбати аҳли дунё пеш меояд, қабул намекунанд. Чунонки дигарон аз шеру паланг ва мору каждум метарсанд. Ва он тоифа, ки ризо ва таслим ва назора кардан ихтиёр карданд, донистанд, ки одамӣ наметавонад ба омади вай дар чист. Вақт бошад, ки одамиро чизе пеш ояд ва ӯро аз омадани он чиз хуш ояд ва зиёни вай дар он чиз бошад… . Чун ин тоифа тадбир ва тасарруфи худ ва иродат ва ихтиёри худ аз миён бардоштанд ва розӣ ва таслим шуданд… ва ин бечора муддатҳои мадид баъд аз тарк дар узлат ва қаноат ва хумул будам ва муддатҳои мадид, баъд аз тарк дар ризо ва таслим ва назора кардан ва имрӯз, ки ин менависем ҳам ҳеҷ тарҷеҳ накардаам ва наметавонам кард ва аз ин ҷиҳат он ки дар ҳар тарафе фоидаи бисёр мебинам ва офати бисёр мебинам» [18,с.9].

Азизуддин Насафсӣ бо таҷрибаи яқин намедонад, ки кадом шох беҳтар аст ва кадом тоифа аз камолоти озод дар роҳи дуруст гом бармедорад. Баъд аз тавзеҳ ягона роҳи инсони комилу озод, ягона роҳ наҷоти инсон аст. Азизуддин Насафсӣ дар ниҳоят, ҳайратро дар сулук чун офат мебинад. Бо ин тартиб, андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар «Ал-инсон ал-комил»-и Азизуддин Насафсӣ ва адабиёти ирфонии аҳди ислом дар доираи ҳайрат оғоз ва дар водии «ҳайрат андар ҳайрат» поён меёбад.

**АДАБИЁТ**


1. Аликулов, Х. Взаимовлияние и развитие общественно-политической мысли и утопические идеи в Средней Азии и Иране в XIV-XV вв. / Х.Аликулов. Ташкент: Фан, 1983. – С.53-137.
2. Бертельс, Е.Э. Политические взгляды Низами / Е.Э. Бертельс // Извест. АН СССР. Отд-ние лит-ры и языка. – М., 1941. -№2. – С.22-41.
3. Идибеков, Н.О. Социально-политические воззрения Насриддина Тусї / Н.О. Идибеков // Материалы годичной (XIX) научной конференции Тадж. мед. Ин-та им. Абуали Ибн Сина. -Душанбе, 1970. -С.20-23.
4. Комилов, Р. Назарияи ҷомеаи ормонӣ дар таърихи фарҳанги форсу тоҷик / Р.Комилов. -Душанбе: Маориф, 1997. - 288 с.
5. Комилов, Р. Некоторые вопросы социально-утопического учения в истории таджикской философии XIII-XV веков/ Р.Комилов // Сборник трудов республиканской научно-практической конференции молодых учёных и специалистов. Секция общественных наук. – Душанбе: Дониш, 1989. – С.91-93.
6. Мустафаев, Дж. Природа социальных утопий стран Ближнего Востока // Вопросы философии / Дж. Мустафаев. 1968. №8. – С.115-124.
7. Қодиров, К. Риёзи ирфони Мирсайид Алии Ҳамадонӣ / К.Қодиров. – Душанбе: Деваштич, 2008. - 297 с.

8. Қодиров, К. Каломи ҳикмату маърифати Мирсайид Алии Ҳамадонӣ / К.Қодиров. -Душанбе: Адиб, 2012. - 23 с.
9. Қодиров, К. Ирфони Мирсайид Алии Ҳамадонӣ / К.Қодиров. – Душанбе: Адиб, 2012. - 256 с.
10. Мирбобоев, М. О жизни и наследии Джалалиддина Давони / Изв. АН Тадж. ССР. Отд-ние обществ. наук / М. Мирбобоев. – Душанбе, 1974. -№4. – С.140-142.
11. Мирбобоев, М. Этика и социальная философия Джалалиддина Давони / М. Мирбобоев. – Душанбе: Маориф, 1975. - 154 с.
12. Афлокӣ, А Маноқиб-ул-орифин. – Теҳрон, 1375 ҳ.ш. - 423 с.
13. Куманиш, А. Партави ирфон. – Теҳрон, 1366 ҳ.ш. - 504 с.
14. Ихтиёрӣ Б. Ганҷинаҳои ирфони исломӣ // Маҷаллаи «Кайҳони андеша». -Теҳрон, 1371 ҳ.ш. №41. -С.127-133.
15. Муттаҳарӣ, М. Куллиёти улуми исломӣ. Калом-ирфон-ҳикмати амалӣ. – Теҳрон, 1381 ҳ.ш. - 240 с.
16. Ҷаъфарӣ, М. Ҳикмату ирфон ва ахлоқ дар шеъри Низомӣ. – Теҳрон, 1370 ҳ.ш. - 378 с.
17. Ҳидоят, Р. Тазкираи риёзии ал-орифин. – Теҳрон, 1344 ҳ.ш. - 249 с.
18. Насфаӣ, А. Китоб ал-инсон ал-комил. – Теҳрон, 1342 ҳ.ш. - 504 с.

## АНДЕШАҲОИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ДАР АДАБИЁТИ ИРФОНИИ ФОРСУ ТОҶИК (ЗИМНИ ТАҲЛИЛИ РИСОЛАИ «АЛ-ИНСОН АЛ-КОМИЛ»-И АЗИЗУДДИН НАСАФӢ)

Дар мақола андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар адабиёти ирфонии форсу тоҷик дар асоси таҳлили рисолаи «Ал-инсон ал-комил»и Азизуддин Насафсӣ мавриди барраси қарор дода шудаанд. Тазаккур дода мешавад, ки дар адабиёти форсизабони ирфонӣ инсон ва мавқеи иҷтимоии он бо сиёсат пайваста аст. Дар аҳди ислом дар адабиёти ирфонии форсу тоҷик, зимни баҳсҳои ирфонӣ, масъулияти инсон дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ баррасӣ гардидааст. Аз ҷумла, дар бахши ирфони амалӣ инсон такомули маънавӣ меёбад ва сиёсат, мақсади ислоҳталабона ва раҳнамои рӯзгори инсон аст. Азизуддин Насафсӣ намояндаи бузурги адабиёти ирфонии форсу тоҷик дар рисолаи «Ал-инсон ал-комил», ки дар мавзуоти ирфони амалӣ ва назарӣ бахшида шудааст, андешаҳои ирфонӣ аз дидгоҳи иҷтимоӣ-сиёсӣ баррасӣ гардидаанд. Андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Азизуддин Насафсӣ дар мавриди инсон ва ҷомеа баррасӣ шудаанд ва «инсони комил» дар доираи сайри Аллоҳ ниҳоят дорад, ки инсон ба камол мерасад. Андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар рисолаи «Ал-инсон ал-комил»-и Азизуддин Насафсӣ дар бораи олам ва иҷтимоиёти инсонӣ дар ҳамоҳангӣ бо арзишҳои волои инсонӣ дар ҷомеа аст. Азизуддин Насафсӣ дар афкори ирфонии худ, ки аслан андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ мебошад, такомули маънавии инсонро дар ҷомеа, дар партави қоидаҳои динӣ ва ахлоқӣ медонад. Дар ҳаёти иҷтимоӣ ва баҳсҳои ирфонӣ дар бораи иҷтимоиёт ва сиёсат, андешаи ӯ масъулияти инсон дар ҷомеа аст.

**Калидвожаҳо:** Азизуддин Насафсӣ, инсон, ҷомеа, ирфон, сиёсат, такомул, маъориф, масъулият.

## СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ В ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ИРФАНИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ (НА ОСНОВЕ АНАЛИЗА ТРАКТАТА АЗИЗАДДИНА НАФАСИ «АЛ-ИНСОН АЛ-КОМИЛ» («О СОВЕРШЕННОМ ЧЕЛОВЕКЕ»))

В статье рассматриваются социально-политические взгляды в персидско-таджикской ирфанической литературе на основе анализа трактата Азизаддина Нафаси «Ал-инсон ал-комил» («О совершенном человеке»). Отмечается, что в персоязычной ирфанической литературе человек и его социальная сфера тесно связаны с политикой, так как социальная жизнь и политика имеют ирфаническую оболочки. В эпоху ислама персидско-таджикские мыслители посредством ирфанической жизни человека в обществе, особенно в практическом разделе ирфана, утверждали, что человек обязан посредством социальной жизни совершенствовать себя и становится «совершенным человеком». Азизаддин Нафаси является ярким представителем персидско-таджикского ирфана и трактат «Ал-инсон ал-комил» («О совершенном человеке»), посвяшенный практическому и теоретическому ирфану обосновывает главные положения и узловые вопросы ирфана в контексте социально-политической жизни общества. В трактате «Ал-инсон ал-комил» («О совершенном человеке») Азизаддина Нафаси социально-политические взгляды представляются важными, так как всестроннее исследование ирфанических (литературных) идей о социальной жизни человека, прежде всего, обосновывается тем, что он является величайшим мыслителем ирфана, внимание которого сосредоточено главным образом на политических аспектах этого учения. Социально-политические взгляды Азизаддина Нафаси в контексте человек и общество обосновываются сущностю «совершенного человеке», который стремится к подвижничеству и духовному очищению, о чем свидетельствует его трактат. Главным средством и заветным ориентиром человека, согласно Азизаддина Нафаси, служит стремление к илеальной чистоте – Богу, исключительно на пути к которому человек может стать «совершенным».

**Ключевые слова:** Азизаддин Нафаси, человек, общество, ирфан, политика, совершенствование, образование, ответственность.

## SOCIO-POLITICAL VIEWS IN PERSIAN-TAJIK IRFAN LITERATURE (BASED ON THE ANALYSIS OF AZIZADDIN NAFASI'S TREATISE «AL-INSON AL-KOMIL» («ABOUT THE PERFECT MAN»))

The article examines the socio-political views in the Persian-Tajik Irfan literature based on the analysis of Azizaddin Nafasi's treatise «Al-inson al-komil» («About the Perfect Man»). It is noted that in the Persian-language Irfan literature, a person and his social sphere are closely connected with politics, since social life and politics have an Irfan shell. In the era of Islam, Persian-Tajik thinkers through the irfan life of a person in society, especially in the practical section of irfan, argued that a person is obliged to improve himself through social life and becomes a «perfect person». Azizaddin Nafasi is a prominent representative of the Persian-Tajik irfan and the treatise «Al-inson al-komil» («About a perfect man»)

dedicated to the practical and theoretical irfan substantiates the main ideas and key issues of irfan in the context of the socio-political life of society. In the treatise «Al-inson al-komil» («About a perfect man») by Azizaddin Nafasi, socio-political views are important, since a comprehensive study of irfan (literary) ideas about the social life of a person, first of all, is justified by the fact that he is the greatest thinker irfan whose attention is focused mainly on the political aspects of this doctrine. Socio-political views of Azizaddin Nafasi in the context of man and society substantiates the essence of the «perfect man», which he devotes to asceticism and spiritual purification, as evidenced by his treatise. According to Azizaddin Nafasi, the main means and cherished guide of a person in society is the desire for ileal purity - God, only on the path to which a person can become «perfect».

**Keywords:** Azizaddin Nafasi, person, society, irfan, politics, improvement, education, responsibility.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Қодиров Каримҷон*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, иҷрокунандаи вазифаи профессор. **Суроға:** 735440, ш.Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **karimjon_qodirov@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-14-74-68**

**Сведения об авторе:** ***Кодиров Каримчон*** - Бохтарский государственный университета имени Носира Хусрав, исполняющий обязанности профессора. **Адрес:** 735440, г.Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67. E-mail: **karimjon_qodirov@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918-14-74-68**

**Information about the author:** ***Kodirov Karimchon*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, acting. Professor. **Address**: 735440, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Aini street, 67. E-mail: **karimjon_qodirov@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-14-74-68**

ТДУ: 321

# ИДОРАКУНИИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ АМАЛИШАВИИ СИЁСАТИ ИТТИЛООТӢ ВА КОНСЕПСИЯИ “ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ”

*Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Истифодаи васеъ ва бевоситаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ қариб дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва истифодаи густурдаи онҳо дар бахши сиёсат ва ба амал баровардани идоракуниву қудрати сиёсӣ аз дарки афзалиятҳои он шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин, бевосита дар соҳаи идоракунии сиёсӣ ва маъмурӣ механизмҳои таъсири онҳо ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд. Мушоҳида мегардад, ки дар мубоҳисаҳои сиёсӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ ақидаҳои аз ҳад зиёд оптимистӣ ва ё баҳои рӯякӣ ба оқибатҳои истифодаи онҳо ҳукмфармо мебошад. Аз ин рӯ, муайян намудани хусусиятҳои таъсири «ҳукумати электронӣ» ба қудрат ва самаранокии идоракунии субъектҳои сиёсӣ вазифаи таъхирнопазир буда, ҳалли он аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Идоракунии самаранокро метавон ҳамчун фаъолияти беҳтарини натиҷаҳои бадастомада, доир ба қонеъ гардонидани талаботҳои ҷамъиятӣ ва манфиатҳои аъзоёни он дар шароитҳои танзими захираҳои сиёсӣ баршумурд. Яъне, самаранокӣ нишондоди то кадом андоза субъектони идоракунӣ барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда саҳми худро оид ба татбиқшавии масъалаи иҷтимоӣ роҷеъ ба ноил шудан ба натиҷаҳои рушд сарфа кардаанд, мебошад.

Самаранокии идоракунии сиёсӣ моҳиятан таносуби натиҷаҳо ва дастовардҳои мақсадҳои иҷтимоӣ бо истифода аз захираҳои ҳокимиятӣ мебошад. Идоракунии самаранок фаъолияти бо натиҷаҳои имконпазири беҳтарин қонеъ намудани талаботҳо ва манфиатҳои ҷамъиятӣ дар шароити танзими захираҳо мебошад» [1].

Самаранокии идоракунии сиёсӣ бо категорияҳои мақсади ҷомеа, натиҷаҳо, қонеъ намудани талаботи ҷомеа муайян карда мешавад. Категорияҳои мазкур инъикоси хосси нишонаҳои идоракунии давлатро дар аспектҳои сиёсат маълум менамояд. Самаранокии идоракунии сиёсӣ бо чунин талаботҳо муайян карда мешавад:

- мақсадҳои ҷамъият (мақсадҳои пураҳаммияти сиёсӣ);
- натиҷаҳо (объектҳо, хизматҳо, ҷараёнҳо, бо алоқамандии қонеъ гардонидани талаботҳои ҷамъият ва манфиатҳо «дар идораи сиёсат»);
- талабот ва манфиати ҷамъият;
- захираҳои ҳокимиятӣ (иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ғоявӣ, фарҳангӣ ва иттилоотӣ).

О.Ф. Шабров бар ин назар аст, ки ҳар сиёсатро метавон вобаста ба он арзёбӣ кард, ки оё ба рушди шахсият ва ҷомеа мусоидат мекунад ё не. Олим боварии комил дорад, ки самаранокии идоракунии сиёсиро андоза намудан чандон мушкилӣ надорад. Дар асоси таҳлили фаъолияти тамоми таркиботи институтсионалии системаи сиёсӣ, ки дараҷаи муносибатҳои ҳокимиятӣ – идоракунии сиёсиро дар амал татбиқ мекунад, метавон нишондоди самаранокии онро муайян намуд [11,с.7]. Метавон гуфт, ки ин хулосаи одилонаест, ки ба ташаккули муносибати меъёрӣ аз нуқтаи назари тадқиқот ва ҳам аз нуқтаи назари амалӣ ба арзёбии самаранокии идоракунии сиёсӣ дар асоси нишондиҳандаҳои объективӣ ва ченшавандаи фаъолияти идоракунӣ мусоидат мекунад. Мафҳуми абстрактӣ ва «мазмуни манфиати умум»-ро, ки мақсади идоракунии сиёсист, хусусиятҳои возеҳ пайдо мекунад ва аз ин рӯ, ба самаранокии фаъолият барои ноил шудан ба он баҳо додан мумкин аст.

Барои баҳодиҳии самаранокии идоракунии сиёсӣ на танҳо мақсади раванди идоракуниро донистан, балки хусусиятҳои субъектҳои онро низ донистан зарур аст. Вобаста ба ин масъала андешаҳои муҳаққиқ А.М. Старостинро, ки ба масъалаи самаранокии хокимият ва идораи давлатӣ аз ҷиҳати элитарӣ баҳо медиҳад, дида баромадан ба мақсад мувофиқ аст [6]. Элитаро субъекти асосии сиёсӣ дониста, А.М. Старостин чунин мешуморад, ки самаранокии фаъолияти онҳо бо ду ҷиҳат алоқаманд аст: ҳокимиятӣ ва идоракунӣ. Ҷанбаи қудрат бо қобилияти элитаҳо барои нигоҳ доштани қудрати сиёсӣ дар дасти худ, дараҷаи қонунӣ будани онҳо, сатҳи эътимод ва дастгирии

аҳолӣ алоқаманд аст. Ҷанбаи идоракунии самаранокӣ аз рӯйи сатҳи тамоюли ҳадафҳо, ташкилӣ, самаранокӣ ва арзиши фаъолияти ҳукумат муайян карда мешавад ва бо динамикаи шахсии рушди инсонӣ ва ҷомеа алоқаманд аст. Аслан, ин ду ҳадафи фаъолияти идоракунӣ мебошанд: нигоҳ доштани қудрат (ҷанбаи қудрат) ва «беҳбудии мардум» ба маънои сифати зиндагии аҳолӣ ва дигар сифатҳои иҷтимоию иқтисодии давлати муваффақ (ҷанбаи идоракунӣ) [9,с.198].

Ҳангоми баҳо додан ба хусусияти таъсири «ҳукумати электронӣ» ба самаранокии идоракунии сиёсӣ, ба фикри мо, модели иттилоотӣ - кибернетикии пешниҳодкардаи К. Дойчро [13,с.57] ба эътибор гирифтан имкон дорад. Ин равиш аз баррасии низоми сиёсӣ ҳамчун маҷмуи ҷараёнҳои иттилоотӣ бо нақши пешбарандаи давлат ҳамчун танзимгари ҳамкории иттилоотию коммуникатсионӣ байни система ва муҳити ҷамъиятиву сиёсӣ ва унсурҳои алоҳидаи дохили система иборат аст. Системаи сиёсӣ дар модели К. Дойч бо чаҳор марҳилаи мавсимии идоракунӣ ифода карда мешавад: 1) «воридкунии» иттилоот (тавассути чунин «ресепторҳо», ба монанди марказҳои тадқиқоти афкори ҷамъиятӣ, хадамоти махсус, қабулгоҳҳои расмӣ, хадамоти коркарди мурочиатҳои шаҳрвандон ва ғайра); 2) коркарди иттилоот (баҳодиҳии ҳамаҷонибаи иттилооти воридшаванда, робитаи он бо маълумоти мавҷуда, таҳлил ва таҳияи алтернативаҳои имконпазир); 3) «баромад»-и иттилоот дар шакли қабул ва татбиқи қарорҳои сиёсӣ ва ғ; 4) «фикр» аз муҳити атроф дар посух ба таъсири низоми сиёсӣ.

Ҷиҳати асосии равиши пешниҳодкардаи К.Дойч таъкид ба хусусияти иттилоотию коммуникатсионии раванди идоракунӣ ва таҳлили хусусиятҳои динамикии системаи сиёсӣ мебошад, ки ҳамчун воситаи ҳамоҳангсозии саъю кӯшишҳои хусусӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои умумӣ фаҳмида мешавад. К.Дойч ҳангоми таҳлили ҷузъҳои алоҳидаи шабакаҳои иртибототӣ-иттилоотӣ категорияҳои сирф техникиро истифода мебарад: сарборӣ, иқтидори шабакавӣ ва ғайра, ки фаҳмидани принсиипҳои умумии ташкили ҷараёни информатсияро дар системаҳои иҷтимои ва техникӣ нишон медиҳад. Ҳамчунин, ҷолиби диққат аст, ки К.Дойч дар китоби «Асабҳои идоракунӣ: моделҳои муошироти сиёсӣ ва назорат» [12,с.90] принсипҳои равиши иттилоотӣ - кибернетикиро баён кардааст. Дар ин ҳолат ҳамоҳангӣ байни шабакаи иттилоотию коммуникатсионии идоракунии сиёсӣ ва системаи тасавуроти иттилоотии барандагони ҷомеа – одамон самаранок ба назар мерасад, зеро фаъолияти ин ҷузъҳои система асосан ба ҳам мувофиқ меоянд.

Баровардани параллелҳо байни фаъолияти системаи иттилоотии фаъол ва сохтори ҷараёнҳои иттилоотӣ дар системаи сиёсӣ аз назари як усули технологии хеле маъмули шарҳдиҳӣ дар адабиёти илмӣ оид ба ҷанбаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди идоракунӣ мебошад. Ҳамин тавр, Н.Винер ба арзишмандии иттилоот ва воситаҳои иттилоотӣ дар раванди ба амал баровардани сиёсат ва идоракунии сиёсӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро ҳамчун омили таҳким ва мутаҳаррики ин раванд таърифдодааст [2,с.187]. Г. Лассуэл ба сифати мисол кори дипломатҳоро оид ба иттилоърасонӣ ба роҳбарияти сиёсии кишвар оварда, қайд кардааст, ки «хатҳои алоқае, ки аз муҳити берунии давлат меоянд, эквиваленти функсионалии шабакаи марказӣ мебошанд» [15,с.112]. Ҷ.Е. Фонтейн ҷанбаҳои институтсионалии иттилоотикунонии мақомоти давлатиро ба назар гирифта, чунин менависад: «... технологияи иттилоотӣ мағзи сар ва системаи асаб мебошад» [10,с.66]. Аз назари муҳақиққони зикргардида, назарияи шабакаҳои сиёсӣ идоракунии давлатиро тақвият мебахшад.

Т. Гоббс дар асари машҳураш «Левиафан, ё Материя, шакл ва қудрати давлат, калисо ва шаҳрванд» низ ба шабоҳати давлат ва махлуқи афсонавӣ - ҳайвони библиявии «Левиафан»-ро истифода кардааст. Т.Гоббс ин ташбеҳро инкишоф дода, аз ҷумла қайд мекунад, ки «мансабдорон ва дигар намояндагони ҳокимияти судӣ ва иҷроия узвҳои сунъӣ мебошанд; подош ва ҷазо асабҳое мебошанд, ки дар бадани табиӣ якхела вазифаро иҷро мекунанд» [5,с.3]. Т.Гоббс инчунин хизматчиёни давлатиро «асаб ва рагҳо» меномид, ки идоракунии тамоми давлат ё як қисми он ба зиммаи онҳо гузошта шудааст. Дар баробари ин, файласуф хулосаи муҳим мебарорад, ки ин хизматчиёни давлатӣ «аз номи соҳибихтиёр» амал мекунанд ва танҳо ин ба онҳо ҳуқуқ медиҳад, ки қисмҳои гуногуни «ором»-и давлатиро «ба ҳаракат» дароранд.

Дар китоби «Тиҷорат бо суръати фикр. Чӣ гуна муваффақ шудан дар асри иттилоот”, ки соли 1999 дар ИМА нашр шудааст, соҳибкор ва арбоби ҷамъиятии маъруфи амрикоӣ Б. Гейтс ба масъалаҳои аҳамияти иттилоот ва технологияҳои иттилоотиро дар бахши тиҷоратӣ арзишманд дониста, идорашавандагии тамоми раванду ҳодисаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро бо истифодаи иттилоот ва технологияи ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва паҳн кардани он таъкид мекунад [4].

Агар мафҳуми «ширкат»-ро ба мафҳуми «давлат» ё «системаи сиёсӣ» ва категорияи «мизоҷон»-ро ба категорияи «шаҳрвандон» иваз кунем, пас ин таъриф ба «ҳукумати электронӣ» комилан мувофиқ аст. Барои Б.Гейтс маълум аст, ки дар шароити муосир бештари мушкилоти созмонҳои тиҷоратӣ хусусияти иттилоотӣ доранд ва онҳо маҷбуранд, ки ба тағйироти муҳити зист зудтар вокуниш нишон диҳанд, ки иртиботот ва абзорҳои баландсифати кор бо иттилоотро талаб мекунанд. Равиши Б.Гейтсро дар заминаи татбиқи консепсияи идоракунии нави давлатӣ (New public management), ки истифодаи моделҳои муваффақро дар соҳаи ҷамъиятӣ дар назар дорад ва самаранокии худро дар бахши тиҷорат собит кардааст, ба кор гирифтан муҳим аст.

Дар ҳақиқат вазифаи “ҳукумати электронӣ” дар давлат аз бисёр ҷиҳат ба вазифаҳое, ки “системаи асаб” дар қолаби самарабахшӣ ва худтанзимнамоии равандҳоро ба амал мебарорад, мутобиқат мекунад. Аз ин лиҳоз, муқоисаи ҳадафҳо, хусусиятҳои сохторӣ ва механизмҳои системаи асаби инсон ва хосиятҳои «ҳукумати электронӣ» дар давлатҳои муосир ҷолиб ба назар мерасад.

Масъалаҳои асосии «ҳукумати электронӣ», пеш аз ҳама, тақвияти раванди иттилоотонӣ, баланд бардоштани самаранокии мубодилаи иттилоот ва коркарди иттилоот дар бахши давлатӣ ва идоракунии сиёсӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҳамкорӣ бо ҷомеа мебошад. «Ҳукумати электронӣ» ҳамчун системаи электронии механизм татбиқи сиёсат ва идоракунии давлатӣ амал карда, беҳтар ва тезтар ҷамъоварӣ намудани иттилооти заруриро барои таҳияи қарорҳои идоракунӣ ва коркард ва интиқоли иттилоотро самараноктар ташкил медиҳад. Ҳадафи иттилоотониро дар ҳошияи татбиқи ҳарчи зудтари ҳукумати электронӣ ва қабули қарори самараноки идоракунӣ ташкил медиҳад. Шарти асосии идоракунии самарабахши сиёсӣ ва маъмурӣ мавҷудияти механизмҳои иттилоотонӣ мебошад, ки тавассути онҳо мувофиқати таъсири идоракунӣ ба талаботи воқеии ҷомеа назорат карда шуда, танзими самт ва шиддатнокии он таъмин карда мешавад. Ҷорӣ намудани системаҳои навтарини автоматикунонии вазифаҳои алоҳидаи мақомотҳои давлатӣ ба мо имконият медиҳад, ки самаранокии идодракунӣ ба воситаи механизми сиёсати иттилоотонӣ таъмин карда шавад.

Ба назари мо, бартарияти аввалиндараҷаи татбиқи сиёсати иттилоотонӣ ва амалигардонии консепсияи “ҳукумати электронӣ” баланд бардоштани суръат, саҳеҳият ва коркарди бамавриду саривақтӣ ва мубодилаи иттилоот дар раванди амалигардонии сиёсат ва идоракунии давлатӣ мебошад. Давлате, ки сиёсати фаъоли иттилоотониро бо такя ба амалигардонии консепсияи “ҳукумати электронӣ” ба роҳ мемонад, бештар қобилияти самаранокгардонии раванди сиёсати давлатӣ ва идоракуниро пайдо мекунад.

Яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти идоракунӣ ҳангоми ҷорӣ намудани технологияҳои электронӣ, инчунин ташаккули қобилияти механизми идоракунии давлатӣ ва сиёсат барои коҳиш додани сатҳи номуайяниҳои раванди идоракунӣ мебошад, ки аз норасоии иттилоот ба вуҷуд омадааст. Г.Саймон ҳанӯз дар соли 1977 ба таъсири назарраси технологияҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз ҷумла дар мавриди онҳо чунин қайд карда буд: «Ҷорӣ намудани компютерҳо тарзи қабули қарорҳоро тағйир дод. Ҳоло менеҷерон метавонанд маҷмуи бештари масъалаҳои ҷории идоракунии бо ҳам алоқамандро назар ба пештара баррасӣ кунанд.

Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба самаранокии сиёсат ва идоракунии сиёсию давлатӣ мусоидат намуда, бо назардошти таъсири ин технологияҳо ба марҳилаҳои алоҳидаи функсионалии раванди қабули қарорҳои сиёсӣ таҳлил карда мешавад. Марҳилаҳои зерини функсионалии қабули қарорҳои сиёсиро ҷудо кардан мумкин аст: 1) муайян кардани мушкилоти афзалиятнок ва ташаккули масъалаҳои рӯзмарраи сиёсӣ; 2) таҳия ва баррасии роҳҳои алтернативии ҳалли масъалаҳои сиёсӣ; 3)

интихоб, тартиб додан ва қонунӣ гардонидани қарорҳо; 4) иҷрои қарори қабулшудаи идоракунии сиёсӣ ва давлатӣ; 5) мониторинги рафти иҷрои қарорҳо.

Дар марҳилаи муайян кардани мушкилоти ва таҳияи масъалаҳои сиёсии рӯзномаи рушди давлат ва ҷомеа аз афзалиятҳои консепсияи “ҳукумати электронӣ” барои зуд ба даст овардани иттилооти объективӣ, таҳлили он ва муайян кардани вазифаҳое, ки ҳалли афзалиятнокро талаб мекунанд, муҳим аст. Маҳз дар ҳамин марҳила ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооте, ки барои таҳияи намунаҳои гуногуни қарорҳои сиёсӣ заруранд, гузаронида шуда, ташхиси ягонаи мушкилоти иҷтимоӣ гузаронида мешавад ва вазифаҳои аввалиндараҷа муайян мегарданд.

Чунин ба назар мерасад, ки ҳалли ин мушкилоти сиёсӣ дар марҳилаи кунунии рушди технологияҳои идоракунӣ истифодаи воситаҳои гуногуни иртибототи электрониро талаб мекунад, аз ҷумла: шабакаҳои иҷтимоӣ (мониторинги эҳсоси ҷамъиятӣ), шабакаҳои интернетӣ барои ҳамкорӣ бо мақомотҳои давлатӣ ва идоракунӣ, вебсайтҳои расмии шуъбаҳои идоракунии давлатӣ дар интернет, мақомоти қабули ҳуҷҷатҳои электронӣ ва ходимони сиёсӣ (мониторинги сифат ва самаранокии вазифаҳои давлатие, ки бевосита ба манфиатҳои ҷамъият дахл мекунанд), системаҳои автоматикунонидашудаи иттилоотии дастгирии фаъолияти идоракунӣ (коркарди иттилоот бо истифода аз системаҳои иттилоотии давлатӣ). Ҳолати болозикр дар ҳама марҳилаҳои раванди қабули қарорҳои сиёсӣ ва идоракунӣ истифода мешавад. Дар марҳилаи муайян кардани мушкилоти асосӣ ва ташаккули рӯзномаи сиёсат ва идоракунии давлатӣ, истифодаи системаҳои иттилоотии автоматӣ асосан ба кам кардани вақт ва хароҷоти маъмурӣ вобаста ба ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти зарурӣ барои таҳлили мушкилоти ҷамъиятӣ мусоидат мекунад.

«Ҳукумати электронӣ» барои таҳияи лоиҳаҳои қарорҳои сиёсӣ на танҳо аз ҷониби элитаи сиёсӣ, балки аз ҷониби ҷомеа воситаҳои мусоид фароҳам меорад ва шаҳрвандони алоҳида метавонанд ташаббускори баррасии ин лоиҳаҳо бошанд. Намунаи татбиқи чунин абзор дар аксар давлатҳои муосир метавонад, манбаи интернетии интишори ташаббусҳои ҷамъиятии шаҳрвандони ин давлатҳо ба ҳисоб равад ва барои ба миён гузоштани ташаббусҳои ҷамъиятӣ пешниҳодҳои шаҳрвандон оид ба масъалаҳои гуногун, аз ҷумла масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инчунин дар соҳаи такмили идоракунии давлатӣ пешбинӣ шудааст.

Дар баробари ин, ҳангоми татбиқи унсурҳои демократияи электронӣ эҷоди механизм ба таъмини имконияти истифодаи самараноки он на ҳамеша мувофиқат мекунад. Дар адабиёти илмӣ аҳаммияти мавқеи мақомот нисбат ба чунин ташаббусҳо, бахусус лоиҳаи ташаббуси ҷамъиятии шаҳрвандон дар татбиқи сиёсати иттилоотонии давлат ва амалӣ шудани ҳукумати электронӣ таъкид шудааст [3,с.47-51]. Маҳз омодагии мақомот барои ба инобат гирифтани иродаи ҷомеа тавассути шабакаҳои иртибототи электронӣ метавонад ба афзоиши самаранокии истифодаи ин воситаҳо такони бештаре бахшад.

Марҳилаи интихоб, таҳия ва қонунӣ гардонидани қарори сиёсӣ, ки бо муайян кардани варианти ниҳоии қарор ва додани мақоми расмӣ ба ин қарор алоқаманд аст, дар марҳалаи кунунии рушди системаи идоракунии давлатӣ ва дар маҷмуъ системаи сиёсӣ, аз таъсири технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ дигаргун мешавад. Ҳамчун яке аз унсурҳои ин марҳала мо метавонем ташхиси ҷамъиятии лоиҳаҳои қарорҳои сиёсиро, аз ҷумла мавҷудияти меъёрҳои коррупсионӣ дар ин санадҳоро таъкид кунем. Талаботи қонунии ин соҳа бевосита уҳдадории интишори лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба хизматрасонии давлатиро дар вебсайтҳои расмии мақомоти давлатӣ ва ҷойгир кардани лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар вебсайтҳои дигари давлатӣ, ки барои нашри лоиҳаҳои қарорҳо ва маълумот дар бораи натиҷаҳои муҳокимаи умумихалқии онҳо зарур аст, ишора мекунанд [8].

Дар татбиқи сиёсат ва идоракунии давлатӣ технологияҳои ҳукумати электронӣ, махсусан дар марҳилаи татбиқи қарорҳои сиёсӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Он имконияти васеъро барои татбиқи сиёсати иттилоотонии ҳар давлат фароҳам меоварад. Ин марҳилаи давраи идоракунӣ, ки аз истифодаи воситаҳои маъмурии амалигардонии сиёсати давлатӣ иборат аст, зарурати таъмини муттасилӣ дар амалиёти зинаҳои маъмурии дастгоҳи давлатӣ ва ошкоро будани ин фаъолиятҳоро барои омма пешбинӣ мекунад. Дар раванди иҷрои қарорҳои ҳукумат муассисаҳои маъмурӣ бо доираи назарраси

иштирокчиён – дигар мақомоти давлатӣ, шаҳрвандон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ҳамкорӣ мекунанд. Чунин муносибатҳо истифодаи воситаҳои муосири алоқаи электрониро талаб мекунанд, ки имкони баланд бардоштани суръат ва эътимоднокии мубодилаи иттилоот байни иштирокчиёнро фароҳам меоранд.

Аммо дар маҷмуъ, чунин ба назар мерасад, ки ин маҳдудиятҳо хусусияти хусусӣ доранд ва ба ҷанбаҳои муҳимми ислоҳоти хизматрасонии давлатӣ дар асоси механизмҳои "ҳукумати электронӣ" таъсир намерасонанд. Пешниҳоди хидматҳои давлатӣ дар шакли электронӣ хароҷоти вақти аҳолиро бо зарурати ташрифи шахсан ба мақомоти давлатӣ коҳиш медиҳад, сифати равандҳои маъмуриро дар дохили мақомоти давлатӣ аз ҳисоби автоматикунонии аксари ин равандҳо беҳтар мекунад, хароҷоти молиявии кормандони маъмуриро коҳиш медиҳад ва сатҳи боварии мардумро ба ҳукумат баланд мебардорад.

Марҳилаи ниҳоии сикли идоракунӣ, ки аз назорати иҷрои қарорҳои сиёсӣ ва «фикру мулоҳизаҳо»-и аҳолӣ дар бораи ин қарорҳо ва самти фаъолияти сиёсии давлат ва мақомоти амаликунандаи сиёсати соҳавии он иборат аст, ба он нигаронида шудааст, ки фаъолияти амалии мақомоти давлатӣ ба модели аслии қарори сиёсӣ мувофиқат мекунад ё не. Истифодаи унсурҳои "ҳукумати электронӣ" дар ин марҳилаи раванди қабули қарорҳои сиёсӣ ба фароҳам овардани имкониятҳо барои тасмимгирандагони сиёсат ва идоракунии давлатӣ барои назорати самаранокии иҷрои ин қарорҳо дар асоси дастрасии доимӣ ба иттилооти боэътимод ва мукаммал дар бораи ин қарорҳо, чорабиниҳо, аз ҷумла маълумот дар бораи мӯҳлатҳои муқарраршудаи иҷрои онҳо ва шахсони масъул нигаронида шудааст.

Намунаи ташкили системаи иттилоотии ҳамаҷониба, ки равандҳои мониторинги иҷрои қарорҳои сиёсиро низ таъмин менамояд, ташаккул ва рушди системаи давлатии автоматикунонидашудаи иттилоотии идоракунӣ мебошад [7]. Яке аз ҳадафҳои ин система таҳлил ва назорати иҷрои қарорҳои аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ қабулшуда, инчунин таҳлил ва назорати ноил шудан ба арзишҳои мақсадноки нишондиҳандаҳои пешбининамудаи фармонҳои элитаи сиёсиро дар бар мегиранд, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ва ҷомеа ва беҳбуди вазъи татбиқи сиёсати иттилоотонии давлат, таҳияи сиёсат ва идораи давлатӣ, системаи идоракунии давлатӣ нигаронида шудааст.

Нишондиҳандаи самаранокии иҷрои қарорҳои идоракунӣ хусусиятҳои ихтиёрдории маблағҳои буҷетӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ (хусусияти мақсадноки истифодаи захираҳои молиявӣ) мебошад.

Унсури дигари ин марҳилаи идоракунӣ «андешаҳо»-и аҳолӣ нисбати мақомоти идоракунии давлатӣ ҳангоми татбиқи қарорҳои сиёсӣ мебошад. Ин унсур барои ислоҳи қарорҳои идоракунӣ дар марҳилаи татбиқи он муҳим аст, ки ба дурусттар қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа - объекти идоракунии сиёсӣ мусоидат мекунад ва дар ниҳоят сифати фаъолияти идоракуниро нишон медиҳад. Нақши ҳукумати электронӣ дар татбиқи сиёсати иттилоотӣ ва дар баланд бардоштани самаранокии татбиқи қарорҳои сиёсӣ муассир аст. Он метавонад ҳамчун восита барои эҷоди механизмҳои самараноки демократияи электронӣ дар оянда баромад кунад.

Дар баробари ин, таъсири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба самаранокии идоракунии сиёсӣ бояд аз нуқтаи назари ҳадафҳои субъектҳои фаъолияти идоракунӣ арзёбӣ карда шавад.

Самаранокии сиёсат ва идоракунии давлат низ аз ҳисоби истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ - баланд бардоштани қобилияти ҷустуҷӯ ва коркарди иттилооти барои субъектҳои сиёсӣ зарурӣ меафзояд. Тавре Г.Лассуэл қайд кардааст, «яке аз вазифаҳои коммуникатсия маълумот додан дар бораи фаъолият ва имкониятҳои элита мебошад» [14,с.77-101]. Воқеан, технологияҳои муосири электронӣ барои мониторинг ва назорат, таҳлили вазъи сиёсии дохиливу хориҷӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоранд.

Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дастрасии зудтарро ба иттилооти боэътимод таъмин намуда, ба коркард ва интиқоли он зудтар мусоидат мекунанд. Асоси ҳама гуна фаъолияти идоракунӣ, аз ҷумла идоракунии сиёсӣ, маҷмуи ҷараёнҳои иттилоотӣ мебошад: аз субъект ба объект дар шакли амали назорат ва аз объект ба субъект дар шакли «бозгашт». Тамоми давраи идоракунӣ аслан як давраи иттилоотӣ аст. Самараи иҷрои қарорҳои сиёсӣ, аз ҷумла, ба пурра ва хушсифат будани ахбороти ба

иҷрокунандагон расондашуда вобаста аст. Худи амали назорат низ пеш аз таҳлили иттилоот, коркарди он ва таҳияи вариантҳои қарорҳои идоракунӣ дар асоси он сурат мегирад.

Ҳамин тариқ, таъсири «ҳукумати электронӣ» ба татбиқи сиёсати иттилоотонии давлат ва самаранокии идоракунии сиёсӣ мувофиқ буда, шаклу самтҳои татбиқи он, инчунин аз институтҳои сиёсӣ вобастагӣ дорад. Агар субъектҳои идоракунии сиёсӣ омода бошанд, тағйироти зарурии институтсионалӣ ва гузаронидани ислоҳоти маъмуриро дар як вақт бо ҷорӣ намудани «ҳукумати электронӣ» пеш баранд, субъектҳои идоракунии сиёсӣ ҳамчун воситаи тавонои баланд бардоштани самаранокии идоракунии сиёсӣ баромад карда метавонанд. Агар институтҳои мавҷудаи сиёсӣ ба талаботи "ҷомеаи иттилоотӣ" ҷавобгӯ набошанд ва барои таҷдиди онҳо иродаи сиёсӣ вуҷуд надошта бошад, ҷорӣ намудани технологияҳои "ҳукумати электронӣ" зиддиятҳоро бештар мекунад, ки метавонад ба самаранокии идоракунии сиёсӣ таъсири манфӣ расонад.


**АДАБИЁТ**

1. Батчиков С.А. Эффективность государственного управления / С.А.Батчиков, С.Ю. Глазьев. - М., 1998.
2. Винер Н. Кибернетика, или управление и связь в животном и машине / Н.Винер. - М., 1983. - С. 187.
3. Волошинская А.А. "Российская общественная инициатива": парадоксы отечественной электронной демократии / А.А. Волошинская // Власть. 2016. -№ 1. - С. 47–51.
4. Гейтс Б. Бизнес со скоростью мысли. Как добиться успеха в информационную эру / Б.Гейтс. - М., 2000.
5. Гоббс Т. Левиафан, или Материя, форма и власть государства церковного и гражданского / Т.Гоббс //Соч.: В 2 т. Т. 2. - М., 1991. - С. 3.
6. Государственное и муниципальное управление. Ученые записки СКАГС. 2006. -Вып. № 1–2.
7. Минкомсвязь России. Государственная автоматизированная информационная система "Управление" (ГАС "Управление") [Электронные ресурсы] URL: http://minsvyaz.ru/ru/activity/govservices/infosystems/1/ (дата обращения: 26.04.21.).
8. Постановление Правительства РФ от 26.02.2010 № 96 (ред. от 18.07.2015) "Об антикоррупционной экспертизе нормативных правовых актов и проектов нормативных правовых актов". [Электронные ресурсы] URL: http://mcop.dogm.mos.ru/anti-corruption/normative-legal-and-other-acts-in-the-field-of-combating-corruption/4985756/ (дата обращения: 23.04.21.).
9. Старостин А.М. Эффективность деятельности административно-политических элит: критерии оценки и анализ состояния в современной России: дисс ... докт. полит. наук: 23.00.02 / А.М. Старостин. - Ростов н/Д., 2003.
10. Фонтейн Дж.Е. Институциональное развитие в виртуальном государстве: недостающее звено в технологическом видении E-Government / Дж.Е. Фонтейн // Политическая наука. -2007. -№ 4. - С. 66.
11. Шабров О.Ф. Политическое управление: проблема стабильности и развития / О.Ф. Шабров. -М., 1997. -С. 7.
12. Deutsch K. The nerves of government: models of political communication and control. - N.Y., 1966.
13. Deutsch K. The Nerves of Government: Models of Political Communication and Control. - N.Y., 1963.
14. Lasswell H. D. Propaganda technique in the world war. - N. Y.: p. : Smith, 1938. - Ch. 4: satanism. - P. 77-101.
15. Lasswell H.D. The structure and function of communication in society // The Communication of Ideas / Ed. by Bryson. - N.Y., 1948.


## ИДОРАКУНИИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ АМАЛИШАВИИ СИЁСАТИ ИТТИЛООТӢ ВА КОНСЕПСИЯИ "ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ"


Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми доираи илми сиёсии муосир бахшида шудааст. Муаллиф диққати асосиро ба самаранокии идоракунии сиёсӣ дар шароити амалишавии сиёсати иттилоотонӣ равона кардааст. Аҳаммияти амалишавии консепсияи "ҳукумати электронӣ" ва таъсири он ба самаранок гардидани идоракунии давлативу сиёсати иттилоотонии давлат баррасӣ шудаанд. Самаранокии идоракунии сиёсӣ бо категорияҳои мақсади ҷомеа, натиҷаҳо, қонеъ намудани талаботи ҷомеа муайян карда мешавад. Категорияҳои мазкур нишонаҳои идоракунии давлатро дар аспектҳои сиёсат инъикос менамоянд. Масъалаҳои асосии «ҳукумати электронӣ», пеш аз ҳама, тақвияти раванди иттилоотонӣ, баланд бардоштани самаранокии мубодилаи иттилоот ва коркарди иттилоот дар бахши давлатӣ ва идоракунии сиёсӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҳамкорӣ бо ҷомеа мебошад. Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба самаранокии сиёсат ва идоракунии сиёсию давлатӣ мусоидат намуда, бо назардошти ин таъсири технологияҳо ба марҳилаҳои алоҳидаи функсионалии раванди қабули қарорҳои сиёсӣ таҳлил шудааст. Дар татбиқи сиёсат ва идоракунии давлатӣ технологияҳои ҳукумати электронӣ, махсусан дар марҳилаи татбиқи қарорҳои сиёсӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Он имконияти васеъро барои татбиқи сиёсати иттилоотонии ҳар давлат фароҳам меоварад. Ин марҳилаи давраи идоракунӣ, ки аз истифодаи воситаҳои маъмурии амалигардонии сиёсати давлатӣ иборат аст, зарурати таъмини муттасилӣ дар амалиёти зинаҳои маъмурии дастгоҳи давлатӣ ва ошкоро будани ин фаъолиятҳоро барои омма пешбинӣ мекунад.



**Калидвожаҳо:** самаранокӣ, «ҳукумати электронӣ», идоракунӣ, иттилоотонӣ, сиёсати иттилоотонӣ, идоракунии давлатӣ, идоракунии сиёсӣ, иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ.

## ПОЛИТИЧЕСКОЕ УПРАВЛЕНИЕ В УСЛОВИЯХ РЕАЛИЗАЦИИ ИНФОРМАЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ И КОНЦЕПЦИИ «ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА»

Статья посвящена одному из важнейших вопросов в области современной политологии. Плавное развитие политической жизни и государственного управления порождает необходимость изучения смежных вопросов. Основное внимание автор сосредоточил на эффективности политического управления в условиях реализации информационной политики. Дополнительное внимание акцентируется на важности реализации концепции «Электронного правительства» и ее влиянии на эффективность государственного управления и информационной политики государства. Эффективность политического управления определяется категориями целей общества, результатов, удовлетворения потребностей общества. Эти категории демонстрируют характерное отражение признаков государственного управления в аспектах политики. Основными вопросами «электронного правительства» являются, прежде всего, усиление информационного процесса, повышение эффективности информационного обмена и обработки информации в государственном секторе и политическом управлении, в том числе в сфере сотрудничества с обществом. Анализируется влияние информационно-коммуникационных технологий на эффективность политики и политического и государственного управления с учетом влияния этих технологий на отдельные функциональные этапы процесса принятия политических решений. В реализации политики и государственного управления широко используются технологии электронного правительства, особенно на этапе реализации политических решений, что дает широкие возможности для реализации информационной политики каждого государства. Этот этап управленческого цикла, заключающийся в использовании административных инструментов реализации государственной политики, предусматривает необходимость обеспечения преемственности в деятельности управленческих уровней государственного аппарата и открытости этой деятельности для общественности.

**Ключевые слова:** эффективность, «электронное правительство», управление, информация, информационная политика, государственное управление, политическое управление, информация, информационные технологии.

## POLITICAL GOVERNANCE IN THE CONTEXT OF IMPLEMENTING INFORMATION POLICY AND THE CONCEPT OF “ELECTRONIC GOVERNMENT”

The article is devoted to one of the most important issues in the field of modern political science. The smooth development of political life and public administration gives rise to the need to study related issues. The author focused on the effectiveness of political management in the context of the implementation of information policy. Additional attention is focused on the importance of implementing the concept of “Electronic Government” and its impact on the efficiency of public administration and state information policy. The effectiveness of political management is determined by the categories of society's goals, results, and meeting the needs of society. These categories demonstrate a characteristic reflection of the characteristics of public administration in aspects of policy. The main issues of “electronic government” are, first of all, strengthening the information process, increasing the efficiency of information exchange and information processing in the public sector and political management, including in the field of cooperation with society. The influence of information and communication technologies on the effectiveness of politics and political and public administration is analyzed, taking into account the influence of these technologies on individual functional stages of the political decision-making process. E-government technologies are widely used in the implementation of politics and public administration, especially at the stage of implementing political decisions. This provides ample opportunities for the implementation of the information policy of each state. This stage of the management cycle, which consists in the use of administrative tools for the implementation of state policy, provides for the need to ensure continuity in the activities of the administrative levels of the state apparatus and the openness of these activities to the public.

**Keywords:** efficiency, “electronic government”, management, information, information policy, public administration, political management, information, information technology.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға:** 735140, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **zhumakhonsafarzoda@mail.ru.** Телефон: **(+992) 888-84-26-27**

**Сведения об авторе:** ***Сафарзода Джумахон Мирзошариф*** **-** Бохтарский государственный университет им.Носира Хусрава, преподаватель кафедры политологии международных отношений. **Адрес**: 735140, г.Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67. E-mail: **zhumakhonsafarzoda@mail.ru.** Телефон: **(+992) 888-84-26-27**

**Information about the author:** ***Safarzoda Jumakhon Mirzosharif*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer at the Department of Political Science of International Relations. **Address**: 735140, Bokhtar, Republic of Tajikistan, Aini street 67. E-mail: **zhumakhonsafarzoda@mail.ru.** Phone: **(+992) 888-84-26-27**

ТДУ: 323.22/.28

# СУБОТИ СИЁСӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

*Ҳасанов Б.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ**

Пеш аз баррасии нақш ва мавқеи суботи сиёсӣ дар низоми амнияти миллӣ фаҳму дарки худи амнияти миллӣ ва ба инобат гирифтани хусусиятҳои бевоситаи он зарур дониста мешавад. Шиносоии муфассал бо тадқиқоти олимону пажуҳишгарон нишон медиҳад, ки мафҳуми амният, дар маҷмуъ, ҳамчун маҷмуи муайяни чораҳо ва низоми кафолатҳое мебошад, ки ҳифзи объектро аз хатарҳои дохилӣ ва берунӣ, ки метавонанд ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми он зарар расонанд, таъмин менамояд [7,с.25]. Дар баробари ин, навъҳои амниятро аз рӯйи меъёрҳои гуногун, аз ҷумла, аз рӯйи намудҳои таҳдид ва омилҳои низоӣ тасниф кардан мумкин аст. Бар асоси ин таснифот, амнияти миллиро бояд ҳамчун муқовимати муташаккили давлатӣ ва системавӣ ба таҳдидҳо ва чолишҳое, ки метавонанд дар миқёси миллӣ зиён расонанд, фаҳманд. Аз ин рӯ, агар суботи сиёсиро яке аз ҷузъҳои амнияти миллӣ донем, бояд дар бораи ҳамкории низомноки элитаи сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади таъмин ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ сухан ронем. Ин масъаларо метавон ба таври зайл асоснок кард: роҳҳои таъмини амнияти миллиро дар чаҳорчӯбаи механизмҳои қудрати сиёсӣ метавон ҳамчун маҷбуркунии қонунӣ тасниф кард, аммо суботи сиёсӣ дар чаҳорчӯбаи таъмини амнияти миллӣ бояд ҳамчун омили муқовимати дохилӣ бо таҳдидҳои беруна муайян карда шавад. Дар ин замина татбиқи нақшаи умумии таҳлили механизмҳои ҳифзи амнияти миллӣ боз ба дараҷаи муттаҳидшавӣ ва масъулияти иҷтимоии элитаи сиёсӣ вобаста аст. Дар ин маврид, бешубҳа, омили роҳбарии сиёсиро ба назар гирифтан лозим аст, ки он ҳам дар асоси ваколатҳои расмӣ ва ҳам ғайрирасмии ниҳоде, ки ба як қатор ваколатҳои афзалиятнок дода шудааст, ба амал бароварда мешавад.

Доштани ниҳоди сарварии сиёсии қавӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ як бартарии раднашаванда дорад: раванди таҳия, қабул ва татбиқи қарорҳои сиёсӣ ҳамоҳангсозии тулонӣ бо рақибон ва мухолифинро талаб намекунад. Аз ин рӯ, дар системаҳои сиёсии дар давраи гузариш қарордошта суботи сиёсӣ ҳамчун вазифаи бавоситаи роҳбарии сиёсии қавӣ ба даст оварда мешавад, дар системаҳои демократии англосаксонӣ бошад, суботи сиёсӣ дар асоси самаранокии институтҳои дигари системаи сиёсӣ ба даст меояд [1,с.125]. Аммо бо мақсади таъмини амнияти миллӣ маҳз суботи сиёсии низомҳои дорои ниҳоди сарварии сиёсии қавӣ дар пасманзари «инқилобҳои ранга» устувории бештарро нишон медиҳанд, зеро он дорои зарфияти бештари истифодаи усулҳои маҷбуркунӣ барои пахш кардани фаъолияти эътирозҳои шаҳрвандӣ ҳамчун вокуниши зудтар ба таҳдидҳо ва чолишҳои беруна мебошад.

Дар чаҳорчӯбаи таҳлили системавӣ ҳангоми муайян кардани амнияти миллӣ ба нигоҳ доштани ягонагӣ, устуворӣ ва фаъолияти пурсамари системаи сиёсӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Аммо, чунонки аз таърифи боло дида мешавад, он воқеан бо таърифи классикии худи суботи сиёсӣ, ки дар афкори илмии олимони хориҷӣ маъмул аст, комилан мувофиқат мекунад. Ба андешаи мо, мафҳуми «амнияти миллӣ» нисбат ба «суботи сиёсӣ» васеътар аст. Аммо дар баъзе мавридҳо онҳоро ҳаммаъно донистан мумкин аст. Зеро инҳо категорияҳои бисёрсатҳӣ мебошанд: суботи сиёсӣ як унсури низоми сиёсӣ, вазъи динамикии он ва амнияти миллӣ категорияест, ки қобилияти низоми сиёсӣ барои вокуниш ба чолишҳои берунӣ ва дохилӣ мебошад.

Як гурӯҳ олимон бар ин назаранд, ки дар шароити муайян якпорчагии давлатро танҳо тавассути зӯроварӣ ва маҷбурнамоӣ ҳифз кардан мумкин аст [2,с.75]. Аммо таҷрибаи баъзе давлатҳо нишон медиҳад, ки чунин усули таъмини суботи сиёсӣ барои низоми иҷтимоӣ хатар эҷод мекунад ва аз ин рӯ, чунин амалкард омили эҳтимолии ихтилофот мебошад. Ҳамин тариқ, меъёрҳои хатар ва бехатарӣ дар доираи таҳлили системавӣ бе назардошти меъёрҳои хусусияти аксиологидошта норавшан боқӣ мемонад.

Дар баъзе ҳолатҳо мавҷудияти институтҳои парлумонӣ зарурат надорад, зеро дар режимҳои сиёсии ғайридемократӣ механизмҳои намояндагӣ вазифаи худро иҷро

намекунанд, балки танҳо раванди таҳия, қабул ва татбиқи қарорҳои сиёсиро мушкил мегардонанд [3,с.175]. Гап сари он нест, ки оё низоми демократӣ қодир аст амнияти миллиро дар шароити нооромшавии сиёсӣ таъмин кунад ё не? Савол ин аст, ки режимҳои ғайридемократӣ дар таъмини амнияти миллӣ ва нигоҳдории суботи сиёсӣ чӣ гуна муассир мебошанд. Таҷрибаи Хитой ин тезисро равшан тасдиқ мекунад. Гузашта аз ин, мушоҳида намудан мумкин аст, ки системаҳои демократии ҷаҳони муосир дар раванди ба амал баровардани механизмҳои "неруи нарм", ҷангҳои иттилоотӣ ва инчунин дигар механизмҳои инноватсионии таъсиррасонии иттилоотӣ бештар осебпазиранд. Дар заминаи омӯзиши механизмҳои ҳифзи суботи сиёсӣ дар доираи таъмини амнияти миллӣ метавон усулҳои нигоҳдории суботи сиёсиро вобаста ба шароити гуногун таҳлилу баррасӣ намуд.

Бояд тазаккур дод, ки механизми мувофиқтарини нигоҳдории суботи сиёсӣ қобилияти системаи сиёсӣ барои вокуниши беруна ва ҳифзи талабот ва манфиатҳои сиёсии шаҳрвандон мебошад [8,с.45]. Аммо, тибқи назарияи Ж.Бодрияр, талабот ва манфиатҳои мазкурро метавон бо истифода аз шабакаҳои иртиботи оммавӣ ташаккул дод [9,с.31]. Бояд гуфт, ки бо ин усули ҳифзи суботи сиёсӣ, тавассути таъсири расонаҳо ва воқеияти маҷозӣ ба шуури омма, давлат бояд як самти мушаххаси рушдро риоя кунад. Дар акси ҳол, ҳатман як қабати арзишҳои коҳишёфтаи фарҳанги оммавии самти пештараи рушд ба шаклҳои нави рафторе, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ пешбинӣ шудааст, вуҷуд хоҳад дошт. Тағйирёбии самтҳои гуногуни рушди стратегӣ ҳам дар сатҳи фардӣ ва ҳам дар сатҳи шуури омма натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Дар ин ҳолат афкори ҷамъиятӣ дар асл вуҷуд надорад, он танҳо ба сатҳи иттилоотии сатҳҳои гуногун баровbooарда шудааст.

Чунин шуморида мешавад, ки дар системаҳои сиёсии демократӣ суботи сиёсӣ дар асоси робитаҳои ҷамъиятӣ, яъне вақте ки давлат ба системаи сиёсӣ сармояи инсониро аз ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷалб мекунад, таъмин карда мешавад. Саволе ба миён меояд, ки чаро режимҳои дигар, ки қонунияти баланди сиёсӣ ва раҳбарияти қавии сиёсӣ доранд, аммо бидуни институтҳои пешрафтаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бидуни мавҷудияти робитаҳои ҷамъиятӣ низ аз уҳдаи ҳалли мушкилоти ҳифзи суботи сиёсӣ мебароянд? Гузашта аз ин, системаҳои сиёсии ғайридемократӣ маъмулан бо ҷомеа аз рӯйи принсипи алоқаҳои бозгашт тавсиф карда намешаванд, ки ин аз мавҷудияти усулҳои самараноки функсионалӣ ва самарабахши дорои хусусияти ғайридемократӣ дар соҳаи таъмини суботи сиёсӣ дар доираи амнияти миллӣ шаҳодат медиҳад.

Дар анъанаҳои ғарбӣ ба режимҳои демократӣ сифатҳои устувории низоми сиёсӣ хос дониста мешавад. Дар баробари ин, нишондиҳандаҳои устуворӣ чунин маъно доранд: мавҷудияти ҳувияти ташаккулёфтаи миллӣ; давомнокии шакли давлатдорӣ; навъи эволютсионии тағйири элитаи ҳукмрон; мавҷудияти мувозинат дар тарҳрезии институтсионалӣ. Аммо таҷрибаи давлатҳои ғайриғарбӣ, масалан, Хитой мавҷудияти ҳолатҳои ҳифзи суботи сиёсиро дар сатҳи баланд нишон медиҳад.

Тафовут дар он аст, ки дар системаҳои ғайридемократӣ мухолифати пешрафта ва низоми воқеии бисёрҳизбӣ вуҷуд надорад, аммо мавҷуд набудани ин унсурҳо ба рушди устувор ва нигоҳ доштани суботи сиёсӣ монеъ намешавад, балки баръакс, имкон медиҳад, ки ба таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ зудтар ҷавоб диҳанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, таъкид кардан зарур аст, ки дар доираи низоми амнияти миллӣ ҷанбаҳои асосии мубориза бо таҳдидҳо ва ҳифзи суботи сиёсӣ (механизмҳо, институтҳо, воситаҳо, афзалиятҳои асосӣ) аз ҷониби давлат муайян карда мешаванд [5,с.13].

Бояд гуфт, ки ҳангоми омӯзиши масъалаҳои суботи сиёсӣ бояд ҷустуҷӯи маҷмуи механизму воситаҳои зарурие, ки барои нигоҳ доштани субот ва ҳимоя аз таҳдидҳои беруна ва зиддиятҳои дохилӣ хизмат мерасонанд, дар мадди аввал гузошта шавад. Дар баробари ин, субъекти таъмини суботи сиёсиро низ муайян кардан лозим аст, зеро ин гуна вазифаҳои муҳимро танҳо давлат бо назардошти эҳтиёҷот ва манфиатҳои ҷамъият иҷро карда метавонад. Илова бар ин, бо дарназардошти рушди номуназзами ҷомеаи шаҳрвандӣ дар баъзе кишварҳо ин ҷойгоҳро сохторҳои мухталифи иғвоангез, масалан, фондҳои хориҷӣ, ташкилотҳои хориҷӣ ва ғайра ишғол мекунанд, ки манфиатҳои ғаразноки онҳо аксар вақт бо манфиатҳои миллӣ мухолифат доранд. Аз ин рӯ, дар марҳилаи рушди

номуназзами сохторҳои шаҳрвандӣ тамоми масъулият барои нигоҳ доштани суботи сиёсӣ воқеан ба дӯши давлат меафтад.

Ҳамзамон, давлат ҳамчун субъекти таъминкунандаи суботи сиёсӣ баромад мекунад ва системаи сиёсӣ объекти он мебошад. Бинобар ин, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ё он сохторҳое, ки худро ҳамчун ниҳоди ҷамъиятӣ муаррифӣ мекунанд, бояд аз назорати қатъии давлатӣ ва санҷиши фаъолият гузаранд. Пеш аз он ки ниҳодҳои мазкур ба раванди таъмини суботи сиёсӣ роҳ дода шаванд, сарчашмаҳои воқеии маблағгузории чунин фаъолиятҳо санҷида шаванд. Зеро яке аз роҳҳои пешгирии бетартибиҳои сиёсӣ ва "инқилобҳои ранга" чунин амалкардро тақозо менамояд.

Дар ин замина таъкид кардан муҳим аст, ки таъмини суботи сиёсӣ аз ҷониби давлат дар чаҳорчӯбаи иҷрои вазифаҳо дар соҳаи амнияти миллӣ ҳамчун раванди таҳия, қабул ва татбиқи қарорҳои муайяни сиёсӣ ба амал бароварда мешавад. Маҳз аз ҳамин фаҳмиши суботи сиёсӣ давлат бояд дар таъмини амнияти миллӣ дорои имтиёзҳои бештар бошад. Дар ин ҳолат, албатта, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд аз ҷониби давлат барои назорат ва пахши фаъолияти эътирозӣ ҷалб карда шаванд, аммо авлавият дар қабули қарорҳо бояд дар ихтиёри давлат боқӣ монад. Бо дарназардошти он, ки амнияти миллӣ тавассути фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъмин карда мешавад, маҳз давлат субъект ва ташаббускори нигоҳдории суботи сиёсии ҷомеа мебошад ва дар ихтиёри худ тамоми захираҳои зарурии маъмурӣ ва бехатариро дорад.

Самаранокии механизмҳои мавҷудаи нигоҳдории суботи сиёсӣ дар доираи моделҳои гуногуни системаи сиёсӣ, аз ҷумла дар модели «системаи сиёсии демократӣ», иштироки ҷомеа дар марҳилаи қабули қарорҳои сиёсӣ шарти ҳатмӣ барои ноил шудан ба суботи сиёсӣ мебошад. Дар моделҳои «ғайридемократӣ», мутаносибан, таъсири ҷамъиятӣ ба қабули қарорҳо дар раванди сиёсӣ амалан вуҷуд надорад. Дар ин ҷо, инчунин, нишондодҳои самаранокиро муайян кардан лозим аст: агар мо онҳоро ҳамчун хусусияти динамикӣ фаҳмем, пас онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1) Мувофиқати амалкардҳои нигоҳдории суботи сиёсӣ ба миқёси таҳдидҳо («вокуниши ассиметрӣ» метавонад боиси афзоиши фаъолияти эътирозӣ ё фишори беруна гардад).

2) Аҳаммиятнок будани тадбирҳои андешидашуда ва саривақтӣ будани онҳо.

3) Ба инобат гирифтани оқибатҳо ва миқёси зарари эҳтимолии омилҳои ҷудогонаи ноороmкунанда бо назардошти тамоми хароҷоти иҷтимоӣ дар нақшаи стратегӣ.

4) Мониторинги таҳдиду хатарҳо ҳангоми мавҷудияти механизми ҳамкории байниидоравии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сатҳи ҳокимияти давлатӣ, инчунин мавҷудияти маркази ягонаи ҳамоҳангсозӣ;

5) Таносуби хароҷот, вақт ва ҷуброн ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунанда дар доираи нигоҳдории суботи сиёсӣ [12,с.325].

Чунин бархӯрд ба масъалаи самаранокӣ имкон медиҳад, ки онро аз нуқтаи назари миқдорӣ баҳо диҳем. Таҳлили миқдорӣ имкон медиҳад, ки моделсозии ҳолатҳои гуногун дар асоси маҷмуи омилҳои эҳтимолии ноустувор ва минтақаҳои муноқиша анҷом дода шавад. Дар ин ҳолат, метавон ҳам унсурҳои таҳдидзои беруна ва ҳам омилҳои фишорро, ки зарбаро ба он равона кардан мумкин аст, ба назар гирифт. Ғайр аз ин, чунин бархӯрд ба самаранокии амалҳо дар доираи таъмини амнияти миллӣ умуман мушкилоти демократӣ ё ғайридемократӣ будани фаъолияти давлатро дар ин самт аз байн мебарад, зеро он комилан бар эҳтиёҷоти объективии ҳифзи манфиатҳои миллӣ бунёд ёфтааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба чунин хулоса омад: дар таҳқиқоти муосире, ки ба таъмини суботи сиёсӣ ва мушкилоти марбут ба он бахшида шудаанд, диққати асосӣ ба таҳлили зуҳуроти терроризми сиёсӣ, ифротгароӣ, сепаратизм аз нуқтаи назари эҳтимоли муайян кардани роҳҳои пешгирӣ ва мубориза бо ин гуна таҳдидҳо равона карда мешавад. Аммо ин намуди таҳдид танҳо натиҷаи низоъҳои амиқи пинҳонӣ дар ҷомеа, зиддиятҳо дар заминаи байни миллатҳо ва мазҳабҳо мебошад. Аз ин рӯ, давлатро зарур аст, ки на танҳо чораҳои ҷавобӣ, балки иқдомҳои пешгирикунандаи низоъро бо истифода аз усулҳои пешгӯӣ ва моделсозии равандҳои иҷтимоию сиёсӣ бо назардошти таъсири харобиовари беруна низ таҳия намояд.

Суботи сиёсиро бо мафҳумҳои «устувории сиёсӣ», «муътадилшавии сиёсӣ», «вазъияти сиёсӣ» ҳаммаъно донистан мумкин нест. Мафҳуми аввал хеле васеътар аст. Мафҳуми дуюм як қатор чораҳои изтирорӣ барои нигоҳ доштани ҳолати мавҷударо дар назар дорад, яъне вақте элитаи ҳукмрон кӯшиш мекунад, ки қудратро бо ҳар арзиш нигоҳ дорад ва қонунияти худро дар байни аксарияти аҳолӣ аз даст надиҳад. Мафҳуми сеюм – «вазъияти сиёсӣ», нигоҳдории дарозмуддати бетағйири система ба ҳолати рукуд оварда мерасонад, дар ҳоле ки суботи сиёсӣ хусусияти динамикии рушди системаи сиёсиро тақозо мекунад.

Дар байни меъёрҳои гуногуни суботи сиёсӣ бояд хусусиятҳои калидӣ, аз қабили: мавҷудияти робитаи байни системаи сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, мавҷуд набудани фарқиятҳои калон дар сатҳи даромади аҳолӣ, фаъолияти назоратӣ ва чораҳои пешгирикунандаро махсус қайд намуд. Субъекти фаъолият оид ба нигоҳдории устувории системаи сиёсӣ бояд давлат бошад, зеро институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз уҳдаи чунин вазифаҳо намебароянд. Гузашта аз ин, вақтҳои охир гурӯҳҳои гуногуни террористиву экстремистӣ метавонанд худро ҳамчун институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ муаррифӣ намоянд. Онҳо дар паси ниҳодҳои зоҳиран боваринок, аз ҷумла фондҳо, созмонҳои ғайритиҷоратӣ, сохторҳои ғайриҳукуматӣ ва ғайра «пинҳон» шуда, амалан фаъолияти ифротгароиро пеш мебаранд. Меъёри асосии самараноки мубориза бар зидди омилҳои ноустуворкунандаи система бояд муносибати прагматикӣ бошад, ки имкон медиҳад таъсири беруна сари вақт рафъ карда шавад, инчунин безарар кардани зиддиятҳои дохилӣ ва ҳолатҳои бавуҷудоварандаи низоъ имконпазир гардад.

Гузашта аз ин, масъалаҳои баррасишударо на танҳо аз нуқтаи назари мавҷудият ва таъминоти технологии механизмҳои нигоҳдории суботи сиёсӣ, балки аз нуқтаи назари ҳамкории самарабахши онҳо бо дигар унсурҳои низоми сиёсӣ баррасӣ кардан лозим аст. Аз нуқтаи назари равиши институтсионалӣ дар баррасии ин масъала ҳолат ва самарабахшии ҳамкории ҳамаи институтҳои сиёсии дар давлат мавҷудбуда низ бояд ба назар гирифта шавад. Агар мо танҳо тадбирҳои сиёсӣ, иттилоотӣ, иқтисодӣ ва таъсиррасонии давлатро баррасӣ кунем, натиҷааш таҳлили якҷониба мешавад. Аммо ба андешаи баъзе аз коршиносони сиёсӣ, худи соҳаи фаъолият оид ба таъмини суботи сиёсӣ тавассути механизмҳои ҳифзи амнияти миллӣ то ҳол ниҳодишавии дурустро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлат дар сатҳи мутамарказ дарёфт накардааст [10,с.113]. Дар баробари ин, сухан танҳо дар бораи мақомоти мавҷудаи ҳифзи ҳуқуқ намеравад. Ин ба доираи васеътари амалҳое дахл дорад, ки ба як ҳадаф - нигоҳ доштани суботи сиёсӣ аз ҷиҳати стратегӣ ва пешгирӣ аз фурӯпошии системаи сиёсӣ тобеъ карда мешавад.

Дар баробари ин, сарфи назар аз таъсири омилҳои берунии бавуҷудоварандаи низоъ дар вақтҳои охир, дар таҷрибаи баъзе давлатҳо механизмҳои ташкилию сохторие, ки суботи сиёсиро дар чаҳорчӯбаи амнияти миллӣ таъмин мекунанд, ҳанӯз ба қадри кофӣ таҳия нашудаанд ва ҳамчунин ниҳоди вижае барои мубориза бо зиддият вуҷуд надорад [11,с.79].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва шаффофияти марзҳо барои воруди унсурҳои нооромкунанда дар айни замон анҷом додани ниҳодикунонии таъмини суботи сиёсӣ муҳим ба назар мерасад, зеро низоми сиёсӣ пайваста ба таҳдидҳо ва чолишҳои берунӣ ва дохилӣ дучор мешавад. Аз ин рӯ, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар мубориза бо таҳдидҳо ва таъмини амнияти миллӣ аҳаммияти хосса дорад. Илова бар ин, маҳз аз нуқтаи назари имкони ниҳодикунонии ҳамкории байниидоравӣ тачрибаи кишварҳои хориҷӣ ҷолиб аст. Ба инобат гирифтани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки унсурҳои алоҳидаи он бо назардошти хусусиятҳои миллӣ бо шароити кишвар мутобиқ карда шавад, махсусан таҷрибаи мубориза бо таҳдиду хатарҳо. Агар оид ба таъмини устувории системаи сиёсӣ фаъолияти давлати муосирро ба назар гирем, мо метавонем як қатор вазифаҳоеро муайян кунем, ки ба ин фаъолият хосанд:

1) Амалкардҳои пешгирикунанда ва таъсир расонидан ба сарчашмаҳои пайдоиши таҳдид, муайян кардани субъектҳои он дар арсаи ҷаҳонӣ ва дар дохили кишвар.

2) Ҳал намудан ва пешгирӣ кардани шиддати минтақаҳои низоӣ чи дар дохили мамлакат ва чи дар муносибат бо давлатҳои ҳамсоя. Дар ин ҷо як нуктаи муҳимро бояд

баён кард: на ҳама низоъҳои дар ҷомеа бавуҷудомада метавонанд ба ноором шудани низом оварда расонанд, инчунин на ҳама ҳолатҳои мунокишаи бавуҷудомада ба амнияти миллӣ таҳдид мекунанд. Вобаста ба ин, бояд таваҷҷуҳ дошт, ки танхо он ҳолатҳои низоӣ ва низоъҳое, ки метавонанд ба устувории низоми сиёсӣ бевосита таъсир расонанд, бояд ҳамчун объекти стратегияи пешгирикунандаи давлат баромад кунанд. Аз нигоҳи ҳифзи суботи сиёсӣ масъалаи назорати он низоъҳое, ки решаашон ба замонҳои дур меравад, низ муҳим ба назар мерасад. Пайгирии ин гуна низоъҳо дар марҳилаи ниҳонии онҳо имкон медиҳад, ки чораҳои пешгирикунанда ҷиҳати таъмини ҳалли онҳо дар доираи ҳамкории байниидоравии ниҳодҳои мавҷудаи таъмини амнияти миллӣ самараноктар татбиқ карда шаванд [11,с.86].

Аз нигоҳи назариявӣ, меъёри асосии самаранокии фаъолияти давлатро дар нигоҳдории суботи сиёсӣ, бояд қобилияти вокуниши фаврӣ ба ҳолатҳои мунокишаи дар ҷомеа бавуҷудомада, тавассути мониторинги вазъи воқеии сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, этникӣ ва миллӣ фаҳмида шавад [8,с.169]. Ин қобилият нисбат ба ҳама гуна кӯшишҳои ноором кардани низом аз берун ба давлат бартарии раднашаванда медиҳад, зеро бо доштани маълумоти объективӣ дар бораи вазъи воқеии корҳо дар кишвари худ ҳукумат имкони қабули қарорҳои сиёсии ба воқеият мувофиқро дорад. То он даме, ки элитаи ҳукмрон ба як қатор масъалаҳои шиддатнок, пеш аз ҳама, масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа чашм мепӯшад, хатари тахрибкории беруна пайваста меафзояд. Агар давлат тавонад ба вазъиятҳои низоӣ, ки дар ҷомеа ба вуҷуд меоянд, зуд вокуниш нишон диҳад, пас эҳтимолияти рӯйдодҳои сиёсӣ аз рӯйи сенарияи манфӣ ба таври назаррас коҳиш меёбад.

Вале муайян кардан лозим аст, ки кадом сарчашмаҳои низоангез дар ҳақиқат мавҷуданд ва кадоме аз онҳо натиҷаи қувваҳои вайронкунанда мебошанд. Зиёда аз ин, ҳам омилҳои объективӣ ва ҳам субъективӣ бояд ҳамчун манбаъҳои ноустуворкунанда тасниф карда шаванд ва онҳоро на аз рӯйи дараҷаи зарфияти ихтилофҳо, балки аз рӯйи моҳияти пайдоиши онҳо фарқ кунанд. Дар акси ҳол, давлат метавонад бо мушкилоти зиёд мувоҷеҳ шуда, ба таҳдидҳои хаёлӣ ва ба таври сунъӣ эҷодшуда ҷавобҳои ассиметрӣ диҳад, аммо сарчашмаҳои ба таври объективӣ афзояндаи мунокишаҳоро дар андозаи воқеӣ пайхас накунад [6]. Барои муайян кардани тарзу шаклҳои таъсиррасонӣ ва нишон додани сарчашмаҳои таҳдид мониторинги босифати вазъи имрӯзаи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, динию мазҳабӣ ва ғайра зарур аст.

Ҳамчун нишондодҳои чунин мониторинг метавонем модели пешниҳодкардаи Институти тадқиқоти сиёсатшиносии Ирландия, аз ҷумла профессор П.Эмерсонро истифода барем [15]. Тибқи он, замоне ки таъсири мутақобилаи тағйирёбандаҳо ҳамчун нишондоди таҳлил истифода мешаванд, масъалаҳои зеринро ба инобат гирифтан зарур аст:

1) дараҷаи ҷалби сохторҳои давлатӣ дар муколама бо ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ (дар асоси шумораи лоиҳаҳои муштарак дар як сол). Чунин муносибат имкон медиҳад, ки самти фаъолияти сохторҳои ғайриҳукуматӣ ва ҷамъиятӣ назорат карда шавад, инчунин дараҷаи фоидаовар ва зараровар будани онро сари вақт муайян кунанд. Ҳамзамон, ҳамкории мутақобила асосан тавассути давлати грантдиҳанда ва фармоиши давлатӣ сурат мегирад;

2) сатҳи мунокишаҳои эҳтимолии байни гурӯҳҳои гуногуни этникӣ ва динӣ бо муайян намудани сабабҳои чунин муносибатҳои оштинопазир. Дар оянда ин гуна маълумот ба давлат имкон медиҳад, ки ба минтақаҳои пайдошудаи низоъ зуд вокуниш нишон диҳад. Мунокишаи эҳтимолии муносибатҳо дар асоси тақсимнамоии ҳувияти этникию мазҳабӣ ва блокҳои асосии арзишмандии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ҳангоми муошират бо гурӯҳҳои дигар ошкор карда мешавад. Дар ин марҳила таҳлили унсурҳои алоҳидаи таҳдид истифода мешавад;

3) дараҷаи ҳамоҳангии муносибатҳои давлат бо кишварҳои ҳамсоя, махсусан бо кишварҳои рақобаткунанда аз нуктаи назари геополитикӣ. Мониторинг дар ин маврид ба таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла: ҳаҷм ва махсусан сохтори ММД-и кишвар, дараҷаи диверсификатсияи захираҳо ва содирот, тавозуни савдои хориҷӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва мавқеи (рейтинги) кишвар дар тақсимоти байналхалқии меҳнат равона карда мешавад. Устувории пули миллӣ, мавҷудияти захираҳои молиявӣ ва самти

хориҷии рушди иқтисодӣ низ ба назар гирифта мешавад. Бо ин равиш, метавон ба осонӣ муайян кард, ки масалан, Чин рақиби бечунучарои Иёлоти Муттаҳида дар соҳаи истеҳсолот ва инчунин дар бахши молиявӣ мебошад. Ҳамзамон, таҳлили дараҷаи вобастагии сармоягузории давлатҳо низ ба назар гирифта мешавад ва маҳз ҳамин омил имрӯз ҳалкунанда мегардад, ки манипуляторҳо қурбониёни «инқилобҳои ранга»-ро интихоб мекунанд;

4) таҳлили сенарияи эҳтимолии ихтилофҳои сиёсати хориҷӣ бо назардошти маҷмуи омилҳо: мавқеи геополитикӣ ва геостратегии кишвар, осебпазирии зарфияти сарҳадҳои он, ҳолати соҳаи мудофиа ва ғайра. Ин нишондоди мониторинг имкон медиҳад, ки стратегияи пешгирикунанда нисбат ба таҳдидҳои берунии дорои хусусияти ҳарбӣ татбиқ карда шуда, инчунин дар доираи фаъолияти созмонҳои байналмилалии миёнаравӣ манбаъҳои эҳтимолии зиддиятҳои сиёсати хориҷӣ зуд «хомӯш» карда шаванд.

Бояд гуфт, ки бо тамоми усулҳои таҳияшуда барои назорат ва ҳифзи давлат аз таҳдидҳои беруна бархе аз пажуҳишгарон бар ин назаранд, ки бо дарназардошти мавҷудияти иқтидори баланди технологӣ дар тамаддуни ғарбӣ ва нақшаҳои таҳияи табаддулоти сиёсӣ муқовимат бо таъсири харобиовари таҳдидҳои беруна қариб ғайриимкон аст. Аммо, дараҷаи осебпазирии кишвар ба таҳдидҳои беруна мустақиман аз сиёсати давлат дар дохили кишвар вобаста аст: аҳолӣ ба ҳеҷ гуна воридшавӣ ва паҳншавии иттилоотӣ танҳо дар сурате эътироз намекунад, ки агар таҳдидҳои дохилӣ ҳамчун сабаби чунин фаъолияти эътирозӣ вуҷуд надошта бошанд [4,с.78].

Бояд тазаккур дод, ки сарфи назар аз мавҷудияти механизмҳои собитшудаи муқовимат ба таҳдидҳои муосир, аз қабили истифодаи неруҳои ҳарбӣ дар доираи амалҳои пешгирикунанда алайҳи сохторҳои террористӣ, экстремистӣ ва сепаратистӣ, ҷилавгирӣ аз фаъолияти сарпарастон барои маблағгузории чунин сохторҳо, дар ҳар сурат унсури асосии нигоҳдории суботи сиёсӣ, сиёсати санҷидашуда, аниқ ва пайвастаи дохилии давлат мебошад, ки на дар асоси тақлид ва ҷорӣ намудани унсурҳои бегона ба тамоми системаи муносибатҳои иҷтимоӣ сурат мегирад, балки дар асоси ба назар гирифтани хусусиятҳои миллӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва таҷрибаи таърихии идораи давлатӣ сохта шудааст.

Дар кишварҳои хориҷӣ мубориза бо таҳдидҳо як соҳаи таъмини амнияти давлат мебошад. Дар хориҷи кишвар муқовимат ба таҳдидҳои террористӣ, ки ба ноором кардани система нигаронида шудааст, дар низоми пешгирии терроризм ва чораҳои зиддитеррористӣ сурат мегирад. Дар айни замон, таҳиягарони стратегияҳои тахрибӣ аксар вақт усули ба истилоҳ нуфузи нуқтаҳоро истифода мебаранд, ки аз муайян кардани як қатор нуқтаҳои дарднок дар вазъияти иҷтимоии давлати мавриди ҳадаф иборат аст. Дар асари худ муҳаққиқи бритониёӣ Д.Гарроу қайд мекунад, ки муваффақияти нақшаҳои харобиовари сарнагун кардани режимҳои ҳукмрон бевосита ба шумора ва шиддатнокии чунин «нуқтаҳо» вобаста аст [14; 16].

Маҳз ба шарофати чунин технологияҳои роҳандозии «инқилобҳои ранга», чуноне ки коршиносони зиёд қайд мекунанд, таҳдидҳо ба суботи сиёсӣ ҳарчи бештар хусусияти фаромарзӣ пайдо мекунанд, зеро субъектҳои фаъолияти тахрибкоронаи берунӣ ба авҷ гирифтани ташаннуҷи иҷтимоӣ мусоидат мекунанд. Онҳо, дар навбати худ, зуҳуроти буҳрониро дар соҳаҳои молиявию иқтисодӣ боз ҳам тезутунд мегардонанд ё ба вуҷуд меоранд, инчунин боиси ба марҳилаи мусаллаҳонаи ошкоро гузаштани бисёр низоъҳои дохилӣ мегарданд.

### АДАБИЁТ


1. Баров С.А. Политическая стабильность: методология сравнительных исследований, анализ региональных проблемных зон / С.А. Баров. - М.: РУДН, 2012. –295 с.
2. Граничев В.М. Факторы обеспечения политической стабильности в российском обществе / В.М. Граничев. – М.: ИНИОН РАН, 2013. – 387 с.
3. Зубкова А.И. Политическая стабильность: новые вызовы, методологические аспекты анализа и прогнозирования, региональные исследования / А.И. Зубкова. - М.: РУДН, 2012. – 430 с.
4. Карпович О.Г. Цветные революции. Теория и практика современных политических режимов / О.Г. Карпович. - М.: ЮНИТИ; Закон и право, 2014. –258 с.
5. Кортунов С.В. Становление политики безопасности / С.В. Кортунов. - М.: Наука, 2003.
6. Краснов Б.И. Политическая стабилизация и политическая стабильность: методология исследования / Б.И. Краснов. - М.: ИНИОН РАН, 2013. – 488 с.

7. Лопатин Ю.Н. Национальная безопасность: методологические пролегомены современного дискурса // Территория новых возможностей / Ю.Н.Лопатин, А.А. Тушков //Вестник Владивостокского государственного университета экономики и сервиса. – 2009. – № 4. –С.25.
8. Постникова Л. Политическая стабильность: взгляд на современность / Л.Постникова. - М., 1996. – 280 с.
9. Разделенная демократия: пер. с англ. Под общ. ред. Дж. Тарбера. -М., 1994. – 360 с.
10. Семченков А.С. Управление межгосударственными конфликтами в системе обеспечения национальной безопасности России. Монография / А.С. Семченков. - М.: Социально-политическая мысль, 2006. – 320 с.
11. Семченков А.С. Противодействие угрозам политической дестабилизации как направление обеспечения национальной безопасности России. Монография / А.С. Семченков. - М.: МАКС Пресс, 2011.
12. Хейвуд Э. Политическая стабильность и политическая устойчивость в демократических системах / Э.Хейвуд. - М.: ИНИОН РАН, 2012. – 502 с.
13. Постникова Л.С. Политическая стабильность как фактор развития политической системы / Л.С. Постникова. - М.: ИНИОН РАН, 2013. – 675 с.
14. Armstrong G. National security in the globalization set. Dublin: UNITY2, 2014. – 680 p.
15. Emerson P. Strategic analysis of conflict level dimension. Irish Political Study Institute. Dublin, 2014. – 588 p.
16. Garrow D. Strategy of political stabilization in the global world. L.: DRW Press, 2014. – 486 p.

## СУБОТИ СИЁСӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

Суботи сиёсӣ, ки хусусияти сифатии системаи сиёсӣ мебошад, чунин дараҷаи идорашавандаи онро ифода мекунад, ки дар он вай қобилияти зуд ва муассир посух гардонидан ба таҳдидҳои дохилӣ ва беруниро бидуни тағйир додани сохторӣ ва ташкилиро дорад. Таъмини суботи сиёсӣ дар заминаи вазифаҳои таъмини амнияти миллӣ дар шароити муосир нигоҳ доштани қобилияти ҷомеа ва давлатро барои безараргардонии самараноки маҷмуи таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ бо нигоҳ доштани иқтидор, хусусият ва динамикаи рушд пешбинӣ мекунад. Таҳлили таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба ҳифзи суботи сиёсӣ ҳамчун ҷузъи амнияти миллӣ нишон медиҳад, ки ҳама гуна системаи сиёсӣ бо сатҳи муайяни устуворӣ ва ноустуворӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Новобаста аз ин, онҳо ба таъсири омилҳои ноором кунандаи муҳити беруна муқовимати шадид нишон медиҳанд, зеро раванди қабули қарорҳои сиёсӣ дар ин низомҳо бо самаранокии баланд хос буда, ҳамоҳангсозии дарозмуддат бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар назар надорад ва ба ин васила имкони вокуниши сариваќтӣ ба таҳдидҳои навро дорад. Самти афзалиятноки нигоҳ доштани суботи сиёсӣ дар ҷомеаи муосир дар баробари такмили механизмҳои ҳарбӣ-қудратӣ ва усулҳои мубориза бо омилҳои берунӣ, ки низоми сиёсии дохилиро ноором мекунанд (аз ҷумла терроризми байналмилалӣ, радикализми динӣ ва ғ.), пешгирӣ ва безараргардонии таҳдидҳои дохилӣ (аз ҷумла, ифротгароии сиёсӣ, сепаратизми этникӣ ва ғ.) тавассути сиёсати мақсадноки давлатӣ барои беҳбуди вазъи иҷтимоию иқтисодии аксарияти мутлақи аҳолии кишвар мебошад.

**Калидвожаҳо:** суботи сиёсӣ, амнияти миллӣ, таҳдидҳои беруна, таҳдидҳои дохилӣ, устувории системаи сиёсӣ, сиёсати давлатӣ, таъмини суботи сиёсӣ.

## ПОЛИТИЧЕСКАЯ СТАБИЛЬНОСТЬ КАК ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

Политическая стабильность, являющаяся качественной характеристикой политической системы, представляет собой ее управляемую степень, при которой она обладает способностью быстро и эффективно реагировать на внутренние и внешние угрозы без структурных и организационных изменений. Обеспечение политической стабильности в контексте задач обеспечения национальной безопасности в современных условиях предусматривает сохранение способности общества и государства эффективно нейтрализовать комплекс внутренних и внешних угроз при сохранении потенциала, особенностей и динамики развития. Анализ опыта зарубежных государств по защите политической стабильности как части национальной безопасности показывает, что все политические системы отличаются определенным уровнем устойчивости и нестабильности. Независимо от этого, они проявляют сильную устойчивость к влиянию дестабилизирующих факторов внешней среды, поскольку процесс принятия политических решений в этих системах характеризуется высокой эффективностью, не предполагает длительной координации с институтами гражданского общества и, следовательно, имеет возможность вовремя реагировать на новые угрозы. Приоритетное направление поддержания политической стабильности в современном обществе наряду с совершенствованием военно-силовых механизмов и методов борьбы с внешними факторами, дестабилизирующими внутриполитическую систему (в том числе международный терроризм, религиозный радикализм и т.д.), предотвращение и нейтрализация внутренних угроз (в том числе политический экстремизм, этнический сепаратизм и др.) посредством целенаправленной государственной политики по улучшению социально-экономического положения подавляющего большинства населения страны.

**Ключевые слова:** политическая стабильность, национальная безопасность, внешние угрозы, внутренние угрозы, стабильность политической системы, государственная политика, обеспечение политической стабильности.

## POLITICAL STABILITY AS A FACTOR OF ENSURING NATIONAL SECURITY

Political stability, which is a qualitative characteristic of a political system, represents its manageable degree at which it has the ability to quickly and effectively respond to internal and external threats without structural and organizational changes. Ensuring political stability in the context of national security tasks in modern conditions involves preserving the ability of society and the state to effectively neutralize a complex of internal and external threats while

maintaining the potential, characteristics and dynamics of development. An analysis of the experience of foreign countries in protecting political stability as part of national security shows that all political systems are distinguished by a certain level of stability and instability. Regardless of this, they show strong resistance to the influence of destabilizing factors of the external environment, since the process of political decision-making in these systems is characterized by high efficiency, does not require long-term coordination with civil society institutions and, therefore, has the ability to respond to new threats in a timely manner. The priority direction of maintaining political stability in modern society along with improving military power mechanisms and methods of combating external factors that destabilize the internal political system (including international terrorism, religious radicalism, etc.), preventing and neutralizing internal threats (including political extremism, ethnic separatism, etc.) through targeted government policy to improve the socio-economic situation of the vast majority of the country's population.

**Keywords**: political stability, national security, external threats, internal threats, stability of the political system, public policy, ensuring political stability.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҳасанов Бахтиёр*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға**: 735360, ш.Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: (**+992) 98 5915551**

**Сведения об авторе:** ***Хасанов Бахтиёр*** – Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, соискатель кафедры политологии. **Адрес**: 735360, г.Куляб, Республика Таджикистан, Хатлонская область, улица С.Сафарова, 16. Телефон: **+992 98 5915551**

**Information about the author:** ***Hasanov Bakhtiyor*** – Kulyab State University named after A. Rudaki, applicant for the Department of Political Science. **Address**: 735360, Kulyab city, Republic of Tajikistan, Khatlon region, S. Safarov street, 16. Тел.: **+992 98 5915551**

ТДУ: 347.91/.95(575.3)

# УСУЛҲОИ ТАСНИФОТИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Акмалова М.А., Миралиева М.О.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳимми рушди давлат ва ҷомеа таъмини амният ба ҳисоб меравад. Амният устуворӣ ва ҳаёту фаъолият ва рушди ҳар як давлати алоҳидаро таъмин менамояд. Мафҳуми "амният" дар доираи васеи фаъолияти давлат, минтақаи алоҳида ва ҷаҳон истифода бурда шуда, моҳияти он дар дахлнопазирии кафолати озодӣ, фаъолиятнамоӣ ва инкишоф зоҳир мегардад.

Одатан, амнияти давлат дар маънои ҳимояи он ва сатҳи мудофиаи он аз таҳдидҳои мухталиф тариқи таснифоти "амнияти миллӣ" ифода карда мешавад. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки аввалин маротиба мафҳуми "амнияти миллӣ" (national security) соли 1904 дар паёми Т. Рузвелт -Президенти ИМА ба Конгресс ёдрас шудааст, гарчанде мафҳуми мазкур дар фаҳми муосири он танҳо соли 1934 дар паёми президенти дигари ИМА Ф.Д. Рузвелт оид ба масъалаҳои таъмини амният дар соҳаи сиёсӣ, ҳарбӣ ва иқтисодӣ мавриди истифода қарор дода шудааст [2,с.63].

Дар таҳқиқоти илмии солҳои 90-ум дар фазои пасошуравӣ муаллифон масъалаҳои амнияти миллиро дар радифи ҷустуҷӯ ва амалинамоии самтҳои имконпазири ҳалли масъалаҳои нисбатан шиддатноки бартараф намудани таҳдидҳо барои шахсият, ҷомеа, иқтисодиёт, давлат зери таъсири буҳронҳои дохилӣ, бартараф намудани мухолифатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ тариқи дигаргуниҳои таҳаввулотӣ таҳлил менамуданд. Зикр намудан бамаврид аст, ки дар ин марҳила масъалаҳои амнияти миллӣ дар шароити интихоби тарҳи низоми иқтисодӣ ва сохтори сиёсии кишварҳои тозаистиқлоли фазои пасошуравӣ бо назардошти вазъияти воқеии байналхалқӣ коркард карда мешуд. Таъмини амнияти миллӣ, пеш аз ҳама, бо бартараф намудани буҳрони иқтисодӣ, бартараф намудани оқибатҳои он алоқаманд карда мешуд. Дар ин марҳила аксарияти муаллифони самти таъмини амнияти миллӣ ин ҷанбаро ба инобат мегирифтанд. Масалан, Л.И. Абалкин зарурати ба таври фаврӣ бартараф намудани равандҳои манфии буҳрони иқтисодӣ, шикасти неруи илмӣ-техникиро қайд намуда буд, ки метавонистанд бебозгашт бошанд ва ба амнияти миллӣ халали ҷиддӣ ворид намоянд [1,с.8].

Маҳз ҳолатҳои зикргардида, ки ба хусусияти марҳилаи таърихии ин давра алоқаманд буданд, мавқеи афзалиятноки амнияти иқтисодиро дар таъмини ҳифзи амнияти миллӣ то ба имрӯз нигоҳ медоранд. Натиҷаи таҳқиқоти коршиносон ва олимон дар ин марҳила ба муқаррароти асосии стратегияҳои давлатии таъмини амнияти иқтисодӣ ворид карда шуданд, ки дарки амнияти миллӣ ва иқтисодиро ҳамчун қобилияти иқтисодиёт, давлат ва ҷомеа дар муқобилият ба таҳдидҳо, таъмини устувории иҷтимоӣ-иқтисодӣ, шароити сазовори ҳаёт ва рушди шахсият таҷассум менамуданд.

Дар шароити мураккабгардии объективӣ ва рушди падидаву равандҳои геополитикӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, иттилоотонии ҷомеа, ҷаҳонишавии алоқаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ва муносибатҳои молиявӣ мафҳуми "амният" ва "амнияти миллӣ" таснифоти муҳим ва махсусро касб менамоянд. Раванду ҳодисаҳои зикргардида боиси пайдоиши хавфу хатарҳои нав ва тағйирпазириву такмили хавфу хатарҳои мавҷуда, ки ба ҳаёт ва фаъолияти ҷомеа ва давлат таҳдид менамоянд, гардидаанд. Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза, ҳар як давлати алоҳида манфиатҳои миллӣ ва ягонагии ҳудуди худро дар шароити рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ, мавҷудият ва фаъолияти сохторҳои мухталифи фаромиллӣ, ки принсипи суверенитети миллиро рад намекунанд, амалӣ менамояд. Дар алоқамандӣ бо ин масъалаҳои муосири ҳимояи давлат, таъмини амнияти рушди устувори тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар шароити сатҳи баланди ноустуворӣ ва калавиши муҳити беруна такмили роҳу воситаҳои ҳалли масъала, таҳқиқи маҷмуавии тағйироти сифатии мундариҷаи мафҳуми "амният" ва "амнияти миллӣ"-ро талаб менамояд.

Амнияти миллӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун мухолифат ба таҳдидҳо, қобилияти давлат дар самти бартараф намудани онҳо, таъмини ҳимоя аз онҳо тасниф карда мешавад, ки чунин муносибати муайяннамоии моҳияти амнияти миллӣ дар як қатор меъёрҳои ҳуқуқии

давлатҳои алоҳида таҷассум гардидааст. Ҳамин тариқ, амнияти миллӣ ҳамчун вазъияти муҳофизатии манфиатҳои миллӣ аз таҳдидҳои беруна ва дохила фаҳмида мешавад, ки рушди прогрессивии шахсият, ҷомеа ва давлатро таъмин менамояд.

Таснифоти мазкури амнияти миллӣ, аз бисёр ҷанба, дар мафҳуми ибтидоии "амният" асос ёфтааст, ки ба таври умумӣ маънои мавҷуд набудани хатарро дошта дар забони тоҷикӣ ҳамчун "осоиштагӣ, оромӣ, тинҷӣ, бехавфӣ, бехатарӣ; сулҳу амният" [14,с.59] тасниф карда мешавад.

Дар шароити имрӯза дар қонунгузории давлатҳои алоҳида таснифоти мафҳуми "амнияти миллӣ", принсипҳои асосӣ ва мундариҷаи фаъолият дар самти амнияти давлат, амнияти ҷамъиятӣ, экологӣ ба таври мушаххас пешниҳод карда шудаанд. Масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амният" мафҳуми "амнияти миллӣ" ҳамчун ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии дохиливу берунӣ тасниф карда шудааст [3].

Ҳамин тариқ, амнияти миллӣ дар қонунгузориҳои кишварҳои гуногун бо муайян намудани ҳолати муҳофизатӣ аз таҳдидҳои беруна ва дохила, ки ба шахсияти алоҳида, ҷомеа ва давлат тааллуқ дорад, алоқаманд карда мешавад.Таснифоти ҳуқуқии мафҳум нақш ва аҳаммияти амнияти миллиро ошкор менамояд, ки дар таъмини суверенитет, ягонагии ҳудудӣ ва рушди устувори кишвар, инчунин ҳуқуқҳои конститутсионӣ, озодиҳо, сатҳ ва сифати сазовори ҳаёти аҳолӣ, ҳифз ва амнияти давлат зоҳир мегардад.

Бояд зикр кард, ки мавҷудияти таснифоти амнияти миллӣ, ки дар меъёрҳои ҳуқуқӣ пешниҳод карда шудааст, масъалаи усулҳои мухталифи муайяннамои онро дар корҳои таҳқиқотӣ бартараф наменамояд. Аз ин хотир, зарурати такмили мафҳумӣ дар раванди таҳқиқоти назариявии моҳият ва мазмуну мундариҷаи "амнияти миллӣ" пайдо мегардад.

Усулҳои мухталифи муайяннамоии мафҳум ва моҳияти амнияти миллӣ, пеш аз ҳама, аз гуногунҷанбагии ин падида бармеояд. Аз ин хотир, дар шароити имрӯза мафҳуми "амнияти миллӣ" аз мавқеъ ва муносибатҳои мухталиф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Зикр намудан зарур аст, ки ташаккули асосҳои назариявии таҳқиқи амнияти миллӣ дар шароити имрӯза ба итмом нарасидааст ва баҳсу мунозираҳои доманадорро ба миён овардааст.

Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмии масъалаи амнияти миллӣ метавон усулҳои илмии таснифоти амнияти миллиро ба низоми муайян даровард. Дар банизомдарорӣ муқаррароти ибтидоии назарияҳо, методҳои илмӣ ва аломатҳои истифодаи онҳо аз тарафи муаллифони гуногун ҳамчун асос мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Ҳамин тариқ, яке аз таснифотҳои муҳимми амнияти миллӣ–муносибати самтгирӣ ба объект мебошад, ки дар доираи он вазъияти муҳофизатии объектҳо – ҷомеа, давлат ва шахсият аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ баррасӣ карда мешаванд. Дар чунин ҳолат сухан оид ба ҳифзи ҷисмонии ҳар як объекти номбаршуда меравад. Дар доираи муносибати самтгирии мавзуи амнияти миллӣ зарурати ҳимояи манфиати тамоми ҷонибҳо, ки ба таъмини амният алоқаманд мебошад, ба ҳисоб меравад. Дар чунин ҳолат мавзуи асосии амнияти миллӣ манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат, ки муҳофизати ин манфиатҳоро кафолат медиҳад, шуморида мешавад [4,с.133].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза муттаҳид намудани ду муносибати зикршуда бештар паҳн гардида, аз ҷониби аксарияти муҳаққиқон ва олимон эътироф карда шудааст. Дар асоси чунин пайвастшавӣ амнияти миллӣ ҳам дар ҷанбаи объектӣ ва ҳам дар ҷанбаи мавзуъ баррасӣ карда мешавад. Дар чунин ҳолат, амнияти ҳар як объект ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми ин объектро аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ пешниҳод менамояд. Ҳамин тариқ, амнияти миллӣ низоми кафолати ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлат, ҷомеа ва шахсро аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ пешниҳод менамояд [10,с.39]. Дар доираи муносибати омехта чунин таснифоти амнияти миллӣ ба соҳаҳои мухталифи ҷомеа – соҳаи иқтисодӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, маънавӣ ва экологӣ тааллуқ дорад. Зикр намудан бамаврид аст, ки мувофиқи шароити рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ яке аз соҳаҳои ҷамъиятӣ дар сатҳи баланд ба таҳдидҳои мухталифи дохилӣ ва берунӣ рӯ ба рӯ мешавад. Масалан, дар шароити имрӯза, дар асоси рушди илмӣ-техникӣ, рушди воситаҳои рақамии иттилоот хавфу хатар нисбат ба соҳаи иттилоотӣ афзудааст.

Дар чунин ҳолат, дар доираи муносибати омехта объекти асосии муҳофизат маҳз иттилоот мебошад.

Муносибати дигари баррасии амнияти миллӣ – муносибати низомӣ ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи он амнияти миллӣ ҳамчун ҳолати муҳофизатии ҷомеа хусусияти зарурии низоми иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад [7,с.88]. Бояд гуфт, ки муносибати мазкур бо мавқеи муаллифоне, ки амнияти миллиро дар доираи назарияи низом ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои устувори амалнамоии низом баррасӣ менамоянд, алоқаманд аст. Амнияти низом вазъияти объектро дар доираи алоқаҳои он аз нуқтаи назари қобилияти он ба амалнамоӣ дар шароити мавҷудияти таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ таҷассум менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки амнияти миллӣ на танҳо хусусияти муҳимми низоми иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, балки худ метавонад ба сифати низом баромад намояд. Бояд тазаккур дод, ки ин низом илова бар сифатҳои умумии низом дорои дигар хусусиятҳои муҳим мебошад, ки дар доираи муносибати низомӣ ошкор карда мешавад. Маҳз, аз ин хотир, дар баррасии амнияти миллӣ истифодаи муносибати низомӣ зарур мегардад. Муносибати низомӣ имконият медиҳад, ки на танҳо алоқаи унсурҳои асосии низоми мазкур баҳогузорӣ карда шаванд, балки онро метавон ба сифати унсури низоми нисбатан мураккаб баррасӣ намуд.

Дар баррасии амнияти миллӣ низоми муайяни нишондиҳандаҳо ҷудо карда мешаванд, ки ҳамчун заминаи ошкор, баҳогузорӣ ва таҳлили он баромад менамоянд. Тариқи ин нишондиҳандаҳо метавон вазъияти амнияти миллиро ба таври умумӣ ва дар соҳаҳои алоҳида тасниф намуд. Масалан, амнияти давлат бо чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди нигоҳдории муносибатҳои ҷамъиятии конститутсионӣ, мустаҳкам намудани ҳокимияти давлатӣ, рушди иқтисодӣ, қонуният, дахлнопазирии сарҳадот ва ягонагии ҳудудӣ, таъмини истиқлолияти давлатӣ, сатҳ ва шароити ҳаёти оммаи мардум ва ғайраҳо тавсиф меёбад. Зикр намудан зарур аст, ки ин нишондиҳандаҳо устувории сиёсиро ҳамчун нишондиҳандаи интегралии амнияти давлатӣ муайян менамоянд [11,с.84].

Бояд гуфт, ки дар мухолифати амнияти давлатӣ мавҷудияти амнияти ҷамъиятӣ ё иҷтимоӣ пешниҳод карда мешавад. Дар чунин ҳолат метавон оид ба амнияти ҷомеаи шаҳрвандӣ сухан ронд, ки тариқи нишондиҳандаҳои зерин ифода карда мешавад: адолати иҷтимоӣ, ҳуқуқи шаҳрвандон ва ҷомеа дар муносибатҳои тарафайн бо давлат, изҳорнамоии озоди ирода, муайянии миллии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғ. [11,с.89].

Ҳамин тариқ, амнияти давлат ва амнияти ҷомеаи шаҳрвандӣ якдигарро пурра намуда, вазъияти умумии амнияти миллӣ, амнияти шахсият, ҷомеа ва давлатро таҷассум менамоянд. Амнияти давлатӣ ҳамчун восита баромад менамояд, амнияти ҷомеа мақсади муайяннамоӣ ва ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шаҳрвандон ба ҳисоб меравад. Маҳз дар доираи чунин низом мутобиқати мақсадҳо ва воситаҳои бадастории онҳо амнияти миллӣ воқеан амнияти шахсият, ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад.

Яке аз муносибатҳои муҳимми баррасии амнияти миллӣ – муносибати сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Дар доираи ин муносибат амнияти миллӣ ҳамчун сиёсати амнияти миллӣ тасниф карда мешавад. Амнияти миллӣ ин сиёсати давлат аст, ки ба таъмини истиқлолият ва ягонагии ҳудудӣ, инчунин ҳимоя аз таҳдидҳои беруна ва дохилӣ равона карда шудааст [5,с.118]. Лекин, аз ин нуқтаи назар амнияти миллӣ бо мафҳуми “ҳимояи давлат” алоқаманд буда, ба сиёсати ҳарбӣ дохил мешавад. Аз ин хотир, зикр намудан зарур аст, ки амнияти миллӣ ҳамчун мафҳуми сиёсати давлатӣ аз консепсия, низом ва воситаҳои мухталиф иборат аст, ки аз тарафи ҷомеа, элитаи ҳукмрон ва давлат барои ҳимояи ягонагӣ, ҳувият ва истиқлолияти давлатӣ ва тарзи ҳаёти мавҷуда, инчунин таъмини шароити мавҷудияти муқаррарии онҳо, такмил ва рушд тариқи нигоҳдории манфиатҳои миллӣ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ истифода мешаванд [13,с.59].

Ҳамин тариқ, дар доираи муносибати мазкур ба сифати заминаи асосии ташаккули мақсадҳои стратегии сиёсати хориҷии давлат, таҳия ва амалинамоии лоиҳаҳои амалии фаъолияти хориҷӣ, ки ба ҳалли вазифаҳои стратегии байналхалқӣ равона карда шудаанд, бояд консепсияи амнияти миллӣ баромад намояд [10,с.39].

Бояд тазаккур дод, ки муқаррароти мазкур бояд аз ҳисоби вазифаҳои сиёсии дохилӣ низ пурра карда шавад, ки ҳалли онҳо низ дар консепсияи амнияти миллӣ асос ёфтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чунин вориднамоӣ ва пурранамоӣ муҳим аст, зеро маҳз муқаррароти консептуалии амнияти миллӣ бояд стратегияро дар соҳаи сиёсати хориҷӣ, идоракунии давлатӣ, сиёсати демографӣ, иттилоотӣ-фарҳангӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳарбӣ-сиёсӣ муайян намоянд [2,с.112].

Гуногунҷанбагии амнияти миллиро ба инобат гирифта, як қатор мутахассисон муқаррароти алоҳидаи назариявиро дар раванди таҳқиқи мазмуну мундариҷа, хусусиятҳо, принсипҳо, сиёсат ва стратегияи амнияти миллӣ муттаҳид намудаанд, ки боиси ташаккули муносибати ҳамгиро гардидааст. Дар чунин ҳолат, амнияти миллӣ ҳамчун амнияти ҷомеа баррасӣ гардида, нишондиҳандаҳои фарққунандаи он хусусияти умумииҷтимоӣ ва умумитаърихӣ шуморида мешаванд. Зеро маҳз ин хусусиятҳо, пеш аз ҳама, мазмуну мундариҷаи мафҳуми "амният"-ро дар ҳар як марҳилаи таърихӣ дар ҳар як давлати алоҳида муайян менамоянд.

Дар доираи муносибати мазкур таснифоти мухталифи мазмуну мундариҷаи "амнияти ҷомеа" пешниҳод карда мешавад, ки ба сатҳҳои мухталифи мушаххасоти назариявии ин мафҳум асос ёфтаанд:

- амният мувофиқати низоми қонунҳои объективии амалнамоии ҷомеа аст;
- амният устуворӣ ва тавозуни низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ аст, ки ягонагии низоми манфиатҳоро дар ҷомеа таъмин менамояд;
- амният устувории таҷдиди ангезаҳои рафтори мусбӣ ва ҳамкории муфиди умумиятҳои мухталифи иҷтимоиро пешниҳод менамояд [15,с.25].

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки дар доираи муносибати ҳамгирои таснифоти мазмуну мундариҷаи амнияти миллӣ кӯшиш карда шудааст, ки дар он таснифоти умумии объект ва субъектҳои амнияти миллӣ, манфиатҳои миллӣ, механизмҳои амалинамоии он дар алоқамандӣ бо инкишофи минбаъдаи давлат ва ҷомеа муттаҳид карда шаванд.

Хулоса, таҳлили усулҳои таснифоти мафҳуми "амнияти миллӣ", мазмуну мундариҷа, хусусиятҳо ва принсипҳои асосии он имконият медиҳад чунин хулосабарорӣ намоем, ки дар доираҳои илмӣ фаҳмиши ягона ва қонеъкунандаи моҳияти амнияти миллӣ ҷой надорад. Ба ақидаи мо, чунин ҳолат аз ду омили асосӣ вобаста аст: якум, амнияти миллӣ падидаи гуногунҷанба буда, дар доираи илмҳои мухталиф, ки муносибатҳои гуногуни илмиро истифода менамоянд, баррасӣ карда мешавад; дуюм, дар таҳқиқи амнияти миллӣ дар як ҳолат муайян намудани тамоми ҷанбаҳои ин падида мушкил ва дар бисёр ҳолатҳо ғайриимкон аст. Таҳияи таснифоти умумӣ ва ҳамаро қонеъкунандаи амнияти миллӣ метавонад саволҳои иловагиро дар ин самт ба миён орад.

**АДАБИЁТ**


1. Абалкин Л.И. Экономическая безопасность России: угрозы и их отражение / Л.И. Абалкин // Вопросы экономики. - 1994. - № 12. - С.8-14.
2. Алексин В.И. Советско-американское военное сотрудничество: контакты и осмысление их результатов / В.И. Алексин //Военная мысль. - 1992.- №3. С.63-71.
3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2011. -№ 6. -Моддаи 434.
4. Афонцев С.А. Национальная экономическая безопасность: на пути к теоретическому консенсусу / С.А. Афонцев // Мировая экономика и международные отношения. -2002. - № 10. –С. 132-139.
5. Дзлиев М.И. Основы обеспечения безопасности России / М.И. Дзлиев, А.Д. Урсул. -М.: Экономика, 2003. 248 с.
6. Корнилов М.Я. Экономическая безопасность России / М.Я. Корнилов. -М.: Издательство: РАГС, 2007. -112 с.
7. Косолапов Н.Н. Национальная безопасность в меняющемся мире / Н.Н. Косолапов // Мировая экономика и международные отношения. - 1992. -№10. –С.87-95.
8. Мухин Г.В. Проблема обеспечения национальной безопасности в современных условиях / Г.В. Мухин. -М., 1994. -317 с.
9. Новоселов С.В. Понятие, сущность и особенности категории «национальная безопасность» / С.В. Новоселов //Каспийский регион: политика, экономика, культура. – 2014. -№1(38). -С.91-96.
10. Общая теория национальной безопасности. Под общ. ред. А.А. Прохожева. -М.: Изд-во РАГС, 2002. -344 с.
11. Общая теория права и государства. Под общ. ред. В.В. Лазарева. - 3-е изд., перераб. и доп. -М.: Юристъ, 2001. -578 с.
12. Порфирьев Б.Н. Системная концепция национальной безопасности / Б.Н. Порфирьев. -М. 1995. -544 с.
13. Проскурин С.А. Обороноспособность в системе национальной безопасности страны / С.А. Проскурин // Военная мысль. - 1992. -№1. -С.59-63.

14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). -Ҷилди 1 А – Н. Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода ва дигарон. –Душанбе, 2008. -950 с.
15. Экономическая безопасность России. Общий курс. Под ред. Сенчагова В.К. -М.: Дело, 2005. -818 с.

## УСУЛҲОИ ТАСНИФОТИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақола усулҳои таснифоти амнияти миллӣ дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Зикр мегардад, ки дар шароити мураккабгардии объективӣ ва рушди падидаву равандҳои геополитикӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, иттилоотонии ҷомеа, ҷаҳонишавии алоқаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ ва муносибатҳои молиявӣ мафҳуми "амният" ва "амнияти миллӣ" мубрамияти хоссаро касб менамоянд. Муаллиф зикр менамояд, ки дар шароити имрӯза мафҳуми "амнияти миллӣ" аз мавқеъ ва муносибатҳои мухталиф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки аз гуногунҷанбагии ин падида дарак медиҳад. Дар мақола дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмии масъалаи амнияти миллӣ муносибатҳои илмии таснифоти амнияти миллӣ ба низоми муайян дароварда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** амният, амнияти миллӣ, сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байналхалқӣ, таҳдид, ҷомеа, давлат, муносибати ҳамгиро, муносибати сиёсӣ, низоми амният.

## ПОДХОДЫ К ОПРЕДЕЛЕНИЮ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматриваются методы классификации национальной безопасности в современных условиях. Отмечается, что в условиях объективной сложности и развития геополитических, социально-экономических, научно-технических, информационных явлений и процессов общества, глобализации мирохозяйственных связей и финансовых отношений, понятия «безопасность» и «национальная безопасность» имеют важную и особую классификацию. Автор отмечает, что в современных условиях понятие «национальная безопасность» обсуждается с разных позиций и взглядов, что указывает на многообразие этого явления. В статье на основе анализа научных источников проблемы национальной безопасности, научные связи, классификации национальной безопасности введены в определенную систему.

**Ключевые слова:** безопасность, национальная безопасность, внешняя политика, международные отношения, угроза, общество, государство, интеграционный подход, политический подход, система безопасности.

## APPROACHES TO THE DEFINITION OF NATIONAL SECURITY IN MODERN CONDITIONS

The article discusses methods of classifying national security in modern conditions. It is noted that in conditions of objective complexity and development of geopolitical, socio-economic, scientific, technical, information phenomena and processes of society, globalization of world economic relations and financial relations, the concepts of "security" and "national security" have an important and special classification. The author notes that in modern conditions the concept of "national security" is discussed from different positions and views, which indicates the diversity of this phenomenon. In the article, based on an analysis of scientific sources on the problem of national security, the scientific connections of the classification of national security are introduced into a certain system.

**Keywords:** security, national security, foreign policy, international relations, threat, society, state, integration approach, political approach, security system.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Акмалова Мунира Абдунабиевна*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға**: 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, микрорайони 17/1

***Миралиева Мухлиса Олимовна*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға**: 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, микрорайони 17/1. E-mail: **muhlisakhon90@mail.ru**. Телефон: **927-66-71-77**

**Сведения об авторах:** ***Акмалова Мунира Абдунабиевна*** **-** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, доктор политических наук, профессор кафедры политологии. **Адрес:** 735700, г. Худжанд, Республика Таджикистан, микрайон, 17/1

***Миралиева Мухлиса Олимовна*** **-** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, соискатель кафедры политологии. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, микрайон, 17/1. E-mail: **muhlisakhon90@mail.ru**. Телефон: **927-66-71-77**

**Information about the authors:** ***Akmalova Munira Abdunabievna*** **-** Tajik State University of Law, Business and Politics, Doctor of Political Sciences, Professor of Political Science. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, microdistrict 17/1

***Miralieva Mukhlisa Olimovna*** **-** Tajik State University of Law, Business and Politics ,Researcher of Political Science Chair in. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, microdistrict 17/1**.** E-mail: **muhlisakhon90@mail.ru**. Phone: **927-66-71-77**

ТДУ: 327.2

# ТАҒЙИРПАЗИРИИ СИСТЕМАИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

*Абдусаломзода А.М.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Равандҳои глобализатсионӣ, демократикунонӣ, модернизатсионӣ, боло рафтани нақш ва мақоми иттилоот дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ба системаи муносибатҳои байналхалқӣ таъсири амиқ расонида истодаанд. Чунин дигаргуниҳо дар болоравии вобастагии тиҷоративу иқтисодии давлат ва миллатҳо, мустаҳкам гардидани мавқеи созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандии глобалӣ таҷассум ёфтаанд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар шароити кунунии системаи муносибатҳои байналхалқӣ асосан ду самти ба ҳам мухолиф мушоҳида карда мешавад. Аз як тараф, таносуби давлатҳои эътирофшуда ва эътирофнашуда тағйир ёфта истодааст, аз тарафи дигар бошад, дар асоси равандҳои глобализатсионӣ ва боло рафтани нақш ва мақоми созмону ташкилотҳои байналхалқиву минтақавӣ давлат ҳамчун иштирокчии асосии муносибатҳои байналхалқӣ мавқеи роҳбарикунандаи худро аз даст дода истодааст.

Дар шароити имрӯза системаи мураккаби ҷаҳонӣ ташаккул ёфта истодааст, ки моҳиятан метавон онро бисёрқутба ва бисёрсатҳа номид. Яке аз хусусиятҳои муайякунандаи системаи нави муносибатҳои байналхалқӣ тағйирпазирии он ба ҳисоб меравад. Дар асоси чунин тағйирот рафтори иштирокчиёни асосии системаи муносибатҳои байналхалқӣ, истифодаи восита ва методҳои бадастории мақсадҳо низ то андозае дигаргун гардидаанд.

Зери таъсири дигаргуниҳои навин тартиботи ҷаҳони дуқутба аз байн рафт ва дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлатҳои нави тозаистиқлол пайдо гардиданд. Ин кишварҳо, ки асосан ҷумҳуриҳои собиқи шуравӣ ба ҳисоб мерафтанд, назди худ мақсад гузоштанд, ки мувофиқи меъёрҳои байналхалқӣ самти фаъолияти хориҷии худро муайян намуда, ба фазои нави муносибатҳои байналхалқӣ ворид гарданд.

Аз ин хотир, таҳлил намудани муносибатҳои назариявии ҳукмфармо нисбати фаъолияти хориҷии давлат, ки рафтори давлатро дар арсаи байналхалқӣ муайян менамояд, мубрамияти хоссаро касб намудааст. Дар доираи илмҳои сиёсӣ мактабҳо ва ҷараёнҳои муайяне ташаккул ёфтаанд, ки дар маркази диққати онҳо проблемаи системаи муносибатҳои байналхалқӣ, тағйирпазирии он, ворид гардидани субъектҳои нав ба ин система, истифодаи методҳо ва воситаҳои асосӣ дар татбиқи мақсадҳо аз тарафи давлатҳои алоҳида қарор дода шудааст.

Яке аз ҷараёнҳои асосӣ ва муҳим реализм ба ҳисоб меравад, ки дар маркази сохтори муносибатҳои байналхалқӣ давлатҳои миллиро мегузорад. Дар доираи системаи муносибатҳои байналхалқӣ давлатҳои миллӣ манфиатҳои худро бо истифода аз қувва ва неру муҳофизат менамоянд. Сиёсати байналхалқӣ мубориза байни давлатҳо барои ҳокимият аст, ки дар навбати аввал манфиатҳои миллӣ ба таъмин намудани амният ва нигоҳ доштани истиқлолият асос меёбад. Аз ин хотир, реалистон қайд менамоянд, ки хусусияти таъсири мутақобилаи давлатҳо дар асоси миқдори захираҳои мавҷуда, ки сатҳи қудрату тавоноии давлатро таҷассум менамояд, муайян карда мешавад.

Метавон гуфт, ки реалистон, дар ҳимояи манфиатҳои давлатӣ ва нигоҳ доштани мавқеи давлат дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ тарафдори истифодаи қудрат ва неру мебошанд. Дар чунин ҳолат масъалаи этикаи рафтор пайдо мешавад. Нисбати ин масъала реалистон қайд менамоянд, ки этика бояд бо мафҳумҳои сиёсӣ тасниф карда шавад, зеро ҷустуҷӯи меъёрҳои этикӣ берун аз сиёсат ба шикаст дучор мегардад [7,с.64].

Реалистон қайд менамоянд, ки давлат барои ҳимояи худ метавонад танҳо ба қувваи худ умед бандад ва маҳз аз ҳамин хотир кӯшиши зиёд намудани неру инкишофи гуногунсамтаи иқтисодиёт ва саноати ҳарбӣ, таъмини назорат аз болои захираҳои стратегиро бештар месозад.

Ба хусусиятҳои муҳимми ҷаҳонбинии реалистӣ ҳамон боварие дохил мешавад, ки тибқи он сиёсати байналхалқӣ дар асоси қонуниятҳои объективӣ идора карда мешавад ва характери дарозмуҳлатро доро мебошад. Ба хотире ки шиддатнокии системаи байналхалқӣ дар табиати он ҷой дорад, он танҳо қисман бо ҳуқуқи байналхалқӣ, институтҳо ва меъёрҳои маънавӣ идора карда мешавад. Р. Арон қайд менамояд, ки сиёсати байналхалқӣ ин намоиши иқтидор ва қудрат мебошад [1,с.781]. Мувофиқи мавқеи реалистон, қайд намудан зарур аст, ки ҳеҷ як системаи байналхалқӣ ягон вақт таъмингари баробарҳуқуқӣ набуд ва дар ягон ҳолат чунин хусусиятро касб карда наметавонад.

Шарту шароити мавҷудияти осоиштаи давлат нигоҳ доштани тавозуни қувваҳо ба ҳисоб меравад, ки риоя накардани он метавонад ба моҷаро оварда расонад. Аз ин хотир, давлатҳо кӯшиш менамоянд, ки ба ҷойгиршавии қувваҳо мувофиқ гарданд, зеро маҳз бо ин восита имконияти инкишофи эволютсионӣ пайдо мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки намояндагони ҷараёни реалистӣ дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ мавқеи иқтидор ва қувваи давлатро аввалиндараҷа дониста, онро ҳамчун воситаи асосии ҳимояи манфиатҳои давлатӣ ва миллӣ баррасӣ менамоянд. Лекин дар чунин дарки системаи муносибатҳои байналхалқӣ дар шароити муосир эҳтимолияти ба миён омадани моҷароҳо зиёд мегардад. Зеро дар шароити имрӯза, дар асоси инкишофи илму техника ва иқтисодиёти кишварҳои алоҳида, онҳо иқтидори ҳарбии худро беҳтар мегардонанд.

Қайд намудан зарур аст, ки неореалистон анъанаҳои дарки қудрати давлатро васеъ намуда, пешниҳод мекунанд, ки қудрати давлатро на танҳо аз нуқтаи назари қувваи ҳарбӣ, балки дар асоси якҷоянамоии имкониятҳои давлат дар соҳаҳои мухталифи ҷамъиятӣ тасниф намудан зарур аст. Мавҷудияти миқдори зиёди кишварҳо, ки дар ҳолати ҷой надоштани системаи умумии қонунҳо амал мекунанд, кӯшиш менамоянд манфиатҳои худро амалӣ созанд. Дар ин робита К.Н. Уолтс иброз медорад, ки «агар давлат дурнамои ба даст овардани муваффақиятро баҳогузорӣ намуда, ошкор созад, ки мақсадҳои дилхоҳ нисбат ба ҳаёти осоишта диққатҷалбкунанда аст, пас қувваро мавриди истифода қарор медиҳад» [14,с.93].

К.Н. Уолтс қайд менамояд, ки дар вазъияти бухронӣ кӯшиши таъмини дастгирии сиёсати хориҷӣ дар бисёр ҳолат бомуваффақият аст, зеро шаҳрвандон боварӣ доранд, ки амнияти онҳо, пеш аз ҳама, аз бехатарии давлат вобаста аст. Аз ин хотир, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки мухолифату зиддиятҳое, ки дар муносибатҳои байналхалқӣ пайдо мешаванд, то андозае ягонагии миллиро мустаҳкам ва устувор менамоянд. Дар натиҷа, К.Н. Уолтс ба чунин хулосае меояд, ки дар чунин ҳолат ба миён омадани нафрату душманӣ байни миллату халқиятҳои кишварҳои мухталиф муҳим нест, балки сафарбар намудани захираҳо, манфиатҳо ва ҳиссиёти шаҳрвандон барои амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ муҳиммият пайдо менамояд [14,с.93-94].

Ҳамин тариқ, неореалистон василаи асосии тартиботро дар сохтори системаи байналхалқӣ баррасӣ менамоянд ва бо диди онҳо тамоми талаботи ин сохтор тавассути фаъолияти давлат амалӣ карда мешаванд. Давлат дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ вазифаҳои муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро иҷро менамояд. Ҳеҷ як созмон ё ташкилот наметавонад, ки дар ин самт бо давлат рақобат намояд.

Ҷараёни дигар идеализм ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи мавқеи умумии онҳо, давлат на танҳо иштирокчии ягона, балки иштирокчии асосии системаи муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳисоб намеравад, зеро нақш ва мавқеи асосӣ дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ ба созмону ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ тааллуқ дорад. Идеалистон диққати асосиро ба мавҷудияти арзишҳои универсалӣ ва умумиинсонӣ, манфиатҳо, ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсонӣ ва ба зарурати бунёд намудани системаи фарогири амнияти дастаҷамъӣ бо мақсади нигоҳ доштан ва ҳимоя намудани ин ҳуқуқҳо равона менамоянд.

Намояндагони идеализм таъкид менамоянд, ки дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ мавқеи асосиро гуфтушунидҳо ва ҳамкориҳо ишғол менамоянд. Тарафдорони идеализм ба бунёди ҳуқуқи адолатноки байналхалқӣ, имконияти ба итмом расонидани ҷангҳо ва моҷароҳои яроқнок байни давлатҳо тариқи танзими ҳуқуқӣ ва демократикунонии муносибатҳои байналхалқӣ боварӣ доранд.

Яке аз тезисҳои асосии идеализм – бунёди системаи амнияти дастаҷамъӣ дар асоси беярокшавии ихтиёрӣ ва рад намудани тарафҳои ҷанг ҳамчун василаи сиёсати байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамкориҳои иқтисодӣ ва болоравии вобастагии тарафайни давлатҳо ба ин мусоидат менамоянд. Дар амалияи сиёсӣ тезиси асосии идеализм дар бунёди Лигаи миллатҳо амалӣ гардидааст ва фурӯпошии он ба ташаккули Созмони Милали Муттаҳид, ки барои нигоҳ доштани сулҳи умумӣ ва бартараф кардани ҷангҳо хизмат менамояд, монеа эҷод накард.

Неомарксистон низ дар самти системаи муносибатҳои байналхалқӣ нуқтаи назари ҷолиби диққатро пешниҳод намудаанд. Намояндагони машҳури ин ҷараён Й.Галтунг, И. Валлерстайн, Р. Кокс ба ҳисоб меравaнд. Неомарксизм ҷаҳонро дар шакли системаи глобалии иқтисодӣ, маҷмуи давлатҳо, ҷомеаҳо ва идеологияҳои мухталиф тасаввур менамоянд. Намояндагони ин ҷараён таъкид мекунанд, ки дар шароити имрӯза давлат ба акторе мубаддал гардааст, ки кӯшиш менамояд дар иқтисодиёти миллӣ талаботи иқтисодиёти ҷаҳонро ҷорӣ намояд, зеро дар шароити ташаккулёбии рақобат барои бозори ҷаҳонӣ заруранд.

Метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки неомарксизм асосан тарафдори модернизатсияи иқтисодӣ ва дигар соҳаҳои инкишофи ҷамъиятӣ аст. Бо тағйир ёфтани иқтисодиёт имконият пайдо мешавад, ки системаи иқтисодиёти миллӣ ба системаҳои иқтисодиёти кишварҳои дигар наздик гардида, байни онҳо рақобат пайдо шавад.

Намояндагони мактаби илмии транснатсионализм қайд менамоянд, ки ба рафтори дипломатҳо ва ҳарбиён, пеш аз ҳама, омилҳои ҷуғрофӣ, сиёсати дохилии давлат ва инчунин пешрафти илмӣ-техникӣ таъсир мерасонанд. Дар чунин ҳолат созмонҳои фаромиллӣ барои қонунӣ гардонидани фаъолияти худ асотирҳо, рамзҳо ва меъёрҳоро бунёд намуда, метавонанд муносибатҳои навро ташаккул диҳанд. Дар натиҷаи муносибатҳои фаромиллӣ давлат аз қувваҳое, ки аз тарафи ҳеҷ кадоме аз онҳо идора карда намешавад, вобаста мегардад [11,с.160].

Ҳамин тариқ, муносибатҳои фаромиллӣ ба давлатҳои пуриқтидор бартарӣ дода, дар чунин ҳолат давлатҳои заиф ва нотавонро аз чунин бартарӣ маҳрум месозад. Нақш ва мақоми ҳукуматро ҳамчун бозингари муҳимми саҳнаи сиёсӣ рад накарда, намояндагони ҷараёни транснатсионализм қайд менамоянд, ки давлатҳои хурд, миёна ва ҳатто давлатҳои бузург дар системаи тавозуни қувваҳо маҷбур ҳастанд, ки бо сатҳи пасти назорат аз болои ҷаҳони беруна итоат намоянд. Онҳоро зарур аст, ки ба тағйироту дигаргуниҳо розӣ бошанд ва набояд қувваи таърихро тағйир диҳанд.

Намояндагони транснатсионализм тасаввуроти худро оиди иштирокчиёни муносибатҳои байналхалқӣ васеъ намуда, оиди тағйирёбии модели Вестфалии ҷаҳон хабар додаанд. Лекин ба хотири дарки самтҳои тағйирёбии муносибатҳои байналхалқӣ дар асри XXI зарур аст, ки ба тариқи таҳлилӣ системаҳои муносибатҳои байналхалқӣ баррасӣ карда шаванд. Чи хеле ки маълум аст, системаҳои зерини муносибатҳои байналхалқӣ аз ҳам ҷудо карда мешаванд:

- системаи Вестфалии муносибатҳои байналхалқӣ, ки хусусияти асосии онро идеяи тавозуни қувваҳо ташкил менамояд;
- системаи Венагии муносибатҳои байналхалқӣ, ки идеяи «консерти аврупоӣ»- ро пешниҳод намудааст;
- системаи Версаливу Вашингтонии муносибатҳои байналхалқӣ, ки баъд аз Ҷанги якуми ҷаҳон ташаккул ёфтааст;
- системаи Ялтаву Потдстамии муносибатҳои байналхалқӣ, ки ҳамчун заминаи ҷаҳони дуқутбӣ пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳон ташаккул ёфтааст.

Тадқиқотчиёни системаи муносибатҳои байналхалқӣ қайд менамоянд, ки системаи Ялтаву Потсдамӣ бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва хотима ёфтани мухолифати қутбӣ ба итмом расидааст. Дар муайян намудани системаи муосири муносибатҳои байналхалқӣ ягонагӣ вуҷуд надорад. Давраи муосири инкишофро ҳамчун «давраи беловежск», «давраи постмодерн», «давраи пас аз дуқутбӣ» ном мебаранд. Муаллифони гуногун қайд менамоянд, ки истифодаи «баъд» дар чунин ҳолат маънои онро дорад, ки ҳанӯз хусусиятҳои системаи муносибатҳои байналхалқӣ ба тариқи ошкоро муайян нагардидаанд.

Тадқиқотчиён системаи Версаливу Вашингтониро таҳлил намуда, қайд менамоянд, ки ин система, аз бисёр ҷиҳат зери фишори тасаввуроти сиёсӣ ва ҳарбиву стратегии кишварҳои ғолиб ташаккул ёфтааст. Дар ин система манфиати кишварҳои мағлуб ва кишварҳои аз нав ташаккулёфта ба инобат гирифта нашудааст. Дар натиҷа ин система ихтилофнок ва ноустувор гардид, ки натавонист оғози Ҷанги дуюми ҷаҳонро бартараф намояд.

Равшан аст, ки дар бунёди системаи Ялтаву Потсдамии муносибатҳои байналхалқӣ хатогиҳои пешина роҳ дода шудаанд, зеро инкишофи қонунии воқеаву ҳодисаҳо аз тарафи давлатҳои ғолиб муайян карда шудааст. Махсусан, он далеле ба мулоҳизарониҳо мусоидат менамояд, ки системаҳои номбаршудаи муносибатҳои байналхалқӣ натиҷаи ҷангҳои калон ба ҳисоб меравад.

Чунин мантикро пайгирӣ намуда, қайд кардан зарур аст, ки ташаккули системаи муосири муносибатҳои байналхалқӣ низ дар заминаи мухолифат ва зиддиятҳо амалӣ шуда истодааст. Дар як қатор ҳолатҳо шакли бархӯрди ҳарбӣ ё истифодаи дигар василаҳои таъсиррасониро касб намудааст.

Машварат оиди амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ба тариқи ҳуқуқӣ натиҷаҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонро мустаҳкам намуд ва қисми ҳуқуқии заминаи тартиботи аврупоии муносибатҳои байналхалқӣ гардид. Ҳуҷҷате, ки принсипҳои муҳимро, ба монанди шикастнопазирии сарҳадот ва ягонагии ҳудудӣ, дахлнопазирии корҳои дохилӣ, огаҳӣ додан оиди машқҳои ҳарбӣ ва иштироки назоратчиёни хориҷӣ дар он, баробарҳуқуқии миллату халқиятҳо ва риояи ҳатмии ҳуқуқи инсонро пешниҳод менамуд, аз тарафи намояндагони 35 кишвар, аз он ҷумла аз тарафи мухолифони асосии идеологӣ – Амрико ва Иттиҳоди Шуравӣ ба имзо расонида шудааст.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки пас аз ба имзо расидани ҳуҷҷати мазкур, интизор мерафт, ки тартиботи нави ташаккулёфта бо мавҷудияти осоиштаи тулонии давлатҳо оварда мерасонад. Лекин воридшавии қӯшунҳои шуравӣ ба Афғонистон ва ҳодисаву воқеаҳо дар Полша нишон доданд, ки чунин тасаввурот нисбати тартиботи нави ҷаҳонӣ танҳо ормон асту халос.

Ҳамин тариқ, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки ҳуҷҷати дар Хелсинки қабулгардида дар муддати кӯтоҳ ғайрисамаранок будани худро нишон дод. Ходисаҳои минбаъда, ба монанди пошхӯрии Чехословакия, Иттиҳоди Шуравӣ, Югославия, ташаккул ёфтани як қатор давлатҳои эътирофнагардида далели мазкурро тасдиқ намуданд. Як қатор муҳаққиқон қайд менамоянд, ки иштирокчиёни алоҳидаи муносибатҳои байналхалқӣ, аз як тараф, принсипҳои асосии ҳуҷҷати мазкурро вайрон намуда, аз тарафи дигар, ба хотири қонунӣ гардонидани амалҳои худ ба бандҳои алоҳидаи ин ҳуҷҷат такя менамоянд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ «қонуни қувва» амал менамояд, аз ин рӯ равшан аст, ки ба тариқи ҳамешагӣ қувва қисми муҳим ва асосии давлат ва қисми сохтории он дар муносибат бо дигар кишварҳо ва иштирокчиёни дигари муносибатҳои байналхалқӣ мебошад. «Қувва ин яроқи қонунӣ, табиӣ ва ҳатмии сиёсати давлат аст, ки ба коршоямии таърих, ба замони ҳозира ва оянда даъво менамояд» [4,с.8].

Таҳлили назарияҳои ҷойдошта имконият медиҳад чунин хулосабарорӣ намоем, ки падидаи қувва бо табиати худи давлат ва ҳокимият алоқаманд аст. Рафтор ва фаъолияти давлат дар сиёсати хориҷӣ наметавонад, ба принсипҳо ва арзишҳои маънавӣ асос ёбад. Сиёсати хориҷӣ, пеш аз ҳама, бояд барои ба даст овардани натиҷаи воқеии амалӣ намудани мақсадҳои гузошташуда, ба монанди таъмини амнияти миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ асос ёбад.

Лекин вазъияти имрӯзаи системаи муносибатҳои байналхалқӣ ва рафтори давлатҳои алоҳидаро ба инобат гирифта, метавон гуфт, ки дарки қудрати сиёсӣ дар шароити муосир сифатан дорои характери дигар мебошад.

Баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ тартиботи Ялтаву Потсдамӣ ҳамчун модели шашуми системаи Вестфалии муносибатҳои байналхалқӣ ба буҳрон дучор мешавад [8,с.87]. С.В. Кортунов қайд менамояд, ки системаи Вестфалӣ бо таъсири равандҳои глобализатсионӣ истиқлолияти милливу давлатиро заиф мегардонад. Чунин ҳолат, дар навбати худ, ба буҳрони ҷиддии тамоми системаи бехатарӣ оварда расонид. Дар натиҷа

таҳдиди моҷароҳои яроқноки байнидавлатӣ зиёд гардид. Таҳлили системаҳои муносибатҳои байналхалқии дар гузашта ҷойдошта нишон медиҳад, ки дар онҳо дар шаклҳои гуногун зиддияту мухолифат ҷой дошт.

Вазъи низоӣ ҳамчун хусусияти умумии муносибатҳои байнидавлатӣ дар мавҷудияти объективии мухолифату зиддиятҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғ. байни давлатҳо асос ёфтааст. Лекин қайд намудан зарур аст, ки сабаби воқеии мухолифати давлатҳо рақобати геополитикӣ, мубориза барои назорати захираҳо буд ва дар оянда боқӣ мемонад. Ба ин нигоҳ накарда, равандҳои зиёди ҳамгироие мавҷуданд, ки дар шароити тағйирёбии системаи тартиботи ҷаҳонӣ давлатҳоро дар ҳалли масъалаҳои аҳаммияти аввалиндараҷадошта муттаҳид менамоянд. Аз ин рӯ, хусусияти системаи муосири муносибатҳои байналхалқӣ дар мавҷудияти равандҳои тағйирпазир ва бухронҳои мухталиф зоҳир мегардад. Мавҷуд будани чунин хусусиятҳо ба ташаккули системаи нав ва пайдоиши қоидаҳои нави тартиботи ҷаҳонӣ оварда мерасонад.

Барои дарки системаи муосири муносибатҳои байналхалқӣ зарур аст, ки нақш ва мақоми давлатҳои миллӣ дар ҷаҳони муосир ошкор карда шавад. Бояд ошкор карда шавад, ки глобализатсия хусусияти муваққатии давраи тағйирпазирӣ аст, ё ин ки ин мундариҷаи хосси сохтори ояндаи ҷаҳонӣ мебошад.

Дар доираи ин самт аҳаммияти махсусро нуқтаи назаре касб менамояд, ки тибқи он «дар шароити глобализатсия манфиатҳои миллӣ мавқеи худро ба манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандии ҷаҳонӣ, ки унсурҳои муҳимми он ҳуқуқи инсон, проблемаи сулҳ ва амнияти байналхалқӣ аст, мегузорад» [3,с.94].

Қайд намудан зарур аст, ки соҳаи муҳимми мухолифати геополитикӣ дар асри XXI фазои фарҳангиву тамаддунӣ ва соҳаи маънавӣ мегардад. Муҳаққиқони проблемаҳои сиёсати ҷаҳонӣ қайд менамоянд, ки «дар ҷаҳони муосир, ки шусташавии сарҳадот паҳн гардидааст, омили муҳим қобилият ва хоҳиш мегардад, то ки бе ҷудошавӣ аз ҷаҳон ҳастии худро нигоҳ дошт» [3,с.101]. Сиёсати хориҷӣ метавонад, ки инкишоф ёбад ва шакли худро дар шароити нав тағйир диҳад, лекин барои он инъикоси манфиатҳои миллӣ бетағйир боқӣ мемонад.

Давлатҳои муосир борҳо заифӣ ва нотавоноии худро дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ нишон додаанд. Дар шароите, ки тамоми тарафҳо дар сиёсати ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ зарурати муколамаро дарк менамоянд ва расман воситаи осоиштаи ҳалли вазъияти моҷароиро эълон медоранд, ба тариқи доимӣ авҷгирии мухолифатҳо, ки то ба мухолифати яроқнок инкишоф меёбанд, пайдо мешаванд.

Дар шароити дигаргуншавии системаи муносибатҳои байналхалқӣ ҳассосии муҳимро проблемаи бехатарӣ ва амният касб менамояд, аз ин рӯ таъмини амният бояд мақсади афзалиятноки тамоми иштирокчиёни муносибатҳои байналхалқӣ гардад.

Давраи муосир, аз як тараф, аҳаммияти таъмини амният ва аз тарафи дигар, диққати нокифояро ба ин проблемаи ҷиддӣ нишон медиҳад. Чунин ҳолат дар пайдо шудани вазъи низоӣ дар минтақаҳои алоҳида таҷассум мегардад. Як қатор муҳаққиқон қайд менамоянд, ки «инсоният дар вазъияти ҷанги ҷаҳонии шакли нав қарор дорад, ки унсурҳои мукаммалгардидаи ҷанги сард ва истифодаи қувваи махсусро фарогир аст» [5,с.31].

Ба мураккабӣ ва гуногунрангии баҳогузориҳо нигоҳ накарда, муносибатҳои байналхалқии муосир дар оянда гуногуншакл мегарданд, ки чунин тамоюлот, пеш аз ҳама, дар зарурати амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ ва ба инобат гирифтани самтҳои умумии ташаккулёбии сохтори ҷаҳонӣ асос ёфтааст.

Дар чунин ҳолат, глобализатсия яке аз самтҳои ошкоро ва донисташаванда аст, ки дорои омилҳои дохилии водоркунанда мебошад. Глобализатсия дигаргуншавии мундараҷаи манфиатҳои миллиро, ки асоси муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳисоб мерафт, таъмин менамояд, имконияти муттаҳидгардии давлатҳоро бо мақсади инкишоф, таъмини амният ва устуворӣ васеъ мегардонад.

Лекин дар чунин ҳолат саволе пайдо мешавад, ки оё глобализатсия метавонад, сиёсати нави ҷаҳониро бунёд намояд? Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки нисбати ин масъала ду мавқеи мухолиф ташаккул ёфтааст. Яке аз ин самтҳо дар он зоҳир мегардад, ки давлат, истиқлолияти он ва манфиатҳои миллӣ унсурҳои дахлнопазири инкишофи муносибатҳои байналхалқӣ боқӣ мемонанд. Тарафдорони мавқеи дуюм қайд

менамоянд, ки давраи давлатҳо хотима меёбад ва ба саҳнаи таърихи сиёсӣ шаклҳои мухталифи иттиҳодияҳо ва ширкатҳои фаромиллӣ ворид мешаванд, ки буҷаи онҳо дар бисёр ҳолатҳо аз буҷаи давлатҳои алоҳидаи миллӣ зиёдтар аст.

Қайд намудан зарур аст, ки ҳар як манфиати миллӣ дар доираи вобастагии яктарафа ба тариқи пурра амалӣ карда мешавад. Глобализатсия, ки фазои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иттилоотии ҳаёти инсонро тағйир медиҳад, аз як тараф, ба боло рафтани вобастагии тарафайни давлатҳо дар амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ, аз тарафи дигар, дар асоси хусусияти бисёрсатҳаи худ ба инкишофи набаробари ҷомеаи ҷаҳонӣ оварда мерасонад. «Фарқияти асосии сиёсати байналхалқии имрӯза, аз гузашта на дар болоравии вобастагии тарафайни давлатҳо, балки дар зиёд гардидани нобаробарии онҳо зоҳир мегардад» [17,с.56].

Идеологҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ қайд менамоянд, ки як навъ умумияти тарзи ҳаёти оммаи мардум мушоҳида карда мешавад ва чунин ҳолат бо ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ, маориф ва фарҳанг муайян карда мешавад. Имрӯз дар фаҳмиши иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ курраи Замин фазои ягона ба ҳисоб меравад. Дар солҳои охир бештар чунин ақидае пайдо гардидааст, ки мувофиқи он пурқувват гардидани вобастагии тарафайн ва равандҳои глобализатсионии инкишофи ҷаҳонӣ, шуста шудани сарҳадоти байни сиёсати дохилӣ ва сиёсати хориҷӣ, моҳиятан, метавонанд ба аз байн рафтани объекти назарияи муносибатҳои байналхалқӣ оварда расонанд.

Барои муайян намудани характери фаъолияти хориҷии давлатҳои мухталифи ҷаҳон субъектҳои ғайридавлатии системаи муносибатҳои байналхалқӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Воқеан, созмону ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ҳаракатҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои байнидавлатӣ ва «клубҳои» ғайрирасмӣ, дар бисёр ҳолатҳо, ба сиёсати давлатҳои алоҳида таъсири амиқ мерасонанд.

Як қатор муҳаққиқон пешниҳод мекунанд, ки имрӯз вақти иваз намудани парадигмаи илмӣ, ҷустуҷӯи консепсияҳои нав, ё муайян намудани муҳити мавҷуда ба миён омадааст, ки ҳалли вазифаҳои мавҷудаи дар назди инсоният гузоштаро таъмин намоянд.

Муносибати анъанавии идоракунии системаҳои мураккаб дар тасаввуроти мавҷуда ба таъсиррасонии идоракунӣ ва натиҷаи дилхоҳ асос меёбад. Як қатор муҳаққиқон қайд менамоянд, ки дар амалия аксарияти кӯшишҳо беҳуда ба итмом мерасанд, дигар кӯшишҳо бошанд, ҳатто зарар меоранд, агар онҳо ба самтҳои худинкишофнамоии системаҳои мураккаб мухолиф баромад намоянд. Аз ин хотир, синергетика нишон медиҳад, ки барои системаҳои мураккаб танҳо пешниҳод намудани роҳҳои инкишофи он ба муваффақият оварда намерасонад, зарур аст, ки чӣ тавр ба инкишофи самтҳои хусусии он мусоидат намудан дарк карда шавад.

Агар система ҳамчун маҷмуи унсурҳо, ки бо якдигар алоқаи наздик доранд, қабул карда шавад ва ин система дар муносибат бо дигар системаҳо ва муҳити атроф ҳамчун сохтори ягона баромад намояд, он гоҳ метавон муносибатҳои байналхалқиро дар доираи назарияи синергетика баррасӣ намуд.

Агар хусусияти ҳаёти байналхалқӣ - сатҳи баланди роҳ додани озодии инкишоф ҳамчун асос ба инобат гирифта шавад, он гоҳ муносибатҳои байналхалқӣ василаи худтанзимнамоии иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд, ки ба масъалаҳои байналхалқӣ таъсир расонида, ба он шакли муайян медиҳанд.

Мутобиқан, системаи муносибатҳои байналхалқӣ «системаи мураккаби инкишофёбанда ба ҳисоб меравад ва дар давраҳои ҳаётии он қонуниятҳое пайдо мешаванд, ки хосси системаҳои бисёрченака мебошанд» [6,с.242].

Синергетика шаҳодат медиҳад, ки барои системаҳои мураккаб, чун қоида, якчанд роҳи алтернативии инкишоф мавҷуд аст. Мавҷуд набудани муайяннамоии пешакии ҷиддӣ имконияти интихоби роҳи нисбатан қобили қабул ва дурусту саҳеҳро таъмин менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки вазъияти имрӯзаи система на танҳо дар асоси арзишҳои замони гузашта муайян карда мешавад, балки аз оянда низ мувофиқи тартиботи минбаъда, ки заминаҳои он имрӯз гузошта мешавад, ташаккул меёбад. Синергетика имконият медиҳад қайд намоем, ки табиати буҳронҳои сиёсӣ гуногунҷанба буда, сиёсат ҳамчун системаи бисёрсатҳа ба падидаҳои таъсирбахш хеле зудқабулкунанда аст. «Дарки принсипҳои умумии ташкил намудани ягонагии эволютсионӣ барои коркарди

муносибатҳои дуруст нисбати бунёди умумиятҳои мураккаби иҷтимоӣ, геополитикӣ, нисбати муттаҳид намудани кишварҳо, ки дар сатҳҳои мухталифи инкишоф қарор доранд, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳаммияти бузург дорад» [12,с.18].

Инсоният тағйиротҳои зиёди инқилобиро дар ҳаёт татбиқ намуда, ба онҳо бо мушкилиҳои зиёд мутобиқ гардидааст. Инқилоб дар муносибатҳои байналхалқӣ, ба монанди дигар соҳаҳои иҷтимоӣ, маҳвкунанда ба ҳисоб меравад. Миқдори таъсиррасониҳои имконпазири тамаддуни инсонӣ ба равандҳо ва падидаҳои иҷтимоӣ, аз он ҷумла ба муносибатҳои байналхалқӣ, ташвиш ва хатарнокиро ба миён меорад.

Дар муқобили дигаргуниҳои инқилобӣ тағйироти табиӣ дар худ имконияти нигоҳ доштани қобилияти мутобиқшавиро дар бар мегирад. Умуман, таҳаввулот раванди доимии пайдо гардидани мутобиқшавӣ бо мақсади таъмин намудани мавҷудият аст. Дар раванди инкишофи эволютсионӣ миқдори зиёди омилҳо якҷоя амал намуда, дигаргун мешаванд, системаро тағйир дода, сохтори навро ташаккул медиҳанд.

Дар шароити бухрони глобалии муосир вазъияти пайдошуда худ аз худ ҳал намегардад ва агар инсоният ҳалли мувофиқгардидаро пешниҳод карда натавонад, он гоҳ системаи худтанзимнамоянда ҳамаро дар ҷойи худ мегузорад [15].

Хусусияти тартиботи ҷаҳонии асри XXI ташаккули сохтори нави сиёсати ҷаҳонӣ аст. Дар таркиби он равандҳои тағйирпазир амалан симои анъанавии муносибатҳои байналхалқиро тағйир медиҳанд. Қайд намудан зарур аст, ки тағйироти геополитикӣ дар вақт ва фазо аз тарафи маҳаққиқони мухталиф мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Ифодаи «пардаи устувор», «ҷанги сард», «сохтори дуқутба», «мавқеи абарқудратҳо» қисми таърих ва он ҷаҳоне гардиданд, ки имрӯз вуҷуд надорад. Имрӯз ҷаҳон дар ҷустуҷӯи муносибатҳо ва субъектҳои нав қарор дорад. Дар даҳсолаи дуюми асри XXI ошкор гардид, ки принсипҳо, категорияҳо ва меъёрҳое, ки илми сиёсӣ бо онҳо асос меёфт, дар вазъияти бамиёномада муҳиммияти худро аз даст додаанд. Вазъияти бухроние, ки муносибатҳои байналхалқӣ бо онҳо рӯ ба рӯ шудаанд, шароитро барои зарурати ташаккули консепсияҳо ва парадигмаҳои нав бунёд менамояд. «Муносибатҳои байналхалқӣ як навъ ҷаҳони ба ҳам омезиш ёфтани ҳодисаву равандҳои мухталифро мемонад, ки сабаб ва натиҷаи онҳо характери ноҳамвор доранд, аз ин рӯ тавсиф ва шарҳдиҳии онҳо дар руҳияи детерминизм, пешакӣ муайяннамоӣ, ҷой надоштани алтернатива босамар ба ҳисоб меравад» [16,с.75].

Алоқаи байни сохторҳо ва иштирокчиёни мухталиф дар сиёсати байналхалқӣ то ҳамон сатҳе ба тариқи нав амалӣ мегардад, ки Ҷ. Розенау оиди пайдо гардидани тарҳи «сиёсати баъдибайналхалқӣ» изҳор намудааст [13,с.170]. Бо ин роҳ Ҷ. Розенау дар коркарди идеяи тағйирпазирӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоштааст. Ҷ. Розенау таъкид менамояд, ки равандҳои глобалии сиёсӣ дар асоси амалҳои гуногунсамтаи миқдори зиёди иштирокчиёни дастаҷамъӣ муайян карда мешавад, ки мақсадҳои мухталифро пайгирӣ намуда, барои бадастории онҳо имкониятҳои навтарини техникиро истифода менамоянд.

Бо ба инобат гирифтани далеле, ки сарчашмаҳои тағйирпазирӣ ба итмом намерасанд, ба омӯзиши сабабҳои падидаи мазкур ҷиддӣ муносибат намудан зарур аст. Тахмин карда мешавад, ки дар чунин ҳолат нақши муайянро навъҳои мавҷудаи давлатдорӣ ва гуногунрангии истиқлолият дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ бозидааст. Ҷ.Розенау қайд менамояд, ки «ҷаҳони нави бисёрқутба ташаккул меёбад, ки дорои хусусиятҳои бетартибона ва ногаҳонӣ, кам шудани шомилият, тағйири самтгирии алоқаҳои обрӯ ва эътибор, ки шахсиятҳоро муттаҳид намудаанд, мебошад. Дар чунин ҳолат сохтори базавии «муносибатҳои баъдибайналхалқӣ» мантиқи рақобати ҷаҳони этатикӣ ва бисёрқутбаро ошкор менамояд. Онҳо ба якдигар таъсир расонида, ҳеҷ вақт наметавонанд, ки сулҳи воқеиро ба даст оранд» [13,с.170].

Яке аз масъалаҳои муҳим, ки предмети баҳсҳои доманадор гардидааст, проблемаи муайян намудани иштирокчиёни муносибатҳои байналхалқӣ мебошад. Чунин мавқеъ, ки гуногунрангии иштирокчиёни муносибатҳои байналхалқӣ зиёд гардидааст, дарвоқеъ умумиэътирофгардида ба ҳисоб меравад. Ба субъектҳои асосии ҳуқуқи байналхалқӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин созмону ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ширкатҳои

фаромиллӣ ворид мешаванд, ки ба муносибатҳои ғайрисиёсии байналхалқӣ шомил мегарданд.

Ба субъектҳои ғайриасосии ҳуқуқи байналхалқӣ субъектҳои сиёсӣ, ба монанди давлат, созмонҳои байналхалқии байнидавлатӣ ва субъекти муваққатӣ – миллат дохил мешаванд, ки барои истиқлолияти худ мубориза мебаранд. Онҳо метавонанд, ки ба алоқамандиҳои ҳокимиятӣ, ҷамъиятиву ҳуқуқӣ ва ҳам ба алоқамандиҳои ғайриҳокимиятӣ ворид шаванд. Муносибатҳо байни созмонҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ қолабӣ номида мешаванд, ки дар асоси ҳуқуқи байналхалқӣ танзим мегарданд.

Чунин ба назар мерасад, ки намунаи машҳури ҳамгироии давлатҳо дар системаи ягонаи фаромиллӣ Иттиҳоди Аврупо ба ҳисоб меравад. Лекин, қайд намудан зарур аст, ки коршиносон ва муҳаққиқон нисбати чунин ҳамгироӣ ақидаҳои мухталиф, аз он ҷумла, ақидаҳои мухолифро пешниҳод намудаанд, зеро дар даҳсолаҳои охир ин ҳамгироӣ ба бухрон рӯ ба рӯ шудааст. «Дар шароити имрӯза равандҳои ҳамгироӣ дар Иттиҳоди Аврупо ба бухрон рӯ ба рӯ шудааст, ҳатто метавонем гӯем, ки ба таназзул оғоз намудааст. Сабаби чунин суръат гирифтани ҳолат дар консепсияи истиқлолияти давлати миллӣ зоҳир мегардад, ки дар шароити муосир ба Иттиҳоди Аврупо мувофиқ нест» [2,с.30].

Н.А. Косолапов таҳаввулоти таърихии муносибатҳои байналхалқиро ҳамчун раванди нуқтаи ибтидоӣ баррасӣ менамояд. Ба он муносибати байни миллату халқиятҳо, ки доимо ба дохиливу хориҷӣ ҷудо карда мешавад, хизмат менамояд. Сипас сиёсати байналхалқӣ мустақил мегардад. Муносибатҳои байналхалқӣ, ҳамчун падида дар асоси раванди ягонашавии ҳамкории ҳаёти байналҳалқӣ, сиёсат ва субъектҳои он ташаккул меёбад [10,с.36]. Дар як ҳолат сиёсати ҷаҳонӣ низ ҳамчун соҳаи муборизаи сиёсӣ барои муқаррар намудани меъёрҳо ва қоидаҳои амалӣ намудани муносибатҳои байналхалқӣ ташаккул меёбад.

Нисбати ин масъала муҳаққиқон ақидаҳои мухталиф пешниҳод намудаанд. Муҳаққиқони дигар нисбати ин масъала пешниҳод намудаанд, ки дар ҳолати ғайрисамаранок будани василаҳои сиёсии сиёсати байналхалқӣ дар ҳал намудани проблемаҳои нави сатҳи глобалӣ, сиёсати байналхалқӣ аз ҷаҳорчӯбаи «байналхалқӣ» берун шуда, дар оғози асри XXI ба сиёсати ҷаҳонӣ мубаддал гардидааст.

Дар шароити он дигаргуниҳое, ки дар тули якчанд даҳсолаҳои охир дар ҷаҳон ба миён омадаанд, муносибатҳои байналхалқӣ ҳамчун муродифи муносибати байнидавлатӣ мавҷудияти худро идома дода, якҷоя бо дигаргуншавии давлат ва тамоми ҳаёти байналхалқӣ тағйир ёфтааст. «Оғози асри XXI ин шикасти пурраи системаи классикии Вестфалӣ ба ҳисоб меравад» [9,с.140].

Ҳамин тариқ, муқаррар намудани меъёрҳои асосӣ, ки барои дарки хусусиятҳои фарққунандаи муносибатҳои байналхалқӣ имкон медиҳанд, зарур аст. Дар байни ин меъёрҳо метавон табиати муносибатҳои байналхалқӣ ва хусусиятҳои хосси иштирокчиёни муносибатҳои байналхалқиро махсусан қайд намуд.

Илова бар ин, муайян намудани як қатор таснифот муҳим аст, ки дарки онҳо то андозае дигаргун шудааст. Дар ин самт метавон категорияи «фазо»-ро махсусан қайд намуд. Фазо хусусияти воқеият аст, ки дар давомнокӣ, сохтор, мавҷудияти якҷоя ва якҷоя амал намудани унсурҳои он таҷассум меёбад. Мувофиқи тезиси асосии геополитика, фазо на категорияи миқдорӣ, балки категорияи сифатӣ ба ҳисоб меравад ва маҳз сохтори фазо сохтори таърихро муайян менамояд.

Дар умум, пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар фазои он унсури нави муносибатҳои байналхалқӣ пайдо шуд. Кишварҳои тозаистиқлол сиёсати хориҷии худро ташаккул дода, ба системаи нави муносибатҳои байналхалқӣ ворид гардиданд. Сиёсати хориҷии ҳар як давлат ба ҳимоя ва амалӣ намудани манфиатҳои милливу давлатӣ равона карда шудааст, дар ин самт метод ва воситаҳои мухталиф истифода бурда мешаванд. Умуман, фаъолияти хориҷии ҳар як давлат дар заминаи ҳуқуқи байналхалқӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ин самт кишварҳо аз таъсиррасонии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иттилоотиву фарҳагӣ васеъ истифода менамоянд.

**АДАБИЁТ**

1. Арон, Р. Мир и война между народами [Текст] / Р. Арон. – М., 2000. – 240 с.

2. Бугров, Р.В. Интеграция vs суверенитет: есть ли будущее у Европейского союза? [Текст] / Р.В. Бугров // Исторические, философские, политические и юридические науки, культурология и искусствоведение. Вопросы теории и практики. – Тамбов: Грамота, 2014. – № 5 (43). – Ч.2. –С.30.
3. Васильева, Н.А. Философские вопросы науки о мировой политике [Текст] / Н.А. Васильева, М.Л. Лагутина. –М., 2011. – 320 с.
4. Гаджиев, К.С. О воле, силе, слабости государства в современном мире [Текст] / К.С. Гаджиев // Мир и политика. – 2011. – № 1 (52). – С.8.
5. Ивашов, Л.Г. Глобальный мир стремится к биполярности [Текст] / Л.Г. Ивашов // Геополитика и безопасность. – 2012. – № 1 (17). – С.31.
6. Игнатьев, М.Б. Об ответственности ученых в современном мире [Текст] / М.Б. Игнатьев // Проблемы формирования и развития блокового противостояния на Севере Европы и в Балтийском регионе после Второй мировой войны 1939–1945 гг. – СПб., 2012. – С.242.
7. Карр, Э.Х. Двадцать лет кризиса: 1919-1939. Введение в изучение международных отношений [Текст] / Э.Х. Карр. – М., 2003. – 356 с.
8. Кортунов, С.В. Кризис системы международной безопасности [Текст] / С.В. Кортунов // Россия в глобальном мире 2000–2011. – М., 2012. – Т.2. – С.87.
9. Кортунов, С.В. Современная внешняя политика России. Стратегия избирательной вовлеченности [Текст] / С.В. Кортунов. – М., 2009. – С.140.
10. Косолапов, Н.А. Явление международных отношений: историческая эволюция предмета исследования [Текст] / Н.А. Косолапов. – М., 2002.
11. Най, Дж. Транснациональные отношения и мировая политика [Текст] / Дж. Най, Р.О. Кохэн // Теория международных отношений. – М., 2003. – С.160.
12. Пригожин, И. Переоткрытие времени [Текст] / И. Пригожин // Вопросы философии. – 1989. – № 8. – С.18.
13. Розенау, Дж. К исследованию взаимопересечения внутриполитической и международной систем [Текст] / Дж. Розенау // Теория международных отношений: хрестоматия. – М., 2003. – С.170.
14. Уолтц, К.Н. Человек, государство и война: теоретический анализ [Текст] / К.Н. Уолтц. – М., 2003. – 325 с.
15. Чумаков, А.Н. Современный мир на пороге фундаментальных трансформаций [Текст] / А.Н. Чумаков // Век глобализации. – 2008. – №2.
16. Цыганков П.А. Политическая социология международных отношений [Текст] / П.А. Цыганков. –М., 2009. – 320 с.
17. Waltz K. Globalization and American Power // The National Interest. – 2000. – Vol.59. Spring. – P. 56.

## ТАҒЙИРПАЗИРИИ СИСТЕМАИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Системаи муносибатҳои байналхалқӣ марҳилаҳои гуногуни рушду инкишофро аз сар гузаронидааст. Воқеаву ҳодисаҳои сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ, ки зери таъсири сиёсати хориҷии давлатҳо ба амал меоянд, доимо ба робитаҳои байналмилалӣ таъсири худро мерасонанд. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ташаккулёбии ҷаҳони бисёрқутба низоми муносибатҳои байналмилалӣ низ ба дигаргуниҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Чунин тағйирот зери таъсири тағйирёбии тавозуни қувваҳо, дигаргуншавии тартиботи ҷаҳонӣ ва ба вуҷуд омадани субъектҳои нави геополитикӣ ба амал омада истодааст. Дар чунин шароит давлатро зарур аст, ки роҳу усулҳои ба амал баровардани сиёсати хориҷии худро бознигарӣ намояд, то ки ҳимояи манфиатҳои миллии кишварро дар сатҳи зарурӣ амалӣ карда тавонад. Айни замон дар баробари давлатҳо инчунин ширкатҳои фаромиллӣ низ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мавқеи намоёнро ишғол намудаанд. Аммо нақши созмонҳои минтақавию байналмилалӣ бошад, дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ коҳиш ёфта истодааст. Чунин дигаргуниҳои сохторӣ дар заминаи мактабҳои илмии реализм, идеализм, неомарксизм ва транснатсионализм таҳлилу баррасӣ гардида истодаанд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, равандҳои ҷаҳонишавӣ, инқилобҳои иттилоотию саноатӣ, муборизаҳои геополитикӣ торафт шиддатнок гардида, ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ таъсири худро мерасонанд. Дар чунин шароит давлат маҷбур аст, ки зимни ташаккули сиёсати хориҷии худ омилҳои номбаргардидаро ба инобат гирад.

**Калидвожаҳо:** сиёсати хориҷӣ, ҷаҳони дуқутба, ҷаҳони бисёрқутба, муносибатҳои байналмилалӣ, манфиатҳои миллӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ширкатҳои фаромиллӣ.

## ТРАНСФОРМАЦИЯ СИСТЕМЫ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

Система международных отношений переживала различные этапы развития. События регионального и международного уровня, происходящие под влиянием внешней политики государств, всегда оказывали влияние на международные отношения. После распада Советского Союза и формирования многополярного мира серьезные изменения претерпела система международных отношений. Подобные изменения происходят под влиянием изменения баланса сил, трансформации мирового порядка, появления новых геополитических субъектов. В таких условиях государству необходимо пересмотреть пути и методы реализации своей внешней политики, чтобы иметь возможность защитить национальные интересы страны на необходимом уровне. В настоящее время наряду с государствами видное место в системе международных отношений занимают и транснациональные компании. Однако роль региональных и международных организаций в решении глобальных проблем снижается. Подобные структурные изменения анализируются и обсуждаются в контексте научных школ реализма, идеализма, неомарксизма и транснационализма. Несмотря на все это, процессы глобализации, информационной и

промышленной революций, геополитическая борьба становятся все более интенсивными и оказывают влияние на систему международных отношений. В таких условиях государство вынуждено учитывать перечисленные факторы при формировании своей внешней политики.

**Ключевые слова:** внешняя политика, биполярный мир, многополярный мир, международные отношения, национальные интересы, международные организации, транснациональные компании.

**TRANSFORMATION OF THE SYSTEM OF INTERNATIONAL RELATIONS IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION**

The system of international relations has experienced various stages of development. Events at the regional and international level, occurring under the influence of the foreign policies of states, have always influenced international relations. After the collapse of the Soviet Union and the formation of a multipolar world, the system of international relations underwent serious changes. Such changes occur under the influence of changes in the balance of power, transformation of the world order, and the emergence of new geopolitical entities. In such conditions, the state needs to reconsider the ways and methods of implementing its foreign policy in order to be able to protect the country's national interests at the required level. Currently, along with states, transnational companies also occupy a prominent place in the system of international relations. However, the role of regional and international organizations in solving global problems is declining. Such structural changes are analyzed and discussed in the context of the scientific schools of realism, idealism, neo-Marxism and transnationalism. Despite all this, the processes of globalization, information and industrial revolutions, and geopolitical struggle are becoming more intense and influencing the system of international relations. In such conditions, the state is forced to take into account these factors when forming its foreign policy.

**Keywords:** foreign policy, bipolar world, multipolar world, international relations, national interests, international organizations, transnational companies.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдусаломзода Абдуқодир Маҳмадулло*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 735140, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: (**+992) 880-88-96-81.** E-mail: **qori1990@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Абдусаломзода Абдукодир Махмадулло*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры политологии. **Адрес:** 735140, г.Бохтар, Республика Таджикистан, Хатлонская область, улица Айни, 67. Телефон: (+**992) 880-88-96-81.** E-mail: **qori1990@mail.ru**

**Information about author:** ***Abdusalomzoda Abdukodir Makhmadullo*** - Science Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, applicant for the Department of Political. **Address:** 735140, Bokhtar city, Republic of Tajikistan, Khatlon region, st. Aini, 67. Phone: (+**992) 880-88-96-81.** E-mail: **qori1990@mail.ru**

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА


***Аминов И., Неъматов И.У.*** Анализ динамики развития производства и потребления продовольственных товаров в Согдийской области и оценка самообеспеченности региона продуктами питания………… ***5***

***Набиев Т.Н., Набиева З.Т.*** Роль инноваций в снижении издержек сельскохозяйственного производства………… ***15***

***Шарипов И.О.*** Экономическая сущность апк и принципы его регулирования........................ ***22***

***Раджабова З.С., Шарипова А.Б., Джураева Дж.Х.*** Цифровизация экономики – требование времени........................ ***29***

***Нурдинов Б.Х.*** Управление рисками инновационного развития региона………… ***35***

***Хайрзода Ш.Қ., Миршарипов Э.Қ.*** Масъалаҳои рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии он дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар.................. ***42***

***Каримова Н.С., Саидова Ш.М.*** Таъсири сессияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди раванди ҷаҳонишавӣ........................ ***53***

***Навруз Носири.*** Танзим ва чораҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионии комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ........................ ***59***

***Қурбонов В.Н.*** Танзими таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба иқтисодиёт ***66***

***Имомов М.Қ.*** Заминаҳои консептуалии муайян намудани мафҳуми бахши давлатии соҳаи хизматрасонӣ ва хусусиятҳои рушди он........................ ***74***

***Каримов Б.И., Каримов М.А.*** Ташаккулёбии даромади буҷети маҳаллии вилояти Хатлон ***82***

***Расулов А.Р.*** Хавф ва имконияти идоракунии захираҳои молиявӣ дар ҷараёни рақамикунонии низоми бонкӣ........................ ***90***

***Сафаров Қ.С.*** Таҳлили нишондиҳандаҳои рушди бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир. ***99***

***Мариншоев М.М.*** Асосҳои назариявӣ, принсипҳо, самтҳои асосӣ ва масъалаҳои муҳимми иқтисоди сабз........................ ***108***

***Мирзоев Ҳ.Ҳ., Шарбатов С.С.*** Арзёбии сифати хизматрасониҳои бонкӣ ҳамчун воситаи афзоиши самаранокии фаъолияти бонк........................ ***116***

***Шарипов С.М.*** Омилҳои таъсиррасонанда ба рушди иқтидори кадрии мақомоти маҳаллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ........................ ***123***

***Каримов Р.И.*** Фаъолгардонии варианти алтернативии инфрасохтори энергетикаи обӣ дар шароити муосир………….. ***131***

***Назаров А.З., Давлатёрова Б.Ҷ.*** Вобатагии сиёсати молиявӣ ва муаммоҳои имрӯзаи пешбурди он дар шароити ҷаҳонишавӣ………… ***137***

***Маъмуров А.М.*** Вазъи назорати маъмурикунонии андоз дар татбиқи сиёсати буҷетию андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон........................ ***145***

***Осимова М.А.*** Танзими инфрасохтори истеҳсолӣ ва рушди он дар низоми иқтисодии минтақа………….. ***152***

*Султонов З.С., Ибодов Н.Ҳ.* Таҳлили вазъи имрӯзаи низоми суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.......... *159*

*Сайфиддинзода С.С.* Моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ ва заминаҳои таҳаввули он.......... *170*

*Исмаилова М.М., Насирова У.Н.* Шуғл ҳамчун омили муҳимтарини паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон.......... *180*

*Сандалов Ҷ.Р.* Масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди амалиётҳои электронӣ дар шароити имрӯза.......... *187*

*Саидзода Курбоналӣ Саид.* Механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт.......... *194*

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

*Муминзода Махмадшариф Нозим.* Теоретико-правовое основание случайного выбора призываемых на военную службу.......... *203*

*Ғайратзода Раҳматулло Давлатбек.* Заминаҳои таърихии эҳё ва ташаккули таҳқиқ ҳамчун шакли тафтишоти пешакӣ.......... *211*

*Мирзозода Фархунда.* Раванди ҷаҳонишавӣ ва сабаби зуҳури он дар ҳуқуқи муосир.......... *224*

*Раҷабзода Хайём Раҷаб.* Фаҳмиши илмӣ-ҳуқуқии «андоз» ҳамчун мафҳуми ҳуқуқӣ.......... *231*

*Гулова Х.Д.* Робитаи иҷтимоӣ - ҳуқуқии манъи ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва фаъолияти хусусии фарматсевтӣ.......... *236*

*Шарифӣ Дилбар Давлаталӣ.* Сарчашмаҳои мусулмонӣ ва империявӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ.......... *243*

*Раҷабзода М.Н., Исматзода И.Б.* Амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои шартномавӣ бо унсури хориҷӣ.......... *249*

*Исматов Р.А.* Хусусиятҳои объекти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта).......... *254*

## СИЁСАТШИНОСӢ – ПОЛИТОЛОГИЯ

*Солиҷонов Р.* Омилҳои ноаёни ҷалби афрод ба ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ.......... *260*

*Сулаймонзода М.М.* Сиёсати фарҳангӣ ва хусусиятҳои он дар замони муосир.......... *266*

*Қодиров К.* Андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар адабиёти ирфонии форсу тоҷик (зимни таҳлили рисолаи «Ал-инсон-ал-комил»-и Азизуддин Насафӣ).......... *273*

*Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф.* Идоракунии сиёсӣ дар шароити амалишавии сиёсати иттилоотӣ ва консепсияи “ҳукумати электронӣ”.......... *282*

*Ҳасанов Б.* Суботи сиёсӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллӣ.......... *289*

*Акмалова М.А., Миралиева М.О.* Усулҳои таснифоти амнияти миллӣ дар шароити муосир *297*

*Абдусаломзода А.М.* Тағйирпазирии системаи муносибатҳои байналхалқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ.......... *302*

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**Серия социально-экономических и общественных наук**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00).

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
Серия социально-экономических и общественных наук

**2024. №6. Часть II**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К. Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А. Назарова
Редактор таджикского языка: Ш. Абдуллоева
Редактор русского языка: О. Ашмарин

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

Отпечатано в типографии ТНУ
734026, г.Душанбе, ул.Буни Хисорак, корпус 14.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 39,37 усл. п.л. 39,37.
Подписано в печать 11-06-2024